ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №9

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №9

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.9

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №9. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.
Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №9. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – № 9. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2023

ТДУ: 42:491.550

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ *ФАРОНСАВӢ* ВА *ЮНОНИВУ ЛОТИНӢ* ДАР МИСОЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТАРҶУМАШИНОСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мамадназаров А., Алимов Ф.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд тазаккур дод, ки иқтибосшавии вожагон аз як забон ба забони дигар анъанаи қадима аст. Дар раванди густариш ва ташаккулу такомули худ забони англисӣ бо забонҳои гуногуни дунё омезиш ёфтааст, ки дар натиҷа вожагони зиёдеро ба худ ворид намудааст.

Раванди иқтибосшавии вожагони як забон ба забони дигар асосан бо ду роҳ амалӣ мегардад: хаттӣ ва шифоҳӣ. Сараввал, ба туфайли муошрати мустақими халқҳои гуногун, ки дар ин маврид нақши фарҳангҳо ва анъанаҳои миллӣ хеле намоён мебошад. Дар ин ҳолат калимаҳои хориҷӣ зуд вориди лексикаи забон шуда, мавқеи худро пайдо менамоянд, ки ба шунаванда ва гӯянда истифодааш осону қуллай аст. Дуюм, ҳангоми тарҷумаи матни хориҷӣ ба забони модарӣ аз ҷониби тарҷумон. Дар ин ҳолат калимаҳои иқтибосшуда хусусиятҳои фонетикӣ, имлоӣ ва грамматикии худро бардавом нигоҳ медоранд [1, с. 182].

Маврид ба зикр аст, ки роҳхои асосии иқтибосгирӣ транскрипсия (овонависӣ), транслитератсия ва калка ё иқтибоси тарҷумавӣ мебошанд.

Транскрипсия – ин иқтибосгирии унсурҳои луғавиеро ифода менамояд, ки дар он шакли садои калима ҳифз мегардад [5, с.72].

Транслитератсия – ин навъи иқтибосгириест, ки дар он имлои забони хориҷӣ ҳифз мегардад [5, с.68]. Яъне ҳарфҳои вожаи иқтибосшуда бо ҳарфҳои забони модарӣ иваз карда мешавад, вале ҳангоми транслитератсия калимаи иқтибосӣ тибқи қоидаи хониши забони модарӣ хонда мешавад.

Калка ё иқтибоси тарҷумавӣ – ин роҳи иқтибосгириест, ки дар он маънои ассотсиативӣ ва модели сохтории калима ё ибора ҳифз мегардад [2, с.48]. Калкаҳоро ихтисораҳое меноманд, ки дар натиҷаи тарҷумаи ҳарф ба ҳарф аз забони хориҷӣ бо ҳифзи хусусиятҳои сохторию морфологӣ иқтибос мешаванд. Дар ин раванд ҷузъҳои вожаҳо ва ибора алоҳида тарҷума шуда, мувофиқи қолаби калима ё ибораи забони бегона пайваст карда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки дар раванди иқтибосшавии вожагони бегона ба забони англисӣ, пеш аз ҳама, забонҳои фаронсавӣ ва юнониву лотинӣ мавқеи намоён доранд.

Иқтибосоти фаронсавӣ дар забони англисӣ. Муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратию фарҳангӣ миёни Англия ва Фаронса ба пайдоиши як қатор калимаҳои фаронсавӣ дар забони англисӣ ва баръакс дар тули таърих мусоидат кард. Воридшавии шумораи зиёди иқтибости фаронсавӣ ба забони англисӣ дар давраи навини Англия ба нимаи дуюми асри XVII ва даҳсолаҳои аввали асри XVIII рост меояд. Дар ин вақт дар Англия инқилоби буржуазӣ ба амал омад, ки дар натиҷа сулолаи Стюартҳо сарнагун гардид. Аммо, аллакай, дар соли 1660, ин сулола дубора бо дастгирии ашрофи англис ва буржуазияи калон барқарор карда шуд. Ашрофони англис, ки дар давраи инқилоб дар Фаронса буданд, бо сардории шоҳи оянда Карли II аз фарҳанги онвақтаи фаронсавӣ бисёр чизҳоро омӯхтанд ва пас аз барқароршавии Стюарт ба ватани худ баргашта, дар он ҷо фарҳанги фаронсавиро ҷорӣ намуданд. Як қатор падидаҳои нав, ки аз ин фарҳанг ба вуҷуд омадаанд, ба ҳаёти синфҳои ҳукмрони Англия ворид шуданд ва бо онҳо калимаҳои фаронсавӣ бо ифодаи ин падидаҳо ба забони англисӣ ворид шуданд [3, с.72].

Яке аз хусусиятҳои ҳанӯз ҳам собити иқтибосоти фаронсавӣ ин нигоҳ доштани тарзи талаффуз ва имлои фаронсавӣ дар забони англисӣ мебошад. Масалан, пасвандҳои **«-ice», «-in(e) »** ҳамчун [i:s], [i:n], талаффуз мешаванд: mach**ine** – мошин; maga**zine** – маҷалла; po**lice** – полис.

Пасванди **«-et»** ҳамчун [ei], наздик ба фаронсавии [e:], талаффуз мешавад: ball**et** – балет, bouquet – гулдаста.

Пасванди **–que** ҳамчун [k] талаффуз мешавад: grotes**que** – гротеск, pictures**que** – зебоманзар;

Ҳарфи **«s»** дар охири калимаҳо қобили хондан нест, масалан: corp**s** – корпус, debri**s** – вайронаҳо.

Пасванди **«-age»** дар калимаҳои иқтибосшудаи фаронсавӣ ҳамчун [a:] талаффуз мешавад ва ин бар хилофи иқтибосоти давраи қадим мебошад, ки дар онҳо чун [a:] талаффуз мешуд. Масалан: barrage – монеа, corsage – корсаж, mirage – сароб.

Дар тули асрҳои XVIII-XX ба забони англисӣ шумораи ками калимаҳои фаронсавии бо инқилоби буржуазии Фаронса алоқаманд ворид гардидаанд. Ҳамаи онҳо бо имлои худ фарқ мекунанд, ба монанди ҷойи зада. Дар калимаҳои забони фаронсавӣ зада дар ҳиҷои охир мушоҳида мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки калимаҳои мавриди назар, ба истиснои чанде ҳанӯз ҳам бо имлои забони англисӣ коркард нашудаанд [1, с.182].

Таҳлили этимологии чанде аз истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ нишон дод, ки шумораи истилоҳоти соҳа, ки аз забони фаронсавӣ баргирифта шудаанд, кам нестанд. Масалан:

«Identity – айнияти тарҷума» аз *фар. adentite* гирифта шуда, соли 1570 ба забони англисӣ ворид шудааст [15, с.597]. *One of a series of terms used to refer to the way source text and target text meaning (and other features) relate to each other* – яке аз силсила-истилоҳоте, ки барои ишора ба робитаи забони асл ва забони тарҷума (ва дигар хусусиятҳо) бо якдигар истифода мешаванд [14, с.72].

«Interpreting – тарҷумаи шифоҳӣ» *аз фар миён. interprete* ва аз *лот. interpretari* баргирифта, дар асри XIV мелодӣ ба забони англисӣ ворид гардидааст. A term used to refer to the oral translation of a spoken message or text – истилоҳест, ки барои ишора ба тарҷумаи шифоҳӣ истифода мешавад, ба мисли: паём ё матн [13, с.83].

Иқтибосоти юнониву лотинӣ дар забони англисӣ. Забони англисӣ яке аз забонҳои муҳимтарини муошират миёни халқҳои гуногуни дунё маҳсуб ёфта, захираи ғании лексикиро дорост. Теъдоди бештари калимаҳову истилоҳоти он дар асоси решаҳои вожагони забонҳои юнонӣ ва лотинӣ асос ёфтаанд. Чунин вожагони иқтибосӣ дар даврaҳои гуногуни таърихӣ бо сабабҳои гуногун вориди забони англисӣ гардидаанд. Аксари ин гуна калимаҳо ба соҳаҳои тиб, илм, санъат, технология ва ғайра мансуб мебошанд. Калимаҳои иқтибосшуда дар марҳилаҳои гуногун тағйироти зиёдеро аз сар гузаронида, оҳиста-оҳиста дар тули асрҳо дар забони англисӣ хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо намудаанд.

Агар ба таърихи забони англисӣ назар афканем, ошкор мегардад, ки шумораи зиёди калимаҳои иқтибосии бевосита ё бавосита ба забони англисӣ дар давраи қадим (Old English) асосан бо таъсири забони лотинӣ ворид гардидаанд. Аз ҷумла, тавассути забони лотинӣ як бахши вожаҳои юнонӣ ба забони англисӣ қабул гардидаанд. Калимаҳои юнонӣ бошанд, дар навбати худ ба воситаи забонҳои дигар вориди забони англисӣ шудаанд. Қисме аз онҳо тавассути забони фаронсавӣ ва қисмати дигар бевосита иқтибос шудаанд, махсусан, истилоҳоти соҳаҳои илму техника, ки метавон онҳоро дар шакли вожаҳои мураккаб мушоҳида кард, ба монанди *telephone – телефон, photography – аксбардорӣ, microscope – микроскоп* ва ғ.

Тавре ки дар боло ҳам зикр намуда будем, қисми зиёди лексикаи забони англисӣ, асосан, аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ ва фаронсавӣ иқтибос шудаанд. Муайян намудани мустақим ва ё ғайримустақим ворид шудани онҳо ба забони англисӣ амали хеле душвор ва баъзан номумкин аст, зеро калимаҳои юнонӣ қабл аз он, ки англисӣ шаванд, қиёфаи овозии лотинӣ гирифтаанд ва ё баръакс. Масалан, вожаи texture – матоъ, ки мустақиман аз лотинӣ гирифта шудааст, ба назар чунин мерасад, ки он аз texture – (матоъ)-и фаронсавӣ гирифта шуда бошад. Айнан чунин ҳолатро метавон дар таҳлили этимологии вожаи telegraph – телеграф, ки мустақиман аз фаронсавӣ дар шакли tele (дур) and gráphō (навиштан) гирифта шуда, чунин менамояд, ки он аз лотинии telegraphus гирифта шудааст. Вожаи дигари иқтибосӣ theatre – театр, ки дар асл юнонӣ буда, ба таври силсилавӣ аз лотинӣ ба фаронсавӣ ва минбаъд ба англисӣ ворид гардидааст. Раванди иқтибосшавии калима дар чунин шакл аст: *юнонӣ.* thèātron → *лотинӣ.* theātrum → *фаронсавии қадим.* t(h)eater → *англисии қадим.* theater.

Бархе аз муҳаққиқон иқтибосоти воридгардидаи забони англисиро мавриди омӯзиш қарор дода, тахмин мекунанд, ки 65-70%-и онро вожагони иқтибосӣ ташкил медиҳанд. Умуман, забони англисӣ дорои миқдори зиёди вожаҳои иқтибосӣ мебошад, новобаста аз он ки мо барои ҳисоб кардани онҳо кадом усулро истифода менамоем. Бештари онҳо бар асоси решаҳои юнонӣ ва лотинӣ бунёд ёфтаанд. Бешубҳа, шумораи зиёди истилоҳоти илм, тиб ва лексикаи дигар бахшҳои таҳсилот манбаи юнонӣ ва лотинӣ доранд. Ин решаҳо барои муайян намудани лексикаи на танҳо забони англисӣ, балки забонҳои дигари аврупоӣ низ хизмат мекунанд. Шинохти чунин решаҳои қадима, вале ҳанӯз ҳам устувор масири шинохти калимаҳои юнониву лотиниро дар бисёр забонҳо таъмин менамоянд.

Дар забони англисӣ нақши аффиксҳои юнонӣ ва лотинӣ хеле назаррас ва сермаҳсул мебошад:

а) аффиксҳои сифатсози юнонӣ дар забони англисӣ:

-acro- (*юн.* akros «болотарин, шадид»): acronyms – акронимҳо, ихтисорот [12, с.192];

-auto- (*юн.* autos «худ»): automatic dictionary – луғати дастгоҳӣ, автоматӣ (худкор), autobiography - тарҷумаи ҳол, automatic – худкор [7, с.56];

-caco- (*юн.* kakos «бад»): cacophony - какофония, диссонанси садо ҳангоми тарҷума;

-homo- (*юн.* homos «якранг»): homonym – омоним;

-idio- (*юн.* idios «хусусӣ, шахсӣ»): idiomatic translation - тарҷумаи идиомавӣ [7, с.79];

-macro- (*юн.* makros «дароз»): macrostructure – макроструктура, macrocontext – макроконтекст [6, с.122];

-micro- (*юн.* mīkros «хурд»): micro-structural comparison of sourse text and target text – микромуқоисаи матни асл ва матни тарҷума [8, с.182];

-mono- (*юн.* monos «танҳо, ягона»): monolingual – якзабона, monolingual dictionary – луғати якзабона, monochrome – якранг, monogram – монограмма [8, с.112];

-poly- (*юн.* polus «бисёр»): polysemy – полисемия [12, с. 152].

б) зарфҳо ва пешвандҳои юнонӣ дар забони англисӣ:

-apo- (Gk. apo «дур, ҷудо»): apostrophe – apostrophe;

-hyper- (Gk. huper «барзиёд»): **hyper**translation – (тарҷумаафзоӣ, тарҷумаи барзиёд), hyperonym – гипероним [8, с.52]; .

-meta- (Gk. meta «мобайн», ки аксар вақт тағйиротро ифода мекунад): meta-language – метазабон, metaphor – метафора, истиора [9, с.182];

-para- (Gk. para «аз, зидди»): paraphrase – парафраз, тарҷумаи тафсирӣ parallel – параллел, paradigmatic – парадигматикӣ, paradigmatic equivalence – муодили парадигматикӣ [5, с.96]. Ин навъи муодил аз “муодили синонимӣ” тафовут дорад.

-peri- (Gk. peri «атроф»): periphrasis, redundancy – перифраза, зиёдатӣ;

syn-, syl-, sym- (Gk. офтоб «бо»): synchronic translation – тарҷумаи синхронӣ synchronise – ҳамоҳангсозӣ, synecdoche – синекдоха, synonym – муродиф;

а) аффиксҳои исмсози лотинӣ дар забони англисӣ:

-ion: abbreviation – аббревиатура [6, с.52];

-tion: translation – тарҷума, ethnographic translation – тарҷумаи этнографӣ, relation - алоқамандӣ, syllable – ҳиҷо [7, с.45];

б) аффиксҳои феълсози лотинӣ дар забони англисӣ:

-ate: translate – тарҷума кардан, create – эҷод кардан, congratulate - табрик кардан [10, с.265];

-ute: attribute – аттрибутӣ, distribute – тақсим кардан;

пешванди: **dis-**: translation discussion – муҳокимаи тарҷума, disagreed texts – матнҳои ба ҳам муқобил.

в) аффиксҳои сифатсози лотинӣ дар забони англисӣ:

-able: translatable – тарҷумашаванда, readable text – матни хонданибоб, матни хондашаванда;

- ant: constant – ҳамсадо, important – муҳим;

- ent: different languages – забонҳои гуногун.

Бояд тазаккур дод, ки дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ истилоҳоти фаровонеро метавон мушоҳида кард, ки аз забонҳои юнонӣ ва лотинӣ иқтибос

шудаанд. Масалан, дар фарҳанги «Webster's Ninth New Collegiate Dictionary (WNNCD)» роҷеъ ба этимологияи чанде аз истилоҳоти тарҷумашиносӣ маълумот дода шудааст:

«Analysis – таҳлил» аз *юн.* ***analyein*** баргирифта, соли 1581 ба забони англисӣ ворид шудааст [15, с.82-83]. – a term used by Nida and Taber to describe the first of the three stages of the translation process – истилоҳе, ки Ю. Найда (U Nida) ва С.Р. Табер (C.R. Taber) барои тавсифи аввалин марҳила аз марҳилаҳои сегонаи раванди тарҷума истифода бурдаанд [14, с.8];

«Imitation – тақлид» аз *лот.* ***imitatus*** соли 1534 ба забони англисӣ иқтибос шудааст [15, с.601]. According to the seventeenth century writer Dryden, one of three possible methods of translating. Dryden uses the term imitation to refer to what is otherwise known as free translation; he does not invent the term himself, but rather borrows it from Cowley, whose translations of the Roman poet Pindar's Odes are cited as an example of the procedure – Тибқи гуфтаи нависандаи асри XVII Ҷ. Драйден (John Dryden), «тақлид» яке аз се усули имконпазири тарҷума мебошад. Драйден истилоҳи «тақлид»-ро барои ишора ба он чизе, ки тарҷумаи ройгон номида мешавад, истифода мебарад; вай ин истилоҳро худ ихтироъ намекунад, балки онро аз С.Ҷ. Коули (S.J. Cowley), ки тарҷумаҳои шоири румӣ Одесс Пиндарро ҳамчун намунаи расмиёт овардааст, иқтибос меорад [14, с.74].

«Transcription – транскрипсия, овонависӣ» аз *лот. миён. transcriptum* ва аз *лот. нав. transcriptus* соли 1598 ба забони англисӣ ворид шудааст [10, с.1252]. *A* general term used to refer to a type of interlingual transfer in which the forms of the original (e.g. sounds, letters or words) are preserved unchanged in target text – мафҳуми умумие, ки ба як навъи интиқоли байнизабонӣ истифода мешавад, ки дар он шаклҳои аслӣ (масалан, садоҳо, ҳарфҳо ё калимаҳо) дар матни тарҷума бетағйир нигоҳ дошта мешаванд [14, с.175].

«Translation – тарҷумаи хаттӣ» аз *лот. translatus* гирифта шуда, маънои кӯчонидан, интиқол додан ва бурдани чизе аз ҷое ба ҷойи дигарро дорад. Ин истилоҳ бо пешванди лотинии ***trans*** сохта шудааст [15, с.1254]. Аммо ин вожа чун истилоҳи тарҷумашиносӣ матнеро васф мекунад, ки аз забони дигар баргардон шудааст. Инчунин ин истилоҳ раванди фаъолияти тарҷумаро низ ифода менамояд [11, с.122-123].

Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки дар ғанӣ гардонидани лексикаи забони англисӣ нақши иқтибосоти забонҳои фаронсавӣ ва юнониву лотинӣ хеле назаррас мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В.Д. История английского языка: Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по спец. «Иностранные языки» / В.Д. Аракин. – М: Просвещение, 1985.-256 с.
2. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. (для спец. Иност. Яз.) – Л., 1979. – 256 с.
3. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка. [Текст] / И.В. Арнольд – М.: Высшая школа, 1986. – 295 с.
4. Катфорд, Дж. К. Лингвистическая теория перевода: об одном аспекте прикладной лингвистики. Пер. с англ. В.Д. Мазо. [Текст] / Дж.К. Катфорд. – М.: УРСС, 2004. – 208 с.
5. Комиссаров В. Н. Общая теория перевода. Проблемы переводоведения в освещении зарубежных ученых (учебное пособие). /В. Н. Комиссаров – М.: 1999. – 136 с.
6. Мамадназаров, А. Вожаномаи тафсирии англисӣ-русӣ-тоҷикии луғатнигорӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 196 с.
7. Нагзибекова, М.Б. Русско – таджикский переводческий толковый словарь / М.Б. Нагзибекова, М.М. Мирзоева. Таджикский национальный университет, фонд «Русский мир»,– Душанбе, 2014.– 187 с.
8. Нелюбин, Л.Л. Толковый переводоведческий словарь. – 3-е изд., перераб / Л.Л. Нелюбин. – М.: Флинта: Наука, 2003. – 320 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.– Душанбе, 2008. Ҷ. 1,2. – 950 с.
10. Longman Dictionary of English Language and Culture, New ed. –Longman, 2000. – 1568 p.
11. Palumbo, G. Key Terms in Translation Studies / G. Palumbo. 2009. – 1692 p.
12. Routledge Dictionary of Language and Linguistics. – London, New York: Routledge, 2006. – 1304p.
13. Sagar, J. Terminology: Theory. In Baker, M. (ed.). Routledge Encyclopedia of Translation Studies. London / J. Sagar New York: Routledge, 1998, pp. – 258 – 262.
14. Shuttleworth, M., Cowie, M. Dictionary of Translation Studies / M. Shuttleworth, M. Cowie – Manchester, UK: St. Jerome Publishing, 1997. – 223 p.
15. Webster's Ninth New Collegiate Dictionary. – USA.: Springfield, Massachusettes. 1990. – 1565 p.

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ *ФАРОНСАВӢ* ВА *ЮНОНИВУ ЛОТИНӢ* ДАР МИСОЛИ ИСТИЛОҲОТИ ТАРҶУМАШИНОСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур зери унвони «Нақши иқтибосоти *фаронсавӣ* ва *юнониву лотинӣ* дар мисоли истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ» муҳимтарин роҳҳои иқтибосшавии вожагон ба забони англисӣ мушаххас гардида, мавқеи истифодашавии онҳо дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забони англисӣ баён гардидааст. Аз ҷумла, дар мақола қайд гардидааст, ки аз муҳимтарин роҳҳои иқтибосгирӣ транскрипсия, транслитератсия ва калка ё иқтибоси тарҷумавӣ ба шумор мераванд. Илова бар ин, бо такя ба омӯзиши таркиби лексикии забони англисӣ мансубияти вожагони иқтибосии забони англисӣ муайян гардидааст. Қобили қайд аст, ки дар раванди иқтибосшавии вожагони бегона ба забони англисӣ, пеш аз ҳама, забонҳои фаронсавӣ ва юнониву лотинӣ мавқеи намоён доранд. Мавриди зикр аст, ки дар таркиби истилоҳоти тарҷума дар забони англисӣ вожагони форовонеро дарёфт намудан мумкин аст, ки аз забони фаронсавӣ ва юнониву лотинӣ баргирифта шудаанд. Масалан: «identity – айнияти тарҷума» аз *фар. adentite*, «interpreting – тарҷумаи шифоҳӣ» *аз фар миён. interprete* ва аз *лот. interpretari,* «analysis – таҳлил» аз *юн. analyein,* «imitation – тақлид» аз *лот. imitatus,* «transcription – транскрипсия, овонависӣ» аз *лот. миён. transcriptum* ва аз *лот. нав. transcriptus,* «translation – тарҷумаи хаттӣ» аз *лот. translatus* ва ғ. Шоистаи зикр аст, ки дар забони англисӣ нақши аффиксҳои юнонӣ ва лотинӣ хеле назаррас ва сермаҳсул буда, то ба имрӯз бетағйир боқӣ мондаанд. Масалан: **acro-** (*юн.* akros «болотарин, шадид»): acronyms – акронимҳо, ихтисорот, **auto-** (*юн.* autos «худ»): automatic dictionary – луғати дастгоҳӣ, автоматӣ (худкор), autobiography - тарҷумаи ҳол, automatic – худкор, **idio-** (*юн.* idios «хусусӣ, шахсӣ»): idiomatic translation - тарҷумаи идиомавӣ ва ғ.

Калидвожаҳо: иқтибос, полисемия, муодилнокӣ, тарҷума, вожа, лаҳн, маъно, истилоҳоти тарҷумашиносӣ, назарияи тарҷума, матни асл, транскрипсия, транслитератсия, истилоҳ.

РОЛЬ ФРАНЦУЗСКИХ, ГРЕЧЕСКИХ И ЛАТИНСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ НА ПРИМЕРЕ АНГЛИЙСКИХ ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

В данной статье под заголовком «Роль *французских*, *греческих* и *латинских* заимствований на примере английских переводческих терминов» указаны наиболее важные способы цитирования слов в английском языке, а также место их употребления в системе переводческих терминов английского языка. Среди прочего в статье отмечается, что наиболее важными способами заимствования являются транскрипция, транслитерация и калька или переводное цитирование. Кроме того, на основе изучения лексического состава английского языка определена принадлежность заимствованных слов английского языка. Стоит отметить, что в процессе цитирования иностранных слов в английском языке, в первую очередь, значительное место занимают французский, греческий и латинский языки. Стоит отметить, что в составе переводных терминов в английском языке можно встретить много слов, взятых из французского, греческого и латинского языков. Например: «identity – айнияти тарҷума» *от фран. adentite*, «interpreting – устный перевод» *из сред. фран. interprete и от лат. interpretari,* «analysis – анализ» от *греч. analyein,* «imitation – подражание» *от лат. imitatus,* «transcription – транскрипция» *от сред. лат. transcriptum* и *от новый лат. transcriptus,* «translation – письменный перевод» *от лат. translatus* и др. Стоит отметить, что роль греческих и латинских аффиксов в английском языке очень значительна и продуктивна и остается неизменной по сей день. Например: **acro-** (*греч.* akros «болотарин, шадид»): acronyms – акронимҳо, ихтисорот, **auto-** (*греч.* autos «худ»): automatic dictionary – луғати дастгоҳӣ, автоматӣ (худкор), autobiography - тарҷумаи ҳол, automatic – худкор, **idio-** (*греч.* idios «хусусӣ, шахсӣ»): idiomatic translation - тарҷумаи идиомавӣ ва ғ. Например: **acro-** (греч. akros «высший, крайний»): acronyms – аббревиатуры, сокращения, **auto-** (греч. autos «сам»): automatic dictionary – автословарь, автоматический словарь, autobiography – автобиография, automatic – автоматический, **idio-** (греч. «idios» частный, личный»): idiomatic translation – идиоматический перевод и т.д.

Ключевые слова: цитата, многозначность, эквивалентность, перевод, слово, тон, значение, термины перевода, теория перевода, оригинальный текст, транскрипция, транслитерация, термин.

THE ROLE OF *FRENCH*, *GREEK* AND *LATIN* BORROWINGS ON THE EXAMPLE OF TRANSLATION STUDIES' TERMS IN ENGLISH

In the article below, «The role of *French*, *Greek* and *Latin* borrowings on the example of translation studies' terms in English» the most important ways of borrowings into English language have been determined as well as their usage position in the system of translation studies' terms of the English language. The most important ways of borrowings are transcription, transliteration and loan-words or translational borrowings. In addition, based on the study of the lexical structure of the English language, the affiliation of the quoted words of the English language has been determined. It is worth noting that in the process of quoting foreign words into English, first of all, French, Greek and Latin languages have a significant place. It is worth mentioning that in the composition of translation studies terms in the English language, it is possible to find a lot of words borrowed from the French, Greek and Latin languages. For example: «identity» from *French:* adentite, «interpreting – oral translation» *from Middle French*: *interprete* and *from Latin*: *interpretari*, «analysis» *from Greek: analyein*, «imitation» *from Latin. imitatus*, «transcription» *from Middle Latin. transcriptum* and from *New Latin*. transcriptus, «translation – written translation» *from Latin*. *translatus*, etc. Шоистаи зикр аст, ки дар забони англисӣ нақши аффиксҳои юнонӣ ва лотинӣ хеле назаррас ва сермаҳсул буда, то ба имрӯз бетағйир боқӣ мондаанд. Масалан: **acro-** (*юн.* akros «болотарин, шадид»): acronyms – акронимҳо, ихтисорот, **auto-** (*юн.* autos «худ»): automatic dictionary – луғати дастгоҳӣ, автоматӣ (худкор), autobiography - тарҷумаи ҳол, automatic – худкор, **idio-** (*юн.* idios «хусусӣ, шахсӣ»): idiomatic translation - тарҷумаи идиомавӣ ва ғ. It is worth mentioning that the role of Greek and Latin affixes in the English language is very significant and productive, and they have remained unchanged to this day. For example: **acro-** (*Greek*

akros «highest, extreme»): acronyms, abbreviations, **auto-** (*Greek* autos «self»): automatic dictionary, autobiography, automatic, **idio-** (*Greek*. idios «private, personal»): idiomatic translation etc.

Keywords: borrowings, polysemy, equivalence, translation, word, tone, meaning, terms of translation, theory of translation, source text, transcription, transliteration, term.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мамадназаров Абдусалом*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdusalomm@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-771-50-60.**
Алимов Фирдавс Худойдодович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға**:734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **firdavsalimov1994@mail.ru**. Тел.: **(+992) 98-865-14-07**

Сведение об авторах: ***Мамадназаров Абдусалом*** **–** Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра английского языка и сопоставительной типологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdusalomm@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-771-50-60**
Алимов Фирдавс Худойдодович – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра английского языка и сопостовительной типологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **firdavsalimov1994@mail.ru**. Тел.: **(+992) 98-865-14-07**

Information about the authors: ***Mamadnazarov Abdusalom*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdusalomm@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-771-50-60**
Alimov Firdavs Khudoydodovich – Tajik National University, Doctoral Ph.D student of the Department of English Language and Contrastive Typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. **E-mail: firdavsalimov1994@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-865-14-07**

ТДУ: 491.550

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ҲОЛИ ХИЛОФ ДАР ОСОРИ МАНЗУМ

(дар асоси ашъори К. Хуҷандӣ ва М.Турсунзода)

Абдулазизов В.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳанӯз аз асрҳои миёна донишмандон оид ба масоили ҷудогонаи савтиёт, сарфу наҳв, калимасозӣ ва услуби баёни забони форсии тоҷикӣ фикру андешаҳои хешро баён кардаанд, аз ҷумла, Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фахриддини Розӣ, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Ибни Маҳно, Маҳмуди Омулӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва чанде дигарон. Мусалламан, саҳми ин донишмандон дар таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи забони тоҷикӣ як хел нест. Фикру андешаҳои донишмандони асримиёнаи форсу тоҷик асосан дар фарҳангномаҳо, осори фалсафӣ (мантиқ), асарҳои улуми сегона (арӯз, қофия ва илми бадеъ), инчунин ҳангоми гурӯҳбандии улум баён гардидааст [Ниг.:18].

Забони форсӣ – тоҷикӣ ҳанӯз аз асри XVII таваҷҷуҳи ховаршиносонӣ кишварҳои хориҷии мухталифро низ ҷалб карда буд. Таваҷҷуҳи ховаршиносон ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои XIX –XX бештар мешавад. Аз асри XIX сар карда дар Англия, Франсия, Германия, Россия, Чехия, Полша, Амрико, Ҳиндустон ва ғайра марказҳои омӯзиши забони форсӣ, кафедраҳои забони форсӣ ташкил карда шуда, ба фаъолият шуруъ мекунанд. Аз ҷумла, дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳрҳои марказии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ – Москва, Санкт-Петербург ва пойтахтҳои ҷумҳуриҳои дигари ин иттиҳод, аз ҷумла шаҳрҳои Боку, Тбилиси, Тошкент, Душанбе, … муассисаҳои махсуси ховаршиносӣ, марказҳо, ташкил карда шуданд, ки эроншиносӣ дар фаъолияти онҳо мавқеи муҳим дошт. Ҳамчунин китобҳои дарсӣ, грамматикаи забони форсӣ (аз ҷумла, наҳви забони форсӣ) дар асоси дастовардҳои илми забоншиносӣ таҳия ва чоп мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки то солҳои 50-уми садаи XX аз эроншиносони рус аввалин олиме, ки то андозае ба масъалаҳои наҳви забони форсӣ машғул шудааст, А.К. Арендс мебошад. Сипас, як идда эроншиносону тоҷикшиносони шуравӣ – В.С. Расторгуева, Л.С. Пейсиков, А.З. Розенфельд, Р.Л. Неменова, Л.В. Успенская, Ю.А. Рубинчик, А. Шафоӣ ва иддае дигар доир ба наҳви забони форсӣ -тоҷикӣ асарҳо таълиф намудаанд, ки барои равшан кардани паҳлуҳои мухталифи наҳви забони адабии муосири тоҷикӣ нақши калоне доранд. Шуруъ аз нимаҳои аввали солҳои 50-уми садаи XX як зумра забоншиносони Тоҷикистон – Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д.Т. Тоҷиев, М.Б. Шаҳобова, Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ш. Рустамов ва солҳои баъдӣ А. Эшонҷонов, М.Ф. Исматуллоев, П. Қурбонов, Ф. Зикриёев, С. Атобуллоев, Д. Хоҷаев, М. Норматов, К.Қаландаров, Қ. Норова, В. Абдулазизов, С. Собирҷонов, М. Абдураҳмонова, Ф. Шарифова, Ҷ. Рустамов ва чанде дигарон ба пажуҳиши масоили наҳв (-и ҷумлаҳои содаю мураккаби тобеъ)-и забони адабии тоҷикӣ машғул мешаванд ва асару мақолаҳои илмиашон нашр мегардад. Онҳо дар пажуҳиши масоили наҳви забони адабии муосири тоҷикӣ (аз ҷумла наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ – гипотаксиси забони адабии муосири тоҷикӣ) ба анъанаю дастовард ва назарияи забоншиносони рус аз қабили А.А. Шахматов, А.М. Пешковский, В.В. Виноградов, Н.С. Поспелов, А.Н. Гвоздев, В.А. Белошапкова, С.Г. Иленко, А.Б. Шапиро, Л.Ю. Максимов ва амсоли инҳо такя кардаанд.

Хусусиятҳои забони каломи мавзунро бошад, забоншиносони тоҷик асосан баъди солҳои 70 - уми садаи XX мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор медиҳанд. Аз ҷумла дар асару мақолаҳои Т. Зеҳнӣ, С. Ҳалимов, М. Н. Қосимова, А. Абдуқодиров, А. Давронов, С. Анварӣ, О. Ҳ. Қосимов, А. Ҳасанов, М. Саломиён, Ш. Каримов, Ш.Ҳайитова, В. Абдулазизов, З. Мухторов, Қ. Мухторӣ, С. Исматов, С. Ҳалимова, С. Ҷӯраева, М.Б. Мирмуҳаммедов ва чанде дигарон паҳлуҳои мухталиф (асосан хусусиятҳои лексикӣ ва баъзе вижагиҳои сарфу наҳв)-и осори манзум (асосан назмии классикиамон) баррасӣ шудаанд. Бо вуҷуди он бисёр паҳлуҳои забони осори манзум (хоссатан, вижагиҳои сарфию наҳвии он) ҳанӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст ва пажуҳишҳои ҷиддиеро нигарон аст: «Аксарияти таҳқиқотҳое, ки ба паҳлуҳои гуногуни забони назм таълиф шудаанд, бештар

ҷанбаи луғавию семантикӣ дошта, дар онҳо махсусияти забони назм ва талаботҳои он ҳангоми овардану интихоби калимаҳо аз дидгоҳи илми маъношиносӣ ва категорияҳои семантикӣ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Яъне зимни баррасии осори манзум аксари муҳаққиқон таҳқиқотҳои худро дар асоси меъёрҳо ё талаботҳои роиҷи луғавию наҳвии забони тоҷикӣ ба анҷом расонида, ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва зебошинохтии каломи мавзун ва ҳунармандии аҳли эҷод камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд» [15, с. 10]**.**

Баъзе хусусиятҳои наҳвии осори манзум бошад, дар мақолаҳои профессор М.Н Қосимова [Ниг.:12], силсиламақолаҳои [1;2;3;4;5;6;7;8;….] В. Абдулазизов (асосан гипотаксиси ашъори А.Рӯдакӣ, Ҷ. Румӣ, С.Насафӣ, Камоли Хуҷандӣ, М. Турсунзода) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (Ниг.: силсила мақолаҳо дар маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи миллӣ», солҳои 2014 -2023 ва дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ).

Возеҳ аст, ки аввалин сарчашмае, ки асоси забони миллии тоҷик гаштааст, забони осори классикиамон мебошад. Аз он ба забони адабии муосири тоҷик калимаҳо, қонуну қоидаҳои сарф, ҳама гуна навъи ҷумлаҳо, ки таърихан дар низоми наҳви забони тоҷикӣ ҷой дошта, хусусияти хос ва нозукиҳои забонро инъикос мекунад, дохил шудаанд. Аз ин рӯ, пажуҳишу таҳлили хусусиятҳои забонии асарҳои ҷудогонаи шоирону нависандагон (классику муосир), муқоисаву натиҷагирӣ аз онҳо барои ошкор кардани бисёр хусусиятҳои забони адабӣ, такомули таркиби луғавӣ, сохти дастурӣ ва ҳусни баёни тоҷикӣ аҳаммияти калон доранд. Чунончи, пажуҳиши наҳви осори Камоли Хуҷандӣ (садаи XIV) ва Мирзо Турсунзода (садаи XX), аз ҷумла корбасти ҷумлаи пайрави хилофӣ ва вижагиҳои сохторию маъноии он дар каломи манзум аҳаммияти назарию амалӣ дорад.

Бояд гуфт, ки роҷеъ ба хусусиятҳои адабию бадеӣ, маҳорату санъати шоирии устодони каломи бадеъ Камоли Хуҷандӣ (садаи XIV) ва Мирзо Турсунзода (садаи XX) асару мақолаҳои илмии зиёде ба табъ расидаанд, аммо доир ба хусусиятҳои забони осорашон асару мақолаҳои алоҳидаи А. Абдуқодиров, М. Қурбонов, Ш. Ҳайитова, М.Н. Қосимова, В.Абдулазизов ба табъ расида бошанд ҳам, бисёр паҳлуҳои осори онҳо ҳанӯз амиқу ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Махсусан, наҳви ашъори ин адибони лирик мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст. Ашъори баландмазмуни онҳо на фақат аз ҷиҳати бадеият, балки аз ҷиҳати забон низ бою ғанӣ аст. Сохти грамматикии ашъори ин шоирони писандидаю маъруф хеле ҷолиби диққат мебошад. Аз ҷумла, ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф, сохтору маъно ва корбасти он.

Ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф дар системаи наҳвияти забони адабии тоҷик серистеъмол буда, мақом ва мавқеи хосса дорад. Наҳвшиносон ин навъи ҷумлаҳои пайравро ба таври мухталиф маънидоду тавсиф кардаанд. Аз ҷумла, Ш. Рустамов чунин тавсиф кардааст: Ҷумлаи пайраве, ки дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ омада, акси (муқобила) мазмуни сарҷумларо ифода мекунад, ҷумлаи пайрави хилоф номида мешавад [11, с. 299] .

Забоншиноси нуктасанҷ Д.Т. Тоҷиев маъною вазифаи ин навъи ҷумлаи пайравро пурраю мукаммал маънидод кардааст: «Ҷумлаи пайрави хилоф дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ одатан ба иҷрои амали сарҷумла мамоният мекунад ё мухолифи фикри он мебошад, вале амали сарҷумла иҷро мешавад ва фикри он тасдиқ мегардад: *Агарчи моро ба занҷир баста монанд ҳам, занҷирро канда меравем (С.Улугзода. Навобод). Ҷасадатон фил барин бошад ҳам, мо барин заҳра надоштаед (А.Деҳотӣ, Асарҳои мунтахаб)*» [17, с. 163].

Ҷумлаҳои пайрави ҳоли хилоф дар осори манзум низ ба таври фаровон истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар ашъори К.Хуҷандӣ ва М.Турсунзода барои ифодаи маъноҳои мухолифату мамоният (ба амали сарҷумла) истифода шуда, каломи адибро муассиртар кардаанд. Чунончи,

1. Ҷумлаи пайрав маънои мухолифи фикри сарҷумларо ифода мекунад.

Буто ҳар дам макун қусди равонам
Агарчи ҳукми ту бар ман равон аст [19, ҷ. 1, с.100].

Агарчи рехтани хун ба ҳукми шаръ хатост,
Бирез хуни сироҳӣ, ҳаст айни савоб [19, ҷ. 1, с.54].

Агарчи рафтӣ аз ҷои қадимӣ,
Муҳоҷар нестӣ, балки муқимӣ [20, ҷ.1, с.116].

2. Ҷумлаи пайрав маъноеро ифода мекунад, ки ба фикри (амали) сарҷумла мамоният дорад.

Агарчи борҳо шуд арсааш ранг,
Валекин устуворӣ кард чун санг [20, ҷ.2, с.132].

Ваъдаи васли туро **гарчи** вафо мумкин нест,
Ҳам бар он ваъда дили аҳли вафоро дарёб [19, ҷ. 1, с.59].

Дар ҷумлаҳои поён бошад, ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф ба фикри сарҷумла мухолиф бошад ҳам, "амали сарҷумла иҷро мешавад ва фикри он тасдиқ мегардад"[17, с. 163]:

Бар дарат **гарчи** задам хок ба чашмони рақиб,
Ҳайф аз он сурма, ки дар дидаи нобино рафт [19, ҷ. 1, с.126].
Хоки дари туам, эй хоки дарат тоҷи сарам,
Тоҷдор аст Камол, **арчи** тиҳидасту гадост [19, ҷ. 1, с.111].

Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз дар ин оила бегона монд [20, ҷ.2, с.67].

Гарчи ба ғорат равад ин сарзамин,
Боз дар он ганҷи равонро бубин [20, ҷ.2, с.65].

Ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф низ, монанди ҷумлаи пайрави ҳоли шарт, шароитҳои имконпазирии амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад.

Фарқ танҳо дар он аст, ки ҷумлаи пайрави шарт аксаран шартеро ифода мекунад, ки он сабаби иҷрои амали сарҷумла мешавад. Вале ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф шарте (шароите)-ро ифода мекунад, ки ба иҷрои амали сарҷумла мамоният мекунад. Аз ин ҷиҳат, ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф акси ҷумлаи пайрави ҳоли шарт аст [17, с. 163]. Чунончи:

Агар ӯро фақат хуршед хонам,
Ғалат гардад чунин шарҳи баёнам [20, ҷ.2, с.110].

Агарчи тохт ба сӯяш чу «барқ» душман,
Накард хам сари тоат ба хоинон ҳаргиз [20, ҷ.1, с.52].

Агарчи борҳо зери хатар шуд,
Вале азмаш қавию зӯртар шуд [20, ҷ.2, с.132].

Аз таҳлили маводи ашъори Камоли Хуҷандӣ ва М.Турсунзода маълум мегардад, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф ҳамеша имконпазир (ё реалӣ) будани шартро мефаҳмонад:

Ваъдаи васли туро **гарчи** вафо мумкин нест,
Ҳам бар он ваъда дили аҳли вафоро дарёб [19, ҷ. 1, с.59].

Ҳарчанд шаҳи мо ба вафо сахт бахил аст,
Ҳастанд гадоён ба дуо даст кушода [19, ҷ. 1, с.298].

Гарчи худ як каси муҷаррад буд,
Дӯст медошт тӯй хӯрданро [20, ҷ.2,с.165].

Гарчи сари халқ шуд аз ғам сафед,
Пур бувад аммо дили ӯ аз умед [20, ҷ.2, с. 65].

Муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки ҷойи ҷумлаи пайрави хилоф аксар дар аввали ҷумлаи мураккаби тобеъ, пеш аз сарҷумла аст. Вале баъзан ҷумлаи пайрави хилоф дар байни сарҷумла, пеш аз ҳоли хилоф меояд [16;17].

Омӯзишу баррасии мавод нишон медиҳад, ки дар осори манзум ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф пас аз сарҷумла низ меояд. Чунончи:

Буто ҳар дам макун қусди равонам
Агарчи ҳукми ту бар ман равон аст [19, ҷ. 1, с.100].

Хоки дари туам, эй хоки дарат тоҷи сарам,

Тоҷдор аст Камол, **арчи** тиҳидасту гадост [196, ҷ. 1, с.111].

Ба мисли гӯшту нохун ман ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт [20, ҷ.2, с.81].

Фактҳои зиёди забони тоҷикӣ, бавижа ашъори К. Хуҷандӣ ва М.Турсунзода, нишон медиҳад, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф суст шудани алоқаи тобеъ мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат дар мавридҳое мушоҳида мешавад, ки дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ пайдо шаванд. Дар ин ҳолат тобеият хеле суст шуда, маънои хилоф равшантар мегардад. Чунин тарзи корбурди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави хилоф дар ашъори Камоли Хуҷандӣ хеле кам буда, дар ашъори Мирзо Турсунзода зиёд дида мешавад:

Агарчи дурри хушоб аст гуфтаҳои Камол,
Вале чи суд, ки як дурр намекунӣ дар гӯш [196, ҷ. 2, с.32].
Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,
Вале бо номи ту ман ибтидо кардам ҳамин кофист [20, ҷ.2, с. 262].

Агарчи дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту [20, ҷ.2, с.81].

Забоншиноси маъруф, профессор Д.Т. Тоҷиев хеле нозукбинона таъкид кардааст: “ Муносибати ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф ба сарҷумла аз рӯйи маъно ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилоф наздик аст. Вале фарқ дар ҳамин аст, ки дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилоф ҷумлаҳо нисбатан мустақил буда, бо пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ меоянд ва дар онҳо маънои хилоф равшан ифода мешавад. Аммо дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави хилоф мустақил набуда, бар эзоҳи сарҷумла меояд ва шартеро мегузорад, ки ба фикри дар он ифодагардида мухолиф бошад, мамониат кунад. Одатан, сарҷумла пас аз ҷумлаи пайрави хилоф омада бошад, дар аввали он пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ меоянд ва маънои хилофро медиҳанд. Ин хели ҷумлаҳои мураккаб ҳам хусусияти тобеъ ва ҳам пайваст доранд ва аз рӯйи воситаҳои синтаксисӣ хеле гуногунанд. Бояд қайд кард, ки пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ фақат бо пайвандакҳои **ҳам, агарчи (гарчи), гарчанд, ҳарчанд** ва пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷуфти аз онҳо сохташуда меоянд [17, с. 173]. Чунин ҳолат дар каломи мавзун низ мушоҳида мешавад. Чунончи:

Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд [20, ҷ.2, с. 61].

Гарчи худ баргаштам, **аммо** дил аз он ҷо барнагашт,
Аз лаби дарё, канори шаҳри зебо барнагашт [20, ҷ.2, с.158].

Ин навъ ҷумлаҳо хусусияти ҳам тобеъ ва ҳам пайвастро зоҳир намуда, характери мобайнӣ мегиранд. Дар чунин маврид забоншиноси шинохтаи рус В.А. Богородитский хуб қайд мекунад, ки ҳамаи ҷумлаҳои мураккабро бо мураккаби пайваст ва тобеъ тақсим намудан то дараҷае сунъист. Фактҳои забони зиндаро бо ду гурӯҳ ҳатман дохил кардан мумкин нест [10, с. 229].

Забоншиносон собит намудаанд, ки ҷумлаҳои пайрав тавассути воситаҳои гуногуни грамматикӣ (пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, калимаю таркибҳои пайвандакӣ, мутобиқати шаклҳои феълӣ – хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, ҷойи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ, оҳанги гӯйиш ва баъзе воситаҳои ёрирасон (бандакҷонишинҳо, ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ) ба сарҷумла алоқаманд мешаванд.

Возеҳ аст, ки пайвандакҳо яке аз воситаҳои асоситарини алоқаи ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла мебошанд. Дар китобҳои дарсии то солҳои 70-ум чопшуда, миқдори инҳоро аз ду то шаш пайвандак нишон додаанд.

В.С. Расторгуева дар «Очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ» илова ба пайвандакҳои **агарчи, гарчанде ки, ҳарчанд** ва **бо вуҷуди ин (он) ки** пайвандакҳои **агар, бо он ки, бо ин ки-ро** нишон медиҳад [14, с. 569].

Соли 1967 дар маҷмуаи «Масъалаҳои забони тоҷикӣ» мақолаи муфассали Д.Т. Тоҷиев таҳти унвони «Ҷумлаи пайрави хилофӣ» чоп мешавад, ки дар он воситаҳои алоқаи ҷумлаи

пайрави хилоф, хоссатан пайвандакҳо, хеле муфассал баррасӣ гардидааст. Муҳаққики нозукбин маводи фаровони забони адабии тоҷикро баррасӣ намуда, 15 пайвандакро (бо гунаҳояш) меорад, ки дар алоқаи синтаксисии ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф бо сарҷумла саҳм мегиранд [16, с. 20].

Вале бо таассуф, муаллифони китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» Синтаксис. Қ. 2. Барои мактабҳои олӣ, нашрҳои 2 (с.1984) ва 3-юми такмилёфта (с. 1995) танҳо 7 пайвандакро ном мебаранд.

«Ҷумлаҳои пайрави хилоф,- менависанд онҳо,- ба воситаи пайвандакҳои **агарчи, бо вуҷуди ин ки, бо вуҷуди он ки, ҳарчанд ки, агарчанде ки, гарчанде, ба ҷойи он ки** тобеъ мешаванд» [11, с. 299].

Муаллифони китоби номбурда аз пайвандаки тобеъкунандаи **ҳам ҳ**атто ёдовар намешаванд. Ҳол он ки дар китобашон бо ин пайвандак мисолҳои зиёде овардаанд, ҳам дар шакли ҷуфт (ҳарчанд... ҳам; агарчанде ки... ҳам) ва ҳам танҳо бо аорист (бозистода бошад ҳам; пур бошад ҳам). Онҳо ҷумлаҳои тобеи зеринро ҷумлаҳои тобеи бепайвандак меноманд: Барф акнун боз истода бошад ҳам, сардии ҳаво шиддат карда буд. Даштҳо, дараҳо, роҳҳо, кӯчаҳо, бомҳо, теппаҳо - ҳама ҷо пур аз барф бошад ҳам, онҳо ҳавлии васеи Полвон - Арабро рӯфта, тоза карда буданд [11, с. 299].

Мо ба ақидаи профессор Д.Т. Тоҷиев такя карда, ин фикрро ғалат меҳисобем, зеро воқеан инҳо ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайвандакдор мебошанду ҷумлаҳои пайрави хилоф тавассути пайвандаки **ҳам** ва **аорист** ба сарҷумла тобеъ шудаанд.

Профессор Д.Т. Тоҷиев дар асари фундаменталии (бунёдии) дигари хеш, ки ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хоссатан, ҷумлаҳои пайрави ҳол бахшида шудааст, дар бораи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави хилоф маълумоти бештаре медиҳад. Ӯ чунин пайвандакҳои ҷумлаи пайрави хилофро нишон дода мисолҳо меорад: ҳам, **агарчи (гарчи, арчи) агар ки (ар ки), агарчанде (гарчанде, арчанде), агарчанде ки (гарчанде ки), ҳарчанд, ҳарчанд ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин (он) ки, қатъи назар аз ин (он) ки, ба ҷое ки, ба ҷойи ин (он) ки, дар ивази ин (он) ки, бо он ки ва ки** [17, с. 165]. Бояд зикр кард, ки дар осори манзум на ҳамаи ин пайвандакҳо истифода мешаванд, чунки вазну қофияи шеър, тақтеъ, ритму оҳанг барои истифодаи ҳамаи ин пайвандакҳо имкон намедиҳад. Аз маводи ҷамъовардаи мо маълум мешавад, ки дар ашъори Камоли Хуҷандӣ пайвандакҳои **агарчи (гарчи, арчи), гарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки** ва дар осори М.Турсунзода пайвандакҳои **агарчи (гарчи), гарчанде, агарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчанде ки** истифода шудаанд. Пайвандак аксаран дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пеш аз ва ё пас аз сарҷумла ҷой гирифтааст :

Агарчи рехтани хун ба ҳукми шаръ хатост,
Бирез хуни сироҳӣ, ҳаст айни савоб [19, ҷ. 1, с.54].

Хоки дари туам, эй хоки дарат тоҷи сарам,
Тоҷдор аст Камол, **арчи** тиҳидасту гадост [19, ҷ. 1, с.111].

Худро бар остони дарат бастаем боз,
Ҳарчанд бандагии даратро на лоиқем [19, ҷ. 2, с.104].

Ҳарчанд шаҳи мо ба вафо сахт бахил аст,
Ҳастанд гадоён ба дуо дасткушода [19 ҷ. 2, с.298].

Ҳарчанд ки қалам равад аз сар чу занад теғ,
Ҷурм аз тарафи дӯст нагирам, аламуллоҳ [19, ҷ. 2, с.278].

Дар ашъори М. Турсунзода:

Агарчи борҳо шуд арсааш танг,
Валекин устуворӣ кард чун санг [20, ҷ. 1, с. 132].

Гарчи дар ном худ ситораи ту,
Дар латофат ситорапораи ту [20, ҷ. 1. с,148].

Ҳарчанд ки раҳ буд басе дуру хатарнок,

То манзили уммед натарсида расидӣ [20, ҷ. 2, с. 17].

Агарчанде ки гӯяндат муҳоҷир,
Ту **аммо** на муҳоҷир, на мусофир.
Ба ҳар ҷое ки хоҳӣ зистанро,
Дар он ҷо бахт гардад бо ту ҳозир [20, ҷ.1. с. 137].

Ҷолиби диққат аст, ки дар осори манзум (аз ҷумла, дар ашъори К.Хуҷандӣ ва М. Турсунзода) пайвандак дар мобайни ҷумлаи пайрав низ омада метавонад. Ҷумлаи пайрав бошад, пеш ва ё пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад. Ин ба талаботи вазни шеър, ритму қофия, оҳанг вобаста аст:

Ба хубӣ **гарчи** маҳ болонишин аст,
Ба болои туаш боло набошад [19, ҷ. 1, ,с.357].

*Ваъдаи васли туро **гарчи** вафо мумкин нест,*
Ҳам бар он ваъда дили аҳли вафоро дарёб [19, ҷ. 1, с.59].

Бар дарат **гарчи** задам хок ба чашмони рақиб,
Ҳайф аз он сурма, ки дар дидаи нобино рафт [19, ҷ. 1, с.126].

Дард **арчи** кам набуд зи ҳар сӯ Камолро,
Дӯш аз фироқи рӯи ту чизе зиёда буд [19, ҷ. 1, с. 38].

Бода **ҳарчанд ки** хӯрдам, ба лабаш ташнатарам,
Ташнагӣ нуқлу шакар бештар орад маро [19, ҷ. 1, с. 20].

Сарв **ҳарчанд** сарфароз бувад дар бӯстон,
Пеши болои баланди ту фурӯтан бошад [19 ҷ. 1, с. 355].

Тангдил ҳаргиз набудӣ дар ҷаҳон фарзанди кӯҳ,
Доштӣ дар санг **гарчанде** макон, фарзанди кӯҳ [20, ҷ.1. с. 163].

Қобили зикр аст, ки устод М. Турсунзода нишондоди асосгузори адабиёти шуравии тоҷик – устод С. Айниро асоси кори эҷодии худ қарор дода, дар роҳи инкишофи қоидаю қонунҳои забони миллии тоҷик кӯшишҳои зиёде кардааст. Шоир ҳам асарҳои классикони тоҷик, ҳам забони забони зиндаи халқро хуб омӯхта, қоидаҳои забон ва вожаҳои ба меъёри забони миллии тоҷик мувофиқро интихоб карда, моҳирона истифода бурдааст.

Шоирони ширинкалом К. Хуҷандӣ ва М.Турсунзода дар ашъори худ ҷумлаҳои пайрави хилофро моҳирона ва ба таври васеъ корбаст намудаанд. Ин навъи ҷумлаҳои пайрав барои ифодаи маъноҳои мамоният, мухолифат, зиддият, муқоиса (ба фикр, амали сарҷумла) истифода шуда, марому мақсадро равшан намуда, каломи адибро муассиртар кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов, В. Ҷумлаи пайрави хилоф дар ашъори М.Турсунзода / В. Абдулазизов // Вассофи сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе 2011. -С. 7.
2. Абдулазизов, В. Ҷумлаи пайрави монандӣ дар ашъори М. Турсунзода / В. Абдулазизов // Забон ҳастии миллат. – Душанбе, 2013. - С.193-199.
3. Абдулазизов, В. Корбурди воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрави мақсад дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. – 2014. - №4/5(143). - С. 9-12.
4. Абдулазизов, В. Мавқеи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави монандӣ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ» / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. – 2015. - №4/1(159). - С. 125-129.
5. Абдулазизов, В. Корбурди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар ашъори Камоли Хуҷандӣ / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. - 2016 - №4/1 (195). - С.149-152.
6. Абдулазизов, В. Вижагиҳои як воситаи алоқаи грамматикӣ дар осори манзум (дар асоси маводи ашъори А. Рӯдакӣ ва К.Хуҷандӣ) / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. – 2016. - №4/2 (199). - С.163-167.
7. Абдулазизов, В. Такомули корбурди як воҳиди дастурӣ дар назми классикӣ (дар асоси ашъори ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Сайидои Насафӣ) / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. - Душанбе, 2019. - №8. - С. 41-46.
8. Абдулазизов, В. Баъзе вижагиҳои наҳви каломи мавзун (дар асоси ашъори Камоли Хуҷандӣ) / В. Абдулазизов // Паёми ДМТ. - 2022. - №3. - С.5-13.

9. Абдулқодиров, А. Забон ва услуби ашъори М. Турсунзода / А.Абдулқодиров. – Душанбе, 1987.
10. Богородицкий, В.А. Общий курс русской грамматики / В.А. Богородицкий. - Казань, 1907.-С. 299.
11. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ. 2. - Душанбе: Маориф, 1995. - С. 298.
12. Қосимова, М.Н. Ганҷи сухан (Маҷмуаи мақолаҳо) / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2017. – 620 с.
13. Қурбонов, М. Дар бораи забон ва услуби шеъри М. Турсунзода “Ба Ленин” / М.Қурбонов // Мактаби советӣ, 1976, -№ 2.
14. Расторгуева, В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка / В.С. Расторгуева. (Приложение к Таджикско-русскому словарю). - М., 1954. - С. 569.
15. Саломиён, М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷик (Дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М.Саломиён. –Душанбе, 2017. -266 с.
16. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаи пайрави хилофӣ / Д.Т. Тоҷиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе: Ирфон, 1967.- С. 5-21.
17. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе: Дониш, 1981. - С. 163-175.
18. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XIV / Д.Хоҷаев. – Д. 2013, -344.с.
19. Камоли Хуҷандӣ. Девон Камоли Хуҷандӣ. – Д., 1983. - Ҷ.1. – 560 с.; - 1985. - Ҷ.2. – 461 с.
20. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб. Дар 2 ҷилд / М.Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 1962. - Ҷ.1. – 298 с.; - 1962. - Ҷ.2. – 293 с.

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ҲОЛИ ХИЛОФ ДАР ОСОРИ МАНЗУМ

(дар асоси ашъори К. Хуҷандӣ ва М.Турсунзода)

Дар мақола оварда мешавад, ки гипотаксиси каломи мавзун вижагиҳои худро дорад, аз ҷумла дар корбурди ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф. Дар ашъори К.Хуҷандӣ (асри XIV) ва М.Турсунзода (асри XX) ҷумлаҳои пайрави хилоф моҳирона ва ба таври васеъ корбаст гардидаанд. Ин навъи ҷумлаҳои пайрав барои ифодаи маъноҳои мамоният, мухолифат, зиддият (ба фикр, амали сарҷумла) истифода шуда, марому мақсадро равшан намуда, каломи адибро муассиртар кардаанд. Аз пайвандакҳои сершумори ҷумлаи пайрави хилоф танҳо теъдоди муайяни пайвандакҳо истифода шудаанд, барои он ки вазну қофияи шеър, оҳангу ритм, тарзи ифодаи фикр барои истифодаи ҳамаи он пайвандакҳо имкон намедиҳад. Ба андешаи муаллиф, таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар ашъори К.Хуҷандӣ танҳо пайвандакҳои хилофии агарчи (гарчи, арчи), гарчанде, ҳарчанд,ҳарчанд ки ва дар ашъори М.Турсунзода пайвандакҳои агарчи (гарчи), гарчанде, агарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчанде ки истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаи пайрав, пайвандакҳои тобеъкунанда, ҷумлаи пайрави хилоф, маъно, маънои мамоният, мухолифат, зиддият, воситаи алоқа, сохтор, пайвандакҳо.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ УСТУПИТЕЛЬНОГО ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ПОЭЗИИ

(на основе творчества К. Худжанди и М. Турсунзода)

Гипотаксис поэзии имеет свои особенности, в частности в использовании уступительных придаточных предложений. В поэзии известного таджикско – персидского поэта XIV в. – Камола Худжанди и известного таджикского поэта XX в. – М.Турсунзода широко и очень умело использованы уступительные придаточные предложения. Данный вид обстоятельственных придаточных предложений употребляются для выражения значений препятствия, противоположности, несоответствия (значению, мысли, действию главного предложения) и проясняют намерение, цель говорящего и более влиятельным делают произведение поэта. Из многочисленных подчинительных союзов противительного придаточного предложения используются определенное количество союзов, потому что правила рифмовки, интонационные требования поэзии, способ выражения мысли не даёт возможности употребления всех подчинительных союзов. В газелях Камола Худжанди употреблены поэтом только союзы **агарчи (гарчи, арчи), гарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки**, а в творчестве М. Турсун-заде союзы **агарчи (гарчи), гарчанде, агарчанде, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчанде ки.**

Ключевые слова: сложноподчиненное предложение, придаточное предложение, уступительное (противительное) придаточное предложение, значение, препятствие, несоответствие, противоположное значение, подчинительные союзы, средство связи, структура, союзы.

FEATURES OF THE USE OF SUBORDINATING CONJUNCTIONS OF THE ADVERSATIVE SUBORDINATE CLAUSE IN POETRY

(based on the work of K. Khujandi and M. Tursunzade)

The hypotaxis of poetry has its own characteristics, in particular in the use of subordinating conjunctions. In the poetry of the famous Tajik-Persian poet of the XIV century. - Kamola Khujandi from the numerous subordinating conjunctions of the adversative subordinate clause, a certain number of conjunctions are used, because the rules of rhyme, the intonational requirements of poetry, the way of expressing thoughts do not make it possible to use all subordinating conjunctions. In the gazelles of Kamol Khujandi, the poet used only the unions agarchi (garchi, archi), garchande, harchand, harchand ki, and in the works of M. Tursunzade the unions agarchi (garchi), garchande, agarchande, ҳarchand, ҳarchand ki, agarchande ki.

Keywords: complex sentence, subordinate clause, subordinating conjunctions, adversative clauses, means of communication, structure, conjunctions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулазизов Ваҳобҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919-14-27-48**

Сведения об авторе: ***Абдулазизов Вахобджон*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 919-14-27-48**

Information on the author: ***Abdulazizov Vahobjon*** – Tajik national University, candidate of Philological Science, docent of the department of modern Tadjik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 919-14-27-48**

ТДУ: 491.550:42

МЕЪЁРГУЗОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МИСОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мусоямов З.М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар раванди ташаккули истилоҳшиносӣ бо рушд ёфтани ақидаҳои гуногуни олимони забоншинос ва тобиши маъноии конотативӣ додани онҳо ба истилоҳоти гуманитарӣ, ҷуфтҳои муродифӣ ё худ муродифҳои истилоҳот пайдо мегарданд, ки ҳар як ҷуфти истилоҳ дар алоҳидагӣ маънои гуногунро ифода мекунад. Муродифот бештар шаклан ва ё худ зоҳиран дар низоми истилоҳот вомехӯрад. Метавон гуфт, ки истилоҳоти технологияи иттилоотӣ низ аз ин омилҳо дур нест. Чунин марҳилаҳои тағйирёбиро метавон дар истилоҳоти технологияи иттилоотӣ низ вохӯрд. Мисол, муродифи истилоҳи компютерии *diskette – floppy disk, flexible disk* чун *дискета* дар забони тоҷикӣ истифода мегардад.

Маҳз ҳамин гуна ҳолат водор месозад, ки истилоҳоти технологияи иттилоотиро вобаста ба меъёргузорӣ ба танзим дарорем, зеро муродифот дар истилоҳот, ин аллакай қолаби истилоҳро вайрон сохта онро ба воҳиди луғавии одӣ баробар месозад.

Истилоҳи *"стандартизатсия"* дар истилоҳшиносӣ боз як норавшании дигарро ба вуҷуд меорад. Тавре ки П. Огэр қайд кард, истилоҳи *“стандартизатсия”* метавонад барои азнавсозӣ ва тағйири баъзе шаклҳои забон тавассути назорат ва дахолати ташкилоти масъули соҳавӣ ё махсус бо мақсади муқаррар кардани афзалиятҳо барои баъзе шаклҳои гуногуни истилоҳот шакли ягонаи дақиқро мушаххас кунад [11, с. 27-59].

Дар натиҷа, *"стандартизатсияи истилоҳот"* ҳадди ақал се намудро фарогир аст:

• Стандартизатсияи институтсионалӣ равандест, ки тавассути он муассисаи марбута барои таъинот истифодаи афзалиятнокро муқаррар мекунад.

• Стандартизатсияи байналмилалӣ равандест, ки тавассути он мақомоти байналмилалӣ ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки барои ноил шудан ба танзим дар як соҳаи муайян тавассути муқаррар кардани меъёрҳо барои истифодаи универсалии истилоҳот ва дур кардан аз мафҳумҳои эҳтимолӣ нигаронида шудааст. Ин фаъолият дар таҳия, нашр ва татбиқи стандартҳо зоҳир мешавад.

• Стандартизатсияи ғайридавлатӣ ин равандест, ки тавассути он системаи муайяни истилоҳот бо мувофиқати мутақобилаи истифодабарандагони ниҳоии худ қобили назорат мешавад [12, с. 9-12].

Ба ақидаи олими фаронсавӣ П. Огэр меъёргузории истилоҳот ҳам истилоҳоти махсусро мураттаб месозад ва ҳам вазифаву сохтори истилоҳотро аз ҷиҳати усулҳои назарӣ ва амалӣ зери омӯзиш қарор дода, зина ба зина онро мукаммал месозад.

Меъёргузории истилоҳот як раванди мураккабест, ки як қатор амалиётҳоро дар бар мегирад: муттаҳидсозии мафҳумҳо ва системаҳои мафҳумҳо, муайян кардани истилоҳот, ихтисори омонимӣ, аз байн бурдани синонимӣ, муайян кардани аломатҳо, аз ҷумла ихтисорот, аломатҳои ихтисоравӣ ва эҷоди истилоҳоти нав [3, с. 201].

Раванди меъёргузорӣ ба як қатор фарзияҳо асос ёфтааст, ки асосан аз таҷрибаи амалии солҳои охир бармеоянд. Онҳо маҳдудиятҳоеро мушаххас мекунанд, ки дар доираи он стандартизатсия эътибор дорад ва меъёрҳоеро, ки бояд риоя шаванд, муқаррар мекунанд.

Мақсади меъёргузории истилоҳот кумак ба муошират бо забонҳои махсус аст ва ба луғати забони умумӣ татбиқ намегардад.

Тамоми истилоҳот, алалхусус истилоҳоти технологияи иттилоотӣ пеш аз меъёргузорӣ кардан бояд аз омилҳои зерин пай дар пай гузаронида шавад. Меъёргузории истилоҳоти технологияи иттилоотӣ бояд омилҳои иҷтимоӣ-забонӣ (гурӯҳи истифодабарандагони истилоҳ, дараҷаи рушди истилоҳ байни омма, омӯзиши сиёсати забоне, ки ба он истилоҳ ворид мегардад, ниёзҳои корбарон ва ғ.), омилҳои психолингвистикӣ (идиосинкразияҳо, урфу одатҳо, ахлоқ, эстетика, монеъшавӣ ва ғ.) ва меъёрҳои расмии забонӣ (сохтори забоне, ки ба он истилоҳ ворид гашт, сохтори морфологӣ, роҳу воситаҳои калимасозӣ ва раванду омилҳои иқтибосшавӣ дар забон ва ғ.)-ро ба танзим дарорад [3, с. 202].

Новобаста аз оне ки истилоҳоти касбиву соҳавӣ, хусусан истилоҳоти технологияи иттилоотӣ мунтазам зери пажуҳиши истилоҳшиносон қарор доранд, вале тамоми

истилоҳоти меъёргузоришуда бояд ба корбарон ва шунавандагону мутахассисони соҳаи мазкур таассуроти устувор бахшанд. Истилоҳоте, ки дар миқёси байналмилалӣ зери истифода қарор доранд, инчунин истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, ки аксарияти истилоҳоти мазкур дар тамоми забонҳои дунё чун истилоҳоти байналмилалӣ қабул гардидаанд, аммо дар раванди меъёргузорӣ онҳоро бояд бо талаботи меъёри миллӣ ва сохтори забони адабӣ мувофиқ гардонид.

Оид ба чунин нуктаи назар оид ба қабул намудани истилоҳоти байналмилалӣ ва тарҷумаи онҳо соли 1930 дар Конференсияи илмии тоҷикони Ӯзбекистон (Самарқанд, феврали 1930) баҳсу мунозираҳо барпо гардида буд, ки мавзуи баҳси конференсия забон ва истилоҳ буд. Дар конференсия пешниҳоди органи махсус, яъне таъсиси Кумитаи истилоҳот буд, ки дар он давра низ забоншиносон ва истилоҳшиносон низ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки истилоҳоти нав воридгаштаро меъёргузорӣ кунанд. Яке аз олимон дар Конференсия дар маърузаи худ иброз дошт, ки «Дар бораи термин бояд кӯшид, ки аз арабӣ дур шуда ва дар баробари ҳамин калимаҳои сохти европоиро ҳам бояд қабул накард. Аввал бояд кӯшиш намуд, ки калимаи тоҷикиро пайдо намуд. Агар вай ҳам мумкин набошад, дар он вақт шакли байналмилалии онро қабул намуда, вале охири калимаро тоҷиконид» [4].

Аз нуқтаҳои дар боло зикргардида равшан гардид, ки олимони хориҷӣ ва ватанӣ ҳамфикр буда, чунин марҳилаи меъёргузории истилоҳот то замони мо зери истифода қарор гирифтааст, зеро дар замони муосир низ бештари истилоҳоти технологияи иттилоотӣ бо аффиксҳои забони тоҷикӣ ё ин ки як қисми калима байналмилалӣ бошад қисми дигараш бо забони тоҷикӣ таҳтуллафзӣ тарҷума ва мутобиқ гардида, аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ интиқол мегарданд, мисли *internal link – линки дохилӣ, external link - линки берунӣ (пайванди берунӣ)*, *cyberbullying – cyberharassment – таҳқири кибернӣ, leet – leetspeak – забони лит (интернет сленг), noob - newbie – навкор, new consumer paradigm - парадигмаи нави истеъмолкунандагон, cloud computing – компютеркунонии абрӣ, Direct Digital Marketing - маркетинги мустақими рақамӣ, web application - веб-барнома, high-tech – технологияи сатҳи баланд, multiuser – серкорбар, серистифода, neuromarketing – нейромаркетинг, multimedia – мултимедиа, nanotechnology – нанотехнология.*

Меъёргузории истилоҳот омодагии пешакиро талаб мекунад, то ки қарорҳо асоснок ва қатъӣ бошанд. Тасдиқи меъёри истилоҳот бояд аз ҷониби мақоми ваколатдор дода шавад ва бояд барои таъмини татбиқи истилоҳоти қабулшуда чораҳои лозимиро пайгирӣ намояд. Истилоҳоти стандартӣ бояд объекти стандарт бошад, ки дар байни мутахассисони касбиву соҳавӣ қабул гардида, зери истифодаи васеъ қарор гирад.

Меъёргузории истилоҳот ҳадафи қонунист, аммо он ба инобат гирифтани шумораи зиёди омилҳоро талаб мекунад. Вақте ки раванди стандартизатсия истифодаи забони воқеиро ба назар намегирад, он аз забони воқеӣ алоҳида инкишоф меёбад. Барои муваффақ шудан ба меъёргузорӣ бояд ташхиси қаблии глоттополитикӣ дода шавад. Он гоҳ метавонист ба комёбиҳо ноил гашт [14, с. 5–21].

Ба ақидаи олимони фаронсавӣ – Гэспин Люис ва Фойд Ларосси раванди меъёргузории истилоҳот инчунин бояд хусусиятҳои иҷтимоии зеринро дарбар гирад:

• шароитҳое, ки барои истеҳсоли дискурси илмӣ ва таҳаввулоти робитаи илмҳо ва соҳаҳои техникӣ татбиқ мешаванд;

• шароити мухобиротӣ, ки ҳангоми интиқоли дониш ва технология заруранд;

• шаклҳое, ки аз низоъҳои забонӣ бармеоянд, ки дар кишварҳои дахлдор ногузир аст.

Баъзе кишварҳо ба таври мунтазам меъёргузории истилоҳотро дар сатҳи миллӣ бо роҳи мутобиқ кардани истилоҳоти эҷодшуда бо истилоҳоти байналмилалӣ мебинанд. Ин ҷараён, гарчанде ки барои тамоми раванди меъёргузории истилоҳот, яъне муайян кардани мафҳумҳо, нишонаҳо ва муносибатҳои байни мафҳумҳо истифода мешавад, асосан диққати махсус барои пайдо намудани намунаи шакли нави истилоҳ мебошад. Яъне дар бештари забонҳо ҳангоми меъёргузорӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки муодили мувофиқи истилоҳ аз забони тарҷума ёфта шуда, хусусияти забони миллӣ нигоҳ дошта шавад.

Барои амалӣ намудани ин раванд одатан аз рӯйи мавзуи соҳавии истилоҳот низоми ташхисгарони соҳаҳои марбута ва истилоҳшиносон таъсис дода мешавад. Аъзоёни комиссия кори худро бо риояи дастурҳое, ки одатан аз мақомоти марказии стандартизатсия бармеоянд, ҳамоҳанг мекунанд.

Комиссияҳои истилоҳот, ки дар доираи сиёсати давлатии забон амал мекунанд, тавсияҳоеро тақозо мекунанд, ки махсусан барои мувофиқ кардани аломатҳои мавҷуда ва эҷоди истилоҳоти нав нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо одатан дар асоси меъёрҳои хаттӣ барои эҷоди истилоҳот аз тарҷумаи қарзӣ истифода намуда, истилоҳоти додашударо меъёргузорӣ менамоянд. Меъёргузорӣ ва раванди он ҳамеша ба нуқтаи назари забоншиносӣ ва экстралингвистӣ такя менамояд.

Солҳои охир чи забоншиносии миллӣ ва чи забоншиносии хориҷӣ ба омӯзиши ҳаматарафаи мушкилоти истилоҳот дар соҳаҳои алоҳида, махсусан дар технологияи иттилоотӣ ва забонҳои гуногун диққати мутахассисонро ҷалб менамояд. Афзоиши суръати равандҳои ҳаёти имрӯза ба туфайли кушодану васеъ шудани сарҳадҳо, таъсири инқилоби илмию техникӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти чамъият дар байни муҳаққиқон боиси афзудани шавқу ҳаваси муҳаққиқон ба забони муоширати касбӣ гардид. Ин боиси хеле зиёд шудани истилоҳоти нав, аз ҷумла истилоҳоти технологияи иттилоотӣ гардид, ки ба низом даровардан ва шарҳу эзоҳ додани онҳо масъалаи саривақтӣ ва муҳим гардидааст. Азбаски қисми зиёди ҳуҷҷатҳо имрӯз барои мутахассисон пешбинӣ шудаанд, аксари онҳо аз истилоҳот иборатанд. Ба ибораи дигар, тамоми ҳуҷҷатҳои расмӣ, муоширати интернетӣ ва барномасозии компютерӣ, сленгҳо ва дигар воситаҳои изҳори фикру андеша дар замони муосир бештар бо ихтисора, аломатҳо ва кодҳо ифода меёбанд. Истилоҳот, ки унсурҳои забонӣ аз қабили аломатҳо ва графикҳоро дар бар мегирад, воситаи асосии пешниҳод ва интиқоли далелҳо, ақидаҳо ва донишҳо мебошад [13].

Интиқоли дониш ва иттилооти мушаххас (хоҳ якзабонӣ бошад ё бисёрзабонӣ) ба эҷод ва паҳн кардани захираҳои истилоҳотӣ бевосита алоқаманд аст. Ин раванд на танҳо дар илму техника, балки дар ҳуқуқ, идораи давлатӣ, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо низ зарур аст. Илова бар ин, истилоҳот дар таҳия ва паҳн кардани ҳуҷҷатҳо нақши асосиро мебозад. Ҳамчун як фанни таълимӣ, истилоҳот консепсия ва методологияро барои муаррифии баланд, муассир ва интиқоли дониш пешниҳод мекунад. Ин методологияҳоро мутахассисони забоншиносӣ, инчунин мутахассисони дигар соҳаҳо пас аз омодагии комил метавонанд истифода баранд, инчунин барои густариши воситаҳои кашф, паҳнкунӣ, интиқол, нигоҳдорӣ ва дастгирии захираҳои истилоҳот ва дигар шаклҳои пешниҳоди дониш замина фароҳам оранд.

Истилоҳот илмест, ки луғати махсусро аз нуктаи назари типология, пайдоиш, шакл, мазмун ва фаъолияти он, инчунин корбурд, ҷойгиршавӣ ва эҷоди он меомӯзад [2].

Истилоҳ объекти омӯзиши якчанд фанҳои ба ҳам алоқаманд аст. Дар забоншиносӣ ин объекти назария, дар истилоҳоти амалӣ объекти ягонасозӣ, стандартизатсия ва танзим, дар информатика воситаи эҷоди забонҳои сунъии системаҳои иттилоотӣ мебошад. Истилоҳшиносӣ фанни махсус ҳамчун маҷмуи аломатҳои забонӣ мебошад, ки барои ифодаи мафҳумҳои соҳаҳои махсуси дониш хизмат мекунад [3].

Стандартонии истилоҳот ба меъёр даровардан, ба навъи махсуси ҷавобгӯи меъёри муайян ҷудо кардани вожагони касбию соҳавӣ аст, стандарт бошад, намуна, меъёр, маҳак мебошад [10, с. 266].

Дар айни замон истилоҳшиносиро ба ду самт ҷудо менамоянд: назариявӣ ва амалӣ. Истилоҳшиносии назариявӣ ба омӯзиши қонуниятҳои инкишофи воҳиди луғавӣ чун истилоҳ равона гардидааст. Ҳоло як қатор мактабҳои миллӣ бо омӯзиши мушкилоти назариявии истилоҳот машғуланд. Ҳамин тариқ, мактабҳои миллии австриявӣ-олмонӣ, фаронсавӣ-канадавӣ, русӣ, чехӣ вуҷуд доранд, ки аз нигоҳи ҷанбаҳо ва равиш фарқияти истилоҳоти махсусро ҷудо менамоянд.

Истилоҳшиносии амалӣ, ки самти дигари муҳимми истилоҳот ба ҳисоб меравад, ба принсипу тавсияҳои амалӣ оид ба шарҳу баҳодиҳӣ, таҳрир, ба тартиб даровардан, эҷод кардан, тарҷума ва истифодаи истилоҳот, инчунин рафъи камбудиҳои онҳо машғул аст.

Аз тавзеҳоти дар боло овардашуда муайян мегардад, ки меъёргузории истилоҳот ба самти дуюми истилоҳшиносӣ, яъне ба истилоҳшиносии амалӣ дохил мешавад. Инчунин, дар раванди таҳқиқ равшан гардид, ки дар истилоҳшиносӣ ҳангоми таҳлил ду намуди истилоҳотро дидан мумкин аст. Истилоҳоти умумӣ ва истилоҳоти соҳавӣ.

Истилоҳоти умумӣ хусусиятҳо ва мушкилоти лексикаи махсусро меомӯзад, истилоҳоти соҳавӣ бошад, лексикаи махсуси соҳаҳои алоҳидаи донишро дар забонҳои

мушаххас меомӯзад. Дар самтҳои типологӣ, семасиологӣ, ономасиологӣ, таърихӣ, функсионалӣ ва дигар истилоҳот аломатҳои алоҳида бо мақсади муайян кардани хусусияти умумии истилоҳот, масъалаҳои марбут ба семантикаи лексикаи махсус, масъалаҳои сохторӣ ва ғайра муқоиса карда мешаванд [6, с. 218-223].

Дар вақтҳои охир як қатор истилоҳоти нави технологияи иттилоотиро дар самтҳои гуногун дучор омадан мумкин аст, ки бештари онҳо аз нигоҳи маърифатӣ дар тафаккури илмӣ таҳқиқ карда мешаванд. Истилоҳшиносиро метавон чун илми сохтани луғатҳои махсуси лексикӣ пазируфт, зеро баъд аз зина ба зина аз марҳилаҳои меъёргузорӣ гузаштан, истилоҳшиносон фарҳангҳои лексикаи махсусро ба табъ мерасонанд, яъне натиҷаи кори таҳқиқот фарҳангҳои истилоҳоти гуногуни соҳавиро тартиб додан аст. Дар рафти тартиб додани луғатҳои махсус як қатор масъалаҳое, ки истилоҳшиносон омӯхтаанд, дар амал ба миён омадаанд ва ҳалли ин масъалаҳо ба усулҳои сохтани луғатномаҳо таъсир мерасонад. Дар баробари ин, омӯзиши ҳар як соҳаи лексикаи махсус бо истилоҳот алоқаи зич дорад, аз ин рӯ, натиҷаи кори кашфу таҳқиқ ва ҷорӣ намудани истилоҳот одатан дар шакли луғат тартиб дода мешавад. Истилоҳ калима ё маҷмуи калимаҳоест, ки барои номи мафҳумҳои умумӣ қабул карда мешаванд [5, с. 89 - 93].

Дар натиҷаи таҳқиқи соҳаҳои гуногуни лексикаи махсус муайян карда шуд, ки ба ғайр аз истилоҳот воҳидҳои махсуси луғавии дигар низ мавҷуд аст: ном, алготизмҳои касбӣ ё жаргонҳои касбӣ, квазитерминҳо, терминоидҳо, прототермҳо ва ғайра.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷараёни меъёргузории системаҳои истилоҳот дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ зарур аст, зеро мафҳумҳои бо як калима ифодаёфта дар забонҳои гуногун ба ҳам мувофиқ намеоянд. Масалан, калимаи *"технология"* дар забони англисӣ ба калимаи *"technology"* дар забони русӣ, тоҷикӣ ва бештари забонҳо чун мафҳуми *"техника"* дарк карда мешавад.

Қабули стандарти байналмилалии истилоҳот маънои даст кашидан аз низоми анъанавии миллиро надорад. Стандартизатсияи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, муайян кардани тафсири дақиқ ва мувофиқати бечунучарои истилоҳоти забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ мебошад.

Умуман, стандартҳо навъҳои “ҳатмӣ” ва “тавсияшаванда” мебошанд. Стандартҳои истилоҳотӣ ба навъи дуюм тааллуқ доранд. Ҳамин тариқ, агар истилоҳ бо синоними дуруст интихобкардаи он, ки ба забони гуфтугӯии касбӣ мувофиқ аст, иваз карда шавад, маънои он тағйир намеёбад.

Масъалаҳои асосии меъёргузории истилоҳоти технологияи иттилоотӣ инҳоянд:

-муайян намудани стандарти муҳлатҳо ва муайян намудани сатҳи муосири донишҳои илмӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ;

- мантиқан ҳамоҳангсоз намудани истилоҳоти технологияи иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ;

-таъмини коркарди ба ҳамдигар алоқаманди воситаҳои лексикии мувофиқашуда, ки дар системаҳои иттилоотӣ истифода мешаванд;

- ошкор ва рафъи камбудиҳои лексикаи истилоҳоти дар адабиёт ва ҳуҷҷатҳо истифодашаванда [1].

Тартиб додани меъёрҳои давлатиро ташкилотҳои асосӣ ва базавии меъёргузорӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ-технологӣ, донишкадаҳои олӣ ва дигар ташкилотҳо ба амал мебароранд.

Меъёргузории истилоҳотро Кумитаи техникии Созмони байналмилалии стандартизатсия ISO/TC37 (Истилоҳот ва дигар захираҳои забон ва мундариҷа) амалӣ мекунад. Кумитаи техникӣ фаъолияти худро дар 5 самт ба роҳ мондааст:

• TC37/SC1 (зеркумита) – принсипҳо ва усулҳо;

• TC37/SC2 – усулҳои кори истилоҳотӣ ва лексикографӣ. Корҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба тартиб додани луғатҳои истилоҳотӣ ва лексикологӣ;

• TC37/SC3 – истилоҳот, дониш ва идоракунии мундариҷаи системаҳои истеҳсолӣ;

• TC37/SC4 – идоракунии захираҳои забонӣ;

• TC37/SC5 – тарҷума, тафсир ва алоқамандии технология;

ISO/TC237 - Намоишгоҳи истилоҳот. Интишори стандартҳо.

Дар зеркумитаҳои ISO/TC37 (TC37/SC1, TC37/SC2, TC37/SC2, TC37/SC4, TC 37/SC5) ва мувофиқи Кумитаи лоиҳаи ISO/TC 237, принсипҳо ва усулҳои истилоҳот, ҳамоҳангсозии байналмилалии мафҳумҳо ва истилоҳот, фаъолияти истилоҳотӣ (назария ва замимаҳо), тавсияҳои амалӣ оид ба истилоҳоти иҷтимоӣ, талабот ва маълумот оид ба муаррифии мақолаҳо дар луғатҳо, таҳия ва тарҳрезии меъёрҳои байналмилалии истилоҳот, тартиби алифбои истилоҳоти бисёрзабона ва истилоҳоти лексикӣ пешниҳод карда шудаанд. Вазифа ва фаъолияти ин созмон ва зеркумитаҳо иборат аст аз хизматрасонӣ, истифодаи системаҳои ҳисоббарорӣ дар истилоҳот - категорияҳо, таҳия, татбиқ ва дастгирии системаҳои идоракунии истилоҳот бо захираҳои забонӣ, муаррифии сохтори он, дониш ва системаҳои идоракунии мундариҷа ва ғайра. Ҳамзамон қоидаҳои меъёрии нашр, намоиш ва муаррифии стандартҳои истилоҳотӣ, инчунин луғатҳо ва омори истилоҳоти меъёргузаронидашуда таҳия мешаванд [17].

Шартҳои меъёргузорӣ барои татбиқ дар ҳама шаклҳои адабиёт ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи илмию техникӣ ва технологияи иттилоотӣ заруранд. Дар раванди меъёргузорӣ истилоҳоти технологияи иттилоотиро бо шаклҳои кӯтоҳи онҳо, инчунин синонимҳо, шарҳҳо ва муодили онҳо аввал дар забони англисӣ тавсиф мекунанд. Махсусан истилоҳоти технологияи иттилоотӣ аз забони англисӣ сарчашма мегирад, зеро тамоми фаъолсозии барномаҳои компютерӣ ва муошират интернетӣ, инчунин сленгҳо, истилоҳоти компютерӣ бештар дар забони англисӣ пайдо гардида, баъдан ба дигар забонҳо, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ иқтибос мешаванд.

Ҳоло дар зиёда аз 60 мамлакати ҷаҳон кумитаҳои дахлдор мавҷуданд, ки ба онҳо ҳазорҳо коршиносони меъёргузории истилоҳот ҷалб карда шудаанд. Автоматикунонии равандҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, истеҳсолот ва технологияи иттилоотӣ зарурати меъёргузорӣ ва танзими истилоҳотро ба миён меорад. Меъёргузорӣ, ягонасозӣ ва танзими сохтори истилоҳот ва таърифҳои онҳо имкон медиҳанд, ки ҳуҷҷатҳои намунавӣ дар компютер коркард карда шаванд. Махзани истилоҳот барои ташкили сохтории системаҳои калони истилоҳот ба вуҷуд оварда мешавад. Нигоҳ доштан, кор карда баромадан ва интиқол додани ахбороти пур аз истилоҳот бо ёрии компютер ба амал оварда мешавад. Дар натиҷаи баррасии меъёрҳои қабули байналмилалии истилоҳот маълум гардид, ки дар ин меъёрҳо аҳаммияти як қатор масъалаҳое, ки мушкилоти гуногуни истилоҳотро фаро мегиранд, дода шудааст.

Ҳамаи масъалаҳои дар боло зикргардида ва мушкилоти банизомдарории истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, зарурат ба амал меорад, ки истилоҳоти мазкурро аз нигоҳи назария ва амалияи истилоҳшиносӣ бо меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар забонҳои зери пажуҳиш, англисӣ ва тоҷикӣ ба тартиб дарорем.

Рушди технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавии муносибатҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни илм ва бахшҳои фаъолият таҳқиқоти истилоҳотиро ба забонҳои гуногун аҳаммиятнок гардонида, равишҳои нав ва масъалаҳои нав муайян карда шуданд.

Ҳар як таҳқиқоти истилоҳотӣ ҷамъоварӣ ва коркарди миқдори зиёди иттилооти истилоҳотиро тақозо мекунад ва яке аз воситаҳои муассири ҳалли ин масъалаҳо ташкили пойгоҳи истилоҳот мебошад. Маълум аст, ки базаи маълумот маҷмуи маълумотест, ки бо қоидаҳои муайян ташкил карда шуда, бо принсипҳои умумӣ тавсиф карда мешавад, инчунин модели иттилоотии як мавзуи муайян нигоҳ дошта мешавад ва идора карда мешавад.

Истилоҳшиносӣ ҳамчун як соҳаи илм дар солҳои 30-юми асри XX ба вуҷуд омадааст. Таҳқиқот ва корҳои дар соҳаи истилоҳот анҷомёфта, ки 40 сол дар марҳилаи муайяни рушд қарор доштанд, аз солҳои 70-ум ба низом дароварда шуда, мақолаҳо ба табъ расидаанд [9].

Оғози истилоҳот ва илми истилоҳшиносӣ бо номи олими австриягӣ Эйген Вюстер алоқаманд аст. Ҳамин тавр, аввалин мақолаҳои Э. Вюстер оид ба истилоҳот дар солҳои 30-уми асри гузашта ба табъ расидаанд. Ӯ истилоҳотро дар чорроҳаи забоншиносӣ, мантиқ, онтология, информатика бо соҳаҳои мушаххаси дониш воҳиди луғавии махсус номид.

Аввалин Маркази истилоҳшиносӣ дар ҷаҳон соли 1930 дар шаҳри Визелбург (Австрия) таҳти роҳбарии Э. Вюстер таъсис дода шуд. Марказ лоиҳаҳои ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалиро амалӣ намуда, ба ин кор мутахассисони зиёди ҷаҳон ҷалб шудаанд. Таҳти роҳбарии Э. Вюстер соли 1951 Ташкилоти байналмилалии стандартизатсия дар назди Институти стандартҳои Австрия (Austrian Standards Institute) ташкил карда шуд.

Айни замон ин марказ фаъолияти худро дар ҳайати Архиви назарияи илмии Донишгоҳи Вена идома медиҳад.

Соли 1971 ЮНЕСКО бо мамлакатҳое, ки дар амалӣ гардондани лоиҳаи «Системаи умумиҷаҳонии иттилооти илмӣ» иштирок мекунанд, конференсия барпо намуд. Бояд гуфт, ки лоиҳаи мазкур, ки таҳти роҳбарии Э. Вюстер амалӣ гардид. Лоиҳа як системаи истилоҳоти бисёрзабона буда, вазифаи аввалиндараҷааш меъёргузории истилоҳот мебошад. Дар ҳамон сол дар назди ташкилоти муштараки ЮНЕСКО ва Институти стандартҳои Австрия Маркази байналмилалии иттилоотии истилоҳот – Инфотерм таъсис дода шуд [16].

Барои дастгирӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ дар соҳаи истилоҳот Маркази дар саросари ҷаҳон таъсис ёфта, аъзои Infoterm шабакаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ё миллӣ ва корхонаҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки ба фаъолияти меъёргузории истилоҳот машғуланд.

Инфотерм аз соли 1977 инҷониб оид ба проблемаҳои гуногуни забоншиносӣ, бахусус меъёргузории истилоҳот симпозиумҳо ташкил намуда, дар соҳаи истилоҳот лоиҳаву барномаҳои муҳимро амалӣ менамояд. Infoterm идеяи таъсиси марказҳо ва шабакаҳои истилоҳоти навро пешниҳод карда, бо мақсади интиқоли дониш ва таъмини иттилоот дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият мекунад.

Айни замон Infoterm дар самтҳои зерин фаъолият дорад:

• ҳамкорӣ дар соҳаи истилоҳот;
• сиёсати истилоҳот;
• масъалаҳои ҳуқуқӣ (вобаста ба ҳуқуқи муаллиф);
• дастрасӣ ба иттилоот ва дониш;
• стандартизатсияи истилоҳот.

Истилоҳот дар ҳама ҷанбаҳои интиқоли дониш ва муошират нақши ҳалкунанда дорад ва мумкин аст дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда шавад: *хаттӣ ва шифоҳӣ; дар муоширати ғайришифоҳӣ; ба як ё якчанд забон*. Дар замони муосир муошират на танҳо дар муносибатҳои инсон бо инсон аст, балки инчунин одам бо мошин (компютер) ва барномаҳои махсуси компютерӣ байни худ бо рамзҳои махсус муошират менамоянд, ки дар натиҷаи кору амалиёт ва равандҳои гуногун истилоҳоти нави компютерӣ пайдо мегардад. Дар даврони ҷаҳонишавӣ одамон метавонанд барои бомуваффақият муошират кардан воситаҳои зиёдеро истифода баранд. Дар айни замон сиёсати забон, маориф ва омодагии касбӣ, тарҷума ва маҳаллисозӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ (масалан, ҳуқуқи муаллиф, моликияти зеҳнӣ) ва ғайра, инчунин омилҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодие, ки ба истилоҳот зич алоқаманданд, ба назар гирифта шаванд.

Таърихи 30-солаи Infoterm чор даврароро дар бар мегирад [15].

Давраи якум солҳои - 1971-1978-ро дар бар мегирад, онро давраи «амалӣ ва барпо» меноманд. Дар ин давра Infoterm ба ҷамъоварии маълумот ва ҳуҷҷатҳои марбут ба корҳои истилоҳотӣ дар технология ва илмҳои табиатшиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ҳамчун қадами аввал, Infoterm бояд шартномаҳои аввалини худро бо созмонҳои истилоҳоти саросари ҷаҳон имзо мекард. Бояд гуфт, ки дар ин раванд маълумоте, ки дар маркази Визелбург ҷамъоварӣ шуда буд, барои Infoterm манбаи қулай ва саривақтӣ гардид ва таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷамъоварии стандартҳои истилоҳотӣ дода шуд. Дар ин давра Эйген Вюстер директори фахрии илмии Маркази Infoterm буд.

Давраи дуюм солҳои 1979-1988 дониста мешавад ва онро давраи «Фаъолияти иттилоотӣ-таблиғотӣ ба сӯйи уфуқҳои нав» меноманд. Дар ин давра ба проблемаҳои истилоҳ ва истилоҳоти рақамӣ диққати асосӣ дода шуд. Таъсиси аввалин пойгоҳи бузурги истилоҳотӣ ва идоракунии муассир ва табодули маълумот, ҳуқуқи муаллиф ва ғ., муҳокимаи масъалаҳо ба ҳамон солҳо рост меояд. Дар ин давра, Infoterm инчунин як қатор лоиҳаҳои стратегиро дар якҷоягӣ бо Комиссияи Иттиҳоди Аврупо ва дигар ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо роҳбарӣ кард.

Давраи сеюм – солҳои 1989-1996 давраи «Ташкили созмону чорабиниҳои байналмилалӣ» тавсиф карда мешавад. Дар ин давра Infoterm дар лоиҳаҳои Иттиҳоди Аврупо ширкат дошт. Бояд гуфт, ки давраи сеюми таърихи Infoterm бо бисёр конфронсу вохӯриҳои муҳим назаррас аст. Ин давра инчунин бо наздикшавии ду соҳаи фаннӣ – истилоҳот ва дониши муҳандисӣ хос аст. Аввалин ду конфронси бомуваффақият дар мавзуи «Истилоҳот ва дониши муҳандисӣ» аз ҷониби Infoterm ва Ассотсиатсияи истилоҳот ва

интиқоли дониш дар солҳои 1987 ва 1990 ташкил карда шуданд. Солҳои 1993, 1996, 1999 ва 2002, Infoterm дар якҷоягӣ бо TermNet конфронсҳо ташкил карда, маводҳои нашршударо ба тамоми созмонҳо паҳн карданд. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дониши муҳандисӣ бо истилоҳот робитаи зич дорад.

Давраи чорум солҳои 1997-2002 ва он «Роҳҳои нави ташкил ва фаъолият» ном дорад. Дар ин давра ҳадафи асосӣ таҳияи принсипҳои назариявӣ ва методологии эҷоди системаҳои тавонои иттилоотӣ мутобиқи талаботи ҷомеаи иттилоотии бисёрзабонӣ буд. Ҳамин тариқ, Infoterm тавонист бо Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои махсусгардонидашудаи он робита барқарор кунад ва ҳамзамон бо Комиссияи Аврупо ва аъзои он робитаҳои наздик дошта бошад.

Вақте ки мо дар бораи меъёргузорӣ ва стандартизатсия сухан мекунем, ҳамоно манзури мо, пеш аз ҳама, ба меъёри забони адабӣ мувофиқ ва ҳамоҳанг кардани истилоҳот ва дигар воҳидҳои забонии соҳавӣ дониста мешавад.

Бояд зикр намуд, ки Марказҳои байналмилалии меъёргузории истилоҳот поягузори марказҳои миллии меъёргузории ҳар як давлат ба шумор мераванд, зеро дар ҳама забонҳо пеш аз меъёргузорӣ кардани истилоҳот хусусият ва принсипҳои меъёргузории байналмилалӣ ба назар гирифта мешавад. Аз ин лиҳоз, Infoterm, яке аз Марказҳои калонтарини меъёргузории истилоҳот ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авербух, К. Я. Общая теория термина / К. Я. Авербух. – Иваново: Иван. гос. ун-т, 2004. – 251 с.
2. Лейчик В.М. Терминоведение: предмет, методы, структура / В.М. Лейчик. Изд. 3, М.: ЛКИ, 2007, -256 с.
3. Меркель Светлана Эдуардовна. Семантико- дистрибутивная верификация терминологического знака, Волгоград, 2001.
1. Мусоямов, З.М. Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков): дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / З. М. Мусоямов. – Душанбе, - 2017. – 203 с.
4. Навборӣ Р. Ҳ. Чӣ бояд кард / Р. Ҳ. Навборӣ. Овози тоҷик, 30 январи 1930. -№24 (453).
2. Назарзода, С. Истилоҳшиносӣ ва таҳияи усулҳои истилоҳсозӣ / С.Назарзода. “Забон ва истилоҳот (Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ” 2022. -№1 (1).
5. Новодранова В. Ф. Когнитивные науки и терминология / В. Ф. Новодранова // Традиционные проблемы языкознания в свете новых парадигм знания. (Материалы Круглого стола, апрель 2000 г.). - М.: Ин-т языкознания РАН, 2000. - С. 89 - 93.
6. Новодранова, В. Ф. Новые подходы к определению основных понятий терминоведения / В. Ф. Новодранова // Новая Россия: новые явления в языке и в науке о языке: Мат-лы Всерос. науч. конф., 14-16 апреля 2005 г., Екатеринбург, Россия. - Екатеринбург: Изд-во Урал. Ун-та, 2005. - С. 218-223.
7. Пираҳмад Нуров. Истилоҳшиносӣ (воситаи илмии таълимӣ) / П. Нуров. -Душанбе, 2018, -133 с.
8. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ (тартибдиҳанда Я.И. Калонтаров). -Душанбе, 1971. -62 с.
9. Теория термина: комплексно-вариологический подход, www.bankrabot.com
10. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. -Ҷ.2. – 950 с.
11. Auger, P. La terminologie au Quebec et dans le monde, de la naissance Ý la maturitf' / P. Auger // Actes du sixième colloque OLF-STQ de terminologie. L’ère nouvelle de la terminologie. – Quebec: Gouvernement du Quíbec, 1988. – P. 27-59.
12. Auger, Pierre. 1984. “La Commission de terminologie de l’Office de la langue française et la normalisation terminologique”. Terminogramme. 263. -P. 26–7. 9–12.
3. Cabré M. T. La terminologie. Théorie, méthode et applications. Les presses de r Université d^Ottawa, 1998. - 322 p.
13. Danzin. Strategic Planning Study Group: Towards a European Language Infrastructure, Why terminology?, 1992, http://www.computing.surrey.ac.uk/ai/pointer/report/sectio n1.html.
14. Guespin, Louis & Foued Laroussi. 1989. “Glotto-politique et standardisation terminologique”. La Banque des mots, special issue. -157 p. 5–21.
15. Thirty Years of Infoterm, 2004, -20pp. http://www.infoterm.info/pdf/about_us/30_years_infoterm. Pdf
16. [Манбаи электронӣ] www.infoterm.info
17. [Манбаи электронӣ] www.iso.org

МЕЪЁРГУЗОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МИСОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола муаллиф паҳлуҳои меъёргузории истилоҳоти технологияи иттилоотиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф аввалин таҳқиқот марбут ба истилоҳот ва илми истилоҳшиносиро бо номи олими австриягӣ Эйген Вюстер алоқаманд намуда, таҳқиқоти олими мазкурро оид ба марҳилаҳои омӯзиши меъёргузории истилоҳот зери назар гирифтааст. Аввалин мақолаҳои Э. Вюстер оид ба истилоҳот дар солҳои 30-уми асри гузашта ба табъ расидаро таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин, мақола фарогири таҳлили созмонҳои байналмилалие мебошад, ки дар меъёргузории истилоҳот дар сатҳи байналмилалӣ масъул ва пешсаф мебошанд. Дар вақтҳои охир як қатор истилоҳоти нави технологияи иттилоотиро дар самтҳои гуногун дучор омадан мумкин аст, ки бештари онҳо аз нигоҳи маърифатӣ дар тафаккури илмӣ таҳқиқ карда мешаванд.

Истилоҳшиносиро метавон чун илми сохтани луғатҳои махсуси лексикӣ пазируфт, зеро баъд аз зина ба зина аз марҳилаҳои меъёргузорӣ гузаштан, истилоҳшиносон фарҳангҳои лексикаи махсусро ба табъ мерасонанд, яъне натиҷаи кори таҳқиқот фарҳангҳои истилоҳоти гуногуни соҳавиро тартиб додан аст. Дар рафти тартиб додани луғатҳои махсус як қатор масъалаҳое, ки истилоҳшиносон омӯхтаанд, дар амал ба миён омадаанд ва ҳалли ин масъалаҳо ба усулҳои сохтани луғатномаҳо таъсир мерасонад. Дар раванди таснифоти марҳилаҳои меъёргузории истилоҳот, дар мақола инчунин метавон таҳлили мисолҳоро бо истилоҳоти технологияи иттилоотӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ вохӯрд. Дар умум муаллиф меъёргузории истилоҳотро як раванди мураккаб шумурда, роҳу воситаи батартибдарории онҳоро бо як қатор амалиётҳо тасниф намудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳшиносӣ, муқоиса, иқтибос, истилоҳ, меъёргузорӣ, батартибдарорӣ, технологияи иттилоотӣ, лексика, ҳамгунасозӣ, раванд, илмӣ-техникӣ.

СТАНДАРТИЗАЦИЯ ТЕРМИНОВ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье автором исследована стандартизация терминов информационных технологий. Первые исследования по терминологии и терминологической науке автор связал с именем австрийского учёного Эйгена Вюстера и рассмотрел работы этого учёного по изучению стандартизации терминологии. Он исследовал первые статьи Э. Вустера по терминологии, вышедшие в свет в 30-х годах прошлого века. Также в статью включен анализ международных организаций, которые являются ответственными в стандартизации условий на международном уровне. В последнее время можно встретить ряд новых терминов информационных технологий в различных областях, большинство из которых исследуются с когнитивной точки зрения. Терминологию можно считать как наукой о создании специальных лексических словарей, поскольку, пройдя все этапы стандартизации, терминологи публикуют специальные сборники лексических терминов, то есть результатом исследовательской работы является компиляция культур разных предметных терминов. При составлении специальных словарей возник ряд проблем, решение которых коснулось методов создания словарей. В процессе классификации этапов стандартизации терминов в статье также можно найти анализ примеров терминов информационных технологий на английском и таджикском языках. В целом автор считает стандартизацию терминов сложным процессом и классифицирует способы и средства их стандартизации с помощью ряда операций.

Ключевые слова: терминоведение, сопоставление, заимствование, термин, стандартизация, упорядочение, информационные технологии, лексика, унификация, процесс, научно-технический.

STANDARDIZATION OF INFORMATION TECHNOLOGY TERMS ON THE EXAMPLE OF TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The author studies the standardization of information technology terms in this article. The author associated the first research on terminology and terminological science with the name of the Austrian scholar Eigen Wüster and studied the research of this scholar at the stages of studying the standardization of terminology. He studied the first articles by E. Wooster on terminology, published in the 30s of the last century. The article also includes an analysis of international organizations that are responsible and leaders in standardizing conditions at the international level. Recently, one can come across a number of new information technology terms in various fields, most of which are studied from a cognitive point of view in scientific thinking. Terminology can be accepted as the science of creating special lexical dictionaries, since, having gone through the stages of standardization step by step, terminologists publish special lexical cultures, that is, the result of research work is a compilation of cultures of different subject terms. When compiling special dictionaries, a number of problems arose, the solution of which affected the methods of creating dictionaries. In the process of classifying the stages of standardization of terms, the article also contains an analysis of examples with information technology terms in English and Tajik. In general, the author considers the standardization of terms to be a complex process and classifies the methods and means of their standardization by a number of operations.

Keywords: terminology, comparison, borrowing, term, standardization, ordering, information technology, vocabulary, unification, process, scientific and technical.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, н.и.ф., дотсент, декани факултети забони англисӣ. **Суроға:** 734013, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com**
Тел.: **(+992) 918-89-51-22**

Сведения об автор: ***Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзаде, к.ф.н., доцент, декан факультета английского языка. **Адрес:** 734013, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул.Мухаммадиева 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com**
Тел.: **(+992) 918-89-51-22**

Information about author: ***Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Dean of English faculty. **Address:** 734013, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhamadiev Str., 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com**
Phone: **(+992) 918-89-51-22**

ТДУ: 415.4

ТАФОВУТИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИДИОМАТИКӢ АЗ ГУРӮҲҲОИ ДИГАРИ СЕМАНТИКӢ

Зоғакова Г.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қисмати аввалу асосии гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологиро идиомаҳо ташкил додаанд. Идиома аз калимаи юунонии idioma «ибораи махсус» гирифта шуда [1, с. 29], воҳидҳои рехтаву устувори забонро ифода мекунад. Он аз бобати ифодаи маънои умумӣ ба ҳиссаҳои хурд - хурд ҷудо намешавад. Маънои бутуни идиомаҳо аз маъноӣ ҷамъулҷамъи маънои маҷозии калимаҳои таркибиашон бармеояд. Онҳо ба мисли воҳидҳои дигар масолеҳи тайёри забон буда, ба дигар забонҳо айнан тарҷума намешаванд. Таърихи дуру дарози амалкардро тай карда, суфтаву рехта шудаанд, дар онҳо зиндагӣ, табиат, руҳия, кайфият ва урфу одати халқамон инъикос ёфтаанд. Масалан, воҳидҳои идиоматикии **дами корди касе гашт** ба маънои «бетаъсир гаштани сухани касе», **ҷигарҳо об шуд** «азият додан, сӯзондан, дилхун кардан», **захми чашм** «зарар, зиён», **ба сари касе об рехтан** «касеро нобуд кардан», **аз шодӣ қад – қад паридан** «зиёд хурсанд шудан» далели ин гуфтаҳо буда метавонад:

Дар ин мунозира ҳам **дами корди Шокир гашт**, суханро аз болои «ӯлпон» бардошта ба болои «ҳуррият» бурд... [8, с. 236]. ... нолаи найи чӯпонӣ мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда дилҳоро мехарошид, **ҷигарҳоро об мекард** ва баданҳоро меларзонид [8, с. 130]. ... лекин ба давлати он кас **захми чашм расида**, мо аз ёрмандии он кас ҳам маҳрум мондем [11, с. 303]. ... пиндошт, ки акнун **ба сари** ҳамаи норозиён **об рехтам**, баъд аз ин осуда ҳукмронӣ ва комронӣ хоҳам кард [11, с. 208]. Падарам бо шунидани ин сухани тағоиям **аз шодӣ гӯё қад – қад мепарид**... [12, с. 71].

Аломати асосии воҳидҳои идиоматикӣ ин мисли дигар воҳидҳои фразеологӣ таркибу сохти устувор ва ифодаи маънои яклухти онҳо мебошад. Маънои умумии воҳидҳои идиоматикӣ, аз мазмуни ҷузъҳои алоҳидаашон ба вуҷуд наомада, аз маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам пайвасту устувори онҳо сар мезанад. Мо наметавонем, ки ҷойи ҷузъҳои воҳидҳои идиоматикиро мисли ибораҳои озод иваз намоем, ё ин ки ба таркиби он калимаи дигареро ҷой диҳем. Дар сурати ба таркиби онҳо ворид сохтани тағйирот тамоми ифода маънои маҷозии худро гум мекунанд, онҳо аксаран рехтагии худро аз даст дода ба ибораи озоди синтаксисӣ мубаддал мегарданд. Инро низ бояд қайд намуд, ки ҳарчанд воҳидҳои идиоматикӣ низ дар қолаби таркиб, ибора ва ҷумлаҳо таҳрезӣ шудаанд, ҷузъҳои онҳо ба мисли воҳидҳои озоди синтаксисӣ яке эзоҳшаванда ва дигаре эзоҳдиҳанда шуда наметавонанд, зеро рехтагии маъно ва сохтор дар онҳо ин муносибатро пурра даррабудааст. Масалан, дар идиомаҳои **аз забонҳо афтодан** «ба фаромӯшӣ рафтан», **оре, бале гуфта гаштан** «замонасозӣ кардан», **пойи касе налангидааст** «дар коре тақсир накардан», **ҷой гарм кардан** «муқимӣ шудан», **рӯфта чида бурдан** «ғорат кардан» инро баръало мушоҳида кардан мумкин аст:

Номи аслии он шахс **аз забонҳо афтода** дар байни мардум бо унвони «Қорӣ-Ишкамба» шуҳрат ёфтааст [9, с. 12]. Балки барои ин даромадаам, ки то вазидани боде аз тарафе **оре, бале, гуфта гардам** [8, с. 324]. – То ҳол, дар роҳи куштани камбағалон, бо зану бачагонашон **пойи мо ҳеҷ налангидааст** [С. Айнӣ. Ятим, 251]. ... ба ҷое, ки қадам монем, пеш аз он ки **ҷо гарм кунем**, ба ҳукумат хабар мерасонанд [11, с. 370]. ... мо як зимистони озод ҳезумкашӣ карда будем, **рӯфта чида бурданд**... [8, с. 332].

Дигар аз нишонаҳои муҳимтарини идиомаҳо ин аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба маънои аслӣ омада наметавонанд. Онҳо дар заминаи образҳои гуногун ба вуҷуд меоянд ва бо обуранги такрорнашавандаи худ воҳиди фардии забонро ташкил медиҳанд. Образнокӣ аз унсурҳои муҳимтарини мундариҷаи идиомаҳо ба ҳисоб рафта, роҳи аз ҳама сермаҳсули тавлиди маънои фразеологӣ ба шумор меравад. Ин ҳолат дар воҳидҳои идиоматикӣ як ҳодисаи маъмулӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он воҳидҳои идиоматикӣ аз маънои луғавии худ дур шуда, образҳои гуногунро соҳиб мегарданд. Масалан, воҳидҳои идиоматикии **пешонаи касе кушода нашуд** «аз қаҳр нафаромадан», **даҳони касеро ширин кардан** «ваъдаҳои дурӯғ

додан», **нони касеро ҳалол кардан** «аз таги дил хизмат кардан», **гардам аз сарат** «қурбонат шавам», **сар бардоштан** «муқобил шудан» дорои чунин хусусият мебошанд:

Падарам аз ҷояш хеста нишаста ба чойнӯшӣ ва нонхӯрӣ даромад ва ҳоло ҳам **пешонааш кушода намешуд** [12, с. 68]. – Ҳоло ҳукуматҳо **даҳони моёнро ширин карда истодаанд**, кӣ медонад, ки фардо чиҳо хоҳанд кард [8, с. 321]. ... лекин агар **нони хӯҷаинро ҳалол карда кор мекунам** гӯйӣ, то пешин тамом мешавад... [11, с. 22]. Ин аберааш, **гардам аз саратон**, – гуфт Қорӣ дар ҳолате, ки даҳонаш пури ош буда ва суханаш ба зӯр фаҳмида мешуд [9, с. 47]. ... оммаи аҳолӣ ба тангӣ афтода, бо даъвати Шарик бинни Шайх бар зидди тороҷгарон **сар бардошт** [С. Айнӣ. Исёни Муқанаъ, 115].

Маънои маҷозии воҳидҳои идиоматикӣ дар заминаи санъатҳои гуногуни тасвири бадеӣ ба вуҷуд омада, мундариҷаи онҳоро ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш мегардонанд. Дар таркиби онҳо санъатҳои ташбеҳ, истиора, маҷози мурсал, муболиға, киноя, тазод, рамз ва амсоли инҳо дида мешавад. Истифодаи фаровони санъатҳои бадеӣ дар сохтори воҳидҳои идиоматикӣ аз хусусиятҳои фарқунандаи онҳо аз гурӯҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, воҳидҳои идиоматикии **монанди барги бед ларзидан** «тарсидан», **гургони дупо** «қаллобон», **панҷа андохтан** «сар ба сар шудан», **иштиҳои кӯршуда бедор шуд** «ба иштиҳо омадан», **дуди касе баромадан** «зиён дидан», **дӯғи ҷое баланд будан** киноя аз «калонгарӣ кардан, назарногирӣ кардан», **хоҳам-нахоҳам** «бе майл, бо дили нохоҳам», **Худо бахти касеро сафед кунад** изҳори «орзӯи нек» дар асоси санъатҳои мухталифи бадеӣ ба вуҷуд омадаанд:

Дишаб аз садои милтиқ **монанди барги бед меларзиданд** [8, с. 401]. Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро **гургони дупо** рабудаанд, – гуфтанд [11, с. 84]. … зеро дар ин сурат мардум мегуфтанд, ки ҳаргиз ба Арбоб **панҷа андохтан** дуруст нест [7, с. 305]. Дар пеши чашмам сесад ман барин орду гандум сӯхта хокистар шуд, ки **дудҳом баромад** [11, с. 205]. – Ӯ, **дӯғи ин ҷудо баланд**-ку, – гуфт амлокдор ба Ӯрмон-Полвон аспашро боздоронда ба сари Сафар омад… [8, с. 163]. Ноиб **хоҳам-нахоҳам** аз Тӯрамурод пурсид… [9, с. 125].

Дигар аз аломатҳои воҳидҳои идиоматикӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳоро ба дигар забонҳо айнан тарҷума кардан мумкин нест. Воҳидҳои идиоматикии дар заминаи образҳои гуногун ба вуҷудомада, имкони ба дигар забонҳо айнан тарҷума шуданро надоранд. Ҳангоми тарҷумаи чунин воҳидҳо мутарҷимро лозим меояд, ки тамоми хусусиятҳои воҳидҳои идиоматикиро ба назар гирифта, дар забони дигар муодили ҳамвазну ҳаммазмуни онҳоро истифода барад. Дар сурате ки ин ҳама хусусиятҳои онҳо ба назар гирифта нашуда, айнан тарҷума карда шаванд, ба маънои идиоматикиашон халал ворид шуда, дар натиҷа ҳамчун идиома ботил мегарданд. Масалан, идиомаҳои **ҳалқи худро хушкондан** «азоб додан», **дасти касе ба ҷое намерасид** «ҳоким будан», **сари худро гирифта рафтан** «тарки ватан кардан», **девори похса барин беҳис будан** «кундзеҳн, нофаҳм будан» аз қабили чунин воҳидҳои идиоматикие мебошанд, ки ба дигар забонҳо айнан тарҷума кардан мумкин нест:

– бо вуҷуди ин ки ҳамин қадар меҳнат карда **ҳалқи худамонро хушконида** ҳамаашро ба хӯҷаин месупорем... [8, с. 229]. ... аммо Одина дар он ҷой набуд, ки **дасти** ҳокимони Қаротегин ба он ҷо **бирасад** [7, с. 205]. – Тадбир ин аст, ки ман имшаб **сари худро** гирифта **аз ин диёр** меравам... [7, с. 200]. Аммо ӯ дар омӯхтани дарс **як девори похса барин** тамоман **беҳис буд**… [12, с. 62].

Нишонаҳои дигари воҳидҳои идиоматикӣ ин рангубор ва махсусияти миллии тоҷикӣ, урфу одат, расму русум ва унсурҳои дигари ба халқи тоҷик мансуб аст, ки дар онҳо инъикос ёфтаанд. Манбаи асосии пайдоиши воҳидҳои идиоматикӣ забони зиндаи халқ буда, дар ҳар як воҳиди идиоматикии он ягон ҷиҳати анъанаҳои қадимаи халқи тоҷик нуҳуфтааст. Чунончи дар мисолҳои зайл:

Закоти чизеро гирифтан. Маънои этимологӣ-ибтидоии (аслии) ин ибора яке аз ҷузъҳои шариати дини Ислом аст: Барои фарди мусалмон фарз аст, ки бояд аз моли худ ҳар вақте барои камбағалону бечорагон закот бидиҳад. Дар заминаи маънои воқеии ин ибора маънои идиоматикии «ғорат кардан, аз моли касе ба андозаи муайян гирифтан» ба вуҷуд омадааст:

... магар аз кӯча гӯсфанд гузашта истодааст, агар **закоташро гирифта тонем** (тавонем), гӯштбирён ҳам мешавад, сихкабоб ҳам [11, с. 87].

Кишт хӯрдан. Кишт – истилоҳи шатранҷбозӣ аст, ки дона рондан ба муқобили «шоҳ»-

ро ифода мекунад, аммо дар истилоҳи омма **кишт хӯрдан** киноя «аз таъқиб дидани касе аст аз тарафи касе, ё аз тарафи ҳукумат»:

Ҳар вақт, ки ман дар туман ягон **кишт хӯрам**, ба Бухоро гурехта рафта дар ҳуҷраи ҳамин Маҳмудараб пинҳон шуда мехобидам [С. Айнӣ. Ҷаллодони Бухоро, 227].

Тунди халахӯр – ин ибора дар асл дар ҳаққи маркабе кор фармуда шудааст, ки агар чӯбро бинад, меҷаҳад, лекин баъд аз савор шуда ба роҳ даромадан, ҳарчанд хала кунанд ҳам, роҳ намеравад. Ҳамчун воҳиди идиоматикӣ дар ҳаққи одаме гуфта мешавад, ки агар гап занед, оташин мешавад, ҳаргиз гапро намебардорад, аммо ба сад бор гуфтан ҳам вазифаи худро иҷро намекунад:

Аробакаш дидааст, ки бо ин **тунди халахӯрҳои** якраҳа баҳсу ҷавоб карда нишастан бефоида аст… [12, с. 367].

Хулоса, воҳидҳои идиоматикӣ гурӯҳи аз ҳама муъҷазу пуробуранг ва муассири воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, таркибан рехтаву устувор буда, ба ҳиссаҳои маъноӣ ҷудо намешаванд. Онҳо ба образнокии баланд, рангубори миллӣ, оҳангҳои мухталифи баҳодиҳӣ соҳибанд.

А). Фраземаҳо

Гурӯҳи дувуми маъноии воҳидҳои фразеологиро фраземаҳо номидаанд [1, с. 32]. Фраземаҳо аз калимаи юнонии **Phrasis**- ифода, **ema** - воҳиди сохтории забон [1, с. 32] гирифта шуда, дар таснифоти маъноии фразеологӣ таркиб, ибора ва ҷумлаҳои қисман маҷозиро ташкил медиҳанд. Дар ин гурӯҳи маъноии воҳидҳои фразеологӣ низ нишонаҳои асосии фразеологӣ таҷассум ёфтаанд, вале нишонаҳои хосси идиоматикиро онҳо пурра инъикос намекунанд. Фраземаҳо, ҳарчанд ки аз ҷиҳати мундариҷаи маъноӣ ва сохту таркиб ба идиомаҳо як андоза монанданд, аз бобати ифодаи образ дар зинаи идиомаҳо буда наметавонанд, зеро дар идиомаҳо ҳатто ягон калимаи таркибии онҳо ба маънои аслӣ намеоянд. Тасдиқи ин гуфтаҳоро дар идиомаҳои **ба рӯй ниқоб кашидан** ба маънои «фиреб додан», **даст дар бағал андохтан** «бетарафона, бемасъулиятона», ки дар матнҳои поён ба кор рафтаанд, муқаррар кардан мумкин аст:

... То ҳол **ба рӯяш ниқоб кашида** худро тарафдори Ҳукумати Советӣ нишон медодааст [С. Айнӣ. Ятим, 298]. Дар муқобили ин ташаббуси хоинонаи бойҳои гурезаи қишлоқ, Рӯзимурод **дастонашро ба бағал андохта дам нанишаст**... [С. Айнӣ. Ятим, 294].

Ягон ҷузъи дохилии идиомаҳои мутазаккир маънои аслии худро ифода накардаанд, аммо дар фраземаҳо вазъи ҳол дигар аст. Дар ин гурӯҳи маъноӣ низ муъҷазбаёнӣ, образнокии мазмун дида мешавад, лекин ба дараҷаи идиомаҳо нестанд. Ҳамин хусусияти фраземаҳоро ба инобат гирифта, онҳоро ибораҳои қисман идиоматикӣ, ё қисман маҷозӣ низ гуфтаанд. Ҳарчанд ки воҳидҳои фраземавӣ низ дар асоси маҷози ҷузъҳои ҷудогонаи таркибӣ ташкил ёбанд ҳам, обуранг, ифодаи эҳсосот ва майлҳои иродавӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои онҳо як хел нест. Як гурӯҳ воҳидҳои фраземавӣ чун воҳидҳои муқаррарӣ муътадил истеъмол меёбанд. Чунин фраземаҳо ҳарчанд рехтаву устуворанд, образнокӣ дар онҳо то як андоза паст буда, рангу бори бадеиашон нисбатан суст аст. Масалан, дар фраземаҳои **хабари пухта** «хабарҳои асоснок», **муомилаи гарм** «муомилаи бомеҳр», **хаёлҳои ширин** «орзуҳои хуб», **ҷавобҳои талх** «суханҳои бад», **хатти хушк** «ҳуҷҷати беҳуда» яке аз ҷузъҳои таркибӣ ба маънои ибтидоии худ омадааст:

Аз рӯи **хабарҳои пухтае**, ки ман шунидам аз ин кор ятими худаш – Ашур ҳам, хабардор будааст [12, с. 221]. Қумрибибӣ, пас аз он ки аз шавҳараш **муомилаи гарме надид,** боз пас ба таги дарвоза баромад [8, с. 39]. Ёдгор ин гуна **хаёлҳои ширин** мекард [С. Айнӣ. Дохунда, 40]. Касе, ки дар вақти дастгир шудани Ёдгор ба суханҳои оташноки заҳрдор ба ясавул **ҷавобҳои талх** дод, ... падари Гулнор – Рустам буд [11, с. 29]. ... ин ҷо мулку асбоб надорад ва дилбастагии дигар ҳам надорад, агар баъд аз сари падараш гурехта равад, аз **хати хушк** ба ман чӣ ҳосил? [12, с. 101].

Фарқи дигари фраземаҳо аз дигар гурӯҳҳои маъноӣ дар тарзи махсуси ташаккули маънои яклухташон ифода ёфтааст «Агар маънои бутуни ифодаҳои идиоматикӣ дар натиҷаи тағйирёбии кулли ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд ояд, пас мундариҷаи яклухти фразема дар заминаи маҳдудшавӣ, дигар шудан, тағйирёбӣ, вобаста шуда мондани маъно ва ё доираи истеъмоли як ё якчанд ҷузъи таркибӣ сурат меёбад» [64, с.32]. Чунончи, дар фраземаҳои **дер напоидан** «зиёд давом накардан», **афсӯс хӯрдан** «пушаймон шудан, надомат

кардан», **унсу улфат** «дӯст, мӯнис», **шаттаву шалоқ хӯрдан** «уқубат дидан» ва мисолҳои ба инҳо монанд калимаҳои **поидан, хӯрдан**, **улфат, шалоқ** аз ҷиҳати ифодаи маъно ва истеъмол маҳдуд мебошанд. Маънову мавридҳои истеъмоли овардашудаи онҳо ҳолатҳои дигари зоҳиршавӣ надоранд:

Ин орзуҳо ва ин умедҳо бисёр **дер напоиданд** [11, с. 164]. Ҳасан барои зада натавонистани он мурғи шум **афсӯс хӯрда,** ба тарафи парандаи парвозкардарафта нигоҳ мекард [8, с. 26]. ... дар он ҷо бо одамиёни паризод вохӯранд ва ба онҳо шинос шаванд, **унсу улфат** бигиранд [11, с. 107]. Онҳо баъд аз даҳ сол **шаттаву шалоқ хӯрдан**, кӯрсавод шуда мебаромаданд [11, с. 392].

Мо наметавонем фраземаҳоро воҳидҳои фразеологии ниҳоят рехтаву устуворшуда бишморем, зеро яке аз ҷузъҳои онҳо ба тағйирот дучор меоянд. онҳо ба қоидаҳои грамматикии забон мувофиқат карда, алоқаи ҷузъҳои таркибии онҳо аз ибораҳои озоди синтаксисӣ кам фарқ мекунанд. Сабаб ҳамин аст, ки ҷузъи маҳдуди таркиби фразема гоҳо ба тағйирот дучор меояд, яъне ба синонимҳои луғавии худ иваз карда мешавад ва дар натиҷа вариантҳои фразема ба вуҷуд меоянд. Ивазшавии ҷузъи чунин воҳидҳои фраземавӣ дар бисёр мавридҳо ба маънои онҳо халал ворид намесозад ва баръакс ҳолатҳое ба назар мерасад, ки тобишҳои услубӣ дар ин қабил воҳидҳои фраземавӣ пурқувваттар баён ёфтаанд. Масалан, дар фраземаҳои **қасам хӯрдан**, **савганд хӯрдан** «аҳд бастан»**, суханҳои талх, гапҳои талх** «ба маънои носазо дашном», **меҳнати сиёҳ, меҳнати сахт** «азоб, уқубат», **афту андом**, **афту башара** «симо, сурат, намуд» ин хосиятҳоро зоҳир намудан мумкин аст:

Касе, ки дар вақти дастгир шудани Ёдгор бо **суханҳои талх** ба ясавул ҷавобҳои талх дод... падари Гулнор – Рустам буд [11, с. 19]. Маҷбур буданд, ки **гапҳои талхи** захрдори Аҳмадро ба ҷойи ҳалво дам назада фурӯ баранд [11, с. 70]. ... балки **меҳнати сиёҳе,** ки нимсер – нимгурусна карда омадем, риши моро сафед кардааст [С. Айнӣ. Одина, 231]. Фарзандони мо бесавод монда дар хурдсолӣ ба **меҳнати сахт** гирифтор оянд [7, с. 317]. Лекин ҳоло ҳам чашмамро аз **афту андоми** мактабдор, хусусан аз риши бузвори он намекандам [9, с. 23]. Ман танҳо пушти он одамро дида мондам, ба **афту башарааш** чашмам наафтид [9, с. 82].

Дар натиҷаи маҳдуд гаштани доираи истеъмоли баъзе ҷузъҳои таркибии фраземаҳо яке аз ҷузъҳои онҳо ба архаизми луғавӣ табдил меёбанд. Дар забони мо чунин фраземаҳо кам нестанд. Ин навъ фраземаҳо бештар дар байни таркибҳои ҷуфт дида мешаванд. Яке аз ҷузъҳои таркибҳои ҷуфт аз ҷиҳати ифодаи маъно маҳдуд шуда, ба архаизми луғавӣ мубаддал гаштааст. Масалан, фраземаҳои таркибии **кору кочол** «корҳои рӯзгор», **қарзу қабола** «доду гирифт», **ҷангу ҷидол** «хархаша», **каму кост** «норасоӣ», **чапу чилеб** «нофаҳмо», **гуфту гузор** «мунозира», ки дар дохилашон калимаҳои таърихан маҳдуд шудаи **кочол** «ба маъноӣ кочор, ки олот ва заруриёти хона аст ва инчунин ба маънои матоъ ва асбоб ҳам меояд» [2, с. 341], **қабола** «санаде, ки аз рӯйи он чизеро ба зимма мегиранд; васиқа; хати никоҳ, иҷозатномае, ки аз тарафи маҳкамаи шаръӣ дода мешавад» [5, с.166], **ҷидол** «низоъ, ҷанҷол, ҷанг, ҳарб, задухӯрд» [5, с. 143], **кост** «асоси замони гузаштаи феъли костан; костан-камӣ» [5, с. 566], **гузор** «гузориш, убур, гузаштан; роҳи гузариш, гузаргоҳ; бур(р)иш, бурида гузаштан, бурроӣ» [5, с. 279-280] дида мешаванд, аз қабили чунин фраземаҳо мебошанд:

Бошандагони дарае, ки шумо дар фасли аввал тамошояш кардаед, ҳамагӣ ба **кору кочоли** худ сокул буданд [С. Айнӣ. Дохунда, 6]. Ба худат маълум аст, ки ман як одами бозориям, баззозӣ дорам, **қарзу қабола** дорам, доду муомила дорам ... [11, с. 68]. Сабаб ин буд, ки чанд гоҳ боз тарки диёр карданро муқаррар карда, бо зани худ **гуфту гузор** ва **ҷангу ҷидол** дошт [11, с. 73] ... тариқи сарфу харҷашро аз дигарон бой беҳтар медонанд ва **каму косташро** ҳам аз худ ҳамроҳ мекарданд... [7, с. 78]. ... ба сари ду гулдастааш ду мундиро бо ранги сиёҳ **чапу чилеб** нақш карда ниҳода буданд [8, с. 83].

Ҳамин тариқа, воҳидҳои фраземавӣ аз ҷиҳати сохтор таркибан рехтаву устувор, аз ҷиҳати ифодаи маъно ба қисмҳои маъноӣ ҷудо намешаванд, аз ҷиҳати ифодаи образ муъҷазу пуртароват ва масолеҳи тайёри забон мебошанд, аммо дар зинаи идиомаҳо буда наметавонанд, зеро онҳо воҳидҳои рехтаи қисман маҷозии забонро ташкил медиҳанд. Нишонаҳои муҳимми фарққунандаи онҳо аз дигар гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ маҳз дар ҳамин зоҳир мешавад, ки яке аз калимаҳои таркибияшон ба маънои аслии худ меояд.

Б) Фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ

Қисмати савуми таснифоти маъноиро воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ташкил мекунанд, ки бо хусусияти ба худ хоссашон, аз дигар қисматҳои маъноӣ фарқ карда меистанд. Ифодаҳои устуворе, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маъноҳои луғавии калимаҳои таркибиашон ба вуҷуд меоянд, фразеологизмҳои ғайриидиоматикиро ташкил медиҳанд [1, с. 35]. Масалан, **рӯ ба рӯ** «муқобил», **шабу рӯз** «муддати 24 соат», **гавак кашидан** «бо шикам роҳ рафтан», **сиҳат, саломат** «тандурустӣ», **ҷор андохтан** «хабар расонидан», **душманони синфӣ** «душманони меҳнаткашон» ва ба монанди инҳо ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд:

Соро аз ҷояш хеста ба ояндаи аз дар даромада истодагӣ **рӯ ба рӯ** шуд… [С. Айнӣ. Ятим, 220]. ... дар зери дасти Семён Семёнович **шабу рӯз** нахобида, аз найзор ба найзор ва аз лойдон ба лойдон медавиданд… [С. Айнӣ. Ятим. 324]. Баъд аз рафтани ӯ «ин чӣ будааст?» гӯён ба тарафи дар **гавак кашида** рафта даст-даст карда дидам, ки ҳамон пули дар халта андохта дар зери сарам мондагӣ будааст [С. Айнӣ. Ҷаллодони Бухоро, 238]. Қозикалон барои беобрӯй накардани худ ба бародарзодааш чизе нагӯяд ҳам, моро **сиҳат, саломат** нахоҳад гузошт [С. Айнӣ. Ҷаллодони Бухоро, 266). … амир фармон бароварда **ҷор андохт**, ки дар кӯчаҳо одам кушта нашавад [7, с. 196]. Ба ин гунаҳкориҳои аксулинқилобии **душманони синфӣ** танҳо ҳушёрии синфи меҳнаткашон муқобила карда метавонад [11, с. 29].

Ин гурӯҳи маъноии фразеологӣ аз ҷиҳати сохт мисли фразема ва идиомаҳо рехтаву устуворанд, аз бобати маъно низ ба қисматҳои маъноӣ ҷудо намешаванд, аммо дар онҳо маҷоз, пуробурангӣ, ифодаи баҳодиҳӣ, майлҳои иродавӣ, образнокӣ дида намешаванд, аз тароват ва ҷилваҳои маъноӣ холӣ буда, танҳо ифодагари мафҳумҳои ҷудогона мебошанду бас. Масалан, **қатли ом** «куштори одамон», **моли хом** «ашё», **хати настаълиқ** «як навъи хатти форсӣ», **партияи болшевикӣ** «гурӯҳи озодихоҳ» дорои чунин хусусиятҳо мебошанд ва рехтагии онҳо дар матн бештар зоҳир мегардад:

... то расидани аскар аз Душанбе Ғармро **қатли ом** хоҳад кард [11, с. 32]. Аз мамлакати шумо **моли хом** бисёр мебарояд, қувваи корӣ–мардуми камбағал ҳам дар ин ҷо бисёр аст [8, с. 125]. Ба дарҳои ин ҳуҷраҳо лавҳаҳои хурд-хурдро бо **хати настаълиқи** ҷалӣ навишта овехтаанд [11, с. 301]. Доҳӣ ва роҳбари ғамхори меҳнаткашони дунё рафиқ Ленин дар атрофи **партияи болшевикӣ** фикрҳоро аз нуқтаи назари манфиати синфи меҳнаткашон ғун кард… [7, с. 371].

Азбаски устувории сохт ва ифодаи маънои яклухт дар ин қабил воҳидҳои фразеологӣ низ дида мешавад, бо чунин нишонаҳо воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикиро низ ба ҷумлаи воҳидҳои фразеологии забон шомил намудан мумкин аст: «Ин қабил воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ҳодисаҳои реалии ҳаёт, предмет, аломату хусусият, амалу ҳолат ва монанди инҳоро дар шакли ифодаҳои таркибӣ тасвир карда ва мафҳумро бо ду ва зиёда калимаҳои ба ҳам сахт марбут ифода кардаанд. Ин гуна мафҳумҳо дар баъзе ҳолатҳо ифодаи яккалимагии худро дошта наметавонанд» [1, с. 35]. Масалан, барои ифодаи биноҳои боҳашамат калимаҳои қаср, кох, бино, ки мафҳуми реалиро ифода мекунанд, истеъмол меёбанд. Дар баробари ин калимаҳо ибораи устувори **қасри сафед** мавҷуд аст, ки барои ифодаи хели махсуси бино истеъмол меёбад. Ифодаи **қасри сафед** номи таркибии ин мафҳум буда, ба предмет равона карда шудааст. Дар натиҷа, рехтаву устувор гашта ба воҳиди фразеологии ғайриидиоматикӣ табдил ёфтааст.

Дар онҳо алоқаҳои синтаксисӣ то андозае равшан зоҳир шаванд ҳам, ин муносибатҳо дар зери таъсири маънои яклухти тамоми фразеологизм, то андозае хира ва номаълум шудааст, яъне зоҳиран алоқаи синтаксисӣ дар онҳо боқӣ мондааст, аммо он аз таъсири пайвастаи маънои яклухт хира ва номаълум аст. Ин нишона бештар дар вақти таҳлили синтаксисии ҷузъҳои воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ равшан мегардад. Масалан, дар ифодаҳои **занбӯри асал**, **сари сина, зоғи ало**, **ситораи ҳафтдодарон** ҳиссаи дуюми онҳоро ҳамчун муайянкунандаи ҳиссаи аввал ба ҳисоб гирифтан мумкин нест, зеро ки ин муносибати байни ҷузъҳои онҳо даркнашаванда аст:

… **сари синаи** худро ба остонаи даҳлез ниҳода, ин ҳолро аз назараш мегузаронид [8, с. 253]. Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд, танҳо **зоғҳои ало** гурӯҳ- гурӯҳ шуда барфбозӣ карда

мегаштанд… [9, с. 71]. Монанди **ситораи ҳафтдодарони** осмон – гуфта он бандии нав… [8, с. 317].

Ҳарчанд ки дар воҳидҳои идиоматикӣ образнокӣ, баҳодиҳӣ, муассирӣ ифода нашудаанд, онҳо таркибан устувору рехта мебошанд. Масалан, ба ҷойи **ҳамшираи шафқат** ифодаи одии **хоҳари шафқатро** ба кор бурдан мумкин нест**.** Гарчанде ки калимаҳои **ҳамшира** ва **хоҳар** бо якдигар синониманд, онҳо дар ин маврид ҷойи ҳамдигарро иваз кардан наметавонанд:

Аз занон ва духтарон **ҳамширагони шафқат** тайёр кард… [8, с. 269].

Дигар аз хусусияти муҳимми воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ҳамин аст, ки онҳо хосси ин ё он давру замон мебошанд, яъне онҳо дар як давраи муайян ба вуҷуд меоянд ва ба кор бурда мешаванд, бо дигар шудани давру замон онҳо низ аз истеъмол мебароянд ва ҷойи онҳоро дигар воҳидҳои ғайриидиоматикӣ мегиранд. Чунончи, ҳангоми мутолиаи асарҳои устод С. Айнӣ бо ду гурӯҳ воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие вомехӯрем, ки имрӯз онҳо аз истеъмол баромадаанд:

Гурӯҳи аввали ин гуна воҳидҳоро воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие ташкил медиҳанд, ки дар даврони амирӣ мавриди истеъмоли омма қарор гирифта буданд ва бо омадани Инқилоб ҷойи худро ба дигар воҳидҳои ғайриидиоматикӣ доданд. Масалан, фразеологизмҳои ғайриидиоматикии **дастаки молият** «рӯйхати молиёт», **хати ибро** «санади замин», **хати иршод** «санаде, ки бо он иҷозати таълим доданро мегиранд» аз қабили чунин воҳидҳое мебошанд, ки имрӯз аз истеъмол дур монда, ба архаизми фразеологӣ табдил ёфтаанд:

... аз подшоҳӣ чӣ қадар қарздор буданатро пас аз ҷеғ задани нарх ва баромадани **дастаки молият** дар вақти доданат мефаҳмӣ [8, с. 169]. Агар якдигаратонро ёфта оштӣ шаветон, **хати ибро** мекунем... [9, с. 88]. ... ин кас ба Ибодулло Махдуми авлоди Халифа Ҳусайн, халифаанд ва ба дасташон **хати иршод** ҳам доранд [9, с. 347].

Гурӯҳи дувуми фразеологизмҳои ғайриидиоматикии архаизмиро чунин воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие ташкил медиҳанд, ки баъди инқилоби Октябр, яъне 50-60 сол аз ин пеш ба забони тоҷикӣ ворид шуда, аз ҷумлаи ифодаҳои серистеъмоли забонамон ба шумор мерафтанд, аммо имрӯз қариб ки аз истеъмол баромадаанд ва ба гурӯҳи архаизмҳои фразеологӣ дохил шудаанд. Масалан, фразеологизмҳои ғайриидиоматикии **озодии занон, рӯзи меҳнат, муборизаи синфӣ**, **котиби ячейка, эмигрантҳои сафед, императори муаззам, чойхонаи сурх** ва монанди инҳо аз қабили чунин фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ мебошанд:

Дар деҳа **муборизаи синфӣ** сар шуда буд [8, с. 444]. **Котиби ячейка** ба сухани худ давом карда гуфт … [11, с. 399]. ... дар он ҷойҳое, ки **эмигрантҳои сафед** ҷой гирифта буданд, ягон-ягон дид... [С. Айнӣ. Ятим, 234]. Ӯ донист, ки дуоҳои ӯ дар ҳаққи **императори муаззам** беасар рафтаанд [9, с. 170]. **Чойхонаҳои сурх** аз нағмаҳои рубобу танбӯр, дутору думбак меҷӯшиданд ... [11, с. 15].

Яке аз хусусиятҳои назарраси воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки онҳо ба забонҳои дигар ба осонӣ тарҷума мешаванд: «Қисмати бузурги воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ бо усули тарҷума аз забонҳои дигар пайдо шудаанд» [64, с. 37]. Сабаби озодона тарҷума шудани фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ дар он аст, ки аз маҷозият, образнокӣ, муассирият маҳрум мебошанд: «Ибораҳои тасвирии фразеологӣ баръакси ду гурӯҳи аввал аз обуранги бадеӣ ва образнокӣ маҳруманд, баъзан ин ибораҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз забони русӣ ба тариқи калка гузаштаанд» [4, с. 35]. Чунончи, дар асарҳои устод С. Айнӣ бисёр воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ба чашм мерасад, ки аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва аз забони тоҷикӣ озод ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. Масалан, воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикии **революцсияи Бухоро**, **партизанҳои сурх**, **роҳи оҳан, инқилоби октябр**, **ташкилоти партиявӣ, аппарати ҳукумат, идораи шуроӣ** ва монанди инҳо аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд:

Баъд аз **революцсияи Бухоро** ва гурехтани амир, ӯ дар қаравулхонае, ки шавҳараш қаравулӣ мекард, посбон шуд [С. Айнӣ. Ятим, 433]. Ӯ рӯ ба рӯйи аскарони сурх ва **партизанҳои сурх** рӯйрост баромада натавонад ҳам, деҳқонони камбағали танҳо ба дасташ

афтодаро мекушт… [С. Айнӣ. Ятим, 437]. Рӯзимурод дар вақти сохтани **роҳи оҳани** Бухоро-Тирмиз аз яккамардикорӣ даст кашида, дар қатори коргарони роҳи оҳан даромад [С. Айнӣ. Ятим, 408]. Ҷавонони инқилобчии Бухоро аз **инқилоби Октябр** руҳ гирифта, хостанд, ки ҳисоби худро бо амир баробар кунанд... [8, с. 267]. Мо ба тоза кардани **ташкилоти партиявӣ**, **аппарати ҳукуматӣ** ва **идораҳои шуроӣ** даромадем [8, с. 381].

Ҳамин тариқ, ин ду гурӯҳи охири маъноии воҳидҳои фразеологӣ бо чунин нишонаҳои барҷастаи сохториву маъноияшон аз қисмати аввали онҳо – идиомаҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар ин ду гурӯҳи охир ҳам, нишонаҳои сохтори таркибӣ, аз ду ва зиёда калимаҳои мустақил иборат будан, ифодаи маънои яклухт, устувории сохту таркиби лексикӣ, набудани муносибатҳои синтаксисӣ дар байни ҷузъҳо, масолеҳи тайёри забон будан мушоҳида мешавад, вале гурӯҳи дуюм – фраземаҳо қисман, воҳидҳои ғайриидиоматикӣ бошанд, ба пуррагӣ аз нишонаҳои идиоматикӣ маҳруманд. Махсусан, дар гурӯҳи сеюми маъноӣ – фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ – маҷозият, ифодаи маънои аслии этимологӣ, духӯрагии маъно, васеъгии доираи истеъмол мушоҳида намешавад. Он ифодаҳои таркибии мафҳумҳои ҳаётӣ, илмӣ ва соҳавӣ мебошанд.

Муқарриз: ***Каримов Н.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
2. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ I. – 416 с.; Ҷ. II. – 2004. – 424 с.
3. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар забони тоҷикӣ / М. Саломов // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Диловар, 1999. – С. 68-75.
4. Турсунова, Ҳ. Оид ба параллелҳо дар фразеология ва зарбулмасалҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ (Дар асоси «Қуллар» ва Ғуломон»-и С. Айнӣ) / Ҳ.Турсунова // Армуғон. – Ҷилди 2. – Душанбе, 1971. – С.138-150.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ (дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ). – М: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ. I. – 951 с.; Ҷ. II. – 949 с.
6. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М.Фозилов. – Душанбе, 1963 – 1964. – Ҷ. 1–952 с.; Ҷилди 2. – 840 с.
7. С.Айнӣ Куллиёт. – Ҷ.1. Одина / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷ., 1958. – 346 с.
8. С. Айнӣ Куллиёт. – Ҷ.3. Ғуломон / С.Айнӣ. – Душанбе: НДТ, 1960. –620 с.
9. С.Айнӣ Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 160 с.
10. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик / С.Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1978. – 126 с.
11. С.Айнӣ Дохунда / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
12. С. Айнӣ Ёддоштҳо. Қисми 1-2 / С.Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. – 325 с.

ТАФОВУТИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИДИОМАТИКӢ АЗ ГУРӮҲҲОИ ДИГАРИ СЕМАНТИКӢ

Дар мақолаи мазкур тафовути воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ аз гурӯҳҳои дигари семантикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аломати асосии воҳидҳои идиоматикӣ ин мисли дигар воҳидҳои фразеологӣ таркибу сохти устувор ва ифодаи маънои яклухти онҳо мебошад. Маънои умумии воҳидҳои идиоматикӣ, аз мазмуни ҷузъҳои алоҳидаашон ба вуҷуд наомада, аз маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам пайвасту устувори онҳо сар мезанад. Мо наметавонем, ки ҷойи ҷузъҳои воҳидҳои идиоматикиро мисли ибораҳои озод иваз намоем, ё ин ки ба таркиби он калимаи дигареро ҷой диҳем. Дар сурати ба таркиби онҳо ворид сохтани тағйирот тамоми ифода маънои маҷозии худро гум мекунанд, онҳо аксаран рехтагии худро аз даст дода ба ибораи озоди синтаксисӣ мубаддал мегарданд. Инро низ бояд қайд намуд, ки ҳарчанд воҳидҳои идиоматикӣ низ дар қолаби таркиб, ибора ва ҷумлаҳо таҳрезӣ шудаанд, ҷузъҳои онҳо ба мисли воҳидҳои озоди синтаксисӣ яке эзоҳшаванда ва дигаре эзоҳдиҳанда шуда наметавонанд, зеро рехтагии маъно ва сохтор дар онҳо ин муносибатро пурра даррабудааст.

Калидвожаҳо: фразеология, идиома, фразема, воҳидҳои фарзеологии ғайриидиоматикӣ, маҷозият, маънои аслии этимологӣ, маънои яклухт, образнокӣ, ифодаҳои таркибӣ, қолабҳои синтаксисӣ.

ОТЛИЧИЯ ИДИОМАТИЧЕСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ ОТ ДРУГИХ СЕМАНТИЧЕСКИХ ГРУПП

В данной статье рассматриваются отличия идиоматических фразеологизмов от других семантических групп. Главной особенностью идиоматических единиц, как и других фразеологизмов, является их устойчивая структура и выражение общего смысла. Общее значение идиоматических единиц вытекает не из содержания их отдельных частей, а из совокупности их взаимосвязанных и устойчивых частей. Мы не можем заменять части идиоматических единиц, как свободные словосочетания, или вводить в их состав другого слова. Если в их состав вносятся изменения, все выражения теряют переносное значение, часто теряют свой облик и превращаются в свободные синтаксические выражения. Следует также отметить, что хотя идиоматические единицы анализируются также в форме состава, словосочетания и предложения, их части, как и свободные синтаксические единицы, не могут быть объяснены одним или объяснены другим, поскольку вливание в них смысла и структуры полностью прекращаются, разрушив эти отношения.

Ключевые слова: фразеология, идиома, фразема, неидиоматические фразеологизмы, метафора, исходное этимологическое значение, общий смысл, образность, сложные выражения, синтаксические закономерности.

DIFFERENCES OF IDIOMATIC PHRASEOLOGICAL UNITS FROM OTHER SEMANTIC GROUPS

This article discusses the differences between idiomatic phraseological units and other semantic groups. The main feature of idiomatic units, like other phraseological units, is their stable structure and expression of general meaning. The general meaning of idiomatic units follows not from the content of their individual parts, but from the totality of their interconnected and stable parts. We cannot replace parts of idiomatic units, like free phrases, or introduce another word into their composition. If changes are made to their composition, all expressions lose their figurative meaning, often lose their appearance and turn into free syntactic expressions. It should also be noted that although idiomatic units are also analyzed in the form of composition, phrase and sentence, their parts, like free syntactic units, cannot be explained by one or explained by another, since the infusion of meaning and structure into them completely stops, destroying these relationships.

Key words: phraseology, idiom, phraseme, non-idiomatic phraseological units, metaphor, original etymological meaning, general meaning, imagery, complex expressions, syntactic patterns.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зоғакова Гурдофарид Исроиловна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-420-39-39**

Сведения об авторе: ***Зоғакова Гурдофарид Исроиловна*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент, кафедра таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-420-39-39**

Information about the author: ***Zogakova Gurdofarid Isroilovna*** – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of the Tajik language and methods of teaching Tajik language and literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 93-420-39-39**

ТДУ: 491.550-56

СЕМАСИОЛОГИЯИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Қаҳҳоров Ш.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии муосир ҷанбаҳои мутааддиди муносибатҳои семантикӣ дар системаи фразеология эътинои мухтасро тақозо менамояд, биноан фразеологизмҳо аз дидгоҳи семасиология мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Бидуни таҳқиқи чунин падидаҳо, аз қибали антонимия, синонимия, вариантнокӣ, полисемия (сермаъноӣ) ва омонимия забонро ба таври куллӣ арзёбӣ кардан ва билхосса, оид ба системаи фразеологии забон ва махсусиятҳои он фикру мулоҳиза рондан ғайриимкон аст. Азбаски мавзуи тозаинтихоби мо «Гулистон», аз ин лиҳоз мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, ***мубрамии*** мақолаи ҳозирро муҷассам месозад. Бинобар ин, мо дар назди хеш вазифа гузоштем, ки ҳар яки муносибатҳои семантикии фавқуззикрро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Дар мақолаи мазкур афкору ақоиди мустаъмали мухталифи муҳаққиқон роҷеъ ба мафҳуми вариантнокии фразеологӣ дар забоншиносии муосир ва махсусан дар забоншиносии рус таҳлил ва бардошт карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар забоншиносии чи ватаниву чи хориҷӣ нуктаҳои назари басо баҳснок дар хусуси масъалаҳои вариантнокӣ ва синонимии воҳидҳои фразеологӣ мутадовил асту муҳаққиқону олимон то ғояти ҳусни тафоҳум нарасидаанд.

Гарчанде нахустин корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои вариантнокии фразеологӣ дар забоншиносии муосир дар нимаи дуюми асри XX (В.Л. Архангелский (1964), А.М. Бабкин (1970), В.М. Мокиенко (1989), Ҳ. Маҷидов (1982), Ю.П. Солодуб (1997) ва диг.) рӯйи кор омада бошад ҳам, то ба ғоят ҳалли худро наёфтааст. Дар забоншиносии муосир басо масъалаҳои мушкил, ки бисёр ҷанбаҳои мухталифи вариантнокии фразеологияро манзур медоранд, мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла таносуби устуворӣ ва таъвизи фраземаҳо, шабоҳат ва вариантнокӣ, фарқи варианту синоним дар фразеология, тағйироти расмӣ ва расмӣ-маъноӣ бидуни таъвиз дар лексикаву синтаксис ва ғайра. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки бо вуҷуди мушкил будани масъалаи вариантнокии фразеологизмҳо нисбат ба воҳидҳои лексикӣ он мубраму актуалӣ маҳсуб меёбад. Ҳар чӣ қадар сохтори воҳидҳои забонӣ мураккаб гардад, роҳу усулҳои гуногуншаклии тағйирёбии онҳо низ меафзояд.

Аксарияти олимоне, ки муштағили омӯзиши масъалаи тағйироти фразеология мебошанд, бар онанд, ки падидаи мазкур басо авис аст. Сарфи назар аз он, бархе нуқтаи назаре мутаносибан ба вариантнокии фразеология роиҷ аст ва иддае аз олимон зери ин категория ҳамбастагии намудҳои воҳидҳои фразеологиро мефаҳманд [14]. Дигаре ҳудуди вариантнокии фразеологияро ҳамчун шаклтағйирёбии грамматикии воҳидҳои луғавӣ дар ин ё он фразеологизм тавзеҳ медиҳанд [3; 4]. Ба гумони А.В. Жуков ҳини тағйироти фразеоло-гизмҳо, пеш аз ҳама, ба ҷанбаи моддӣ, овозии воҳидҳои фразеологӣ дахолат карда мешавад [5].

Консепсияи вариантнокии фавқуззикрро В.Н. Телия арзёбӣ намуда, тазаккур медиҳад, ки меъёри умумияти моддӣ (дар шакли овозӣ, ё аниқтараш дар тарҳи баён) ҳамчун муширы якпорчагии лексикӣ-семантикӣ аломати муносибу арзанда барои вариантҳои фразеология маҳсуб намеёбад, бавежа фразеологизмҳои синонимӣ низ дар таркиби луғавӣ умумият дошта метавонанд ва дар матнҳои муайян умумияти семантикиро зоҳир месозанд, ки ҳеҷ гоҳ айнияти онҳоро собит намесозад [10, с.85]. Иловатан, муаллифи ин сатрҳо ба варианти воҳидҳои фразеологӣ он таъвизи муқаррариеро марбут медонад, ки миқёси мафҳуми ифодашаванда ва хусусиятҳои лексикӣ-грамматикии онро тағйир намедиҳад. Дар ин сурат таъвизи маънои мундариҷаи мафҳум имконпазир аст, агар онҳо таносуби онро бо дигар воҳидҳо вайрон накунанд ва ҳамчунин эквиваленти синтаксисии вариантҳоро риоя кунанд. Ҳамин тавр, В.Н. Телия бардошт менамояд, ки «агар таъвизи яке аз тарҳҳои аломат боиси таъвизи дигар тарҳҳо нашавад, яъне хусусияти инвариант ва маҳз шабоҳати мутаносибии пайвастаи воҳид ва арзиши он, ҳамчунин таносуби функсияҳои маънан фарқкунандаи

ҷузъҳоро халалдор насозад, он гоҳ тағйироти воҳидҳо дар яке аз он нақша ва ё дар ҳамбастагӣ дар ҳар ду мавқеъ мегирад» [10, с.113].

Н.М. Шанский он намудҳои лексикӣ-грамматикиеро варианти идиома ном мебарад, ки аз лиҳози маъно ва тавъамияти семантикӣ шабеҳанд [12, с.55]. Олим қайд мекунад, ки сарфи назар аз тағйирёбии дақиқу муайян таркиб ва сохтори фразеологизм пайваста устувор, вале шакли дохилии он мисли қаблӣ боқӣ мемонад. Ин марди фозил вобаста ба ин чунин вариантҳои фразеологизмҳоро пешниҳод намудааст: а) фразеологизмҳое, ки ҷузъҳои мухталиф, вале маънан монанд доранд; б) фразеологизмҳое, ки ҳовии калимаҳои аз лиҳози грамматика мухталиф доранд; в) фразеологизмҳое, ки яке аз дигаре ҳамчун навъи комилу мулаххас фарқ мекунанд [12, с.57].

А.В. Кунин ба айнияти маъно, функсияи услубию синтаксисии фразеологизмҳо ишора мекунад. Олим тағйири муқаррарии таркиби ҷузъии фразеологизмҳоро қабати мобайнии байни фраземаҳои вариантӣ ва синонимӣ мешуморад ва онҳоро вариантҳои синонимӣ меномад. «Вариантҳои фразеологӣ навъҳои воҳидҳои фразеологие мебошанд, ки аз лиҳози сифат ва миқдори маъно, функсияи услубӣ ва синтаксисӣ, аз қибали тавъамият бо дигар калимаҳо шабеҳ буда, дар сурати таркиби луғавии то андозае мухталиф инварианти луғавии умумӣ доранд ё бо шакли калима ва ё таркиби калима фарқ мекунанд» [6, с.65].

Тамоюли интиқоли масъалаи вариантнокӣ ба тарҳи баёнро Ю.Ю. Авалиани мавриди таҳлил қарор додааст: «Вариантҳои фразеологӣ дар умумияти маъно сохтори образноки комилан мушобеҳ ва тобишҳои экспрессивӣ-услубӣ доранд, ки корбасти онҳоро дар матнҳои мухталиф фароҳам меорад» [1, с.172].

Тибқи ақидаи Н.Ф. Алефиренко, «вариантҳои фразеологӣ он шакливазшавии фраземаҳоро бояд ҳисобид, ки аз лиҳози маънӣ ва образи этимологӣ то андозае мушобеҳ буда, бо барҳе ҷузъҳои тарҳи баён фарқ мекунанд, ки ба онҳо вижагии мухтасси экспрессивӣ-услубиро арзонӣ медорад» [2, с.69-70]. Ба ақидаи муҳаққиқ чунин тафсири вариантнокӣ дар соҳаи фразеология барои дақиқан фарқ гузоштани байни варианту синоним мусоидат менамояд.

Масъалаи семасиологияи воҳидҳои фразеологиро дар забоншиносии тоҷик Ҳ. Маҷидов мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои полисемӣ, омонимӣ, синонимӣ, вариантнокӣ ва антонимии ин воҳидҳоро баррасӣ намудааст [8, с.48-65]. Роҷеъ ба масъалаи вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ қайд мекунад, ки вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ қолабҳои таркибан тағйирёфтаи ҳамон як фразеологизм мебошанд. Вариантҳои воҳидҳои фразеологии забон бо роҳҳои гуногун пайдо шуда, бештар дар сурати ивазшавӣ, иловашавӣ ва афтидани унсурҳои лексикиву грамматикии фразеологизм ба вуҷуд меоянд [8, с.58-59].

Тавзеҳоти фавқуззикрро қиёс карда истода, мушоҳида кардан мумкин аст, ки принсипи умумӣ оид ба имкониятҳои ихтилофи услубӣ ва экспрессивии вариантҳо дар натиҷаи таъвизи расмӣ-сохторӣ маҳсуб меёбад ва ҳамчунин тахмин кардан мумкин аст, ки шаклҳои варианти ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба ҳамдигар маълумоти иловагӣ надоранд. Аксари муҳаққиқон чунин ихтилофотро имконпазир ҳисобида, онҳоро ба тавзеҳоти вариантнокии фразеология шомил мекунанд. Куллиятан, мавҷудияти тавзеҳоти вофири вариант ва аломатҳои категории онҳо дар забоншиносӣ шаҳодат медиҳад, ки масъалаи шабоҳат ва айнияти воҳидҳои фразеологӣ, ки аз лиҳози таркиби луғавӣ фарқ мекунанд, ҳамчунин масъалаи фарқи варианту синоними воҳидҳои фразеологӣ то ба ғоят нуктаҳои мубоҳисавӣ ва ихтилофнокро дар худ дорад. Бо назардошти мавҷудияти нуктаҳои назари мухталиф роҷеъ ба масъалаи вариантнокии фразеология дар забоншиносӣ онеро диду назари андархур ҳисобидан лозим аст, ки вариантнокии воҳидҳои фразеологиро ҳамчун меъёри мазбути забонии интиқоли ин воҳидҳо, ки шабоҳати семантикии онро халалдор намесозад, баррасӣ намояд. Чунин тавзеҳи истилоҳ маънои онро дорад, ки вариантҳои фразеологӣ муштамили як қатор аломатҳо мебошанд: якпорчагии образ, шабоҳати маъно (монандии семантикӣ), мушобеҳати шакли (сохт) фразеологӣ, баромад аз як манбаъ, умумияти маънои денотативӣ (аслӣ), мутобиқати миқдори маъно, созиши функсия дар забон ва маънои категориявӣ, вифоқати (қисман ё пурра) таркиби луғавӣ дар сурати носозгорӣ бо сохтори грамматикӣ ё баръакс, умумияти шакли дохилии фразеологизм ва монандии нисбии семантикаи элементҳои тағйирёбанда, шабоҳати функсияҳои синтаксисӣ ва экспрессивӣ-услубӣ. Нишонаи барҷастае, ки варианти

фразеологиро аз синонимҳои фразеологӣ тамйиз медиҳад, якпорчагии образи воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб меёбад. Меъёри семантикӣ, бахусус умумияти маъно, ки бо умумияти таркиби луғавӣ ва якпорчагии образ тақвият меёбад, дар шабоҳат додани вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ муҳим аст. Мутобиқати маънои денотативӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки вариантҳои фразеологӣ аз лиҳози семантика комилан мусовӣ мебошанд, бо вуҷуди он ки тобишҳои мухталифи услубӣ доранд. Денотати воҳидҳои фразеологӣ мундариҷаи асосии мантиқӣ-маълумотии он мебошад. Бо вуҷуди ин, як далелеро бояд ба назар гирифт, ки идиомаҳо на танҳо воқеияти объективиро муҷассам месозанд, балки падидаи ишоратиро арзёбӣ мекунанд, маълумоти эҳсосию услубиро тақвият медиҳанд. Дар ин сурат, агар вариантҳои фразеологӣ муштамили образи ҳамсону ҳамманбаъ ва аз лиҳози мундариҷаи маъноӣ мусовӣ бошанд, он гоҳ семантикаи онҳо низ мувофиқат мекунанд. Ҳамчунин барои айният додани вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ меъёру умумияти функсияи онҳоро, ки тавъамияти мушобеҳ доранд, ба инобат гирифтан муҳим аст. Вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ ба мувофиқати функсияи онҳо дар забон ва маъноҳои категориявӣ вобаста аст. Меъёри сохтор (мушобеҳати сохтори синтаксисӣ, мунтазамии тағйироти ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ аз лиҳози аломатҳои категориявӣ-грамматикӣ) дар тавсифи вариантҳои фразеологӣ аз аҳаммият дур нест. Одатан вариантҳои фразеологӣ ба як синф (фразеологизмҳои ғайрикоммуникативӣ ё коммуникативӣ), зерсинф (номӣ, ёвар, нидоӣ ё модалӣ), гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикӣ (исмӣ, сифатӣ, феълӣ ё зарфӣ) марбутанд. Баъзан мавҷудияти лоақал як ҷузъи доимии вариантҳои фразеологизмҳо дар ҳамаи фарқҳои сохторӣ-грамматикиашон тақозо карда мешавад. Ҳамин тавр, дар забоншиносии муосири тоҷикӣ намудҳои асосии вариантҳои воҳидҳои фразеологиро Ҳ. Маҷидов дар се навъ манзур доштааст: *а) вариантҳои фонетикӣ; б) вариантҳои морфологӣ; в) вариантҳои лексикӣ* [8, с.60].

Ногуфта намонад, ки мо дар рисолаи номзадии хеш вариантнокии зарбулмасал ва мақолро мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро бо мисолҳои сареҳу возеҳ баррасӣ намудааст ва намудҳои тағйироти матни зарбулмасал ва мақолро ба чор навъ қисмат намудаем: *а) вариантҳои луғавӣ; б) грамматикӣ; в) сохторӣ; г) зарбулмасалҳои мухаффаф* [7, с.141].

Мақсад ва ҳадаф аз иншои ин мақола дар он аст, ки навъи ҷолибтарини муносибати семантикӣ дар соҳаи фразеологияи муосир - вариантнокии воҳидҳои фразеологиро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Вобаста ба ***мақсаду ҳадафи*** дар пеш гузошташуда, ки баррасӣ намудани навъҳои варианти воҳидҳои фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва мисолҳои забони англисӣ мебошад, мутааллиқ ба навъҳои фавқуззикр ва маводи муҷтамаъ чунин намудҳои навбатии воҳидҳои фразеологиро манзур доштан мумкин аст: *а) морфологӣ; б) синтаксисӣ; в) лексикӣ; г) лексикӣ-услубӣ; д) квантитативӣ.*

Типологияи мазкурро вобаста ба маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва маводи забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1) Вариантҳои морфологӣ. Тағйироти морфологӣ бештар бо маънои грамматикии ҷузъи асосӣ ба вуҷуд меояд, бинобар ин, дар воҳидҳои фразеологии номӣ тағйироти семантикии асосноки категорияи шумора мушоҳида мешавад:

- а) исмҳо шакли танҳо ва ҷамъ доранд: **«Гулистон»:** *марди роҳи Худо – мардони роҳи Худо* «порсоён» [9, с.70], *порсои рӯй дар махлуқ – порсоёни рӯй дар махлуқ* «зоҳидони аз Худо гашта» [9, с.81]; **англисӣ**: ***pot of money – pots of money*** «пули зиёд», ***to the end of the earth – to the ends of the earth*** «ба ақсои олам».

Дар воҳидҳои фразеологии феълӣ низ шумора таъвиз меёбад: **«Гулистон»:** *ба дасти дигар рафтан - ба дастҳои дигар рафтан* «ба дигар шахс гузаштан» [9, с.56]; **англисӣ**: ***to get into deep water – to get into deep waters*** «дар вазъияти ноҳинҷор мондан», ***to be laid on one's beam end – to be laid on one's beam ends*** «дар вазъияти мушкили иқтисодӣ дучор шудан», ***to catch at a straw – to catch at straws*** «аз ҳар восита истифода бурдан (дар ҳолати мушкилӣ)»;

- б) артикл истисно мешавад: «Гулистон»: *гӯшмоле додан – гӯшмол додан* «ҳақиқатан» [9, с.24], *даҳоне ширин кардан – даҳон ширин кардан* [9, с.102]; **англисӣ:** ***the big stick policy – big stick policy*** «сиёсати мудохилаи мазлима», ***to have the makings of a writer – to have the makings***

of writer «нишонаҳои истеъдоди нависандагӣ доштан», ***to be brought to a beggar-staff – to be brought to beggarstaff*** «камбағал, муфлис шудан», ***at the bottom - at bottom*** «ҳақиқатан»;

- в) артикл ба ҷонишинҳои номуайянии шахсӣ бадал мешавад: «Гулистон»: *аз сари хун даргузаштан – аз сари хуни касе даргузаштан* «ба қатл нарасонидан» [9, с.59], *даст кӯтоҳ кардан – даст аз чизе кӯтоҳ кардан* «худдорӣ кардан» [9, с.85]; **англисӣ:** ***according to the cloth – according to one's cloth*** «тибқи шароит ва имконият», ***behind the back - behind smb's back*** «аз пушти касе, дар ғайб, ғоибона»*;*

- г) пешояндҳои гуногун корбаст мешаванд: «Гулистон»: *ба сару чашм нишастан - бар сару чашм нишастан* «азиз шудан» [9, с.46], *дил ба касе набастан - дил дар касе набастан* «меҳр намондан, дӯст надоштан» [9, с.103]; **англисӣ:** ***to work by fits and starts – to work in fits and starts*** «ба нудрат, аҳёнан кор кардан», ***to die in one's boots – to die with one's boots on*** «аз кор ҷон ба саломат додан», ***to have one's eyes glued on – to have one's eyes glued to*** «чашм барнадоштан аз касе/чизе…, бо ҳавас тамошо кардан», ***be very quick in the uptake – be very quick on the uptake*** «майнаро зуд кор фармудан», ***grist for the mill – grist to the mill*** «даромад, нон дар равған»;

- д) пешоянд истисно мешавад: «Гулистон»: *сар дар миёни хоку хун* [9, с.23] - *сар миёни хоку хун* «дар ҷанг будан», *бо дидаи истиҳқор - дидаи истиҳқор* «назари ҳақир, хору залил» [9, с.104]; **англисӣ:** ***with one foot in the grave – one foot in the grave*** «дар дами марг / назъ будан», ***in the depths of winter – the depths of winter*** «чиллаи зимистон».

2) Вариантҳои синтаксисӣ. Вақте мавқеи як ҷузъи фразеологизмҳо иваз шавад, онро варианти синтаксисӣ меноманд: **«Гулистон»:** *ба сар тоҷи шоҳӣ ниҳодан - тоҷи шоҳӣ бар сар ниҳодан* «ҳукмронӣ кардан» [9, с.88], *дар ба рӯйи худ бастан - ба рӯйи худ дар бастан* «аз чашм пинҳон будан» [9, с.86]; **англисӣ:** ***to put on an act – to put an act on*** «мунофиқона амал кардан, худро вонамуд кардан», ***to take off one's hat to smb – to take one's hat off to smb*** «дар пеши касе зону задан, ба касе дил додан».

3) Вариантҳои лексикӣ. Он фразеологизмҳое, ки таркиби луғавии гуногун доранд, ба ин радиф мутааллиқанд. Дар ин навъи фразеологизмҳо ҷузъҳои алоҳидае тағйир меёбанд, ки дар байни он ҷузъҳо муносибатҳои синонимӣ мавҷуданд: **«Гулистон»:** *дар назар хорузор доштан – дар назар хор доштан* [9, с.46], *сояи Худованд – сояи Кирдгор* [9, с.15], *ба даст овардан – ба каф овардан* [9, с.6]; **англисӣ:** ***intellectual food – mental food*** «ғизои маънавӣ», ***a flight of fancy – a flight of imagination*** «парвози хаёл, орзу», ***to catch smb's imagination – to capture smb's imagination*** «тасаввуроти касеро идрок кардан», ***of great promise – of high promise*** «умедбахш, ...и ояндааш дурахшон».

Ҳолатҳое низ мушоҳида мешаванд, ки муносибатҳои антонимӣ дошта ба ҳамин гурӯҳ мансуб дониста мешаванд: **«Гулистон»:** *даст пеши касе доштан / надоштан* [9, с.91], *дар назар нописанд / писанд / мақбул омадан* [9, с.84]; **англисӣ:** ***a roof over one's head – no roof over one's head*** «сарпаноҳ / бесарпаноҳ», ***a buyer's market – a seller's market*** «арзишҳои муфид барои харидор / фурӯшанда», ***to put up a good show – to put up a poor show*** «натиҷаҳои хуб ба даст овардан / ғайриқаноатбахш баромад кардан».

Он гурӯҳи фраземаҳои ҷузъан тағйирёбандаро, ки маънан ба ҳам наздиканд, аммо синоним маҳсуб намеёбанд ва маҳз бо семаи (аломатҳои семантикӣ) умумӣ робита доранд, ба ин гурӯҳ нисбат додан низ мумкин аст: **«Гулистон»:** *«Гарат аз даст барояд, даҳане ширин кун, / Мардӣ он нест, ки муште бизанӣ, бар даҳане»* [9, с.102]. Дар мисоли мазкур фразеологизми **даҳони касеро ширин кардан**, ки варианташ **коми / гулӯи касеро равған / ширин кардан** «ба касе пора додан» мебошад, корбаст шудааст. Вале ин фразеологизм дар ин мисраъ ба дигар маънӣ «касеро хурсанд кардан» доир гардидааст.

Чунин мисолҳо дар маводи забони англисӣ низ вомехӯрад: ***to be out of purse – to be out of pocket*** «тиҳидаст будан» – семаи умумӣ «ҷойи ҳифзи пул», ***to clear the air – to clear the weather*** «нофаҳмиеро бартараф кардан / равшанӣ андохтан» – семаи умумӣ «муҳит, шароит».

Тағйирёбии грамматикии матнҳои зарбулмасалу мақол, ки ба мусовияти маънои онҳо халал намерасонанд ва асосан шакли бадеии матни онҳо низ тағйир намеёбад, боиси ба вуҷуд омадани гуна мегардад [7, с.144]. Ҳамчунин муаллиф қайд дорад, ки агар ҳини тағйирот низоми бадеиву истиорагӣ ва фасоҳати матни воҳиди фразеологӣ ҳифз шавад, он

гоҳ онро варианти ҳамон воҳиди фразеологӣ ҳисобидан ба мақсад мувофиқ аст, чунки маъно ва фасоҳат дучори иваз намешавад [7, с.145].

4) Вариантҳои лексикӣ-услубӣ. Агар ҷузъи ивазшавандаи фразеологизмҳо синонимҳои услубӣ бошанд, вариантҳои лексикӣ-услубӣ мегӯянд. Дар сурати бадал шудани таркиби лексикии фразеологизмҳо меъёрҳои забонӣ падид меоянд. Дар аксари мавридҳо маҳз онҳо ба мансубияти функсионалӣ ва услубии идиомаҳо таъсир мерасонанд. Фразеологизми **«неши забон»-**ро Шайх Саъдӣ дар «Гулистон» чунин истифода кардааст: «Тоқати ҷаври забонҳо наёвурд ва шикоят пеши пири тариқат бурд» [9, с.85]. Вожаи *ҷавр* «зулм, ситам, озор» маънидод мешавад, ки услубан ба вожаи *неш* нисбат дорад. Мисоли дигар: *«То тавонӣ,* ***даруни кас махарош****, / К-андар ин роҳ хорҳо бошад»*, ба бадали вожаи *дил* **(«дили касеро харошидан»)** вожаи *дарунро* корбаст намудааст, ки семантикаи маҷозиаш *«ботин, замир, дил»* аст.

Дар фразеологияи забони англисӣ жаргонизмҳо серистеъмоланд, ки махсусиятҳои рушди забони англисиро манзур медорад. Регионализмҳо (воҳидҳои хос ба ягон минтақа) дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ бо мансуб додани кулли воҳид ба жаргон тобиши махсус касб менамоянд. Масалан: воҳиди фразеологии *as drunk as a fiddler / Lord* дар варианти британии забони англисӣ истеъмол ёфта, дар варианти амрикоии забони англисӣ аз лиҳози бадал ёфтани ҷузъи *fiddler / Lord* бо ҷузъи *skunk / owl* ифодаи жаргонӣ маҳсуб меёбад. Дар воҳиди фавқуззикр шароити навини ҳаёти мустамликадорони аввалини англисҳои амрикоӣ муҷассам ёфтааст, аз ҷумла, дар ин ҷо калимаҳое мушоҳида мешаванд, ки шароити табиии қитъаи Америка - олами ҳайвоноти онро ифода мекунанд.

5) Вариантҳои квантитативӣ. Агар фразеологизмҳо аз лиҳози шумораи вожаҳои таркибашон аз ҳам фарқ кунанд, онҳоро вариантҳои квантитативӣ ном мебаранд. Онҳо бо роҳи иқтисор ё инзимом намудани як ё якчанд ҷузъ ба вуҷуд меоянд. Масалан, **«Гулистон»:** *дуди дарун – дуди дарунҳои реш* «сӯзу гудози ботинӣ» [9, с.55], *камар ба хидмат бастан – камари заррин ба хидмат бастан* «дар коре эътимом намудан» [9, с.63], *тоҷ бар сар инҳодан – тоҷи шоҳӣ бар сар инҳодан* «ҳукмрон шудан» [9, с.88]; **англисӣ:** *broken to the wide – broken to the wide world* «комилан муфлис шудан», *to let the cat out – to let the cat out of the bag* «роз ё сирреро ифшо кардан», *to run for one's life – to run for one's dear life* «ҷуфтакро музоаф кардан»*, slippery as an eel – as slippery as an eel* «шиша барин лағжонак».

Ба пиндори мо сарфи назар кардан аз синоними фразеологизмҳо ғайриимкон аст. Назири муносибатҳои вариантӣ муносибатҳои синонимӣ низ дар васати фразеологизмҳо ба таври назаррас манзур шудааст. Аммо алорағми вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ синонимҳои фразеологизмҳо дар образҳои мухталиф пироста шудаанд. Онҳо аз лиҳози тобишҳои мантиқӣ-мафҳумӣ ва маъноӣ, соҳаи истеъмол ва тобишҳои услубӣ метавонанд фарқ кунанд. «Зери мафҳуми фраземаҳои синонимӣ он воҳидҳои фразеологиеро мавриди назар мегиранд, ки тасаввуроти шабеҳро ифода мекунанд, маънои фразеологии муқорин доранд, вале бо шакли дохилӣ, образҳои этимологӣ ва хусусиятҳои экспрессивӣ-эҳсосӣ фарқ мекунанд» [2, с.70].

Аксарияти фразеологҳо чунин мешуморанд, ки вариантнокии фразеологӣ бо синонимҳои фразеологӣ робитаи мутақобил доранд, ки вобаста ба ин бархе сабабҳои онро қайд намудан ба мақсад мувофиқ аст: *аввалан,* нуктаи назари гуногуни забоншиносон роҷеъ ба хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ; *дуюмин,* воҳидҳои фразеологӣ дар доираи басо фароху имконпазир дучори тағйир мешаванд, чунки воҳидҳои фразеологӣ аз ду ва ё зиёда ҷузъиёт таркиб ёфтаанд, ки наздики ҳар яки онҳо варианти худро доранд. Аммо бо он, ки вариантҳои фразеологӣ бо синонимҳои фразеологӣ воситаҳои умдаи услубии ҳамаи забон маҳсуб меёбанд, иртизо нашудан номумкин аст, онҳо барои тасвир намудани тобишҳои нозуктарини семантикӣ, тавсифу тасвири ашё, падида, вазъият ва арзёбӣ намудани онҳо имконият медиҳанд.

Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ падидаи назми семантикӣ буда, бо айният ва фарқи фразеологизм алоқаи қавӣ дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки агар ҷузъи фразеологизм бо калима-синоним дучори тағйирот гардад ва ба сохтору таркиби шакли дохилӣ дахолат нанамояд, варианти фразеологизм тавлид меёбад.

Муқарриз: ***Насруддинов С.М.*** – н.и.ф., АМИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Авалиани, Ю.Ю. Синонимические отношения слов и фразеологических сочетаний / Ю.Ю. Авалиани, Л.И. Ройзензон // Лексическая синонимия: Сб. науч. трудов. – Москва: Наука, 1967. – С. 163-173.
2. Алефиренко, Н.Ф. Фразеология и паремиология: Учебное пособие для бакалаврского уровня филологического образования / Н.Ф. Алефиренко, Н.Н. Семененко. – Москва: Флинта; Наука, 2009. – 344 с.
3. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии: учеб. пособие / Н.Н. Амосова. – Ленинград: ЛОЛГУ, 1963. – 208 с.
4. Бабкин, А.М. Русская фразеология, ее развитие и источники / А.М. Бабкин. – Ленинград: Просвещение, 1970. – 264 с.
5. Жуков, В.П. Русская фразеология / В.П. Жуков. – Москва, 1986. – 312 с.
6. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка: учеб. пособие / А.В. Кунин. - 2-е изд., перераб. – Москва: Высш. шк., Дубна: Изд. центр "Феникс", 1996 – 381 с.
7. Қаҳҳоров, Ш.Р. Таҳлили луғавӣ-маъноии зарбулмасал ва мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ: дис.… номз. илм. филол: 10.02.20 / Ш. Р. Қаҳҳоров– Хуҷанд, 2021. – 187с.
8. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
9. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов. Омодакунандаи чоп Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Маориф, 2014. – 248с.
10. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты / В.Н. Телия. - Москва: Школа «Языки русской культуры», 1996. - 288 с.
11. Федосов, И.Л. Вариантность и функционально-стилистическая синонимия фразеологических единиц / И.Л. Федосов // Вопросы языкознания. 1974. - №6. – С. 119-124.
12. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка: учеб. пособие для вузов по спец. "Русский язык и литература" / Н.М. Шанский. - 4-е., изд., испр. и доп. СПб.: — Специальная Литература, 1996. - 192 с.
13. Шарипова Г.Ш. Воҳидҳои фразеологӣ дар “Самаки айёр” / Г.Ш. Шарипова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 168 с.
14. Шварцкопф, Б.С. Морфологическая норма фразеологической единицы и вариантность / Б.С. Шварцкопф // Литературная норма в лексике и фразеологии. – М.: Наука, 1983. – С.158-173.
15. Шокиров Т.С. Фразеологияи забони тоҷикӣ: кит. таълимӣ / Т. С. Шокиров. – Хуҷанд: Дабир, 2020. – 92 с.

СЕМАСИОЛОГИЯИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба яке аз масъалаҳои баҳсноки муносибатҳои семантикии системаи фразеология аз дидгоҳи семасиология - вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ дар маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва фразеоло-гизмҳои забони англисӣ сухан меравад. Афкору ақоид ва консепсияҳои мустаъмали илман исботнамудаи олимону муҳаққиқони мухталиф роҷеъ ба мафҳуми вариантнокии фразеологӣ дар забоншиносии муосир ва махсусан дар забоншиносии рус мавриди баррасӣ ва матраҳ қарор гирифта, аз лиҳозу назари навин намудҳои муталаввини тағйирот дар маводи муҷтамаи ин ду забон таҳлилу баррасӣ шуданд. Боиси тазаккур аст, ки воҳидҳои фразеологӣ дучори таъвизу тағйироти дақиқи мухталифи матнӣ ва сохтору таркиб мегарданд. Вале ин суханҳо маънои онро надоранд, ки шахс метавонад онро чи тавре хоҳад, иваз кунад ва ё истифода барад. Албатта, ҳар як падидаи забон ҳовии қонуниятҳои хосси худ аст ва бинобар ин, воҳидҳои фразеологӣ дар асоси ин қонунҳои роиҷ дучори таъвизи дақиқу мушаххас мегарданд, ки боиси коста шудани образу услуби онҳо намегардад. Дар таҳқиқоти мазкур оид ба фарқи вариантнокӣ аз синонимияи воҳидҳои фразеологӣ тазаккур дода шуда, панҷ навъи вариантнокии фразеологизмҳо бо мисолҳои сареҳу возеҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Агар ҷузъи фразеологизм бо калима-синоним дучори тағйирот гардад ва ба сохтору таркиби шакли дохилии он дахолат нанамояд, варианти фразеологизм тавлид меёбад.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, вариантнокӣ, тағйирот, лексикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, лексикӣ-услубӣ, квантитативӣ.

СЕМАСИОЛОГИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ «ГУЛИСТОН» САДИ ШЕРОЗИ И ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье говорится об одном из спорных вопросов семантических отношений фразеологической системы с точки зрения семасиологии - вариантности фразеологических единиц на материале «Гулистон»-а Саади Шерози и фразеологизмов английского языка. Воззрения, взгляды и существующие научно-обоснованные концепции различных ученых и исследователей по понятию фразеологической вариативности в современной лингвистике, особенно разнообразных видов изменений в русской, были рассмотрены и анализированы. Следует отметить, что фразеологические единицы подвергаются различным изменениям в тексте, со строны структуры и состава. Но это не означают, что человек может изменить или использовать их так, как ему хочется. Несомненно, у каждого языкового феномена имеется собственные закономерности, вследствие чего фразеологические единицы подвергаются достоверной и определенной трансформации, что не приводит к нарушению их образа и стиля. В данном исследовании было отмечено различие вариативности от синонимичности фразеологических единиц и рассмотрены пять видов вариативности фразеологизмов с внятными примерами. Если компонент фразеологизма

подвергается изменениям со словом-синонимом и не затрагивается структура и состав его внутренней формы, формируется вариант фразеологизма.

Ключевые слова: фразеологические единицы, вариантность, трансформация, лексический, морфологический, синтаксический, лексико-стилистический, квантитативный.

SEMASIOLOGY OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF «GULISTAN» SAADI SHIRAZI AND THE ENGLISH LANGUAGE

This article deals with one of the controversial issues of semantic relations of the phraseological system from the point of view of semasiology - the variation of phraseological units based on the material of "Guliston" Saadi Sherozi and phraseological units of the English language. The views, perspectives and existent scientifically-based concepts of various scientists and researchers on the concept of phraseological variability in modern linguistics, especially in Russian, were considered and analyzed various types of transformations from a new point of view. It should be noted that phraseological units undergo various acknowledged transformations in the text, structure and component. But these words do not mean that a person can change or apply it as he would like. Undoubtedly, each linguistic phenomenon has its own laws, and as a result, phraseological units endure a reliable and determined transformation, which does not lead to a violation of their image and style. In this study, the difference between variability and synonymy of phraseological units was noted and five types of variability of phraseological units were surveyed with explicit examples. If a component of a phraseological unit undergoes changes with a synonym word and the structure and composition of its internal form is not affected, a variant of the phraseological unit is formed.

Keywords: phraseological units, variability, transformation, lexical, morphological, syntactical, lexico-stylistic, quantitative.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаҳҳоров Шодимурод Р*устамович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., муаллими калон, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **muallififarhang@gmail.com.** Тел.: (+**992) 92-909-44-00**

Сведения об авторе: ***Каххоров Шодимурод Рустамович*** - Таджикский национальный университет, к.ф. н., старший преподаватель, общеуниверситетская кафедра английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **muallififarhang@gmail.com.** Тел.: (+**992) 92-909-44-00**

Information about the author: ***Qahhorov Shodimurod Rustamovich*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, senior teacher of the comprehensive university English department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **muallififarhang@gmail.com.** Phone: **(+992) 92-909-44-00**

ТДУ: 491.550-3

ДАР БОРАИ УНСУРҲОИ ЛЕКСИКАИ ГУФТУГӮЙӢ ДАР АСАРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ Ф. МУҲАММАДИЕВ

Нодиров А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои луғавии гуфтугӯӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарии забон ташаккул меёбанд, дар қиёс бо калимаҳои умумиистеъмоли забон обуранги услубии нисбатан паст дошта, хосси забони гуфтугӯӣ, яъне хосси каломи адабии гуфтугӯӣ мебошанд. Ин гуна вожаҳо ҳангоми муошират ғайримутакаллифона, ки бидуни омодагии пешакӣ анҷом дода мешавад, мавриди истифода қарор мегиранд [ниг.: 6, с. 32].

Муҳаққиқи шинохта Н. Маъсумӣ чунин гурӯҳи калимаҳоро баррасӣ намуда, таъкид медорад, ки *«калимаҳои гуфтугӯӣ ба забони адабиёти бадеӣ ворид шуда, ба асар қувваи фавқулодаи зиндаи ҳаётӣ ва табиӣ мебахшанд»* [9, с. 90]. Муҳаққиқи рус Н. М. Шанский лексикаи гуфтугӯӣ-маиширо хосси *«суҳбати бетакаллуфона»* меҳисобад ва истифодаи онро дар нутқи хаттӣ *«дар услубҳои адабиёти бадеӣ ва публитсистика бо мақсадҳои муайяни ифоданокии бадеӣ»* роиҷ медонад [18, с. 130]. Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар ин гуна воҳидҳои луғавӣ *«чун дар калимаҳои китобӣ»* риоя гардидани меъёрҳои забони адабиро таъкид намуда, фарқи онҳоро аз калимаҳои китобӣ дар он арзёбӣ менамояд, ки *«дар муносибатҳои расмӣ, забони асарҳои илмӣ ва таълимӣ истифода намешаванд»* [8, с. 149-150]. Ифодаи самимияти хосси пур аз тобишу оҳангҳои эҳсосӣ, аз гурӯҳҳои дигари лексикии забон бо обуранги латиф, марҳамат, навозиш ё, баръакс, бо дуруштию дағалӣ ва бетакаллуфии худ фарқ кардани калимаҳои гуфтугӯӣ аз тарафи Ҳ. Маҷидов таъкид карда шудааст [ниг.: 8, с. 150].

Дар бораи ин гуна калимаҳо забоншиносони дигар низ андешаҳои ҳамсон баён кардаанд [ниг.: 12, с. 18-37; 13, с. 48-51].

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки калимаҳои гуфтугӯӣ *«якзайл аз забони зиндаи мардум гизо мегиранд»* ва аз манбаъҳои асосии бойшавии гурӯҳҳои дигари лексикаи забони адабӣ ба ҳисоб мераванд [ниг.: 8, с. 150]. Аз ҷумла *«имкон дорад, ки калимаҳои адабии китобӣ гоҳо ба забони гуфтугӯӣ роҳ ёбанд ва мисли ҳамин калимаҳои гуфтугӯӣ дар қабатҳои дигари таркиби луғавӣ ба назар расанд»* [13, с. 49]. Муҳаққиқ Ҳ. О. Сафаров пайваста бо лексикаи адабии китобӣ омезиш ёфтани ин гурӯҳи калимаҳоро таъкид дошта, нақши онҳоро дар мукаммал гардидани қабати лексикаи адабии китобӣ муҳим медонад [ниг.: 13, с. 49]. Аз ин рӯ, устод Айнӣ низ дар мақолаҳои ба забони осори классикони адабиёт бахшидааш ва дар мактубҳои кушодааш ба қаламкашону забоншиносон аз ин сарвати забони мардумӣ оқилона истифода карданро ҳам тавсия ва ҳам таъкид менамуд [ниг.: 1, с. 37-40; 2, с. 230-238].

Калимаҳои гуфтугӯӣ дар қабатҳои дигари таркиби луғавии забон муродифҳои худро доранду дар луғатҳо бо ишораи ***«гуфт.»*** оварда мешаванд. Чунин калимаҳо дар мақолаҳои публитсистӣ, очерку гузоришҳо, адабиёти илмию оммавӣ ва дар мубоҳисаҳои шифоҳӣ барои таъмини фазои эътимодбахши ғайрирасмӣ мусоидат мекунанд [ниг.: 19]. Дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев унсурҳои лексикаи гуфтугӯӣ бо чунин мақсад ба кор бурда шудаанд. Нависанда ин гуна калимаҳоро бештар дар таркиби нутқи қаҳрамону персонажҳо кор мефармояд, ба сухан оҳанги ғайрирасмӣ мебахшад ва ба ин восита фазои боварибахши гуфтугӯйиро таъмин мекунад.

Аз ҷумла дар мисоли зерин калимаи гуфтугӯйии ***ҷиннӣ*** ҳамчун лақаби персонажи асари бадеӣ ба кор бурда шудааст:

– Ҳикоя мешавад, – гуфтанд муаллим, лекин номи қаҳрамононро иваз кардан лозим. Воқеаи Ҷумъа ***ҷинни****ро ман ҳам шунида будам. Аз гуфти одамон, худашро ба девонагӣ зада мегаштааст дар воқеъ, гумоштаи ҷосусон будааст…* [10, с. 8].

Ин калимаи сохтаи арабӣ буда, дар луғати арабӣ-русӣ ба маънои *«ҷин, руҳ, азозил»* [4, с. 141] омада, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» *«1. мансуб ба ҷин; 2. ҷин; олами ҷинҳо»* [15, с. 781], дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ *«девона»* [3, с. 554] ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» *«девона, аз ақл бегона»* [17, с. 593] шарҳ дода шудааст. Аз тафсири луғатҳо аён аст, ки ин калима ба он тобиши маъное, ки имрӯз дар

гуфтугӯ кор фармуда мешавад, дар забони арабӣ ба назар намерасад. Аз тобишҳои маъноии ин калима, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷой дорад, аён аст, ки дар забони адабиёти классикӣ низ чунин маънои вожаи ***ҷиннӣ*** дида намешавад [ниг.: 15, с. 781]. Шояд ин калима дар гузаштаи на он қадар дур бо таъсири забонҳои туркӣ ба забони гуфтугӯйӣ ворид шуда бошад, зеро бештар дар гуфтори он мардумоне ба назар мерасад, ки бо маҳалҳои ӯзбекнишин ҳамҷавор мебошанд.

Дар мисоли поён калимаи гуфтугӯйии ***яла*** корбаст гардидааст, ки ба маънои *«кушода, боз»* [17, с. 688] ба кор бурда мешавад:

– Папиросатона беистиҳола кашед. Дарҳо ***яла*** [10, с. 10].

– Канӣ, шербачаҳо, – гуфтанд муаллим. Аз байни ин таксиҳо якта ***бӯзбалаи*** *тезраваша интихоб кунед, ки маро зудтар ба аэропорт расонад* [10, с. 10].

Дар мисоли боло калимаи гуфтугӯйии ***бӯзбала*** ба назар мерасад, ки сарчашмаи он дар луғат туркӣ ва маънояш *«1. марди тануманд, ҷавони ҳузарб, паҳлавони далеру бебок; 2. олуфта, ҷавонмард»* [17, с. 251] нишон дода шудааст. Муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов ин калимаро муродифи гуфтугӯйии вожаҳои *ҷавонмард* ва *паҳлавон* номидааст [ниг.: 8, с. 150]. Дар мисоли боло нависанда онро ҳамчун сифати автомашинаи сабукрав ба маънои *«хуб, кӯроям»* истифода кардааст.

Сифати ***чала*** дар гуфтугӯ ба маънои *«нимкора, нотамом, нопурра, ба анҷом нарасида»* [3, с. 524] дар истеъмол аст. Нависанда низ онро аз забони қаҳрамон ба ҳамин маъно ба кор бурдааст:

– Аз рӯзи истироҳат буданаш банда ҳам хабар дорам, – хандакунон гуфт Толис, – лекин кори ***чала*** *ҳоло бисёр* [10, с. 16].

Калимаи гуфтугӯйии ***чала*** дар калимасозӣ фаъол мебошад. Вожаҳои мураккаби *чалакор, чалакорӣ, чаламулло, чаласавод, чаласаводӣ, чалаусто* [17, с. 525] ва ғайра аз он ҷумлаанд. Дар асарҳои публитсистии нависанда вожаи мураккаби ***чаласавод*** ба назар расид, ки ба маънои *«шахси саводаш нопурра, саводаш нима, камсавод»* мебошад:

…дар якта-нимта гӯшаҳои республикаи мо шогирдони ***чаласавод****и ҳамон устои муҳрсоз остин барзада гаштаанд* [10, с. 224].

Услуби нигориши асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадлиев шоистаи омӯзиш ва пайравӣ мебошад. Дар ин асарҳо омезиши забони адабии китобӣ ва халқӣ-гуфтугӯйӣ хеле табиӣ ба назар мерасад. Калимаҳои гуфтугӯйӣ, ки ҳам ҳақиқати ҳаёт, ҳам шуғли одамон, ҳам хислату характери онҳоро нишон медиҳанд, дар ин асарҳо хеле зиёданд. Аз ҷумла дар мисолҳои зерин калимаҳои гуфтугӯйии ***дадо, мӯл, галогула*** ба кор бурда шудаанд. ***Дадо*** ё ***дада*** дар гуфтугӯ ба маънои *«падар»* [3, с. 87; 16, с. 400], ***мӯл*** ба маънои *«бисёр, фаровон, барзиёд»* [3, с; 16, с. 870] ва ***галогула*** ба маънои *«фарёди хашмгинонаи як кас ё чанд кас»* [3, с. 499], *«бо овози баланд ҷанҷол кардани як ё чанд кас, магал, гавго, талотӯб»* [16, с. 371] меояд:

– Не, ***дадо****, инаш не. Роҳи шумо мегуфтагӣ ҳоло дар пеш, – ҷавоб дод Муинҷон* [10, с. 26]; *– Зор монад ин пул,* ***мӯлаш*** *афюн барин таъсир мекардааст* [10, с. 32]; *– …ба управленияи пахтакорӣ рафта, дар бораи рафти яхобмонӣ маълумот меорӣ. Имрӯз кор* ***мӯл****, тез бош* [11, с. 218]; *–… Ҷавонони аз дар берунмонда дар кадом як лаҳзаи консерт тела-тела карда боиси* ***галогула*** *шудаанд* [10, с. 89].

Аҳёнан чунин калимаҳои гуфтугӯйӣ дар каломи нависанда низ истифода гардидаанд. Аз ҷумла дар мисоли зерин калимаи гуфтугӯйии ***ака*** ба кор бурда шудааст:

Акаам *ба вай гуфта будааст, ки додарамонро ба яке аз калонтарин ва баобрӯтарин идораҳои республика ба кор дароварда мондааст* [11, с. 198].

Ака ё ***ако*** дар мисоли боло маънои *«бародари калонӣ»*-ро дорад [16, с. 47]. Он ҳамчун калимаи муроҷиат аз тарафи хурдон нисбат ба ҷавонон ё мардони синну солашон калон истифода шуда, эҳтиром ва иззату ҳурматро ифода менамояд. Ин калимаро ба хотири эҳтироми шахси калонсол ба ном низ ҳамроҳ карда ба кор мебаранд [ниг.: 16, с, 47]:

Сар бардошта дидем, ки мухбири «Хорпуштак» ***акаи Махсум*** *ним ҷувол шикастапораҳои гуногунҳаҷму гуногуншакли асфалти кӯчаро ба пеши мизи Тоҷӣ Усмон рехта, бо қиёфаи музаффарона ба атрофи худ нигоҳҳо меафканд* [10, с. 204].

Дар гуфтугӯйи забони тоҷикӣ ду тарзи истифодаи калимаи ***ака*** ё ***ако*** бо ном роиҷ аст: 1) ба воситаи бандаки изофӣ ҳамчун баёния: ***ака****и Махсум* ё ***ако****и Махсум;* 2) ҳамчун ҷузъи дуюми калима ё исми хосси мураккаб: *Юлдош****ака*** ё *Юлдош****ако***:

*– Фазлиддин, Юлдош****ака****ат туя акнун ба ҷазои олӣ гирифтор мекунад* [11, с. 201].

Баръакси ***ако*** ё ***ака*** вожаи гуфтугӯйии ***апа*** маънои *«хоҳари калонӣ, ҳамшираи калонӣ»* [16, с. 72]-ро дорад:

Ба хона расида, аз таки дар ***апа****амро фарёд кардам* [11, с. 198].

Он ҳамчун воситаи муроҷиати эҳтиромона нисбат ба зан низ ба кор бурда мешавад [ниг.: 16, с. 72]:

Маъюсона сар хам кардани маро дида, ***Хосиятапа*** *илова кард:*

– Ба хаёлам, шумо аз имтиҳон гузаштед. Ба кор таъйин мекунанд, ана ман гуфтаму шумо шунидед [11, с. 192].

Калимаи ***апа*** низ ҳамчун воситаи муроҷиати эҳтиромона ба монанди ***ако*** // ***ака*** ду тарзи ифода дорад: ***апа****и Хосият* ё *Хосият****апа.***

Баъзан на маънои аслӣ, балки маънои маҷозии калимаҳо хусусияти гуфтугӯйӣ пайдо мекунад. Масалан, маънои аслии калимаи сохтаи ***бодӣ*** *«бо қувваи бод коркунанда, бо қувваи бод ҳаракаткунанда»* [16, с. 215] мебошад: *осиёи* ***бодӣ****, киштии* ***бодӣ***. Ҳар чизи мансуб ба бодро низ ***бодӣ*** мегӯянд: ***бодӣ*** *шудани гандум* ва ғайра. Ин калима маҷозан танҳо дар гуфтугӯ ба маънои *«лофзан ва худситой, мутакаббир, ҳавобаланд, калонгир»* [3, с. 215] кор фармуда мешавад ва сифати манфии шахсро ифода менамояд:

Агар бигӯям, ки дар байни ин тоифа дар тули таърихи башар ягон ***бодӣ*** *ба кафши Гитлер патак шуда наметавонад, бовар кунед* [10, с. 216].

Нависанда баъзан ба хотири ифодаи матлаб ва ҷаззобияти фикр ҷуфти калимаҳои хосси гуфтугӯ ва ибораҳои дар гуфтугӯ серистеъмолро ба кор мебарад. Масалан, дар ин ҷумла таркиби гуфтугӯйии ***дӯгу пӯписа*** ба кор бурда шудааст.

Дӯгу пӯписа*и вай аз он сабаб баланд буд, ки … дар сар то сари Европа аз касе шаттаи обдор нахӯрда буд* [10, с. 216].

Маънои вожаи ***пичинг*** *«гаппаронӣ, гап партофтан ба касе, гапи нешдор партофтан ба касе»* [17, с. 103] мебошад. Нависанда ин калимаро ба маънои *«гапи нешдор, суханони нешдор»* ба кор бурдааст:

Аз ваҷоҳаташ аён буд, ки ба ***пичинг****ҳояш ҷавоб гардонам, дашном хоҳад дод* [10, с. 208].

Бо ин калима дар гуфтугӯйи мардум вожаҳои мураккаби ***пичингомез, пичингомезона пичингпарронӣ*** [17, с. 103-104] ва феълҳои таркибии номии ***пичинг задан, пичинг парондан*** [17, с. 103] ба назар мерасанд. Таркиби ҷуфти ***пичингу талха*** дар мисоли поён ба маънои *«суханони ниҳоят нешдори талх»* истифода шудааст. Ин таркиби ҷуфт дар шакли ***талху пичинг*** низ дар гуфтугӯ ба назар мерасад, аммо нависанда ҷуфти калимаҳои гуфтугӯйии ***пичингу талха****ро* ба кор бурдааст:

– Пеш аз ***пичингу талха*** *гуфтан мебоист андак мулоҳиза мекардед* [10, с. 126].

Ҳаминро ҳам гуфтан ҷоиз аст, ки нависанда дар ёддошту эссе ва очерку мақолаҳояш калимаҳои гуфтугӯйиро бештар ба хотири фардӣ кунонидани нутқи қаҳрамону персонажҳо меорад, аммо дар публитсистикаи ҳаҷвии адиб ин гуна калимаҳо бештар дар суханони тасвирии нависанда ба кор бурда шудаанд. Чунин тарзи баёни фикр ба хотири таъмини ҳаҷву зарофати намакин аст. Аз ҷумла нависанда ба хотири таъмини ҳаҷву мазаммат таркибҳои ҷуфти назири ***алаф-палаф, дон-пон****ро* ба кор бурдааст, ки хосси забони гуфтугӯ мебошанд:

Алаф-палаф, дон-пон *бареду баъд ба бланкаи расмии идораатон як назар андозед, муҳтарам Тошев* [10, с. 224].

Чунин таркибҳои гуфтугӯйӣ маҷмуи предметҳоро ифода менамоянд, яъне ғараз аз ***алаф-палаф*** танҳо як *алаф* нест, балки *алаф ва дигар анвои хӯроки чорво* дар назар дошта мешавад. Таркиби ***дон-пон*** *дон ва дигар навъҳои хӯроки парандаро* ифода мекунад.

Таркиби ҷуфти ***майда-чӯйда*** аслан сифат буда, дар гуфтугӯ субстантиватсия мешавад ва ҳамчун исм меояд: *ҳазору як* ***майда чӯйда***. Он маънои *«чизҳои хурди назарногир»*-ро дошта, ҳамчун исм кор фармуда мешавад, аммо дар мисоли зерин ҳамчун сифат омадааст:

…худи камина – Хорпуштак Крокодилзода ҷонвари калон набошам ҳам, дилам аз дилҳои ***майда-чуйда*** *нест* [10, с. 223].

Шаклҳои таъкидии сифат, махсусан он шаклҳои таъкидие, ки дар охири унсури якумашон пасванди **-а** ҳамроҳ карда мешавад, хосси забони гуфтугӯ мебошанд [ниг.: 5, с. 139; 7, с. 182]. Нависанда бо истифода аз чунин шакли сифатҳо низ обуранги гуфтугӯйии асарҳояшро таъмин намудааст:

Номи афсона «Мурғи бахт» чор афзолаш ***таппа-тахт*** [10, с. 232]; – *Ин рафиқамон одами* ***каппа-калон****у кирдорҳояш бача барин* [11, с. 217].

Аз баррасӣ аён аст, ки калимаҳои гуфтугӯйӣ дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев вобаста ба объекти тасвир ва ифодаи мақсади нависанда ниҳоят гуногун мебошанд ва барои тасвири воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ, ашёи зиндагӣ, ифодаи матлабу фардӣ кунонидани нутқи қаҳрамону персонажҳо, тасвири хислату характер ба кор бурда шудаанд.

Муқарриз: ***Ҷумъаев М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис / С. Айнӣ // Шарқи Сурх. – Душанбе, 1948. – № 11. – С. 37-40.
2. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 230-238.
3. Айнӣ, С. Куллиёт (Луғати нистафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик) / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – Ҷ. 12. – 566 с.
4. Баранов, Х. К. Арабско-руссский словарь. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. 1. – 356 с.
6. Касаткин, Л.Л. Современный русский язык. Словарь справочник / Л.Л. Касаткин, Е.В. Клобуков, П.А. Лекант. – М.: Просвещение, 2010. – 303 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 464 с.
8. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
9. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – Ҷ. 2. – 341 с.
10. Муҳаммадиев, Ф. Дӯстон – тоҷи сар / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 416 с.
11. Муҳаммадиев, Ф. Варта / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 376 с.
12. Саидов, Н.С. Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада / Н.С. Саидов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 254 с.
13. Сафаров, Х.О. Стилистические особенности заголовка в газете / Х.О. Сафаров. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 180 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
18. Шанский, Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1964. – 370 с.
19. Разговорная лексика [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://orfogrammka.ru (время доступа: 18.08.2023).

ДАР БОРАИ УНСУРҲОИ ЛЕКСИКАИ ГУФТУГӮЙӢ ДАР АСАРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ Ф. МУҲАММАДИЕВ

Дар мақолаи илмӣ мавқеи баъзе унсурҳои лексикаи гуфтугӯйӣ дар асарҳои публитсистии нависанда Ф. Муҳаммадиев мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқ воҳидҳои луғавии гуфтугӯйӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарии забон ташаккул ёфта, дар қиёс ба калимаҳои умумиистеъмоли забон обуранги услубии нисбатан паст доранд, хосси каломи адабии гуфтугӯйӣ мебошанд ва ҳангоми муошират ғайримутаккалифона, ки бидуни омодагии пешакӣ анҷом дода мешавад, мавриди истифода қарор мегиранд. Чунин калимаҳо дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев барои таъмини фазои эътимодбахши ғайрирасмӣ ба кор бурда шудаанд. Нависанда ин гуна калимаҳоро бештар дар таркиби нутқи қаҳрамону персонажҳо кор фармуда, ба сухан оҳанги ғайрирасмӣ бахшидааст ва ба ин восита фазои боварибахши гуфтугӯйиро таъмин намудааст. Муҳаққиқ бархе аз калимаҳои гуфтугӯйии асарҳои публитсистии нависандаро шарҳу тафсир намуда, ба тобишҳои маъноӣ ва мавқеи истифодаи онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ба андешаи ӯ, дар асарҳои публитсистии нависанда омезиши забони адабии китобӣ ва халқӣ-гуфтугӯйӣ хеле табиӣ ба назар мерасад. Ба воситаи калимаҳои гуфтугӯйӣ ҳам ҳақиқати ҳаёт, ҳам шуғли одамон, ҳам хислату характери онҳо нишон дода шудааст. Аз таҳлилу баррасии мавод муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки калимаҳои гуфтугӯйӣ дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев вобаста ба объекти тасвир ва ифодаи мақсади нависанда ниҳоят гуногун буда, барои тасвири воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ, ашёи зиндагӣ, ифодаи матлабу фардӣ кунондани нутқи қаҳрамону персонажҳо, тасвири хислату характер ба кор бурда шудаанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои луғавии гуфтугӯйӣ, калимаҳои китобӣ, меъёрҳои забони адабӣ, забони гуфтугӯйӣ, нависанда, асарҳои публитсистӣ, таркиби луғавӣ, нутқи қаҳрамону персонажҳо, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, тобиши маъноӣ, калимасозӣ, услуби нигориш, ифодаи матлаб, ҷаззобияти фикр.

ОБ ЭЛЕМЕНТАХ РАЗГОВОРНОЙ ЛЕКСИКИ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ Ф. МУХАММАДИЕВА

В научной статье рассматривается некоторые элементы разговорной лексики в публицистических произведениях писателя Ф. Мухаммадиева. По мнению исследователя, разговорные лексические единицы формируются в пределах норм языка, имеют относительно низкий уровень стилистической окраски по сравнению с общеупотребительными словами языка, характерны для устной литературной речи и используются во время спонтанного общения, которое осуществляется без предварительной подготовки. Такие слова в публицистических произведениях Ф. Мухаммадиева использовались для обеспечения надежной неформальной атмосферы. Именно такие слова писатель использует в речи героев и персонажей, придавая речи неформальный тон и, тем самым, обеспечивая убедительное пространство для беседы. Исследователь поясняет и интерпретирует некоторые разговорные слова публицистических произведений писателя, обращая внимание на смысл и место их употребления. По его мнению, в публицистическом творчестве писателя сочетание книжного литературного и разговорного языка кажется очень естественным. С помощью разговорных слов продемонстрирована и правда жизни, и занятия людей, и их характер. Из анализа и интерпретации материала исследователь приходит к выводу, что разговорные слова в публицистических произведениях Ф. Мухаммадиева в зависимости от объекта изображения и выражения замысла писателя весьма различны и используются для изображения действительности общественной жизни, предметов быта, выражения содержания и персонализации речи героев и персонажей, изображения характера.

Ключевые слова: разговорные лексические единицы, книжные слова, нормы литературного языка, разговорная речь, писатель, публицистические произведения, словарный состав, речь героев и персонажей, прямое значение, переносное значение, смысловой оттенок, словообразование, стиль сочинения, выражение цели, привлекательность мысли.

ABOUT ELEMENTS OF COMMON VOCABULARY IN F. MUKHAMMADIEV'S PUBLISHING WORKS

The scientific article examines the position of some elements of colloquial vocabulary in the journalistic works of the writer F. Muhammadiyev. According to the researcher, colloquial lexical units are formed within the norms of the language, have a relatively low level of stylistic coloring compared to commonly used words of the language, are characteristic of oral literary speech and are used during spontaneous communication, which is carried out without prior preparation. Such words were used in the journalistic works of F. Muhammadiev to ensure a reliable informal atmosphere. These are the words the writer uses in the speech of heroes and characters, giving the speech an informal tone and, thereby, providing a convincing space for conversation. The researcher explains and interprets some colloquial words in the writer's journalistic works, paying attention to the meaning and place of their use. In his opinion, in the journalistic work of the writer, the combination of bookish literary and colloquial language seems very natural. With the help of colloquial words, the truth of life, people's activities, and their character are demonstrated. From the analysis and interpretation of the material, the researcher comes to the conclusion that colloquial words in the journalistic works of F. Muhammadiev, depending on the object of the image and the expression of the writer's intention, are very different, and are used to depict the reality of public life, household items, express the content and personalize the speech of heroes and characters, character images.

Keywords: colloquial lexical units, book words, norms of literary language, colloquial speech, writer, journalistic works, vocabulary, speech of heroes and characters, direct meaning, figurative meaning, semantic connotation, word formation, writing style, expression of purpose, attractiveness of thought.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нодиров Ардамехр Аҳрорович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **n.ardamehr.10@gmail.com.** Тел.: **(+992) 556-26-95-95**

Сведения об авторе: ***Нодиров Ардамехр Ахрорович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **n.ardamehr.10@gmail.com.** Тел.: **(+992) 556-26-95-95**

Information about the author: ***Nodirov Ardamehr Ahrorovich*** – Tajik National University, applicant for the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **n.ardamehr.10@gmail.com.** Phone: **(+992) 556-26-95-95**

ТДУ: 400.15

ЛЕКСИКА МУҲИМТАРИН ҶАНБАИ ПАЖУҲИШИИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА

Ғуломалиева Р.Қ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳадафи асосии омӯзиши этнолингвистика омӯзиши робитаи забон ва фарҳанг мебошад. Он ба омӯзиши забон, ки хусусиятҳои иҷтимоии фарҳангии як ҷомеа ё гурӯҳи одамонро инъикос мекунад, машғул аст. Лексика, яъне бунёди луғавии забон, яке аз ҷанбаҳои муҳимми тадқиқоти этнолингвистика маҳсуб меёбад.

Пажуҳиши лексика имкон медиҳад, ки доир ба фарҳанг ва тарзи ҳаёти одамоне, ки забони мушаххасро истифода мебаранд, маълумоти дақиқ пайдо кард. Калимаҳои мустақилмаънои забон метавонанд ғояҳо ва мафҳумҳои беназири марбут ба ҷаҳони атроф, анъанаҳо, эътиқодҳо ва арзишҳои фарҳанги мушаххасро инъикос кунанд. Боиси зикр аст, ки омӯзиши лексика дар дарк ва таҳлили хусусиятҳои фарҳангии халқҳо кумак намуда, доир ба гуногунии низомҳои забонӣ ва фарҳангии ҷаҳон тасаввуроти пурратар эҷод мекунад.

Лексика дар тадқиқоти этнолингвистӣ нақши асосӣ дошта, он хусусиятҳои фарҳангӣ, андешаҳо ва арзишҳои гурӯҳи муайяни одамонро инъикос мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқон омӯзиши лексика имкон медиҳад, ки доир ба хусусиятҳои хосси забони марбут ба як гурӯҳи этникӣ ошноӣ пайдо кард. Аз ин рӯ, муҳаққиқони зиёде дар доираи равиши этнолингвистӣ оид ба лексика тадқиқот бурда, дар асарҳои худ таркиби лексикии гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва таъсири он ба забон ва фарҳангро таҳқиқ кардаанд.

Муҳаққиқи забоншиносии қавмии рус Е.В. Перехвалская лексикаро ҳамчун оинаи ҷаҳон маънидод намуда, бар он андеша аст, ки тамоми воқеияти зиндагии инсон, он чизе ки атрофи онҳоро иҳота намудааст, дар лексика (маҷмуи калимаҳо) инъикос меёбад: «Лексика ойинаи ҷаҳонест, ки одамро иҳота мекунад, гарчанде ки каҷ бошад. Вале вай фиреб намедиҳад, балки биниши ҷаҳонро ба талаботи инсон мувофиқ мекунад. Одамон як чизро номбар мекунанд (бо ин васила таъкид мекунанд) ва дигареро номбар намекунанд (дар канор мегузоранд). Ин аз он сабаб аст, ки аввалин барои сухангӯён муҳим аст ва дуюмӣ муҳим нест. Пас аз таҳлили луғати ин ё он забон, шумо метавонед дар бораи фарҳанги мардуме, ки ин забонро истифода мебаранд, андешае пайдо кунед» [14, с. 235]. Мисоли одии исботи ин андешаро мо дар муҳтавои луғати дузабонаи Д. Карамшоев «Луғати шуғнонӣ-русӣ» дида метавонем. Агар луғати мазкурро аз назари мавзуъ ба қисматҳо ҷудо намоем, дар он метавонем вожаҳои зиёдеро дар тамоми самтҳои ҳаёт дарёфт намоем, ки дар дигар забонҳо низ муодили онҳо мавҷуданд. Ҳамчунин, вожаҳоеро метавон ҷудо намуд, ки муодили он дар ҳеҷ забоне нест. Яъне вожаи мазкур номи ашё ё амале мебошад, ки дар рӯзгори ҳеҷ қавму миллате вуҷуд надорад. Чунин вожаҳо реалияҳо ё региолект ва ё этнографизмҳое мебошанд, ки хосси ин ё он забонанд.

Мусаллам аст, ки лексика (вожагон) маҷмуи вожаҳои забон буда, таркиби луғавии онро ташкил медиҳад. Ин маҷмуи вожаҳо (лексика) дорои низоми мушаххасе дар забон буда, як соҳаи муҳимми забоншиносӣ – лексикология ба омӯзиши онҳо машғул мебошад. Низоми лексикии забон дар доираи равиши сохториву системавӣ омӯхта мешавад.

Бояд зикр кард, ки муқаррароти назариявии низоми лексикии забон дар доираи илмӣ хеле барвақт ташаккул ёфта буд. Хусусан, ғояи муназзами он аз филологияи қадим оғоз шуда, тадриҷан ба забоншиносӣ ворид гардида буд. Вилгелм фон Ҳумболдт аз аввалинҳо шуда доир ба хусусияти системавии забон, аз ҷумла лексика маълумот медиҳад. Ӯ зикр мекунад: «Ҳар як унсури алоҳида худро ҳамчун як ҷузъи том нишон медиҳад» [5, с. 18]. Дар тақвияти суханони В. Ҳумболдт ба ҳамин маъно Ф. де Соссюр қайд мекунад: «забон низомест, ки тамоми унсурҳои он як маҷмуъро ташкил медиҳанд ва аҳаммияти як унсур танҳо аз ҳузури ҳамзамонони дигар бармеояд» [17, с. 75].

Аз гуфтаҳои ин олимони маъруфи соҳаи забоншиносӣ бармеояд, ки лексика дар забон як унсури алоҳида, яке аз қабатҳои забон аст. Бинобар ин, он метавонад забонро пурра ифода намояд ва дар тамоми самтҳои фаролингвистӣ (экстролингвистика), аз ҷумла этнолингвистика мавриди таҳқиқ қарор гирад. Забоншиноси барҷастаи тоҷик Ҳ. Маҷидов низ ба ҳамин маъно такя намуда, зикр мекунад, ки «Системаи маъноҳои забон бо назарияи материалистии инъикоси ҳаёти воқеӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин нуқтаи назар ҳар як

маънои ҷудогонаи системаи маъноии забон ҳодисаҳои ҳаёти воқеиро ҳамчун унсури тафаккури мантиқӣ ва ё, умуман, шуури инсонӣ акс мекунад» [9, с. 25].

Таҳқиқи лексика махсусан дар асри XX, ки дар забоншиносӣ равиши омӯзиши системавию сохтории воҳидҳои забон хукмфармо буд, фаъолона мавриди муҳокима қарор гирифта буд. Он асосан аз рӯйи усули таҳлили компонентӣ таҳия ва татбиқ мегардид [18, с. 66].

Чунон ки таъкид гардид, калима ҳамчун ҷузъи асосии лексика воҳиди муҳимтарини забон буда, мавзуи ҳамешагии тадқиқоти забоншиносӣ боқӣ мемонад. Фикру андешаи ҳар як шахс доир ба воқеияти ҷаҳони атроф дар вожа, дар таркиби луғавии забон инъикос меёбад. Ҷиҳати дарки моҳияти забонӣ ва равонии калима дар миёни забоншиносон то ҳанӯз баҳсҳои гуногун идома дошта, дар асри гузашта зиёда аз 40 таърифи ин мафҳум мавҷуд буд, ки то ҳоло ба як андеша ва тафсири ягонаи ин истилоҳ наомадаанд.

Калима падидаи бисёрҷанба ва мураккаби забонӣ буда, дорои аломату хусусиятҳои гуногун ва зиёд мебошад. Бинобар ин онро аз грамматика ҷудо кардан ғайриимкон аст, зеро дар як калима, ки ҳамчун воҳиди мустақили маъноӣ тавсиф мешавад, маънои луғавӣ ва грамматикӣ ё тартиби грамматикӣ нуҳуфта аст. «Маъноҳои луғавии калимаҳо инъикоси бевоситаи шайъҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳои ҳаёти объективӣ ва муносибатҳои мухталифи байни онҳо мебошанд. Онҳо дар навбати аввал шайъҳо, хосиятҳо ва амалу равандҳои дигари он шайъҳоро акс мекунанд, ифодаи бевоситаи ин шайъҳо, ҳодисаҳо ва муносибатҳои гуногуни байни онҳо дар шуури соҳибони забон мебошанд» [9, с. 24]. Дар робита ба ин, ҳар як лексемаро ба гурӯҳҳои муайяни лексикӣ-грамматикӣ мансуб медонанд. Дар забонҳои навъи аналитикӣ, ки забони тоҷикӣ ба онҳо тааллуқ дорад, калима ҳамчун парадигмаи грамматикӣ маҷмуи гуногуни шаклҳои синтаксисиро дар бар мегирад. Дар онҳо муносибатҳои грамматикӣ асосан тавассути синтаксис, яъне калимаҳои ҷудогонаи функсионалӣ (пешояндҳо, феълҳои модалӣ ва ғ.), тартиби устувори калимаҳо, матн ё оҳанг интиқол шуда, бо ҳам тавассути маънои лексикӣ муттаҳид мешаванд.

Боиси тазаккур аст, ки лексикология маънои калимаҳоро омӯхта, онҳоро бе назардошти хусусиятҳои грамматикӣ ё лексема баррасӣ мекунад. Лексема ин калимае мебошад, ки маҷмуи шаклҳои грамматикӣ дар он ифода меёбанд.

Ба ташаккули назарияи маънои луғавии калима асосан омӯзиши муносибатҳои системавии он мусоидат кардааст. Бинобар ин, ҷанбаҳои гуногуни маънои луғавии калима объекти тадқиқоти таркиби луғавии забонро ташкил медиҳад. Мафҳуми «маънои луғавӣ» таърифи ягона надошта, он ба самти забоншиносӣ, ки дар доираи он захираи луғавии забон омӯхта мешавад, вобаста мебошад. Муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Маҷидов доир ба маънои луғавии калимаҳо маълумот дода, онҳоро вобаста ба тарзи зоҳиршавиашон ба маъноҳои озод ва устувор ҷудо мекунад: «Агар маънои луғавии калима имконияти зиёдтари зоҳиршавӣ дошта, бо калимаҳои дигар бештар ҳамнишин гардад, чунин маънои луғавиро маънои озод гуфтаанд. Дар сурати маҳдуд будани доираи истеъмоли калима маъноҳои устувори луғавӣ ба вуҷуд меоянд» [9, с. 25]. Маънои луғавии лексема ва тафсири он дар асоси муқоиса бо воҳидҳои дигаре, ки «иттиҳоди луғавӣ» -ро ташкил медиҳанд, муайян мегардад. Дар дохили «иттиҳоди луғавӣ», ки як низоми муайянеро дороанд, хусусияти маъноии калимаҳо бо интихоби ҷузъҳои маъноӣ алоқаманд мебошанд.

Маъноҳои озоди луғавиро муҳаққиқон таҳлил намуда, бар он назаранд, ки онҳо ба қатори серистеъмолтарин маъноҳои системаи семантикии забон дохил мешаванд. Вобаста ба ин, маъноҳои озоди луғавиро ба мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ ҷудо намудаанд [9, с. 25].

Маънои мафҳумӣ мафҳуми мантиқиро ба тариқи умум ифода мекунад ва дар он шайъ ё ягон ҳодисаи ҳаёти воқеӣ ба тариқи ҷамъбаст ифода меёбад. Маънои луғавии эҳсосотӣ бошад, навъҳои гуногуни эҳсосоту ҳаяҷонро ифода мекунад ва дар он бе олоиши унсури мафҳумӣ эҳсосоти гуногун ифодаи мушаххаси худро меёбанд ва ё зоҳир мекунанд. Ифодаи муносибатҳои мухталифи гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда маънои луғавии модалии калимаро ташкил медиҳад, ки он ҳамеша ба тариқи холис зоҳир мегардад. Маънои ишоратии калима бошад, шайъ ё ҳодисаро зикр мекунад ва ё фақат номбар мекунад, Чунин навъи калимаҳо маъноҳои дигарро ифода намекунанд ва онҳо танҳо ҳамчун воситаи ишорат – ном ба кор мераванд.

Аз ин муайян мегардад, ки навъҳои маъноҳои озоди луғавӣ – мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ яке аз унсурҳои доимии системаи маъноии забон ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, «ҳамчун унсурҳои доимии системаи забон онҳо умумихалқианд ва аз тарафи ҳамаи аҳли забон як хел фаҳмида мешаванд» [9, с. 26].

Чунон ки дар боло ишора шуд, маънои луғавии лексема дар асоси муқоиса бо воҳидҳое, ки «иттиҳоди луғавӣ»-ро ташкил медиҳанд, муайян мегардад ва дар дохили «иттиҳоди луғавӣ» хусусияти маъноии калимаҳо бо интихоби воҳидҳои маъноӣ (сема) алоқаманд мебошанд. Воҳидҳои маъноӣ (семаҳо) бо усули таҳлили ҷузъӣ бар асоси равиши сохторию системавӣ ошкор мегарданд. Сема хусусияти дифференсиалии семантикӣ, яъне воҳиди маъноӣ буда, ҳангоми муқоисаи маънои калимаҳои гуногун муайян мегардад. Қайд бояд кард, ки семаҳо низ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: семаи интегралӣ (кулл) ва семаи дифференсиалӣ (ҷузъ).

Аз ин рӯ, таҳлили сохторию системавии воҳидҳои луғавӣ бар асоси мавҷудияти маънои калимаҳо (семаи кул ё ҷузъ) нигаронида шудааст. Семаҳо асоси муайян кардани «иттиҳоди луғавӣ» мебошанд, ки дар доираи онҳо дар асоси муқоисаи маънои калимаҳо семаҳои кул ва ҷузъ барои шарҳи воҳидҳои луғавӣ зарур ва кифоя арзёбӣ мешаванд. Масалан, калимаҳои ангуштарин, ҳалқа, гӯшвора, дастпона, гарданбанд ва ғайра ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон мебошанд. Вожаҳои зикршуда воҳиди маъноии (семаи ҷузъи)-и вожаи «ороишот» мебошанд. Яъне, воҳиди маъноии (сема)-и «ороишот», ки ба маънои ҳамаи калимаҳои баррасишаванда хос аст, воҳиди семантикии интегралӣ ё семаи кулл (интегралӣ) номида мешавад. Ҳамон воҳидҳои маъноӣ (семаҳо), ки ба воситаи онҳо маънои калимаҳо - номи ороишот аз ҳамдигар фарқ мекунанд, воҳидҳои семантикии дифференсиалӣ ё семаҳои ҷузъӣ (дифференсиалӣ) номида мешаванд.

Зикр бояд кард, ки воҳиди маъноӣ (сема) бар хилофи маънои луғавӣ воҳиди семантикии мустақил нест ва дар шакли холис дар забон ба назар намерасанд. Бинобар ин, мавҷудияти онҳо танҳо дар натиҷаи андешаи амиқ муайян мешавад.

Масалан, маънои калимаи ангуштарин семаҳои зеринро дар бар мегирад: «маводи ороиш», «тилогӣ/ нуқрагӣ», «нав/қадимӣ», «мардона/занона», «хосси ангушт». Агар ин вожаро бо вожаҳои дастпона ва гӯшвора муқоиса кунем, пас итминон хоҳем кард, ки баъзе ҷузъҳои маъноии ҳар се вожа муштарак ва баъзе фардӣ буда, ба маънои як вожа хоссанд:

дастпона – «маводи ороиш», «тилогӣ/ нуқрагӣ», «нав/қадимӣ», «занона», «хосси банди даст»;

гӯшвора – «маводи ороиш», «тилогӣ/ нуқрагӣ», «нав/қадимӣ», «занона», «хосси гӯш».

Байни лексика ва навъҳои маънои луғавӣ категорияҳои мушаххас ва мавҳумӣ мавҷуданд. Категорияи луғавии мушаххасро лексемаҳое (этнографизмҳо дар энолингвистика) ташкил медиҳанд, ки барои ифода намудани номи ашё, хусусиятҳо ва падидаҳо хизмат мекунанд. Лексемаҳои мушаххас тавассути ҳиссиёт дарк шуда, мавқеи муҳимро дар таркиби лексика ишғол мекунанд. Асосҳои категорияи луғавии мавҳумиро воҳидҳои маъноие ташкил медиҳанд, ки бо мафҳумҳои дар натиҷаи фаъолияти равонии инсон бавуҷудомада ифода меёбанд. Онҳо як гурӯҳи ашёҳоеанд, ки дар тафаккури инсон дар шакли маҷмуи аломатҳои муҳим инъикос меёбанд.

Ҳамчунин, лексикаро муҳаққиқон ба калимаҳои предикатӣ (хабарӣ) ва ғайрипредикатӣ (ғайрихабарӣ) ҷудо намудаанд, яъне ба кадом навъи объект ва муносибат тааллуқ доштани калимаҳоро ифода мекунанд. Л. П. Крисин маънои лексикии калимаҳоро таҳлил намуда, зикр мекунад, ки калимаҳои предикатӣ, сохтори актантӣ дошта, барои ифода кардани ҳолатҳои гуногун хизмат мекунанд. Қабати луғавии хос ба вожаҳои ғайрипредикатӣ мансуб аст, ки дар маънои худ актант надоранд: «Предикатӣ – инҳо калимаҳое мебошанд, ки навъҳои гуногуни ҳолатҳои коммуникативиро ифода мекунанд, ғайрипредикатӣ - калимаҳои ифодакунандаи ашёи мушаххас мебошанд. Ҳолатро одатан ҳамчун порчаи воқеият фаҳмидан мумкин аст, ки дар он як ё якчанд «иштирокчиён»-ро фарқ кардан мумкин аст (инҳо метавонанд ҳам шахсон ва ҳам объектҳои беҷон ё мафҳумҳои абстрактӣ бошанд)» [7, с.40].

Дар сарчашмаҳои забоншиносӣ зикр мегардад, ки калимаҳо ба ду маъно корбурд мешаванд: аслӣ ва иловагӣ. Маънои аввали калимаро аксаран маънои аслӣ номида, он инчунин бо истилоҳҳои асосӣ, умумӣ, номинативӣ, денотативӣ, узуалӣ ва монанди онҳо номбар мешавад. Муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки «Ҳангоми тасвири ҳолати

ҳамзамонии маъноҳои луғавӣ он маънои асосӣ номида шудааст, аз нуқтаи назари инкишофи таърихӣ маънои аслӣ ном гирифтааст, аз бобати вазифаҳои дар забон доштааааш номинативӣ номида шудааст ва монанди инҳо» [9, с. 48]. Забоншиноси мазкур ба ҳамин натиҷа меояд, ки дар тасвири ҳолати имрӯзаи маъноҳои луғавии калима маънои аввалро маънои асосӣ ва маъноҳои боқимондаро маъноҳои иловагӣ номад. Чунин гурӯҳбандии маъноҳои калима, албатта, дар забоншиносӣ хеле барвақт ба амал омада буд. Калимаҳо метавонанд дар баробари маънои асосӣ маънои иловагӣ дошта бошанд, ки он бо истилоҳи байналмилалии коннотатсия низ ифода меёбад. Коннотатсия ҳамчун маҷмуи калимаҳое фаҳмида мешавад, ки ҳангоми талаффуз ё қабули калимаи мушаххас ба вуҷуд меояд. Коннотатсияҳо (маъноҳои иловагии луғавӣ) давоми мантиқии маънои асосӣ мебошанд. Дар онҳо аломатҳои гуногуни маънои асосӣ ва нишонаҳои мухталифи он инъикос меёбанд, ки робитаи байни маъноҳои гуногуни калимаҳои сермаъно маҳз аз ҳамин хосияти онҳо зоҳир мегардад. Аксаран коннотатсияҳо дар забонҳои гуногун аз рӯйи асолати миллиашон фарқ мекунанд. Масалан, дар як забон калима метавонад маънои устувор дошта бошад, дар забони дигар бошад, ҳамон калима метавонад як мафҳум, ашё, ҳолат ё вазъиятро бо маъноҳои иловагии эҳсосотӣ ифода намояд. Масалан, дар забони тоҷикӣ бар хилофи забони чинӣ маъноҳои гуногуни коннотативӣ тавассути пасванду пешвандҳои муайян бо роҳи морфологӣ интиқол ёбанд. Ҳамчунин метавонанд бо роҳи истиорасозӣ сохта шаванд. Вожаҳое, ки ба усулҳои гуногуни истиорасозӣ (истиораи луғавӣ) асос ёфтаанд, метавонанд маънои маҷозӣ пайдо кунанд. «Истиораи луғавӣ чунин навъи маҷоз аст, ки дар асоси он маънои як калима ба калимаи дигар ба нисбати ҳамшафатии шайъҳои ифодакунандаи ин маъноҳо, ки дар фазо ва замони муайян ба вуҷуд омадаанд, мекӯчад» [9, с. 54]. Маъноҳои бо усули истиораи луғавӣ сохташуда ҳамчун маънои доимии низоми забон шинохта шудаанд.

Дар низоми лексикии забон калима метавонад маъноҳои гуногун дошта бошад. Сермаъноии калимаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки забон як системаи маҳдуд буда, наметавонад тамоми шайъҳо, ҳолатҳо падидаҳоро, ки ҷаҳони моро иҳота намудаанд, номбар кунад. Ҷиҳати муҳимми калимаи сермаъно он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунад ва ҳамаи он маъноҳо бо ҳам робита доранд. Маъноҳои ҷудогонаи ин гуна калимаҳо ҳамчун ҳалқаҳои як занҷири муназзам ба назар мерасанд. Маҳз ҳамин ғояро забоншиноси маъруфи рус В.В. Виноградов дар шакли назарияи тағйирёбии лексикию семантикии калимаҳо пешниҳод мекунад. Назарияи мазкур имкони тақсими калимаи сермаъноро ба воҳидҳои луғавии минималии дуҷониба ва робитаи онҳо талқин намуда, ба омӯзиши сермаъноии калимаҳо ва воҳидҳои дорои контекстҳои муайяни «фразеологӣ» заминаи устувор мегузорад [19]. В.В. Виноградов зикр мекунад, ки «тағйироти умумии сохти семантикии забон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои грамматикӣ ва лексикӣ ба вуҷуд меоянд» [4, с. 42].

Ба масъалаи тағйирёбии лексикию семантикӣ баъдан муҳаққиқи дигари рус А.И. Смирнитский таваҷҷуҳ намуда, онро дар асари худ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Истилоҳи “гунаи лексикию семантикии калима” бори нахуст дар асарҳои муҳаққиқи мазкур истифода мешавад.

А.И.Смирниткий гунаи лексикию семантикии калимаро воҳиди дуҷониба номидааст, ки дар ин ҷо ҷониби шаклии он форматив ва ҷониби маънодори он – калимаи сермаъно (полисемия) мебошад [16].

Боиси қайд аст, ки раванди семантикӣ дар калима дорои хусусияти бисьёртарафа мебошад. Ҳодисаҳое, ки дар таркиби луғавии забон ба амал меоянд, дар раванди семантикӣ инъикос меёбанд. Ин, алалхусус, ба гуногунтаркибии функсионалии калима дар гунаҳои гуногуни лексикию семантикии он дахл дорад. Чунин ҳолат замоне равшан мегардад, ки сухан доир ба истилоҳшавии маънои калима меравад, яъне дар таркиби семантикии калима гунаи лексикию семантикии калима хусусияти истилоҳотӣ пайдо мекунад. Гузашта аз ин, бояд зикр кард, ки дар таркиби гунаи лексикию семантикии калима вожаҳое низ мавҷуданд, ки танҳо хусусияти истилоҳотӣ доранд.

Ногуфта намонад, ки ҳавзаи маъноӣ (семантическое поле) бо мазмуни якхелаи консептуалии воҳидҳои он тавсиф мешавад, бинобар ин, таркиби онро одатан на калимаҳои мушаххас, ки маънои онҳоро бо мафҳумҳои гуногун алоқаманд мекунанд, балки гунаи лексикию семантикӣ ташкил медиҳад. Гунаи лексикию семантикӣ гунаҳои як калима

мебошанд, ки танҳо маънои луғавӣ доранд ва дар ҷумлаҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Калимаҳои сермаъно аксар вақт бо маъноҳои худ ба ҳавзаи маъноии гуногун дохил мешаванд.

Назарияи ҳавзаи маъноӣ бори нахуст аз ҷониби забоншиноси олмонӣ Ҷост Триер пешниҳод мегардад. Ӯ дар назарияи пешниҳоднамудааш зикр мекунад, ки калимаҳо аз ҷиҳати маъно бо ҳамдигар алоқаманданд ва дар якҷоягӣ системаи интегралиро ташкил медиҳанд. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур вожаҳои гуногун бо ҳамдигар дар доираи як ҳавзаи маъноӣ алоқаманданд ва маънои ҳар як вожа ба маънои вожаҳои ҳамсояи ин ҳавзаи маъноӣ вобаста аст. Маънои калимаро алоқаи он бо дигар калимаҳои ҳавзаи лексикӣ муайян мекунад. Яъне, маънои аслии калимаро танҳо бо роҳи ба як системаи интегралӣ пайвастани калимаҳои забон ва таҳлили муносибатҳои семантикии байни калимаҳо муайян кардан мумкин аст.

Дар асоси назарияи Ҷ.Триер забоншиносон се навъи ҳавзаи семантикиро муайян кардаанд: 1) ҳавзаи семантикӣ (маъноӣ), 2) ҳавзаи синтаксисӣ ва 3) ҳавзаи ассотсиативӣ. Ҳавзаи маъноӣ робитаҳои парадигматикии калимаҳо ва ҳавзаи синтаксисӣ алоқаи ҳамбастагии байни унсурҳои ҳавзаи маъноиро баррасӣ мекунад. Ҳавзаи ассотсиативии калима параметрҳои забонии калимаро тамаркуз намуда, гуногунии семантикӣ, мавзуӣ ва баҳодиҳиро инъикос мекунад.

Ю.Д. Апресян – забоншиноси рус дар бораи ҳавзаи семантикӣ таҳқиқот бурда, таъкид мекунад, ки «Захираи луғавии забон як тудаи тасодуфии воҳидҳои луғавӣ нест. Онро ба якчанд ҳавза тақсим кардан мумкин аст. Ин ҳавзаҳо калимаҳоро дар асоси маънои якхела муттаҳид мекунанд. Аз ин рӯ, маънои калима комилан мустақил нест” [1].

Ҳамчунин, В.А. Звегинсев ва Л.В. Малаховский доир ба масъалаи ҳавзаи лексикию семантикӣ андешаронӣ намуда, В.А. Звегинсев зикр мекунад, ки: «Маънои калима маҷмуи гунаҳои лексикию семантикии он мебошад» [6, с.126]. Л.В. Малаховский бошад, қайд мекунад, ки «калимаи сермаъно, воқеан, маъноҳои гуногун дорад, аммо ҳамаи ин маъноҳо танҳо амалӣ шудани зуҳуроти гуногуни як воҳиди томи семантикӣ ё бо истифода аз истилоҳи А.И. Смирнитский гунаҳои гуногуни лексикию семантикии калима мебошанд» [8 с. 45].

Калимаҳо ҳамчун воҳиди системаи забон на танҳо дар ҳолати синхронӣ ва диахронӣ қарор дорад, балки дар пайванди парадигматика ва синтагматика низ воқеъ мебошад. Л.А. Новиков қайд кардааст, ки сарҳади ҳавзаҳои семантикӣ собит нестанд, бинобар ин, бо тағйироти меъёри қабулшуда тағйир ёфтани онҳо низ ногузир аст. Воҳидҳои луғавӣ дар ҳавзаи семантикӣ метавонанд миқдоран маҳдуд бошанд, ё метавонанд гурӯҳи хеле калонро ташкил диҳанд. Аз ин рӯ, ҷузъи майдонҳои семантикиро метавонанд микроҳавзаҳои гуногун фаро гиранд.

Ба андешаи бархе аз олимон калимаҳо ҳамчун воҳиди том дар майдони семантикӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин, забонҳо аз якдигар фарқ мекунад ва ҳар давраи мавҷудияти як забон тафовути хосси худро дорад, ки дорои арзишҳо ва меъёрҳои гуногун мебошанд.

Ҳангоми таҳияи назарияи ҳавзаи семантикӣ олимон чунин мавқеъро асоснок карданд, ки калима ҷузъи ҳавзаи луғавӣ мебошад ва ҳар як ҷузъи ин ҳавза бо ҷузъҳои ҳамсояаш маҳдуд аст. Тағйир додани арзиши як калима дар ҳавзаи луғавӣ боиси тағйири арзиши воҳидҳои дигар мегардад.

С.И. Ожегов мавқеи лексикаро дар забон тафсир намуда, қайд кардааст, ки «ҳоло умуман ба таври куллӣ таркиби луғавии забонро ҳамчун як навъ система дар маҷмуи алоқаҳои гуногун пешниҳод кардан душвор аст. Зарур аст, ки «гиреҳҳои» механизм, гурӯҳҳои лексикӣ ва рафтори онҳоро дар забон омӯзем» [13, с. 47].

Вобаста ба сатҳи забон калимаҳо ба гурӯҳҳои зерин тасниф мешаванд: гурӯҳҳои лексикию мавзуӣ, лексикию грамматикӣ, семантикию синтаксисӣ. Муҳаққиқон дар ҳавзаи лексикию семантикӣ низ гурӯҳҳои зерини калимаҳоро тарҳрезӣ намудаанд: гурӯҳи семантикӣ, гурӯҳҳои лексикию семантикӣ, гурӯҳҳои мавзуии калимаҳо ва ғайра [Уфимцева А.А. Слово в лексико-семантической системе языка. - М.,1968]. Ҳамин гуна таснифот дар асарҳои Л.В. Щерба [Щерба, 1974] низ ба назар мерасад, ки дар асоси таҳқиқоти ӯ ҳар як гурӯҳ хусусиятҳои хосси худро дошта, усулҳои муайяни тадқиқотро талаб мекунад.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар таҳқиқоти лексикӣ бештар рӯйи кор меояд, ин ба гурӯҳҳои мавзуӣ тасниф намудани вожаҳо мебошад. Вожаҳои забон аз рӯйи мавқеи

истифодаашон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ ба ин ё он мавзуъ дахл доранд, ки аз назари забоншиносӣ онҳоро тасниф менамоянд. Доир ба гурӯҳҳои мавзуӣ тафсири зерин хеле ҷолиб ва дақиқ мебошад: “Гурӯҳи мавзуӣ – як гурӯҳи лексикиест, ки дар доираи майдони маъноӣ ё новобаста аз он фарқ мекунад ва дар он луғат аз рӯйи аломати денотативӣ муттаҳид мешавад. Гурӯҳҳои мавзуӣ ҳамаи унсурҳои воқеиятро тасниф мекунанд – аз ашёи рӯзгор то ҷисмҳои осмонӣ, аз як тараф ва равандҳои фикрӣ, аз тарафи дигар” [Росс. гуманит. энциклопедич. словарь].

Дар забоншиносии анъанавӣ гурӯҳи лексикию маъноиро ба маънои васеъ гурӯҳи лексикию семантикӣ меноманд. Мавқеи грамматикии воҳидҳои луғавии таркибии ин гурӯҳ муҳимтарин хусусияти он мебошад.

Мусаллам аст, ки низоми лексикӣ дар ҳолати мавҷудияти маҷмуи калимаҳо, ки дорои маъноҳои ҷудогона мебошанд, ташкил мегардад. Чунин маҷмуи калимаҳоро парадигмаҳои лексикию семантикӣ ва муносибатҳои маъноии байни аъзои парадигмаро муносибатҳои парадигмавӣ меноманд.

Муносибатҳои парадигматикӣ асосан барои тавсифи парадигмаҳои лексикию семантикӣ ҳамчун асос хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, худи онҳо аз мансубияти калимаҳо ба ин ё он ҳиссаи нутқ вобастагӣ доранд. Ин аст, ки байни калимаҳои дорои маънои объективӣ – исм ва калимаҳои дорои хусусияти хос – феъл, сифат, зарф фарқи калон мавҷуд аст.

Муносибатҳои парадигматикӣ ҳамеша робитаҳои байни падидаҳои воқеият мавҷудбударо инъикос мекунанд. Аммо ин муносибатҳоро ҳавзаи лексикию семантикии забон танзим мекунанд. Аз ин рӯ, доир ба таснифоти калимаҳое, ки танҳо ба гурӯҳбандии ашё ва падидаҳо асос ёфтаанд, сухан рондан душвор аст.

Ҳамин тавр, умумияти мазмуни лексика ё гунаҳои лексикию семантикии калимаҳо асоси муайян намудани парадигмаро ҳамчун унсури системаи лексикию семантикии забон нишон медиҳад. Бо рушду инкишофи соҳаҳои нави забоншиносӣ, аз ҷумла этнолингвистика ва лингвокултурология, лексика ҳамчун маҷмуи воҳидҳои луғавӣ, ки порчаи алоҳидаи тасвири миллии ҷаҳонро ифода мекунанд, дорои хусусияти луғавӣ буда, ҷузъи семантикии умумӣ маҳсуб меёбад.

Муқарриз: ***Насруллоев М.*** – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Апресян, Ю. Д. Лексическая семантика: синонимические средства языка / Ю. Д. Апресян. -М.: Наука, 1974. – 366 с.
2. Большой энциклопедический словарь / гл.ред. В.Н. Ярцева. – 2-е изд. – М.: Большая Академическая Энциклопедия, 2000. – 688 с.
3. Большой энциклопедический словарь /Гл. ред. А.М.Прохоров. – М.; СПб: Большая Российская энциклопедия; Норинт, 2000. – 1434 с.
4. Виноградов, В.В. Основные типы лексических значений слова / В.В. Виноградов // Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М.: "Наука", 1977.
5. Гумбольдт В. Об изучении языков, или план систематической энциклопедии языков / В. Гумбольдт // Введение в языкознание: хрестоматия для вузов. – М., 2005. -312 с.
6. Звегинцев, В. А. Семасиология / В. А. Звегинцев. – М., 1957. – 126 с.
7. Крысин, Л. П. Современный русский язык. Лексическая семантика. Лексикология. Фразеология. Лексикография: учебное пособие для студ. филол. фак. высш. учеб. заведений / Л. П. Крысин. – М. : Издательский центр «Академия», 2007. – 240 с.
8. Малаховский, Л. В. Теория лексической и грамматической омонимии / Л. В. Малаховский. – Л., 1990. – 213 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатштносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.
10. Матробиён, С. Қ. Этнолингвистикаи тоҷик: пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ. Китоби 1. Асосҳои назариявии этнолингвистика ва тасвири ҷаҳон / С. Қ. Матробиён. – Душанбе: «Шоҳин-С», 2022. -256 с.
11. Матробов, С. К. Лексика традиционных игр ваханцев в этнолингвистическом освещении: автореф. дисс....канд. филол. наук / С. К. Матробов. – СПб., 2005. – 19 с.
12. Мирбобоев, А. Об одном этнолингвистическом явлении в лексике летовщиков Вахана / А. Мирбобоев // Вопросы памирской филологии. Вып.3. – Душанбе, 1985. – С. 92-97
13. Ожегов С.И. Лексикология / С.И. Ожегов. Лексикография. Культура речи. – М.: 1974 – 352 с.
14. Перехвальская, Е. В. Этнолингвистика: учебник для академического бакалавриата / Е. В. Перехвальская. – М.: «Юрайт», 2019. – 351 с.
15. Российский гуманитарный энциклопедический словарь. 2002, Т. III.
16. Смирницкий, А. И. К вопросу о слове (проблема «тождества» слова) / А. И. Смирницкий // Тр. Ин-та языкознания АН СССР. –М., 1954.
17. Соссюр, Ф. Курс общей лингвистики / Ф.Соссюр. –М., 2016 – 256 с.
18. Чарыкова, О. Н. Основы теории языка и коммуникации: учеб. пособие для бакалавров / О. Н. Чарыкова, З. Д. Попова, И. А. Стернин. – Москва: «Флинта», 2012. – 312 с.

19. Яковлюк А. Н. Лексико-семантический вариант как связующее звено между многозначным словом в языке и его реализацией в речи / А. Н. Яковлюк // Вестник Челябинского государственного университета. 2009. - № 34 (172). Филология. Искусствоведение. -Вып. 36.

ЛЕКСИКА МУҲИМТАРИН ҶАНБАИ ПАЖУҲИШИИ ЭТНОЛИНГВИСТИКА

Дар мақола оварда мешавад, ки лексика дар тадқиқоти этнолингвистӣ нақши асосӣ дошта, он хусусиятҳои фарҳангӣ, андешаҳо ва арзишҳои гурӯҳи муайяни одамонро инъикос мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқон омӯзиши лексика имкон медиҳад, ки доир ба хусусиятҳои хоси забони марбут ба як гурӯҳи этникӣ ошноӣ пайдо кард. Аз ин рӯ, муҳаққиқони зиёде дар доираи равиши этнолингвистӣ оид ба лексика тадқиқот бурда, дар асарҳои худ таркиби лексикии гуруҳҳои гуногуни этникӣ ва таъсири он ба забон ва фарҳангро таҳқиқ кардаанд. Мусаллам аст, ки лексика (вожагон) маҷмуи вожаҳои забон буда, таркиби луғавии онро ташкил медиҳад. Ин маҷмуи вожаҳо (лексика) дорои низоми мушаххасе дар забон буда, як соҳаи муҳимми забоншиносӣ – лексикология ба омӯзиши онҳо машғул мебошад. Низоми лексикии забон дар доираи равиши сохториву системавӣ омӯхта мешавад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем дар ин мақола доир ба нақши лексика дар омӯзиш ва пажуҳиши этнолингвистика маълумот дода, дар бораи он пажуҳишҳое, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, назари худро иброз намоем. Бояд зикр кард, ки муқаррароти назариявии низоми лексикии забон дар доираи илмӣ хеле барвақт ташаккул ёфта буд. Хусусан, ғояи муназзами он аз филологияи қадим оғоз шуда, тадриҷан ба забоншиносӣ ворид гардида буд.

Калидвожаҳо: лексика, пажуҳиш, этнолингвистика, фарҳанг, забоншинос, грамматика, лексема, маънои луғавӣ, иттиҳоди луғавӣ.

ЛЕКСИКА – ВАЖНЕЙШИЙ АСПЕКТ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ

Лексика играет главную роль в этнолингвистических исследованиях, она отражает культурные особенности, идеи и ценности определенной группы людей. По мнению исследователей, изучение лексики позволяет ознакомиться со специфическими особенностями языка, относящимися к определенной этнической группе. Поэтому многие ученые проводили исследования лексики в рамках этнолингвистического подхода и изучали в своих работах лексический состав разных этносов и его влияние на язык и культуру. Понятно, что лексика представляет собой совокупность слов языка и образует его лексический состав. Эа группа слов (лексика) имеет в языке специфическую систему, и их изучением занимается важная отрасль языкознания – лексикология. Лексическая система языка изучается в рамках структурно-системного подхода. Поэтому в этой статье мы решили предоставить информацию о роли лексики в изучении и исследовании этнолингвистики и высказать свое мнение об исследованиях, которые проводились в этом направлении. Следует отметить, что теоретические положения лексической системы языка сформировались в научной среде очень давно. В частности, ее понятие системы рассмотривалось еще в античной филологии и постепенно проникла в языкознание.

Ключевые слова: лексика, исследование, этнолингвистика, культура, лингвист, грамматика, лексема, лексическое значение, лексическая ассоциация.

VOCABULARY IS THE MOST IMPORTANT ASPECT OF ETHNOLINGUISTIC RESEARCH

Vocabulary plays a major role in ethnolinguistic research, it reflects the cultural characteristics, ideas and values of a certain group of people. According to researchers, studying vocabulary allows you to become familiar with the specific features of a language belonging to a particular ethnic group. Therefore, many researchers conducted studies of vocabulary within the framework of the ethnolinguistic approach and studied in their works the lexical composition of different ethnic groups and its influence on language and culture. It is clear that vocabulary is a set of words of a language and forms its lexical composition. This group of words (lexicon) has a specific system in the language, and their study is carried out by an important branch of linguistics - lexicology. The lexical system of a language is studied within the framework of a structural-systemic approach. Therefore, in this article we decided to provide information about the role of vocabulary in the study and research of ethnolinguistics and express our opinion on the research that has been carried out in this direction. It should be noted that the theoretical provisions of the lexical system of a language were formed very early in the scientific field. In particular, its systematic idea began with ancient philology and gradually penetrated into linguistics.

Keywords: vocabulary, research, ethnolinguistics, culture, linguist, grammar, lexeme, lexical meaning, lexical association, research.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гуломалиева Рузафзун Қувватбековна*** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, омӯзгор, кафедраи забоншиносӣ ва журналистика. **Суроға:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Мухаммадиев, 17/6. E-mail: **r.gulomalieva@gmail.com.** Тел.: **(+992) 93-936-28-82**

Сведения об авторе: ***Гуломалиева Рузафзун Кувватбековна*** - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, преподаватель, кафедра языкознания и журналистики. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул.Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **r.gulomalieva@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 93-936-28-82**

Information about the author: ***Gulomalieva Ruzafzun Quvvatbekovna*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, teacher, Department of Linguistics and Journalism. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadieva Str., 17/6. E-mail: **r.gulomalieva@gmail.com.** Phone: **(+992) 93-936-28-82**

ТДУ: 42:491.550

ХУСУСИЯТИ ИФОДАЁБИИ ҶОНИШИНИ САВОЛИИ *WHAT - ЧӢ* ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Гиёев Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хусусияти хосси омӯзиши ҷонишинҳо дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар маркази диққати забоншиносон қарор гирифт. Дар аксари тадқиқоти соҳаи забоншиносӣ мафҳумҳои хусусияти зерин нисбатан бештар ба назар мерасанд: «Ҷонишин ҳиссаи нутқест, ки ашё, аломат ва миқдорро нишон медиҳад, вале онҳоро номбар намекунад» [3, с. 264-28].

Ба гурӯҳи ҷонишинҳои саволӣ ва нисбӣ дар забони англисӣ ҷонишинҳои зерин дохил мешаванд ва ҳар яки онҳо, сохтор, маъно ва вазифаҳои худро доранд.

Ҷонишини **who?**-кӣ? (киҳо?) нисбат ба шахс кор фармуда мешавад; **what**? чӣ (чиҳо?) нисбат ба предмет; **what kind of**? чӣ гуна?, чӣ хел?, чӣ навъ?, чӣ сон?, чӣ зайл?, чӣ тавр?, чӣ тариқа? кадом?, кадомин?, кадомҳо?, кадом хел? which? нисбат ба сифату аломат (бо калимаҳои дигар дар як таркиб меоянд); **wich size**? чандум? which number (тартиби предмет), **how many**?, чанд?, чӣ қадар?, чӣ миқдор? чӣ андоза? нисбат ба миқдору дараҷа; **when?** кай?, аз кай?; то кай?; кай боз?; то ба кай? нисбат ба замон; **where к**уҷо?, куҷоҳо?; дар куҷоҳо?, то куҷо? нисбат ба макон; **why? for what purpose?** бо чӣ мақсад? сабабу мақсад, чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб? **how,** чӣ тавр?, чӣ сон?, чӣ тариқа? нисбат ба тарзи иҷрои амалу ҳолат истифода бурда мешавад.

Ҷонишинҳо ду хусусияти муҳим доранд: аввалан, онҳо аз рӯйи баъзе аломаташон калимаи мустақилмаъно буда, дар матн нисбат ба калимаҳои ёридиҳанда мустақилтар воқеъ мешаванд ва аъзои ҷумла шуда, калимаҳои дигарро тобеъ мекунанд: ман рафтам, номи ту, ҳамаи одамон ва ғайра.

Инчунин онҳо дорои баъзе хусусиятҳои калимаҳои ёридиҳанда мебошанд: ҳамеша ба калимаҳои мустақил алоқаманд шуда меоянд. Бинобар ин, барои равшан шудани маънои ҷонишин матн кумак мекунад.

Матн ба кадом предмет вобаста будани ҷонишинро муайян мекунад. Вале имконияти матн баъзан маҳдуд мебошад, чунки гоҳо вай нопурра оварда мешавад. Инро ҳам бояд қайд кард, ки шахс ё предмете, ки ҷонишин ба он алоқаманд аст, дар матн баъзан дар фосилаи зиёдтар воқеъ мегардад. Дар ин маврид ҳам бо кумаки матн маънои ҷонишинро дарк кардан мумкин аст.

Чӣ маънои ҳамчун ҷонишини саволӣ барои ашё, предмет, ҳама чиз (ба ғайр аз инсон) истифодашавандаро дорад: ин чист?, чӣ мекунӣ?, чӣ дорӣ?, чӣ гуфтӣ?, чӣ тавр?, чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ навъ?; чӣ қадар?, ба кадом миқдор, чӣ андоза (барои ифодаи чизи бисёр ва бисёрии чизе) чӣ шуд? куҷо шуд?. барои чӣ?, аз чӣ? барои чӣ? бо кадом сабаб?. бо кадом мақсад? чӣ чиз, кадом чиз?. чӣ хел?, чӣ навъ?, иборат аз чӣ?. магар, оё (тааҷҷуб) [ФТЗТ, 632].

Инчунин **чӣ** ҳамчун ҳиссачаи пурсиш: чӣ хел?, чӣ навъ?. **Чӣ** ҳиссачаи саволии хоҳишмандӣ: шумо ҳам як фикр карда бинед-чӣ, ба вай як гуфта бинед-чӣ. - **Чӣ** пасванди калимасоз: аълочӣ, нақорачӣ, тракторчӣ.

Ҷонишини **чӣ?** дар забон ду вазифа дорад. Он ҳамчун ҷонишини саволӣ ба таври адъективӣ ва субстантивӣ истеъмол шудааст. Мисол:

"Well, what do you think of him?" [20, с. 15] ~ Хӯш, вай ба ту маъқул шуд? [7, с. 26].

Аз тарафи дигар, воҳиди мазкур ҳамчун ҷонишини нисбӣ истифода шуда, аз пасоянду пешояндҳо таркиб ёфтааст. Мисол:

He stared at what seemed a careless daub of paint, then stepped away [20, с. 4] ~ Ӯ ба он чӣ, ки акнун ба назараш сурати дағалу баднамое намуд, мутаҳайироа менмгарист [7, с. 5].

Ҷараёни инкишофи вазифаи дуюми ҷонишини **чӣ?** дар забони тоҷик вусъатнок буда, сабаби пайдо шудани шаклҳои омонимии воҳиди мазкур шудааст. Масалан, дар забони зикршуда тадриҷан шаклҳои **чӣ**$_1$ ва **чӣ**$_2$ ташаккул ёфтаанд, ки аз онҳо **чӣ**$_1$ ҷонишин, вале **чӣ**$_2$ пайвандак мебошад. Мисол:

"What is TRIG?" [20, с. 13] ~ «Триг» - аш чӣ? [7, с. 21].

And what is math?" [20, с. 13] ~ «Матика» - ашчӣ? [7, с. 21]. I wonder what they will do next! [18, с. 75] ~ Аҷиб ки акнун чӣ кор мекарда бошанд? [6, с. 24].

Дар мисолҳои зерин **чӣ** ба вазифаи ҷонишини саволӣ омадааст. Мисол:

What a curious feeling!" said Alice [18, с. 42] ~ Чӣ эҳсоси аҷибе! – нидо кард Алиса [6, с. 9].

I wonder what I should be like then? [18, с. 44] ~ Он гоҳ чӣ хел мешуда бошам? [6, с. 9] - Oh dear, what nonsense I'm talking! [18, с. 47] ~ Ман чӣ сафсата гуфтаистодаам! [6, с. 11].

Мисоли дигар: Did you find what you wanted?" [20, с. 28] ~ Хӯш, китоби лозимиатонро ёфтед? [7, с. 45].

Дар мисолҳои зерин **чӣ** ба вазифаи пайвандак омадааст. Мисол:

He had felt the bigness and glow of life in what he had read, but his speech was inadequate [20, с. 7] - Дар он чӣ, ки ӯ навакак хонда буд, ӯ қувва ва нафси гарми ҳаётро ҳис кард, аммо сухан намеёфт, ки дар ин хусус мулоҳиза ронад [7, с. 12].

Воҳиди мазкур нисбат ба предметҳои беҷон ва ҷондори ғайришахс истеъмол шудааст, ки ин аз хусусиятҳои муҳимми ҷонишини саволии **чӣ?** дар забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Ҷонишини саволии **чист?** Мисол:

Пэт, гӯй чӣ. Он чӣ ки дар тиреза ҳаст, **чист**? [6, с. 22] ~ Now tell me, Pat, **what's that** in the window?" [18, с. 72].

Аз рӯйи мавқеи худ ҷонишини саволии **чист?** дар охири ҷумлаҳо истифода бурда мешавад. Вале он баъзан дар оғози ҷумлаҳо низ ҷой гирифтааст. Мисол:

Чӣ бояд кард? [15, с. 19] ~ So **what** are you waiting for? [21, с. 20]. **Чӣ** хӯрдӣ? [15, с. 31] ~ **What** did you eat? [21, с. 31]

Худаш **чӣ** гап? [15, с. 29] ~ **What's** wrong? [21, с. 37].

Дар мисолҳои додашуда дар ҷумлаи якум ва дуюм ҷонишини саволӣ ва нисбии **чӣ** дар ҷумла дар мавқеи аввал ҷойгир аст, дар ҷумлаи сеюм бошад, он дар мобайни ҷумла омадааст.

Аз мисолҳо бармеояд, ки ҷонишини саволӣ-нисбии **чӣ** метавонад ҳам дар аввал, ҳам дар мобайн ва ҳам дар охири ҷумла мавқеи худро ишғол намояд.

Ҷонишини мазкур бо калимаҳои **гуна, сон, қадар, чиз, сабаб, хел** ва амсоли инҳо якҷоя истифода шуда, таркибҳои **чӣ гуна? чӣ сон? чӣ қадар? чӣ тавр? чӣ чиз? чӣ сабаб?** месозанд, ки онҳо аз нигоҳи вазифаю тобишашон аз ҳамдигар фарқ доранд. Мисол:

Ин **чӣ хел** давидан аст? – пурсид Алиса [6, с. 17] ~ "**What is** a caucus – race?" said Alice [18, с. 59].

Чӣ хел ароба? – фикр кард Алиса [6, с. 24] ~ A barrow ful **of what**?" thought Alice [18, с. 77].

Қадат бояд **чӣ қадар** бошад, ки хурсанд бошӣ? – оқибат пурсид Шуллик [6, с. 29] ~ "**What size** do you want to be?" it asked [18, с. 85].

Дар мисолҳои додашуда дар ҷумлаи дуюм ҷонишинҳои саволӣ ва нисбии **чӣ хел**? дар мавқеи аввал ҷойгир аст, дар ҷумлаи дуюм бошад, он дар мобайни ҷумла омадааст. Дар мисоли сеюм ҷонишини саволӣ-нисбии **чӣ қадар**? истифода шудааст. Ин ҷонишинҳо ба аломати предмет ва амал далолат мекунанд.

Аз мисолҳо бармеояд, ки ҷонишини саволӣ-нисбии **чӣ хел**? **чӣ қадар**? метавонад ҳам дар аввал, ҳам дар мобайн ва ҳам дар охири ҷумла мавқеи худро ишғол намояд.

Таркиби **чӣ гуна?** ҷонишини саволии **чӣ?** бо калимаи гуна**,** таркиби **чӣ гуна?** месозад. Мисол:

Дар ин ҷо **чӣ гуна** одамон зиндагӣ мекунанд? [6, с. 36] ~ "**What sort of** people have about people?" [18, с. 102].

Аз мисолҳо маълум аст, ки воҳиди **чӣ гуна?** дар анҷоми ҷумла пеш аз феъл ҷо гирифтааст.

Дар забони тоҷикӣ ҷонишини саволӣ-нисбии **чӣ гуна?** метавонад дар оғози ҷумлаҳо ҷой гирад. Мисол:

- Аммо ба ман махсусан ҳамин ҷойи маъруза нафорид. Маърузачӣ дар бораи **чӣ гуна** фикру ҳиссиёт доштани мо дуру дароз гап зад, вале ҳеч гуна роҳҳои амалӣ нишон надод, ҳеҷ нагуфт, ки мо чӣ кор кунем [5, с. 37] ~ "If you care to know what I personally think --I

disagree with the majority on both points. I do not at all admire the pamphlet from a literary point of view, and I do think it true as a presentation of facts and wise as a matter of tactics" [5, с. 91].

Дар ин мавқеъ объекти пурсиш, ҳамчун қоида, баъди ҷонишини саволӣ-нисбӣ ҷо гирифтааст. Дар ин мисолҳо объекти пурсиш пеш аз ҷонишин истеъмол шудааст, инчунин ҷонишини саволӣ-нисбии **чӣ гуна?** метавонад дар миёни ҷумлаҳо ҷой гирад. Таркиби **чӣ гуна?** бандаки феълӣ қабул кунад ҳам, он ҳамчун воҳиди саволӣ-нисбӣ хизмат кардааст.

Ҷонишинҳои саволӣ ва нисбӣ оҳанги махсус доранд, ба воситаи ҷонишинҳои саволӣ ва нисбӣ дараҷаи дурию наздикӣ ва маълуму номаълум будани предметҳо қайд намешаванд.

Аз рӯйи қолабҳои калимасозӣ ҷонишинҳои саволӣ ва нисбии **ин гуна, ин хел, чӣ гуна? чӣ хел ? ин қадар, чӣ қадар?** ва монанди инҳо, калимаҳои таркиби **ин хел, ин гуна, чӣ хел?, чӣ гуна?** ба сифати предметҳо далолат мекунанд, **ин қадар, чӣ қадар?** бошад, миқдори предметҳоро ифода кардаанд.

Ҳамин тавр, ҷонишини саволии **чӣ?** бо калимаҳои муайян ҳамшафат омада, таркибҳо сурат гирифтааст. Масалан, **чӣ гуна?, чӣ сон?, чӣ қадар?, чӣ тавр?, чӣ чиз?, чӣ сабаб?** ва монанди инҳо.

Чӣ қадар моҳии бузург бошад? Дар бозор чӣ қадар пул мешавад, агар гӯшти хуб дошта бошад? [13, с. 61] ~ But what a great fish he is and what will he bring in the market if the flesh is good [19, с. 60].

Дар чунин таркибҳо маънои луғавии калимаҳои **гуна, сон, қадар, чиз, сабаб** суст шуда, таркибҳо ҳамчун воҳидҳои яклухт ташаккул ёфтаанд. Калимаҳои зикршуда бо ҷонишин таркиб сохта, ҳадафи пурсишро муайян мекунанд. Масалан, калимаи **гуна, тавр** ба ҷонишини **чӣ?** таркиб ташкил намуда, ҳадафи саволро муайян кардааст.

Дар мисолҳои овардашуда калимаи **чӣ?** дар ҷумла ҷонишини саволии - нисбӣ буда, мефаҳмонанд, ки гӯянда дар байни предметҳо ягон амалро ҷӯён аст. Дар ҷумла дар ҷойи аввал меистад, дар мобайн ва охири ҷумла меояд, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ функсияи ҷонишини саволӣ-нисбиро адо мекунад.

Аз рӯйи таркибу сохт ҷонишини сода ба шумор меравад, бандаки феълӣ қабул мекунад, пасоянди – **ро** кабул карда, дар ҷумла пуркунандаи бевосита шуда метавонад. Инчунин суффикси ҷамъбандӣ қабул мекунад.

Бо пешояндҳои дар, бо, ба, зи ва ғайра якҷоя омада, тобишҳои маъноӣ қабул мекунад ва таркибҳои дар чӣ, бо чӣ, аз чӣ, ба чӣ ва ғ. месозад, инчунин метавонад пасванди ҷамъбандӣ қабул кунад. Бо калимаҳои гуна, сон, қадар, чиз, сабаб, хел якҷоя омада, таркибҳои чӣ **гуна, чӣ сон, чӣ қадар, чӣ чиз, чӣ сабаб, чӣ хел** ва ғайра месозад.

Дар забони англисӣ ҷонишини **what** нисбат ба исмҳои ғайришахс ба кор бурда мешавад. Хусусияти фарқкунандаи ҷонишинҳои саволӣ-нисбии **what** аз он иборат аст, ки дар забони англисӣ суффикси ҷамъбандӣ қабул намекунад. Ҷонишини саволӣ-нисбии забони тоҷикӣ**-чӣ**? бошад, категорияи шумора дорад, суффикси ҷамъбандӣ қабул мекунад. **Чӣ – чиҳо.** Муодили тоҷикии **“what”** ҳам вожаи «**чӣ**» аст, муодили тоҷикии **“whom”** вожаи **«кӣ» ё «киро»** мебошад.

Инчунин ҷонишини саволии **чӣ?** дар ҷумла ба таври субстантивӣ ва адъективӣ истеъмол мешавад:

1. Истеъмоли ҷонишини **чӣ?** ба таври субстантивӣ.

Воҳиди мазкур дар ин мавқеъ дар шафати феълҳо зиёд истифода мешавад. Дар ин маврид аз нигоҳи мавқеи объекти пурсиш ва муҳтавои савол чунин тобишҳо ифода шудааст: Мисол, дар ҷумлаҳои:

- Хайр, майнаи ман барои чӣ, бо оташинӣ андешид ӯ [7, с. 29] ~ But what was a brain for? he demanded passionately [20, с. 17] объекти пурсиш зикр нашуда бошад ҳам, он аз мазмуни матн маълум аст. Фоили амал дар ҳаллу фасли масъала фикри қатъӣ надошта, онро ҷӯён аст. Мисол:

- Ин майна ба ӯ чӣ дода метавонад? [7, с. 36] ~ What was it capable of? [20, с. 22], воқеа ба вуқуъ омадааст, объекте, ки гирифтори амале шудааст, таъин аст, вале гӯянда муҳтавои амали воқеъшударо надониста, онро тавассути ҷонишини саволии **чӣ?** пурсон аст.

Ҷонишини **чӣ** дар таркиби ҷумлаҳои саволӣ бисёр кор фармуда мешавад. Вай мустақил ё чун эзоҳдиҳанда омада, инкори амал, ҳолат ва аломати хабарро бо тобишҳои

мухталифи маъно ифода мекунад. Серистеъмолии ҷонишини **чӣ** боиси қаробат пайдо кардан ба ҷонишинҳои дигар ва бо ин васила басо сермаъною сервазифа шудани он дар таркиби ҷумлаҳои саволӣ гардидааст.

Таркиби **чӣ гуна?** барои таъин кардани муносибати гӯянда ба объекти пурсиш ё муайян кардани назари он ба иҷрои амале хизмат кардааст. Дар ин маврид таркиби **чӣ гуна?** ҳамчун воҳиди саволӣ-нисбӣ хизмат намекунад. Мисол:

I wish I could show him what sort of man I am [13, с. 80] ~ Афсӯс, ба вай нишон дода метавонистам, ки ман чӣ гуна одаме ҳастам [19, с. 81].

Таркиби **чӣ сон?** Ин таркиб аз ҷиҳати тобиши маъноӣ ба таркиби **чӣ гуна?** наздикӣ дорад. Тавассути он аломати объекти пурсиш ҷустуҷӯ шудааст. Мисол:

Делфини бирён чӣ қадар хӯроки олӣ аст, - гуфт ӯ [13, с. 105] ~ “What an excellent fish dolphin is to eat cooked,” he said [19, с. 104].

Таркиби **чӣ қадар?** тавассути таркиби мазкур миқдори объекти саволӣ-нисбӣ ҷустуҷӯ шудааст. Мисол:

Чӣ қадар моҳии бузург бошад? Дар бозор чӣ қадар пул мешавад, агар гӯшти хуб дошта бошад? [13, с. 61] ~ But what a great fish he is and what will he bring in the market if the flesh is good [19, с. 60].

Ба воситаи таркиби мазкур сабабу ҳолати ходисае ҷустуҷӯ шудааст.

Таркиби **чӣ чиз?** Тавассути таркиби мазкур моҳият, маъно, вазифа ва хусусияти предметҳои олами модӣ ҷустуҷӯ шудааст. Ҷойи таркиби мазкур дар ҷумла устувор набуда, он дар аввалу охири ҷумла истеъмол шудааст.

Таркиби **чӣ сабаб?** Ба воситаи ин таркиб сабаби амали объекти пурсиш тадқиқ шудааст. Мисол:

He wore rough clothes that smacked of the sea, and he was manifestly out of place in the spacious hall in which he found himself [7, с. 3].

Ӯ дар бар либоси одиву дурушт дошт, ки аз он бӯйи баҳр меомад: аз чӣ сабаб бошад, ки ба толори васеъ даромада, якбора даступо хӯрд [20, с. 3].

Ба ин тариқ, ҷонишини саволии **чӣ?** бо калимаҳои муайян ҳамшафат омада, таркибҳо сохтааст. Масалан, **чӣ гуна?, чӣ сон?, чӣ қадар?, чӣ тавр?, чӣ чиз?, чӣ сабаб?** ва монанди инҳо. Дар чунин таркибҳо маънои луғавии калимаҳои **гуна, сон, қадар, тавр, чиз, сабаб, намуд** суст шуда, таркибҳо ҳамчун воҳидҳои яклухт ташаккул ёфтаанд. Масъалаи дигар ташхиси зарурати пайдоиши таркибҳои мазкур мебошад. Мисол: I wonder what the sea look slikefromthathight? [19, с. 92] ~ Аҷабо, аз он баландӣ баҳр чӣ намуд дошта бошад? [13, с. 93].

Ҷонишини саволии **чӣ?** ба таври адъективӣ низ зиёд истеъмол шудааст. Воҳиди мазкур дар ин маврид пеш аз объекти пурсиш истифода шудааст. Мисол:

Аммо чӣ моҳиест чунин сахт мекашад! [13, с. 57] ~ But what a fish to pull like that? [19, с. 56].

Ҳамин тавр, маънои ҷонишини саволӣ – нисбии **чӣ?** дар баъзе мавқеъҳо тағйир ёфта, мақоми он дигар мешавад.

Дар ҳарду забон аз ҷиҳати маъно ин ҷонишинҳо ба ҳиссаи номии нутқ мансуб буда, аз дигар калимаҳои грамматикӣ бо он фарқ доранд, ки ҷонишинҳо предмет ва аломати онро бевосита ифода намекунанд, балки ба онҳо танҳо ишорат менамоянд.

Хусусиятҳои умумии ҷонишинҳои «what - чӣ» дар забонҳои таҳқиқшаванда аз он иборат аст, ки дар ҳарду забон ҷонишинҳои саволӣ-нисбии ҳамчун ҷонишини исм дар ҷумла истифодашуда, ба вазифаи мубтадо, пуркунанда хизмат мекунад: «what - чӣ» чун ҷонишинҳои исмӣ амал мекунанд. Инчунин «what» чун ҷонишини сифатӣ истифода мешавад, яъне ин ҷонишинҳо инчунин барои пурсидани аломати предмет низ ба кор меравад.

Тавре ки маълум шуд, ҷонишинҳои саволӣ-нисбии забони тоҷикӣ ва забони англисӣ айнан якхел ва як вазифаро ифода мекунанд, танҳо теъдоди ҷонишинҳои саволии забони тоҷикӣ нисбат ба ҷонишинҳои забони англисӣ зиёдтаранд.

Муқарриз: ***Наҷмиддинов А.Ф.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1 Айни С. Ёддоштҳо. Ҷ. 1,2 / С. Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
2 Бронте, Ш. Ҷен Эйр / Ш. Бронте. – Душанбе: Истиқлол, 2010. – 410 с.

3 Виноградов, В.В. Русский язык (Грамматическое учение о слове) / В.В. Виноградов / Под ред. Г.А. Золотовой. – 4-е изд. – М.: Рус. яз., 2001. – С. 264 – 280.
4 Виноградов, В.В. Русский язык: Грамматическое учение о слове / В.В. Виноградов / Отв. ред. Г.А.Золотова. - М.: Высш.шк., 1986. – 639 с.
5 Войнич, Э.Л. Ғурмагас / Л.Э. Войнич. – Душанбе: Маориф, 1982. – 320 с. (Тарҷума аз русӣ С.Улуғзода).
6 Каррол Люис. Алиса дар олами аҷоибот. Алиса дар олами оиназамин / Л. Каррол. - Душанбе: Маориф, 1985. - 147 с.
7 Лондон Ҷ. Мартин Иден / Ҷ. Лондон. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 406 с.
8 Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - 1015 с.
9. Твен, М. Шоҳзода ва Гадо / М. Твен. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 222 с.
10. Усмонов, К. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2016. – 216 с.
11. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
12. Усмонов, К. Морфологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ . Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 230 с.
13. Ҳемингвей, Э. Пирамард ва баҳр / Э. Ҳемингвей. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 167 с.
14. Шакурӣ, М.Б. Садри Бухоро / М.Б. Шакурӣ. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 400 с.
15. Шукӯҳӣ А. Об аз куҷо меояд? / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе, 1969.
16. Aini, S. The Sands of Oxus / S. Aini. - 1998. - Mazda publishers. – 275 p.
17. Bronte, Ch. Jane Eyre / Ch. Bronte. – M., 1952. – 568.
18. Carroll, L. Alice's Adventures in Wonderland / L. Carroll. - 1979. – 176 c.
19. Hemingway, E. The Old Man and The Sea / E. Hemingway. – Dusganbe, 2005.
20. London, J. Martin Eden. Project Gutenberg E – text Martin Eden, by Jack London. http://manybooks.net/
21. Shookuhi, A. Where Does the Water Come From? / A. Shookuhi. – Dushanbe, 2005.
22. Twain, Mark. The Prince and the Pauper / M. Twain. – M: T8. Ruligram, 2018.
23. Voynich, E. L. The Gadfly / E. L. Voynich. - L., 2001. - 340 p.

ХУСУСИЯТИ ИФОДАЁБИИ ҶОНИШИНИ САВОЛИИ *WHAT - ЧӢ* ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ҷонишинҳои саволӣ - нисбӣ предмету шахс ва ё аломату миқдори онро бевосита ифода намекунанд, балки онҳоро ба воситаи пурсиш муайян месозанд. Фарқи ҷонишинҳои саволӣ-нисбӣ аз дигар ҷонишинҳо, масалан, аз ҷонишинҳои ишоратӣ он аст, ки предмети пурсиш, миқдор, хислату сифати он барои гӯянда маълум нест ва ӯ барои донистан савол медиҳад. Маънои ҷонишинҳои саволиро ҷавоби шунаванда равшан мекунад. Хусусияти дигари ҷонишинҳои саволӣ -нисбӣ ин аст, ки ҳамчунин бо интонатсияи махсус талаффуз мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ба воситаи ҷонишинҳои саволӣ - нисбӣ предметҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Бо ёрии онҳо ду гурӯҳи предметҳо — шахс ва ғайришахсро муқобил гузоштан мумкин аст. Нишонаи асосии онҳо ҷонишинҳои кӣ, чӣ, киҳо, чиҳо мебошанд. Ҷонишинҳои кӣ, киҳо шахс - ро ва ҷонишинҳои чӣ, чиҳо предметҳои ғайришахсро ифода мекунанд. Хусусан дар самти муайян намудани моҳияти ҷонишинҳо, аз ҷумла ҷонишинҳои саволӣ-нисбӣ дар сохтори ҷумлаҳо, дар ин ё он забонҳои муқоисашаванда саҳми арзанда гузошта шудааст.

Калидвожаҳо: ҷонишинҳо, саволӣ, нисбӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, омӯзиш, ҳиссаи нутқ, таҳлил, чӣ, сохтор ва ғайраҳо.

ХАРАКТЕРИСТИКА ВЫРАЖЕНИЯ ВОПРОСИТЕЛЬНОГО МЕСТОИМЕНИЯ «WHAT - ЧӢ» В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Вопросительные - относительные местоимения не выражают предмет или лицо либо его признак и количество непосредственно, но они определяются при помощи или посредством вопроса. Отличие вопросительных и относительных местоимений от других местоимений, например от указательных местоимений, состоит в том, что предмет исследования, его количество, характер и качество говорящему неизвестны, и он задает вопрос, чтобы выяснить предмет или лицо. Значение вопросительных местоимений уточняется по ответу слушателя. Еще одна особенность вопросительно-относительных местоимений заключается в том, что они также произносятся с особой интонацией. В таджикском языке подлежащие делятся на личные и безличные. Их основной признак – местоимения кӣ -кто, чӣ -что. Местоимения кӣ- **кто** представляет лицо, а местоимения чӣ **-что** представляют безличные объекты.

Ключевые слова: местоимения, вопросительные, относительные, английский язык, таджикский язык, изучение, часть речи, анализ, что, структура и др.

CHARACTERISTICS OF THE EXPRESSION OF INTERROGATIVE PRONOUN "WHAT - ЧӢ" IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Interrogative - relative pronouns do not express an object or person or its attribute and quantity directly, but they are determined with the help or through a question. The difference between interrogative and relative pronouns from other pronouns, for example from demonstrative pronouns, is that the subject of research, its quantity, character and quality are unknown to the speaker, and he asks a question in order to find out the object or person. The meaning of interrogative pronouns is specified according to the listener's answer. Another feature of interrogative-relative pronouns is that they are also pronounced with a special intonation.Subjects in the Tajik language are divided into

personal and impersonal. Their main feature is the pronouns ki - who, chi - what. The pronouns qi - who represents a person, and the pronouns ch² - what represent impersonal objects.

Key words: pronouns, interrogative, relative, English, Tajik, study, part of speech, analysis, what, structure and etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гиёев Фазлиддин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторнати Ph.D, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ**. Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: -**fazliddin92.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-05-00-40**

Сведения об авторе: ***Гиёев Фазлиддин*** - Таджикский национальный университет, докторант PhD, кафедра английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: -**fazliddin92.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-05-00-40**

Information about the author: ***Giyoyev Fazliddin*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D, Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: -**fazliddin92.tj@mail.ru.** Phone: **(+992) 902-05-00-40**

ТДУ: 491.550

ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДИ АСЛИИ “ДАР” ДАР “ЁДДОШТҲО”-И С. АЙНӢ

Темурова М., Султонова С.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ

Мавзуи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, аз ҷумла ибораҳои сифати феълӣ ва хусусиятҳои он аз масъалаҳои хеле муҳимми синтаксиси забони тоҷикист. Бояд қайд кард, ки ҳаматарафа тадқиқ кардани ин навъи ибораҳо, муайян намудани мавқеи истеъмолию хусусиятҳои ҷудогонаи он аз чанд ҷиҳат аҳаммиятнок аст. Аввалан, бо тадқиқи ин масъала мо зинаҳои истеъмол ва мақоми ин навъи ибораҳоро дар ҷараёни инкишофи забонамон сареҳан муайян менамоем, сониян, марҳилаҳо ва самараҳои корбурди ин шакли ғайри тасрифии феълро дар даврaҳои минбаъдаи пешрафти забони адабии тоҷикӣ таъйин менамоем.

Дар ин замина такя ба осори бадеӣ, бахусус осори устод Айнӣ, аз ҷумла, «Ёддоштҳо» аз чанд ҷиҳат муфид аст: осори устод Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо» имкон медиҳад, ки мо масъалаи ба меъёри забони адабии тоҷикӣ созгор будани ин шакли ибораро то ҷое муайян карда, ҳамчунин инкишофи таърихии онро қиёсан аз назар гузаронем. Маълум аст, ки сифати феълӣ аксаран дар шакли ибора воқеъ мегардад. Аз ин ҷиҳат, дар забоншиносии тоҷик маҳз ҳамин шакли тафсилии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [8, с. 297]. Истифодаи ибораи сифати феълӣ дар осори нависандагон аҳаммияти хосси услубӣ дошта, баёнгари таъсири судманди забони зинда ба забони китобист. Дар ин замина на фақат мавқеи истифодаи ибораи сифати феълӣ, балки муродифи ҷумлаи пайрави муайянкунанда будани он низ аҳаммият пайдо мекунад.

Мавқеи ибораи сифати феълӣ ҳамчун воҳиди мустақили синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ устувор аст. Ҳарчанд дар сохтори ин навъи ибораҳои забони ҳозираи тоҷикӣ нисбат ба забони классикӣ тағйироти муҳим ба назар мерасад, вале моҳияти грамматикии онҳо дигар нашудааст. Хусусиятҳои сарфию наҳвии онҳо мутобиқ ба меъёрҳои суннатии забони тоҷикист.

Ибораҳои сифати феълӣ низ монанди дигар ибораҳо аз ду ва ё бештар калимаҳои мустаъқилмаъно ташкил ёфта, он аз ҷузъҳои тобеъкунанда ва тобеъшаванда иборат аст ва ин яке аз хусусиятҳои шаклгирии ибораи сифати феълист. Аз ин ҷиҳат, ин навъи ибораҳо қолаби устувори грамматикӣ дошта, аз дигар аъзои ҷумла комилан фарқ мекунанд.

Мо дар заминаи шинохти аломатҳои хосси луғавию грамматикии ибораҳои сифати феълӣ шаклҳои зерини қолаббандии ин навъи ибораҳоро мушоҳида кардем:

а) тааллуқоти калима ё калимаҳои асосӣ ба яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ;

б) тарзи алоқа ва имконоти муайяни маъноии ҷузъҳои ибора;

в) муносибати синтаксисие, ки дар ибораи сифати феълӣ ифода ёфтааст.

Дар ин мақола кӯшиш намудем пешояндҳоро аз ҷумла, пешоянди аслии “дар”-ро дар сохтани ибораи сифати феълӣ дар осори “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ то андозае муайян намоем.

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи хос дошта, яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи муносибати синтаксисии калимаҳо ба шумор мераванд. Дар забоншиносии тоҷик ин мавзуъ то ҷое тадқик шуда, дар ин замина баҳсҳое низ дар миён будааст.

Пешояндҳо қабл аз ҳама барои барқарор намудани робита ва нишон додани муносибати аъзои ҷумла, мушаххасу равшан ва барҷаста ифода шудани фикр истифода мешаванд [9, с. 137]. Ба ин далел фаҳмо ифода ёфтани мақсади нависанда, пеш аз ҳама, ба дуруст ва мувофиқи вазифаи грамматикиашон ба кор бурдани пешояндҳо вобаста мебошад. Дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати такомули маъно ва муовизаи вазифаи грамматикӣ пешояндҳо роҳи сареҳи таърихии ташаккулро аз сар гузаронидаанд. Аз ин ҷиҳат, мавқеъ, мақом ва ҳудуди истеъмоли онҳо дар забони адабии тоҷикӣ то ҷое муайян гаштааст.

Азбаски эҷодиёти устод Айнӣ давраи нави ташаккули забони тоҷикиро инъикос мекунад, истеъмоли пешояндҳо низ то ҷое таҳаввулоте, ки дар забонамон дар ин давра ба амал омад, муҷассам месозад. Вале сабки устод Айнӣ устувор буда, пеш аз ҳама, ба меъёри забони адабӣ мувофиқ аст. Дар ин замина устод Айнӣ ҷараёни тараққиёти забони адабии

давр, комилан муайян нашудани ҳудуди истеъмол ва ба вазифаи ҳамдигар истифода шудани пешояндҳоро ба инобат гирифтааст, ки ба талаботи забони меъёр ҳамсон аст.

Дар сабки нигориши устод Айнӣ ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ба воситаи пешоянд алоқа пайдо карда, бо ин восита ҷузъи тобеъ бо ҷузъи асосӣ пайванд мешавад. Аз рӯйи вазифаи грамматикӣ ва сохташон ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо мешаванд. Дар ташаккули ибораҳои сифати феълӣ пешояндҳо мақоми хос дошта, устод Айнӣ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар сабки нигориши устод Айнӣ, бахусус «Ёддоштҳо» маънои ҳар як узви ибора, ҳам калимаи тобеъкунандаву ҳам тобеъшаванда, инчунин воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла пешояндҳо, маҳз дар алоқамандӣ ва муносибати онҳо пурра зоҳир мешавад. Ҳама гуна тобишҳои маъноии онҳо дар ҳамин гуна мавридҳо ошкор мешавад.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ибораҳои сифати феълии ин мавзуъ то ҳол дар забоншиносии тоҷик ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст. Вале, мутаассифона, ғайр аз ишораҳои ҷузъии донишмандони ин соҳа Д.Т. Тоҷиев ва А. Мирзоев дар бораи ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ҳанӯз тадқиқоти ҷомеъе дар даст нест [10, с. 133].

Маълум аст, ки алоқаи калимаҳо дар ҳайати ибора ба ҷуз изофат бо ёрии пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда низ сурат мегирад. Ин намудҳои алоқа на танҳо дар ифодаи миёни калимаҳо ёрӣ мерасонанд, балки дар пайванд намудани калимаҳо дар ҷумла низ ҷойгоҳи муҳим доранд. Дар ин тарзи алоқа ҷузъи тобеъ ба тақозои калимаи асосӣ пешоянд гирифта ба калимаи асосии ибора пойбанд мегардад [11, с. 133].

Ҳангоми таҳлили ибораҳои сифати феълӣ ба маънои пешояндҳо эътибор додан ниҳоят муҳим аст, зеро ба эътибори мақоми грамматикиашон дар забони тоҷикӣ пешояндҳо яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи синтаксисии байни ҳиссаҳои номӣ, аз ҷумла сифати феълӣ мебошанд.

Аз ин мавқеъ, мақоми пешояндҳо дар сохтани ибораҳои сифати феълӣ калон буда, бештарини чунин ибораҳо ба воситаи пешояндҳо сохта мешаванд.

Вазифаи пайвандгарии пешояндҳо аз моҳияти онҳо сар мезанад. Зеро “пешояндҳо ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пешояндҳо ҳамеша бо исмҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо пайваст шуда, муносибати синтаксисии онро нисбат ба дигар калимаҳо (феъл, исм, сифат, ҷонишин ва зарфҳо) нишон медиҳанд” [12, с. 133]. Мулоҳизаи зерини забоншинос А. Мирзоев дар шинохти муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақили ибораҳо муҳим аст. Ин донишманд дар рисолаи «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» менависад, ки «пешояндҳо калимаҳои ёридиҳандаанд. Онҳо муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақилро дар таркиби ибора нишон дода, якҷоя ба онҳо дар забон муносибатҳои гуногун (масоҳа, замон, макон, сабаб, мақсад, объект, сӯй ва ғайра)-ро ифода мекунанд» [13, с. 34].

Пешояндҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин намуда, худашон дар ибора мақоми мустақил надоранд, ба ин далел ҷузъи ибора шуда наметавонад. Маънои луғавии пешояндҳо асосан дар ибора равшан мегардад. Дар ибораҳо, аз ҷумла ибораҳои сифати феълӣ низ маънои пешоянд ҳам вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст, ҳам ба маънои он ҷузъи асосие, ки ба тавассути пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, ифода меёбад.

Дар ибораҳои сифати феълӣ низ, монанди дигар ибораҳо, ифодакунандаи маъно калимаи асосӣ буда, пешояндҳо танҳо вазифаи вобастагиро иҷро менамоянд.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ миқдоран зиёд буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ифода ёфтани ин ё он маънои ҷудогона ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора ва вазифаи грамматикии пешоянд алоқаманд мебошад.

Мавқеи пешоянд дар ибораҳои сифати феълӣ устувор буда, пеш аз ҷузъи тобеъ ва асосӣ меояд.

Ҳамин тариқ, ибораҳои сифати феълии пешояндӣ аз рӯйи таркиби мавқеъгирии ҷузъҳои ибора асосан ду хел мешаванд.

Пеш аз он ки доир ба ин намуди ибораҳо сухан кунем, бояд дар бораи як хусусияти хосси ибораҳои сифати феълӣ, ки тафовути куллии онҳоро аз дигар ибораҳо нишон медиҳад, маълумот диҳем. Ин тафовут дар он ифода меёбад, ки ибораи сифати феълӣ дар дохили ибораи исмӣ ташаккул меёбад. Масалан:

Аммо озори асосии поҳоям монанди пештара ба замми *сӯзиши аз йод пайдошуда* давом мекард [5, с. 552]. Ва ё: Ин ҳодиса дар шаҳр чунон овоза шуд, ки *ҳар каси ба масҷид нарафтаро* «ин кас намози ҷумъаро дар ҷомеаи Ғозиён хондаанд», мегуфтанд [5, с. 317].

Ин мисолҳо гувоҳи онанд, ки дар ибораҳои сифати феълӣ ҳузур доштани муайяншаванда шарт будааст.

Тартиби ҷузъҳои ибораи сифати феълии пешояндӣ асосан монанди дигар намуди ибораҳо буда, ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ меояд.

Қолаби ибораҳои сифати феълии пешояндӣ дар ҷумла чунин аст:

- (исм) - пешоянд - ҷузъи тобеъ - ҷузъи асосӣ

Ба ҳар ҳол дар сабки нигориши устод Айнӣ чунин тарзи ҷойгиршавии ҷузъҳои ибораҳои сифати феълӣ маъмул аст.

Масалан:

Чун ба ман маълум шуд, ки донишмандони мазкур сабаби пайдо шудани риштаро муайян кардаанд, ман дар дили худ фикр кардам, ки «шояд он донишмандон барои *ришта дар бадани одамӣ пайдошуда* давое ҳам ёфта, ба доктори беморхона таълимот дода рафта бошанд» [4, с. 553-554].

Ва ё:

Бинобар ин, дастурхонеро, ки бо нонбурдаҳо дар он ҷо истода буд, кушода ба пеши ӯ кашидам ва аз *чойники бо рӯймол печондагӣ* як пиёла чойи гарм кашида, ба ӯ дароз кардам [5, с. 161].

Чунин сохтори ибораҳои сифати феълӣ дар осори устод Айнӣ фаровон буда, то ҷое сабки нигориши ӯро муайян намудаанд ва дар бештарин ҳолатҳо гувоҳи бархӯрдории ӯ аз шеваи гуфтугӯйии мардум аст.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ вобаста ба хусусият, вазифа ва маънои грамматикии ин воситаи алоқа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки яке ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ ва дигаре бо пешояндҳои номӣ таркибёфта мебошанд. Пешояндҳои аслӣ ва номӣ аз рӯйи истеъмол, маънои луғавии сохти морфологӣ ва вазифаи синтаксисиашон аз ҳам тафовут доранд.

Ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ таркибёфта, дар навбати худ хусусияти хосси маънофаринӣ дошта, аз рӯйи сохтор ва маъно навъҳои гуногун доранд. Ба ин далел, мо пешоянди аслии “дар”-ро дар таркиби ибораҳои сифати феълӣ дар осори Садриддин Айнӣ “Ёддоштҳо” ба таври ҷудогона аз назар мегузаронем.

Ибораҳои сифати феълӣ бо пешоянди аслии **дар**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пешоянди **дар** дар сохтани ибораҳои сифати феълӣ яке аз пешояндҳои мустаъмал аст. Муҳаққиқони забоншинос асосан се вазифаи пешоянди “дар”-ро дар алоқамандии дигар калимаҳо ёдрас кардаанд [14, с. 7], ки иборат аст аз:

а) муносибати масоҳа;

б) муносибати замон;

в) муносибати объект.

Исмҳо ва ҳиссаҳои субстантиватсияшуда, ки бо ин пешоянд дар дохили ибораи сифати феълӣ муносибатҳои зикршударо ифода мекунанд, аз рӯйи миқдор зиёд ва аз ҷиҳати маъно гуногунанд [15, с. 7], Дар ибораҳои сифати феълие, ки бо пешоянди **дар** сохта шудаанд, хелҳои гуногуни исм, ҷонишин, зарфҳо, шумора, гоҳо масдар ҳамчун ҷузъи тобеъ меоянд.

1. Муносибати макон. Ибораҳои ифодакунандаи маънои макон бештар бо исмҳое, ки маънои масоҳа доранд, сохта мешаванд. Ин ибораҳо аз ду ва ё се калима таркиб ёфта, аз ҷиҳати маъно маҳалли ба вуҷуд омадани амалро нишон медиҳанд: *дар ин ҷо ғуншуда*.

Калимаи асосӣ (сифати феълӣ) дар ин ибораҳо бо ҳиссаҳои дигари нутқ, ки ба маҳалли вуқуи амал ишора мекунанд, сохта мешаванд. Чунончи:

Агар мо кор карда натавонем, ин қадар бандии *дар ин ҷо ғуншударо* кӣ мекушад [1, с. 133].

Баъд аз ду сол дар зиндон ду таноб *замини дар Каҳкашон доштаамро* фурӯхта харҷ карда, ба шарти қабули сарбозии амир аз зиндон халос шудам... [1, с. 163].

Ман дар ин ҷо пеш аз он, ки дар Соктаре чи навъ рӯз гузаронидани худро нақл намоям, бояд *ҳавлии дар деҳаи Соктаре доштаи* худамро тасвир кунам [7, с. 42].

Ҳамин тариқа шуда заминҳои ман ба Аловуддини Говҷигар дар пеши *ноиби дар Галаосиё будаи* Қозикалон-Мирзохоҷа бо васиқаи қозихонагӣ ҳосилгарав шуд [5; 166].

Муаллиф дар нақли яке аз *сафарҳои дар Россия кардааш*, баъд аз он ки маҷлиси бал (базм)-и дар ҳузури император ташкил кардашударо бо қалам ва сухан ба пеши назари хонанда таҷассум кунонда нишон медиҳад, ба маънии ботинии он ҷамъият гузашта мегӯяд... [5, с. 461].

2. Муносибати замон. Доираи истифодаи пешоянди **дар** дар ифодаи муносибати замон пурвусъат мебошад. Исмҳое, ки бо ин пешоянд дар дохили ибораҳои сифати феълӣ муносибати замонро нишон медиҳанд, аз ҷиҳати миқдору маъно гуногунанд. Ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳо одатан исмҳои замон, амалу ҳолат ва ё алоқаманд ба мафҳуми амалу ҳолат мебошанд. Онҳо амал ва замони ба вуқуъ омадани онро ифода карда, аз ду ва се калима таркиб меёбанд. Мисолҳо:

...Дигар оташ ва *чароғҳои дар шабонрӯзӣ даркоршаванда* аз якдигар даргиронда шаванд... [8, с. 53].

Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам *монанди зардолуҳои дар баҳорон шукуфта* шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунониданд [8, с. 71].

Тарсид, чунки имрӯз аз Қори-Ишкамба, *ҳуҷҷати дар умри худ нашунида*ашро (векселро) шунид [8, с. 101].

Бахтиёр яке аз шохчаҳои хушкидаи дар боришҳои зимистонӣ намгирифтаи алафро шикаста ба даҳонаш андохта ва хоид [8, с. 285].

Ҳаққи чӯпонӣ, ки иборат аз пашми гӯсфандони касона аст, ба ҳисоби закоти *гӯсфандони дар соли вабо талафшуда* ба закотчӣ рафтааст [7, с. 279].

Ӯ ҳафтае як бор ба ҳуҷраи Мулло Рӯзӣ меомад ва дар ҳар омаданаш бағали худро аз *шеърҳои дар ҳамин ҳафта гуфта*аш пур карда оварда, онҳоро аз як сар хондан мегирифт... [7, с. 142].

Воқеаҳои дар *солҳои охир аз сари ман гузашта*ро ҳар кас донад ҳам, дар ин муддат дар дили ман чиҳо гузаштанро ҳеҷ кас, ҳатто бародарам ҳам намедонад [5, с. 505].

3. Муносибати объект. Доираи ҷузъи тобеи ифодакунандаи муносибати объект аз рӯйи маъно хеле васеъ мебошад. Ин гуна ибораҳо исмҳои амал ва протсес, моеъ, шахс, ҳодисаҳои табиӣ, узвҳои бадан ва зарфҳои гуногунро фаро мегиранд ва аз ду ё се калима сохта шуда, аз рӯйи маъно объекти ба вуҷуд омадани амалро мефаҳмонанд. Доираи истифодаи ин гуна ибораҳо васеъ аст. Мисолҳо:

Ҳамро-гавбоз пас аз тамом нӯшидани *чойи дар пиёла боқимонда* боз сухани худро давом дод [8, с. 118].

..*Қулбаҳои дирӯз дар пояш пайдошуда* имшаб кафида пояшро пурҷароҳат карда буданд [8; 236].

Қарзхоҳ кадом вақт, ки хоҳад, *маблағи дар вексел қайдшударо* аз қарздор талаб карда метавонист [8, с. 8].

Ман ҳанӯз *оби дандони дар даҳон гирифтаа*мро макида тамом накарда будам, ки Қорӣ-Ишкамба аз тарафи шарқи раста - аз тарафи мадрасаи Кӯкалтош намоён гардид [8, с. 34].

Ҳар талабае, ки яке аз ҳуҷраҳои мадрасаро ба харҷ ва меҳнати худ обод карда дар вай нишинад, он ҳуҷра аз они вай бошад ва ҳар вақт ки хоҳад, бо гирифтани *маблағи дар таъмир сарф кардааш* метавонад он ҳуҷраро ба талабаи дигар гузаронад /7; 201/.

Баъд аз дақиқае ҳавоси худро ғундошта *ҷомашӯиҳои дар об таркардаа*мро ҳамон тарз бо тағора ба ҳуҷра дароварда, ба тарафи ҳавлии Ҳайрат нигоҳ карда давидам ва ба хонаи ӯ расидам [5, с. 236].

4. Муносибати миқдор. Ҷузъи тобеи ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи маънои миқдор бештар шумораҳои миқдорӣ мебошанд. Исмҳои тобеи ибораҳои мазкур аксар вақт эзоҳдиҳанда қабул карда (бо калимаҳои квантативӣ), ба ибора тобеъ мешаванд. Ин шарти ифодаи ибораҳои сифати феълӣ дар сабки нигориши Садриддин Айни ҷойгоҳи хос доранд.

Алҳол дар таъйиди ин тарзи ифода дар усули нигориши Айнӣ намунаи мисолҳоро аз «Ёддоштҳо» зикр мекунем:

Толиб *хатҳои дар як рӯз ғуншударо* бегоҳонӣ дида, аз рӯйи расамааш дастаҳоро тақсим мекард [5, с. 110].

Дарси дар се ҷой хондашуданӣ дарси дарсхонагӣ буда, онро аввал ба сифати домуллои кунҷакӣ дар пеши Мулло Абдусалом, дубора ҳаминро ба сифати домуллои дарсхонагӣ дар пеши домулло Икромча, боз ҳам дарсро себорӣ дар пеши қозикалон Қозӣ-Бадриддин бо талаби замон мехондем [5, с. 308].

Яке аз иштироккунандагони он маҷлис: «чунон ки Ҳоҷӣ-Махдум ба миршаб кард» гӯён ба тарзи мисол *воқеаҳои дар ду боби боло гузаштаро* ба ёди аҳли маҷлис ва Мулло Амон расонид [5, с. 362].

Дар ин вақт хазиначӣ як *латтаи дар вай як саду бист танга басташударо* аз яхдон (сандуқи чармин) гирифта ба дасти оламиён медод [5, с. 416].

5. Муносибати тарз. Ибораҳои сифати феълие, ки муносибати тарзро ифода мекунанд, дар асарҳои устод Айнӣ хеле кам дучор мешаванд. Исмҳои маънӣ, зарфҳои тарз, масдар ва ғайра ҷузъҳои тобеи чунин ибораҳои сифати феълӣ шуда метавонанд. Чунончи:

Дар ин ҷо ҳаминро қайд карданам даркор аст, ки *кампири 80- солаи умрашро дар сахтӣ гузаронида* бо гуфтани як-ду ҳикоя ё шуг- афсона монда мешуд, лекин бачагон ӯро танг мекарданд, ки боз гӯяд [7, с. 55].

Бо он кирдори ӯ бойҳои ғоратдида на танҳо аз ҳаннотӣ ва судхӯрӣ боз наистоданд, балки ин кирдорҳои бади худро боз ҳам зиёдтар ривоҷ доданд, то ки ҷойи *молҳои дар пинҳонӣ ба торочрафтаи* худро бо тороҷи рӯйрост чанд-чанд карда пур кунанд [5, с. 364].

Агар соҳиби ном ҳозир бошад, «ҳозир» гӯён аз ҷояш мехест, *ҷомаи дар сари ду по нишаста ғиҷимшударо* ҳамвор намуда, камарчаашро баста, ришашро ба панҷаи дасти худ ҳилол карда, «ба тартиб андохта» аз зина ба рӯйи тахтапул мебаромад ... [5, с. 415].

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки пешоянди аслии **“дар”** дар сабки нигориши устод Айнӣ маъноҳои гуногунро ифода карда, дараҷаи истифодаашон гуногун ва ба суннатҳои истифодаи ин пешоянд дар забони меъёр мувофиқат доранд. Устод Айнӣ дар корбасти пешояндҳо барои сохтори ибораҳои сифати феълӣ пойбанди суннатҳои дар вазифаи худ истифода кардани ин навъи пешояндҳо буда, онҳоро барои ифодаи муносибатҳои синтаксисии гуногун истифода кардааст ва ифодаи маъноҳои масоҳат, замон, объект, тарзи амал, миқдор аз ҷумлаи онҳост.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айни, С. Куллиёт, ҷ.1 / С.Айни. -Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 346с.
2. Айни, С. Куллиёт, ҷ.3 / С.Айни. -Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. -620с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.4 / С.Айни. -Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. -356с.
4. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.5/ С.Айни. -Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. -276с.
5. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.6/ С.Айни. -Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. -414с.
6. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.7/ С.Айни. -Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. -650с.
7. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.8 / С.Айни. -Душанбе: Ирфон, 1981 . -522с.
8. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш.Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1988. - 339 с.
9. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ / А.Мирзоев. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 306 с.
10. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1959. -294 с.
11. Таджиев, Д. Причастия в современном таджикском литературом языке / Д.Таджиев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1954. -56 с.
12. Мирзоев, А. Ибораҳои феълии замонӣ бо пешоянди «дар» / А.Мирзоев // Ахбори АФ РСС Тоҷикистон: Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. - 1966. - №4 (46). - С. 8-11.
13. 13.Мирзоев, А. Хелҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибора / А.Мирзоев // Масъалаҳои забоншиносӣ. -Душанбе: Дониш, 1975. - С. 10-13.
14. Мирзоев, А. Ибораҳои феълии замонӣ дар забонӣ адабии ҳозираи тоҷик / А.Мирзоев. - Душанбе: Дониш, 1972. – 254 с.
15. Неменова, Р.Л. Предлоги в таджикском языке / Р.Л. Неменова. – Душанбе: Изд. АН Тадж. ССР, 1954. - 64 с.

ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДИ АСЛИИ “ДАР” ДАР “ЁДДОШТҲО”-И С.АЙНӢ

Дар ин мақола пешоянди аслии **“дар”** дар сабки нигориши устод Айнӣ маъноҳои гуногунро ифода карда, дараҷаи истифодаашон гуногун ва ба суннатҳои истифодаи ин пешоянд дар забони меъёр мувофиқат доранд. Устод Айнӣ дар корбасти пешояндҳо барои сохтори ибораҳои сифати феълӣ пойбанди суннатҳои дар вазифаи худ истифода кардани ин навъи пешояндҳо буда, онҳоро барои ифодаи муносибатҳои синтаксисии гуногун истифода кардааст ва ифодаи маъноҳои масоҳат, замон, объект, тарзи амал, миқдор аз ҷумлаи онҳост. Муаллиф иброз менамояд, ки пешояндҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин намуда, худашон дар ибора мақоми мустақил надоранд, ба ин далел ҷузъи ибора шуда наметавонад. Маънои луғавии пешояндҳо асосан дар ибора равшан мегардад. Дар ибораҳо, аз ҷумла ибораҳои сифати феълӣ низ маънои пешоянд ҳам вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст, ҳам ба маънои он ҷузъи асосие, ки ба тавассути пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, ифода меёбад. Вазифаи пайвандгарии пешояндҳо аз моҳияти онҳо сар мезанад. Зеро пешояндҳо ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пешояндҳо ҳамеша бо исмҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо пайваст шуда, муносибати синтаксисии онро нисбат ба дигар калимаҳо (феъл, исм, сифат, ҷонишин ва зарфҳо) нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, ибора, сифати феълӣ, пешоянд, ҳиссаҳои нутқ, синтаксис, “Ёддоштҳо”.

ПРИЧАСТНОЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЕ С ПРЕДЛОГОМ «ДАР» В «ВОСПОМИНАНИЯХ» С. АЙНИ

В данной статье рассматривается употребление предлога “дар” с точки зрения устода Айни, предлог выражает разные значения. Степень его употребления различна и соответствует традициям использования этого предлога в нормативном языке. В употреблении предлогов для построения причастных оборотов настоящего времени устод Айни следует традициям использования этого типа предлогов, он использовал их для выражения значений места, времени, предмета, способа действия и количества. Предлоги обеспечивают синтаксическую связь в словосочетании и не выступают самостоятельно в словосочетании. По этой причине они не могут быть частью предложения. Лексическое значение предлогов в основном уточняется и словосочетании. В словосочетаниях, в том числе и в причастных оборотах настоящего времени, значение предлога выражается как в зависимости от значения связанного с ним зависимого слова, так и от значения главного слова, подчиняющего себе через предлог опорное слово. Связующая роль предлогов начинается с их значения. Потому что предлоги как вспомогательные слова не имеют самостоятельного лексического значения. Предлоги всегда связаны с существительными, числительными, местоимениями и показывают свою синтаксическую связь с другими словами (глаголом, существительным, прилагательным, местоимением и наречием).

Ключевые слова: таджикский язык, словосочетание, причастие, предлог, части речи, синтаксис, «Воспоминания».

PARTICIPLE PHRASES WITH THE PREPOSITION "DAR" IN "MEMOIRS" BY S. AINI

This article examines the use of the preposition "dar" from the point of view of tutor Aini, preposition that expresses different meanings. The degree of its use is different, and it corresponds to the traditions of using this preposition in the normative language. In the use of prepositions for the construction of present participles, tutor Aini follows the traditions of the use of this type of prepositions, he used them to express the meanings of place, time, object, mode of action and quantity. Prepositions provide syntactic connection in a word combination and do not act independently in a word combination. For this reason they cannot be part of a sentence. The lexical meaning of prepositions is mainly clarified and collocations. In collocations, including present participles structures , the meaning of the preposition is expressed depending both on the meaning of the dependent word associated with it and on the meaning of the main word, which subordinates the reference word through the preposition. The linking role of prepositions begins with their meaning. Because prepositions as auxiliary words have no independent lexical meaning. Prepositions are always connected with nouns, numerals, pronouns and show their syntactic connection with other words (verb, noun, adjective, pronoun and adverb).

Keywords: Tajik language, phrase, participle, preposition, parts of speech, syntax, “Memoirs”.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Темурова Момагул*** **–** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, дотсент, кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.академик Раҷабовҳо, 10. Тел.: **(+992) 907-68-68-70**

Султонова Сурайё - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, н.и.п., ассистент. **Суроға:** 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.академик Раҷабовҳо, 10

Сведения об авторах: ***Темурова Момагул*** – Таджикский технический университет им. академика М.С.Осими, доцент, кафедра языков. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. академиков Раджабовых, 10. Тел.: **(+992) 907-68-68-70**

Султанова Сурайё - Таджикский технический университет им. академика М.С.Осими, к.п.н., ассистент. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. академиков Раджабовых, 10

Information about the authors: ***Temurova Momagul*** – Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Associate Professor, Department of Languages. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str. Academicians Radjabov, 10. Phone: **(+992) 907-68-68-70**

Sultanova Surayo - Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Pedagogical Sciences, assistant. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str., Academicians Radjabov, 10

ТДУ: 491.550:07

ВАЗЪИ ЗАБОНИИ РӮЗНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ”

Шодиев Б.Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истифодаи забони адабии тоҷикӣ дар матбуоти даврӣ аз чопи рӯзномаи нахустини тоҷикӣ дар Осиёи Миёна “Бухорои шариф” дар оғози асри XX сарчашма мегирад, ки нашри шумораи аввали он 11-уми марти соли 1912 (*ҳафтае се маротиб*) бо нашри 153 шумора аз чоп баромад. Дар шумораи нахустин дар хусуси забони рӯзнома чунин нигошта шудааст, ки “ҳанӯз шумораи аввали рӯзномаи “Бухорои шариф”-ро нашр надода будем, ки баъзе аз оқоён дар матбаа ҳозир шуданд ва ба мақолаҳо нигоҳ карда ва фармуданд, ки ин ҷо забони умумӣ забони тоҷикист, рӯзнома ҳам ба забони тоҷикӣ бошад беҳтар аст”. Ташаккули забони миллии тоҷикӣ маҳсули инқилоби Октябр аст. Забони тоҷикӣ баъди инқилоб расман унвони забони тоҷикиро гирифт ва маҳз дар замони Ҳокимияти Шуравӣ омӯзиши забони адабии тоҷикӣ ба сифати фанни махсуси таълимӣ дар мактабҳо ҷорӣ карда шуд, зеро то ин давр таъкид мекунад устод Айнӣ ки: “...ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ асру замон (то Револютсияи Кабири Октябр) забон дар мактаб ва мадрасаҳои тоҷикӣ ба сифати як дарс хононда нашудааст” [1, с. 378].

Академик Б. Ғафуров дар китоби “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” доир ба вазъи амалкарди забони тоҷикӣ дар асрҳои миёна ва минбаъд то инқилоби Октябр навиштаанд, ки “забони тоҷикӣ бо вуҷуди он ки предмети махсуси омӯзиш шуда натавонист, грамматикаи он дар мактабҳо омӯхта намешуд ва дар мадрасаҳо забони дараҷаи дуюм, яъне ёридиҳандаи забони арабӣ шуда монда буд, вай роли умумиҷамъиятӣ ва аҳаммияти адабӣ-давлатии худро пурра нигоҳ дошта тавонист ” [5, с. 307]. Яъне, то ин давр дар таълимгоҳҳо дар шарҳу маънидоди луғатҳо ва қоидаҳои сарфу наҳв забони арабӣ ва грамматикаи он нақши бисёр муҳим дошт ва забони тоҷикиро танҳо чун воситаи шарҳу эзоҳи он қоидаҳо истифода мебурданд. Бинобар ин, нашр гардидани китоби Сайидризо Ализода бо номи “*Сарфу наҳви тоҷикӣ*” [2] инқилоби бузурге дар таърихи илми забоншиносии тоҷик буд.

Яке аз омилҳои асосии пайдоиши матбуоти тоҷикӣ ин арҷ гузоштан ба забони ноби тоҷикӣ аст. Маорифпарварону донишмандони миллати тоҷик бақои забонро дар бақои миллат ва фанои забонро дар фанои миллат медиданд. Устод С. Айнӣ ҳанӯз дар ибтидои асри XX чунин таъкид карда буданд, ки “рӯзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад” [17, с. 4] ва дар дар ҳамин маврид Мирзо Сироҷи Ҳаким низ навиштаанд, ки “ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад, гӯё забон надорад ва ҳоли одами безабон ҳам ба ҳама кас маълум аст” (Б.ш., 12.03.1912, №1). Инчунин дар рӯзи таъсис ва нашри нахустин рӯзномаи тоҷикӣ бо номи “Бухорои шариф” устод Айнӣ навиштаанд, ки *“тоҷикон соҳиби забони худ шуданд”*. Ин гувоҳи он аст, ки миллати тоҷик то ин замон аз матбуоти даврии тоҷикӣ бебаҳра буд.

Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди маънавии миллати тоҷик нақши барҷаста дорад. Маорифпарварон онро чун минбари тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани афкори миллии хеш истифода намуда, ҷомеаро ба сӯйи илму дониш ва худшиносӣ даъват менамуданд.

Матбуоти даврии тоҷикиро вобаста ба воқеияти замон метавон ба се марҳила- *даврai пеш аз инқилоб, замони шуравӣ ва даврони истиқлол* ҷудо намуд, вале ин таснифот аз нигоҳи муҳтаво, мундариҷа ва жанри маводи матбуот набуда, балки ин гурӯҳбандӣ аз рӯйи он аст, ки нигоҳи муҳаққиқон ба забони матбуот чӣ гуна аст.

Рӯзномаи “Бухорои шариф” табиист, ки аз замони нашр то ин давра диққати олимону муҳаққиқони зиёдро ба худ ҷалб намудааст. Муҳаққиқон ба маводи рӯзнома аз дидгоҳи гуногун назар карданд. Аз ҷумла таърихнигорон аз нигоҳи сабту дарҷи санаву аснод ва ҳаводиси таърихӣ, адабиётшиносон ба сифати нашрияи адабӣ, рӯзноманигорон ба меъёрҳои касби рӯзноманигорӣ аз ҷиҳати жанру мундариҷа ва забоншиносон ба истифодаи имконоти воҳидҳои забон ба рӯзнома муроҷиат кардаанд.

Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар ин се давраи рушди матбуот аз ҷониби баъзе аз муҳаққиқони соҳаи таъриху адабиёт ва матбуот як андоза мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, вале мутаассифона, то имрӯз ягон кас аз муҳаққиқони забоншинос ба таҳқиқи забони матбуот дар ин се марҳила таваҷҷуҳи махсус зоҳир накардааст, танҳо дар хусуси забони рӯзномаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон С. Назарзода [13] ва Қ. Мухторӣ [12] мақолаҳои ҷудогона таҳия карда шудааст, вале барои таърихи забоншиносӣ ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ намудани хусусиятҳои ин даврaҳо аз нигоҳи илмӣ аҳаммияти бисёр муҳим дорад. Муҳаққиқони соҳаҳои таъриху адабиёт ва матбуот Қ. Расулиён, Н. Ғаффоров, В. Самад, А. Набавӣ, П. Гулмуродзода, И. Усмонов, М. Муродӣ, О. Салимзода, Қ. Шарифзода, М. Атозода, муҳаққиқи афғон Н. Ковиёнӣ ва дигарон мазмуну мундариҷаи матолиби рӯзномаи “Бухорои шариф”-ро таҳқиқу баррасӣ намуда, зикр кардаанд, ки яке аз масъалаҳои марказии рӯзнома ин муайян намудани роҳи минбаъдаи рушду инкишофи забони адабии тоҷикӣ буд.

Ҳангоми таҳқиқу баррасии маводи саҳифаҳои рӯзнома маълум гардид, ки воқеан, масъалаи забони тоҷикӣ яке аз мавзуъҳои асосӣ ва ҳамешагии рӯзномаи “Бухорои шариф” будааст. Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар 153 шумора доир ба масъалаҳои доғи рӯз, аз ҷумла камбудиҳои иҷтимоии замон мавод нашр намудааст, ки имрӯз бо шарофати истиқлолият ва таҳқиқу омӯзиши мутахассисони соҳа, тамоми шумораҳои он аз хатти арабиасос ба хатти кириллӣ баргардонда ва дастраси хонандагону муҳаққиқон шудааст, ки барои омӯзиши пурраи он заминаи мусоид фароҳам гардид.

Забони матбуот ифодакунандаи ҳар як давру замон аст, бинобар ин маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” яке аз асноди бисёр муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва таърихии он рӯзгор мебошад ва барои дақиқтар омӯхтани муҳити инкишофи забони тоҷикӣ дар ибтидои асри XX ба сифати як сарчашмаи муҳимми таърихӣ хизмат мекунад. Ҳангоми таҳқиқи забони маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” мо ба истифода ва корбасти имконоти воҳидҳои забон таваҷҷуҳ намуда, хусусиятҳои лексикию морфологии он мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши нахустин дар омӯзиши ҳамаҷонибаи истифодаи имконоти воҳидҳои лексикию грамматикии рӯзномаи “Бухорои шариф” аст.

Таҳқиқ намудани забон ва тарзи баёни маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” барои таърихи забон ва роҳи инкишофи минбаъдаи он бисёр муҳим аст. Маводи васоити ахбори омма, хусусан забони матбуот ҳамеша ба таҳқиқу омӯзиши пайваста ва давра ба давраи забонӣ ниёз дорад. Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар инъикоси як давраи муайяни таърихӣ ва рушди маънавиёти миллати тоҷик нақши калон мебозад, вале мутаассифона, то имрӯз ба шакли пурра ва мушаххас тамоми паҳлуҳои он (*хусусан, аз ҷиҳати забонӣ*) омӯхта нашудааст. Мақолаҳое, ки дар рӯзномаи “Бухорои шариф” нашр гардидаанд, арзиши таърихӣ дошта, ҳаёти сиёсию фарҳангии он давронро инъикос мекунанд. Омӯхтани таркиби луғавӣ, шаклу воситаҳои грамматикии забони маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” то андозае барои муайян кардани фарқи шаклу воситаҳои грамматикии забони адабии ибтидои асри XX аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ёрӣ мерасонад.

Забони матбуоти пеш аз инқилоби Октябр ҳам аз ҷиҳати лексикӣ ва ҳам аз ҷиҳати хусусиятҳои грамматикӣ аз забони матбуоти замони шуравӣ ва даврони истиқлол тафовути зиёд дорад. Яке аз хусусиятҳои маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” дар муқоиса ба матбуоти замони шуравӣ ва даврони истиқлол ин пеш аз ҳама дар мураккаб ва мушкилфаҳм будани забон ва услуби маводи рӯзнома аст, зеро дар навишт меъёри забони адабии классикӣ ва услуби анъанавии онро асосан пайравӣ кардааст. Забоншинос С. Назарзода дар ин маврид таъкид менамояд, ки сабку услуби рӯзномаи “Бухорои шариф” дар матбуоти тоҷикии солҳои бистуми садаи XX, аниқтараш то иваз гардидани алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба алифбои лотинӣ идома ёфт [13, с. 262]. Бинобар ин, дар маводи матбуоти ин давра анъанаи душвору мураккабнависии пешин ва истифодаи аз ҳад зиёди калимаҳои арабӣ дида мешавад.

Аз рӯзҳои аввали нашри рӯзнома аҳли эҷод дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки “*мо бояд муносиби ҳоли мардум сухан гӯем, салоҳи амри умумиро дар назар дошта бошем. Лиҳозо, рӯзномаи мо ҳарчи аввал мумкин бошад ба забони форсии сода навишта мешавад. Сониян, мақолаҳое, ки мехоҳем дарҷ намоем, иборат аз муқаддимаи инсоният хоҳад буд. Яъне, таҳриси мардум ба талаби илм ва ислоҳ намудани вазъияти таълимӣ*” (Б.ш., 13.03.1912, № 2).

Рӯзномаи “Бухорои шариф” бо нияти ҳалли баъзе масъалаҳои баҳсталаби забони тоҷикӣ дар саҳифаҳои худ мубоҳисаи илмиро оғоз кардааст. Дар рӯзнома барои посдорӣ ва рушди забони тоҷикӣ бо унвони “*Маҷмае дар хусуси забон*” дар шумораҳои 3, 7, 8, 11, 13, 14 ва 26 мавод таҳия ва нашр гардида, ба муҳокимаи васеи илмӣ гузошта шудааст. Инчунин масъулини рӯзнома ба хонандагон муроҷиат намуда, зикр мекунанд, ки “*умедворам, ки ба қадри имкон рӯзномаи мо форсии сода ва ба забони голиб бошад. Аз оқоён хоҳиш дорем, дар хусуси забон ва шеваи нашрояти мо ҳарчи салоҳ медонанд, изҳор бифармоянд. Бо итминон ва ташаккур қабул мекунем*” (Б.ш., 14.03.1912, №3). Дар шумораи ҳаштум мактуби хонандагон айнан бидуни ислоҳ нашр гардидааст, ки нисбат ба забон ва услуби рӯзнома эрод гирифта шудааст. “*Ин шевае, ки дар мақолоти ахбори “Бухорои шариф” навишта мешавад, шева ва лаҳҷаи Эрони олия аст, ки аз сар то по магруқи алфозӣ ва арабияҳои асир-ул-фаҳм* ***ва аз се қисмати он яке форсист***” (Б.ш., 20.03.1912, №8).

Сармуҳаррири рӯзнома дар шумораҳои 11-14 бо мақолаҳои муфассали илмӣ баҳсро идома дода, аз услуб ва забони рӯзнома дифоъ мекунад. “*Холис навиштан дар ин айём, агар мумкин бошад, хеле душвор аст. Адибе мисли Фирдавсӣ, давоми сӣ сол заҳмат кашида, “Шоҳномаро”-ро навишт ба иддаои ин ки забони форсии холис аст, боз мебинӣ, ки ин ҷову он ҷо як ё ду арабие ҷузва шудааст. Пас дар ин қарни ахир чӣ тавр холис метавон навишт?*” (Б.ш., 23.03.1912, № 11). *“Акнун қоришни киром ба назари инсоф мулоҳиза фармоянд, ки соҳиби ин мактуб худаш магар ба забону шеваи олияи Эрон нанавиштаанд”* (Б.ш., 26.03.1912, №13).

Ҳар як муаллиф вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуъ аз қабати луғавии забон самаранок истифода намудааст. Масъулони рӯзнома кӯшиш мекарданд, ки мақолаҳояшонро бо забони содаву равони тоҷикӣ *(форсӣ)* нависанд, вале аз истеъмоли калимаҳои душворфаҳм ва номафҳуми арабӣ пурра даст кашидан муяссар нагардидааст. Бинобар ин, як қисми маводи рӯзнома бо забон ва услуби душвору номафҳуми арабӣ навишта шудааст.

Валекин фаҳмидану илм расонидан ба тафсили *вазоифи асноф* аз ҷумлаи *маҳолот*, балки *мумтанеъот* аст; Ҳар як аз *тобеин* ва *матбуъин* ҳам *асноф*и бисёр доранд. Мо мехоҳем мухтасаре аз *вазоиф*и давлату ҳукумат ва *соисин*у *вазоифи руайё* ва *масусину тобеъин*ро дар таҳти ҳамин унвон арз бикунем *(Б.ш., 13.05.1912, № 53);* Аз вазифаҳои *умда* ва бузурги *умури маъошия*и бани навъи инсон *вазифаи назифа*и раёсат ва сиёсат аст. *Раис* ва *соис ибодаҳ* шудан мушкилтарин *вазоиф* аст *(Б.ш.,14.05.1912, № 54);* Чунончи арз шуд, сол ба сол ба ҷиҳати намоиши *амтаъаи саноеъ*и бозорӣ кушода, *ривоҷ* ва *адами ривоҷ*, *маргуб* будан ва набудани матоъҳоро мулоҳиза намуда, ба ҷиҳати *маргубу роиҷ* шудан чора ва роҳ пайдо кунад (Б.ш.,17.05.1912, № 57); Мешавад, ки дар як муомилаи хусусия яке *мантафеъ* ва дигаре *мутазаррар* бошад, дар ин сурат чунки нафъ бурдан ба воситаи зарар расонидан ба дигаре худаш қабеҳу *муҷиб*и фасод ва боиси *шуюъ*и зулму хилофи адолат ва *мурувват* аст (Б.ш., 20.06.1912, № 86) ва ғ.

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои арабии зиёде корбаст гардидаанд, ки боиси мушкилфаҳм шудани ҳусни баёни забони маводи рӯзнома шудааст, вале забони рӯзнома дар муқоиса як андозае аз ҷиҳати тарзи ифода аз услуби анъанаи пешин фарқ мекунад. Ин фарқ, пеш аз ҳама, дар худдорӣ аз истеъмоли калимаҳои арабӣ, дар тарзи ифода даст кашидан аз услуби суханпардозии пуртакаллум ва ба забони зинда такя намудан иборат аст. Вобаста ба сабку услуб ва тарзи баёне, ки дар осори ибтидои асри XX мавҷуд буд, забоншиноси варзида Н.Маъсумӣ таъкид менамоянд, ки “дар ибтидои асри XX ду тенденсияи забонӣ ва ду равияи услубӣ давом мекард. Аз як тараф, равияи душворнависӣ, муғлақбаёнӣ ва суханпардозии сунъӣ дар забон ва услуб монанди пешина давом дошт. Аз тарафи дигар, равияи соданависӣ аз ҳарвақта дида бештар қувват гирифта, дар амал ҷорӣ мешуд” [11, с. 13]. Дар ин маврид муҳаққиқи шинохта С. Ҳоҷиев низ зикр менамоянд, ки “насри пешинаро бо маънои том насри сода ва оммафаҳм гуфтан мумкин нест, зеро насри сода пас аз револютсияи Октябр ба миён омад. Насри охири асри XIX ва ибтидои асри XX назар ба насри гузашта сода буд, вале аз насри имрӯза ба маънои томаш фарқ мекунад” [16, с. 46].

Дар ибтидои асри XX ва пеш аз он бо сабаби нуфузи зиёд доштани забони арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҳама зиёдтар вожаҳои арабӣ дохил шудаанд. Бинобар ин, услуби нигориши мақолаҳои рӯзнома саршор аз калима ва ибораҳои мураккабу номафҳуми арабӣ мебошанд. Дар забони матбуоти ин давра калима, ибора ва ҷумлаву таъбирҳои бегона зиёд ҳукмфармоянд. Таркиби луғавии забони рӯзномаи “Бухорои

шариф”, пеш аз ҳама, аз калимаҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ ва вожаҳои куҳнашудаи забон иборат аст. Аҳли эҷоди рӯзнома кӯшиш мекарданд, ки забону услуби нигоштаҳояшонро содаву равон ва ба дарку фаҳмиши ҷомеа наздиктар кунанд, аммо аз истеъмоли аз ҳад зиёди калима ва ибораҳои арабӣ халосӣ надоштанд, бинобар ин забони нигоштаҳои онҳо хеле вазнин ва душворфаҳм буд. Забоншинос Н. Маъсумӣ забон ва услуби Аҳмади Донишро таҳқиқ намуда зикр мекунад, ки дар забони нисбат ба ҳамон вақт як андоза содаву равон шуморидашудаи А. Дониш калима ва ибораҳои зиёди арабӣ дучор мешаванд, ки нависанда онҳоро ҳамчун меъёри муқаррарии забони адабии давраи худ кор фармудааст, вале он калимаҳо имрӯз дар забони тоҷикӣ зарурати истеъмол надоранд [10, с. 6]. Хусусан, барои таърихи забони адабии тоҷикӣ охири асри XIX ва ибтидои асри XX давраи хос мебошад, зеро дар баробари дигаргуниҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа, дар забон низ нақши барҷаста гузоштааст.

Барои исботи фикр яке аз сармақолаҳои силсилавии муҳаррири рӯзнома Мирзо Ҷалол Юсуфзода, ки дар 14 шумора 53, 54, 55, 56, 57, 58, 59, 60, 61, 62, 63, 64, 65 ва 86 бо номи “Вазоиф” чоп ва дар ҳар як шумора дар ҳаҷми 21-38 ҷумлаи содаву мураккаб таҳия ва нашр гардидааст, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифт. Дар ин силсиламақола зиёда аз 600 калимаи душворфаҳм ва номафҳуме мавҷуд аст, ки бе истифода аз луғат дарк ва маънидод кардани онҳо барои умум ниҳоят душвор аст ва имрӯз дар забони тоҷикӣ зарурати истеъмол надоранд, зеро вақте ки хонандаи имрӯз бо чунин калимаҳо дар матн дучор меояд, аз фаҳмидани баъзе ҷиҳатҳои маъноӣ бебаҳра мемонад. Забон ва услуби нигоштаҳои рӯзномаи “Бухорои шариф” аз ҷиҳати истеъмоли калима ва ибораҳои душворфаҳму номафҳуми арабӣ (қисман тоҷикӣ) нисбат ба забон ва услуби ду марҳилаи дигари матбуот душворфаҳму мураккабтар аст. Ин гувоҳи он аст, ки забони арабӣ дар ҷомеаи он даврон нақши муҳим доштааст.

Барои ҳамаи *уламо* ва *урафо* ва *фузало* ва *умаро* ва *вузаро* ва ...лозим аст, ки эътинои том ба ислоҳу тараққӣ ва пешрафти ин асоси муқаддас намоянд (Б.ш., 20.06.1912, №86); *Ғояти омол* тазаккури аҳолии Бухоро аст, ки аз ахбори атроф *мутталеъ* гардида ва дар тараққии *умрони* ватани бобоиву аҷдодии хеш ва *издиёди улуми* маорифу *фунун* ва *саноеъ*и лозимаи маданият бикӯшанд (Б.ш., 11.03.1912, №1); Агар, чунончи аз рӯйи қоида ба *аҳкоми* исломия амал намоем, такмили *умури* маданияти мо ҳам мисли *авоил*и ислом ва асри саодат *раҷъат* менамояд; Аз *ақсоми муовинат* яке *ионати фуқаро* ва *мисокину атём* ва *аромил* аст, ки фарз буданашро ҳама медонем (Б.ш., 27.05.1912, №65); Бар хилофи қонуни *гасбу адвани* маъмурин дар зоҳир боиси зиёдатии *мадохили* худашон аст, вале *мутазаммини* хисороту *афнои* аҳолӣ (Б.ш., 20.06.1912, №86); Яке дигар аз *вазоифи* омма *таъовун* ва иштирок дар *маъшият* аст. Агарчи *таъовун* худаш *фарзи* ҳусни муошират аст (Б.ш., 24.05.1912, № 63); Ҳусни муошират, ки гуфта мешавад хубӣ ва эҳсони вуҷудӣ ва *адамӣ, салбӣ* ва исботи ҳарду манзур аст ва ҳарду *мутаподар* ба зеҳн аст; *Маъазолик* дар назари ҳақиқат ҳусни муошират маънии *баситс* аст, ки натиҷа ва лозимаи ӯ *таъовун* аст (Б.ш., 24.05.1912, №63); Агар *такзиб* намудем, аз мо бурҳон талаб кунед, агар бурҳони ҳақ овардем, шумо ҳам инсоф фармуда қабул бикунед, агар *ъинод* варзидем, он вақт ҷамъияти *мунсифа* ташкил дода, *руҷуъ* ба он фармоянд, ки тарафи *ботил*ро *мулзам* ба тасдиқи ҳақ намояд (Б.ш., 20.06.1912, №86) ва ғ.

Миқдори ин гуна калима ва ибораҳои душворфаҳму номафҳум дар маводи рӯзнома ниҳоят зиёд аст: *раъият, мутаъаллим, мумтанеъот, мутабаддил, соис, иҷтиноб, иртикоб, фосид, шуюъ, мунозеъ, мушореъ, билод, руъайё, хавоин, дувал, иҷтиҳод, фариза, илқо, фароиз, таназзул, имтиноъ, тақсир, касолат, шориъин, сабоват, солисан, таъовун, муаззамма, асноф, маҳолот, матбуъин, масусин, явмин, муттақӣ, муртакиб, таъзир, шаръия, мурувват, мунозиъ, мушориъ, авсоф, мамдуҳа, мустаъдин, ҳирфат, мусалат, садад, оҳод, истимрор, раъият, басират, зиллат, мунозаъа, рифоҳ, ҳавоиҷ, ҳирфат, манбут, мунбаттар, тазаллум, нофеъ, мутазаммин, муртакиб, таъзир, мурувват, мунозиъ, мушориъ, мабдаъ* ва ғ.

Дар бештари ҷумлаҳои маводи рӯзнома калимаҳои аслан тоҷикӣ асосан аз калимаҳои ёвар ва феълҳо иборатанд:

*Ҳарифо*ни мо дар *ҳалл*и *масоил*и *ҳаюлою сурат* ва *нафй*и *ҷузъу мавҳуми лоятаҷазза* ва *исбот*и *имтиноъ*и *маҷол* ҳастанд (Б.ш., 29.03.1912, № 16); *Хулоса,* бидуни *татвили хоҳишу риҷо* аз *раисон* ин ки бар *давому тақдису таҳзиби* ин *асос саъйу эътино* фармоянд! (Б.ш., 20.06.1912, №86); Валекин фаҳмидану *илм* расонидан ба *тафсили вазоифи асноф* аз *ҷумлаи маҳолот* балки *мумтанеъот* аст (Б.ш., 13.05.1912, №53) ва ғ.

Агар қисми зиёди ин калимаҳои душворфаҳм ва номафҳум дар он замон барои умум фаҳмо ва серистеъмол буданд, вале имрӯз дарк ва маънидод намудани онҳо бе истифода аз луғатҳо душвор гардидааст.

Яке аз сабабҳои дигари мураккабу вазнин гардидани матлаби рӯзнома ин дар корбасти аз меъёр зиёди сифатҳои нисбии забони арабӣ –***ия***, сифатҳои ҷинси занона –***а*** мебошад. Аз сабаби он ки забони тоҷикӣ то инқилоби Октябр дар зери таъсири меъёрҳои забони арабӣ буд, бинобар ин, маводи рӯзнома дар заминаи хусусиятҳои забон ва услуби забони арабӣ таҳия ва чоп шудааст.

Сифатҳои нисбии забони арабӣ***:*** *исломия, инсония, шахсия, фарзия, баладия, ватания, миллия, вуҷудия, хусусия, илмия, фания, саноия, усмония, сиёсия, дунявия, маъошия*, *маъодия, шахсия, шаръия, ухравия, табиия, умумия* ва ғ.

То умури *маъошия* ва *маъодия*и мо ба назм афтад! Ҳошо! Намегӯем, ки бар хилофи шариати *исломия* қонуни ҷадиде бигзорем! (Б.ш., 27.05.1912, №65); Сафаҳоти рӯзномаи мо ҷиҳати таҳрироти *илмияву адабия* ва *фанния* ва билулум ба рӯйи мақолоти нофеъа боз аст (Б.ш., 25.12.1912, № 150); Дар ҳолате ки аврупоиён ба аҳволи *қуллия* ва *ҷузъия*и тамоми замин воқиф гаштаанд, ... (Б.ш., 19.04.1912, № 34); Аз вазоифи соисин аст таксири макотиби *илмия* ва *фания* ва *саноъия*. Лозим аст адади нуфузи аҳолӣ ақаллан баҳри панҷсад нуфуз як мактаби *илмӣ ё фаннӣ ё санъатӣ* таъсис намуд, ки салоҳ ва ислоҳи ҳоли руъаё баста ба вуҷуди чунин макотиб аст (Б.ш., 15.05.1912, № 55); Саодати *Ватания ва Миллия* ба воситаи таъовуни *милливу ватанӣ* мумкин аст (Б.ш., 23.05.1912, № 62); Аҳолии масъудаи олам ба воситаи ҳамин таъовун саодати *ватания* ва *миллия*ро ҳосил намуданд. Бар мо мусалмонон ё аҳли мамлакат ва музофоти Бухорои шариф ҳам лозим аст, ки саодати *миллат ва ватани* худро...таҳсил намоем (Б.ш., 24.05.1912, № 63) ва ғ.

Дар ҷумлаҳои боло баъзан муаллифон дар ифодаи як фикр аз ду услуб- тоҷикию арабӣ баробар истифода кардаанд, ки ин гувоҳ аз мавҷуд набудани меъёри ягона дар забони он давр мебошад.

–сифатҳо ва исмҳои ҷинси занона, ки тавассути *то-и марбута* ифода меёбанд: *воҳида, ҳасана, лозима, соиса, ҷадида, ҷобира, муқобала, мухтасара*, *мустақила, масъуда, махсуса* ва ғ.

Зулму адвон дар миёни аҳолӣ шуюъ пайдо намуда, ҳамон ҳукумати *золима* ва *ҷобира* ташкил мешавад (Б.ш., 14.05.1912, № 54); Талаби илмро ба ҳар муслим ва *муслима* фарз фармуда... (Б.ш., 13.03.1912, №2); Мо мухолиф ва зидди ин ақидаи *ботила* ҳастем. Мо мутараққии инсоният ва тамаддунро дар тадвин мебинем (Б.ш., №...); Мақсуд аз ахбори *мухталифа*, ки ҳар рӯз навишта мешавад, бедор намудани аҳли ислом аст (Б.ш., №...); Итолиё, ки боиси муҳорибаи ҳозира гардидааст, яке аз давлатҳои бузург бар Урупо буда, дорои чиҳил милюн нуфус. Худаш ҳам миллати *воҳида* ва мутамаддин аст (Б.ш., 23.03.1912, № 11); Ҳамин ду муқаддимаи *мухтасара*, ки арз шуд мегӯем... (Б.ш., 06.11.1912, № 130); Гоҳе даст аз ҳама ҷо шуста мегӯем, давлати *мустақила* корро дуруст хоҳад намуд (Б.ш., 09.11.1912, № 131) ва ғ.

Хулас, забон ва услуби рӯзномаи “Бухорои шариф” дар муқоиса ба осори пешин то дараҷае дар тарзи баён содаву равон аст, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин аз тақлиди анъанаи пешин дар канор набуд. Дар ин маврид М. Баҳор менависад, ки “бояд иқрор кард, ки ҳар чанд инқилоби нависандагӣ аз ин таърих (*ибтидои асри ХХ -Ш.Б.*) дар миёнаи рӯзномаҳо ва ҷароид пайдо омад, лекин ҳанӯз ҷароиди ин замон даст аз тақлиди гузаштагон бар надошта буданд” [3, с. 404]. Дар маводи рӯзномаи мазкур аз як тараф, агар анъанаҳои забони адабии классикӣ идома ёфта бошад ҳам, вале аз тарафи дигар, майлу рағбати муаллифон барои содаву равон баён кардани матлаб мушоҳида мешавад.

Муқарриз: ***Шарифзода Ф.Х.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Кулиёт. Ҷ. 11 (Китоби дуюм) / С. Айнӣ.–Душанбе: Ирфон, 1964.-435 с.
2. Ализода, С.С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.С. Ализода. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010.-92 с.
3. Баҳор, М.Т. Сабкшиносӣ. Ҷ. 3 / М.Т.Баҳор. –Теҳрон.
4. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева.-Душанбе, 1991.-156 с.
5. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Б. Ғафуров. –Душанбе, 1947.
6. Ғозиев, М. Корбасти вожаҳои иқтибосии арабӣ дар матбуоти тоҷик / М. Ғозиев. –Душанбе: Бебок, 2012. - 187 с.
7. Ковиёнӣ, Н. Пажуҳиш бар замона ва корномаи “Бухорои шариф” / Н. Ковиёнӣ // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Душанбе: Ирфон, 2012.- С. 30-75.
8. Қаландаров, С. Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш / С. Қаландаров. – Душанбе: Олами китоб, 2010. - 174 с.

9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ. 1. / Ҳ. Маҷидов. –Душанбе: Деваштич, 2007. -242 с.
10. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. –Душанбе: Дониш, 1976. -75 с.
11. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. -Душанбе, 2011. -385 с.
12. Мухторӣ, Қ. Доир ба забони аввалин рӯзномаҳои тоҷикӣ. Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ / Қ. Мухторӣ. –Душанбе, 2013. –С.82-86.
13. Назарзода, С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С. Назарзода. –Душанбе: ЭР-граф, 2016.-272 с.
14. Хонларӣ, П.Н. Таърихии забони форсӣ / П. Н. Хонларӣ. Ҷилди 1,2 ва 3, Теҳрон, -1366 с.
15. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов. -Душанбе, 1979. -95 с.
16. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри ХХ / С.Ҳоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1987. -167 с.
17. Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 279 с.

Манбаъ

1. Б.ш.-Бухорои шариф, № 01-153.

ВАЗЪИ ЗАБОНИИ РӮЗНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ”

Дар мақола вазъи забон ва тарзи баёни маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Маводи васоити ахбори омма, хусусан забони матбуот ҳамеша ба таҳқиқу омӯзиши пайваста ва давра ба давраи забонӣ ниёз дорад. Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар инъикоси як давраи муайяни таърихӣ ва рушди маънавиёти миллати тоҷик нақши калон дорад. Мақолаҳое, ки дар рӯзномаи “Бухорои шариф” нашр гардидаанд, арзиши таърихӣ дошта, ҳаёти сиёсию фарҳангии он давронро инъикос мекунанд. Омӯхтани таркиби луғавӣ, шаклу воситаҳои грамматикии забони маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” то андозае барои муайян кардани фарқи шаклу воситаҳои грамматикии забони адабии ибтидои асри ХХ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ёрӣ мерасонад. Забони матбуоти пеш аз инқилоби Октябр ҳам аз ҷиҳати лексикӣ ва ҳам аз ҷиҳати хусусиятҳои грамматикӣ аз забони матбуоти замони шӯравӣ ва даврони истиқлол тафовути зиёд дорад. Ҳар як муаллиф вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуъ аз қабати луғавии забон самаранок истифода намудааст.

Калидвожаҳо: таркиби луғавӣ, шаклу воситаҳои грамматикӣ, тарзи баён, забони матбуот, калимаҳои арабӣ, забони содаву равон, услуби душвору номафҳум, услуби анъанаи пешин, рӯзномаи “Бухорои шариф” ва ғ.

ЯЗЫКОВОЙ СТАТУС ГАЗЕТЫ " БУХОРОИ ШАРИФ "

В статье исследуется состояние языка и способы изложения материалов газеты «Бухорои шариф». Материалы средств массовой информации, особенно язык прессы, всегда требуют постоянного и поэтапного языкового исследования. Газета «Бухорои шариф» играет важную роль в освещении определенного исторического периода и развития духовности таджикского народа. Статьи, опубликованные в данной газете, имеют историческую ценность и отражают политическую и культурную жизнь того периода. Изучение лексического состава, грамматических форм и средств языка материалов газеты «Бухорои шариф» в некоторой степени способствует определению отличия форм и грамматических средств литературного языка начала XX века от современного таджикского литературного языка. Язык печати до Октябрьской революции имеет много отличий от языка печати советской эпохи и эпохи независимости как по лексическим, так и по грамматическим особенностям. Каждый автор эффективно использовал лексический пласт языка в зависимости от содержания темы.

Ключевые слова: лексический состав, грамматические формы и средства, экспрессия, язык печати, арабские слова, простой и плавный язык, сложный и непонятный стиль, старотрадиционный стиль, газета «Бухорои шариф» и др.

LANGUAGE STATUS OF THE NEWSPAPER "BUKHOROI SHARIF"

The article examines the state of the language and the way of presenting the material of the newspaper “Bukhoroi Sharif”. Media materials, especially the language of the press, always require constant and gradual linguistic research. The newspaper "Bukhoroi Sharif" plays an important role in covering a certain historical period and the development of the spirituality of the Tajik people. The articles published in this newspaper have historical value and reflect the political and cultural life of that era. The study of the lexical composition, grammatical forms and language means of the material of the newspaper “Bukhoroi Sharif” to some extent helps to determine the difference between the forms and grammatical means of the literary language of the early twentieth century from the modern Tajik literary language. The language of the press before the October Revolution has many differences from the language of the press of the Soviet era and the era of independence, both in lexical and grammatical features. Each author effectively used the lexical layer of the language depending on the content of the topic.

Keywords: lexical composition, grammatical forms and means, expression, print language, Arabic words, simple and smooth language, complex and incomprehensible style, old traditional style, newspaper “Bukhoroi Sharif” etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.**
Тел: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

Сведения об авторе: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.**
Тел: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

Information about the author: ***Shodiev Bahodur Gozievich***- Tajik National University, Candidate of Philology, Associate dotsent, doctorate of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.**
Phone: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

ТДУ: 491.550

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ ОЧЕРКҲОИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

Раҳимқулов Ғ.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш. Рашидов

Забони адабии тоҷик яке аз забонҳои қадимаву пурғановати забонҳои дунёст, ки бо ин забон дар тули беш аз ҳазор сол осори гаронбаҳои илмиву адабӣ, бадеиву таърихӣ офарида шуда, ки ин дар хазинаи тамаддуни умумибашарӣ нақши муайян дорад. Аз нигоҳи мазмуну мундариҷа осори ба забони тоҷикӣ таълифёфта хеле пурмазмун буда, аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ мухталифанд. Воқеан, забони адабии тоҷик дар гузашта дорои шукӯҳу манзалати хосса буда, ба сифати забони расмӣ бо марзи ниҳоят паҳно дар хидмати давлатдорону сиёсатмадорон, донишмандону фозилон қарор дошт. Давлатдорону сиёсатмадорон, донишмандону фозилон низ баҳри рушду нумуи ин забони шевою зебо пайваста мекӯшиданд, таркиби луғавии онро такмилу сайқал мебахшиданд. Забони адабии тоҷикӣ аз ин ҷиҳат то солҳои 20-уми қарни XX забони давлативу коргузории қаламрави Осиёи Миёна ҳисоб мешуд. Дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бо ин забон таълиму тадрис идома дорад. Аз ин ҷиҳат, мактабҳои таҳсилоти тоҷикии берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тоҷикони берунмарзӣ маркази таблиғоту ташвиқоти забони адабии тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар ин ҷода хизмати устодони меҳрубони тоҷикгуфтор хеле назаррас буда, бояд заҳмату машаққатҳои эшонро эътироф намуда, ононро офарин гуфт. Ин хизмати пешрафти омӯзгорони асилро таърихи миллат ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Воситаи дигаре, ки забони адабиро берун аз Тоҷикистон таблиғ менамояд, рӯзномаҳои тоҷикӣ ва кормандони онҳо ба ҳисоб мераванд. Рӯзномаҳои тоҷикӣ таҷассумгари ҳаёти рӯзмарраи мардуми тоҷики берун аз Тоҷикистон мебошад. Ин рӯзномаҳо бо забони фасеҳу равон ва суфтаву сода ба тоҷикзабонон хабару падидаҳои тозаи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии оламро дар саҳифаи хеш инъикос менамоянд. Аз нигоҳи теъдод рӯзномаву нашрияҳои тоҷикзабонони бурунмарзӣ зиёд буда, рӯзномаи «Овози тоҷик» яке аз онҳост.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» чун нашрияи тоҷикии Осиёи Миёна дар инкишофи матбуоти тоҷик нақши муайяне дорад. Ин рӯзнома пас аз рӯзномаи «Бухорои шариф», ки соли 1912 бори нахуст нашр гардида буд, аз нашрияҳои нахустини тоҷикии баъди созмон ёфтани давлатҳои миллӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Дар замони таъсис ва баъдтар низ ин рӯзнома аҳли эҷодкори тоҷику тоҷикзабонони Осиёи Миёна, хосатан сокинони шаҳрҳои қадимаи тоҷикнишин – Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Фарғона, Намангону Андиҷон, Тошканду Чимкентро гирд овард ва эшон аз ин минбари сухан дар бобати рушду фарҳанг, пешравии матбуоту маориф, бунёди сохти нав хеле самаранок истифода бурдаанд. Рӯзномаи «Овози тоҷик» аз рӯзи аввалини нашраш ба ҳимояи манфиати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии мардуми тоҷик нигаронида шуда буд ва доир ба ин масоил нигоштаҳоро нашр менамуд. Дар айни ҳол ин рӯзнома дар шаҳри Тошканд нашр мегардад ва гурӯҳи эҷодиаш пайваста мекӯшад, ки рӯзнома хонданбобу шавқовар гардад. Рӯзномаи мазкур ҳоло чун нашрияи Маҷлиси Олӣ ва Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мебошад. Ё ба таври дигар рӯзномаи ҳукуматист. Ин рӯзнома анқариб таърихи 100-соларо дорост ва рӯзнома аз рӯзи ҳастиаш то кунун ба чандин унвон, аз ҷумла «Овози тоҷик» (1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (1964-1991) ва аз 1-уми январи соли 1991 бо номи таърихиаш «Овози тоҷик» ҳафтае ду маротиба (чоршанбе, шанбе) дар шакли формати «Правда» нашр мегардад. Маводи асосии рӯзнома аз қарору фармонҳои Ҳукумат ва қонунҳои қабулкунандаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи беҳдошти рӯзгори мардум ва ҳамчунин аз вазъи хоҷагидориву кишоварзӣ, ҳаёти фарҳангиву маорифи тоҷикон, хабару мақола ва гузоришҳо иборат буда, аз ҳаёти фарҳангӣ, иҷтимоии Тоҷикистон низ мақола дарҷ мекунад. Забони рӯзнома хеле содаву равон буда, бештар кормандони рӯзнома ба покизагии забони матбуот таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва кӯшиш доранд, ки нигоштаашон ба мардуми зиёди тоҷикони бурунмарзӣ фаҳмо бошад. Аз ин нигоҳ дар маводи рӯзнома асосан калимаву таркиб ва

ибораҳои умумитоҷикӣ корбаст мегарданд ва аҳён-аҳён калимаҳои маҳаллӣ дучор меоянд. Умуман, забони рӯзномаи «Овози тоҷик» ҷавобгӯйи меъёрҳои забони адабии тоҷик мебошад. Зеро ба ин поя таълиф ёфтани мақолоту нигоштаҳои рӯзноманигорон вобаста ба устувории анъанаи неку дарини аҳли қалами рӯзнома мебошад, ки замоне дар ин рӯзнома устодони сухан чун С. Айнӣ, А.Лоҳутӣ ва чанде дигарон ифои вазифа намуда, намунаи эҷодиёти бадеиву публитсистии худро нашр менамуданд ва бо ин васила ба сабки равону содабаёнӣ асос гузоштаанд.

Жанри бадеӣ-публитсистӣ яке аз муҳимтарин талаботи замона буда, инъикосгари воқеаҳои муҳимми ҳаёти рӯзмарраи инсоният маҳсуб ёфта, дар ин, жанр бадеият ва руҳияи публитсистика тасвир ёфта, воқеаю ҳодисаҳо, далелҳо ба таври образнок, табиӣ, равон, зинда ва муассир инъикос мешаванд. Бинобар ин жанри бадеӣ-публитсистӣ нисбати жанрҳои дигари услуби публитсистӣ аз нигоҳи образнокӣ, бадеият тафовут дорад ва яке аз шартҳои асосии маводи рӯзнома маҳсуб гардида, меъёри асосии инро ҳаҷвия, очерк, ҳикоя, лавҳа ва фелетон ташкил медиҳад. Вижагии обуранги эҳсосӣ, корбасти вожаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ асоси забони ин жанрро фаро мегиранд.

Бо мақсади таъсирбахш ифода ёфтани матлаб ба муштариён воситаҳои ҳиссу ҳаяҷоновари забон ниҳоят васеъ кор фармуда мешаванд ва ин ҳодисаро бо таҳлил намудани забони ҳар як аз анвои он жанр метавон пай бурд. Албатта, навъҳои ин жанр аз лиҳози корбасти воситаҳои муассир ба дараҷаи хосса тафриқае доранд. Лекин бо вуҷуди он, дар забони онҳо шаклҳои гуногуни онҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ очерк ба ҳисоб меравад.

Очерк яке аз жанрҳои услуби публитсистӣ маҳсуб ёфта, асари бадеии хурде аст, ки дар рӯзнома нашр мешавад. Дар он, асосан, тасвир намудани фаъолияти шахсони дар ҳаёт мавҷуд буда, воқеаю ҳодисаҳо, далелҳои ҳаётӣ нишон дода мешавад [1, с. 23].

Очерк «асари нашрӣ, бадеиест, ки иборат аз тасвири мухтасари воқеаю ҳодисаҳои шуда гузаштаи ҳаётист».

Очерк чун жанри адабӣ аз лиҳози равонию суфтагии калом, бадеияти нутқ, алалхусус, бо фасоҳату балоғати сухан ороиш ёфта, вижагии хоссеро соҳиб аст. Он ба гурӯҳи жанрҳои ҳамосавӣ ворид шуда, бо мақсади мунъакис намудани хизматҳои шоистаи фарде, ки барои манфиати ҷомеа ҳиссаи хешро вогузор намудааст, офарида мешавад.

Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ очеркҳое, ки дар хусуси тадбиркорию хизматҳои накукориву шоиста, ки манфиати ҷомеа ба ҷо овардаанд ва аз онҳо сабақ гирифтан ҷоиз аст, хеле зиёданд.

Дар очерк воқеаҳои ҳақиқие, ки дар ҳаёт рух медиҳанд, дар асоси мушоҳидаи бевоситаи муаллифон акси бадеӣ меёбанд. Аён аст, ки дар адабиёти тоҷик (аз солҳои 1930 то кунун) аз устод Айнӣ то адибони ҷавони имрӯза фаъолияти эҷодии хешро аз таҳияи очерк шуруъ намудаанд. Чунин асар, яъне «асари бадеии хурдтар, ки аз тасвири мухтасари далелҳои ҳаётӣ иборат аст» (Ӯзбек тилининг изоҳли луғати 1982, 1-том, 552-бет) нависандаро водор месозад, ки воқеаю ҳодисаҳои рухдиҳандаро дар зимни воқеоти ҳаётӣ мунъакис намояд.

Дар рӯзномаҳо, одатан, очеркҳо бо корбасти воситаҳои забони бадеӣ, мавзуъ, ба тавассути руҳ ва ифодаҳои публитсистӣ кушода мешаванд. Бахусус, инро дар очеркҳои нависанда Болта Ортиқзода бештар дучор шудан мумкин аст. Масалан, яке аз вижагиҳои асосии жанри очерк дар он ғайр аз истилоҳҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва истилоҳҳои хосси соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ корбурди зиёди қабатҳои луғавии ҳиссиётиву ҳаяҷонӣ (эмотсионалӣ-экспрессивӣ) нисбат ба дигар жанрҳо мебошад.

Дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавқеи очерк дар рӯзномаҳои тоҷикӣ боз ҳам дуболо гардид. Ба рӯзноманигорон лозим шуд, ки ба ҷузъ аз очеркҳои портретӣ боз очеркҳои муаммовӣ низ таҳия намоянд, то ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаётии давраи истиқлолро тасвир созанд.

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ин масъала равшантар ба назар мерасад, чунки дигаркуниву тағйироту таҳаввулоте, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, маърифатӣ ва ғайраҳо рух медиҳанд, тавассути очерк ва ҳалли масъалагузорӣ дар онро бо ифодаи воҳидҳои забон ба хубӣ дарк кардан мумкин аст. Аз ин хотир, азбаски забони очеркҳои

матбуоти даврии замони соҳибистиқлолӣ як қатор вижагиҳои хоссеро дороанд, мо оид ба ин вижагиҳо баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро баён медорем.

Нахуст, бояд гуфт, ки вожаи очерк имрӯз бо истилоҳи мақола, корреспонденсия (хабаргунаи бадеӣ) баринҳо баробар аст. Сарлавҳаи очерк аксар бо калимаву ибора ва ҷумлаҳо ном дода шудаанд. Чунончи, *«Раиси чашмикордон»* [От., 13.12.97]*, *«Умри фурӯзон»* [От.,21.08.02], *«Ҷавони ростравшан»* [От., 16.04.07], *«Қиёфаи роҳбар»* [От., 15.01.2000], *«Меҳрпарвар»* [От., 18.03.09], *«Зикри хайр»* [От., 11.02.09], *Кӯш, ки кори ту биёбад ривоҷ* [От., 20.07.16], Зи дониш дили пир барно бувад [ОС., 25.05.2019] ва амсоли инҳо калима ва ибораҳоеанд, ки пурмаъно, муъҷазу ихчам ва дақиқанд. Албатта, дар таҳияи сарлавҳагузорӣ муаллифони очеркҳо маҳорати хуби эҷодӣ доранд ва тибқи меъёри забони адабӣ онҳоро таҳия менамоянд.

Баъдан, забону тарзи баёни очеркҳои рӯзномаҳои тоҷикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вижагиҳои хосси луғавӣ, дастурӣ (грамматикӣ) доранд, ки баъзе аз онҳоро метавон ба таври зайл баррасӣ намуд. Масалан, дар очерки илмии Олимҷон Назаров «Умри фурӯзон» [От., 21.08.02], асосан, калимаҳои хосси услуби публитсистӣ мавҷуд буда, калимаҳои маҷозӣ, истилоҳҳо, сана, таърих, номҳо зикр шудаанд. Вижагиҳои хосси забони очеркҳо дар он аст, ки дар онҳо вожаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, истилоҳоти гуногуни соҳаи хоҷагӣ ва баробари ин, калимаҳои дорои тобишҳои ҳиссӣ-ҳаяҷоновар мавриди истифода қарор мегиранд. Одатан, дар очеркҳо симо ва фаъолияти қаҳрамон басо барҷаста, ҷаззоб ва бо воситаҳои дорои ҷилои маъноӣ тасвир мешаванд. Масалан, дар «Умри фурӯзон» ном очерк сухан дар бобати зиндагиномаи олими барҷастаи соҳаи физика Султон Умаров меравад ва чунин вожаҳои луғавиро бар ситоиши қаҳрамони очерк метавон дид: *ибратбахш, бамаънӣ, фидокорӣ, ҷонбозӣ, сермазмун* ва ғайра [От., 21. 08. 02].

Вижагии дигар, дар очеркҳо корбурди фаровони муродифҳо маҳсуб меёбад, ки дар воқеъ, дар очеркҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» хеле фаровон ба назар мерасанд. Онҳо барои афзуну муассир гардонидани ҳусни сухани муаллиф, гурез аз такрор ва амсоли инҳо чун воситаи муҳимми забон хизмат кардаанд: *ҳалолкор – поквиҷдон, деҳа – қишлоқ, оҳиста–оҳиста – тадриҷан;* синонимҳои ҷуфт: *меҳрубону мушфиқ, фикру мулоҳизаҳо, гарму ҷӯшон, ташвиқу тарғиб, руҳу арвоҳ, ҳурмату эҳтиром* [От., 13.12.97], *гирду атроф, ҳамдаму ҳамнафас, самимияту муҳаббат, ҳолу аҳвол, раставу бозор* [От., 18.03.09], *ғаму ғусса, пару бол, ташвишу таҳлука, шаҳру ноҳия, ободу зебо, дашту саҳро* [От., 11.02.09] ва амсоли инҳо: Оқибат *ғаму ғусса пару боли* Нурбибиро шикаст [От., 11.02.09]. Аз худо мехоҳам, ки ин *меҳру муҳаббати* моро пойдор дорад [От., 18.03.09]. Яке аз онҳо Юсуф Абдуллоев буда, ... дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба *таълиму тарбияи* насли наврас машғуланд [От., 25.05.2019].

Корбурди фаровони ибораҳои тасвирӣ, устувор ва воҳидҳои фразеологӣ аз вижагиҳои дигари рӯзномаи “Овози тоҷик” ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, дар очеркҳои рӯзномаи мавриди таҳқиқ унсурҳои номбурдаи луғавӣ ба таври фаровон ба назар мерасанд, чун: *«Инро медиду дарун - дарун хуни дил мехӯрд», «Вале ин ҳама ба ҳаво мерафт», «Ин дардҳо низ дар дили Асрор санг мешуд», «Дар чунин видоъҳо дӯстон хун мегиристанд»* [От., 16.04.97], *дил гум задан* [От., 15.01.2000], *дил сӯхтан, об ба лаби ҷӯ баробар шудан, сар ба осмон расидан* [От., 18.03.09], *аз як гиребон сар баровардан, гап гурехтан, пӯстаки Қора Самеъро афшондан, нафасашро рост кардан, ба атроф дида дӯхтан, ба хаёлот ғӯта задан* [От., 11.02.09]. Онҳо барои ободонӣ аз *як гиребон сар мебаровардand* [От., 11.02.09]. Як байти Шайх Саъдиро зуд-зуд ба забон меоред, агар онро бори дигар такрор мекардед, *сарам ба осмон мерасид*, хоҳиш мекунад ӯ аз ман [От., 18.03.09].

Вижагии дигар дар очеркҳо барои баланд бардоштани руҳияи мардум истифодаи даъватномаҳо, гуфтаҳои сарварон, ишораҳо ва ғайраҳо ба ҳисоб рафта, дорои аҳаммияти махсусанд. Масалан, дар очерки «Ҷавони ростравшан» чунин даъватномаро дидан мумкин: -Ҳар як хонавода бояд барои баланд бардоштани маърифати худ кӯшиш намояд, - гуфт Ғоибов ва боз суханашро идома дод: - Хушбахтона, дар ҷаласаи охирини Олий Маҷлис ин

*ОТ - Рӯзномаи «Овози тоҷик». Нашрияи расмии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба забони тоҷикӣ аз соли 1924 нашр мешавад. Минбаъд дар қавсайн дар шакли “От”, рӯз, моҳ ва соли нашр оварда мешавад.

мавзуъ мавриди баррасии намояндагони мардум гашт ва ҳукумат дар ин бора қарори дахлдор қабул намуд [От., 16. 04. 1997].

Ин гуна ҷумлаҳо ҷанбаи бадеии очеркҳоро хеле афзун карда, ҳамқадамиву ҳамнафасии мавзуъро бо замон мувофиқ менамоянд.

Гузашта аз ин, дар очеркҳое, ки саҳифаҳои матбуоти даврии тоҷикро рангин сохтаанд, як қатор калимаҳои иқтибосии арабӣ (вомвожаҳои арабӣ) истифода шудаанд, ки онҳо кайҳо дар забони адабии тоҷикӣ худӣ шудаанд ва ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардида, чун воситаи муҳимми луғавӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Чунин вомвожаҳоро вобаста ба таносуби услубӣ ва доираи корбаст ба ду навъ тақсим намудем:

1. Калимаҳои арабие, ки дар забони кунунӣ умумӣ гардидаанд: *мулоҳиза, мубоҳиса, муҳориба, муҷассама, мушфиқ, мушкин, ташвиқ, тарғиб, муттаҳид, мушаххас, муҳандис, муштарак, мушарраф* [От., 13.12.97], *муштариён, мутасаддиён, авқот, пайкар* [От., 15.01.2000], *таассуф, тарғиб, мактаб, ҳамдам* [От., 18.03.09], *маврид, марқад, ҳасрат, асрор, манзил, мусоҳиб, муҷассама, ташриф, муносибат* [От., 11.02.09], *музд, муқаддам, мусоҳиба* [От., 20.07.16] ва амсоли инҳо, ки миқдоран ниҳоят бисёранд. Онҳо дар очеркҳо фаровон буда, бо мақсади муайяни услубӣ ва такрори ноҷо, ки аз он ҳусни баён ва маънӣ мекоҳад, аз муодил ва муродифҳояшон истифода мебаранд. Чунончи, дар очерки "Раиси чашми кордон"-и Толиб Юнусзода шаклҳои ҳаммаънои "ҳайкал" "пайкара, муҷассама"-ро метавон дид, ки дар тарзи баёни ӯ як навъ равонию хушгуфторӣ ҳувайдост. Аз ин вожаҳои муродифӣ калимаҳои пайкара тоҷикӣ ва муҷассама арабӣ аст.

2. Гурӯҳи дигари вомвожаҳои арабиро метавон ба қатори вожаҳои камистеъмол ё номаълум дохил кард. Масалан, дар очерки "Ҷавони ростравшан"-и Нуралии Раҷаб [От., 16. 04. 1997] калимаҳои "санад" ва "умур" дар чунин маврид истифода шудаанд: Баъди он ки ҳуҷҷатҳо аз тарафи органҳои махсус санҷида мешуд, танҳо он вақт роҳбари вилоят ақидаи хешро доир ба аснодӣ пешниҳодшуда баён менамуд. Он солҳо на ҳар касро ба умури давлатӣ ба кор мегирифтанд [От., 16. 04. 97].

Дар ин очерк вожаи "санад" истифода шудааст, ки муродифаш вожаи "ҳуҷҷатҳо" буда, муаллиф дар қавсайн бояд тавзеҳи ин вожаро меовард, зеро шарҳи ин калима, ҳатто, дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дида нашуд. Ба пиндори мо, аз тарафи муаллифон калимаю ибораҳое истифода карда шаванд, ки онҳо, аввалан, ба меъёри забони адабӣ мувофиқ бошанд ва агар корбасти онҳо дар он маврид ногузир бошад, муродифи онҳо, ҳатман, дар қавсайн бояд оварда шавад. Вагарна на танҳо хонандагони одӣ, балки табъи дигар муштариёни зиёди рӯзнома низ хира гашта, майли онҳо нисбати рӯзнома коҳиш меёбад.

Масъалаи дигар, дар давраи соҳибистиқлолӣ кам истеъмол шудани вожаҳои русӣ-байналмилалӣ ва ба ҷойи онҳо аз нав фаъол гардидани мувозаҳои забони модарӣ афзуд ва амр аз тарафи касе, ки ба забони тоҷикӣ чизе менависад, қобили қабул дониста шуд. Бо вуҷуди он, як қатор калимаҳои русӣ-байналмилалӣ имрӯз ҳам дар забону тарзи баёни баъзе мақолаю очеркҳои рӯзнома аз рӯйи зарурат ҷой доранд. Масалан, *директор* [От., 15.01.2000], *фабрика, райком, птисафабрика, зоофак* [От., 11.02.09], *гектар, мошин, бригада, трактор* [От., 20.07.16], *рол, проблема, гараж, алтернатив, механик, техника, кабинет, агроном, автопарк, насос* ва амсоли инҳо: Дертар дар сари роҳи байни Самарқанду дараи Оҳалик *фабрикаи* мурғпарварӣ қад афрохт [От., 11.02.09]. Он бошишгоҳи *бригадае* буд, ки сарварии онро чанд сол падарам бар уҳда доштанд [От., 20.07.16].

Дуруст аст, ки баъзе аз ин калимаҳо мисли агроном, техника, насос баринҳо дар забони тоҷикӣ мувоза надоранд, ё дошта бошанд ҳам, дар шакли ифодаи номаълуму нофаҳмо [масалан, насос – обдуздак] истифода шудааст. Ба пиндори мо, онҳоро айнан истифода намудан лозим мешавад. Вале калимаи рол – мавқеъ, аҳаммият; проблема – масъала, масъалаи ҳалталаб, муаммо; кабинет – хона, хонаи корӣ ва амсоли инҳо мувозаҳои хуби тоҷикӣ доранд, ки мувофиқи маврид онҳоро бештар истифода бояд бурд. Инчунин ҳаминро бояд гуфт, ки як силсила шакли тоҷикии калимаҳои русӣ, ки дар асоси калка (яъне айнан тарҷума шудани калима) падид меоянд, чун парник – гармхона, самолёт – тайёра, офисер – афсар дар саҳифаҳои рӯзнома (дар очеркҳо низ) мавқеи муҳимро ишғол намудаанд. Бархе аз муаллифон аз нутқи персонажҳои очерк вожаҳои ғайри иқтибосии русӣ монанди «разбор», «путёвка», «култивация» [От., 1. 01. 2000]-ҳоро ба кор бурдаанд, ки аз

ифодаҳои нодурусти замони шуравӣ боқӣ мондаанд. Мебоист шаклҳои дурусти тоҷикии онҳоро дарёфт намуда, ба хонандагон пешкаш кард. Ин амр бояд ҳатман аз тарафи рӯзноманигор ба иҷро расад.

Ғайр аз ин, дар очеркҳое, ки дар саҳифаҳои матбуоти рӯз интишор мешаванд, як қатор калимаҳое истеъмол гаштаанд, ки хосси услуби баланданд, ки чанде аз онҳоро намуна меоварем. Мисли, гуворо, пайкара, муҷассама [От., 13.12.97], само, осмонбӯс, тармим [От., 1. 01. 2000], аҳсан, турнасо, падруд, таблиғ, тарғиб [От., 16. 04. 1997] ва ғ.

Дар очеркҳо аз суханони пандомези халқ ё паремияҳо муаллифон истифода кардаанд: Масалан: *харбуза аз харбуза ранг гирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд; Исо ҳам бо роҳи худу Мӯсо ҳам* [От., 11.02.09]. Боварам ҳаст, ки *харбуза аз харбуза ранг гирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд* [От., 11.02.09].

Чунин вожаҳо барои ҷонноку муассир инъикос ёфтани воқеаю ҳодисаҳо, дилкашу ҷаззоб ва аз ҷиҳати бадеӣ волову гуворо гардидани забони очерк мусоидат кардаанд.

Баъзан калимаҳои гуфтугӯй-халқӣ аз забони муаллиф дар шакли вожаҳои шевагӣ истифода шудаанд. Мисли: "*рӯған*" [От., 1.01.2000], "*ойтӣ*" [От., 13.12.97] ва ғайраҳо. Ин вожаҳо бо шаклҳои *"равған*", "*хола*", ки ба ҳамаи тоҷикон фаҳмост, истифода мегардид, беҳтар буд. Вобаста ба ин, баъзе муаллифон дар таҳияи очерк ба қоидаи имлои забони тоҷикӣ риоя накардаанд: Дар ҳамин ҷо масҷиди ҷ*омеъи* нав бунёд кунем, хуб мешудааст [От., 13.12.97]. Воқеан, Султон Умаров … онҳоро *сарҷамъу* ҳамраъй карда тавонист [От., 22.08.02].

Маълум мешавад, ки баъзе вожаҳо аз камҳавсалагӣ ва хуб надонистани имлои забони тоҷикӣ ва ё аз ҷониби ходимони техникии матбуот, калимаҳои фаъолият, фикр, мувофиқат, мактаб, машғул, додар, санҷишкорона ва ғайра дар шаклҳои дигар, мисли фоъолият, факр, мевофиқат, мактоб [От., 13.12.97, очерки "Раиси чашмикордон"], машғум, дадар [От., 1.01.2000, очерки "Амонулло-раис"], санҷашкорона [От., 28.08.02, очерки "Умри фурӯзон"] нашр шудаанд.

Ё ки дар баъзе мавридҳо баъди сифати феълии "дида", "омада", "ёфта", "зада" ва ғайраҳо аломати вергул гузошта нашудааст, ки боиси афсӯсу надомат аст. Инак, чанде аз он мисолҳо: Як моҳи дароз ба имтиҳонот тайёрӣ дида онро бо баҳои хубу аъло супорид. Хусусан ба вай таърихи шаҳр писанд гардид [От., 16.04.97]. Боре Очилдӣ ном ҳисобчӣ аз Серхарахаб омада ба Амонов шикоят кардааст [От., 1.01.2000]. Китобу дафтарҳоятро андохта ба мактаб меравӣ. Ҳамин тариқ, модарам маро аз дастам дошта ба мактаби деҳаамон бурда монд [От., 13.12.97]. Вай … ҷавонони қобилиятнокро ёфта онҳоро бо роҳи дуруст ҳидоят карда метавонист. Соли 1945 Султон Умаров… моро ҷеғ зада ҳамсуҳбат шуд [От., 24.08.97].

Ғайр аз ин, аз имконияти мусоид истифода карда, инчунин чанд мулоҳизаву андешаамонро доир ба забону тарзи баёни, умуман, рӯзномаи "Овози тоҷик", ки нашрияи нахустини тоҷикӣ дар замони шуравӣ аст, баён кардан мехоҳем, ки ба таври зайл аст:

1.Бояд гуфт, ки гурӯҳи эҷодии рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳар падидае, ки дар вожасозӣ ва истилоҳпазирӣ дар забони адабии тоҷик ва матбуоти он рух медиҳад, бо хушӣ пазируфта, дар саҳифаҳои рӯзнома корбаст менамоянд ва шарҳи онро чанд муддат дар қавсайн низ меоранд, то ин ки барои хонанда душворӣ пеш наорад. Ин ҷиҳати кори эшон қобили дастгирист ва бо ҳамин роҳ чандин ба истилоҳ наввожаҳо, аз қабили **баррасӣ, пазироӣ, амиқона** (ба таври пуррагӣ), **перомунӣ, чархбол, орӣ, ройгон, идома, жарф, пардохт, густариш, омодагӣ, шомил будан, баёнгарӣ, баҳрабардорӣ, ҷавобгӯ, пойгоҳ, рушд, васила, таҷдид, вомҳо** (қарзҳо)**, убур** ва амсоли инҳо дар саҳифаҳои рӯзнома сабт ёфтаанд, ки ин ҳодиса далели аз матбуоти тоҷики Тоҷикистон дур намондани аҳли қалами рӯзномаро нишон медиҳад.

2.Гурӯҳи дигари калимаҳое дар рӯзнома дучор меоянд, ки ин вожаҳоро аҳли қалами рӯзнома дар партави қолибҳои калимасозии тоҷикӣ қабул намудаанд, ки ин қабил калимаҳо дар матбуоти Тоҷикистон ба чашм намерасанд. Чанде аз ин қабил калимаҳоро дар ин ҷо чун намуна зикр намуд: паттаҳои ройгон (билети муфт барои тайёра), кӯҳнишин (ба ҷойи мавзеи кӯҳӣ ё кӯҳистон), дар натиҷаи носозии техникӣ (ба ҷойи бо сабабу иллатҳои

техникӣ), намунагарӣ (мисол: намунагари рушди фарҳанги мамлакати хеш ба ҳисоб меравад), корҳои пардоздиҳӣ, фармоишгарӣ, бинокорӣ (ба ҷойи сохтмон) ва монанди инҳо.

3.Гузашта аз ин, гурӯҳи калимаҳое дар саҳифаҳои рӯзнома дучор мешаванд, ки маҳз тавассути матбуоти ӯзбекӣ падид омадаанд. Ин калимаҳо, асосан, дар матни асосӣ, қарору фармонҳои ҳукумат истифода шудаанд. Чунончи, тадбир (ба ҷойи чорабинӣ), ҷойгир сохтани меҳмонон, доир ба ин масъала истода гузашт. **Ҷангараҳо** (боевик ё террористон), **мафкура** (тафаккур), **рағбатноксозӣ** (рағбатлантириш), **ташкилоти хайротӣ** (созмони хайрия)... маънидод намудани онҳо то андозае ғайриимкон аст: **мастур** (пӯшида), **жарфоӣ** (чуқур, амиқ, рафтан), **бар изофаи олатҳои нафосӣ** (асбоби мусиқие, ки бо нафас ичро мегардад), **ҳирфаӣ**, **ағлаб, суҳулат**, малӯи, ки аз вожаҳои соҳаи мусиқӣ шояд бошад, бе шаҳру эзоҳ оварда шудаанд.

4.Вожаҳои гуфтугӯӣ низ дида мешаванд, ки хосси баъзе гӯйишҳои мардумӣ мебошанд: *кугдаланг, қадоқ* ба маънои (мушаххас кардан), *шахшӯл, сахт.*

5.Ҷо-ҷо дар саҳифаҳои рӯзнома ҷумлаҳои таҳрирталаб, услубан хароб дучор мегарданд: *дар он суруду рақсҳо ва оҳангҳои тоҷикиву ӯзбекӣ баланд садо доданд, ба ҳайси тамошобинон пешкаш гардиданд, ифода меёфт.*

6. Рӯзномаи мавриди тадқиқи мо қарорёфта аз нигоҳи сарлавҳагузорӣ низ хеле ҷолиб буда, сарлавҳаҳои диққатҷалбкунандаву хонданбобро дорост. Чунончи: “Сеҳри соз”, “Шефтаи нақшу нигорҳо”, “Аз мост, ки бар мост”, “Ҳам ба наълу ҳам ба пошна набояд зад!” “Сарзамини қадима», «Ӯболу савоб», «Бишнав аз най сирри овози маро», «Инсони бинодил», «Рустаниҳои пурхосият»... Сарлавҳагузорӣ аз нигоҳи касби рӯзноманигорӣ аз рукнҳои асосии саҳифаорой буда, ба диди хонанда мақбул мегардад.

7. Аз рӯйи ин таҳлили сатҳии чанд шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки рӯзномаи мазкур дорои забони равону сода ва сабки хосса мебошад. Маводҳои рӯзнома, асосан, барои хонандагоне пешниҳод мегардад, ки барои таърихшиносӣ, худогоҳӣ, парастиши ойинҳои неку хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ифтихор аз гузаштаи худ ва ҳамоҳангсозии фарҳанги гузаштаи пурифтихор ба замони муосир мусоидат менамоянд. Аз ин ҷиҳат, рӯзнома ва гурӯҳи эҷодии он пайгирона талош меварзанд, ки хонандаву мухлисони ин рӯзномаи таърихӣ беш гарданд ва нуфузи рӯзнома дар байни нашрияҳои тоҷик чун модарнашрия боқӣ монад.

8. Дар сабк ва баёни афкор дар маводи ин рӯзнома харачу марач кам ба назар мерасад. Танҳо маводи тарҷумавӣ ба меъёрҳои ҷумласозиву ибораороии забони адабии тоҷик ба андозае ҷавобгӯ набуда, маводе, ки доир ба фарҳанг, ҳаёти кишоварзӣ, маориф таълиф мегардад, ба тақозои меъёрҳои забони адабии тоҷик ҷавобгӯ буда, ба мухлисони рӯзнома иттилои хубро манзур мегардонанд.

Хулоса, дар давраи соҳибистиқлолӣ забони нашрияҳои тоҷикӣ, аз ҷумла “Овози тоҷик” хеле равону суфта ва хонданбоб гардида, жанри очерк дар он аз ҷиҳати бадеият сараву бо тасвирҳои зинда, образу ташбеҳҳои муассир ва корбурди қабатҳои луғавӣ, ки равонию шевоӣ, ҳусну забони очеркро тасвир менамоянд, ба ҳукми анъана бояд дароянд.

Муқарриз: *Ҳомидов Д.* – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмонов А. Газета журналистикаси терминларининг қисқача изоҳли луғати / А. Абдураҳмонов. – Т ошкент: Ўқитувчи, 1983. – С. 23.
2. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе, 1988. – 124 с.
3. Айнӣ С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии точик / Куллиёт, Ҷ. 12 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 650 с.
4. Абдусаидов А. Газета жанрларининг тили ва услуби / А. Абдусаидов. – Самарқанд, 2001. – С. 23-28.
5. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов, А.Муминов. – Душанбе, 1983. – 116 с.
6. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. –224 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе, 1973. – 480 с.
8. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – 185 с.
9. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – 155 с.
10. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 384 с.
11. Мирзоев Ғ. Муродифоти қолабҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ / Ғ.Мирзоев. Маърифат, 1991. -№ 11. - С. 16-18.
12. Сабзаев С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.Сабзаев. – Душанбе, 1991. – 79 с.

13. Ҳалимов С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С.Ҳалимов, К.Шукурова.– Душанбе, 1988.– 96 с.
14. Ҳомидов Д. Лафзи хуш дар ҷилва орад маънии гуфторро / Д. Ҳомидов. –Душанбе, 2010. – С. 28-30.
15. Ҳомидов Д. Сарнавишти калимаҳо / Д. Ҳомидов. –Душанбе, 2007. – С. 28-30.

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИИ ОЧЕРКҲОИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

Дар мақолаи мазкур сухан доир ба чанд вижагиҳои забонии жанри очерк дар рӯзномаи “Овози тоҷик” меравад ва зикр мегардад, ки забони адабии тоҷик яке аз забонҳои пурғановати дунё буда, бо ин забон дар айни ҳол дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон чандин рӯзномаву маҷаллаҳо нашр мегарданд, ки яке аз онҳо рӯзномаи таърихии “Овози тоҷик” маҳсуб меёбад. Рӯзномаи «Овози тоҷик» чун нашрияи тоҷикии Осиёи Миёна дар инкишофи матбуоти тоҷик нақши бориз дошта, маводи зиёдро дар бораи беҳдошти рӯзгори мардум ва ҳамчунин аз вазъи хоҷагидориву кишоварзӣ, ҳаёти фарҳангиву маорифи тоҷикон ба нашр мерасонад. Забони рӯзнома хеле содаву равон буда, бештар кормандони рӯзнома ба покизагии забони матбуот таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва кӯшиш доранд, ки нигоштаашон ба мардуми зиёди тоҷикони бурунмарзӣ фаҳмо бошад. Аз ин нигоҳ дар маводи рӯзнома, асосан, калимаву таркиб ва ибораҳои умумитоҷикӣ корбаст мегарданд ва аҳён-аҳён калимаҳои маҳаллӣ дучор меоянд. Жанри бадеӣ-публитсистӣ яке аз муҳимтарин талаботи замона буда, инъикосгари воқеаҳои муҳимми ҳаёти рӯзмарраи инсоният маҳсуб ёфта, дар ин жанр бадеият ва руҳияи публитсистика тасвир ёфта, воқеаю ҳодисаҳо, далелҳо ба таври образнок, табиӣ, равон, зинда ва муассир инъикос мешаванд.

Калидвожаҳо: рӯзнома, матбуот, нашрия, забон, услуб, меъёр, очерк, инъикос, тасвир, вожа, сода, равон, суфта, воқеа, жанр, публитсистика, рӯзмарра, нақш, вижагӣ, қолиб, мазмун, эҷод ва амсоли инҳо.

ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОЧЕРКОВ ГАЗЕТЫ “ОВОЗИ ТОДЖИК”

В данной статье рассматриваются некоторые языковые особенности жанра очерк в газете “Овози тоджик” (“Голос таджика”) и упоминается, что таджикский литературный язык является одним из самых богатых языков в мире, и в настоящее время на территории Республики Узбекистан на данном языке издаются несколько газет и журналов. Одной из них является историческая газета “Овози тоджик” (“Голос таджика”). Газета “Овози тоджик” (“Голос таджика”), как таджикское издание в Центральной Азии, играет важную роль в развитии таджикской прессы, публикует много материалов, посвященных благополучной жизни людей, а также об экономическом и сельскохозяйственном положении, культурной и просветительской жизни таджиков. Язык газеты очень простой, большинство сотрудников газеты уделяют особое внимание чистоте языка печати и стараются сделать свою точку зрения понятной многим таджикским согражданам за рубежом. Следовательно, с этой точки зрения в материалах газеты используются в основном общеупотребительные таджикские слова и словосочетания, иногда встречаются и слова местных диалектов. Художественно-публицистический жанр является одним из важнейших требований времени и считается отражением важных событий повседневной жизни человечества. В этом жанре описываются искусство и дух публицистики, события и факты отражены образно, естественно, плавно, живо и эффектно.

Ключевые слова: газета, пресса, публикация, язык, стиль, норма, очерк, отражение, образ, слово, простое, беглое, плавное, событие, жанр, публицистика, повседневный, роль, особенность, шаблон, содержание, творчество и тому подобное.

LINGUISTIC FEATURES OF ESSAYS IN THE NEWSPAPER “OVOZI TOJIK”

This article takes into consideration of some linguistic features of the essay genre in the newspaper “Ovozi Tojik” (“Voice of the Tajik”) and underlines that the Tajik literary language is one of the richest languages in the world, and nowadays on the territory of the Republic of Uzbekistan several newspapers and magazines are published in this language. One of them is the historical newspaper “Ovozi Tojik” (“Voice of the Tajik”). The newspaper “Ovozi Tojik” (“Voice of Tajik”), as a Tajik publication in Central Asia, plays an important role in the development of the Tajik press, publishes many materials devoted to the prosperous life of people, as well as about the economic and agricultural situation, cultural and educational life of Tajiks. The language of the newspaper is very simple; most of the newspaper’s specialists pay special attention to the purity of the newspaper language and try to make their point of view understandable to many Tajik fellow citizens abroad. Therefore, from this point of view, the newspaper materials mainly use common Tajik words and phrases, and sometimes words from local dialects are also found. The artistic and journalistic genre is one of the most important requirements of the time and is considered a reflection of important events in the everyday life of mankind. This genre describes the art and spirit of journalism, events and facts are reflected figuratively, naturally, smoothly, vividly and effectively.

Keywords: newspaper, press, publication, language, style, norm, essay, reflection, image, word, simple, fluent, smooth, event, genre, journalism, everyday, role, feature, pattern, content, creativity and the like.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимқулов Ғайрат*** – Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, дотсент, кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа, доктори фалсафа оид ба фанҳои филология (Ph.D). E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Тел.: **(+998) 902-70-16-75**

Сведения об авторе: ***Рахимкулов Гайрат*** – Самаркандский государственный университет имени Шарофа Рашидова, доцент кафедры таджикской филологии и восточных иностранных языков, доктор философских наук (Ph.D), E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Тел.: **(+998) 902-70-16-75**

Information about the authors: ***Rakhimqulov Gayrat*** – Samarkand State University named after Sharof Rashidov, Associate Professor of the Department of Tajik Philology and Oriental Foreign Languages, Doctor of Philosophy (Ph.D). E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Phone: **(+998) 902-70-16-75**

ТДУ: 491.550

ҲУНАРИ ШАМСИДДИН ШОҲИН ДАР КОРБУРДИ МУРОДИФҲО

Шоева Г.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

“Муродифот аз воситаҳои муҳимми пурра ва ҷозибанок тасвир кардани предмет (ашё, чиз – Г.Ш.) ва ҳодисаву воқеаҳои гуногун ҳастанд. Онҳо воситаи бой гардонидани таркиби луғавӣ, дилчаспу ихчамбаёнӣ ва омили дар шаклу намудҳои беҳтарин ифода намудани фикр мебошанд” [1, с. 42].

Таърихи забони тоҷикӣ, хусусан таркиби луғавии он, аз ин гурӯҳҳои луғавӣ хеле бой аст. Аммо дар асоси матни осори классикӣ, агар тадқиқоти Ҷӯразода Ш. – “Лексико – грамматические особенности “Маснавии маънавӣ” Джалолиддина Руми” [2, с. 23] -ро истисно кунем, ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Саидқул Сабзаев ҳангоми пажуҳиши забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ зарурати таҳқиқи “вожаҳои ҳаммаъноро” дар заминаи маводи осори хаттии пешин таъкид кардааст [3, с. 60]. Хушбахтона, мавзуи муродифот (синонимҳо) дар забони адабии тоҷикии муосир то андозае мавриди омӯзиш ва баррасӣ [4] қарор гирифтааст. Муҳаққиқон В.А Капранов, И.Л. Николаев, А. Х. Халилов, бо вуҷуди ин, масъалаи синонимҳоро аз масоили мушкил ва ба омӯзиш ниёзманди забоншиносии ватанӣ ва ҳатто хориҷӣ ҳисоб карда, “таълифи луғатҳои синонимӣ, чи тафсирӣ ва чи аз як забон ба забони дигарро нокофӣ шумурда, ҳалли паҳлуи назарии онро муҳим арзёбӣ кардаанд” [5, с. 5]. Дар як вақт бо нашри луғати мазкур дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби устод Мардон Муҳаммадиев “Луғати синонимҳо” [6] чоп ва дастрас гардид, ки, албатта, дар ин бора қадаме ба пеш аст. Муродифҳо, чун унсури боаҳаммияти тасвир, дар адабиётшиносӣ ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Юрий Бобоев дар хусуси аҳаммияти ин калимаҳо гуфтааст: “...истифодаи васеи синонимҳо сабаби аз нав зинда шудани бисёр калимаҳои фаромӯшшуда гардида, таркиби луғавии забони халқро бой мекунад. Синонимҳо, инчунин, имконият медиҳанд, ки санъаткор бо вусъати доираи фикру муҳокимааш мақсадашро бо айнияти забони мафҳуму дилкаши бадеӣ баён кунад”. Ӯ барои тақвияти ақидаи худ ин сухани устод Айниро санад овардааст: “Агар асари нависанда ба хонанда забон ёд надиҳад, забони хонандаро бой ва маданӣ накунад, вай чӣ хел асари адабӣ мешавад... Нависанда бояд забонро бо сӯҳони маънӣ ва қоида совида, сайқал зада кор фармояд” [7, с. 137]. Аз ҳамин дидгоҳ забони ашъори Шамсиддин Шоҳин намунаи забони осори бадеии комил аст ва аз ҷиҳати сербории таркиби луғат, хосса унсурҳои муродифӣ, ки дар адабиёти забоншиносӣ “калимаҳои ҳаммаъно”-яшон [8, с. 48; 3, с. 59] низ номидаанд, қобили мулоҳиза мебошад. “Равшании ифодаи фикр ...ва маҳорати сухандонӣ” [8, с. 46]-и устод Шоҳин ҳам ба истифодаи бамавқеи вожа ва таркибҳои ҳаммаъно бисёр вобаста аст. Аз ҳамин ҷиҳат, омӯзиши ин қабати луғавии забони шеъри ӯ, ки ниҳоят рангину таъсирбахш аст, ба такмили захираи луғат ва тарзи баёни забони адабии тоҷикии муосир мусоидат хоҳад кард. Муродифҳои забони осори Шоҳинро аз рӯйи баёни маъно ба муродифҳои ифодакунандаи мафҳуми ашё (чиз), аломат, амал, ҳолат ҷудо кардан мумкин аст, яъне ба категорияи исм, сифат, феъл мансуб мебошанд. Профессор Қосимова М.Н. бо такя ба маводи дастури “Забони адабии ҳозираи тоҷик” манбаи пайдоиши онҳоро” калимасозӣ, аз ҳисоби забони гуфтугӯйӣ ва шеваҳо ба забони адабӣ ворид гардидани калимаҳо, иқтибос аз забонҳои дигар ва эвфемизмҳо” [10, с. 86] гуфтааст. Мафҳум ва сохтори ин категорияи луғавӣ бо ин назари донишманди маъруф мувофиқат мекунад. Инак, вобаста ба мансубият ба ҳиссаҳои нутқ чунин тасниф мешаванд:

1.Вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ – тоҷикӣ:

1) муродифҳое, ки бе воситаи грамматикӣ омадаанд ва аз ҷиҳати сохт содаанд:

рух + симо

Қад барафроз, ки болои туро банда шавам,
Рух барафрӯз, ки **симо**и туро банда шавам [11, с. 171].

Пушт +паноҳ

Мегуфт, ки эй ду такягоҳам
В-ин **пушт**и ман, он дигар **паноҳам** [11, с. 358].

(Зимнан, калимаи сохтаи **такягоҳ** бо вожаҳои **пушт** ва **паноҳ** муносибати ҳаммаъноӣ дошта бошад ҳам, азбаски **такя** унсури луғавии арабист, онро дар радифи калимаҳои **пушт** ва **паноҳ** наовардем).

2) муродифҳои ҷуфти аз ҷиҳати сохт содае, ки ба воситаи пайвандак (**-у**) сурат гирифтаанд. Инҳоро синонимҳои ҷуфтистеъмол [1, с. 45] ҳам номидаанд:

дарду +доғ

Маро аз дурдии май **дарду доғи** ӯ нарафт аз дил,
Ки натвон чеҳраи хуршеду маҳ андудан ба гилҳо [11, с. 27].

Доду фарёд

Маранҷ, эй гули навруста, аз тазаллуми ман,
Ки кори булбули бечора **доду фарёд** аст [11, с. 54].

Ба ғайри **хору хас**у меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чу оби равон равон шудам [11, с. 151].

Пару бол (Дар забон, чи классикӣ ва чи имрӯза, таркиби **болу пар** бештар корбурд доштаасту дорад. Барои мисол, “Мурғи бе болу паре дидам, дилам омад ба ёд”-и Сайидои Насафӣ”- ро бигирем. Дар ҳар ду маврид дар шеъри Шоҳин ба маънои маҷозӣ истифода шудааст, вале **пару бол** (-и маънӣ) тобиши услубӣ гирифтааст. Аз сабаби он ки дар байни ҷузъҳои ҷуфтистеъмол фосила вуҷуд дошта монанди аъзои чидаи ҷумла омадаанд, нахуст **пару болро** дар радифи ҷуфтҳои ҳаммаъно ҷо додем: Дигар, нишонаи бедавлатӣ чӣ мебошад, Шикаст **болу** фурӯ рехт **пар** ҳумои маро) [12, с. 29]:

Ҳар он ки ёфт **пару боли** маънии Шоҳин,
Агар ба тораки гардун расад, шикори ман аст [11, с. 50] .

ранҷу дард

Алқисса, шарики **ранҷу дардам**,
Дар арсаи ишқ ҳамнабардам [11, с. 450].

Донишу фарҳанг (фарҳанг ба маънии **дониш** низ мустаъмал аст. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дар шарҳи **донишу фарҳанг** байти интихобкардаи мо шоҳид оварда шудааст) [12, с. 2, 423]:

Хӯрда бар гуфтаи Шоҳин натавонанд гирифт
Нуктасанҷон, ки дам аз **донишу фарҳанг** зананд [11, с. 109].

Таку дав (маънои якуми **так**ро устод Айнӣ **давидан** гуфтааст) [13, с. 371]:

Осмон аст ба амри ту ҳаме дар **таку дав**
В-офтоб аст зи наҳйи ту ҳаме дар табу тоб [11, с. 220].

Мо дар боло ҷуфтҳои муродифиеро далел овардем, ки бо ҷузъҳои баробармаъно ва наздикмаъно истифода гардидаанд. Аммо дар шеъри Шоҳин бо ҷуфти муродифие вохӯрдем, ки, аслан, ҷузъҳояш баробармаъно намебошанд, монанди **баргу бор**. Таҳиягарони “Фарҳанги забони тоҷикӣ” таркиби ҷуфти **баргу барро**, ки дар байти Хоқонӣ:

Афву хашмаш бару баргест хушу талх, валек
Хушию талхӣ – ҳама **баргу бар** омехтаанд.

Истеъмол ёфтааст, **баргу бор, барг ва меваи дарахт** [12-1, с. 143] шарҳ додаанд. Аз ин маънидод ҳам бармеояд, ки дар сухани Шоҳин:

Худ ин нахлро одат ин асту кор,
Пас аз бист сол оварад **баргу бор** [5, с. 491].

Низ ҳар кадом мафҳуми алоҳида доранд, вале чун ҷузъи як дарахтанд, дар таъкиди маънӣ ҳамроҳ ба кор рафтаанд. Аз ҷониби дигар, бо чунин тарз оварда, яъне пайванд ба қалам додани ин гуна унсурҳои луғавӣ, аз талаботи махсуси назм аст. Таваҷҷуҳ шавад ба мисраи аввали шеъри Хоқонӣ – ҷузъҳои муродифоти ҷуфт баръакси ҳам – **бару барг** омадаанд.

2) муродифи ҷуфтистеъмоли аз ҷиҳати таркиб сохта. Аз мазмуни унвони зерфасл ҳам маълум аст, ки ҳамагӣ сухан дар бораи як воҳиди луғавии ҷуфтистеъмол меравад, ки тавассути пасванди исми маънисози-**ӣ** ин гуна сурат гирифтааст:

гармиву нармӣ

Гармиву нармие, ки бувад дар сурини ту,
Дар пӯстини қоқуму қурси панир нест [11, с. 66].

2. Вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ – тоҷикӣ.

Инҳо ҷуфтистеъмол ва таркибан сода мебошанд:

хору зор

Бад-он сифат, ки ҳикоят кунанд Маҷнунро,
Мани ситамзадаи хору зорро монад [11, с. 104].

Низору нажанд

Яке тифл будӣ низору нажанд,
Ман аз тарбият кардамаш арҷманд [11, с. 104].

3. Вожаҳои ҳаммаънои феълӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ – тоҷикӣ ва **таркибан сода**: **нолидан + гиристан**

Гоҳе ҳаме **бинолад** аз даври осмон,
Гоҳе ҳаме **бигиряд** аз ҷаври рӯзгор [11, с. 257].

4. Вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ– арабӣ

1) муродифҳое, ки бо пайвандаки **-у** шакли ҷуфт гирифтаанд ва аз ҷиҳати сохт содаанд:

меҳр вафо

Нахуст **меҳру вафо**и туро сиришт магар,
Даме ки Монии тақдир нақши ман барбаст? [11, с. 43].

Хӯю мизоҷ

Мудом кори ту ҷавр аст, ин чӣ **хӯю мизоҷ**?
Ҳамеша фикри ту зулм аст, ин чӣ расму шиор? [11, с. 124].

Дуруду салом

Мудом бод зи Шоҳин равон **дуруду салом**
Ба зоти поки Набиву саҳобаи атҳор [11, с. 249].

Нарму ҳарир

Ҳамчунон гашта зи ғам пайкари ман **нарму ҳарир**,
Пахтаро мегузаронад зи ҳалоҷӣ ҳаллоҷ [11, с. 75].

Найрангу шатал

Толибе нест, ки он ҳилагар аз ваъдаи хом
Бӯсае дода ба **найрангу шатал** гоз накард [11, с. 89].

Роҳу расм

Аз он миён,ки бар он рафт урфи аҳди қадим,
Канора меравад имрӯз **роҳу расм**и ҷадид [11, с. 119].

Дарду ғам

Ҳар ки тавқеи муҳаббат ба сари хеш ниҳод,
Шаш ҷиҳат **дарду ғам** ояд ба муборакбодаш [11, с. 130].

Гуҳару дур (р)

Зи чашму дил **гуҳару дур** марост омода,
Нисор мекунам, ҳар гаҳ ки оварӣ ташриф [11, с. 141].

Бахту иқбол

Бахту иқбол диҳад бӯса ба дастат чу инон,
Ҷоҳу иҷлол ниҳад дида ба поят чу рикоб [11, с. 220].

Шаҳду шакар

Ташбеҳ бо кадом ҳаловат тавон намуд
Нӯши лаби туро, ки беҳ аз **шаҳду шакар** аст [11, с. 53].

Чунин ҳис карда мешавад, ки ҷузъи дуюми ин таркибҳо гоҳе бо нияти услубӣ ва барои таъкид ва равшанӣ бахшидан ба ҷузъи нахустин истеъмол меёбанд.

Дар ин гурӯҳ таркибҳое низ мушоҳида мешаванд, ки таркибан ҷуфтистеъмол намебошанд, вале пайдост, ки тобиши маъноии услубӣ доранд, монанди **гиря + навҳа** (Ҳам ҷаъди сапеди хеш бикшой, Ӯ **гиря** кунад, ту **навҳа орой**) [11, с. 446]. **Навҳа** дар луғат ба маънои **гиря** [12-1, с. 823] омада бошад ҳам, тавре ки ишора шуд, бо ҷилои маъноии худ аз вожаи **гиря** фарқ мекунад. Дар “Фарҳанг ...” “гиряи бо овози баланд” маънидод гардида, бо феъли **навҳа оростан**, ки дар байти мазкур ҳам ҳаст, шоҳид аз ашъори Шоҳин интихоб шудааст:

Дар дашт расиду хона орост,
Ҳам **навҳав**у ҳам тарона орост [12-1, с. 823].

2) муродифҳое, ки аз ҷиҳати таркиб сохтаанд:

сабзиву хуррамӣ

Бирафт аз чаман **сабзиву хуррамӣ**,

Чу дар фоқа айш аз дили одамӣ [11, с. 475].

5. **Вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ – арабӣ**

1) муродифҳои ҷуфти аз ҷиҳати таркиб сода:

хору **залил** (Ҳар кӣ аз фазлу ҳунар баҳраи куллӣ бардошт, Гардиши даҳр кунад ҳамчу манаш **хор**у **залил**) [11, с. 147].

2) муродифҳои сифатии **равшан**у **мунир**. Ин таркиб вижагӣ дорад: ҷузъҳо дар қолаби ибораи тавсифӣ омадаанд, сифатҳо бо мавсуфанд, аммо мантиқан вожаҳои **равшан**у **мунир,** бо вуҷуди он ки дар миён муайяншаванда воқеъ аст, ба воситаи пайвандаки **-у** шакли ҷуфт гирифтаанд:

равшану **мунир**

Он талъате, ки аз рухи хубат диҳад фурӯғ,
Бар офтоби **равшан**у моҳи **мунир** нест [11, с. 66].

2) вожаҳои ҳаммаънои ҷонишинӣ: **чандон –** он **қадар** (Эзоҳ: муродифи **он қадар** будани **чандон** дар " Фарҳанг ..."таъйид шудаст) [12-2, с.524]:

Нест, Шоҳин, завқи шеърам он **қадарҳо** в-арна ман
Шоирам **чандон**, ки натвон дар сухан аз ман гузашт [11, с. 69].

6.1) вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ – тоҷикӣ ва аз ҷиҳати сохт сода:

навъ+ранг

Майли ман кардану майл аз ту гирифтан ҳайҳот!
Ба чӣ **навъ** аст турову ба чӣ **ранг** аст маро? [11, с. 28].

Ҳисоб+шумор

Авсофи ту чунонки бурун аст аз **ҳисоб**
В-ахлоқи ту чунонки фузун аст аз **шумор** [11, с. 252].

Қаламрав+кишвар

Ба фарқи фалсафӣ Искандари **қаламрави** фикр,
Ба чашми суфия дори **кишвар**и ирфон [11, с. 178].

Қад+боло

Қад барафроз, ки **болои** туро банда шавам!
Рух барафрӯз,ки симои туро банда шавам! [11, с. 171].

2) **ҷуфтҳои муродифӣ бо ин ҷузъҳо:**

ҷабину рӯй

Ҷабину **рӯй**и ту ҳар кас, ки дар арақ бинад,
Тавонад аз гулу хуршеду маҳ гулоб гирифт [11, с. 60].

Ғаму дард

Магар ҳисоби **ғаму дард** мекунад маълум,
Қадам, ки хам шуда чун аз пайи шумор ангушт [11, с. 71].

Меҳнату ранҷ

Мабош ғарра , басо Кайқубоду Искандар,
Ки рӯзгор ба чандин ҳазор **меҳнату ранҷ** [11, с. 227].

Арзу ниёз

Намерасад ба ту **арзу ниёзи** ман, доғам
Чу бедиле, ки паёмаш ба дилситон нарасад [11, с. 245].

Адлу дод

Колои илму фазл зи ту ёфта ривоҷ,
Оину **адлу дод** зи ту гашта ошкор [11, с. 251].

Баҳру бар

Баҳру бар тобеи ройи туву Искандари Мод,
Чун Сулаймон шавадат деву парӣ зери нигин [11, с. 298].

Сабру шикеб

Ё раб, чӣ шуд, он ёри сафаркарда наёмад
В-он **сабру шикеб** аз **дилуҷонбурда** наёмад [11, с. 316].

Шибҳу монанд

Эй карда туро Худо Худованд,
Орӣ бошӣ зи шибҳу монанд [11, с. 327].

Тарзу оин

Гуфт: Эй санам, ин чӣ **тарзу оин**?

Нозат бикашам, вале на чандин? [11, с. 418].

7.1) **вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ – арабии сода**

Бояд қайд намоем, ки вобаста ба вазъияти забони давр ва афзалияти унсурҳои иқтибосии арабӣ, бо вуҷуди кӯшишҳои миллии Шоҳин, ин гурӯҳи луғавӣ, яъне бо ҷузъҳои арабӣ – арабӣ, бештар мавриди истифода қарор гирифтааст. Муҳаққиқи забони адабии тоҷик дар ибтидои асри ХХ Саидмурод Ҳоҷиев бо истинод ба ақидаи Носирҷон Маъсумӣ навиштааст, ки Аҳмади Дониш нисбат ба пешгузаштагонаш аз ҷиҳати услуби эҷод хеле пеш рафта бошад ҳам, вале дар масъалаи соданависӣ маҳдудияти таърихӣ ҳам дошт. Ба гуфти Маъсумӣ, "вобаста ба шароити таърихии ҳамонвақта, забон ва тарзи баёни А. Дониш бо андаке тағйироти сифатӣ, асосан, дар ҳолати забони насри классикӣ истодан гирифт ва дар истеъмоли калимаҳои арабии ба омма номаҳфум ва куҳнашуда аз нормаи (меъёри – Г. Ш.) луғавии забони адабии пешина, асосан, берун набаромадааст" [14, с. 23]. Нуфузи воҳидҳои луғавии арабӣ дар забони Шоҳин низ ба ҳамин омили иҷтимоӣ вобаста аст, бо вуҷуди он ки дар тарзи баёни ӯ нисбат ба услуби эҷодии Аҳмади Дониш калима ва ибораҳои арабӣ камтар дида мешавад. Ба ҳамин сабаб ва ҳам ба хотири дароз нашудани риштаи сухан мисолҳоро оид ба муродифоти луғавӣ бо ихтисор хоҳем овард**: таҳайюр + ҳайрат** (Ҷуз **таҳайюр** чораи дигар намебинад ба кор...; Ғайри **ҳайрат** нест чун оина, Шоҳин, шеваам) [11, с. 42]; **таҳқиқ+ тадқиқ** (Чун ту дар меҳвари **таҳқиқ** кӣ гардад марказ? Чун ту бар маркази **тадқиқ** кӣ меҳвар бошад?) [11, с.236]; **маҳз +айн (Маҳз**и ҷаҳолативу гумон кардаӣ шуур, **Айни** ҳамоқативу писандидаӣ хирад) [11, с. 239); **нахл + ниҳол** (Ҳазор **нахл**и ҷавон аз ғамат ба хок афтод, Чаро **ниҳол**и ҳаёти маро хазон нарасид?) [11, с. 245]; **эҳтимом+эътино; илтифот+эътибор** (Не бар ман **эҳтимом** касеро, на **эътино**, Не бар ман **илтифот** касеро, на **эътибор)** [11, с. 253].

2) ҷуфтҳои муродифии сода: **қадду қомат** (Гар муаззин васфи **қадду қомат**аш гӯяд, хатиб...) [11, с. 238]; **адовату буғз** (Зи ишқи ту бари ағёр дар **адовату буғз**...) [11, с. 242]**; илму фазл** (Колои **илму фазл** зи ту ёфта ривоҷ...) [11, с. 251**); иззу ҷоҳ** (...Ки бар **иззу ҷоҳаш** фалак хашм дошт) [11, с. 490]; **ҷоҳу ақлол** (...В-эй гавҳари дурҷи **ҷоҳу ақлол**) [11, с. 326]; **иззу шон** (...Маро бим аз он аст, к-ин **иззу шон**, [11, с. 482]; **ҷоҳу иҷлол** (...**Ҷоҳу иҷлол** ниҳад дида ба поят чу рикоб) [11, с. 220); **камолу ҷамол** (Дар пояи **камолу ҷамолу** аз улуви табъ....) [11, с. 270]; **қадру қимат** (...Дурри гаронбаҳоро нашинохт **қадру қимат)** [11, с. 288]; **ҳазлу мазоҳ** (Биёлояд он гуна ҳазлу мазоҳ...) [11, с. 536]; **рифқу мадоро** (Чарх аз тариқи **рифқу мадоро** мутеъи моҳ ...) [11. С. 229]; **лутфу эҳсон** (...**Лутфу эҳсон**и ту баҳрест, надорад поёб) [11, с. 221]; **мадҳу сано** (Шоҳин ҳама ҷо **мадҳу сано**и ту бихонад...) [11, с. 207]; **макру афсун** (...Ки кору бори ту пайваста **макру афсун** аст) [11, с. 56]; **ҳусну малоҳат** (...Аммо нашунидем ба ин **ҳусну малоҳат**) [11, с. 73]; **сабру тоқат** (...Сели ғамам барафканд бунёди **сабру тоқат**) [11, с. 285]; **сабр**у **қарор?** (...Чӣ сон кунам, ки маро нест бе ту **сабру қарор**?) [11, с. 124); **қилу қол** (Ба кунҷи мадраса то чанд **қилу қол** кунам...) [11, с. 167]; **иззу шараф** (Доғам, ки аз қабули ту **иззу шараф** наёфт...) [11, с. 46]. **Забт**у **ҳаср** (Фурӯғи ҳусни туро **забт**у **ҳаср** натвон кард...) [11, с. 46].

Дар қатори муродифҳои ҷуфтистеъмол таркиби **қайсар**у **хоқон** ҳам ба назар расид, ки ҳар ду ҷузъ иқтибосӣ мебошанд. **Қайсар**ро луғатнигорон (лақаби подшоҳони Рум) [12-2, с. 498; 15-2, с. 149] лотиниву арабӣ ва **хоқон** (подшоҳи бузург, лақаби подшоҳони Чин, хони хонон) [16-1, с. 292; 12-2, с. 668]-ро муғуливу туркӣ маънидод кардаанд:

Шоҳин ғуломи ҳиммати он хусравам, ки ҳаст
Дар салтанат зи **қайсар**у **хоқон** зиёдтар [11, с. 125].

Ҷузъҳои арабӣ бо доштани унсури номуайянӣ (- **е**) низ дар қолаби ҷуфт истеъмол ёфтаанд, монанди:

назиреву мисоле

Эй он ки туро нест **назире**ву **мисоле**,
Аллоҳ, мабинод камоли ту заволе [11, с.202].

Дар матн дар миёни ҷузъҳои ҳаммаъно воҳидҳои дигари луғавӣ фосила эҷод кунанд ҳам, қолаби муродифии ҷуфт мавқеи худро нигоҳ медорад. Чунончи:

фикреву...хаёле

Ҳар дам ба висолем, сухан аз сари шавқ аст,
Мо аз ту ба **фикреву** ту аз мо ба **хаёле** [11, с. 202].

Ҷузъи аввали таркиб бо воситаи грамматикӣ – бандаки хабарӣ **(-ӣ)** меояд ва он ба ҷузъи дуюм ҳам тааллуқ мегирад, аммо мазмунан қолаби муродифии ҷуфт нигоҳ дошта мешавад:

ҷавриву тазаллум

Ҳама нозиву такаббур, ҳама **ҷавриву тазаллум**,
Дили оламе, надонам, ба чӣ шева мерабоӣ? [11, с.194].

Ҷузъҳои ин гуна воҳидҳо – исмҳо бо калимаҳои таъйин ва таъкидкунанда, ки ба сифату шумора ва ҷонишин мансуб мебошанд, омада метавонанд ва алоқаи пайвасти онҳо аз байн намеравад, балки тақвият меёбад:

як ҳадису ҳазор нукот

Хирад ба шеъри ту, Шоҳин, аз он бувад вола,
Ки **як ҳадису ҳазораш нукот** муҳтамал аст [11, с. 49].

Маъруфи ҳар маҳаллаву машҳури ҳар диёр

Шоҳо, ба фоқа нест чу Шоҳин касе ба даҳр
Маъруфи ҳар маҳаллаву машҳури ҳар диёр [11, с. 252].

Дар байти боло, дар мисраи дуюм, муродиф андар муродиф –маъруф ва машҳур (муродифи сифатӣ), маҳалла ва диёр (муродифи исмӣ) тарзи баёни шоирро бошукӯҳ намудаанд ва ҷиҳати таъсирбахшии мазмун бештар гардидааст.

Чунонки ба назар расид, забон ва шеваи баёни Шамсиддин Шоҳин аз нигоҳи дар бар гирифтани сарвати луғавии забон, чи унсурҳои тоҷикӣ ва чи унсурҳои иқтибосӣ, мукаммал аст. Ҳатто таркибҳои муродифӣ аз ҳудуди ҷуфтҳо мегузарад. Ба ин далел таваҷҷуҳ мекунем:

дарду ғаму ранҷ (бо ҷузъҳои исмии тоҷикӣ+арабӣ+тоҷикӣ)

Эй **дарду ғаму ранҷ**и ту бо ман ба талош,
Чун ҷамъи гурусна бар сари суфраи ош [11, с.309].

Ё:

Мегуфт, ки, эй ду **такягоҳ**ам!
В-ин **пушт**и ман он, дигар **паноҳ**ам (бо ҷузъҳои исмии арабӣ+тоҷикӣ+тоҷикӣ) [11, с. 358].

Ё ин силсилаи муродифии исмиро намуна меорем, ки дар шакли чида хеле зебо ба қалам омадааст: “**Шоҳи замона, хусрави гетӣ, хадеви мулк**...” [11, с.251].

Забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бо муродифҳои исмӣ ва сифатӣ маҳдуд нест, дар доираи дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам калимаҳои муродифӣ ба назар мерасад. Барои гуногунрангии тасвир аз муродифҳои сифатӣ, ҷонишинҳои ишоратии сифатӣ ва номуайянӣ, аз таркибҳои пешояндиву ҷонишинӣ фаровон истифода шудааст, ба мисли **чи гуна, чи сон, аз ин навъ, аз ин қисм, бар ин қисм, з-ин сон, з-ин гуна, он сон**. Ҳоло ба мавқеи корбурди инҳо мутаваҷҷеҳ мешавем:

Чӣ гуна дар назари ҷилваи ту манзурам...[11, с.162].

...**Чӣ сон** шавад, агар афтад аз ин ду тоқи баланд? [11, с.100].

Маро ба хотир **аз ин навъ** орзу гузарад... [11, с.90].

Ҳусни Лайлӣ гар **аз ин қисм** кунад пардадарӣ...[11, с.91].

Бар ин қисм, ин қавми ғафлатсиришт... [11, с.507].

Ки **з-ин сон** хирадманди донишписанд... [11, с.503].

З-ин гуна рақам каму беш ... [11, с.334].

Он чи зебад бо ту, худ гӯ, то ки **он сон** хонамат [11, с.72].

Таркибҳои мазкур аз ҷузъҳои тоҷикии **гуна, сон** ва арабии **навъ** ва **қисм** иборатанд. Ҷо дорад ба як далел ишора кунем, ки калимаи **хел** (дар таркибҳои **чӣ хел, ин хел, он хел**), ки имрӯз дар забони тоҷикӣ маъмул аст, дар забони Шоҳин ба кор нарафтааст. Сарфи назар аз талаботи забони назм, мо истеъмоли онро дар асари насрии Шоҳин – дар “Бадоеъ-ус-саноеъ” низ мушоҳида накардем. Чи гуна ба забон ворид гардидани ин калима ба мо маълум нест.

Дар қисмати пешояндҳо ҳам истифодаи вожаҳои муродифие ба назар расиданд, ки хусусияти сабки Шоҳинро мефаҳмонанд. Масалан, чун муродифи пешоянди содаи изофии тоҷикии **барои**, ки соҳибиятро баён менамояд, аз вожаи арабии **фарз** кор гирифта шудааст:

Агар ба **фарзи** масал бингарам ба наргиси боғ,
Кунад ишора зи рӯйи адаб ба наргиси ёр [11, с.124].

Ё, барои ифодаи мафҳум ва вазифаи пешояндҳои таркибии изофӣ ва беизофаи **дар бораи, дар ин бора, оид ба, ба сабаби, ба ин сабаб** ё **бад-ин ҷиҳат** таркибҳои шоиронаи зерин ба қалам омадаанд:

з-ин боб

Гирифт **остини** хаёлам тааммул,
Ки андеша **з-ин боб** маънӣ надорад [11, с.233].

з-он восита

Ту ҷони маниву ҷони ман аз санг аст,
Номи ту ниҳодаанд **з-он восита** Тош [11, с.309].

Хулоса, назми Шамсиддин Шоҳин дар заминаи корбурди гурӯҳҳои луғавӣ басо ҷолиб аст. Бавижа, калимаҳои ҳаммаънои забони шоир қобили мулоҳиза мебошанд. Мо ба қадри имкон дар бораи онҳо изҳори назар кардем.

Муқарриз: ***С.Анварӣ*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова. – Душанбе, 1997. - 192 с.
2. Ҷӯразода, Ш. Лексико-грамматические особенности “Маснавии маънави” Джалолиддина Руми / Ш.Ҷӯразода. - Душанбе, 1998. - 146 с.
3. С. Сабзаев. Забон ва услуби баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ / Сабзаев С. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 520 с.
4. Муҳаммадиев, М.Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. - Душанбе, 1962. - 162 с.
5. Капранов, В.А. Луғати мухтасари русӣ–тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо / В.А. Капранов, И.Л. Николаев, А.Х. Халилов. – Душанбе: Маориф, 1985. - 368 с.
6. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳо / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 80 с.
7. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт. Қ.1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю.Бобоев. - Душанбе: Маориф, 1987. – 320 с.
8. Камолиддинов, Б. Забон ва услуб Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон , 1967. – 187 с.
9. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Лексикология, фонетика, Морфология / Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
10. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Қ.1 / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. - 490 с.
11. Ш. Шоҳин. Куллиёт. - Душанбе: Адиб, 2006. - 640 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (асри X ва ибтидои асри XX). – М: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.
13. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.12. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 565 с.
14. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / С. Ҳоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1987. – 167 с.
15. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи Амон Нуров. - Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.2. - 416 с.
16. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс–ул-луғот. Таҳияи Амон Нуров. – Душанбе: Душанбе, 1987. – Ҷ.1. - 480 с.

ҲУНАРИ ШАМСИДДИН ШОҲИН ДАР КОРБУРДИ МУРОДИФҲО

Муаллиф дар тадқиқи мавзуъ ба ин натиҷа расидааст, ки равшании ифодаи фикр ва маҳорати сухандонии Шамсиддин Шоҳин ба истифодаи бамавқеи вожа ва таркибҳои ҳаммаъно бисёр вобаста аст. Аз ҳамин ҷиҳат, омӯзиши ин қабати луғавии забони шеъри ӯ, ки ниҳоят рангину таъсирбахш аст, ба такмили захираи луғат ва тарзи баёни забони адабии тоҷикии муосир мусоидат хоҳад кард. Дар мақола андешаҳои муаллиф бо такя ба манобеи фаровони илмӣ, муродифҳои забони осори устод Шоҳин аз рӯйи баёни маъно ба муродифҳои ифодакунандаи мафҳуми ашё, аломат, амал, ҳолат тасниф шуда, мансубияти онҳо ба категорияи грамматикӣ низ баррасӣ шудааст. Хонанда дар мақола ҳунари шоирро дар истифодаи ҷуфтҳои муродифӣ дарк мекунад. Чунончи, бо ҷуфтҳои муродифие вомехӯрад, ки, аслан, ҷузъҳо баробармаъно нестанд, монанди **баргу бор**. Дар сухани Шамсиддин Шоҳин ҳар ҷузъ мафҳуми алоҳида дорад, вале чун ҷузъи як дарахтанд ва дар таъкиди маънӣ ҳамроҳ ба кор рафтаанд. Дар мақола ин нукта ҳам таъкид шудааст, ки забон ва шеваи баёни Шамсиддин Шоҳин аз нигоҳи дар бар гирифтани сарвати луғавии забон басо мукаммал аст. Ҳатто таркибҳои муродифӣ аз ҳудуди ҷуфтҳо мегузаранд, монанди **дарду ғаму ранҷ**...

Калидвожаҳо: муродиф, гурӯҳҳои луғавӣ, таърихи забон, таркиби луғавӣ, Шоҳин, шеър, ҳунар, ҷуфтҳои муродифӣ, унсур, тасвир, рангин, муассир.

МАСТЕРСТВО ШОХИНА В ИСПОЛЬЗВАНИИ СИНОНИМОВ

Автор при исследовании темы выявил, что ясность выражения мысли и мастерство красноречия Шамсиддина Шохина в уместном использовании слов и выражений. Исходя из этого, изучение лексического пласта языка его поэзии, очень красочного впечатляющего, содействует усовершенствованию словарного запаса и стиля выражения современного литературного языка. В статье мнение автора, основываясь на большинстве источников о синонимах языка произведений Шохина по их смысловому выражению предмета, признака, действия, состояния, также классифицированы по их принадлежности к грамматическим категориям, что стало предметом обсуждения. Данная лексическая группа также подвергалась обсужденю с точки зрения сруктуры. При изучении статьи можно убедиться в мастерстве поэта в использовании синонимических пар. Также можно встретить такие синонимические пары, которые не являются равнозначными по смыслу, как, например, **баргу бор.** В поэзии Шохина каждый компонент имеет отдельное значение. Однако они обозначают ветви одного дерева и для подтверждения смысла использованы как одно целое. В статье делается акцент на то, что язык и стиль изложения Шамсиддина Шохина, с точки зрения охвата лексического богатства языка довольно совершенны. Даже доходит до того, что синонимический состав переходит грани синонимических пар, как **дарду ғаму ранч** (боль, печаль, страдания).

Ключевые слова: синоним, лексические группы, история языка, словарный состав, Шохин, поэзия, мастерство, синонимические пары, элемент, изображение, красочность, воздейственность.

SHOHIN'S MASTERING IN USING SYNONYMS

The author of the research clearly recognized that the minding of thought and mastering of eloquent of Shamsiddin Shohin in using words and expressions in their places. That's why learning of the lexical layer language of his poetry, which is very colorful and expressive, and helps in developing stock of words and style of expressing modern literature language. The author is appealed to the more sources that the synonyms of Shohin's poetry language about semantic expressing synonyms, expressing meaning of the subject, characteristic, action, the condition of their classification belong to the grammatical categories, also became the subject of discussion. The given grammatical group also was discussed in the view of structure. During learning the article make sure about the mastering of poet in using synonyms pairs. It is also can meet such synonyms pairs, which are not equivalent in meaning, such as **баргу бор**. In Shohin's poetry each of component has individual meaning. However they are present as branches of one tree and to ecknowledge the receipt of meaning used as a unit. In the article is underlined that the language and style of presentation of Shamsiddin Shohin in the view of including rich lexical language rather absolutely. Even the synonymcal structures pass the border as (ill, grief, suffering).

Keywords: synonym, lexical group, the history of the language, vocabulary stock, Shohin, poetry, mastering, synonyms pairs, element, portrayal, eloquent, influence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шоева Гулнора*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, муаллими кафедраи забони тоҷикӣ. **Адрес:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Айнӣ, 67.
Тел.: (**+992) 919-18-66-48**

Сведения об авторе: ***Шоева Гулнора*** **–** Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, преподователь кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, ул. Айни, 67.
Тел.: (**+992) 919-18-66-48**

Information about the author ***Shoyeva Gulnora*** – Bokhtar State University named after. N. Khusrava, teacher of department of Tajik Ianguage. **Address:** 735140, Bohtar, Republic of Tajikistan, S.Ayni Str., 67.
Phone: **(+992) 919-18-66-48**

ТДУ: 491.550

КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР «КИМИЁИ САОДАТ»-И МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Раҳмоналиев Ҷ.Х.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Сермаънoии калимаҳо яке аз асосҳои фасоҳату возеҳии забон ба ҳисоб рафта, дар таърихи забонҳои гуногун таснифоти мухталифро касб намудааст. Аксарияти забоншиносони муосир заминаҳои воқеӣ доштани сермаъноиро эътироф намуда, онро ҳодисаи ногузири забон медонанд. Аксарияти муҳаққиқон сермаъноиро ҳамчун як навъи махсуси ҳалли мухолифати байни захираҳои маҳдуди забон ва бепоён будани маърифати инсонӣ баррасӣ менамоянд. Ба ин нигоҳ накарда, масъалаи мавҷудияти сермаъноӣ на танҳо таваҷҷуҳ, балки баҳсҳои мухталифро ба миён овардааст.

Масъалаи сермаъноии калимаҳоро баррасӣ намуда, Н.М. Шанский қайд менамояд, ки калима дар як қатор бо ифодаи як падида, метавонад ба сифати номи дигар падидаи воқеияти объективӣ хизмат намояд, агар он бо падидаи зикргардида аломат ё хусусияти умумӣ дошта бошад [14, с.45].

Э.В. Кузнетсов бошад, омилҳои рушди полисемияро муайян намуда, омили мантиқӣ – мавҷудияти аломатҳои умумӣ дар мафҳумҳо ва омили забонӣ – шароити истифодаи воҳидҳои нутқ ва мутобиқати калимаҳоро ҷудо менамоянд [7, с.163].

Калима як таркиби ягонаи овозӣ дошта, маънои луғавии худро дар доираи парадигма ё низоми пайвандҳои синтаксисӣ, ки дар он истифода мешаванд, нигоҳ медорад. Дар доираи шакли алоҳидаи луғавию семантикӣ байни мундариҷа ва баёни калимаи додашуда мувофиқат вуҷуд дорад. Дар ин ҳолат, хусусиятҳои маъно, хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисӣ, аз ҷиҳати ифода, интихоби шаклҳои алоҳидаи луғавӣ ва маъноиро асоснок менамоянд.

Тамоми маъноҳои як калима аз ҷиҳати мундариҷа бо муносибатҳои умумии маъноӣ алоқаманд аст. Мавҷудияти аломатҳои ҷудогона дар маънои калима ҳамчун як хосияти муҳимми сохтори маъноӣ амал намуда, вижагиҳои корбурди онро дар забон таъмин менамояд. Маҳз, ин аломатҳо ба мо имкон медиҳанд, ки фарқи байни маъноҳои як калимаро муайян кунем.

Сохтори маъноии калима бо мафҳуми «категорияи луғавӣ ва грамматикӣ» ифода ёфтааст, ки умумияти луғавӣ ва маъноӣ, аз рӯйи категорияҳои грамматикӣ ва шаклҳои зуҳурот, умумияти онҳоро аз рӯйи калимаҳои эҳтимолӣ ва аз нигоҳи истифодаи аффиксҳо ва тарҳҳои калимасозӣ дар бар мегирад [6, с.130]. Бояд таъкид кард, ки як калима шаклҳои мухталифи мансуб ба категорияҳои гуногуни луғавию грамматикиро дар бар мегирад.

Шаклҳои луғавӣ, ки бо шаклҳои ишорашуда алоқаманд мебошанд, якчанд маъноро ифода мекунанд ва инро шарти зарурии номуайянии маъноӣ дар луғат ҳисобидан мумкин аст. Нофаҳмии маъноӣ дар луғат, истифодаи рамзи забонро таъмин мекунад ва ниёзҳои коммуникативиро дар робита бо муайян кардани гуногунии ифодаи мафҳумҳо таъмин менамояд.

Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим сермаъноӣ мебошад, яъне номуайянии калима. Дар доираи сермаъноӣ калимаҳо дорои якчанд маънои ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки бо умумияти баъзе ҷузъҳои маъноӣ тавсиф карда мешаванд. Дар асоси таҳлил ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни масъала, метавон гуфт, ки масъалаи сермаъноӣ яке аз масъалаҳои мушкил дар забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми равшан кардани маъноҳои асосӣ ва ҳосилшудаи калимаи сермаъно хусусиятҳои парадигматикӣ ва синтагматикии калима бо маънои гуногун ва алоҳида ба назар гирифта мешаванд. Бояд таъкид кард, ки маъноҳои асосии парадигматикӣ устувортаранд ва маъноҳои синтагматикӣ бошанд, нисбатан озодтар ба ҳисоб мераванд. Ин хусусият ба таърифи маънои асосии калима ҳамчун шарт мувофиқат мекунад.

Сермаъноӣ яке аз зуҳуроти асосии дуализми ассиметрикии рамзи забонӣ мебошад, ки дар забоншиносии муосир аз мавқеи алоқаи байни семантикаи забон ва равандҳои маърифатии инсон ба сифати натиҷаи мафҳумгардонӣ ва номбаркунӣ омӯхта мешавад [3, с.94]. Муносибат ба рушди сермаъноӣ ҳамчун воситаи категориякунии воқеият, бунёди

арзишҳои копсептуалии ба дарки ташкили доираи сермаъноӣ ҳамчун шабакаи тақсимотӣ оварда мерасонад.

Маънои меҳварии устувори шаклнокӣ - тимсоли луғавӣ –шаклнокии маъноии калима, қобилияти он нисбати истифода гардидан дар доираи референтҳо васеъ мегардад [3, с.95], ки имконият медиҳад сермаъноӣ, калимасозӣ ва бунёди фразеологизмҳоро ҳамчун доираи амалӣ намудани неруи созандаи лексема таҳқиқ намуд [10, с.179]. Дар доираи омӯзиши сермаъноӣ сохтори сермаъноии калимаҳои гурӯҳи муайяни семантикӣ, навъҳои типологии сермаъноӣ таҳқиқ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, мушкилоти гуногун дар омӯзиши калимаҳои сермаъно мавҷуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои назариявӣ ва мушкилоти мавҷудаи сермаъноиро муаллифони гуногун баррасӣ намуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо дар ин самт пешниҳод кардаанд. Дар ин самт тадқиқотҳои чунин забоншиносон, аз қабили Т.И. Арбекова, С.А. Горская, Д.Н. Шмелев, Л.Л. Нелюбин, В.В. Елисеева, Н.Б. Гвишиани ва дигаронро метавон таъкид намуд.

Забоншиноси тоҷик М.Н. Қосимова паҳлуҳои гуногуни масъалаи сермаъноии калимаҳоро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки як қатори муайяни калимаҳо дар баробари маънои аслии худ, дар асоси доштани ниҳодҳои зиёд, кӯчидани маънои калима, пайдо намудани хусусияти маҷозӣ, метавонад маъноҳои зиёд дошта бошад. Масалан, чунин калимаҳо ба монанди андом, меҳтар, хондан, хестан ва амсоли инҳо маъноҳои зиёд доранд, аз ин хотир калимаҳои сермаъно ба ҳисоб мераванд [8, с.93].

Ба андешаи мо, барои фаҳмидани моҳият ва хусусиятҳои сермаъноӣ, ҷанбаҳои назариявии ин воҳиди луғавиро баррасӣ кардан зарур аст. Сермаъноӣ дорои зиёда аз як маъно будани воҳиди луғавӣ мебошад, ки дар байни маъноҳои гуногун робитаи умумии маъноӣ мавҷуд бошад ва мавҷудияти имкони интиқоли аломатҳо ва функсияҳои умумии марбут ба як денотат ва алоқамандӣ бо денотати дигар ҷой дошта бошад. Сермаъноӣ мавҷудияти ду ва ё зиёда маъно барои воҳиди забон аст. Сермаъноӣ қобилияти як калима барои ифодаи объектҳо, равандҳо ва падидаҳои гуногуни воқеият мебошад [5, с.14].

Дар забоншиносии тоҷик полисемия яке аз масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб меравад. Як қатор муаллифони тоҷик қайд менамоянд, ки маъноҳои алоҳидаи калимаҳои сермаъноро метавон ба гурӯҳҳои аслӣ ва маҷозӣ ҷудо намуд, ки дар чунин ҳолат маънои аслӣ аввалиндараҷа буда, маънои маҷозӣ дуюмдараҷа мебошад, зеро онҳо аз калимаҳои аслӣ ба вуҷуд омадаанд.

Лекин забоншиноси дигари тоҷик Ҳ.Маҷидов ин мавқеъро рад менамояд ва қайд менамояд, ки мушоҳидаҳои сатҳии калимаҳои сермаъно дуруст будани ин ақидаи анъанавиро инкор менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки ҳамаи калимаҳои мустақилмаънои забони тоҷикӣ дар асоси хусусиятҳои луғавӣ ба калимаҳои якмаъно ва сермаъно ҷудо карда мешаванд [9, с.49].

Калимаҳои сермаъно, баръакс ду ва ё зиёда маъно доранд, ки паҳлуҳои гуногуни воқеиятро дар шакли як калима ифода мекунанд ва ин маъноҳо ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Масалан, калимаи **дин** чунин маъноҳои луғавӣ дорад: 1) эътиқод ба мавҷудияти қувваҳои фавқултабиии идоракунандаи олам, кеш, мазҳаб; 2) тариқ, роҳ; ойин, маслак [12, с.453].

Ин мафҳум дар «Кимиёи саодат» чунин истифода шудааст: Бидон, ки намоз сутуни мусулмонӣ аст ва бунёди **дин** аст ва пешраву саййиди ҳамаи ибодатҳост; «Музди диҳанда беш аз музди ситонанда нест, чун ба ҳоҷат ситонад». Ва ин касе бувад, ки қасди вай фароғат ба **дин** бошад; Пас ҳар чӣ роҳи **динро** бад-он ҳоҷат бувад, ҳам аз ҷумлаи **дин** бувад. Ва роҳи **динро** ба таом хӯрдан ҳоҷат аст, ки мақсуди ҳамаи соликон дидори Ҳақ Таоло аст ва тухми он илму амал аст ва мувозабат бар илму амал бе саломати тан мумкин нест ва саломати тан бе таому шароб мумкин нест, балки таом хӯрдан зарурати роҳи **дин** аст, пас аз ҷумлаи **дин** бошад [1].

Қайд намудан зарур аст, ки дар мисоли овардашуда истилоҳи дин ҳам дар маънои мавҷудияти қувваҳои фавқултабиӣ ва ҳам дар маънои роҳу оин истифода карда шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки дар ифода намудани ҳодиса, падида ва аломатҳои ҷудогона бо як калима, яке аз маъноҳо мавқеи аввалия дорад, яъне дар силсилаи мазкури маъноҳо якумин ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин маъно барои пайдоиши маъноҳои дигар хизмат намуда, алоқаи байни онҳоро таъмин менамояд.

Масалан, калимаи **ранҷ** дар чунин маъноҳо истифода карда мешавад: 1) заҳмат, машаққат, азоб; 2) дард, озор; 3) меҳнат, кор, ранҷ бурдан (дидан) машаққат кашидан; ранҷ кашидан, гирифтори азобу дард будан, дар азобу машаққат будан [13, с.149].

Дар «Кимиёи саодат» ин калима дар тамоми маъноҳо мавриди истифода қарор дода шудааст. Масалан:

Бидон, ки ҳар дарвеши мусулмоне, ки закот ба вай диҳӣ, фариза биафтад, валекин касе, ки тиҷорати охират кунад, набояд ки роҳи зиёдати **ранҷ** даст бидорад; Сифати чаҳорум он ки муил бошад ё бемор бошад, ки ҳарчанд ҳоҷату **ранҷ** бештар бувад, савоб беш бошад; Валекин гурӯҳе, ки дар ҳаққи эшон зиёдат иноятe буд, эшонро аз дасти машғалаву ваболи дунё сиёнат кард ва бори дарду **ранҷи** касби дунё ва ҳифзи он бар тавонгарон ниҳод; Ва ҳар киро, ки донад, ки бар вай душвор хоҳад буд иҷобат кардан, вайро нахонад, ки сабаби **ранҷ** гардад. Ва агар **ранҷа** хоҳад шуд, бикушояд, ки музди шодии дили мусулмоне аз рӯза бисёр фозилтар бувад [1].

Имкониятҳои пайдоиши маъноҳои нави калима дар забони тоҷикӣ бемаҳдуд буда, қонунияти мантиқии робитаи калимаҳо ва ҳодисаву падидаҳои воқеият дар ҳамин раванд ифода ёфтаанд. Ҳамин тариқ, дар сарчашмаҳои илмӣ, маънои асосӣ ва маъноҳои иловагии калимаҳоро ҷудо менамоянд, ки ба баррасӣ ва таҳлили семантикии калимаҳо мувофиқ аст. Қайд намудан зарур аст, ки маънои иловагии калима идомаи мантиқии маънои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар маъноҳои иловагӣ, нишондиҳанда ва аломатҳои маънои асосӣ, паҳлуҳои мухталиф ва аломатҳои фарққунандаи он таҷассум меёбанд. Алоқаи байни маъноҳои гуногуни калимаҳои сермаъно маҳз дар ҳамин хусусияти онҳо зоҳир мегардад. Чунин нишондиҳандаҳоро метавон дар мисоли калимаи ***“сар”*** мушоҳида намуд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин омадааст: Сар: 1) узви бадани инсон ва ҳайвон, ки мағз, чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон дар он қарор доранд, кала; 2) оғоз, аввал, ибтидо; сари бозор, сари кӯча, сари таҳсил, сари тобистон, сари шаб; 3) боло, рӯйи; сари болин, сари кӯҳ, сари сина; 4) нӯг; сари ришта; 5) хӯша; як сар ангур, як сар ҷуворӣ; 6) раис, сардор: сари қавм; 7) мақ. майл, рағбат, ҳавас; 8) шумора (нумератив): се сар буз; 9) нафар, кас.... [12, с.208].

Таҳлили «Кимиёи саодат» нишон медиҳад, ки калимаи мазкур на дар ҳама маъноҳо мавриди истифода қарор дода шудааст:

То таом бибурад ва дигаронро **сар** паҳн аст, то таомро ос кунад ва забон дар бари вай чун миҷрафаи осиёбон аст; дар даст аст ё дар пой аст, дар **сар** аст ва ё дар ҷойи дигар, балки ҳама андомҳои тан қисматпазир аст ва вай қисматнопазир; Ва чунонки чун қалам кори хеш кард, тамом ва ҳаракати хеш ба **сар** бурд; ҳамчунин на пушту шикаму **сар** аст ва на ин қолаби туст, ки агар ҳама мафлуҷ шавад, раво бошад, ки ту бар ҷой бошӣ; аз **сар** то пойи вай мунодӣ мекунад, ки ман порсоям, ки хештан чунин пок медорам [1].

Таҳлили матнҳои асар нишон медиҳад, ки истилоҳи **сар** танҳо дар маънои якум, дуюм ва сеюм мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар асоси муқоисаҳо муайян карда шуд, ки дар асар истилоҳи **сар** аз ҳама бештар дар маънои якум мавриди истифода қарор дода шудааст.

Мисоли дигар, калимаи **“сабук”,** ки дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин тасниф карда шудааст: 1) камвазн; 2) андак, кам; 3) хафиф; нарм, мулоим; 4) осон; ба осонӣ; 5) чусту чолок (дар рафтор ва кор), чобук; 6) мақ. бетамкин, бемулоҳиза (нисбат ба одам) [13, с.208].

Он гоҳ **сабук** бархезаду рӯй бо қавм кунад ва дуо гӯяд. Ва қавм пеш аз вай бознагарданд, ки макрӯҳ аст; Сифати чаҳорум он ки кобин **сабук** бувад, ки Расул (с) гӯяд: «Беҳтарини занон ононанд, ки ба кобин **сабуктаранд** ва ба рӯй некутар»; Ва ҳар ки аҳли фисқро бинад, агарчи мункир бувад онро, чун бисёр бинад он фисқро, дар чашми вай **сабуктар** шавад; Гурӯҳе, ки оқилтар буданд, **сабук** таҳорат карданд ва бозомаданд, кишти фориғ ёфтанд ҷое, ки хуштару мувофиқтар буд; Ва ҳар ки аҳли фисқро бинад, агарчи мункир бувад онро, чун бисёр бинад он фисқро, дар чашми вай **сабуктар** шавад; Он гоҳ аз суҷуд бознишинад, нишастане **сабук** ва такбир кунад. Он гоҳ бар пой хезад ва дигар ракъат ҳамчун аввал бигузорад [1].

Ҳамин тариқ, таҳлили калимаҳои **“сар”** ва **“сабук”** нишон медиҳад, ки маҳз аломатҳои маънои асосӣ боис гардиданд, ки ин калимаҳо ба ҷуз маънои асосии худ боз як қатор маъноҳои иловагиро касб намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки дар маъноҳои иловагии

калимаҳои “сар” ва “сабук” нишона ва аломатҳои мухталифи маънои асосӣ тақассум ёфтаанд. Масалан, калимаи “сабук”, ки маънои асосии он камвазнӣ аст, боиси пайдо шудани маънои дигар - одами сабук, яъне нафаре, ки бетамкин ва бемулоҳиза аст, гардидааст. Дар чунин ҳолат антоними калимаи “одами сабук”, яъне бетамкин ва бемулоҳиза, одами вазнин, пурбардошт, одами ботамкин, бомулоҳиза аст.

Раванди тавлиди маъноҳои иловагии калима ин як ҳодисаи мураккаби забонӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки алоқамандии мантиқии маънои асосии калима танҳо бо маънои иловагии дараҷаи якум мушоҳида карда мешавад. Дар маъноҳои дараҷаи дуюм ва сеюм, ки дар забони тоҷикӣ бисёр мушоҳида карда мешавад, он қадар устувор набуда, дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто аз байн мераванд. Масалан, маънои иловагии калимаи “сар” – “ибтидо, аввал” боиси пайдо шудани чунин маъноҳои иловагӣ, ба монанди “нӯг, қисми болоии чизе”, сари девор, сари дарахт ва ҳатто сари кӯҳ, қулла гардидааст [9, с.451]. Калимаи “сабук” бошад, боиси пайдо шудани чунин маъноҳои иловагӣ, ба монанди бемулоҳиза ва бетамкин гардидааст, ки нисбат ба инсон ба маънои маҷозӣ истифода карда мешавад.

Маънои иловагии луғавӣ, ки ҳамчун асоси пайдоиши маънои нави луғавии калима мегардад, маънои асосии нисбӣ номида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маъноҳои иловагии дараҷаи дуюм ва сеюм бо маънои асосӣ маҳз тариқи ҳамин маънои нисбӣ алоқаманд мешавад, аз ин хотир чунин алоқамандӣ на он қадар устувор ба ҳисоб меравад. Ин падидаро метавон дар мисоли калимаи “ранг” мушоҳида намуд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи **“ранг”** чунин тавсиф шудааст: 1) намуди зоҳирии ҳар чиз, ки ба чашми бинанда сафед, сурх, сабз ва ғайра; 2) моддаҳои рангини маъданӣ, химиявӣ ва наботӣ, ки бо равған омехта барои тобиши дигар додан ба чизҳо мемоланд; 3) сиёҳӣ барои навиштан; 4) шакл, намуд; ранги дигарро гирифтани хона намуди дигарро гирифтани хона; 5) тарз, равиш; ранг ба ранг, гуна-гуна, ба ҳар ранг, ба рангҳои гуногун, ҳар хел [13, с.147].

Ва овози пойи мӯрчае, ки дар шаби торик биравад, аз шунавоии Вай берун нашавад ва **рангу** сурати кирм, ки дар таҳтассаро бувад, аз дидори Вай берун набувад; Ва агар бишусту нек бимолид ва **ранг** ё бӯй бимонад, пок бошад; Ва бояд ки чун ангур **ранг** гирифт ва донаи гандуму ҷав сахт шуд, дар он ҳеч тасарруф накунад, то нахуст ҳазр кунад ва бидонад, ки насиби дарвешон чанд аст; Ва ин пеш аз рӯзгори мо гуфтаанд ва ҳамоно дар рӯзгори мо чунин гаштааст, ки фарқ баргирифтаанд дар муомалат ва далер шудаанд бад-он, ки аз донишмандони ноқисилму ноқисдин бишунидаанд, ки моли дунё ҳама ба як **ранг** шудааст ва ҷумла ҳаром аст; Ва фардо, дар қиёмат, ин маънӣ ошкоро шавад ва сурат ба **ранги** маънӣ шавад, то он касро, ки шаҳвату оз бар вай ғолиб бувад, фардо бар сурати хуке бинанд ва он касро, ки хашм бар вай ғолиб аст, бар сурати гурге бинанд [1].

Ҳамин тариқ, чун қоида, маъноҳои иловагии дараҷаи дуюм ва сеюм бо номи тобишҳои маъноӣ маъруфанд ва луғатҳои тафсирӣ ҳамчун маънои иловагии калима оварда мешаванд. Таносуби маънои асосӣ ва дуюмдараҷа устувор нест ва бо гузашти вақт метавонад тағйир ёбад, зеро барои баъзе калимаҳо маънои дуюмдараҷа метавонад асосӣ гардад. Моҳияти калимаи сермаъно аз он иборат аст, ки дорои мундариҷаи муайяне аст, ки дар тақсимоти маънои калима мушоҳида мешавад.

Дар забони тоҷикӣ, ба монанди дигар забонҳо, роҳҳо ва усулҳои мухталифи тавлиди маъноҳои ҷудогонаи ҳалқаи калимаи сермаъно мавҷуд аст, ки яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки истифодаи ин роҳҳо ва усулҳо боиси фасоҳати забон, ба таври дақиқ иброз намудани ақида ё мавқеъ мегарданд.

Маҷоз яке аз он мафҳумҳои муҳиммест, ки дар низоми илмҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадафи асосии маҷоз барои ифодаи маъно равона шудааст. Яъне он воситаест, ки тавассути он аз калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд, маънои дигаре тавлид ёбад. Ин мафҳум аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳамин тариқ, яке аз услулҳои сермаҳсули тавлиди маъноҳои нави луғавии калима маҷоз ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки маҷоз услуби сермаҳсултарини тавлиди маънои луғавӣ дар забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Лекин усули маҷозии пайдоиши маънои луғавии калима аз маънои маҷозӣ ва санъати бадеӣ тафовут дорад. Яъне, усули

маҷозӣ ҳамчун воситаи бавуҷудорандаи маъноҳои ҷудогона, ҳамчун роҳи пайдоиши маъноҳои нави калима фаҳмида мешавад.

Масалан, дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи **“дил”** чунин тасниф карда шудааст: 1) узви марказии низоми гардиши хуни одам ва ҳайвон, ки ҳаракати хунро идора мекунад, қалб; дили бемор, дили касал, дили дардманд; 2) маҷ. марказ, васат, миён, дарун: дили мамлакат, дили кӯҳ; дили санг, мағзи санг, миёни санг; дили шаб, ними шаб, нисфи шаб; бевақтии шаб; 3) маҷ. замир; хотир, ботин; барои (баҳри) хушнудии дили..., барои хурсандии хотири…, барои шод кардани табъи…; 4) маҷ. майл, хоҳиш ҳавас; азму ирода, ният; дили касеро фаҳмидан, майлу хоҳиши касеро донистан; аз нияти касе огоҳ шудан; 5) маҷ. ҷуръат; далерӣ, ҷасорат; дил доштан, ҷасорат доштан; дили афгор, дили озурда; руҳафтодагӣ; дили беғам осудахотир, хотирҷамъ [13, с.446].

Дар мисоли калимаи **“дил”** маъноҳои дуюм то панҷум маҷозӣ буда, ба маънои асосӣ алоқаманд мебошанд.

Дар «Кимиёи саодат» калимаи дил бо маъноҳои мухталиф истифода карда шудааст:

Ва чунонки асар аз **дил** ба димоғ расад ва димоғ зери **дил** аст ва дар ҳукми вилояту тасарруфи **дил** аст, асари иродат аз Арши Ҳақ Субҳонаҳу ва Таоло ба Курсӣ расад ва Курсӣ зери Арш аст; Яке илми нафси одамию кайфияти тааллуқи аъзои одамӣ ба қувватҳою сифоти вай ва кайфияти тааллуқи сифоту қувватҳои вай ба **дил** ва илме дароз аст, ки таҳқиқи он дар чунин китоб бинатавон гуфт; Масалан, чун ҳол бар касе бигардад, ки рӯй аз дунё бигардонад ва андуҳу бим дар **дили** вай муставлӣ шавад ва неъматҳои дунё дар **дили** вай нохуш шавад ва рӯй ба андуҳи оқибати кори хеш орад, табиб гӯяд, ки ӯ бемор аст ва ин иллатро молихулиё гӯянд ва илоҷи вай табихи афтимун аст [1].

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар забони тоҷикӣ роҳҳои гуногуни ташаккули сермаъноии луғавии калимаҳо, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳассоси забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад, мавҷуд аст. Мавҷудият ва сатҳи истифода намудани роҳҳо ва усулҳои мавҷудаи ташаккули сермаъноии калима имконият фароҳам меоварад, ки фасоҳати забон, тарзи баёни ақида дар сатҳи сифатан нав амалӣ гардад.

Баррасӣ ва таҳлили ҳар як услуби тавлиди маънои нав ва муқоиса намудани моҳият ва хусусиятҳои он бо калимаҳои таркиби «Кимиёи саодат» нишон дод, ки тамоми ин роҳу усулҳои ташаккули маънои калима дар асар ба таври гуногунрангу нотакрор ва ҷолибу муассир мушоҳида карда мешавад. Яъне, калимаҳои алоҳида дар маъноҳои гуногун истифода шуда, бо ин васила фасоҳати забони асар таъмин карда шудааст.

Муқарриз: ***Пирхонова Қ.*** – н.и.ф., ДДК

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал / М. Ғ.Абӯҳомид. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 670 с.
2. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди дувум / Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 666 с.
3. Булгакова, О.А. Полисемантическое слово как комплексная когнитивная структура / О.А.Булгакова // Вестник Кемеровского государственного университета. 2010. – № 2. – С. 93-95.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фотнетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе, 1973. – С. 17-87.
5. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 102 с.
6. Комлякова, С.Н. К вопросу о разграничении первичных и вторичных значений полисемичного английского глагола / С.Н. Комлякова // Романское и германское языкознание. 1979, Вып.9. – С.130-142.
7. Кузнецов, Э.В. Лексикология русского языка / Э.В.Кузнецов. – М., 1989. – 243 с.
8. Қосимова, М. Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М. Н. Қосимова. –Душанбе, 2003. – 113 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 255 с.
10. Попова, А.Р. Изоморфные черты развития полисемии, словообразовательных и фразе образовательных возможностей лексемы как векторов реализации ее креативного потенциала / А.Р. Попова // Ученые записки Орловского государственного университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. 2012. – № 2 (46). – С. 179-184.
11. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 82 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷилди 1. (О - Я) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.

13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷилди 2. (О - Я) / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С. 945 с.
14. Шанский, Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М.Шанский. – М., 1972. – 118 с.

КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР «КИМИЁИ САОДАТ»-И МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи калимаҳои сермаъно дар «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки сермаъноии калимаҳо яке аз асосҳои фасоҳату возеҳии забон ба ҳисоб рафта, дар таърихи забонҳои гуногун таснифоти мухталифро касб намудааст. Тамоми маъноҳои як калима аз ҷиҳати мундариҷа бо муносибатҳои умумии маъноӣ алоқаманд аст. Мавҷудияти аломатҳои ҷудогона дар маънои калима ҳамчун як хосияти муҳимми сохтори маъноӣ амал намуда, вижагиҳои корбурди онро дар забон таъмин менамояд. Маҳз, ин аломатҳо ба мо имкон медиҳанд, ки фарқи байни маъноҳои як калимаро муайян кунем. Сермаъноӣ яке аз зуҳуроти асосии дуализми ассиметрикии рамзи забонӣ мебошад, ки дар забоншиносии муосир аз мавқеи алоқаи байни семантикаи забон ва равандҳои маърифатии инсон ба сифати натиҷаи мафҳумгардонӣ ва номбаркунӣ омӯхта мешавад. Мушкилоти гуногун дар омӯзиши калимаҳои сермаъно мавҷуданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаҳои назариявӣ ва мушкилоти мавҷудаи сермаъноиро муаллифони гуногун баррасӣ намуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо дар ин самт пешниҳод кардаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки барои фаҳмидани моҳият ва хусусиятҳои сермаъноӣ, ҷанбаҳои назариявии ин воҳиди луғавиро баррасӣ кардан зарур аст. Сермаъноӣ дорои зиёда аз як маъно будани воҳиди луғавӣ мебошад, ки дар байни маъноҳои гуногун робитаи умумии маъноӣ мавҷуд бошад ва мавҷудияти имкони интиқоли аломатҳо ва функсияҳои умумии марбут ба як денотат ва алоқамандӣ бо денотати дигар ҷой дошта бошад. Сермаъноӣ мавҷудияти ду ва ё зиёда маъно барои воҳиди забон аст. Баррасӣ ва таҳлили ҳар як услуби тавлиди маънои нав ва муқоиса намудани моҳият ва хусусиятҳои он бо калимаҳои таркиби «Кимиёи саодат» нишон дод, ки тамоми ин роҳу усулҳои ташаккули маънои калима дар асар ба таври гуногунрангу нотакрор ва ҷолибу муассир мушоҳида карда мешавад.

Калидвожаҳо: сермаъноӣ, забоншиносони муосир, маънои луғавӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, категорияҳои грамматикӣ, воҳиди луғавӣ, рамзи забонӣ.

МНОГОЗНАЧНЫЕ СЛОВА В «КИМИЁИ САОДАТ» МУХАММАДА ГАЗЗОЛИ

В данной статье рассматривается вопрос многозначных слов в «Кимиёи саодат» Мухаммада Газали. Автор отмечает, что многозначность слов является одной из основ языкового красноречия и получила различные классификации в истории разных языков. Все значения слова с точки зрения содержания связаны общими семантическими отношениями. Наличие отдельных знаков в значении слова выступает важным признаком семантической структуры и обеспечивает его употребление в языке. Именно эти символы позволяют нам различать значения слова. Семантика является одним из основных проявлений асимметричного дуализма языковых символов, который в современной лингвистике изучается с точки зрения взаимосвязи семантики языка и познавательных процессов человека в результате интерпретации и наименования. Существуют различные трудности в изучении многозначных слов. Анализ показывает, что теоретические вопросы и существующие проблемы неоднозначности обсуждались разными авторами, которые предлагали пути решения существующих проблем в этой области. Для того чтобы понять сущность и особенности многозначности, необходимо рассмотреть теоретические аспекты данной лексической единицы. Семантика имеет более одного значения лексической единицы, существует общая семантическая связь между разными значениями, а также возможность переноса символов и общих функций, относящихся к одному денотату, и связи с другим денотатом. Многозначность – это наличие двух или более значений у единицы языка. Рассмотрение и анализ каждого способа образования нового значения и сопоставление его сущности и характеристик со словами «Кимиёи саодат» показало, что все эти способы образования значения слова в произведении прослеживаются уникальным, интересным и эффективным образом.

Ключевые слова: многозначность, современные лингвисты, лексическое значение, морфологические, синтаксические, грамматические категории, лексическая единица, языковой код.

POLYSEMANTIK WORDS IN «KIMYO OF SAODAT» MUHAMMADI GHAZZOLI

This article deals with the issue of polysemantic words in «Kimyo saodat» by Muhammad Ghazzali. The author notes that the polysemy of words is one of the foundations of linguistic eloquence and has received various classifications in the history of different languages. All meanings of a word from the point of view of content are connected by common semantic relations. The presence of separate signs in the meaning of a word is an important feature of the semantic structure and ensures its use in the language. It is these symbols that allow us to distinguish the meanings of the word. Semantics is one of the main manifestations of the asymmetric dualism of linguistic symbols, which is studied in modern linguistics from the point of view of the relationship between the semantics of the language and human cognitive processes as a result of interpretation and naming. There are various difficulties in learning polysemantic words. The analysis shows that theoretical issues and existing problems of ambiguity were discussed by different authors who proposed ways to solve existing problems in this area. In order to understand the essence and features of polysemy, it is necessary to consider the theoretical aspects of this lexical unit. Semantics has more than one meaning of a lexical unit, there is a common semantic connection between different meanings, as well as the possibility of transferring symbols and common functions related to one denotation and connection with another denotation. Polysemy is the presence of two or more meanings for a language unit. Consideration and analysis of each way of forming a new meaning and comparing its essence and characteristics with the words «Kimyo saodat» showed that all these ways of forming the meaning of a word in a work can be traced in a unique, interesting and effective way.

Key words: polysemy, modern linguists, lexical meaning, morphological, syntactic, grammatical categories, lexical unit, language code.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калон, кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, ш. Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 902-44-44-85**

Сведения об авторе: ***Рахмоналиев Джовидон Худоёрович*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель, кафедра таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, г. Дангара, Республика Таджикистан, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 902-44-44-85**

Information about the author: ***Rakhmonaliev Jovidon Khudoyorovich*** **-** Dangara State University, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language and Literature. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Sharifova, Str., 3. Phone: **(+992) 902-44-44-85**

ТДУ: 811.111+811.21/.22-56

ВАЗИФАИ ГЕРУНДИЙ ДАР ҶУМЛА ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Собирова У.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони англисӣ чун забони тоҷикӣ шаклҳои феъл ба тасрифӣ (finite forms) ва ғайритасрифӣ (non-finite forms) ҷудо мешаванд. Шакли тасрифии феълро забоншиносон ҳамчун ифодакунандаи шахс, шумора, замон, шакл ва сиға нишон медиҳанд. Шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забони англисӣ масдар (The Infinitive), сифати феълии I (Participle I) ва сифати феълии II (Participle II) ва герундий (The Gerund) мебошанд. Дар забони тоҷикӣ масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ба шаклҳои ғайритасрифӣ дохил мешаванд.

Ин шаклҳои феълӣ категорияҳои шахс, шумора, замон ва сиға надоранд. Танҳо баъзеи онҳо шакл ва тарзро ифода мекунанд [1, с.265]. Герундий категорияи махсуси грамматикие мебошад, ки дар забони тоҷикӣ муодил надорад.

Дар забони англисӣ герундий шакли ғайритасрифии феъл буда хусусияти исмӣ ва феълӣ дорад, яъне дар ҷумла метавонад ҳамчун ҳиссаи номии нутқ ва феъл амал кунад. Истилоҳи «герундий» аз калимаи лотинии «gerere» *амал кардан* гирифта шуда, дар забонҳои аврупоӣ барои ифодаи шакли ғайритасрифии феъл, ки дар забони тоҷикӣ муодил надорад, паҳн шуд [5, с. 616].

Герундий исмест, ки аз феъл сохта шудааст ва бо «–ing» ба охир мерасад. Масалан: «reading, revising, listening». Бархилофи исм герундий баъзе хусусиятҳои феълиро нигоҳ медорад. Ба мисли феъл герундий метавонад пас аз худ пуркунандаи бевосита қабул кунад ва зарфро ифода намояд.

Аз рӯйи шакл герундий ба сифати феълии I ва исми феълӣ дар забони англисӣ мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди шакли якхела доштан байни онҳо тафовут вуҷуд дорад [2, с. 68].

Вазифаи асосии мақолаи мо таҳлил кардани герундий дар вазифаҳои гуногун бо овардани мисолҳо ва мушаххас кардани ифодаи он дар забони тоҷикӣ мебошад.

Бо хусусиятҳои исмӣ ва феълӣ герундий ба вазифаи ҳар аъзои ҷумла (ғайр аз хабари сода) омада метавонад:

1. Мубтадо;
2. Қисми номии хабари таркибии номӣ;
3. Қисми хабари таркибии феълӣ;
4. Пуркунандаи бевосита;
5. Пуркунандаи бавоситаи пешояндор;
6. Муайянкунанда;
7. Ҳол [6, с. 261].

1. Мубтадо (Subject)

Дар вазифаи мубтадо герундий бе пешоянд истеъмол мешавад.

Having fresh bread was a great pleasure, for the ship's bread had finished long ago [16, с.34].

Нони тару тоза **хӯрдан** лаззати бузурге дошт, зеро нони киштӣ кайҳо тамом шуда буд (Хӯрдани нони тару тоза лаззати бузурге дошт, зеро дар киштӣ кайҳо боз нон набуд).

What was a great pleasure? Having. Having what? bread.

Дар ҷумлаи мазкур саволгузорӣ ба аъзоҳои ҷумла далели он аст, ки **having** мубтадои ҷумла мебошад ва герундий ба вазифаи он омадааст. Герундий, ки ба вазифаи мубтадо омадааст, ба саволи **What?** (чӣ) ҷавоб шуда, пас аз худ пуркунандаи бевосита **bread** қабул кардааст, ки дар ҷумлаи тоҷикӣ «хӯрдан» тарҷума шуда, ҳамчун масдар ифода ёфта, дар забони тоҷикӣ низ пуркунандаи бевосита қабул кардааст.

But **moving** it was no easier than moving the island [16, с.35].

Аммо **кӯчонидани** ин аз ҳаракат додани ҷазира осонтар набуд.

Герундий **moving** бе пешоянд ба вазифаи мубтадо омада, пас аз худ пуркунанда қабул кардааст. Дар забони тоҷикӣ ифодаи худро ҳамчун масдари «кӯчонидан» ёфтааст. Қайд бояд кард, ки дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар вазифаи мубтадо, вале дар забони англисӣ –герундий ва дар забони тоҷикӣ-масдар вазифаи онро адо мекунад. Герундий пас аз худ ҷонишини ишоратии **it** ва дар забони тоҷикӣ ифодаи «ин» масдари «кӯчонидан»-ро

ҳамчун пуркунанда қабул кард. Таҳлил нишон медиҳад, ки герундий бетағйир мемонад, вале масдар охирчаспаки **–и** гирифта «кӯчонидани ин» мешавад.

They had done me no harm; **attacking** them would be unjust [16, с. 48].

Аз онҳо ба ман ягон зараре нарасидааст, ба онҳо **ҳамла кардан** беинсофӣ аст.

Дар ҷумлаи мазкур **attacking** герундий буда, ба вазифаи мубтадо омада, пас аз худ пуркунандаи бевосита (ҷонишини шахсӣ дар падежи соҳибӣ (them) қабул кардааст. Герундий **attacking** дар ҷумлаи тоҷикӣ «ҳамла кардан» ҳамчун масдар тарҷума шуда, пеш аз худ пуркунандаи бавосита (ба онҳо) қабул кардааст.

Агар ҷумлаи мазкур ба тоҷикӣ ба таври зайл тарҷума мешуд:

«Аз онҳо ба ман ягон зараре нарасидааст, ба онҳо ҳамлакунӣ беинсофӣ аст», он гоҳ герундий ба забони тоҷикӣ ҳамчун исм ифода меёфт.

Smoking damages your health.

Сигоркашӣ ба саломатӣ зарар мерасонад.

Дар ҷумлаи англисӣ **smoking** – герундий мебошад, ки ба вазифаи мубтадо омадааст. Дар ҷумлаи тоҷикӣ **сигоркашӣ** тарҷума шуда, ҳамчун исм ифода ёфтааст, яъне исм ба вазифаи мубтадо омадааст.

Герундий дар вазифаи мубтадо бе пешоянд истифода бурда шуда, бештар дар аввали ҷумла меистад:

Learning to fly a jet was an ambition of her.

Дар забони англисии муосир герундий вазифаи мубтадоро иҷро карда метавонад, дар таркибҳо бо мубтадои расмии **it** (formal subject) маҳз: «It is useless…», «It is (of) no use…», «It is worth while…», «It is no good…» истифода бурда шавад.

It's no use **crying** over the lost wallet. ~ Барои ҳамён гумшуда **гиря кардан** бефоида аст.

Зикр бояд кард, ки таркибҳои зикршуда, ки пас аз худ герундий қабул мекунанд, мубтадои таркибӣ бо герундий (Subject Gerundial Construction) месозанд. It… **crying** over the lost wallet дар ҷумлаи мазкур ҳамин гуна мубтадо аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки герундий дар вазифаи мубтадо дар забони тоҷикӣ метавонад ҳамчун масдар ва ё исм ифода ёбад.

2. Предикатив (қисми номии хабари таркибии номӣ) (Predicative)

Герундий, агар пас аз феъли пайвасткунандаи (Link-Verb) **to be** истифода бурда шуда бошад, вазифаи қисми маънодори хабарро иҷро мекунад. Дар ин ҳолат мубтадо предметеро ифода мекунад, ки худаш амалеро, ки феъл ифода кардааст ва герундий аз он сохта шудааст, ба сомон намерасонад.

Her hobby was **collecting** coins. ~ Шуғли ӯ **ҷамъ кардани** танга буд.

«Was collecting» дар ҷумлаи мазкур хабари таркибии номӣ (Compound Nominal Predicate) мебошад, ки аз феъли пайвасткунандаи (Link-Verb) **to be** ва қисми номии хабари таркибии номӣ (Predicative) иборат аст, ки герундий ба вазифаи он омадааст. Герундий дар вазифаи қисми номии хабари таркибии номӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун масдар **ҷамъ кардан** ифода ёфтааст.

А.И. Василев нисбат ба ин падида истилоҳи «гурӯҳи герундиалӣ»-ро истифода мебарад. Шахсу шумораро ифода накарда герундий наметавонад бо мубтадо мувофиқат кунад ва бинобар ин, мустақилона ба вазифаи хабари сода омада наметавонад [4, с. 242].

Дар айни замон герундий метавонад ба сифати қисми номии хабари таркибии номӣ омада, ба ақидаи баъзе забоншиносон, ба таркиби хабари таркибии феълӣ низ дохил шавад.

Дар ин маврид герундий нақши қисми маънодори хабарро иҷро карда, пас аз феъли пайвасткунандаи **to be** ҷой мегирад. Дар ҳоле ки субъект бояд предметеро ифода кунад, ки худаш амалеро, ки бо феълҳо ифода шудааст, иҷро карда наметавонад, ки аз он герундий сохта шудааст [7, с. 215].

Success in life **is** just **enjoying** the benefits of hard work [5, с. 625].

Муваффақият дар зиндагӣ танҳо **ҳаловат бурдан** аз фоидаест, ки натиҷаи заҳматҳо аст.

Дар ҷумла «is enjoying» хабари таркибии номӣ буда, қисми номии он герундий мебошад. Дар ҷумлаи тоҷикӣ ҳамчун масдар «ҳаловат бурдан» ифода ёфтааст.

Герундий дар вазифаи қисми номии хабари таркибии номӣ метавонад бо пешояндҳои **against, for,** инчунин бо ибораҳои пешояндии **to be on the point (of), to be far (from)** истифода шавад.

3. Герундий як қисми хабари таркибии феълӣ (A Part of Compound Verbal Predicate)

Дар байни олимоне, ки осори онҳо дар ҷараёни таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, дар мавриди тафовути равшани байни герундий ҳамчун ҷузъи хабари таркибии феълӣ ва пуркунандаи бевосита тавофуқ вуҷуд надорад. Алалхусус, К.Н. Качалова ва Е.Е. Израилевич андеша доранд, ки герундий бо феълҳои t**o finish, to stop, to need, to want, to avoid, to go on, to enjoy** ва баъзе дигар феълҳо хабари таркибии феълӣ месозад. Ба андешаи онҳо пуркунандаи бевосита танҳо пас аз феълҳои **to mention, to remember, to mind** истифода бурда мешавад.

Герундий дар вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ бештар бе пешоянд истифода бурда мешавад ва бо феълҳои серистеъмоли **to stop, to finish, to give up, to continue, to keep on, to start, to go on** ва ғ. хабари таркибии феълӣ месозад. Герундий, дар ин ҳолат, вазифаи қисми хабари таркибии феълиро иҷро мекунад, зеро ки феълҳои мазкур маънои пурраро ифода накарда, пуркунанда талаб мекунанд. Инчунин герундий бо сифатҳои **«worth»** ва **«busy»** қисми хабари таркибии феълӣ месозад. Пеш аз герундий дар вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ ҳеҷ гоҳ ҷонишини соҳибӣ истифода бурда намешавад [11, с. 230].

They **continued staying** at her parents' after the marriage. Онҳо пас аз хонадоршавӣ дар хонаи волидайн **зиндагӣ карданро давом доданд**.

Redialing the phone number, Fache waited as the line **began ringing** [15, с. 99]. Фач телефонро рақамчинӣ карда, интизори занг задани он шуд.

Silas **stopped walking** [15, с. 75]. Силас аз **қадамзанӣ** бозистод.

When the curator had **finished speaking**, his assailant smiled smugly [15, с. 4]. Ҳангоме ки куратор **суханашро** ба охир расонд, душманаш худписандона табассум кард.

They **continued walking** briskly… [15, с. 29]. Онҳо бошавқу завқ **қадамзаниро** давом медоданд**.**

Аз мисолҳои мазкур бармеояд, ки пас аз феълҳои зикршуда герундий ба забони тоҷикӣ ҳамчун исм ва масдар ифода ёфта метавонад.

Мо дар мақола нуқтаи назари олимон Р.В. Резник, Т.С. Сорокина, Н.А. Бонк, Н.А.Лукяноваро оид ба вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ омадани гурундий омӯхта, андешаи худро бо овардани мисолҳо ва таҳлили онҳо иброз медорем. Ба ақидаи ин олимон герундий дар вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ бе пешоянд пас аз феълҳои **to finish, to stop, to give up, to keep on, to continue, to start, to go on** ва ғ. бештар истифода бурда мешавад ва дар ҳолати пас аз ин феълҳо омадан як қисми хабари таркибии феълӣ мебошад, зеро феълҳои мазкур худашон танҳо маънои пурраро ифода накарда, пуркунанда талаб мекунанд [15, с. 17].

The manager has **finished dictating** a letter to the secretary [15, с. 75]. ~Мудир **дикта кардани** мактубро ба котиб ба анҷом расонд.

Ба герундий дар ҷумла чунин савол гузошта мешавад: What has the manager finished? (Мудир чиро ба анҷом расонд?) Ҷавобаш: **dictating** (дикта карданро). Dictating what? (дикта кардани чиро?) a letter (мактубро).

Герундий **dictating** бо **a letter** пуркунандаи таркибӣ мебошад. Чун герундий дар таркиби пуркунандаи таркибӣ омадааст, вай **Objective Gerundial Construction** (пуркунандаи таркибӣ бо герундий) мебошад.

Дар забони тоҷикӣ бо масдари «дикта кардан» ифода ёфта, бо «мактубро» якҷоя пуркунандаи таркибӣ мебошад, вале пуркунандаи таркибии масдарӣ. «Чиро ба анҷом расонд?» -«дикта карданро». «Дикта кардани чиро?» «мактубро».

When the curator had **finished speaking**, his assailant smiled smugly [15, с. 4]. Ҳангоме ки куратор **суханашро** ба охир расонд, душманаш худписандона табассум кард.

They **continued walking** briskly… [15, с. 29]. Онҳо бошавқу завқ **қадамзаниро** давом медоданд.

Suddenly the boy **started laughing**. Ногаҳон бача ба **хандидан** сар кард.

It **stopped snowing**. **Барф аз боридан** монд.

He went back to **rowing** and to **watching** the long-winged black bird who was working, now, low over the water [17, с. 40].

Пирамард **белзаниро** давом дода, парандаи сиёҳи болдарозро, ки акнун пасттар ба рӯйи об фуромада, шикор мекард, **тамошо мекард** [17, с. 41].

Дар ин ҷумла «rowing» герундий мебошад, ки ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадааст ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм «белзанӣ» тарҷума шуда, ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадааст, ки пасоянди –ро гирифтааст.

At that moment he felt him **stop moving** but the weight was still there [17, с. 52].

Лаҳзае **ҳаракат** қатъ шуд, аммо ӯ ҳамоно вазнро эҳсос мекард [17, с. 53].

Герундийи «moving», ки пас аз феъли гузаранда омадааст, дар ҷумла ба вазифаи пуркунандаи бевосита амал мекунад. Дар ҷумлаи тоҷикӣ вай ҳамчун исм «ҳаракат» ифода ёфта, ба вазифаи мубтадо омадааст.

Дар ҳамин ҳол Т.Н. Михелсон дар бораи он таваҷҷуҳ мекунад, ки герундий дар якҷоягӣ бо феълҳои дар боло овардашуда дар ҷумла пуркунанда аст. Ӯ дар кори худ герундийро дар вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ ҷудо намекунад [9, с. 79].

Мо андешаи Т.Н. Михелсонро тарафдорӣ карда, собит сохтем, ки герундий дар забони англисӣ ба вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ омада наметавонад, вай пас аз феълҳои **to finish, to stop, to need, to want, to avoid, to go on, to enjoy** ва дигар феълҳои дар боло зикршуда, ки дар забонҳои муқоисашаванда феъли гузаранда (Transitive Verb) мебошанд, ҳамчун пуркунандаи бевосита шуда меояд ва дар аксар мавридҳо пуркунандаи таркибӣ бо герундий (Objective Gerundial Construction) месозад.

4. Пуркунандаи бевосита (Direct Object)

Герундий дар вазифаи пуркунандаи бевосита бештар пас аз феълҳои: **to mention, to remember, to mind, to deny, to avoid, to fancy, to excuse, to postpone, to delay, to like, to enjoy, to give up** ва баъзе феълҳои дигар мавриди истифода қарор мегирад [9, с. 67].

I don't **mind walking**. – Ман тарафдори *пиёда рафтан* ҳастам. (Ман зидди пиёда рафтан нестам).

Ба герундий саволи What don't you mind? (Шумо тарафдори чӣ ҳастед?) дода мешавад. Дар ҳар ду забон ба саволи пуркунанда ҷавоб шуда истодааст, яъне герундий ба забони тоҷикӣ ҳамчун масдар ифода ёфта, вазифаи пуркунандаро иҷро мекунад.

Герундий бештар дар вазифаи пуркунандаи бевосита бе пешоянд ва пуркунандаи бавосита бо пешоянд истифода бурда мешавад [6, с. 270].

Police officer **minds your waiting** here. – Офитсери пулис зидди **интизор шудани** шумо дар ин ҷо ҳаст.

Дар ҷумлаи мазкур пас аз феъли **mind** герундий **waiting** омада, пеш аз худ ҷонишини шахсӣ дар падежи соҳибӣ қабул кардааст. Герундий ба вазифаи пуркунандаи бевосита (Direct Object) омада, дар забони тоҷикӣ ҳамчун масдар «интизор шудан» ифода ёфтааст ва вазифаи пуркунандаи бевоситаро адо мекунад.

He **enjoys swimming** in the sea. – Ба ӯ дар баҳр **шиновариӣ кардан** маъқул аст.

Герундий **swimming** дар вазифаи пуркунандаи бевосита буда, дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм дар вазифаи пуркунандаи бавосита ифода ёфтааст, ки пешоянди «ба» далели он аст.

My car **needs repairing**. – Мошини ман ба **таъмир** ниёз дорад.

Герундий, ки дар вазифаи пуркунандаи бевосита аст, дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм ифода ёфта дар вазифаи пуркунандаи бавосита омадаст.

He felt the light delicate **pulling** and then a harder pull when a sardine's head must have been more difficult to break from the hook [17, с. 50].

Ӯ як **кашиши** сабуку оҳистаро ҳис кард, баъд кашиши сахттареро, зоҳиран каллаи яке аз сардинҳоро аз чангак ҷудо кардан душвор буд [17, с. 51].

Дар ҷумлаи мазкур «pulling» герундий ба вазифаи пуркунандаи

бевосита омадааст ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм «кашиш» ифода ёфта ва дар забони тоҷикӣ низ ба вазифаи пуркунандаи бевосита омадааст.

… the noise of you clubbing him like **chopping** a tree down and the sweet blood smell all over me" [17, с. 10].

… садои чӯбдаст ба сараш задани ту мисли **афтондани** дарахт буд ва бӯйи хун мешунидам, ба ҳама баданаш чошида буд [17, с. 11].

Герундий «chopping», ки ба забони тоҷикӣ ҳамчун масдар «афтондан» ифода ёфтааст, дар ҷумлаҳои ҳар ду забонҳои муқоисашаванда ба вазифаи пуркунанда омадааст.

Зимни таҳлил собит гардид, ки герундий дар вазифаи пуркунандаи бевосита ба забони тоҷикӣ ҳамчун исм ва масдар метавонад вазифаи пуркунандаи бевосита ва ё бавоситаро адо кунад.

5. Пуркунандаи бавосита (Prepositional Object)

Герундий дар вазифаи пуркунандаи бавоситаи бо пешоянд (Prepositional Object) пас аз бисёр феълҳо, сифатҳо ва сифати феълӣ истифода бурда мешавад, ки пас аз худ пешоянди муайян талаб мекунанд. Герундий дар вазифаи пуркунанда ба саволҳои чӣ?, бо чӣ?, дар чӣ?, аз чӣ? ва ғ. ҷавоб мешавад.

I'm fond **of reading**. – Ман хонданро дӯст медорам.

… their livers removed, their fins cut off and their hides skinned out and their flesh cut into strips **for salting** [17, с. 8].

…ҷигарашонро бигиранд, болҳояшонро бибуранд, пӯст кананд ва гӯшташонро **барои намакбуд** кардан пора-пора бибуранд [17, с. 9].

Дар ҷумлаи англисӣ «salting» пуркунандаи бавосита аст, зеро бо пешоянди «for» омадааст. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки «salting» герундий аст, зеро исми феълӣ ва сифати феълии I бо пешоянд намеоянд.

Дар забони тоҷикӣ герундий ҳамчун масдар ифода ёфтааст ва ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст. Дар ҳар ду забони муқоисашаванда ба вазифаи пуркунанда, вале дар забони англисӣ **герундий**, дар забони тоҷикӣ **масдар** мебошад.

I thought **of making** another raft, but soon the wind was blowing hard, in the wrong direction [16, с. 14]. Ман фикри **сохтани** амади дигарро доштам, аммо ба зудӣ шамоли сахт ба самти нодуруст вазид.

Герундий **making** дар забони англисӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст, ки пешоянди **of** далели он аст. Ҷумлаи мазкур инчунин боз як пуркунандаи бевосита **raft** дорад, ки якҷоя **making another raft** пуркунандаи таркибӣ бо герундий (Objective Gerundial Construction) сохтаанд.

I'm tired **of waiting**. – Ман **аз интизорӣ** хаста шудам.

Дар ҷумлаи мазкур **waiting** герундий буда, ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст. Дар забони тоҷикӣ «интизорӣ» тарҷума шуда, исм мебошад. Яъне герундий дар вазифаи пуркунандаи бавосита ба забони тоҷикӣ метавонад ҳамчун исм дар вазифаи пуркунандаи бавосита ифода ёбад.

Зикр бояд кард, ки герундий дар вазифаи пуркунанда пас аз баъзе феълҳо, ибораҳо ва пешояндҳои таркибӣ меояд:

Would you mind … – Лутфан …
I do not mind … – Ман зид нестам …
It is worth … – меарзад (ба коре кардан)…
I cannot help … – дошта наметавонам (аз ягон кор кардан)
to succeed in … – муяссар шудан
to fail … – ноком шудан
to insist on … – исрор кардан
to prevent from … – халал расондан
to be afraid of … – тарсидан
in spite of … – сарфи назар аз
instead of … – ба ҷойи он ки.

Пас аз таҳлилҳо мо собит сохтем, ки пас аз ин феълҳо, ибораҳо ва пешояндҳои таркибӣ герундий ба забони тоҷикӣ ҳамчун масдар ва исм ифода меёбад.

Зимни таҳлил маълум гашт, ки герундий дар вазифаи мубтадо, пуркунандаи бевосита ва предикатив бе пешоянд истифода бурда мешавад.

6. Муайянкунанда (Attribute)

Дар вазифаи муайянкунанда ҳар аъзои ҷумларо, ки исм ба вазифаи он омада ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна?, аз кӣ?, кадом? ҷавоб мешавад, муайян мекунад. Дар вазифаи муайянкунанда герундий одатан пас аз пешоянд, бештар **of**, баъзан пас аз **for, in, at, about, to** истифода бурда мешавад.

I wasn't often in the right state of mind **for praying** [16, с. 46].

Ман аксар вақт дар ҳолати руҳии дуруст **дуо кардан** набудам.

I don’t see any use **in going** there. – Ман зарурати ба он ҷо рафтанро намебинам.

Герундий метавонад инчунин пеш аз муайяншавандаи худ биёяд, ки дар ин маврид бе пешоянд истифода бурда мешавад. Он гоҳ онро аз сифати феълии замони ҳозира фарқ кардан лозим меояд. Сифати феълӣ ҳамеша амали аз тарафи шахс ё предмет иҷрошударо ифода мекунад, ки исм ба вазифаи он омадааст. Герундий мақсади предмети бо исм ифодашударо ифода мекунад, лекин исм амалеро, ки шакли феъли–ing ифода кардааст, ба анҷом расонда наметавонад [12, с. 274].

Герундий дар ин ҳолат ба таркиби исми мураккаб дохил мешавад.

Then it began to make a slow **hissing** sound in the water... [17, с. 54].

Баъд садои пасти **фиш-фиши** ресмон дар об ба гӯш расид [17, с. 55].

Дар ҷумлаи англисӣ агар савол диҳем: **What kind of sound?** Посух: - **hissing**. Дар забони англисӣ ин намуди савол ба муайянкунанда дода мешавад, аз ин лиҳоз мо гуфта метавонем, ки «hissing» муайянкунанда мебошад ва герундий ба вазифаи он омадааст. Дар забони тоҷикӣ «фиш-фиши» тарҷума шуда, ҳамчун муайянкунанда ифода ёфтааст, яъне герундий дар ин ҷумла ҳамчун исм дар вазифаи муайянкунанда ифода ёфтааст.

A few minutes later the little Prince of Wales was garlanded with Tom's **fluttering** odds and ends, and the little Prince of Pauperdom was tricked out in the gaudy plumage of royalty [18, с.10].

Баъд аз якчанд дақиқа шоҳзодаи хурд Уэлский либоси **жандаи** Томро пӯшид ва гадои хурдсол либосҳои олии шоҳонаро дар бар намуд [18, с. 16].

Дар ҷумлаи англисӣ герундийи «fluttering», ки ба вазифаи муайянкунанда омадааст, дар ҷумлаи тоҷикӣ «жанда» ҳамчун сифат тарҷума шудааст, ки ба вазифаи муайянкунанда омадааст. Дар ҳар ду ҷумла ба як вазифа омада, вале герундий дар забони тоҷикӣ ҳамчун сифат ифода ёфтааст. Дар ҷумла пас аз герундий «fluttering» пас аз худ исм дар падежи соҳибӣ ва пешоянд омадааст, ки ин яке аз хусусиятҳои хосси герундий мебошад.

Then I hit on the idea **of using** burnt firewood for it gives off very little smoke [16, с. 48].

Сипас ман ба фикри **истифодаи** ҳезуми сӯзонидашуда, ки аз он дуди кам мебарояд, афтодам.

… an hour earlier, the idea **of their going** with him would have been an insupportable terror to him [18, с. 20].

…аммо як соат пеш аз ин суҳбат, масъалаи бо вай ҳамроҳ **рафтани** шоҳзодахонимҳо ӯро хеле ба изтироб ва ташвиш афканда буд [18, с. 35].

Герундий дар вазифаи муайянкунанда метавонад пас аз ҷонишини шахсӣ дар падежи соҳибӣ бо пешоянд биёяд, ки дар ҷумлаи мазкур «of their going» гувоҳи он аст. Дар забони тоҷикӣ «рафтани» ҳамчун масдар ифода ёфта ба вазифаи муайянкунанда омадааст.

No flying fish broke the surface and there was no **scattering** of bait fish [17, с. 46].

На ягон моҳии парон сатҳи обро халалдор мекард ва на ягон моҳичае дар гирду атроф менамуд [17, с. 47].

Дар ин ҷумла «flying» герундий буда, муайянкунандаи «fish» мебошад ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун сифат «парон» ифода ёфта, ба вазифаи муайянкунанда омадааст.

7. Ҳол (Adverbial modifier)

Герундий дар вазифаи ҳол ба феъл тааллуқ дошта, ба саволи чӣ тарз? дар куҷо? аз куҷо? кай? барои чӣ? ҷавоб мешавад. Дар ин вазифа герундий ҳамеша бо пешояндҳои зерин истифода бурда мешавад:

on (upon), after, before, in барои ифодаи замон. Пас аз пешояндҳои on

(upon) ва after одатан герундийи замони ҳозира (Indefinite Gerund) истифода бурда мешавад.

for, through, owing to барои ифодаи сабаб;

by бо маънои «бо роҳи, тавассути, бо ёрии» барои ифодаи тарзи амал;

besides, instead of, without, apart from барои ифодаи ҳоли вобаста;

for the purpose of, with the object of, with a view to барои ифодаи мақсад;

without, in case of, in event of, subject to барои ифодаи шарт.

Герундий бо ин пешояндҳо ғайр аз **without** аслан дар ҳуҷҷатҳои муомилоти савдо ё ҳуқуқӣ во мехӯрад [6, с. 267-269].

He talked **without stopping. Ӯ беист** гап мезад.

How did he talk? (Ӯ чӣ тарз гап мезад?)

Аз савол гузоштан маълум мешавад, ки герундий бо пешоянди **without** дар вазифаи ҳоли тарзи амал омадааст. Дар забони тоҷикӣ герундий бо пешоянд ҳамчун як калима «беист» тарҷума шудааст, ки зарфи тарзи амал ва дар синтаксис ҳамчун ҳоли тарзи амал ифода ёфтааст.

He passed them **without saying** hello. – Ӯ **бе салом** аз назди онҳо гузашта рафт.

Дар ҷумлаи мазкур низ герундий бо пешоянди **without** омада, вазифаи ҳоли тарзи амалро иҷро мекунад. Дар ҷумлаи тоҷикӣ чун исм «салом» тарҷума шуда, бо пешоянд якҷоя ҳоли тарзи амал мебошад.

On coming home Mr. Crabster came across his neighbor. – **Ҳангоми** ба хона **баргаштан**, ҷаноби Крабстер бо ҳамсояш вохӯрд.

Дар ҷумла **coming**, ки бо пешоянди **on** омадааст, ба саволи **when did**

Mr. Crabster come across his neighbor? ҷавоб мешавад, ки ҳоли замон аст. Агар ҷумлаи мазкур чунин мебуд: «**Coming** home Mr. Crabster came across his neighbor». «Ба хона **баргашта**, ҷаноби Крабстер бо ҳамсояш вохӯрд», он гоҳ **coming** сифати феълии I мебуд, на герундий.

Тафовут байни герундий ва сифати феълӣ дар ин ду ҷумла танҳо пешоянд мебошад, ки вай пеш аз герундий омада метавонад. Бар замми ин ҳатто ба ҷумла ба забони тоҷикӣ саволгузорӣ карда фаҳмидан мумкин аст, ки ин истилоҳ герундий аст ё сифати феълӣ.

Instead **of doing** her home task she watched "The Big Bang Theory". – Ба ҷойи кори хонагиро **иҷро кардан**, ӯ «Назарияи таркиши ҳалокатовар»-ро тамошо мекард.

Дар ҷумлаи мазкур герундий бо пешоянд, ки ба вазифаи ҳоли

хилоф омадааст, дар забони тоҷикӣ ҳамчун масдар ифода ёфта, як қисмати ҷумлаи пайрави хилоф мебошад.

Аксар вақт пешояндҳое, ки пеш аз герундий дар забони англисӣ меоянд, нишондиҳандаи вазифаи синтаксисии он мебошанд. Масалан пешоянди **after** (пас аз) саволи When? (кай), талаб мекунад, ки ҳоли замон ба ин савол ҷавоб мешавад.

Герундий дар вазифаи ҳоли замон дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм «хӯрок» ифода ёфта, дар забони тоҷикӣ низ якҷоя бо дигар аъзои ҷумла ҳоли замон мебошад.

After planning all this, I went every morning to a tall hill, and watched the sea for boats [16, с. 48].

Пас аз **ба нақша гирифтани** ҳамаи ин, ман ба як теппаи баланд мебаромадаму ба қаиқҳои баҳр чашм меандӯхтам.

He was an old man who fished alone in a skiff in the Gulf Stream and he had gone eighty-four days now **without taking** a fish [17, с. 6].

Пирамарде танҳо бо заврақи худ дар Гулф Стрим моҳигирӣ мекард ва ҳоло ҳаштоду чор рӯз шуда, ки ҳеҷ моҳӣ нагирифта буд [17, с. 7].

Герундийи «taking» бо пешоянди «without» дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал (Adverbial modifier of manner) омадааст, ки чунин савол мегирад: How had he gone eighty-four days now? without taking a fish.

Дар забони тоҷикӣ герундий ҳамчун феъл «нагирифта буд», тарҷума шудааст, ки ба вазифаи хабар омадааст.

“You’ll not fish **without eating** while I’m alive” [17, с. 20].

- То даме ки ман зиндаам, ғизо хӯрда моҳигирӣ меравӣ [17, с. 21].

Герундийи «eating» бо пешоянди «without» дар вазифаи ҳоли тарзи амал омадааст. Метавон ҷумларо ба таври зайл тарҷума кард: То замоне ки ман зиндаам, ту хӯрок нахӯрда моҳигирӣ намеравӣ. Метавон гуфт, ки шарт гузошта истодааст. Дар забони тоҷикӣ герундий ҳамчун сифати феълӣ «ғизо хӯрда» ифода ёфтааст, ки ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадааст.

In the evening I can look straight into it **without getting** the blackness [17, с. 38].

Ғуруб метавонам, ки рост ба он нигоҳ кунам ва чашмам сиёҳӣ назанад [17, с. 39].

Герундий, ки дар ҷумлаи мазкур бо пешоянди «without» омадааст «without getting», дар вазифаи ҳоли тарзи амал аст. Дар ҷумлаи тоҷикӣ ҳамчун феъл «назанад» тарҷума шудааст ва ба вазифаи хабар омадааст.

But it was no worse than **getting** up at the hours that they rose and it was very good against all colds and grippes and it was good for the eyes [17, с. 44].

Аммо нӯшидани он сахттар аз **саҳархезӣ** набуд ва барои ҳар гуна сардиву зуком дору буд ва барои чашм ҳам нафъ дошт [17, с. 45].

Герундий дар ҷумлаи мазкур бо зарфи муқоисавии «than» омадааст, аз ин рӯ метавон гуфт, ки вай дар вазифаи ҳоли муқоисавӣ омадааст. Герундийи «getting up» дар ҷумлаи тоҷикӣ «саҳархезӣ», яъне ҳамчун исм ифода ёфта, ба вазифаи ҳоли муқоисавӣ омадааст.

"Yes," he said. "Yes," and shipped his oars without bumping the boat [17, с. 50].

- Аҳа, - гуфт пирамард, - аҳа. Белҳояшро беовоз ба заврақ кашид [17, с. 51].

Дар ҷумлаи мазкур герундий «bumping» ба забони тоҷикӣ «беовоз», ҳамчун сифат тарҷума шуда, ҳарду дар ҷумлаҳои забонҳои муқоисашаванда ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаанд.

He called her **before leaving**. – Ӯ **пеш аз рафтан** ба вай занг зад.

Чун дар боло хотирнишон намудем, пешояндҳо, ки бо герундий меоянд, дар муайян кардани вазифаи синтаксисӣ кумак мерасонанд. Дар ин ҷумла низ пешоянди **before**, ки бо герундий **leaving** омадааст, далели он аст, ки герундий дар вазифаи ҳоли замон аст.

Дар забони тоҷикӣ чун масдар **рафтан** тарҷума шуда, якҷоя бо зарф вазифаи ҳоли замонро иҷро мекунад.

The blotches ran well down the sides of his face and his hands had the deep-creased scars **from handling** heavy fish on the cords [17, с. 6].

Доғҳо аз рухсора то ба гардан мерасиданд, дар кафи дастони пирамард пайи амиқи буриши ресмон менамуданд, ки бар асари кашидани моҳиҳои бузург пайдо шуда буданд [17, с. 7].

Дар ҷумлаи мазкур герундийи «handling» бо пешоянди «from» дар вазифаи ҳоли сабаб омадааст. Дар забони тоҷикӣ ҳамчун масдар «кашидани» тарҷума шудааст ва ҳамчун ҳоли сабаб амал мекунад.

On coming home I learned that somebody had called me up twice.

Баробари ба хона **омадан** ман фаҳмидам, ки касе ду маротиб ба ман занг задааст.

Герундий «coming» бо пешоянди «on» ба вазифаи ҳоли замон омадааст ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун масдари «омадан» ифода ёфта, ба вазифаи ҳоли замон ифода ёфтааст.

Герундий истифода бурда мешавад:

- бо феълҳои сода бе пешоянд: **admit, deny, prevent, finish, imagine, avoid**.
- бо феълҳои муайян бо пешоянд: **depend on, keep from, thank for, believe in, accuse of, dream of.**
- бо бисёр феълҳои фразеологӣ: **keep on, give up, put off.**
- бо ифодаи **to be + сифат: be sorry for, be used to, be good at, be ashamed of, be tired of.**
- пас аз феълҳои дарк ва ҳис: **love, like, hate, loathe, enjoy, prefer, dislike.**
- пас аз феълҳои **listen, hear, see, feel, watch**, агар амал ба охир нарасида бошад.
- дар як қатор ифодаҳо: **it's no good, there's no point in, in addition to**.

Герундий пас аз феълҳои **agree, expect, hope, seem, plan, turn out, manage, learn** ва ғ. истифода бурда мешавад.

Тарҷумаи герундий аз вазифаи он дар ҷумла вобастагӣ дорад ва вазифаи онро бештар аз рӯйи пешояндҳо муайян кардан мумкин аст. Байни истифодабарии герундий бо пешоянд ва бе пешояндро фарқ кардан лозим. Герундий бе пешоянд дар ҷумла метавонад ба вазифаи синтаксисии мубтадо, қисми номии хабари таркибии номӣ, пуркунандаи бевосита биёяд. Дар дигар вазифаҳо он бо пешоянд истифода бурда мешавад.

Хулоса, зимни таҳлил собит гардид, ки герундий дар забони англисӣ дар вазифаи мубтадо ҳамеша бе пешоянд ва дар вазифаи пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол бо пешоянд ва ё бе он истифода бурда мешавад.

Мушаххас гардид, ки азбаски дар забони тоҷикӣ ин шакли ғайритасрифии феъл муодил надорад, аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм, сифат, зарф, сифати феълӣ, масдар ва феъл ифода меёбад, ки таҳлили ҷумлаҳо далел ба ин шуда метавонад.

Муқарриз: ***Мамадназаров А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1960. – 425 с.
2. Блох, М.Я. Грамматика английского языка. Учеб. пособие / М.Я.Блох. –М.: Астрель, 2006. – С. 68-71.

3. Бонк, Н.А. Учебник английского языка / Н.А. Бонк, Н.А. Лукьянова, Л.Г. Памухина и др. – М.: Деконт – ГИС, 2003. – С. 467-475.
4. Васильев, А. Грамматика английского языка / А. Васильев. – М.: Издательство: Интернет-издание Год, 2014. – 308 с.
5. Камянова, Т. English Grammar. 2-ое изд / Т.Камянова. – М.: «Дом Славянской Книги», 2015. – 1023с.
6. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – М.: ЮНВЕС ЛИСТ, 1998. – С. 260-275.
7. Каушанская, В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер, О.Н. Кожевникова, Е.В. Прокофьева. – М.: Айрис-пресс, 2008. – 384 с.
8. Лукьянова, Н.А. Учебник английского языка. В 2-х частях. Часть 1 / Н.А. Лукьянова. – М.: ДеКонт –ГИС, 1997. – 234 с.
9. Михельсон, Т.Н. Практический курс английского языка / Т.Н. Михельсон, Н.В. Успенская // СПб: Специальная литература, 1995. – 255 с.
10. Резник, Р.В. Практическая грамматика английского языка / Р.В. Резник, Т.С. Сорокина, Т.А. Казарицкая – М.: Флинта; Наука, 1996–2002. – 688 с.
11. Сивергина, О.В. От азов к совершенству. Курс английского языка / О.В. Сивергина. – М.: Высшая школа, 2000. – С. 230 - 235.
12. Ярцева, В.Н. Исторический синтаксис английского языка / В.Н. Ярцева. – М: Астрель, 1998. – 308 с.
13. Браун Д. Код да Винчи / Д.Браун. – М.: Астрель, 2005. – С. 7-148.
14. Эрнест Ҳемингвей. Пирамард ва баҳр / Эрнест Ҳемингвей. –Душанбе, 2014. -167с.
15. Brown D. The Da Vinci Code / D. Brown [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://tikaboo.com/library/davincicode.pdf
16. Daniel Defoe. Robinson Crosoe. – M.: Prosveshcheniye, 1981. – 96p.
17. Hemingway Ernest. The Old Man and the Sea. –Душанбе, 2014. -167с.
18. Mark Twain. The Prince and the Pauper. –Душанбе, 2014. -93с.

ВАЗИФАИ ГЕРУНДИЙ ДАР ҶУМЛА ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаи вазифаи герундий дар ҷумла дар забони англисӣ ва ифодаи он дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Герундий шакли ғайритасрифии феъл буда дар забони тоҷикӣ муодил надорад ва мақсади мақола, инчунин баррасӣ кардани ифодаи герундий дар забони тоҷикӣ мебошад. Герундий дар забони англисӣ, ки анҷомаи –**ing** дорад, дар шакл ба сифати феълии I ва исми феълӣ монанд аст. Бо вуҷуди ин онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Бо таҳлили ҷумлаҳо мо собит сохтем, ки герундий дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, қисми номии хабари таркибии номӣ, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол омада метавонад. Дар вазифаи мубтадо, пуркунандаи бевосита ва қисми номии хабари таркибӣ герундий бе пешоянд ва дар вазифаи муайянкунанда ва ҳол бо пешоянд истифода бурда мешавад. Дар баробари андешаи олимони дигар оид ба вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ (Compound Verbal Predicate) омадани герундий, мо низ пас аз омӯзишу таҳлилҳо андешаи худро чунин баён мекунем: Герундий пас аз феълҳои гузаранда аз қабили: **to finish, to stop, to give up, to keep on, to continue, to start, to go on** пуркунанда қабул карда, пуркунандаи таркибӣ бо герундий (Objective Gerundial Construction) месозад, яъне герундий ба вазифаи қисми хабари таркибии феълӣ омада наметавонад. Пажуҳиши мазкур ошкор сохт, ки герундий дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм, масдар, сифати феълӣ ва феъл ифода ёфта метавонад, ки инро мо бо овардани мисолҳо ва тарҷумаи онҳо аз асарҳои бадеӣ собит сохтем. Ба хулосае омадем, ки тарҷума ва ифодаи герундий бештар ба он вобастагӣ дорад, ки он дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст.

Калидвожаҳо: герундий, шакли ғайритасрифӣ, ифода ёфтан, вазифаи герундий, масдар, сифати феълӣ, исм, ҷумла.

ФУНКЦИЯ ГЕРУНДИЯ В ПРЕДЛОЖЕНИИ И ЕГО ВЫРАЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная работа полностью раскрывает вопросы, связанные с функцией герундия в предложении в английском языке и его выражение в таджикском языке. Герундий – это неличная форма глагола, у которой нет аналога в таджикском языке и цель этой статьи также расскрыть его выражение в таджикском языке. Герундий в английском языке имеет окончания –**ing** похож по форме на причастие I и отглагольное существительное. Несмотря на это, они отличаются друг от друга. Анализируя преложения, мы доказали, что герундий может выступать в функции подлежащего, предикатива, дополнения, определения и обстоятельства. В функции подлежащего, прямого дополнения и предикатива герундий употребляется без предлога и в функции определения и обстоятельствя с предлогом. В соответствии с мнениями других ученых о функции герундия как части составного глагольного сказуемого (Compound Verbal Predicate), мы тоже выражаем свое мнение после изучения и анализа: герундия после переходных глаголов таких как: **to finish, to stop, to give up, to keep on, to continue, to start, to go on** принимает дополнения и образует Objective Gerundial Construction, т.е. герундий не может функционировать как часть составного глагольного сказуемого. Данное исследование выявило, что герундий может быть выражен существительным, инфинитивом, причастием I и глаголом в таджикском языке, что мы доказали, приведя примеры и переведя их из литературных произведений. Мы пришли к выводу, что перевод и выражение герундия в большей степени зависит от того, в функции какого члена предложения он выступает в предложении.

Ключевые слова: герундий, неличная форма, выражаться, функция герундия, инфинитив, причастие I, существительное, предложение.

THE FUNCTION OF GERUND IN THE SENTENCE AND ITS EXPRESSION IN TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to the functions of Gerund in the sentence in English language and its expression in Tajik. The Gerund – none-finite-form of the verb, which doesn't have its analogue in Tajik language and the aim of the article is to show its expression in Tajik language. The Gerund in English has the same form with the ending–**ing** with Participle I, and Verbal Noun. However, they differ from each other. Analylizing sentences, we proved that the Gerund can come in the functions of Subject, Predicative, Object, Attribute and Adverbial Modifier. The Gerund is used in the functions of Subject, Direct Object and Predicative without Preposition and with Preposition in the functions of Attribute and Adverbial Modifier. In addition to the opinion of other scientists about the function of Gerund as a part of a Compound Verbal Predicate, we express our opinion as well after learning and analyzing: After transitive verbs as: **to finish, to stop, to give up, to keep on, to continue, to start, to go on** Gerund contains Object and forms Objective Gerundial Construction, i.e. Gerund can't come as a part of a Compound Verbal Predicate. The studies displayed that the Gerund can be translated as the Noun, Infinitive, Participle and Verb in Tajik language and we proved it by giving examples and translating them from fiction books. We came to conclusion that the translation and expression of the Gerund, most of all depends on the function of the members of the sentence which Gerund comes in the sentence.

Keywords: Gerund, none-finite-form, express, function of Gerund, Infinitive, Participle I, Noun, sentence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Собирова Угулбӣ Садулоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калон, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sobirovaugulbi@gmail.com**.
Тел.: **(+992) 985-77-38-48**

Сведения об авторе: ***Собирова Угулби Садулоевна*** - Таджикский национальный университет, старщий преподаватель, кафедра английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sobirovaugulbi@gmail.com**. Тел.: **(+992) 985-77-38-48**

Information about the author: ***Sobirova Ugulbi Saduloevna*** **-** Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of English Language and Comparative Typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sobirovaugulbi@gmail.com**. Phone: **(+992) 985-77-38-48**

ТДУ: 491.550:42

ТАҲЛИЛИ КАЛИМАҲОИ ЭКСПРЕССИВӢ-БАҲОДИҲИИ МУСБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дадоҷонова И., Бобомуродова Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимаҳои экспрессивӣ-баҳодиҳии ҳар як забон ин фонди нисбатан устувори дорои аҳаммияти калон барои соҳибзабонон буда, як системаи воситаҳои маҷозӣ ва ифодакунандаи забонӣ мебошад, ки маънои инвариантӣ ё ин ки мустақил дорад. Калима ҳамчун ифодакунандаи маънои муайян дар қолаби овозии муайян воҳиди забонро ташкил медиҳад. Вай дар байни воҳидҳои дигари забон – фонема, морфема, ибора ва ҷумла воҳиди асосӣ ва муҳимтарин ба ҳисоб меравад ва инчунин дар қатори воҳидҳои номбурда бинои азими забонро ба вуҷуд меоварад. Маҷмуи маънои луғавӣ дар асоси ҷузъҳои эҳсосотӣ, услубӣ ва коннотативӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин маҷмуъ, муносибати гӯянда ба ҳақиқат, ба мундариҷаи ахбор, ба нишонӣ (адресат) ифода мешавад.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов чунин иброз медорад, ки «маъноҳои мафҳумии калимаҳо ба унсурҳои мухталифи эҳсосотӣ, обуранги субъективӣ ва тобишҳои услубӣ олудаанд. Бахусус, паҳлуҳои гуногуни олами ботинии инсон – эҳсосоти гуногун, майлҳои иродавӣ, тавсифу баҳодиҳиҳои ҳодисаҳои воқеӣ бисёр вақт дар шаклу тобишҳои маъноҳои мафҳумӣ зоҳир мегарданд. Дар маъноҳои мафҳумии калима, ҳамчунин, мавридҳои истеъмоли онҳо сабт мегардад. Вобаста ба он ки чунин маъноҳо дар кадом мавридҳо ба кор бурда мешаванд, ба оҳангу ҷилоҳои махсус соҳиб мегарданд, ки дар сабку услубҳои гуногун тавассути калимаҳои мухталиф ифода мегарданд» [6, с. 26].

Бояд қайд кард, ки воҳидҳои лексикии экспрессивӣ, эҳсосӣ-баҳодиҳӣ як қабати махсуси системаи забонанд. Дар чунин бахши забоншиносӣ, ба мисли услубшиносии матн, чор гурӯҳи калони калимаҳои экспрессивиро ҷудо намудан ба ҳукми анъана даромадааст. Инҳо калимаҳои пасванддор мебошанд, ки ба калимаи қаблан аз ҷиҳати услубӣ нейтралӣ ё бетараф маънои баҳодиҳӣ ё бо ибораи дигар баҳогузорӣ медиҳанд, нидоҳо, калимаҳои полисемантикӣ, ки дар маънои асосии худ бетарафанд, вале дар ин сурат ба таври маҷозӣ тобиши баҳодиҳиро мегиранд ва калимаҳое, ки умуман маънои равшани ҳиссиётии баҳодиҳиро доранд. Ин на танҳо баёни воқеият ва аломатҳои он аст, балки ифодаи муносибати субъективӣ нисбат ба ин воқеият, баҳо додан ба объекту вазъияти алоҳида мебошад.

Дар ҳар забон воҳидҳои луғавии бо ифодаи баҳои мусбат ва манфӣ ба шахс ва ё ашё мавҷуд ҳастанд, ки тобишҳои миллии онҳо дар худи амали муошират мушоҳида карда мешавад ва бо хусусиятҳои хосси муошират, муносибати онҳо ба ҳамдигар ва предмети нутқ муайян карда мешавад. Масалан: ***нағз, нек, олӣ, олиҷаноб, беҳтарин, ҷолиб, хуб, хуш, аҷиб, аҷоиб, беназир, бошукӯҳ, зебо, хушрӯй, гуворо, шоиста, форам, қаноатбахш, писандида, боодоб*** ва ғайраҳо, ки тарафҳои мусбати шахс ё ашёро ифода мекунанд. Ва баръакс, калимаҳои зерин тарафҳои манфии шахс ё ашёро ифода мекунанд: ***бад, зишт, нафратовар, бешармона, нохуб, ношоиста, нописандида, беадаб, бетарбия, ганда, нобоб, номақбул, манфӣ, ғайриқаноатбахш, нохуш, шум, ногувор, нофорам, носоз*** ва ғайраҳо.

Забоншиноси рус Г.В. Токарев дар андешае аст, ки бамаврид истифода бурдани маъноҳои калимаҳо аз ҷиҳати услубӣ дар ду ҳолат мушоҳида мешавад: аввалан, воҳиди таҳлилшавандаро аз рӯйи услуби муайяншуда баррасӣ мекунанд ва сониян, тобишҳо ва ҷилоҳои обуранги услубӣ ва эҳсосии калимаро ифода мекунанд [8, с. 31]. Ин хусусиятҳои хосси калимаҳо дар услуби бадеӣ бештар инъикос меёбад.

Дар илми забоншиносии тоҷик мувофиқи таҳлилҳои гузаронидаи олимони забоншинос, то ҳол вижагихои хосси калимаҳо ба тариқи равшану пурра омӯхта нашудаанд. Ин нуктаро профессор Ҳ. Маҷидов алоҳида қайд намуда, менависад: «Дар адабиёти илмии ба мавзуъҳои калима ва лексикология бахшидашудаи забоншиносии тоҷик табиати забонии калимаи тоҷикӣ муайян карда нашуда, он ҳар бор ҳамчун факти муқарраркардашудаи забон мавриди муҳокима қарор дода мешавад» [6, с. 15]. Фикр мекунем, ки воҳидҳои лексикии экспрессивӣ ё эҳсосӣ-

баҳодиҳӣ ба қатори чунин гурӯҳи воҳидҳои забонӣ шомиланд, ки муҳаққиқон ва омӯзишу баррасии худро интизоранд.

Дар ин мақола таҳлили роҳҳои ифодаи калимаҳо ва ибораҳои экспрессивӣ-баҳодиҳии мусбат дар асоси асари Шарлотта Бронте «Ҷейн Эйр» ва тарҷумаи онҳо ба тоҷикӣ ва англисӣ ба назар гирифта шудааст. Асаре, ки муҳтавои воло ва бо забону услуби оммафаҳм баён шуда бошад, писанди мардум мегардад ва ному маҳбубияти адибро ҷовидон нигоҳ медорад ва бо боварии комил гуфта метавонем, ки асари «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте ба гурӯҳи чунин асарҳо шомил аст. Тарҷумаи ин асарро соли 2010 аз забони русӣ тарҷумон Салими Зарафшонфар омода намудааст, ки ба доираи васеи хонандагони тоҷик туҳфаи хубе аст.

Лексика дар нутқи инсон вазифаҳои муайянеро иҷро мекунад, ки ба иҷрои яке аз вазифаҳои асосӣ – вазифаи таъсиррасонӣ нигаронида шудааст. И.А. Иванчук вазифаҳои зерини воҳидҳои лексикии забонро муайян мекунад: вазифаи ифодакунандаи экспрессия, вазифаи танзими муошират, вазифаи услубӣ, вазифаи баҳодиҳӣ, вазифаи мувофиққунонии нутқ [2, с.151-159]. Бояд зикр кард, ки калимасозӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ғанӣ гардидани фонди луғавии забон, яке аз роҳҳои арзи вуҷуд намудани вожаҳо мебошад, аммо омӯзиши таркиб, маъно ва мавқеи истифодабарии калимаҳо бо ифодаи ҳолат, вазъият, шакл, ранг, эҳсосоти гуногуни мусбат ва манфӣ, ба монанди шодиву нишот, ғаму андуҳ, ҳайрат, тааҷҷуб, яъне дар шакли экспрессивӣ ва баҳодиҳӣ низ метавонад дар бою ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон саҳми муайяни худро дошта бошад.

Мафҳуми экспрессия аз нуқтаи назари тафсири забонӣ яке аз мафҳумҳои баҳсбарангез, гуногунҷабҳа, хеле пурпечутоб аст, ки таърифи дақиқ ва мувофиқи илмӣ надорад. Калимаи «экспрессия», аз забони лотинии «expressio» гирифта шуда маъноияш «ифода», «ифоданокӣ», «мақсаднок, барои интишор, баён кардани эҳсосот, баҳодиҳӣ, хусусиятҳои дарки шахс хизмат мекунад» ва ҳолати дарунӣ, ҳолати руҳӣ, рафтори шахсро равшан инъикос менамояд, яъне «ифодаи хуб, равшан баён кардан, расонидани чизе», «махсус қайдкардашуда» мебошад [5, с. 27 -38].

Калимаҳои экспрессивӣ ё эҳсосӣ-баҳодиҳӣ метавонад ба ду категорияи калон тақсим карда шавад:

1) калимаҳои дорои хусусияти мусбат;

2) калимаҳои дорои хусусияти манфӣ.

Ба категорияи якум калимаҳои услуби баланд, навозиш, қисман шӯхӣ дохил мешаванд; дар гурӯҳи дуюм - вожаҳои киноя, нописандӣ, таҳқиромез, дағал шомиланд. Дар гурӯҳи калимаҳое, ки маънои мусбати баҳодиҳӣ доранд, калимаҳои ифодакунандаи қобилият, далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, оромиш, сулҳу муттаҳидӣ ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Мисол:

Ман аз ширкат дар ин гурӯҳи хонаводагӣ барканор будам; тавре бароям хонум Рид изҳор намуд, ӯ хеле афсӯс мехӯрад, аммо маро аз бачагони боқимонда ҷудо кардан зарур аст, лоақал то даме Бесси ба ӯ хабар нарасонад ва худи ӯ бо чашмонаш набинад, кн ман воқеан ҳам тамоми кӯшишамро баҳри духтараки ***хушмуомилатар*** ва ***меҳрубонтар***, ***улфатпазиртар*** ва ***ҳалимтар*** шудан ба харҷ медиҳам, то даме ӯ дар симои ман кадом як чизи ***равшантар***, ***накутар*** ва ***покизатарро*** эҳсос накунад; то он замон ӯ маҷбур аст маро аз ҳама ***шодиву нишоте***, ки барои бачаякони ***эҳтиромгузору фурӯтан*** таъин гаштаанд, маҳрум созад [18, с. 5].

Me, she had dispensed from joining the group; saying, ‘She regretted to be under the necessity of keeping me at a distance; but that until she heard from Bessie, and could discover by her own observation, that I was endeavouring in good earnest to acquire a more ***sociable*** and ***childlike disposition***, a more ***attractive*** and ***sprightly*** manner - something ***lighter***, ***franker***, ***more natural***, as it were - she really must exclude me from ***privileges*** intended only for ***contented***, ***happy***, little children’ [18, с. 6].

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои ***хушмуомилатар***, ***меҳрубонтар***, ***улфатпазиртар***, ***ҳалимтар***, ***равшантар***, ***накутар***, ***покизатар, шодиву нишот***, ***эҳтиромгузору фурӯтан*** дар забони тоҷикӣ ва дар забони англисӣ: ***sociable, childlike disposition, a more attractive and sprightly manner, lighter, franker, more natural, privileges, contented, happy*** ҳамчун калимаҳои маъноҳои экспрессивӣ ё эҳсосӣ-баҳодиҳидошта метавонад хусусиятҳои мусбати қаҳрамони асарро инъикос кунад ва ба қобилияти шахси мавсуф – персонажи асари бадеӣ далолат намояд. ***Хушмуомилатар, меҳрубонтар***, ***улфатпазиртар***, ***ҳалимтар***, ***равшантар***, ***накутар***, ***покизатар*** сифат буда, дар

дараҷаи қиёсии он ҳастанд ва ***эҳтиромгузору фурӯтан*** низ сифат мебошад, ки интиқоли тобиши маъноии навозишӣ дошта, ин гуна ҳолатҳо руҳияи мусбии асари аслиро ба пуррагӣ инъикос карда метавонад.

Ба мо маълум аст, ки калимаҳо маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ доранд. Маънои луғавии калимаҳо бошад дар фарҳангҳо шарҳу эзоҳ дода мешавад, аммо маънои грамматикӣ нисбат ба маънои луғавӣ абстракт ва мураккаб буда, дар дастурҳо маънидод карда мешавад [4, с. 15].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ сифатҳои ***хушмуомилатар, меҳрубонтар, улфатпазиртар, ҳалимтар, равшантар, накутар, покизатар*** ва ***эҳтиромгузору фурӯтанӣ*** дар ҷумлаҳо истифода гардида, чунин шарҳу эзоҳ дода шудаанд:

ХУШМУОМИЛА - хушрафтор, хушхулқ, боодоб, тарбиятдида, хушрафторӣ; **ХУШМУОМИЛАГӢ** - некухислатӣ, меҳрубонӣ [15, с. 408].

МЕҲРУБОН – бо меҳру муҳаббат, пурмуҳаббат, навозишкор, мушфиқ, дӯстдор: ёри меҳрубон ёри азиз; модари меҳрубон, фарзанди меҳрубон; меҳрубон будан мушфиқ будан, ғамхор будан; хушрафтор будан бо касе; меҳрубон шудан (ё гаштан); а) дӯстдор гаштан; ошиқ шудан; б) мушфиқу ғамхор гаштан; лутф кардан [16, с. 795].

УЛФАТПАЗИР - унсгиранда, улфатшаванда; одамдӯст, ба одам часпон [16, с. 367].

ҲАЛИМ - а. одами нармдил, хушхулқ [16, с. 483].

РАВШАН - 1. ҷое, ки ба он нур тобидааст, мунаввар, тобон, дурахшон. 2. фурӯзон, афрӯхта; чароғи равшан. 3. возеҳ, ошкор. 4. соф, шаффоф, беғубор; равшан будан; а) тобон (мунаввар, фурӯзон) будан; б) возеҳ (ошкору ҳувайдо) будан; равшан кардан; а) мунаввар сохтан, даргирондан (мас., чароғро); б) аниқ кардан, возеҳ баён кардан; равшан шудан мунаввар гардидан, рахшидан, тобон гардидан; равшан шудани рӯз, дамидани субҳ, фаро расидани рӯшноӣ; ◊ равшан шудани чашм - зоидан, бача таваллуд кардан; чашматон равшан! - дар мавриди табрик ба муносибати рӯй додани хурсандие, аз ҷумла омадани азизи касе аз сафар гуфта мешавад [15, с. 141].

НАКУ - хуб, нағз, нек: кори наку, рӯзи наку, феъли наку; соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост (зарб.) [15, с. 889].

ПОКИЗА - 1. пок, озода, тоза, соф: ҳавои покиза. 2. беайб, бенуқсон, бегуноҳ. 3. ҳалолкор; софдил. 4. дуруст, равшан; ба хубӣ; ҳаматарафа. 5. тамоман, батамом; то охир; покиза гап задан, бе хато гап задан, озод сухан рондан; покиза доштан, тоза нигоҳ доштан; эҳтиёт кардан [16, с. 111].

ЭҲТИРОМГУЗОР - соҳиби иззату эҳтиром [16, с. 673].

ФУРӮТАН - *мақ.* хоксор, шикастанафс, бетакаббур, тавозуъкор [16, с. 412].

Маънои *"**шодиву нишот**"* - *«**хурсанд шудан**»* бо дараҷаи хурсандӣ ва шодмонӣ боз бо фразеологизмҳо низ ифода мегардад: ***курта-курта гӯшт*** гирифтан ба маънои «ниҳоят хурсанд, фараҳманд шудан»; ***аз хурсандӣ дар пӯст (курта, ҷома) нагунҷидан –*** «ниҳоят хурсанд, хушҳол, шод, фараҳманд гаштан», ***сари касе ба осмон расид*** - «ниҳоят шод, хурсанд мамнун шудан», ***чеҳраи касе аз хурсандӣ гул кард (шукуфт, дурахшид)*** - «шодон, хурсанд шудан», ***табли шодӣ навохтан*** – «шодию хурсандӣ кардан». Ин фразеологизмҳое, ки хусусияти маъноҳои экспрессивӣ-баҳодиҳии мусбӣ доранд, дар асарҳои нависандагон ва дар нутқи гуфтугӯйӣ низ хеле серистеъмол ҳастанд.

Баҳодиҳӣ хусусияти воҳидҳои забонӣ барои ифодаи хосиятҳои нисбатан устувори маъноҳои мусбат ё манфии шахс, инчунин муносибат, фикру ақида, андешаҳо оид ба тарафҳои мусбат ё манфии ашё, падида ва ё равандҳо мебошад. Маъноҳои баҳодиҳӣ метавонанд дар маънои луғавии калима, бо падидаҳои гуногуни воқеият бо роҳҳои гуногун ифода карда шаванд.

Вале ҳоло ки китоби **писандидаи** худро рӯйи даст доштаму саҳифа пайи саҳифа гардонда, дар тасвирҳои **шигифтангезаш ҷаззобиятеро**, ки пештар ҳамеша меёфтам, ҷустуҷӯ мекардам, — ҳама чиз бароям тираву тарсонанда метофт [18, с. 19].

Yet, when this **cherished** volume was now placed in my hand - when I turned over its leaves, and sought in its **marvellous** pictures the **charm** I had, till now, never failed to find - all was eerie and dreary … [19, с. 29].

Дар ин ҷумла эҳсоси хубиву хуширо ҳам нависанда ва ҳам тарҷумон маҳз тавассути сифатҳои ***писандида - cherished, шигифтангез - marvellous, ҷаззобият - charm*** дар либоси бадеӣ ва образнок хеле моҳирона тасвир намудааст, ки касро ба олами зебоӣ ҳидоят менамояд ва он аз

истеъдоди баланди онҳо дарак медиҳад. Ҳарчанд калимаи ***писандида*** якчанд муродифоти худро ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дорад ва онҳо ҳам маъноҳои мусбати баҳодиҳиро ифода мекунанд, вале нависанда барои диққатҷалбкунанда намудани тасвири бадеӣ ва бо услуби баланд нишон додани предмети тасвир ин калимаро корбаст намудааст.

ПИСАНД - дилхоҳ, дилчасп, мақбул, хушоянд; писанди назар, маъқул, хушоянд; **писанд будан** - мавриди назар ва эътибор будан; ***писанд гаштан (омадан, шудан)*** - маъқул шудан, мақбул омадан; ***писанд кардан ба касе*** - маъқул кунонидан ба касе, қабул кунонидан чизеро ба касе; **писанд накардан** - ба эътибор нагирифтан, аҳаммият надодан (касеро, чизеро). **ПИСАНДИДА** 1. сифати феълии замони гузашта аз писандидан; 2. мақбул, маъқулшуда, хушкарда: кори писандида; 3. баргузида, писанд шуда: писандидаи мардум [16, с. 102].

Чуноне ки аз шарҳу эзоҳи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мебинем, калимаи ***писанд*** ва ***писандида*** дорои чанд муродиф ҳастанд, вале ҳамаи онҳо дар як услуб истифода намешаванд. Дар ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки муродифи дилхоҳи калимаҳо бо тобишҳои маъно обуранги услубӣ, эҳсосӣ ва дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳангоми корбурд дар маънои услубӣ бояд тафовут дошта бошанд, то ки обуранги услубияшон муайян шавад. Масалан, калимаҳои ***дилхоҳ, дилчасп, маъқул, хушкарда*** дар нутқи гуфтугӯӣ ва ҳам дар асарҳои нависандагону шоирон сериствъмол мебошанд, вале калимаҳои ***мақбул, хушоянд*** бошанд фақат дар матнҳои услуби баланд истифода мегарданд.

Дар Фарҳанги англисӣ-русии Мюллер калимаи ***cherish*** ҳамчун феъл бо чунин маъниҳо оварда шудааст: ***v*** *1. лелеять (надежду, мысль); 2. хранить (в памяти); 3. заботливо выращивать (растения); 4. нежно любить (детей)*, яъне *1) умед бастан, дар дил умеду орзу парваридан; 2) дар хотир нигоҳ доштан; 3) боэҳтиёт парвариш кардан (ниҳол); 4) меҳрубонона дӯст доштан (кӯдакон)* ва бо чунин синонимҳо ё худ муродифҳо дода шудааст: ***comfort, foster, nourish, nurse, shelter, tender, treasure*** [11, с. 160]. Калимаи ***comfort*** - *осоиш, роҳат, осудагӣ, қулай* [11, с. 182]; **foster** - *v 1) тарбият/ парвариш кардан, парвариш кардан; навозиш кардан; 2) тарвиҷ кардан, ҳавасманд кардан, ривоҷ додан; 3) - хонд, ризоӣ* [10, с. 345]; ***nourish*** - *v хӯрондан, хӯрок додан, қувват додан, ғизо додан, парвариш кардан* [10, с. 556]; ***nurse*** - *n 1) доя, парастор, 2) ҳамшираи шафқат; 2. v 1) шир додан (аз пистони худ), макондан, 2) парасторӣ кардан, доягарӣ кардан, нигоҳдорӣ кардан, 3) бача баровардан, парвариш додан, парвардан (дар домони худ)* ***shelter*** – *n 1) паноҳгоҳ, гурехтгоҳ, сарпаноҳ, ҷонпаноҳ, муҳофизат, ҳифозат, ҳимоя, маскани муваққатӣ додан, 2) паноҳ, гурез, ҷонпаноҳи табиӣ; рӯпӯш; 2. v 1) муҳофизат кардан, ҳифз кардан, амн доштан, масъун доштан, 2) ҳимоят кардан, паноҳ додан, зери боли худ гирифтан, 3) паноҳ бурдан, паноҳ ҷустан;* ***tender*** - *a 1) нозук, ҳассос, латиф, мулоим, зариф, дақиқ, дилсӯз; 2) меҳромез, пурмеҳр, муҳаббатомез* [10, с. 830]; ***treasure*** - *n 1) ганҷ, ганҷина, хазина, гавҳархона; 2) чизи гаронбаҳо* [10, с. 859]. Мо ҳангоми муқоисаи калимаи ***cherish*** мушоҳида намудем, ки ҳам дар Фарҳанги англисӣ-русии Мюллер ва ҳам дар Фарҳанги англисӣ-тоҷикии А.Мамадназаров ин муродифҳои калимаи ***cherish*** айнан дар чунин маъноҳо оварда шудаанд. Ҳамаи ин муродифоти калимаи ***cherish*** мебошанд ва барои ифодаи баҳодиҳии мусбат ба касе ё ки чизе истифода бурда мешаванд.

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар чунин мавридҳо таносуби маъноӣ, маҷоз ва матн мавқеи муҳим дорад, зеро бидуни онҳо маънои экспрессивӣ ё эҳсосӣ-баҳодиҳидошта саҳеҳ ва пурра инъикос намеёбад ва ифодаи чунин муносибатҳои субъективона ва тобишҳои маъноии муродифот аҳаммияти калони услубӣ дорад.

Дар забоншиносии муосир барои таҳқиқи вожаҳои ифодакунандаи шигифт, ҳайрат, тааҷҷуб ва ҳиссиёт, зарур аст, ки мавқеи ибтидоии мафҳум ё калимаро таҳлил намуд [9, с. 9].

Калимаи ***шигифтангез – marvellous*** низ дар ҷумлаи дар боло овардашуда барои ифодаи баҳодиҳии мусбӣ ва ҳолатҳои ҳайрат, тааҷҷуб ва ҳиссиёти хушҳоливу шодӣ хеле бамаврид истифода шуда, хонандаро ба олами тахайюлот ворид месозад. Вожаи ***шигифтангез*** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар таркиби калимаҳои ифодакунандаи эҳсос ҷойгоҳи махсусро доро мебошад. Тавре ки дар боло қайд кардем, эҳсосот ифодагари ҳам ҳолатҳои мусбат ва ҳам ҳолатҳои манфӣ мебошанд, бинобар ин, луғати ифодакунандаи шигифту ҳайрат низ метавонад калимаҳои бо хусусияти мусбат ва манфӣ ифодашударо дар бар гирад. Аммо ба ақидаи бархе аз забоншиносон вожаҳои ифодакунандаи шигуфту ҳайрат чун луғат ба лексикаи мусбату манфӣ шомил намешаванд, зеро ки онҳо табиати духӯра доранд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи ***шигифтангез***-ро пайдо накардем, вале калимаи ***шигифтӣ*** чунин тафсир ёфтааст: **ШИГИФТӢ** - 1. ҳайратангез, мавриди таваҷҷуҳ қароргирифта. 2. аҷобат, аҷоибӣ, ғалатӣ будан [16, с. 638].

Профессор, равоншиноси амрикоӣ К.Е. Изард мақоми тааҷҷубро бо истинод ба андешаҳои як зумра олимон, дорои хусусиятҳои вижа арзёбӣ менамояд: “Ҳайрат баъзе нишонаҳои эҳсосро дорад, вале бо маънои томаш ҳиссиёт буда наметавонад. Дар қиёс бо дигар ҳиссиёт, ҳайрат-ҳамеша як ҳолати даргузар аст”. Ва ҳатто: “ Шигифт ба маънои шодӣ ё ғам эҳсосот буда наметавонад. Он (ҳайрат) хусусиятҳои дигар эҳсосотро ифода карда наметавонад, вале баъзе вазифаҳои хеле муфидро иҷро мекунад” [3, с. 85].

Дар Фарҳанги англисӣ-тоҷикии А.Мамадназаров ***marvellous***, *амер*. ***marvelous*** - а ҳайратовар, ҳайратангез, аҷиб, шигифтангез, шигифтовар тафсир карда шудааст, ки маънои он ба маънои тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад [10, с. 510].

Бино бар тафсири Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи ***ҷаззобият – charm*** ба таври зерин шарҳ дода шудааст: **ҶАЗЗОБИЯТ** он кӣ ва он чӣ хусусияти ба худ ҷалб карданро дорад [16, с. 577]. Ин калима ҳам барои ифодаи хусусияти мусбати касе ё чизе корбаст мешавад.

Мисоли дигар:

Ман пештар ҳам ин таронаро бисёр мешунидам ва он ҳамеша баҳрам **лаззати ҷонфизо** мебахшид; Бесси овози хеле **марғуб** дошт, ё, ҳадди ақал, ба назари ман чунин метофт [18, с. 19].

I had often heard the song before, and always with **lively delight**; for Bessie had a **sweet** voice, - at least, I thought so [19, с. 29].

Дар ҷумлаи овардашуда ***лаззат – lively, ҷонфизо – delight, марғуб - sweet*** маъноҳои баҳодиҳии мусбатро ифода карда, тавассути онҳо хонанда низ ба персонажҳои асари нависанда хубтар ошно мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ, маҷмуи маъноии вожаҳои ифодагари экспрессивӣ-баҳодиҳӣ аз чунин ҷузъҳои зерин ташкил ёфтаанд: таснифоти дараҷаи олӣ (таъсир, ҳолат, зуҳури берунии ҳолат, ташаккули ҳолат, сабабҳои ҳолат), маҳфуми луғавӣ, маънои дифференциалӣ-эмотсионалӣ, маҷмӯи дифференсиалӣ ва маъноии ин гурӯҳи вожаҳо, ки ҳар яке дар мавқеи худ дорои якчанд имконот мебошанд [7, с. 44].

Таркиби дифференсиалӣ-эҳсосотии калимаҳои ифодакунандаи экспрессивӣ-баҳодиҳӣ маъмулан мафҳуми луғавии онҳоро аз ҷанбаҳои мухталиф дақиқ менамояд: ҷанбаи сабаб, тарз, ҳолат ва муайянсозӣ. Бояд гуфт, ки дар забони тоҷикӣ таркиби дифференсиалӣ-эҳсосотии вожаҳои ифодагари экспрессивӣ-баҳодиҳӣ серистеъмоланд, зеро қисми бештари таркиби маъноии вожаҳоро муайян месозанд. Худи ҳайрат, тааҷҷуб, қобилият, далерӣ, ҷасорат, самимият, худдорӣ, оромиш, сулҳу муттаҳидӣ дар забони тоҷикӣ сабаби ба вуҷуд омадани ин ё он ҳолат мегардад.

Ҳиссаҳои нутқ ба матни муайян ниёз доранд, то дараҷаи ҳиссиёт ва баҳодиҳии онҳо ифода ёбад. Агар ин сухан ба нутқи хаттӣ дахл дошта бошад, пас маҳз дар матнҳои адабиёти бадеӣ теъдоди зиёди калимаҳои дорои арзишҳои сифатӣ ва баҳодиҳиро ёфтан мумкин аст. Асари бадеӣ, ки дар муҳити бадеӣ ва эстетикӣ арзи вуҷуд мекунад, бинобар ин, бо воситаҳои баҳодиҳӣ пурра фаро гирифта шудааст [1, с. 275].

Бояд тазаккур дод, ки дар забони тоҷикӣ тасвири эҳсосот бо феълҳои таркибӣ зиёдтар ба назар мерасанд: ***ҳайрон шудан, ҳайрон мондан, шах шудан, карахт шудан, нафасгир шудан,*** бо фразеологизмҳо низ ифода меёбанд: ***ҳайкал барин шах шудан, мисли тахта шах шуда мондан, карахт шудан, нафас ях гаштан*** ва ғ. Дар забони тоҷикӣ ин тарзи истифодаи вожаҳои ифодакунандаи эҳсосот хеле маъмул буда, дар забони англисӣ бошад, ҳолату эҳсосро бештар сифатҳо, масалан вожањои ифодакунандаи шигифт калимаҳои ***astonishing, surprising, mind-boggling, astounding*** ва ғайраҳо шуда метавонанд.

Тобишҳои маъноии нутқ услубҳои гуфтугӯӣ ва адабиро ба ҳам наздик мегардонанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо гуфтугӯи персонажҳои асар ё дилхоҳ диалоги дар асар буда шуда метавонад, ки дар он нидо истифода шуда бошад. Нидо - гурӯҳи калимаҳоест, ки маънои луғавӣ надоранд, ҳиссиёти ботиниву зоҳирӣ ва иродаи гӯяндаро ба нутқи ҳамсуҳбат ва предмету ҳодисаҳои олами воқеӣ ифода менамоянд. Бинобар ҳамин, дар ифодаи эҳсос ва сохтани калимаҳои экспрессивӣ-баҳодиҳӣ ва ҳаммаъно бо онҳо нидо истифода мешавад, зеро нидо ҳиссаи ёвари нутқ аст, ки ҳиссиёт ва ҳаяҷони гуногуни инсониро ба монанди шодӣ, ваҷд, хашму

ғазаб, қаҳру итоб, ҳайрат, тааҷҷуб, тарсу ваҳм, ҳарос, хавф, таҳдид, хатар, афсӯсу дареғ, сарзаниш, маломат, таън (а), тахмин, фарз, дарду алам, ранҷ, норизоӣ, нохушнудӣ, ҳасрат, андуҳ, истеҳзо, тамасхур, ҳаҷв ва дигар эҳсосоти экспрессивӣ-баҳодиҳиро ифода мекунад. Калимаҳои зиёде аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба нидо гузаштаанд ва ё ба вазифаи нидо истифода мешаванд: ***ку, мана, ана, не, на*** (аз ҳиссача), ***офарин, аҳсан, ҳайф, ҳайҳот, раҳмат, хайрият*** (аз исм), ***саломат бошед, хайр, муборак бошад, хуш омадед*** (аз феъл), ***ҳаргиз, асло (аз зарф), ки*** (аз пайвандак) ба ин ҳиссаи нутқ гузаштаанд. Таърифи нидо дар забони англисӣ чунин аст: нидоњо (***Interjectation***) - садоҳо, калимаҳо ва ибораҳои махсус мебошанд, ки барои ифодаи эҳсосот истифода мешаванд: ***хушнудӣ, хушҳолӣ, шодӣ, ваҷд, хашм, ҳайрат, тартибот, ғазаб (anger, surprise, order, rage***) ва ғ.

Нидоҳо вобаста ба тобишҳои маъноӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) нидоҳои ҳиссӣ: ***вах, бале, ох, оҳо, оре, хайр, албатта, наход, ҳм, офарин, аҷаб, кифоя, О, Худоё! лаббай, хайрият, хушо*** – ҳиссиёти мусбат ва ***афсӯс, дареғ (о), дардо (о), во, ох, ҳайф, ҳайҳот, туф (у)*** – ҳиссиёти манфиро мефаҳмонанд ва ғайраҳо;

б) нидоҳои амрӣ: ***э, эй, ҳой, аё, ало, ҳон, хомӯш, ором.***

Нидоҳои боло ҳама адабиянд ва дар осори нависандагону шоирон корбурд шудаанд. Дар забони мардум, яъне дар лаҳҷаҳои гуногуни тоҷикӣ имрӯз нидоҳои зиёди ҳиссӣ ва амрӣ ҳам дар шакли пурра ва ҳам дар гунаи ихтисор истифода мешаванд, ки қаблан дар адабиёти классикӣ ба кор намерафтанд [4, с. 256]

Мисолҳо:

- **Хайр**, ҳамааш гузашт? - пурсид ӯ, ба чеҳраам нигариста. - Таскин ёфтӣ охири кор? [18, с. 67].

‘Is it all over?’ she asked, looking down at my face. ‘Have you cried your grief away?’ [19, с. 113].

- **Хайр**, зайле ман мебинам, - гуфт ӯ, - кӯҳ барои ба назди Муҳаммад рафтан сарпечӣ мекунад! Аз ин сабаб шумо ҳамагӣ коре, ки кардан метавонед, мадад расонидан ба Муҳаммад аст, ки худи вай ба назди кӯҳ биравад [18, с. 112].

‘**I see**,’ he said, ‘the mountain will never be brought to Mahomet, so all you can do is to aid Mahomet to go to the mountain; I must beg of you to come here.’ [19, с. 193].

Хайр, ана, - гуфт ӯ; ин асно ман дидам, ки вай дигар аз шиддати дард лабҳои худро намегазад. - Қамчини маро бидиҳед, ҳо дар назди панҷара хобидааст [18, с. 112].

‘**Now**,’ said he, releasing his under lip from a hard bite, ‘just hand me my whip; it lies there under the hedge.’ [19, с. 193].

Дар ҷумлаҳои дар боло овардашуда дар забони тоҷикӣ калимаи “***хайр***” аз феъл гирифта шуда, ба вазифаи нидо омада, амали мусбиро ифода мекунад, зеро он барои таскин додан ва ором кардани касе ҳам дар забони гуфтугӯӣ ва ҳам дар забони адабӣ серистеъмол аст. Дар ҷумлаҳои забони англисӣ калимаи экспрессивӣ-баҳодиҳии мусбат – ***хайр*** на ҳама вақт дар матни асл дида мешавад ва дар баъзе ҳолатҳо он бо гунаҳои гуногун ба мушоҳида мерасад: *“**I see**”, **“Now”**,* лекин он маънои экспрессивӣ-баҳодиҳии мусбии ҷумларо нигоҳ медорад.

- Рост мегӯед, духтархонум Темпл?

- **Албатта**, -гуфт ӯ, бо як даст маро оғӯш кашида. - Акнун бигӯ, кист хонуме, ки вайро ҷаноби Броклҳерст валинеъмати ту номид? [18, с. 67].

‘Shall I, Miss Temple?’

‘**You will**,’ said she, passing her arm round me. ‘And now tell me who is the lady whom Mr. Brocklehurst called your benefactress?’ [19, с. 113].

- **Оҳ, албатта**! Ин хонавода ҳамеша соҳибэҳтиром буд. Аз қадимулайём ҳар чи ин ҷо мебинед, тамоми замине, ки бо нигоҳ фаро гирифтан имконпазир аст, ба Рочестерҳо тааллуқ дошт [18, с. 101].

‘**Oh, yes**; the family have always been respected here. Almost all the land in this neighbourhood, as far as you can see, has belonged to the Rochesters time out of mind.’ [19, с. 174].

Калимаи экспрессивӣ-баҳодиҳии мусбат “***албатта***” ва ибораи ***“Оҳ, албатта”*** низ нидо буда, барои ифодаи амали мусбӣ ва дастгирӣ намудани касе ё амале, барои ифодаи розигии шахс истифода мешавад. Дар забони асли матн он бо ибораҳои *“**You will**”, “**Oh, yes**”* ифода гардидааст,

ки онҳо ҳам ибораи ифодакунандаи ҳиссиёти мусбат буда, ба амале розӣ будани шахсро нишон медиҳад.

- **Оҳо**, ин басо зебост-ку, духтархонум Ҷен! Ҳатто муаллими наққошии мо беҳтар аз ин кашидан наметавонист, дар бораи хуҷаиндухтарҳо ҳоҷати гап нест, ин барои онҳо мисли осмони баланд дастнорас мебошад Забони фаронсавиро низ омӯхтед?

- **Ope**, Бесси, ман бо фаронсавӣ мехонам ва менависам [18, с. 88].

‘**Well**, that is beautiful, Miss Jane! It is as fine a picture as any Miss Reed’s drawing-master could paint, let alone the young ladies themselves, who could not come near it: and have you learnt French?’

‘**Yes**, Bessie, I can both read it and speak it.’ [19, с. 152].

- **Оҳо**, ӯ одами бенуқсонест. Рости гап, каме ғалатӣ. Ӯ мунтазам саёҳат мекунад ва бисёр чизҳоро дидааст. Яқин, ӯ шахсест оқил, валекин маро имкони бо ӯ зиёд суҳбат кардан фароҳам наомадааст [18, с. 101].

‘**Oh**! his character is unimpeachable, I suppose. He is rather peculiar, perhaps: he has travelled a great deal, and seen a great deal of the world, I should think. I dare say he is clever, but I never had much conversation with him.’ [19, с. 174].

- Асп дар роҳи Ҳэй афтидааст?

- **Ope**, ҳангоме ки ӯ аз баландӣ поён мешуд. Пойи асп дар пайроҳаи яхбаста мелағжад.

- **Ҳм**... Ли, лутфан барои ман шамъ биёред [18, с. 114].

‘Did the horse fall in Hay Lane?’

‘**Yes**, coming down-hill; it slipped on some ice.’

‘**Ah**! Bring me a candle will you Leah?’ [19, с. 196-197].

Калимаҳои *“**Оҳо**” – “**Well**”, “**Oh**”* ва *“**Ope**” – “**Yes**”* дар забони тоҷикӣ нидо буда, “**Оҳо**” ҳиссиёти экспрессивии ба чизе, амале, шахсе мафтун шудан ва *“**Ope**”* тасдиқи фикр ва розигиро мефаҳмонад, ки дар ҷумлаҳои дар боло овардашуда онро ҳис карда мешавад.

Ҳамин тариқ, баҳодиҳӣ дар ҳама сатҳҳои тавсифи воқеият сурат мегирад, ки барои тадқиқот аз ҳама ҷолибтарин сатҳи репрезентативӣ, яъне сатҳи ба худ хос мебошад, ки ифодаи рамзии ақидаи баёншуда ва ҷузъҳои баҳодиҳандаи дар он мавҷудбударо муайян мекунад. Пас, вижагиҳои воситаҳои ифодаи экспрессивият ё ифоданокӣ ва баҳодиҳиро фарҳанг ва тафаккури ҳар як халқи алоҳида муайян мекунад.

Муқарриз: ***Ҷӯраева З.Г.*** – н.и.ф., муаллими калон, ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Балли Ш. Французская стилистика / Ш. Балли. -М., Либроком, 2001. - 281 с.
2. Иванчук И. А. Функции разговорно-просторечной лексики в газетных жанрах очерка и репортажа / И. А.Иванчук // Журналист. Пресса. Аудитория. - Л.: Издательство «Грамота», 1986. -Вып. 3. - С. 151-159. www.gramota.net
3. Изард К.Е. Эмоции человека: [Пер. с англ.] / Кэррол Е. Изард; Под ред. Л. Я. Гозмана, М. С. Егоровой. - М: Изд-во МГУ, 1980. - 439 с.
4. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум / Б. Камолиддинов. -Душанбе, Маориф, 2018. - 256 с.
5. Левковская К.А. Теория слова, принципы ее построения и аспекты изучения лексического материала / К.А. Левковская. - М., 1962. – 240 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 241 с.
7. Рассказова Т.П. Лексика удивления в русском и английском языках: диссертация кандидата филологических наук: 10.02.20. / Т.П. Рассказова - Екатеринбург, 1998. – 179 с.
8. Токарёв, Г.В. Современный русский литературный язык. Лексикология: Учеб. пособие / Г. В. Токарев. – Тула: Изд-во Тул. гос. пед. ун-та им. Л. Н. Толстого, 2008. – 150 с.
9. Уфимцева А.А. Лексическое значение: Принцип семилогического описания лексики / А.А. Уфимцева / Отв. ред. Ю.С. Степанов; АН СССР, Ин-т языкознания. - М.: Наука, 1986. - 239.
10. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / А. Мамадназаров. – Душанбе, ЭР-граф, 2015. – 1015 с.
11. Мюллер В. К. Полный англо-русский русско-английский словарь. 300 000 слов и выражений. [Текст] / В.К. Мюллер. – М.: Эксмо, 2013. – 1328 с. – (Библиотека словарей Мюллера).
12. Таджикско-русский словарь. Институт персидско-таджикского словаря. [Текст]. – Душанбе, Пайванд, 2006. – 838 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: СЭ. 1969. – 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М.: СЭ. 1969. – 949 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
17. Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ. [Матн]. – Душанбе, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. – 785 с.

18. Бронте Ш. Ҷен Эйр. – Душанбе, ТҶБ Истиқлол, 2010. - 412 с.
19. Bronte Charlotte. Jane Eyre. - Genoa. Canterbury, Black Cat Publishing, 2001. – 792 p. (Planet PDF Newsletter http://www.planetpdf.com/.)

ТАҲЛИЛИ КАЛИМАҲОИ ЭКСПРЕССИВӢ-БАҲОДИҲИИ МУСБАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола воҳидҳои лексикии экспрессивӣ, эҳсосӣ-баҳодиҳӣ ҳамчун як қабати махсуси системаи забон таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Инҳо калимаҳои пасванддор мебошанд, ки ба калимаи қаблан аз ҷиҳати услубӣ нейтралӣ ё бетараф маънои баҳодиҳӣ ё бо ибораи дигар баҳогузорӣ медиҳанд. Нидоњо, калимаҳои полисемантикиро, ки дар маънои асосии худ бетарафанд, вале дар ин сурат ба таври маҷозӣ тобиши баҳодиҳӣ мегиранд ва калимаҳое, ки умуман маънои равшани ҳиссиётии баҳодиҳӣ доранд. Муаллифон иброз меоранд, ки дар ҳар забон воҳидҳои луғавӣ бо ифодаи баҳои мусбат ва манфӣ ба шахс ва ё ашё мавҷуд ҳастанд, ки тобишҳои миллии онҳо дар худи амали муошират мушоҳида карда мешавад ва бо хусусиятҳои хосси муошират, муносибати онҳо ба ҳамдигар ва предмети нутқ муайян карда мешавад. Инчунин қайд карда мешавад, ки дар илми забоншиносии тоҷик мувофиқи таҳлилҳои гузаронидаи олимони забоншинос то ҳол паҳлуҳои зиёди калимањо ба тариқи равшану пурра омӯхта нашудаанд. Тобишҳои маъноии нутқ услубҳои гуфтугӯӣ ва адабиро ба ҳам наздик мегардонанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо гуфтугӯи персонажҳои асар ё дилхоҳ диалоги дар асар буда шуда метавонад, ки дар он нидо истифода шуда бошад. Чунки нидо ҳиссаи ёвари нутқ аст, ки ҳиссиёт ва ҳаяҷони гуногуни инсониро ба монанди шодӣ, ваҷд, хашму ғазаб, қаҳру итоб, ҳайрат, тааҷҷуб, тарсу ваҳм, ҳарос, хавф, таҳдид, хатар, афсӯсу дареғ, сарзаниш, маломат, таън (а), тахмин, фарз, дарду алам, ранҷ, норизоӣ, нохушнудӣ, ҳасрат, андуҳ, истеҳзо, тамасхур, ҳачв ва дигар эҳсосоти экспрессивӣ-баҳодиҳиро ифода мекунад.

Калидвожаҳо: калимаҳо, экспрессивӣ-баҳодиҳӣ, ҳиссиёт, мусбат, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, услуб, асар, нидо.

АНАЛИЗ ЭКСПРЕССИВНО-ОЦЕНОЧНОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Экспрессивные, эмоционально-оценочные лексические единицы представляют собой особый слой языковой системы. В такой отрасли языкознания, как стилистика текста, принято выделять четыре большие группы экспрессивной лексики. Это слова с суффиксами, придающими ранее стилистически нейтральному слову значение оценки, междометия, многозначного слова, нейтральных в своем основном значении, но в данном случае имеющими переносное значение, приобретающее оттенок оценки, и слова, вообще имеющие четкий эмоциональный смысл оценки. В каждом языке есть лексические единицы, придающие положительное и отрицательное значение лицам или предметам, в которых национальные оттенки наблюдаются в самом акте общения и определяются спецификой общения, их отношением друг к другу и предмету общения. В таджикском языкознании, согласно анализу, проведенному лингвистами, многие аспекты слов не изучены детально и полностью. Смысловые оттенки слов в речи сближают разговорный и литературный стили. Наглядным примером этих слов может быть разговор или любой диалог героев в произведении, в котором используется междометие, ведь междометие является вспомогательной частью речи, передающей различные человеческие чувства и эмоции, такие как радость, восхищение, гнев, злость, удивление, страх, испуг, опасность, угрозу, сожаление, порицание, догадку, долг, боль, страдание, неудовлетворенность, неудовольствие, тоску, печаль, сарказм, насмешку, сатиру и др. Экспрессивно-оценочные эмоции представлены словами, выражающими радость и восторг, восхищение, имеют положительное оценочное значение.

Ключевые слова: слова, экспрессивно-оценочное, чувство, положительный, таджикский и английский языки, стиль, произведение, междометие.

ANALYSIS OF EXPRESSIVE-EVALUATIVE LEXICAL UNITS IN TAJIK AND ENGLISH

Expressive, emotional-evaluative lexical units represent a special layer of the language system. In such a branch of linguistics as text style, it is customary to distinguish four large groups of expressive vocabulary. These are words with suffixes that give a previously stylistically neutral word the meaning of evaluation, interjection, polysemantic words that are neutral in their main meaning, but in this case, a figurative meaning that acquires a shade of evaluation, and words that generally have a clear emotional meaning of evaluation. Each language has lexical units that give positive and negative meaning to persons or objects, whose national shades are observed in the very act of communication and are determined by the specifics of communication, their relationship to each other and the subject of communication. In Tajik linguistics, according to the analyzes carried out by linguists, many aspects of words have not been studied in detail and completely. The semantic shades of words in speech bring colloquial and literary styles together. A good example of these words can be a conversation or any dialogue of characters in a work that uses an interjection, because the interjection is an auxiliary part of speech that conveys various human feelings and emotions, such as joy, admiration, anger, anger, surprise, fear, fear, fear , danger, threat, regret, censure, conjecture, debt, pain, suffering, dissatisfaction, displeasure, longing, sadness, sarcasm, mockery, satire, etc. Expressive-evaluative emotions are represented by words expressing joy and delight, admiration, have a positive evaluative meaning.

Keywords: words, expressive-evaluative, feeling, positive, Tajik and English, style, work, interjection.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Дадоҷонова Иноят –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ, факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Бобомуродова Дилноза - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-ми ихтисоси англисӣ-тоҷикии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторах: ***Дададжанова Иноят*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра английского языка и сравнительной типологии, факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17
Бобомуродова Дилноза - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса специальность английский-таджикский, факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17

Information about the authors: ***Dadadzhanova Inoyat*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of English and Comparative Typology, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17
Bobomurodova Dilnoza - Tajik National University, 2nd year Master, English-Tajik specialty, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17

ТДУ: 491.550

ИСТИЛОҲОТИ РӮЗГОРДОРӢ ДАР РОМАНҲОИ «ВОСЕЪ» ВА «ФИРДАВСӢ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Алиева Д.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии муосир мавриди таҳлилу баррасии забоншиносӣ қарор додани истилоҳот дар осори ин ё он нависанда барои бой шудани таркиби луғавии забон таъсири мусбат мегузорад. Баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад.

Таркиби луғавии ҳама забонро дар баробари калимаҳои маъмули забони адабӣ, инчунин истилоҳот, яъне маҷмуи калимаву ибораҳое, ки мафҳумҳои дақиқро ифода мекунанд, ташкил медиҳанд. Аз назари илмӣ ба таври дақиқ муайян кардани мафҳумҳои калима ва истилоҳ, ки воҳидҳои муҳимми луғавии забон ба шумор мераванд, барои муайян кардани марҳилаҳои таърихии ташаккулу такомули ҳар кадом забон аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба калимаю истилоҳоти соҳаҳои гуногун таҳқиқотҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Ба ин мисол шуда метавонад асару мақолаҳои муҳаққиқон Шукуров М., Рустамов Ш., Маҷидов Ҳ., С. Назарзода, М. Ҳ. Султон ва дигарон. Аммо калимаю истилоҳоти рӯзгордорӣ то ҳол мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст.

Хушбахтона, дар забоншиносии муосир омӯзиши калимаю истилоҳоти осори адибони муосир аз тарафи забоншиносон бештар ба назар мерасад. Вале оид ба пажуҳиши истилоҳоти соҳавӣ дар осори нависанда, аз ҷумла С. Улуғзода корҳои таҳқиқотӣ дида намешавад.

Дар таҳқиқоти профессорон Назарзода С. ва М. Ҳ. Султон доир ба истилоҳот ва вижагиҳои он маълумоти муфассал оварда шудааст. Бинобар ин, мо доир ба вижагиҳои истилоҳот маълумот нахоҳем дод.

Ҳарчанд доир ба калимаю истилоҳоти рӯзгордорӣ таҳқиқоти лингвистӣ анҷом нашуда бошад ҳам, аммо аз китоби “Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ” доир ба истилоҳоти ин соҳа маълумот гирифтан мумкин аст.

Адабиётшинос Сироҷиддини Эмомалӣ дар хусуси романи “Фирдавсӣ” чунин гуфтааст: “С. Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Абулқосим Фирдавсиро ҳангоми заволи давлати Сомониён ба тасвир гирифта, ӯро сараввал дар муҳити хонаводагӣ манзури хонанда месозад. Фаромӯш набояд кард, ки Фирдавсӣ, пеш аз ҳама, падар ва сарвари хонадон аст. Аз ин ҷост, ки нависанда, аввалан, Фирдавсиро дар иҳотаи оила миёни дӯстону ҳамдеҳагони худ ва муҳите, ки шоирро фаро гирифтааст, ба қалам додааст. Комёбии С. Улуғзода маҳз дар он аст, ки Фирдавсӣ ҳамчун шахси масъулиятшинос дар назди зану фарзандонаш муаррифӣ мешавад» [14, с. 24].

Романи «Восеъ» ба қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ бахшида шудааст, ки ӯ бар зидди зулми бекҳои Балҷувон шӯриш бардошта буд. Муаллиф вазъияти он солҳоро тасвир карда, як қатор образҳои фаромӯшнашаванда, аз ҷумла Восеъ ва дӯсти ӯ Назирро меофарад. Восеъро сарбозони амир ба қатл расонданд, лекин номи ӯ чун тамоми муборизони роҳи озодӣ дар ёди халқ мондааст.

Мо дар мақолаи хеш вижагиҳои истилоҳоти рӯзгордориро дар асоси романҳои “Фирдавсӣ” ва “Восеъ”–и С. Улуғзода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳем дод. Худи вожаи “рӯзгор” дар фарҳангҳо чунин тафсир шудааст.

Рӯзгор: 1 замон, айём; рӯзгори ҷавонӣ, давраи ҷавонӣ. 2. гузариши зиндагонии ҳаррӯза, гузашти рӯзгор. **Рӯзгордорӣ** идора кардани таъминоти хонавода, кору бори ҳаррӯзаи оила [10, с.177].

1.Калимаю истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми истиқоматгоҳ

Дар романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ»–и С. Улуғзода калимаю истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми истиқоматгоҳ чунин истифода шудааст.

Восеъ ба лаби **айвон** нишаста, воқеаи қурут ва баъд воҳӯрии дирӯзаи худашро бо Ризо нақл карду гуфт... [6, с. 34]. Дар боғ танҳо хонаи **пешайвондоре**, ҳуҷракоргоҳи шоир воқеъ

ва пеши ҳуҷра гулзор буд, дар гулзор садбаргҳои рангоранг, гули тоҷихурӯс, райҳон, савсан, бунафша ва ғайра мерустанд [5, с. 5].

Калимаи **айвон** аз забони арабӣ ба забони мо ворид шудааст.

Айвон қисми пеши бинои истиқоматӣ, ки болояш пӯшидаю як, ду ва ҳатто се тарафаш кушода ё шишабанд аст. Ҳангоми сохтани хона айвонро тавре ҷой медиҳанд, ки рӯяш сӯйи боғ ё манзараи хуби табиӣ нигаронида шуда бошад. Агар хона дар наздикии кӯча бошад, рӯйи онро ба тарафи кӯча сохтан лозим нест.

Айвони хонаи хурди дар чорбоғ сохташуда ҳамчун даҳлез, ҷойи таомхӯрӣ ва истироҳатгоҳи барҳавои тобистона хизмат карда метавонад [15, с. 11].

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки вожаи айвон бештар дар деҳа ва ноҳияҳои дурдаст серистеъмол аст. Дар осори таҳқиқнамудаи мо калимаи **айвон** зиёд истеъмол шудааст.

Пиёдаи хӯрҷинбардор борашро дар **даҳлези** ҳуҷра гузошта берун рафт [1, с. 62].

Даҳлез, даромадгоҳ, мадхали хурде, ки аз он ба хонаи калон медароянд. Одатан, дар даҳлез обрез месозанд. Онро баъзан чун ошпазхона низ истифода мебаранд. Даҳлез дар баъзе мавридҳо хонаро бо айвон мепайвандад. Барои он ки ба хона равшанӣ ва ҳавои тоза дарояд, аксар ба даҳлез тирезаи калон, баъзан дари тобадондор шинонда мешавад. Даҳлез дар меъмори Осиёи Миёна, Кавказ ва Шарқ маълум аст [15, с. 25].

Сипас хонишро қатъ ва **ҳуҷраро** аз хонанда холӣ карду дароз кашида ғарқи андеша гардид [5, с. 209]. Худи Моҳак ба **ҳуҷраи** болохона баромада сари хонтахта нишасту ба навиштан машғул гардид [5, с. 236]. Султон баъд аз намози хуфтан дар қаср, дар **ҳуҷраи хосса**–истироҳатгоҳ ва хобгоҳи худ орамида, ба Ақилӣ хондани достони номбурдаро фармуд [5, с. 208]. (**ҳуҷраи хоб - А.Д**.). Хушнавис бегоҳии рӯзи дигар дар **ҳуҷраи Фирдавсӣ** ҳозир гашт [5, с. 139]. (ба маънои **кабинет-А.Д**.).

Калимаи ҳуҷра аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудааст. Дар забони тоҷикӣ ба ҷойи калимаи ҳуҷра бештар калимаи хона истифода мешавад. Аммо калимаи ҳуҷра ҳамчун истилоҳ истифода мешавад. Масалан, дар корхонаҳо ҳуҷра ба маънои ҷойи корӣ истифода мешавад. Дар романи "Фирдавсӣ" низ калимаи ҳуҷра ҳамчун ҷойи корӣ истифода шудааст.

Вай зинату таҷаммули зоҳириро нағз намедид, аз рӯйи одати худ дар **намад ё гилем** менишаст [6, с. 191]. Мансабдорон бо савлату салобат омада дар болои суфаи баланди таги чинор, ки ба рӯйи он пешакӣ **гилему** кӯрпачаҳо андохта шуда буд, нишастанд [6, с. 208]. – Пашм ресида метавонӣ? **Қолин** бофта метавонӣ? – боз донистанӣ шуд чакманисурхпӯш [6, с. 85].

Гилем, қолин, маснуоти бофандагии бадеист, ки одатан нақшу нигори гуногунранг дорад. Онро бештар барои гарм кардан, оро додан ва фурӯ нишондани садо ба фарши хона меандозанд, ё ба девол меовезанд. Гилемро бисёрқабата ва якқабата, патдор ва бепад мебофанд.

Дар осори таҳқиқнамудаи мо калимаҳои гилем, қолин, намад истифода шудааст. Дар романи «Восеъ» калимаи қолин истифода шудааст, аммо дар романи «Фирдавсӣ» ин калима истифода нашудааст. Шояд ин вобаста ба давру замон бошад. Яъне, романи "Фирдавсӣ" замонеро дар бар мегирад, ки дар он давра Фирдавсии бузург зиндагонӣ кардааст. Аммо романи "Восеъ" замонеро дар бар мегирад, ки дар забони мо калимаҳои туркӣ бештар истифода мешуданд. Бинобар ин дар романи "Фирдавсӣ" калимаи қолин истифода нашудааст.

Калимаи гилем дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин оварда шудааст: ГИЛЕМ– навъе аз палоси пашмин ё нимпашмин, ки ба фарши хона, кат, суфа ва ғ. густурда, бар рӯяш менишинанд, қолини бепат; қолин [9, с. 321].

Вожаи қолин аз забони туркӣ гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои – гилеми пашмини патдор: қолин бофтан, қолин густурдан, қолин паҳн кардан, қолин фарш кардан: ба тариқи истиора: қолини барф, қолини гулҳо, қолини нарми сабзаи навраста, аз сабза қолин бофтан [9, с. 689] истифода шудааст.

– Эй азиз, аз **матбахи** банда ҳамарӯза чиҳил кас рӯзӣ мехӯранд,–гуфт Моҳак,–магар,–ҳамтабхии ду се каси нав малоле дорад? [5, с. 155].

Матбах - дар хонаҳои замонавӣ аз рӯйи таъинот ва истифода якчанд вазифаро иҷро мекунад. Дар матбах ғайр аз хӯрокпазӣ, боз дигар корҳои рӯзгор, ба монанди дарзмолкунӣ, дарздӯзӣ ва корҳои майда чуйда низ иҷро карда мешаванд. Вобаста ба таъинот ва таҷҳизоту

истифода матбахҳои танҳо таомпазӣ ва матбахҳои ҳам таомпазию ҳам таомхӯрӣ мешаванд. Дар баъзе хонаҳои истиқоматӣ гӯшаҳои махсусро (тахмон барин ҷойро) ҳамчун матбах истифода мебаранд [15, с.47].

Дар романи «Фирдавсӣ» истилоҳи арабии **матбах** ба маънои ошхона истифода шудааст.

Чойхоначӣ, ки одатан оби дарёро ҳам ба касе бепул намедод, ҳозир дар болои **кат** дастархони ҳотамонае аз чою нони худ ороста, Восеъ ва ёрони ӯро меҳмондорӣ кард [6, с. 205]. Ҳушанг дар **кати** паҳлуи суфа хобида буд, панҷшанбе дар мадраса рӯзи таътил аст [5, с. 6].

Кат. (кати чӯбин). Катро дар ҷойи мусоиди ҳавлӣ мегузоранд. Он фаслҳои баҳор, тобистон ва рӯзҳои гарми тирамоҳ дар ҳавлӣ ҷойи истироҳату хӯрокхӯрӣ мебошад ва ҳатто вазифаи ҷойи хобро ичро мекунад [15, с. 34].

Ҳар пагоҳ бо тарсу ҳарос ба **оина** нигоҳ карда медид, ки гули рӯяш торафт пажмурда шуда, дар пешонӣ ва гирди чашмонаш оҷингҳо пайдо шуда истодаанд [6, с. 100].

Вожаи оина дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои – 1. шишаи пушташ сирдавонда, ки сурати чизҳоро дар худ акс мекунад, миръот. 2. гуфт. шиша. 3. гуфт. тиреза. 4. адш., маҷ. дил, қалб. 5. адш., маҷ. дили соф; ◊ оинаи гетинамой-асот. оинаи Искандарӣ, оинаи ҷаҳоннамо; оинаи ёд киноя аз хотира; оинаи нилгун телевизор; оинаи огоҳӣ киноя аз ақлу шуур; оинаи ховар киноя аз хуршед оварда мешавад [10, с. 23].

Дар девори дарунии он ба ҷойи дар **пардаи** сафеде овехта шуда буд [6, с. 126].

Парда. Барои тиреза, дар тоқу тахмон, инчунин барои ҷудо кардани як қисми ҳуҷра парда мекашанд. Вобаста ба таъиноти худ парда чанд хел мешавад: тӯрпарда, пардаи тиреза, чиғпардаи тиреза; пардаи ғафси дар, пардаи ба ду тараф кушодашаванда – барои ҷудо кардани як қисми ҳуҷра [15, с. 56].

Аз ҳавлиҳои ҳамсоягони дуру наздик дакодаку даранг–даранг ба ҳам хӯрдани **зарфҳои** мисину симин баланд гардид [5, с. 53].

Зарф. Зарфҳо филизӣ, сафолӣ, шишагӣ, пластмассӣ мешаванд [15, с. 31]. Истилоҳи зарф дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои – ЗАРФ 1. ҷогаҳ барои гузоштани чизҳои гуногун (аз қабили косаву табақ, шишаву ҷом, сатил ва ғ.); ованд, ҷогаҳ: зарфи тунукагӣ, зарфи сафолӣ, зарфи чинӣ. 2. грам. ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ, ки аломати амал ва ҳолатро аз рӯйи миқдору сифат, замон, макон, сабаб, мақсад, тарзи вуқуъ ва ғ. эзоҳ медиҳад [9, с. 513], истифода мешавад.

Сипас аз долони фарохи дар таҳи равоқҳои харобаи азими **кошинкорӣ** ва катибадори Оқсарои Темурӣ аз хишти пухта биноёфта гузаронидану ба ҳавлии андарун бурданд [6, с. 330].

Калимаи кошинкорӣ ё кошикорӣ аз кошӣ ва кор таркиб ёфтааст. Маънои калимаи кошӣ ин – хиштчаҳои тунуки рангоранги ба тариқи кулолӣ тайёркардашуда барои зинати рӯйи девори хонаҳо мебошад [9, с. 631].

Дар баробари даромадани онон **соатҳо** занги дувоздаҳро заданд. Немиси соатсоз, ки аз гардиши фалак боре ба Бухоро ғалтида монда буд, бо амри қушбегӣ **соати** ӯро тавре тоб дода созу рост карда монда буд, ки онҳо пайи ҳам занг мезаданд, занги яктояш тамом, ки шуд, дигараш сар мекард [5, с. 145].

Вожаи соат аз забони арабӣ гирифта шудааст. Ин калима дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои серистеъмол дохил мешавад.

Шаб даромада буд, дар болои дарвозаи баланди оҳанкӯб ду **фонуси** калон аз ду бар майдончаи пеши дарвозаро равшан ва ду посбони кулоҳҳои душоха бар сар ва бо найзаву тиркашҳои пур аз тир мусаллаҳшударо намудор кард [5, с. 197].

Вожаи фонус аз забони юнонӣ гирифта шудааст. Ин вожа дар забони тоҷикӣ бештар дар ноҳияҳои дурдаст истифода мешавад. Калимаи фонус дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин оварда шудааст: ФОНУС олате, ки аз филиз, шиша ва ғ. Сохта, ба дарунаш шамъ ё чароғ афрӯхта, дар ҷое меовезанд ё бо худ мебаранд [ниг. 15, с. 407].

Манзара гурезогурези бошитоберо аён месозад. Дар меҳмонхонаи калони ҳоким биринҷу сабзии резашуда пош–пош, **дег** бо зирбаки гарм дар сари оташдон мондааст [5, с.266].

Калимаи **дег** ба гурӯҳи калимаҳои серистеъмол дохил мешавад. Ин калима дар забони тоҷикӣ ба ғайр аз маънои рӯзгордорӣ дар таркиби зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ низ истифода мешавад.

2. **Калимаю истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми хӯрок**

Дар романҳои “Восеъ” ва “Фирдавсӣ”–и Сотим Улуғзода истилоҳоти зиёди соҳаи хӯрок истифода шудаанд.

Мусофирони тӯсӣ дар лаби ҷӯй ба истироҳат нишаста нону **ангур** тановул мекарданд (дуто нон ва ду хӯша **ангурро** яке аз деҳотиён, ки хонааш дар ҳамон ҷойи қароргирифтаи мусофирон буд, бар ҳасби одати мусофирнавозии мардуми мо барои онҳо оварда буд) [5, с. 236].

Дар луғат калимаи ангур ба маъноҳои зерин омадааст: АНГУР меваи ток, ки иборат аз хӯшаҳост ва навъҳои гуногун дорад: ангури бахтиёрӣ, ангури биҳиштӣ, ангури васарға, ангури кишмиш, ангури обакӣ, ангури соҳибӣ, ангури тагобӣ, ангури тоифӣ, ангури дорӣ, ангури соҳибӣ, ангури чиллагӣ, ангури шибирғонӣ, ангури ҳусайнӣ, ангури ҷавз; ангури фахрӣ; а) хасангур, ангури ёбоӣ [ниг. 9, с. 65].

Баъди ним соат шамъу кӯзачаи шаробро бо ду ҷоми нуқрагӣ ва **анору турунҷу биҳӣ** – ҳама дар лаълӣ ниҳодаву чанг дар бағал кадбону ҳозир гардид [5, с. 13]. Аз паси деворҳои боғот дар токзорон хӯшаҳои ангури тиллорангу обиранг ё сиёҳ, шохҳои пурбори **себ, биҳӣ, шафтолу**, **анору** анҷир намудор [5, с. 129]. Фурсати нӯшидани як чойник чой ҳам нагузашта буд, ки лашкари себу ток, **анор**, **нок, шафтолу, гелос** торумор карда шуд [6, с. 26]. Аз паси деворҳои боғот дар токзорон хӯшаҳои ангури тиллорангу обиранг ё сиёҳ, шохҳои пурбори себ, биҳӣ, шафтолу, анору **анҷир** намудор [5, с. 129]. **Себу анор, тут, олу, гелос, зардолу** ва шафтолуи сершираву хушмазаи Балҷувон, Ховалинг, Сарихосорро кӣ намедонад! [6, с. 9]. Ӯ як рӯз дар боғ қати Гулъизор **чормағз** чида буд, дуяшон чӣ шӯхие кардаанд, бадеҳа гуфтаанд [6, с.178]. Саҳни аксари онҳо чаманзор буд, ба вай дарахтони **хурмо**, нахлҳо соя меандохтанд, мардумон дар катчаҳо ё ки дар чаман ба соя нишаста таом мехӯрданд, қаҳва менӯшиданд, нардбозӣ мекарданд [5, с. 190].

Нони гандумии хушбӯй, шири гарм ва **асал** ҷоғи меҳмонро тафсонд [5, с. 17].

Ҳарчанд калимаи асал аз забони арабӣ гирифта шудааст, дар забони тоҷикӣ нисбат ба калимаи **ангубин** серистеъмол аст.

Восеъ дар сари роҳаш аз Ховалинг **биринҷ** ва гӯшту равған харида оварда буд, Аноргул палав пухт [6, с. 176].

БИРИНҶ – навъе аз ғалладонаҳои хӯрокӣ, ки дар кишварҳои гарми сернам мекоранд [9, с. 206].

Аз хӯришҳои бағдодиён Фирдавсӣ аз ҳар чи бештар газ ва масқуфро, ки дар ошхонаҳо мепухтанд, хуш кард, – газ як навъ кабоби ироқӣ буд, аз гӯшти барра ба таври махсус бо доруворе, ки фақат ба худи пазанда маълум буд, тайёр карда ва бо **пиёз, сир**, **бодиринг**, **шалғаму қаланфури** ширини дар сирко хобондашуда хӯрда мешуд: масқуфро аз моҳии зинда, ки худи муштарӣ дар ҳавзчаи назди ошхона хоста мегирифт, ҳамчунин ба тарзи махсус тайёр мекарданд [5, с. 91].

Чӣ ҷойи узр гуфтан аст, устод, мо худ ғами моидаамонро хӯрда омадаем, – гуфт Абӯбакри Исмоил ва хӯрҷинашро пеш кашиду аз он чаҳорто нон, ҳалво, мавиз як тика **гӯшти** яхнӣ бароварда ба рӯйи сандалӣ гузошт [6, с. 254].

Вақте ки ба набарди Рустам бо Сухроб расидам, – шӯхиёна хандида гуфт Абӯдулаф,– хонсолор хӯриш овард, хоҷаи босаховат бандаро ба музди ровигиам бо **кабоби кабку** шароби ноб зиёфат карданд [5, с. 60].

Кабоб, таомест, ки аз гӯшт, ҷигар, гурда, думба,чарбу ва дигар масолеҳ дар танӯр, дег ва кӯра пазанд. Вобаста ба масолеҳ ва тарзи тайёр кардан кабобҳо ҳар хел мешаванд: кабоби дегӣ, кабоби танурӣ, гурдакабоб, ҷигаркабоб, помидоркабоб, барракабоб, кабоби чӯпонӣ ва ғайра [15, с. 127].

Дастархон андохта шуд, як ним соат ба гуфтугӯ, хӯриши нону меваю нӯши **шарбат** гузашт, пасон мизбон ва меҳмонон аз ровии ҷавон хондани қиссаро хоҳиш карданд [5, с. 58].

Вожаи **шарбат** аз забони **арабӣ** гирифта шудааст. Ин калима дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст. Маънои калимаи мазкур – нӯшобаи ширин; оби мева ё фушурдаи он, ки бо шакар омехта пухта бошанд; доруи нӯшиданӣ мебошад.

Вай ҳатто ба шамъ даргирондан ҳам ҳавсала накард, гурусна бошад ҳам, гуруснагиашро ҳис намекард, нону **мавизе,** ки дошт, аз гулӯяш намегузашт [5, с. 249].

Мавиз, ангури хушконидаест, ки аз навъҳои махсуси он тайёр карда мешавад. Вобаста ба тарзи хушконидани ангур мавиз ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: офтобӣ (авлон), ишқорӣ (гармиён, обҷӯш) ва соягӣ (сабз). Ангурҳои нафиспӯсти мавизбоб – кишмиши сиёҳ (шибирғонӣ ё шиғонӣ), кишмиши сафед, чиллагии сафедро асосан дар офтоб, навъҳои ангури калон (каттақӯрғонӣ), султонӣ ва нимрангро чанд сония дар маҳсулоти ҷӯшидаистодаи ишқор (0,2–0,4 фоизаи содаи акустикӣ) дошта, баъд дар офтоб хушк мекунанд [15, с.146].

Моҳак яке аз хизматгорони калонсолашро чеғ зада, аз дастархон дуто нон ва порае **набот** гирифта дар рӯймол печонду ба дасти хизматгор дода фармуд... [5, с. 220].

Калимаи **набот** аз забони арабӣ ба забони мо ворид шудааст. Ин калима дар забони муосири тоҷикӣ серистеъмол аст. Нобат ин як навъ ширинии шӯшашакли булӯрмонанд, ки аз ҷӯшонидан ва сард кардани шакар ҳосил мешавад; қанду набот (дар мавриди дӯстдорӣ ба кӯдак гуфта мешавад) [9, с. 876].

Шутурони биёбоннавард якҷоя бо молҳои тиҷоратӣ ҷуволҳои биринҷ, **нахӯд**, ҷав, арзан низ мекашиданд [5, с. 119].

Нахӯд, як навъ растании лӯбиёӣ ва донаи онро гӯянд [15, с.156].

Дар ҳар ду деҳа шиносони Восеъ пайдо шуда, бо вуҷуди манъ кардани навкарон, ӯро ҳам бо **нону** ҷурғот зиёфат карданд [6, с. 199].

Восеъ боз ба Шоҳи Зинда рафт. Дар қарибии мазор бозорчае буд, ӯ дар он бозор як коса шир, дуто **кулчаи ширмол** хариду мутаваллиро ёфта ба дасташ дод, хоҳиш кард, ки ба Назир расонад [6, с. 128]. Аноргул ва Гулъизор тӯшаи роҳ тайёр карданд – **кулчаҳои ҷавин** бастанд, талқон кӯфтанд [6, с. 38].

КУЛЧА 1. нони гирдаи начандон калони танӯрӣ, ки бештар аз орди гандум бо ширу равған мепазанд: кулчаи равғанӣ, кулчаи ширмол, кулчаи қандин (қандӣ) [9, с.634].

Нонвойҳо аз **орду** ғаллаи давлатмандон ва амалдорони бо ҳамроҳии бек гурехта, – онҳое, ки аз қамчинашон хун мечакид ва фақирон аз саги онҳоро тур гуфтан метарсиданд [6, с. 268].

Хӯрду хӯроки рӯзонаи меҳмонони тӯсӣ ду вақт аз ошхонаи соҳиб мерасид, **палави** бегоҳирӯзӣ бошад, дар оташдони берунии меҳмонхона барои ҳамаи ҳозирони шабнишинӣ пазонда мешуд [5, с. 155].

Кунҷола бо каме **равғани зағер** дар даруни сафолкосаи хурдтараки бесир андохта шуда ва дар тоқча истода буд [6, с. 17].

Аз хӯришҳои бағдодиён Фирдавсӣ аз ҳар чӣ бештар газ ва масқуфро, ки дар ошхонаҳо мепухтанд, хуш кард, – газ як навъ кабоби ироқӣ буд, аз гӯшти барра ба таври махсус бо доруворе, ки фақат ба худи пазанда маълум буд, тайёр карда ва бо пиёз, **сир**, бодиринг, шалғаму қаланфури ширини дар **сирко** хобондашуда хӯрда мешуд: масқуфро аз моҳии зинда, ки худи муштарӣ дар ҳавзчаи назди ошхона хоста мегирифт, ҳамчунин ба тарзи махсус тайёр мекарданд [5, с. 91].

Сир, саримсоқ, сум, савм, сирпиёз. Дар аксар кишварҳои ҷаҳон мекоранд. Таъму бӯйи тунди махсус дорад.

СИРКО – моеи тунди туршмазае, ки аз шираи ангур бо роҳи туршонидани он ба вуҷуд меояд [10, с. 250].

Аз ҳамсояҳот қарз–парз карда нимча гӯшт мехаридӣ, ягон **шӯрбои** тунд пухта ба ин бечора мехӯрондӣ, мемурдӣ?! [6, с. 66].

Оқибат гуруснагӣ ҳис кард, бархоста берун баромада, ба хизматгор **таом** овардан фармуд ва баъд Ниёзро ҷеғ зада амр кард... [5, с. 214].

Таом калимаи арабӣ буда, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: ТАОМ– ҳар чизи хӯрданӣ, хӯрок; таоми гарм; обу таом нӯшокӣ ва хӯрокӣ; пас аз обу таом баъди хӯрдан ва нӯшидан [10, с.310].

Нон, чормағзу писта, **тухми** пухта, гӯшти яхнӣ ба дастархони умумӣ афканда мешуд [6, с. 177].

Шаб хизматгори камлокдор аз ҳавлии ӯ дар ду коса оши **угрои** бечурғот ва дуто нон оварда, Восеъ ва Остона (номи саиси амлокдор Остона буд) баъд аз сарфи ин таом дуяшон

дар сарои амлокдорхона ба кунҷи собот хазида бар рӯйи хасу хошоки намадпӯш хоб карданд [6, с. 68].

Угро ин навъе аз ош, ки хамирро тунук карда, дароз–дароз чун тор бурида мепазанд: оши угро, угро буридан.

3.Калимаю истилоҳоти вобаста ба мафҳуми тандурустӣ, либос, пойафзол, боғ ва полиз

Восеъ ба Чорсӯ рафта муллоро ёфт: вай як пиракии бисёр лоғар ва рухсораҳояш чӯкидае буд, ки дар чашмаш **айнаки** ресмонбанд дошт, дар таги тоқи Чорсӯ ба курсичае нишаста, найқаламашро ба давоти дар замин истода халонда–халонда ба рӯйи коғази дар зонуш ниҳода меронд [6, с. 88].

Аммо он чи ки пас аз ин маросим ба вуқуъ пайваст, карминагиҳоро даҳчанд зиёда аз **бехобию** машаққати роҳ коҳиш дод [6, с. 158]. Чанде дар таги суфа ва лаби чӯй ғалтида монда буданду кӯси шабҳои **бехобиро** мебаровардand [6, с. 292].

БЕХОБӢ – бехоб будан, дар вақташ набурдани хоб, хоб нарафтан, бедории давомдор (ба иллате): дарди бехобӣ [9, с.194].

Хоҳарон духтаракро пеш аз бомдод хезонда оббозӣ кунонданд, бо **собуни** ироқии хушбӯй хуб шустанд ва баъд ҳариру атлас пӯшонда, бо падараш ба ҳавлии удайчӣ гусел карданд [6, с. 172].

Собун аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои серистеъмол дохил мешавад.

Арӯсро Фотимабону аз бисоти худ бо **сарулибоси** зарур таъмин намуда буд [5, с. 79]. Модару духтар бо амри Восеъ дар ду рӯз барои Ризо як **куртаю лозимии** карбосин дӯхтанд [6, с. 35]. Ин **яктаҳу** лозимии маро дидед, чиркин шуда, даридааст, шустан, дӯхтан лозим, аммо ман пӯшоки дигар надорам, ки бипӯшам [6, с. 78].

ЯКТАК//ЯКТАГ//ЯКТАҲ – ҷомаи беастар, хилъат [10, с. 686].

Дар роҳравҳо, тангкӯчаҳо, саҳни ҳавлиҳо ашёи гуногун: ҷое зину лаҷом, тӯрбаи ҷави рехта, саргини тари аспон, ҷое қамчин, **кафш,** салла ва ғайра хобидааст [6, с. 266]. Илова бар ин, ӯ, Аноргул, аз баҳри кафшу **масҳии шаҳрисабзӣ** ҳам, ки перор сол Восеъ аз Ҳисор барои ӯ харида оварда буд, мегузарад, **масҳӣ** ҳанӯз нав аст [6, с. 18]. Баногоҳ Ризо **ҷомаву** куртааш, мӯкиашро кашида партофта, кордчаашро ба дандон газида, оҳиста аз шинаки паси шахпора баромад [6, с. 297]. Фалонӣ имсол даҳ **тоқӣ** ғалла коштааст бисмадонӣ понздаҳ **тоқӣ**… [6, с. 15].

Қалъаҳо вайрон, шаҳру қишлоқҳо хароб, киштu **боғу** бӯстонҳо поймол шудаанд [6, с.121]. Дар боғ танҳо хонаи пешайвондоре, ҳуҷракоргоҳи шоир воқеъ ва пеши ҳуҷра **гулзор** буд, дар гулзор садбаргҳои рангоранг, гули **тоҷихурӯс, райҳон, савсан, бунафша** ва ғайра мерустанд [5, с. 6].

Восеъ пиёдаҳои бо **шохаҳо–душоха ва сешохаҳо** мусаллаҳшударо ба як дастаи алоҳида ҷудо карда буд, ба онҳо фармон дод, ки аз саворон ақиб намонда омадан гиранд [2, с.262]. Вай аз куҷо медонист, ки дар он дам падари Ширин дар боми оғил **панҷшоха** ба даст хошок тит мекунад [5, с. 245].

Он гоҳ Ятим, ба ҳайрати ҳамқишлоқиёни худ, дар як китфаш **каланд** ва дар китфи дигараш **бел**, бо Саидалӣ боз ба кӯҳ баромад [6, с. 22-23].

Аз таҳлилу баррасии мисолҳо маълум гардид, ки дар романҳои “Фирдавсӣ” ва “Восеъ” истилоҳоти зиёди рӯзгордорӣ истифода шудааст. Баъзе истилоҳҳо танҳо дар романи “Фирдавсӣ” истифода шудааст, баъзе истилоҳҳо дар романи “Восеъ” истифода шудааст. Масалан, истилоҳи даҳлез дар романи “Фирдавсӣ” истифода шудааст, дар романи “Восеъ” истифода нашудааст. Дар романи «Восеъ» калимаи қолин истифода шудааст, аммо дар романи «Фирдавсӣ» ин калима пайдо карда намешуд. Бештари калимаю истилоҳҳое, ки дар асарҳои “Восеъ” ва “Фирдавсӣ” истифода шудаанд, аз ҷиҳати сохт сода мебошанд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ 1 / Ҳ.Маҷидов. Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007. –243 с.
2. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю Нурмуҳаммадов. – Душанбе, 1997. –225 с.
3. Назарзода, С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С.Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. –148 с.

4. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С.Назарзода. – Душанбе, 2013. – 367 с.
5. С.Улуғзода. – Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. –280 с.
6. С.Улуғзода. – Восеъ. – Душанбе, 1969. –355 с.
7. Султон, Мирзо Ҳасан. Истилоҳоти илмии «Китоб–ут–тафҳим» –и Абурайҳони Берунӣ / Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Дониш, 2003. – 168 с.
8. Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ–тоҷикӣ / Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. - 950 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.2. – Душанбе, 2008. - 945 с.
11. Х. Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик / Асозода Х. - Душанбе, 2014. - 672 с.
12. Шукуров, М. Забони мо – ҳастии мо / М. Шукуров. – Душанбе, 1991. –228 с.
13. Шукуров, М.Ш. Истилоҳот ва забони миллӣ / М.Ш. Шукуров // Садои Шарқ, 1994. - №2. -С.3-19.
14. Эмомалӣ, С. Андеша ва маҳорати адабӣ / С.Эмомалӣ. – Душанбе, 2012. – 100 с.
15. Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ.– Душанбе, 1984.– 675 с.

ИСТИЛОҲОТИ РӮЗГОРДОРӢ ДАР РОМАНҲОИ «ВОСЕЪ» ВА «ФИРДАВСӢ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар мақола мавқеи истилоҳоти рӯзгордорӣ дар асари нависандаи мумтози адабиёти тоҷик С.Улуғзода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Инчунин таъкид мегардад, ки дар забоншиносии муосир мавриди таҳлилу баррасии забоншиносӣ қарор додани истилоҳот дар осори ин ё он нависанда барои бой шудани таркиби луғавии забон таъсири мусбат мегузорад. Таркиби луғавии ҳама забонро дар баробари калимаҳои маъмули забони адабӣ, инчунин истилоҳот, яъне маҷмуи калимаву ибораҳое, ки мафҳумҳои дақиқро ифода мекунанд, ташкил медиҳанд. Таъкид ба мавриди аст, хушбахтона, дар забоншиносии муосир омӯзиши калимаю истилоҳоти осори адибони муосир аз тарафи забоншиносон бештар ба назар мерасад. Вале оид ба пажуҳиши истилоҳоти соҳавӣ дар осори нависанда, аз ҷумла С. Улуғзода корҳои таҳқиқотӣ дида намешавад. Аз ини рӯ, мо дар ин пажуҳиш вижагиҳои истилоҳоти рӯзгордориро дар асоси романҳои “Фирдавсӣ” ва “Восеъ”–и С. Улуғзода мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Аз таҳлилу баррасии мисолҳо маълум гардид, ки дар романҳои “Фирдавсӣ” ва “Восеъ” истилоҳоти зиёди рӯзгордорӣ истифода шудааст. Баъзе истилоҳҳо танҳо дар романи “Фирдавсӣ” ва баъзеи дигар танҳо дар романи “Восеъ” истифода шудааст. Бештари калимаю истилоҳҳое, ки дар ин асарҳои истифода шудаанд, аз ҷиҳати сохт сода мебошанд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, таркиби луғавии забон, истилоҳоти рӯзгордорӣ, С.Улуғзода, романи “Фирдавсӣ”, романи “Восеъ”, калимаҳои сода.

ТЕРМИНОЛОГИЯ ДОМОВОДСТВА В РОМАНАХ СОТИМА УЛУГЗАДе «ВОСЕЪ» И «ФИРДОУСИ»

В статье анализируется и обсуждается терминология домоводства в произведениях известного писателя таджикской литературы С. Улугзаде. Также подчеркивается, что в современном языкознании исследование терминов в произведениях того или иного писателя как предмета лингвистического анализа положительно влияет на обогащение словарного запаса языка. Наряду с обычными словами литературного языка словарный запас любого языка составляют термины, т. е. совокупность слов и словосочетаний, выражающих точные понятия. Нужно отметить, что, в современной лингвистике более заметно изучение лингвистами слов и терминов произведений современных писателей. Однако, что касается исследования терминологии домоводства в произведениях писателей, в том числе в произведениях Сотима Улугзаде, исследовательских работ не проведено. Поэтому в данной статье мы проанализируем особенности использования терминологии домоводства на основе романов «Фирдоуси» и «Восеъ» Сотима Улугзаде. Из анализа и рассмотрения примеров стало ясно, что в романах «Фирдоуси» и «Восеъ» использовано огромное количество терминов домоводства. Некоторые термины использовались только в романе «Фирдоуси», а некоторые только в романе «Восеъ». Большинство слов и терминов, используемых в этих работах, просты по своей структуре.

Ключевые слова: таджикский язык, лексический состав языка, терминология домоводства, С. Улугзода, роман «Фирдавси», роман «Восе», простые слова.

TERMINOLOGY OF HOUSEHOLDING IN SOTIMA ULUGZade’S NOVELS “VOSE” AND “FIRDOUSI”

The article analyzes and discusses the terminology of home economics in the works of the famous writer of Tajik literature S. Ulugzade. It is also emphasized that in modern linguistics, the study of terms in the works of a particular writer as a subject of linguistic analysis has a positive effect on enriching the vocabulary of the language. Along with ordinary words of a literary language, the vocabulary of any language consists of terms, that is, a set of words and phrases that express precise concepts. It should be noted that in modern linguistics, the study by linguists of words and terms in the works of modern writers is more noticeable. However, with regard to the study of the terminology of home economics in the works of writers, including the works of Sotim Ulugzade, no research work has been carried out. Therefore, in this article we will analyze the features of using home economics terminology based on the novels “Firdousi” and “Vose” by Sotim Ulugzade. From the analysis and consideration of examples, it became clear that in the novels “Firdousi” and “Vose” a huge number of home economics terms were used. Some terms were used only in the novel “Firdousi”, and some only in the novel “Vose”. Most of the words and terms used in these works are simple in structure.

Key words: Tajik language, lexical composition of the language, terminology of home economics, S. Ulugzoda, novel “Firdavsi”, novel “Vose”, simple words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алиева Дилафрӯз Равшановна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919- 44-32-77**

Сведение об авторе: ***Алиева Дилафруз Равшановна*** – Таджикский национальный университет, соискатель, кафедра современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 919-44-32-77**

Information about the author: ***Alieva Dilafruz Ravshanovna*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 919-44-32-77**

ТДУ: 42:491.550

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲО ДАР ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ибрагимова Р.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз муаммоҳои баҳсталаби илми забоншиносӣ ибора мебошад, ки он воҳиди асосии синтаксис ба шумор меравад. Ҳарчанд ки тадқиқоти илмӣ вобаста ба муаммои мазкур бисёранд, вале забоншиносон оид ба созмонёбии ибора, алоқамандии ҷузъҳои он ақидаҳои гуногун баён кардаанд.

Баъзе забоншиносон, алалхусус Б.А. Илиш якҷоягии калимаҳои ба ҳам алоқамандро ибора мешуморанд. Ба қавли ӯ, ҳам «*a red flag*» ва ҳам «*with a flag*» ибора мебошанд. Вале ин ақида ҳақиқати ҳолро акс наменамояд, зеро таркибҳои пешояндии навъи *«with a flag», «at home», «to school»* ва ба монанди инҳо ба як талаботи ибора ҷавоб дода наметавонанд. Ибора мафҳуми мураккабро ифода менамояд, вале таркибҳои пешояндӣ чунин мафҳумро ифода карда наметавонанд [3, с.165].

Забоншиноси дигари англис Е.Крейзинга дар китоби худ «Handbook of Present - day English» ақидаи дигарро пешниҳод намудааст. Ӯ ибораро ҳамчун як гурӯҳи калимаҳо муайян мекунад, ки воҳиди ягонаи семантикиро ташкил медиҳанд ва якҷоя барои ифодаи маънои мушаххас истифода мешаванд [15, с.18].

Ҳ.Суит ба ҷойи вожаи «ибора» истилоҳи «гуруҳи калимаҳо»-ро истифода бурдааст. Ӯ нишон додааст, ки «гурӯҳи калимаҳо» – ин маҷмуи калимаҳоест, ки аз ҷиҳати грамматикӣ ва мантиқӣ ба ҳам алоқаманд буда, ҷумла маҳсуб намеёбанд [16, с.172].

Аз рӯйи ақидаи А.А. Шахматов бошад, дар синтаксиси ибораҳо асосан аъзоҳои пайрави ҷумла дар алоқамандӣ бо сараъзои худ ва ё дар муносибати дутарафа нисбат ба ҳамдигар омӯхта мешаванд, яъне: “Ибора маҷмуи калимаҳоест, ки ягонагии грамматикиро ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи вобастагии баъзе аз ин калимаҳо ба дигарашон ошкор мегардад” [13, с.83].

Ф.Ф. Фортунатов ибораро ба тарзи зерин муайян мекунад: «Он чизи бутунро аз рӯйи маънӣ метавон ибора номид, ки он аз пайвасти як калимаи пурра бо калимаи пурраи дигар сохта мешавад, ин хоҳ ифодаи томи психологӣ ва ё ифодаи ҷузъи он бошад» [11, с.167].

Дар забоншиносии тоҷик якумин асаре, ки дар бораи ибораҳо маълумот медиҳад, ин асари Д.Тоҷиев «Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад. Дар ин асари худ Д. Тоҷиев ба воситаи алоқаи синтаксисии изофӣ ва ҳамроҳӣ пайваст шудани муайякунанда бо муайяншаванда, муносибатҳои маъноӣ ва бо дигар калимаҳо омадани ибора, инчунин дараҷаи истеъмолнокии ин алоқаҳоро бо мисолҳои аниқ нишон додаст [7, с.70].

Асари дигаре, ки дар хусуси ибораҳо бевосита маълумот медиҳад, китоби А. Халилов «Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ба ҳисоб меравад, ки дар он роҷеъ ба роҳҳои пайваст кардани калимаҳо бо истифода аз бандаки изофӣ ва инчунин муносибати онҳоро муайян мекунад, имконот ва вариантҳои пайванди изофӣ бо пешванд ва пасвандро ошкор мекунад [12, с.31].

Дар китоби К.Усмонов “Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ин масъала мавриди баррасӣ қарор ёфтааст, ки зинаи аввали ибораосозӣ ин ба инобат гирифтани имконияти ҳамдигаркашӣ, яъне тавъамияти маъноҳои лексикии калимаҳои дохили ибора ба ҳисоб меравад [10, с.55].

Масалан: Феъли «*фиристодан*» метавонад аз ҷиҳати маънои лексикиаш калимаҳои навъи «*мактуб*», «*хӯрок*» ва амсоли онҳоро ба худ тавъам созад.

Вале ин феъл исмҳои навъи «*осмон*», «*пурсупос»,* «*муҳаббат*» ва монанди онҳоро ба худ тавъам карда наметавонад. Аз ҳамин хотир ба ҷойи аввал мафҳуми баҳамкашӣ, яъне тавъамиятро дар илми забоншиносӣ бояд гузошт. Маҳз ҳамон тавъамият аст, ки бе ягон воситаи грамматикӣ сохтани ибораҳои озоди синтаксисиро таъмин менамояд, ки инро дар забоншиносӣ, бо истилоҳи алоқаи ҳамроҳӣ коргузорӣ кардаанд.

Агар маҳз ба масъалаи тавъамияти калимаҳои дохилии ибораро дар миқёси ду забон муқоиса намоем, аён мешавад, ки дар ин ҷабҳа низ тафовутҳои барҷаста ба назар мерасад.

Мисол: Дар забони тоҷикӣ «*дору хӯрдан*» гӯянд, дар забони англисӣ «*to eat the medicine*» намегӯянд, балки «*to take in medicine*» мегӯянд. Ё худ дар забони тоҷикӣ «*дасти касеро фишурдан*» гӯянд, дар англисӣ «*to shake one's hand*» мегӯянд.

Ҳамин тавр, ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохти худ ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд, зеро онҳо таркибҳои хеле васеъ ва мураккаби синтаксисиро ташкил карда метавонанд. Ин, пеш аз ҳама, ба таснифи феълҳо аз рӯйи характери равонагии амал вобаста аст. Л.С. Бархударов аз ин нуқтаи назар феълҳоро ба монда ва гузаранда тақсим карда, ибораҳои феълиро аз таркиби созмониашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст:

1. Ибораҳое, ки ядрояшон ҳам феъли монда ва ҳам феъли гузаранда мешаванд.
2. Ибораҳое, ки ядрояшон як навъи муайяни феъл мебошад, яъне ё танҳо феъли гузаранда, ё ин ки танҳо феъли монда [1, с.110].

Г.Г. Почепсов феълҳои амалашон равонабударо ба се гурӯҳ тақсим кардааст:

1. Феълҳои амалашон равона ба объект, объекту адресат ё танҳо ба адресат: *shook the hand* (равона ба объект); *reminded him of his friend* (равона ба объекту адресат); *telephoned me* (равона ба адресат).
2. Феълҳои амалашон равона ба ҳол: (*put his hat on the table*), объекту адресату ҳол (*to bring me things to the church*), адресату ҳол (*to tell us secretly*).
3. Феълҳо ба худ таркибҳои гуногунро тобеъ кунонида метавонанд ва ин ба валентнокии феъл вобаста мебошад [5, с.39].

Дар тадқиқи хусусиятҳои пайвастшавии воҳидҳои забон ва қонуниятҳои ташкилёбии ибора ҳодисаи забонии валентнокӣ мавқеи калон дорад.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо вуҷуди типи аналитикӣ буданашон ибораҳои озоди синтаксисиро ба таври худ созмон медиҳанд. Дар адабиёти забоншиносии англисӣ ин масъала нисбатан хубтару чуқуртар тадқиқ гаштааст. Дар забоншиносии тоҷик нисбатан зиёдтар масоиле мавҷуданд, ки онҳо равшанӣ андохтанро мехоҳанд.

Пеш аз ҳама, ин ба масъалаи комбинаторикаи лексикӣ алоқаманд аст. Комбинаторикаи лексикӣ ин ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибора аст. Ин масъала солҳои охир тадқиқ шуда истода бошад ҳам, дар забоншиносии тоҷик он то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Маълум аст, ки предмет дорои аломатест, ё он амалиёте мегузаронад, ё аз болои он амалиёт гузаронида мешавад. Як аломат ба як гурӯҳ предметҳо хос асту ба гурӯҳи дигари предметҳо хос нест.

Масалан: *Дарозӣ аломатест, ки хосси предметҳои навъи қалам, мӯй, роҳ ва амсоли онҳост.*

Вале ба предметҳои навъи «*пиёлаи дароз*», «*тӯби дароз*» ва «*осмони дароз*» имконпазир нест. Бинобар он ҳангоми тадқиқи масъалаи созмонёбии ибораҳои озоди синтаксисӣ масъалаи мувофиқати маънои лексикии калимаҳои таркиби ибора ба назар гирифта намешавад ва ин бояд дар мадди аввал бошад, зеро дар марҳилаи аввали иборасозӣ бояд ҳамгироии маънои лексикии калимаҳои таркиби ибора ба инобат гирифта шавад, дар марҳилаи дуюми иборасозӣ, ба роҳу воситаҳои грамматикӣ, ба ҳам васл намудани ҷузъҳои ибора таъмин карда шавад.

Чуноне ки маълум аст, назарияи валентнокиро аввалин шуда намояндаи равияи структуралистӣ олими франсуз Л.Тенйер дар китоби “Elements de syntaxe structurale” пешниҳод ва коркард намудааст [8, с.142].

Мувофиқи ақидаи Л.Тенйер, феълҳо (ӯ дар асоси ин гурӯҳи лексикию грамматикӣ назарияи валентнокиро пешниҳод намудааст) хусусиятҳои хосси пайвастшавӣ зоҳир менамоянд, ки мувофиқи маънои мундариҷавии худ метавонанд миқдори муайяни ҷузъҳои тобеъ, яъне иштирокчиёни амалро қабул намоянд. Тенйер валентнокиро танҳо ба феълҳо нисбат менамуд ва худи валентнокӣ дар назарияи ӯ ин миқдори муайяни актантҳо (иштирокчиёни амал), ки ба феълҳо пайваст мешаванд, маънидод карда мешавад [8, с. 67].

Аз рӯйи он, ки феъл қобилияти актантгирӣ доранд ё надоранд онҳоро ба намудҳои зерин тақсим мекунанд:

1. Феълҳои яквалентӣ ё ки феълҳое, ки актант надоранд.
2. Феълҳои яквалентӣ, ки танҳо як актант гирифта метавонанд.
3. Феълҳои дувалентӣ, ки ду актант доранд.
4. Феълҳои севалентӣ, ки се актант доранд.

Масалан: Феъли *to give – додан* – севалента аст, зеро ки он се иштирокчиро дар назар

дорад: 1) касе, ки медиҳад, 2) чизе, ки дода мешавад, 3) касе, ки ба ӯ дода мешавад.

Муайян намудани шумораи актантҳо ба Л.Тенйер имконият дод, ки ӯ хелҳо ва намудҳои ибораҳоро аз ҷиҳати сохтор тавзеъ сохта, имконияти феълҳоро дар ташкили ибораҳо тадқиқ намояд.

Масалан:

I give him a flower. – Ман ба ӯ гул медиҳам.

Назарияи валентнокии Л. Тенйер дар забоншиносии муосир мавқеи мустаҳкам гирифта, ташаккули гуногунҷабҳаи худро пайдо намуд, ки он, пеш аз ҳама, ба мушаххаскунии маънои худи мафҳуми валентнокӣ, қонуниятҳои мантиқӣ, семантикӣ ва грамматикаи валентнокии калима, қобилияти валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, инчунин он ба маъно ва шакли валентнокии калима вобаста аст [8, с.122].

Дар забоншиносии имрӯза мафҳуми валентнокӣ чунин маънидод карда мешавад. Валентнокӣ ин қобилияти феъл ё баъзан дигар ҳиссаҳои нутқест, ки барои дар атрофи худ пайдо намудани ҷойҳои муайян, ки бояд ишғол карда шаванд, имконият фароҳам меоварад [6, с.151].

Мафҳуми валентнокӣ дар китоби «Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»-и К.Усмонов чунин маънидод карда шудааст: “Валентнокӣ гуфта кашиши семантикии калимаро меноманд, ки барои пурра кардани маънои он нигаронида шудааст” [9, с.85].

Одатан ду навъи валентнокиро ҷудо мекунанд:

1. Семантикӣ ё семантикию мантиқӣ.
2. Валентнокии синтаксисӣ.

Дар валентнокии семантикӣ аъзоҳои валентнок, ки ҷойҳои холиро пурра мекунанд, аргумент номида мешаванд ва ҳамон созмон (калимаи валентнок ва аргумент) созмони предикативию аргументӣ номида мешавад. Агар дар назарияи Л.Тенйер мафҳуми «актант» ин ду сатҳи номбурдаро таҷассум кунад, дар назарияи нав ба ду сатҳ: семантикию синтаксисӣ ҷудо кардани валентнокӣ падидаи нав дар илми забоншиносист [8, с.62].

Методи Ч. Филмор усули тавсифи семантикаи ҷумла чун системаи валентҳои семантикӣ мебошад, ки мувофиқи он алоқаи феъли асосӣ бо нақшаҳои аз маънои ин феъл зоҳиргарданда ва бо калимаҳои номинативӣ (пеш аз ҳама ҷонишин) ифодаёбанда амалӣ мегардад. Аз рӯйи ин усул феълҳо падежҳо ё нақшаҳои мушаххасро талаб менамоянд, ки ба маънои онҳо вобаста аст, масалан феъли *супоридан* нақшаҳо (падежҳо) -и он чи, ки *супорида мешавад* ё ин ки объекти таҳвил суроға (адресат) объекте, ки ба ӯ *супорида мешавад* ва предмет ё шахсе, ки амали *супориданро* иҷро менамояд [14, с.120].

Дар забоншиносии шуравӣ ва русии ҳозира ба ин назария дар тадқиқотҳои В.Богданов [2], Е.С. Кубрякова [4] таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ч. Филмор [14] вазифаҳо ва ролҳои зерини семантикӣ-аргументиро ҷудо мекунад:

Agent (A) Агент – Барангезандаи ҳодиса;

Counter-agent (C) Контр-агент – Қувваи муқовимат, ки бар зидди он амал анҷом дода мешавад;

Object (O) Объект – объекте, дар натижаи таъсири амали аз субъект сарзананда ҳаракати объект тағйир меёбад;

Result (R) Натиҷа – объекте, ки дар натиҷаи таъсири ягон амал ё ягон чиз ба вуҷуд меояд;

Instrument (I) Инструмент – олоти амал, яъне аргумент ба олоти амал далолат мекунад;

Source **(S)** Сарчашма – ҷое, ки ба он чизе равона карда мешавад;

Experience (E) Таҷриба – чизе, ки дар он таъсири ягон амал ба вуқӯъ меояд;

Counter (C) Муқобилият – қувва ё амале, ки ба муқобили он амал нигаронида шудааст.

Julia after a long resistance yielded to the entreaties of her | brother-in -law and went back to bed. – Пас аз хеле муқобилият Юлия ба хоҳиш ва талаботи бародари шавҳараш гардан фуроварда, ба ҷойхоби худ равон шуд.

Object (O) Объект – дар натиҷаи таъсири амали аз субъект сарзананда ҳаракати объект тағйир меёбад. Масалан:

The Gadfly sent him a letter but there was no answer. – Ғӯрмагас мактубро фиристода буд, лекин то ҳол ҷавоб нагирифта аст.

Result (R) Натиҷа – объекте, ки дар натиҷаи таъсири ягон амал ё ягон чиз ба вуҷуд

меояд. Масалан:

Lanny wrote a letter. – Лени мактуб навишт.

Instrument (I) Инструмент- олоти амал, яъне аргумент ба олоти амал далолат мекунад. Масалан:

They went together by car. – Онҳо бо мошин рафтанд.

Source (S) Сарчашма- ҷое, ки ба он чизе равона карда мешавад. Масалан:

The bus picked its way through District six. – Мошин роҳи худро ба райони шашум идома дод.

Experience (E) Таҷриба - чизе, ки дар он таъсири ягон амал ба вуқӯъ меояд. Масалан:

At this moment he killed the man and went out. – Дар ин муддат ӯ мардро кушт ва баромада рафт.

Ҳамин тавр, валентнокӣ гуфта, хусусияти синтаксисии калимаро меноманд, ки мувофиқи он калимаҳо озод буда, талаб мекунанд, ки ин ҷойҳо бо миқдори муайяни калимаҳои аз ҷиҳати шаклу маъно пурра карда шаванд.

Баъзе феълҳо яквалентаанд, яъне онҳо танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонанд: *to go into the room.*

Ба қатори ибораҳои сода, ки дар онҳо ядро бо феъли яквалента ифода мегардад, дуаъзогиҳое дохил мешаванд, ки ҷузъи бо исм, масдар, ҷонишин, шумора, герундий ифода ёфтаанд. Инчунин навъи ибораҳо дар ҳар ду забон ба истиснои герундий дар забони тоҷикӣ васеъ истифода мешаванд.

Зергурӯҳи якум тавассути алоқаи вобастагии бевосита алоқаманд мешавад. Дар забони тоҷикӣ мисли забони англисӣ ин зергурӯҳ бо ду восита вобастагӣ ва ҳамроҳӣ созмон меёбад. Масалан:

to see them – V + proun obj

Дар ин намуди ибораҳо ҷузъи асосӣ феъли яквалента буда, ҷузъи тобеъ одатан бо ҷонишин дар падежи объектӣ дар забони англисӣ сохта мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, ин ибора чунин шакл дорад.

Онҳоро дидан, яъне адъюнкт бо ҷонишини шахсӣ пасоянди -ро мегирад ва дар ҷойи аввал меистад, ядро бошад дар ҷойи дуюм меистад дар ин ҷо алоқаи вобастагӣ дида мешавад. Барои муайян кардани сохти ибора дар алоқаи ҳамроҳӣ мо мисоли *to read a book* -ро дар забони англисӣ дида мебароем.

V + N, яъне дар ин намуди ибора ҷузъи асосӣ бо феъл ифода ёфта, адъюнкт бо исм ифода меёбад. Зергурӯҳи дуюм бошад, дар забони англисӣ ҳам тавассути алоқаи вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва пешояндӣ созмон меёбад. Ҳол он ки дар забони тоҷикӣ зергурӯҳи дуюм танҳо тибқи пешояндҳо сохта мешавад. Масалан: *to explain them*.

Дар алоқаи вобастагии бевосита дар забони англисӣ V + proun obj ҷузъи асосӣ дар ҷои аввал меистад, адъюнкт бо ҷонишин дар падежи объектӣ ифода меёбад. Дар забони тоҷикӣ бошад, дар мисоли - *ба онҳо фаҳмонида*н ибора чунин шакл дорад:

prep + proun+V,

яъне адъюнкт бо пешоянд дар ҷойи аввал ва ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм меистад. Адъюнкт бо ҷонишин ифода ёфтааст.

Дар намуди алоқаи ҳамроҳӣ ду ҷузъ бо пешоянд алоқа зоҳир намуда, ҷузъи тобеъ исм ё ҷонишини ишоратӣ мебошад. Баъзан бо феъли ғайри шахс низ ифода меёбад ва сохти он чунин аст: V + prep +N.

Мисол: *to fight for peace – барои сулҳ мубориза бурдан.*

Дар ин мисол ибораи – *барои сулҳ мубориза бурдан* - адъюнкт дар ҷойи аввал пешоянд ва ядро меояд ва сохти он бо забони англисӣ як хел нест, яъне prep +N + V. Намуди дигари валентнокии предикативӣ, ки дар он ҷузъи асосӣ бо феъл ифода меёбад ва предикатсияи пурраро ифода мекунад, ки он дар забони англисӣ тавассути пешоянду масдар ифода меёбад. Масалан: *to try to understand:*

V + inf

Дар забони тоҷикӣ он чунин шакл дорад:

Барои фаҳмидан кӯшидан: prep+ inf + inf

Дигаре дувалента мебошад (ду калимаро ба худ тобеъ мегардонад)

to give him the book.

Яъне он объекти грамматикиро талаб мекунад. Истифода набурдани яке аз объектҳои

грамматикӣ сабабгори нопуррагии предикатсия мегардад. Агар ибораи *қалам додан – to give a pencil* -ро ба ҷумла ворид созем, он ҷумла фикри нотамомро ифода мекунад.

Мисол: *ман қалам додам.*

Ҳангоми шунидани чунин ҷумла шунаванда ҳатман талаб мекунад, ки гӯянда ба кӣ додани қаламро низ зикр намояд. Танҳо дар мавриди зикр кардани адресати амал предикатсияи комил ҳосил мегардад, яъне - *ман қаламро ба муаллим додам*, ҷумлаи пурра аст. Аз ин рӯ *қаламро ба касе додан – to give a pencil to smb* ибораи яклухт шуда метавонад. Сеюмӣ севалентаанд, яъне се калимаро ба худ тобеъ мегардонад: *bring me my thing to the church*.

Комплетив гуфта, он аъзои ҷумларо мемонанд, ки маънои хабарро пурра мекунад. Одатан таҳти истилои «комплетив» пуркунанда ва баъзан ҳамроҳкунандае фаҳмида мешавад, ки бе он маънои феъл-хабар нопурра аст. Масалан:

Ӯ мактуб фиристод (комплетив пуркунанда).

Ӯ дар ин ҷо зиндагӣ мекунад (комплетив -ҳол).

He slept soundly (камплектив-ҳол)

Аъзои комплетивӣ ду хел мешавад:

1.Аъзои объектӣ: *to pick roses, to write with a pencil, to think about the journey.*

2.Аъзои квалификативӣ: *to look curiously, to speak frankly*.

Ин ду навъ комплетивҳоро бо ифодаи дигар комплетиви объектӣ ва комплетиви ҳолӣ номидан мумкин аст. Комплетивӣ объектиро ба ду ҷудо мекунанд:

1. Комплетиви объектии бепешоянд. Дар ин хели комплетив феъл бо объекти худ бевосита алоқа зоҳир менамояд. Мисол: *to watch TV, to draw the design.*

2. Комплетиви объектии пешояндор, ки дар он объекти феъл ба воситаи пешоянд алоқаманд мегардад. Мисол*: to write with a pen; to talk about stars.* Комплетиви квалификативӣ ё ҳолӣ низ ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад, ки ин ба семантика ва вобасташавии онҳо алоқаманд аст:

а. Комплетивҳои нишондиҳандаи аломати амал ё ибораи дигар, комплетивҳои ҳоли тарзи амал ва муқоисавӣ. Чунин комплетивҳо аломати амалро ё бевосита ё ба воситаи қиёс нишон медиҳанд. Мисол: *to thank heartily; to speak loudly;*

б. Комплетивҳои ҳолие, ки амалро аз лиҳози шароит ва вазъият шарҳ медиҳанд*: to watch in some humour; to wait here; to come to see; to leave knowing it.*

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов, ки дар боло оварда шудааст дидан мумкин аст, ки феълҳо аз рӯйи валентнокии худ метавонанд на танҳо як, балки ду ва ё зиёда комплетив дошта бошанд. Дар мисоли «*to bring me my things»* феъли *«to bring»* ду комплетив дорад, ки ҳарду ҳам комплетивҳои объектии бепешоянд мебошанд. Комплетивҳои объектӣ метавонанд ба як феъл ҳам бе пешоянд ва ҳам бо пешоянд алоқаманд гашта, онро шарҳ диҳанд: *to tell me about the races.* Ба як феъл метавонанд ду навъ комплетив тобеъ шавад: *to hang the picture on the wall*. Дар ин ибора ҳам комплетиви объектӣ (*the picture*) ва ҳам комплетиви ҳолӣ (*on the wall*) мавҷуд аст. Агар ибораи «*to bring me my things to the church*»-ро таҳлил кунем, аён мегардад, ки дар он ду комплетиви объектӣ ва як комплетиви ҳолӣ мавҷуд аст, ки ин ибораи мураккаби феълӣ мебошад ва комплетивҳо феълро аз ҳар ҷиҳат шарҳ медиҳанд [5, с.19].

Ҳамин тавр, мо масъалаи комбинаторикаи лексикӣ, яъне ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибораро дида баромадем, ки он дар забоншиносии тоҷик то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Ин алоқаи семантикӣ аввалиндараҷа буда, дар се навъи алоқа ифода меёбад: алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ ва алоқаи вобастагӣ.

Муқарриз: ***Сангинова Ш.*** – н.и.ф., дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов, Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М., 1966.
2. Богданов, В.В. Семантико-синтаксическая организация предложения / В.В. Богданов. - Л.: Просвещение, 1977. - 204 с.
3. Илиш, Б.А. Строй современного английского языка / Б.А. Илиш. М-Л., 1965.
4. Кубрякова, Е.С. Лексическая и синтаксическая сочетаемость слова и ее отражение в процессах словообразования / Е.С.Кубрякова // Проблемы сочетаемости слов. Вып. 145. - М.: Наука, 1979. - С.24-31.

5. Почепцов, Г.Г. О принципах синтагматической классификации глаголов / Г.Г. Почепцов // Филологические науки. - 1969. - № 3. - С.18-39.
6. Степанова, М.Д. Части речи и проблема валентности в современном немецком языке / М.Д. Степанова, Г. Хельбиг. - М.: Высшая школа, 1978. - 260 с.
7. Таджиев, Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. - Сталинабад, 1955. – 165 с.
8. Теньер, Л. Основы структурного синтаксиса / Л.Теньер. Пер. с французского. - М., 1988. – 128 с.
9. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К. Усмонов. - Душанбе, Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. - 236 с.
10. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии звбонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. - 430 с.
11. Фортунатов, Ф.Ф. О преподавании грамматики русского языка в средней школе. Избранные труды. Т.2. / Ф.Ф. Фортунатов. - М.: Учпедгиз, 1957. - 471 с.
12. Халилов, А. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик / А.Халилов. - Душанбе, 1964. - 191 с.
13. Шахматов, А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. - Л., 1941. – 288 с.
14. Fillmore, Ch. The Case for Case. - Universals in Linguistic Theory / Ch.Fillmore. - N.Y., 1968.
15. Kruisinga, E. A Handbook of Present-Day English. Part 2. / E.Kruisinga. - Groningen, 1932. – 218 p.
16. Sweet, H. A New English Grammar Logical and Historical. Part 1 / H. Sweet. - Oxford, 1955. - 499 p.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲО ДАР ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур мавриди яке аз муаммоҳои баҳсталаби илми забоншиносӣ – ибора сухан меравад. Дар мақола фикру андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба ибора ва вижагиҳои валентнокии феълҳо дар ибораҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ оварда шудааст. Дар забони англисӣ мавзуи мазкур нисбат ба забони тоҷикӣ васеътару дақиқтар тадқиқ гаштааст. Дар тадқиқи хусусиятҳои пайвастшавии воҳидҳои забон ва қонуниятҳои ташкилёбии ибора ҳодисаи забонии валентнокӣ мавқеи калон дорад. Валентнокӣ гуфта, хусусияти синтаксисии калимаро меноманд, ки мувофиқи он калимаҳо озод буда, талаб мекунанд, ки ин ҷойҳо бо миқдори муайяни калимаҳои аз ҷиҳати шаклу маъно гуногун пурра карда шаванд. Баъзе феълҳо яквалентаанд, яъне онҳо танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонанд: *to go into the room.* Ҳамин тавр, зинаи аввали ибораозӣ ин ба инобат гирифтани имконияти ҳамдигаркашӣ, яъне тавъамияти маъноҳои лексикии калимаҳои дохили ибора ба ҳисоб меравад. Ба қатори ибораҳои сода, ки дар онҳо ядро бо феъли яквалента ифода мегардад, дуаъзогиҳое дохил мешаванд, ки ҷузъи онҳо бо исм, масдар, ҷонишин, шумора, герундий ифода ёфтаанд. Дар мақола, инчунин, масъалаи комбинаторикаи лексикӣ, яъне ҳамгироии маънои лексикии таркиби ибораро дида баромадем, ки он дар забоншиносии тоҷик то ҳол ба миён гузошта нашудааст. Ин алоқаи семантикӣ аввалиндараҷа буда, дар се навъи алоқа ифода меёбад: алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ ва алоқаи вобастагӣ.

Калидвожаҳо: ибора, ибораҳои озоди синтаксисӣ, ибораҳои феълӣ, хусусиятҳои валентнокӣ, комплетив, алоқаи семантикӣ дар ибора, алоқаи мувофиқат, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи вобастагӣ.

О НЕКОТОРЫХ ВАЛЕНТНОСТНЫХ СВОЙСТВАХ ГЛАГОЛОВ В СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Дар мақола бархӯрдҳои мухталифи пажуҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ ба таърифи неологизм, марҳилаи ташаккули неологизмҳо ва роҳҳои пур кардани системаи луғавии забони англисӣ бо вожаҳои нав баррасӣ шудааст. Пайдо шудани навовариҳои луғавӣ аз рушди забон ва ҷомеа шаҳодат медиҳад. Омӯзиши неологизмҳо барои фаҳмидани воқеаҳои таърихии як давраи муайяни ҳаёти одамон кумак мекунад. Дар остонаи асрҳои XX ва XX1 дар ҷаҳон дигаргуниҳои глобалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равонӣ ба амал омаданд. Забон чун оинаи ҷомеа дар таҳаввулоти пайваста қарор дорад ва дар солҳои охир дар таркиби луғавии забон таҷдиди назаррас ба мушоҳида мерасад. Инкишофи ҷамъият дар воҳидҳои сершумори луғавӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ ва тағйиротҳоро муайян мекунанд, ки ногузир навовариҳо ва тағйироти луғавиро дар забон ба вуҷуд меоранд, зоҳир мегардад. Дар забон калимаҳои нав (неологизмҳо) пайдо мешаванд, ки ҳодиса, ашё, аломат ва амали навро ифода мекунанд. “Ихтироъкорон”-и фаъоли вожаҳои нав дар ҳоли ҳозир наврасону ҷавононанд. Ҷавонон ҳамеша мекӯшанд, ки вақти худро бо фароғат ва ҷолиб гузаронанд, дар ин замина дар суханронии онҳо мафҳумҳои сокс, зорбинг, велосипедронӣ, паркур, барфлейд, рафтинг, мубориз, довар ва монанди ин мафҳумҳоро бештар мешунавем, ки бевосита аз забони англисӣ гирифта шудааст. Неологизмҳое, ки ба мубоҳисаҳои варзишии муосири англисӣ хоссанд, мувофиқи моделҳои анъанавии калимасозӣ барои забони англисӣ тасниф карда мешаванд. Барои неологизмҳое, ки бидуни тафаккур ташаккул ёфтаанд, тарҷума ё усулҳои тарҷума дода мешаванд; барои неологизмҳое, ки бо тафаккури дубора ташаккул ёфтаанд, шарҳи маъноӣ низ дода мешавад.

Калидвожаҳо: неологизм, дискурси варзишӣ, рушди забон, рушди иҷтимоӣ, калимасозӣ, тарҷума.

НЕОЛОГИЗМЫ СОВРЕМЕННОГО АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В КОНТЕКСТЕ СПОРТИВНОГО ДИСКУРСА

Рассматриваются различные подходы отечественных и зарубежных исследователей к определению неологизмов, этапы образования неологизмов и способы пополнения лексической системы английского языка неологизмами. Появление лексических инноваций иллюстрирует развитие языка и общества. Изучение новых слов помогает нам понять языковое и социальное развитие, также помогает понять исторические события того или иного периода в жизни людей. На рубеже XX и XXI веков глобальные экономические и социальные, политические и психологические изменения отражаются в языке. Общество находится в состоянии постоянного изменения, и его лексический состав в последние годы претерпел значительное обновление. Развитие общества отражается во многих лексических единицах, которые определяют общественные отношения и изменения, что неизбежно влечет за собой лексические инновации и преобразования. Словарные инновации и изменения в языке новые слова (неологизмы) появляются в языке для описания новых явлений, объектов, свойств или моделей поведения. Активные "изобретатели" новых слов в настоящее время именно подростки и молодежь активно "изобретают" новые слова. Молодежь всегда ищет себе занятие по душе и по интересам. Поэтому мы часто слышим следующие термины, как сокс, зорбинг, велотриал, паркур, сноублейдинг, рафтинг, боец, рефери. Эти слова пришли непосредственно из английского языка. Неологизмы, характерные для современного англоязычного спортивного дискурса, основаны на

традиционных английских выражениях и могут быть классифицированы следующим образом: для неологизмов, образованных без переосмысления, приведен перевод или способы перевода; для неологизмов, образованных с переосмыслением, дана также и семантическая интерпретация.

Ключевые слова: неологизм, спортивный дискурс, развитие языка, развитие общества, словообразование, перевод.

NEOLOGISMS OF MODERN ENGLISH LANGUAGE IN THE CONTEXT OF SPORTS DISCOURSE

The article discusses various approaches of domestic and foreign researchers to the definition of neologism, the stage of formation of neologisms and ways to replenish the lexical system of the English language with new words. The emergence of lexical innovations indicates the development of language and society. The study of neologisms helps to understand the historical events of a certain period in people's lives. At the turn of the XXth and XX1st centuries the world has undergone global economic, social, political and psychological changes. Language as a mirror of society is undergoing constant changes, and in recent years there has been a significant update of the lexical composition of the language. The development of society is reflected in numerous lexical units that determine social relations and changes that inevitably entail lexical innovations and transformations in the language. New words (neologisms) appear in the language to designate new phenomena, objects, signs and actions. The active “inventors” of new words are currently teenagers and young people. Young people always try to come up with something to do to have fun and interesting time, on this basis in their speech we increasingly hear such concepts as sox, zorbing, bike trial, parkour, snowblade, rafting, fighter, and referee - all these concepts directly borrowed from English. Neologisms characteristic of modern English-language sports discourse are classified in accordance with traditional word-formation models for the English language. For neologisms formed without rethinking, a translation or methods of translation are given; for neologisms formed with rethinking, a semantic interpretation is also given.

Key words: neologism, sports discourse, language development, social development, word formation, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фазилова Шаҳноза Комилҷоновна*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, н.и.ф., муаллими калон, кафедраи лингвистика. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. Бохтар, 35/1. E-mail: **shahnozafozilova@mail.ru**. Тел.: **(+992)918-75-25-07**

Сведения об авторе: ***Фазилова Шахноза Камилджоновна*** - Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г. Душанбе, к.ф.н., старший преподаватель, кафедра лингвистика. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Бохтар 35/1. E-mail: **shahnozafozilova@mail.ru**. Тел.: **(+992)918-75-25-07**

Information about the author: ***Fazilova Shahnoza Kamildzhonovna*** - Branch of Moscow State University named after. M.V. Lomonosov in Dushanbe, Candidate of Philological Sciences, senior teacher of Linguistic Department. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Bokhtar Str., 35/1. E-mail: **shahnozafozilova@mail.ru**.
Phone: **(+992) 918-75-25-07**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

ТДУ: 891.550

ҲАМБАСТАГИИ ИЛМҲОИ ҚОФИЯ ВА БАДЕЪ

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Донишмандони илми адаб таъкид кардаанд, ки каломи мавзун, яъне шеър ҳамон вақт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии хубу лафзи ширину вазни хушу қофияи дурусту ибороти матину саноеъи бадеи дилкашу қолаби мувофиқ дошта бошад. Агар яке аз ҳамин рукнҳои каломи манзум риоя нашуда бошад, шеър нақс пайдо мекунад ва табиист, ки таъсири он кам мегардад. Ҳамин хусусияти шеърро ба назар гирифта, шеършиносони гузаштаю имрӯза вобастагии илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ва анвои адабиро махсус таъкид карда, нигоҳ доштани таносуби онҳоро дар каломи бадеъ ҳатмӣ донистаанд. Вобастагии илмҳои арӯзу бадеъ ва қофияву анвои адабиро дар асоси санъатҳои мураддафу мурдафу талаввуну зуқофиятайну зубаҳрайну ҳудуди қофия (Мутаковис, Мутарокиб, Мутадорик, Мутавотир, Мутародиф) ва анвои адабии дубайтиву рубоӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Мавзуи вобастагии илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ва анвои шеър хеле васеъ ва доманадор аст, барои ҳамин, мо кӯшиш мекунем, ки дар ин мақола фақат доир ба ҳамбастагии илмҳои бадеъ ва қофия сухан ронем.

Барои дарёфтан, яъне муайян кардани баъзе санъатҳои бадеъӣ ба муҳаққиқ лозим меояд, ки ҳам аз илми арӯз, ҳам аз илми қофия ва ҳам аз илми бадеъ хуб бохабар бошад. Масалан, дар ин байти Камоли Хуҷандӣ:

Ошиқонат ба саҳарҳо, ки дуъо мегӯянд,
Ба дуъо бӯйи ту аз боди сабо меҷӯянд.
Фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълон
- V- -/ v v - -/ v v - -/ - ~

(Вазнаш: Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ – садру ибтидо – солим) санъати лафзии зуқофиятайн истифода шудааст. Агар толибилм илми қофия ва истилоҳоти он – аз қабили решаи қофия, калимаи қофия, ҳарфҳои қофия (таъсис, дахил, ридф, қайд, равӣ, васл, хурӯҷ, мазид ва нойира), ҳаракатҳои қофия (рас, ишбоъ, тавҷеҳ, маҷро ва нафоз) ва алалхусус, маънии луғавӣ ва истилоҳии зуқофиятайнро надонад, аз ин байти Камол калимаҳоеро, ки ба вазифаи санъати зуқофиятайн омадааст, ҷудо карда наметавонад. Маънии луғавии зуқофиятайн соҳиби ду қофия гуфтан аст. Чаро? Барои он ки зуқофиятайн аз ду калимаи арабӣ, яке “зу” - соҳиб, дорандаи чизе, дигаре – қофиятайн – ду қофия сохта шудааст. Ба маънии истилоҳӣ зуқофиятайн аз ҷумлаи санъатҳои лафзист. Агар шоир дар як байт ду қофияро ҷой дода бошад, санъати бадеии онро зуқофиятайн меноманд. Дар байти фавқ калимаҳои “дуъо” бо “сабо” ва “мегӯянд”бо “меҷӯянд” ҳамқофия мебошанд. Дар қофияи аввал, яъне “дуъо”- ву “сабо” решаи қофия фақат аз як ҳарфи “о” иборат аст ва он ҳарф равӣ ном дорад (дар илми қофия ҳарфи охири решаи калимаро равӣ меноманд). Азбаски баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре наомадааст, онро равии муқайяд ва чунин қофияро низ қофияи муқайяди муҷаррад мегӯянд. Дар қофияи дуюм (“мегӯянд” ва “меҷӯянд”) решаи қофия (ҳарфҳои ҳамсони калимаҳои қофияро решаи қофия меноманд) аз чаҳор ҳарф - “ӯянд” таркиб ёфтааст. Дар илми қофия ҳар ҳарфи решаи қофия вобаста ба мавқеаш номи махсус дорад. Аз ин чаҳор ҳарф ҳарфи “ӯ” равӣ (зеро ҳарфи охири решаи калима аст), ҳарфи “я” васл (ҳарфи баъди равӣ омадаро васл меноманд), ҳарфи “н” хурӯҷ (ҳарферо, ки баъди васл омадааст, хурӯҷ меноманд) ва ҳарфи “д” мазид (ҳарфи баъди хурӯҷ омадаро мазид гӯянд) мебошад. Азбаски ҳарфи равӣ бо ҳарфи васл часпидааст, ин равиро равии мутлақ ва чунин қофияро қофияи мутлақ меноманд.

Зуқофиятайн дар байни санъатҳои лафзӣ хеле машҳур аст. Барои ҳамин, шоири асри XV форс-тоҷик Котибии Туршезӣ яке аз маснавиҳои худро “Зуқофиятайн” номидааст. Ин маснавӣ дар асл “Нозир ва Манзур” ном дошта, аз сабаби дар ҳар байт мавҷуд будани санъатҳои зубуҳуру зуқофиятайн онро “Зуқофиятайн” низ номидаанд. Бино ба гуфтаи муаллифи тазкираи “Маҷолис-ун-нафоис” Алишери Навоӣ: “Мавлоно Котибӣ аз

беназирони замони худ буд ва ба ҳар навъи шеър, ки майл кард, ӯро маонии ғариба рӯй намуд, ба тахсис, дар қасоид, балки ихтироот кард ва бештар хуб воқеъ шуд. Ва маснавиёт низ дорад, мисли “Тақнисот”, “Зубаҳрайн”, ”Ҳусну ишқ”, ”Нозир ва Манзур” ва “Баҳрому Гуландом” [3, с. 44].

“Зуқофиятайн” чунин таълиф карда шудааст, ки ҳар байти онро вобаста ба тарзи талаффуз дар се баҳр: Рамали мусаддаси маҳзуф (фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун - V - -/ -V - - / -V), Раҷази мусаддаси матвии мақтуъ (муфтаъилун/муфтаъилун / фоъилун- V V - / -V V - / - V -) ва Сареъи мусаддаси матвии макшуф ё мавқуф (муфтаъилун/ муфтаъилун / фоъилун ё фоъилон - V V -/ -VV-/-V - ё - V ~) хондан мумкин аст. Илова бар ин, ҳар байти маснавии “Зуқофиятайн” ду ё се қофия дорад. Мисол дар байти зери маснавии зикршуда чор қофия ҷой дода шудааст:

Аз ҳадди ӯ ҷаннати аъло хиҷил
В-аз қадди ӯ тиннати Тӯбо ба гил.
мустафъилун /муфтаъилун /фоъилун
- - V - / - V V - / -V -

Ё:

муфтаъилун /муфтаъилун/фоъилун
-v v - / -v v - / -v -
Ё ин ки:
фоъилотун /фоъилотун/ фоъилун
-v - -/ -v - - / -v -

Чи тавре ки дидем, байти боло чаҳор қофия дорад. Калимаҳои “ҳад”-у “қад”, ”ҷаннат"-у “тиннат”, ”аъло”-ю "Тӯбо" ва "хиҷил"-у "гил" ҳамқофиянд. Дар қофияҳои "ҳад" ва "қад" ҷузви "-ад" решаи қофия, ҳарфи "д" равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи "а" тавҷеҳ; дар қофияҳои "ҷаннат"-у "тиннат" ҷузви "-ат" решаи қофия, ҳарфи "т" равии муқайяд ва садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" тавҷеҳ ва ҳарфи "н" эънот; дар қофияҳои "аъло" ва "Тӯбо" ҷузви "о" решаи қофия буда, равии муқайяд аст. Дар қофияҳои "хиҷил"-у "гил" ҷузви "-ил" решаи қофия, ҳарфи "л" равии муқайяд ва садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "и" тавҷеҳ мебошад. Ҳар чаҳор қофияи байти боло қофияи муқайяд аст, зеро баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре (васл) наомадааст. Аслан, санъати бадеии байти болоро зуқофиятайн неву зуқавофӣ бояд бигӯем, зеро дар ин байт ду қофия не, балки чор қофия иштирок дорад.

Дар ашъори шоирони классик ба абёте дучор меоем, ки дар онҳо аз ду то чаҳор қофия ҷой дорад. Дар илми бадеъ агар дар як байт бештар аз ду қофия истифода шуда бошад, санъати лафзии онро зуқавофӣ меноманд. Зуқавофӣ низ аз калимаи арабии "зу" - соҳиб, доранда ва "қавофӣ"-ҷамъи қофия, яъне қофияҳо сохта шудааст. Масалан, дар ин байти Низомии Ганҷавӣ:

Лайлӣ зи бурун паранд медӯхт,
Маҷнун зи дарун сипанд месӯхт.
мафъӯлу/мафоъилун/ мафоъӣл
- - V/ v -v -/ v - ~

Калимаҳои "бурун" бо "дарун", "паранд"бо "сипанд" ва "медӯхт" бо "месӯхт" ҳамқофия шудаанд. Дар қофияи якум, яъне "бурун" бо "дарун" ҷузви "-ун" решаи қофия буда, ҳарфи "у" ридфи аслӣ (муфрад) ва ҳарфи "н" равии муқайяд буда, худи қофия қофияи муқайяд ном дорад. Дар ҳар ду калимаи қофия ҳарфи "р" низ такрор шудааст, аммо дар байни ҳарфҳои решаи қофия ба чунин ҳарф номе нагузоштаанд. Донишмандони илми бадеъ чунин ҳолатро аз ҳунарҳои шоирӣ шуморида, санъати бадеи онро эънот (ранҷонидан, худро дар кори душвор афкандан, ранҷ бар худ ниҳодан) номидаанд. Дар қофияи дуюм, яъне "паранд"-у "сипанд" ҷузви "-анд" решаи қофия, ҳарфи "д" равии муқайяд, ҳарфи "н" қайд ва садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" ҳазв аст. Дар қофияи сеюм, яъне "медӯхт"-у "месӯхт" ҷузви "-ӯхт" решаи қофия буда, ҳарфи "т" равии муқайяд, ҳарфи "ӯ" ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи "х" ридфи зойид (мураккаб) мебошад. Ҳарсе қофияи байти боло қофияи муқайяд ном доранд, зеро баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре (васл) наомадааст. Мисоли дигар:

Ахтари ӯ талъати тобанда дошт,
Чокари ӯ давлати поянда дошт.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон
- v - -/ -v - -/ - v ~

Ё ин ки:

муфтаъилун/ муфтаъилун/ фоъилон

- v v -/ -v v -/ - v ~

Чи тавре ки мебинед, дар байти фавқ калимаҳои "ахтар" бо "чокар", "талъат" бо "давлат", "тобанда" бо "поянда" ҳамқофия шудаанд. Дар қофияи якум, яъне "ахтар"-у "чокар" ҷузви "-ар" решаи қофия, ҳарфи "р" равии муқайяд, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" тавҷеҳ мебошад. Дар қофияи дуюм, яъне "талъат"-у "давлат" ҷузви "-ат" решаи қофия, ҳарфи "т" равии муқайяд ва садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" тавҷеҳ мебошад. Дар қофияи сеюм, яъне "тобанда"-ю "поянда" ҷузви "-анда" (-янда) решаи қофия, ҳарфи "д" равии мутлақ, ҳарфи "н" қайд, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" ("я") ҳазв ва ҳарфи "а"-и охир васл аст. Аз ин се қофия ду қофияи аввал ("ахтар"-у "чокар", "талъат"-у "давлат") қофияи муқайяд аст, зеро баъди ҳарфи равӣ ҳарфи васл наомадааст. Қофияи сеюм ("тобанда" -ю "поянда") қофияи мутлақ мебошад, барои он ки баъди ҳарфи равӣ (“д”) ҳарфи васл (а) омадааст.

Илова бар ин, дар баробари санъати зубуҳур санъати тарсеъ қариб ҳамеша дида мешавад. Чи тавре ки дар байти боло дидем, калимаҳои мисраъҳои якуму дуюм ҳамвазну ҳамқофияанд. Дар ин байт илова бар санъати зубуҳур санъати тарсеъ хеле табииву дилкаш омадааст. Ҳар як калима аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ низ ба ҳам баробаранд, яъне калимаҳои "ахтар"-у "чокар"-и ҳарду мисраъ аз ду ҳиҷои дароз (- -), калимаи "ӯ"-и мисраъҳои якуму дуюм аз як ҳиҷои дароз (-), калимаҳои "талъат"-у "давлат"-и байт аз ду ҳиҷои дароз (- -), калимаҳои "тобанда"-ю "поянда"-и мисраъҳои якуму дуюм аз ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ (- -v) ва калимаи "дошт"-и ҳарду мисраъ аз як ҳиҷои якуним (~) иборатанд.

Шоири охири асри XV ва ибтидои асри XII (1453-1535) Мавлоно Муҳаммад Аҳлии Шерозӣ бо номи "Сеҳри ҳалол" маснавие дорад, ки ҳар байти он дорои се-чор санъат-таҷнису зуқофиятайну зубуҳуру мурдаф аст. Абёте аз он:

Ғунчаи гулшаккари ӯ дилрабой,
Ғамзаи ҷонпарвари ӯ дилкушой.
Сад дилу ҷон хастаи абрӯ-ш буд,
Сад тану сар бастаи гесӯ-ш буд.
Аз гули ӯ сунбули тар тоб дошт
В-аз маҳи ӯ дидаи ҳур об дошт.
Ахтари ӯ талъати тобанда дошт,
Чокари ӯ давлати поянда дошт.

Агар баъзе калимаҳои абёти болоро ("дилу", "хастаи", "тану", "бастаи", "гули", "сунбули", "маҳи", "дидаи", "ахтари", "талъати", "чокари" ва "давлати") қувватноктар хонем, баҳри Рамали мусаддаси мақсур (фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун (– v - -/ - v - -/ - v ~) ва агар боз ҳамон калимаҳоро сабуктар хонем, баҳри Сареъи мусаддаси матвии мавқуф ё Рачази мусаддаси матвии мақтӯъ (муфтаъилун/ муфтаъилун/ фоъилон (- v v-/ - v v-/ -v ~) мешавад.

Ҳамчунин вобастагии илмҳои қофияву бадеъро дар мавриди ридфу радифу таъсису дахилу қайду васлу хурӯҷу мазиду нойира ва санъатҳои бадеии мурдафу мураддафу мутаъсасу мудаххалу муқайяду мувассалу мухаррачу музайяду мунайяр бармало дидан мумкин аст. Агар як калима ё чанд калима баъди қофия аз ибтидо то интиҳои шеър айнан такрор шавад, онро радиф меноманд. Радиф калимаи арабист, маънии луғавиаш ҳамсаф ё ҳамсафар, касе, ки дар асп ё хар, ё ин ки шутур аз паси ҷилавдор савор бошад. Дар илми бадеъ шеъреро, ки дар он радиф омада бошад, мураддаф мегӯянд. Масалан, дар ин дубайтии Бобо Тоҳир:

Магар шеру палангӣ, ай дил, ай дил,
Ба му доим ба ҷангӣ, ай дил, ай дил.
Агар дастам расад, хунат бирезам,
Бубинам то чӣ рангӣ, ай дил,ай дил.

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун

v - - -/ v - - -/ v - -

Калимаҳои "ай дил, ай дил", ки баъди қофияҳои "палангӣ", "ҷангӣ" ва "рангӣ" такрор омадаанд, радиф мебошанд ва табиист, ки дар илми бадеъ онро санъати мураддаф меноманд. Дар байти зерини Ҳофиз:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард
В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.
фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун
- v - -/ v v - -/ v v - -/ - ~,

ки вазнаш Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ аст, калимаи "мекард", ки баъди қофияҳои "мо" ва "таманно" омадааст, радиф аст, ки санъати бадеи онро, албатта, мураддаф гӯянд.

Гоҳе чунин ҳам мешавад, ки дар байт ё дар шеър як калима қофия буда, калимаҳои боқимонда ҳама радифанд. Дар абёти зер калимаҳои "биё", "даро" ва "чаро" қофия буда, калимаҳои боқимонда ҳама радифанд:

Биё, ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад,
Даро, ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад.
Зи хонаи дили ман нури рух дареғ надорӣ,
Чаро, ки хонаи дил бе рухи ту нур надорад.
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/ фаъилотун
v- v- / v v - -/ v - v -/ v v - -

Вазни абёти боло Муҷтасси мусаммани махбун буда, калимаҳои "биё", "даро" ва "чаро" ба вазифаи қофия омадаанд, ки решаи қофия ҳамагӣ аз як ҳарф - "о" (-ё) иборат буда, онро равии муқайяд меноманд. Азбаски решаи қофия фақат аз як ҳарф иборат аст, онро қофияи муқайяди муҷаррад меноманд. Бештари донишмандони илми бадеъ дар ин ақидаанд, ки шеъри радифдор хеле дилкашу хушоянд мебошад.

Санъати лафзии мурдаф, пеш аз ҳама, ба яке аз ҳарфҳои қофия - ҳарфи ридф вобастагӣ дорад. Маънии луғавии ридф пайи ҳам даромадан, тобеи чизе будан аст, аммо ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофия аст, ки пеш аз ҳарфи равӣ омада бошад. Ридф ду хел мешавад:

1. Ридфи муфрад ё аслӣ, ҳарфи садоноки дарозест, ки дар қофия пеш аз ҳарфи равӣ меояд. Ҳамаи садонокҳои дароз ("о", "ӯ", "у", "ӣ", "е" ва "ё") ба вазифаи ридфи муфрад омада метавонанд. Мисол:

Паём додам наздики он бути Кашмир,
Ки зери ҳалқаи зулфат дилам чарост асир?
Паём дод, ки девона шуд дили ту зи ишқ,
Ба раҳ наёрад девонаро самар занҷир (Муиззӣ).
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаълон
v -v -/ v v - -/ v -v -/ - ~

Дар қитъаи боло, ки дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ (ҳашви якуми мисраъҳои якуму чаҳорум - мушаас, зарби байти якуму арӯзи байти дуюм-махбуни мақсур) эҷод шудааст, калимаҳои "Кашмир", "асир" ва "занҷир" қофия, ҷузви "-ир" решаи қофия, ҳарфи "р" равии муқайяд ва ҳарфи "ӣ", ки пеш аз ҳарфи равӣ омадааст, ридфи муфрад аст ва санъати бадеии онро, албатта, мурдаф номидан мумкин аст.

2. Ридфи мураккаб ё зойид ҳарфи ҳамсадоест, ки дар байни ридфи муфраду равӣ меояд. Мувофиқи гуфтаи донишмандон ва муҳаққиқони адабиёти классикии форс-тоҷик, ҳарфҳое, ки ба вазифаи ридфи мураккаб (зойид) меоянд, шаштоянд: "н", "р", "с", "ш", "х", "ф". Масалан, калимаҳои "бохт" бо "тохт", "сӯхт" бо "дӯхт", "бехт" бо "рехт", "корд" бо "орд", "мост" бо "рост", "пӯст" бо "дӯст", "бист" бо "гирист", "дувист" бо "боист", "дошт" бо "пиндошт", "ёфт" бо "бофт", "кӯфт" бо "рӯфт", "фирефт" бо "шефт", "монд" бо "ронд" ҳамқофияанд ва ҳарфҳои "х", "р", "с", "ш", "ф", "н" ба вазифаи ридфи мураккаб (зойид) омадаанд. Шоире ин шаш ҳарфро ба таври зерин ба риштаи назм кашидааст:

Ридфи зойид шаш бувад, ай зуфунун,
"Хо"-ву "ро"-ю "син"-у "шин"-у "фо"-ву "нун".
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
-v- -/ - v - -/ -v-

Мисол барои ридфи мураккаб (зойид):

Зи шоҳу зи лашкар саронро бихонд,

Сазовор бо ӯ ба ромиш нишонд.
фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯл
v - -/v - -/v - -/v ~

Дар байти фавқ, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур суруда шудааст, калимаҳои “бихонд”-у “нишонд” қофия, ҷузви “-онд” решаи қофия буда, ҳарфи “о” ридфи муфрад, ҳарфи “н” ридфи мураккаб (зойид) ва ҳарфи “д” равии муқайяд мебошад. Азбаски дар решаи қофияи ин байт ҳарфи ридф (ҳам ридфи муфрад ва ҳам ридфи мураккаб) омадааст, санъати бадеии онро мурдаф меноманд. Ба маврид аст қайд кунем, ки ҳам мурдаф ва ҳам мураддаф дар ҳуруфи арабӣ яксон навишта мешавад. Агар толибилм нозукиҳои радиф ва илми қофияро надонад, ба ҷойи мурдаф (ҳарфи ридфдор) мураддаф (радифдор) ва ё баръакс, ба ҷойи мураддаф мурдаф хонданаш мумкин аст. Ҳамин тариқ, қофияе, ки дар решаи он ҳарфи ридф омадааст, қофияи мурдаф (ридфдор) меноманд ва мурдаф дар илми бадеъ яке аз санъатҳои лафзист.

Санъати лафзии мутаъсас низ ба яке аз ҳарфҳои қофия - таъсис вобаста аст. Таъсис калимаи арабист, маънои луғавиаш бунёд гузоштан, асос гузоштан аст. Ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд. Таъсис садоноки дарози "о" (алиф)-и пеш аз равӣ буда, ҳатман дар байни он (яъне "о") ва ҳарфи равӣ бояд як ҳамсадою як садоноки кӯтоҳ (ҳаракат) воқеъ бошад. Садоноки дарози "о"-ро барои он таъсис меноманд, ки асоси қофияро ташкил медиҳад, яъне оғози ҳарфҳои решаи қофия аз ҳамин ҳарфи "о" сар мешавад. Таъсис ҳамеша бо ҳарфи д а х и л якҷоя меояд. Ҳарфҳое, ки пеш аз ҳарфи таъсис меоянд, ба решаи қофия дохил намешаванд ва номе ҳам надоранд.

Мутаъсас дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои лафзист. Мутаъсас байте ё шеъреро гӯянд, ки дар таркиби ҳарфҳои решагии қофияи он ҳарфи таъсис омада бошад. Мисол, Анварӣ гӯяд:

Гарчи дар бастам дари мадҳу ғазал якборагӣ,
Зан(н) мабар, к-аз назми алфозу маъонӣ қосирам.
Балки дар ҳар навъ, к-аз ақрони ман донад касе
Хоҳ ҷузве гир онро, хоҳ кулле, моҳирам.
Мантиқу мусиқию ҳайат бидонам андаке,
Ростӣ, бояд бигӯям бо насибе вофирам.
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун
- v - -/ -v - -/ -v - -/ - v -

Дар қитъаи боло, ки дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст, калимаҳои "қосирам" -у "моҳирам" ва "вофирам" қофия, ҷузви "-осирам", "-оҳирам" ва "офирам" решаи қофия мебошанд. Дар ин решаи қофия ҳарфи "о" таъсис, ҳарфи "с" (дар қофияи дуюм ҳарфи "ҳ" дахил), садоноки кӯтоҳи "а" маҷро ва ҳарфи "м" васл аст. Дар абёти боло дар ҳарду қофия таъсис иштирок дорад, аммо баъзе шоирони тоҷик такрори ҳарфи таъсисро дар қофияи шеър зарур намешуморанд. Масалан, дар ин байти Восифӣ:

Ай лаъли ҷонфизоят нақди хазинаи дил,
З-он нақд нест моро ҷуз хуни дида ҳосил
мафъӯлу/ фоъилотун/ мафъӯлу/ фоъилотун
- -v/ - v - -/ - - v/ - v - -

Ё ин ки:

мустафъилун/ фаъӯлун/ мустафъилун/ фаъӯлун
- - v -/ v - -/ - -v -/ v- -

калимаҳои "дил" ва "ҳосил" қофияи онро ташкил медиҳанд. Чи тавре ки мебинед, калимаи "ҳосил" таъсис дорад, аммо дар калимаи "дил" ҳарфи таъсис иштирок накардааст.

Ба ақидаи муаллифи "Ал-муъҷам" - донишманди асри XIII форс-тоҷик-Шамси Қайси Розӣ таъсис барои он гуфтаанд, ки ҳарфи "о" асоси қофия буда, ҳарфҳои якхелаи пеш аз он омада аз ҷумлаи ҳуруфи решаи қофия ҳисобида намешавад.

Мисол:

Ки дафъи чашми бадро з-он шамойил,
Ба гардун дасти ман бодат ҳамойил.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - -/ v - - -/ v - -

Дар байти фавқ, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шудааст, калимаҳои "шамойил"- у "ҳамойил" ба вазифаи қофия омадаанд, ки ҷузви "-амойил" решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки дарози "о" таъсис, ҳамсадои "й" дахил, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "и" ишбоъ ва ҳарфи "л" равии муқайяд аст. Чи тавре ки мебинед, дар решаи қофияи ҳарду калимаи қофия ҳарфи "м" низ иштирок дорад, аммо донишмандони илми қофия ба он номе нагузоштаанд ва чунин ҳарфи пеш аз таъсисомадаро аз ҳуруфи решаи қофия нашумурдаанд.Онро аз ҷумлаи санъатҳои лафзӣ дониста, эънот ё лузуми молоялзам номидаанд. Дар илми бадеи классикӣ шеъре ё байте, ки дар решаи қофияи он ҳарфи таъсис омада бошад, санъати бадеии лафзии онро мутаъссас (бунёдгузошта, асосгузошта) номидаанд. Мисол:

Бас қомати хуш, ки зери чодар бошад,
Чун боз кунӣ, модари модар бошад.
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- -v/ v -v -/ v - - -/ -

Ду мисраи фавқ байте аз рубоӣ буда (вазнаш - Ҳазаҷи мусаммани ахраби маҳбузи абтар (ҳашви якуми мисраи дуюм макфуф- мафоъӣлу v - -v), калимаҳои "чодар"-у "модар" қофия, ҷузви "-одар" решаи қофия, ҳарфи "о" таъсис, ҳарфи "д" дахил, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" ишбоъ ва ҳарфи "р" равии муқайяд мебошад. Азбаски решаи қофияи он аз ҳарфҳои таъсису дахилу равии муқайяд иборат аст, санъатҳои лафзиашро мутаъсасу мудаххалу мураддаф (чунки радиф дорад) номидан мумкин аст.

Мударрағ ё м у д р а ғ низ аз ҷумлаи санъатҳои бадеист, ки ба илми қофия алоқа дорад. Маънои луғавии мударрағ ба ҳам печидани ҷома, пинҳон, омехтани ду чиз ба якдигар буда, ба маънии истилоҳӣ номи яке аз санъатҳои лафзист. Ба қавли муаллифи “Зебоишиносии шеъри форсӣ"-Фотима Покрӯ, мударрағ чунон аст, ки шоир шеъре мегӯяд, ки калимаҳои охири ҳар мисраи шеър ба ду ҳисса ҷудо шуда, нисфи аввал қофияи шеър ва нисфи дуюми ҳамон калима ибтидои мисраи дуюмро ё нисфе дар арӯзи байти дуюм, ё ин ки нисфе дар зарби байти дуюм ҷой дода мешавад. Ин санъат, асосан, хосси шеъри арабӣ буда, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ хеле камистеъмол аст. Мисол: Чор байт аз қасидаи шоири охири асри XI ва ибтидои асри XII Сӯзании Самарқандӣ:

Саъди дин мадҳи хоҷаи мустави-
Фӣ‡ шунидиву дар дил омад сав-
Дои он навтарину кардӣ таҳ-
Син бар он вазни шеъру қофия мав-
Қуф, то кард баҳри зикри то хо-
Тири ман з-он насақ§ мадеҳи ту мав-
Зун, зиҳӣ меҳтари сахт сухан-
Дон, ки н-овард сири ахтару дав-
фоъилотун / мафоъилун / фаълун
-v - - / v - v - / - -

Чи тавре ки мебинед, дар се байти қасида (вазнаш-Хафифи мусаддаси махбуни аслам (зарби байтҳои дуюму сеюм ва арӯзи байтҳои сеюму чорум- махбуни маҳзуф) калимаҳои “мустафӣ”, “савдо”, “таҳсин”, “мавқуф”, ”хотир”, “мавзун”, ”сухандон” ва “давлат”- ро ду қисм карда, ними онро арӯзи (рукни охири мисраи якум) байту ними дигарро ибтидои (рукни аввали мисраи дуюм) байт сохтааст. Қофияҳои байтҳои фавқ аз ҷузвҳои “мустав”,”сав”, “мав” сохта шудаанд, ки решаи қофияи онҳо “-ав” аст. Дар ин решаи қофия садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) “а” тавҷеҳ ва ҳарфи “в” равии муқайяд мебошад. Мударрағро баъзе донишмандони илми бадеъ яке аз навъҳои мувашшаҳ-мувашшаҳи музамман меҳисобанд.

Санъати лафзии мунайяр низ ба илми қофия вобастагӣ дорад. Агар дар таркиби решаи қофияи байте ё шеъре ҳарфи н о й и р а омада бошад, санъати бадеии онро мунайяр меноманд. Нойира калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш шуъла, оташ, ронанда, гурезанда аст. Ба маънои истилоҳӣ нойира яке аз ҳарфҳои решаи қофия мебошад. Ба таври дигар гӯем,

‡Мустафӣ - сардори аҳли девон, сармуҳосиб.
§ Насақ -тартиб, қоида.

дар илми қофия ҳарферо нойира гӯянд, ки дар таркиби решаи қофия баъди ҳарфи м а з и д омада бошад. (Ба ҷуз садонокҳои кӯтоҳи “а”, ”у” ва“я”). Асли калимаи нойира аз нивор аст, ба маънии рамидан ва дур шудан. Муаллифи “Ал-муъҷам”- Шамси Қайси Розӣ ин истилоҳро ба шакли н о й и р кор фармудааст. Аммо Абдурраҳмони Ҷомӣ ва донишмандони дигари илми қофия онро нойира гуфтаанд. Ҳарфи нойира дар шеър охирин ҳарфи решаи қофия буда метавонад, ки такроран биёяд, яъне агар якчанд ҳарф баъди мазид биояд, ҳамагӣ нойира хонда мешавад. Дар байти зер аз "Рисолаи қофия"-и Ҷомӣ:

Он маҳ, ки ба чашми меҳр дидастемаш,
Аз ҷумлаи некувон гузидастемаш.
мафъӯлу / мафоъилун /мафоъӣлун / фаъ
- - v /v - v - / v - - - / -

ки вазнаш Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (ҳашви якуми мисраи дуюм-солим), калимаҳои: “дидастемаш”-у “гузидастемаш” қофия, ҷузви “-идастемаш” решаи қофия буда, ҳарфи “и” ридфи муфрад, ҳарфи “д” равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) “а” маҷро , ҳарфи “с” васл, ҳарфи “т” хурӯҷ, ҳарфи “е” мазид, ҳарфи “м” нойира, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) "а" нафоз ва ҳарфи "ш" низ нойира мебошанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар китоби “Рисолаи қофия”- и худ нуҳ ҳарфи қофияро дар байти зер чунин ҷой додааст:

Равию ридфу дигар қайду баъд аз он таъсис
Дахилу васлу хурӯҷу мазиду нойира.
мафоъилун/ фаъилотун / мафоъилун/ фаълун
v - v - / v v - - / v - v - / - -

Донишманди асри XV муаллифи рисолаи “Ҷамъи мухтасар”- Ваҳиди Табрезӣ ҳарфҳои қофия ва тарзи ҷойгиршавии ҳар кадоми онҳоро дар қитъаи зер чунин баён кардааст:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта, инҳо дойира.
Ҳарфи таъсису дахилу ридфу қайд, он гаҳ равӣ,
Баъд аз он васлу хурӯҷ асту мазиду нойира.

Мақсуд аз чаҳор ҳарфи пеш аз равӣ - таъсису дахилу ридфу қайд ва чаҳор ҳарфи баъди он - васлу хурӯҷу мазиду нойира аст, ки якҷоя бо равӣ нуҳ ҳарфи асосии қофияанд. Мисоли дигар:

Суол кардаму гуфтам: “Ҷамоли рӯйи туро
Чӣ шуд, ки мӯрча ба гирди моҳ ҷӯшидаст”?
Ҷавоб дод: "Надонам, чӣ буд рӯямро
Магар ба мотами ҳуснаш сиёҳ пӯшидаст”.
мафоъилун /фаъилотун / мафоъилун / фаъилун
v- v -/ v v - -/ v -v -/ v v -

Вазни қитъа Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (зарби ҳарду байт-аслами мусаббағ, арӯзи байти дуюм – аслам) буда, калимаҳои “ҷӯшидаст”-у “пӯшидаст” қофия, ҷузви “- ӯшидаст” решаи қофия, ҳарфи “ӯ” ридфи муфрад, ҳарфи “ш” равии мутлақ, ҳарфи “ӣ” васл, ҳарфи “д” хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) “а” нафоз, ҳарфи “с” мазид ва ҳарфи “т” нойира мебошад. Илова бар ин, дар ин қитъа боз калимаҳои “моҳ”-у “ сиёҳ” ҳамқофияанд, яъне дар ин қитъа ду қофия иштирок дорад. Ғайр аз ин, дар қитъа даҳ санъати бадеӣ (маънавию лафзӣ): таносуби сухан (мурооотунназир ё мурооти назир), ташхис, истиора, иқтифо (зуқофиятайн), мувассал, мурдаф, муқайяд, тазод ва муқобала, саволу ҷавоб, ирсоли масал ба кор бурда шудааст, ки албатта, аз истеъдод ва табъи хуби шоири соҳиби қитъа гувоҳӣ медиҳад. Барои ҳамин, мегӯянд: “ Бар ройи равшани (андешаи қавии) соҳибдилон пӯшида намонад, ки дурри мавъизаҳои шофиро (росту дурустро) дар силки иборат кашидааст ва доруи талхи насиҳат ба шаҳди зарофат баромехтааст" [26, с. 346]. Санъати лафзии мунайяр дар шеъри шоирони форс-тоҷик бениҳоят камистеъмол аст, зеро худи нойира ҳамчун ҳарфи охирини решаи қофия дар шеър кам иштирок мекунад.

Санъати бадеии ирсод низ ба илми қофия робита дорад. Маънои луғавии ирсод касеро бар коре ё чизе нигаҳбон кардан ва ӯро дар камини он кор таъйин намудан буда, дар илми бадеи классикии форс-тоҷик аз ҷумлаи санъатҳои маънавист. Ирсод чунон аст, ки шоир ё нависанда назму насрро чунон эҷод мекунад, ки хонанда ва шунавандаи хушзавқу хуштабъ

қисмати аввали он чизи таълифшударо чун бишнавад, ба зудӣ дармеёбад, ки қисмати баъдияш чи тавонад буд. Чунин ҳолат беш аз ҳама дар насри мусаҷҷаъ рух медиҳад. Дар ашъоре, ки онҳоро тавре эҷод карда бошанд, ки шунавандаи нуктадону соҳибзавқ чун қисмати аввали шеърро бишнавад, калимаҳои саҷъшаванда ва қофияи онро пешакӣ гуфта метавонад. Сабаби ирсод номидани ин санъати маънавӣ дар он аст, ки гӯё шунаванда ё хонанда дар донистани баъзе ҷузвҳои калом саҳмгузор ва шарик мебошад.

Мисол ин насри “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ: "Тангдастонро симу зар додӣ ва мусофиронро суфра ниҳодӣ”, “Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб”, “Дидани аҷоибу шунидани ғароиб”.

Мисол аз назм:

Дар ғами ёр ёр боистӣ
Ё ғамашро канор боистӣ.
Андар ин бӯстон, ки айши ман аст,
Гул тамаъ нест, хор боистӣ.
фоъилотун / мафоъилун / фаълун
-v - - / v - v - / - -

Чи тавре ки мушоҳида кардед, хонанда ё шунавандаи соҳибзавқ баъди хондан ё шунидани байти якуми абёти боло ба зудӣ пай мебарад, ки қофияи байти дуюм “хор” бояд бошад. Мисоли дигар:

Вақти баҳор бода махур ҷуз ба бӯстон,
К-аз бода он беҳ аст, ки дар бӯстон хуранд.
Бо дӯстон хур, он чи туро ҳаст пеш аз он-к
Баъд аз ту душманони ту бо дӯстон хуранд.
мафъӯлу/ фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон
- - v / - v - v / v - - v / - v ~

Байти дуюми қитъаи боло тавре эҷод карда шудааст, ки хонанда ва шунавандаи соҳибзавқ пешакӣ мефаҳмад, ки қофияи байти дуюм калимаи “дӯстон” бояд шавад. Дар қитъаи фавқ (вазнаш-Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф) калимаҳои “бӯстон” ва “дӯстон” қофия, ҷузви “-ӯстон” решаи қофия буда, ҳарфи “ӯ” ридфи муфрад, ҳарфи “с” ридфи мураккаб (зойид), ҳарфи “т” равии мутлақ, ҳарфи “о” васл ва ҳарфи “н” хурӯҷ мебошад. Агар калимаҳои “бӯстон” ва “дӯстон”- ро калимаҳои қофия шуморему (дар ҳақиқат, онҳо калимаҳои қофияанд) решаи калимаи “дӯстон”-ро “дӯст” хонем, дар он сурат решаи қофия, “-он” мешавад, ки ҳарфи “о” ридфи муфрад ва ҳарфи “н” равии муқайяд аст. Дар ин сурат, дар қофияҳои “бӯстон”-у “дӯстон” яке аз айбҳои қофия –итон хафӣ дида мешавад. Барои он ки шоир калимаи “бӯстон”-ро бо “дӯстон” қофия кардааст, ки ҷузви “-он” – и калимаи “дӯстон” решаи калима не, балки пасванд аст. Дар илми қофия пасвандҳо ва калимаҳои ҳаммаъноро ҳамчун калимаҳои қофия истифода бурданро аз уюби қофия донистаанд. Ҳарчанд ито (хусусан, итои хафӣ) аз айбҳои қофия шуморида шудааст, аммо дар ашъори шоирони форс-тоҷик ба таври фаровон истифода шудааст.

Санъати бадеии истиқбол низ дар натиҷаи ҳамбастагии илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ба вуҷуд омадааст. Истиқбол калимаи арабист, маънои луғавиаш пешвоз гирифтан буда, дар истилоҳи илми бадеъ номи яке аз санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ба гуфтаи яке аз устодони сухан такя карда, дар асоси вазну қофияи шеъри ӯ шеъре бигӯяд. Масалан, Масъуди Саъди Салмон дар эҷоди қасидаи худ бо матлаи зер:

Сипоҳи абри найсонӣ зи дарё рафт зӣ саҳро,
Нисори лулуъи лоло ба саҳро бурд он дарё.
Мафоъӣлун / мафоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/ v - - -/v - - -/v - - -

ба истиқболи қасидаи Фаррухии Систонӣ ба ин матлаъ рафтааст:

Баромад нилгун абре зи рӯйи нилгун дарё,
Чу раъйи ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/v - - -/v - - -/v - - -

Дар байти боло (вазнаш Ҳазаҷи мусаммани солим) калимаҳои “саҳро” ва “дарё” қофия, ҷузви “о” (-ё) решаи қофия буда, ҳарфи о (“ё”) равии муқайяд аст. Худи қофия қофияи муқайяди муҷаррад ном дорад, зеро решаи қофия танҳо аз як ҳарфи равӣ иборат

мебошад. Ҳарчанд дар таркиби ҳарфи қофия ҳарфи “р” низ такрор шудааст, аммо чунин ҳарф дар байни ҳарфҳои қофия ном надорад ва аз ҳуруфи қофия ҳам ҳисоб намеёбад. Баъзе донишмандони илмӣ бадеъ, мисли муаллифи “Бадоеъ-ул-афкор”-Ҳусайни Воизи Кошифӣ таъкид кардааст, ки агар шоир барои ороиши сухан ва зинати каломи хеш дар таркиби ҳарфҳои қофия, пеш аз ҳарфи равӣ ва ҳарфи ридф ҳарферо такрор кунад, ки чунин ҳарф дар илми қофия ном надошта бошад, онро эънот, илзом, лузуми молоялзам, мутакаллуфи матбуъ меноманд.

Чи тавре ки мебинед, дар калимаҳои қофияи байти Масъуди Саъди Салмон ҳарфи “р” такрор шудааст.

Дар матлаи қасидаи Фаррухии Систонӣ (вазнаш мисли вазни қасидаи Масъуди Саъди Салмон – Ҳазаҷи мусаммани солим аст) калимаҳои “дарё” ва “шайдо” қофия, ҷузви “-ё (“-о”) решаи қофия буда, ҳарфи “ё” (“о”) равии муқайяд мебошад. Худи қофия бошад, қофияи муқайяди муҷаррад аст, барои он ки решаи қофия танҳо аз як ҳарф иборат мебошад.

Санъати қалбулқавофӣ низ ҳам ба илми бадеъ ва ҳам ба илми қофия робита дорад. Қалбулқавофӣ аз ду калима - қалб (тағйир додан, чаппа кардан) ва қавофӣ (қофияҳо) иборат буда, дар илми бадеи классикии форс-тоҷик яке аз навъҳои санъати лафзиро гӯянд. Агар шоир дар шеър ду қофияро биораду баъд онҳоро чаппа гардонад, яъне қофияе, ки дар мисраи аввал дар пеш буд, дар мисраи сонӣ дар охир ҷой диҳад, санъати бадеии онро қалбулқавофӣ номанд. Мисол:

Онро, ки широ бувад, ки бар дар доранд,
Аз баҳри чи ин карда дар бар доранд.
В-онро, ки аз ӯ ду даст бар сар доранд,
Чун даст расад, хизона сар бардоранд.
мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлун/ фоъ
- - v / v - v - /v - - - /~

Дар рубоии фавқ (вазнаш Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал) (ҳашви якуми мисраи дуюм-макфуф, ҳашви дуюми мисраи дуюм -муханнақ) калимаҳои “бар”-у “дар”, “дар”-у “бар” ва “бар”-у “сар”-у “дар” ҳамқофия, ҷузви “-ар” решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи (ҳаракати) “а” тавҷеҳ ва ҳарфи “р” равии муқайяд мебошад. Худи қофия бошад, қофияи муқайяди муҷаррад ном дорад, чунки решаи қофия танҳо аз як ҳарфи равӣ (“р”) иборат аст.

Қофияи бадеия, чи тавре ки аз номаш маълум аст, ҳамчун истилоҳ аз ҳамбастагии илмҳои қофияву бадеъ ба вуҷуд омадааст. Баъзе донишмандони илми адаб, мисли муаллифи “Ошноӣ бо арӯзу қофия” доктор Сируси Шамисо як навъи қофияро қофияи бадеия номидаанд. Бино ба гуфтаи ӯ, агар шоир дар ашъори худ қофияҳоеро биёрад, ки дар онҳо яке аз санъатҳои бадеӣ, аз қабили эънот (лузуми молоялзам), таҷнис ё ягон навоварию ибдоъе вуҷуд дошта бошад. (Эънот дар луғат ранҷ бар худ ниҳодан, худро дар кори душвор афкандан, ранҷонидан буда, дар истилоҳ он аст, ки шоир барои ороиши сухан ва зинати калом дар решаи қофия (пеш аз ҳарфи равӣ ва ридф) ҳарферо такрор меорад, ки ба решаи қофия дохил намешавад. Ин навъи санъатро лузуми молоялзам (лозими ғайри зарурӣ) низ меноманд). Мисол:

Ай ҳунарҳо гирифта дар кафи даст,
Айбҳо баргирифта зери бағал.
То чӣ хоҳӣ харидан, ай мағрур,
Рӯзи дармондагӣ ба сими дағал?
фоъилотун/мафоъилон / фаъилун
- v - -/ v - v - / v v –

Чаҳор мисраи боло қитъа буда, калимаҳои “бағал” ва “дағал” қофия, ҷузви “-ал” решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки “а” тавҷеҳ, ҳарфи “л” равии муқайяд аст. Ҳамон тавре ки мебинед, дар ҳар ду калимаи қофия ҳарфи “ғ” такрор шудааст ва қабл аз ҳарфи равӣ омадааст. Азбаски ин ҳарф ба решаи қофия дохил намешавад, онро эънот ва қофияро қофияи бадеия меноманд.

Мисоли дигар, Мавлавӣ гӯяд:
Нестваш бошад хаёл андар равон,
Ту ҷаҳонӣ, бар хаёле бин равон.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун

- v - -/- v - -/- v -

Дар байти фавқ калимаи “равон”-и мисраи якум бо калимаи “равон”-и мисраи дуюм қофия шудааст, чунки таҷниси том мебошад. Дар ҳарду калимаи қофия ҷузви “-он” решаи қофия аст, ки ҳарфи “о” ридфи муфрад, ҳарфи “н” равии муқайяд мебошад. Дар ҳар ду қофия ҳарфи “в” низ такрор шудааст ва пеш аз ҳарфи ридф омадааст. Азбаски ҳарфи “в” ба решаи қофия дохил намешавад, онро эънот ё лузуми молоялзам меноманд ва қофияи ин байтро қофияи бадеия гӯянд.

Мисоли дигар аз Мавлавӣ:

Гуфт ман мустасқиям обам кашад,
Гарчи медонам, ки ҳам обам кушад.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - -/- v - -/- v –

Самтуннаср аз ҷумлаи санъатҳои бадеист, ки дар натиҷаи ҳамбастагии илмҳои қофияву бадеъ ба вуҷуд меояд. Самт дар луғат ба маънии равиш, тариқ омада, наср маънии пароканда карданро дорад. Самтуннаср аз ихтирооти муаллифи “Эъҷози Хусравӣ” – Амир Хусрави Деҳлавист. Самтуннаср дар асл ҳамон санъати мусаммат аст, ки хосси назм мебошад. Аммо Амир Хусрави Деҳлавӣ кӯшиш намудааст, ки санъати мусамматро дар қолаби наср рост намояд. Вай ҳамон кореро, ки шоир дар қолаби назм анҷом медод, яъне шоир ҳар байтро ба чаҳор қисм ҷудо карда, дар охири се қисм *саҷъ* нигоҳ дорад дар охири қисми чорум қофияи аслиро биорад. Мисли ин байти Кисоӣ:

Безорам аз пиёла в-аз арғувону лола,
Мову хурӯшу нола, кунҷе гирифта танҳо.
мафъӯлу/фоъилотун/мафъӯлу/фоъилотун
- -v/ - v - -/ - -v/ - v - -

Ё:

мустафъилун/ фаъӯлун/мустафъилун/фаъӯлун
- v - - /v - -/ - - v -/ v - -

Хусрави Деҳлавӣ дар асоси санъати мусаммати назм санъати мусамматро дар қолаби наср татбиқ карда, самтуннаср номидааст ва ҷумлаҳои зеринро чун намуна шоҳид нишон додааст: “Хомаи Хусрав шохи марҷонест **гавҳарбор** ё мурғест донаҳои гавҳар дар **минқор**; шабаҳ бар гавҳари ӯ **пардавор**, парда гавҳар бофта аз шаби **тор;** дар ҷавонмардӣ абри **гавҳарнисор**, дар тавозуъ чун мардуми **покгавҳар**. Дурре, ки аз дурҷи давотам **зояд**, аз хизонаи дарё берун **наёяд**. Агар ғаввоси қалам яке аз он **бинмояд**, ҳаргиз ханда аз даҳон садаф **накушояд**. Бар дасти шоҳон нигин шояду дар гӯши арӯсон зевар. Чун ман ҳаваси ин санъат дар сар **овардам,** андешаро дар хазоини фалак **даровардам,** аз Миррих лаълу аз Муштарӣ гавҳар **овар дам.** Пас, рӯй ба оройиши зевар **овардам,** ҳолӣ, ки ин мансури мусаммат **баровардам**, самтуннаср ном кардамаш ахтар” [4].

Санъати бадеии таштир низ ба илми қофия алоқаи зич дорад. Таштир калимаи арабист, маънои луғавиаш бастани ду пистони уштур буда, дар истилоҳи илми бадеи классикӣ яке аз навъҳои санъати маънавиро гӯянд. Ба қавли муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” - Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, агар ҳар мисраи байтро ду қисм кунанду он қисмҳоро мусаҷҷаъ созанд ва саҷъи ду қисми мисраи дуюм мухолифи саҷъи ду қисми мисраи якум бошад, онро таштир номанд.

То дар садо ушшоқи ӯ пайваста бошам сурхрӯ,
Ҳар лаҳза резам аз басар бар рӯйи худ хуни ҷигар.
мустафъилун/мустафъилун /мустафъилун /мустафъилун
– – v – /– – v– /– – v – /– – v –

Ба қавли муаллифи “Зебоишиносии шеъри форсӣ” - Фотима Покрӯ, таштир чунон аст, ки шоир ҳар мисраъро ду қисм мекунаду дар ҳар ду қисми мисраи якум қофияҳоеро ҷой медиҳад, ки мухолифи қофияҳои ду қисми мисраи дуюм мебошанд. Масалан, Саъдӣ чунин гуфтааст:

Мадеҳ, ай рафиқ, пандам, ки назар бад-ӯ фикандам,
Ту миёни мо надонӣ, ки чӣ меравад ниҳонӣ.
фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилотун
vv – v/ – v – – / vv – v/ – v – –

Мисоли дигар байте аз Муҳташами Кошонӣ:

На ҳамзабонӣ, ки то замоне,
Бар-ӯ шуморам ғаме, ки дорам.
фаъӯлу/ фаълун / фаъӯлу / фаълун
v – v/ – – / v – v / – –

Ё:

мафоъилотун/ мафоъилотун
v – v – –/ v – v – –

Ё ин ки:

мафоъилун/ фаъ/ мафоъилун/ фаъ
v – v – / – / v – v – / –

Чи тавре ки дидед, байти фавқ вобаста ба тақтеи арӯзӣ дар се вазн (баҳр) суруда шудааст. Дар тақтеи якум баҳри Мутақориби мусаммани мақбузи аслам, дар тақтеи дуюм баҳри Рачази мураббаи махбуни мураффал, дар тақтеи сеюм баҳри Ҳазаҷи мусаммани мақбузи абтар ё Мунсареҳи мусаммани махбуни манҳур ба вуҷуд меояд.

Аз рӯйи мулоҳизаҳое, ки дар фавқ гуфтем, маълум гардид, ки ҳамбастагии илмҳои қофияву бадеъро дар асоси санъатҳои мураддафу мурдаф, талаввуну зуқофиятайну зубаҳрайну мутаъсасу, муфрадулқавофӣ, мударрачу музайяну илзому ирсоду истиқболу қалбулқавофиву эътоту маҳҷубу муаққабу муқаффову издивоҷу раддулқофия, самтуннасру сачъ ва навъҳои он, рад-ул-ачузи ала-с-садри, мутасодир ва навъҳои он, тазмини муздавач, тавсеъ, тавсим, тазниб, тарофуқ, тарҷеъ, ташреъ, таштир ва ғайра дидан мумкин аст. Барои ҳамин, ба муҳаққиқони адабиёт, шоиру нависандагон ва донишмандони илми адаб, муаллимону устодони соҳаи адабиёт ва донишҷӯёни мактабҳои олии соҳаи филология зарур аст, ки нозукиҳои илми қофия ва истилоҳоти он (ҳарф ва ҳаракатҳои қофия, решаи қофия, ҳудуди қофия, навъҳои қофия), анвои санъатҳои бадеӣ (санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ) ва роҳҳои муайян кардани онҳоро ҳам дар амалия ва ҳам дар назария аз худ намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. Асрор-ул-балоға / Тарҷумаи Ҷалили Таҷлил. –Теҳрон, 1380.
2. Абдулҳусайни Саъидиён. Дастури забони форсӣ ва фунуни адабӣ. –Теҳрон, 1343.
3. Амир Низомуддин Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. Таҳия, тасҳеҳ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. –Д., 2018.
4. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Расоил-ул-эъҷоз / Эъҷози Хусравӣ. Матни илмӣ-интиқодӣ. Таҳияи матн бо муқаддима, тасҳеҳ, тавзеҳот, таълиқот (шарҳи луғоту таркибот, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ) ба кӯшиши Мисбоҳиддини Нарзиқул. –Д., 2013.
5. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. –Д., 1974.
6. Воҷидалии Муҷмалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. –Нувалкишур, 1326.
7. Зеҳнӣ Тӯрақул. Санъати сухан. –Д., 1992.
8. Каскель, В. “Китаб ал-бадеи” и её место в арабской поэтике и риторике / В.Каскель. Дар кит: “Арабская средневековая культура и литература”. – М., 1978.
9. Кошифӣ Ҳусайн Воъиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор / Бо муқаддимаи васеъ ва феҳристҳои Раҳим Мусулмонқулов. –М., 1977.
10. Қосимӣ Т. Баҳс дар бораи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” / Т.Қосимӣ. –Теҳрон, 1342.
11. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Эъҷози Хусравӣ ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ. –Д., 2009.
12. Мусулмонқулов Раҳим. Сачъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик. –Д., 1970.
13. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Тарҷумон-ул-балоға. –Д., 1987.
14. Муҳаммади Фишоракӣ. Нақди бадеъ. –Теҳрон: Самт, 1389.
15. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи Урватуллои Тоир, Мирзо Абдуллоев ва Раҳмуддини Ҷалол. –Д.: Ориёно, 1992.
16. Нисорӣ Хоҷа Ҳасан. Чаҳор гулзор / Таҳияи матн, муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғоту тавзеҳот Усмон Назир ва Давлатбеки Хоҷа. –Д.: Шарқи озод, 1999.
17. Рашидаддини Ватвот. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаик-ас-сихр фи дакаик аш-шир). Перевод с персидского, исследование и комментарий Н.Ю. Чалисовой. – М., 1985.
18. Рашидаддин Ватвот. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ -уш-шеър / Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳи Х. Шарифов. –Д.: Дониш, 1987.
19. Саййидмуҳаммад Доъии Ҷавод. Илми бадеъ дар забони форсӣ. –Исфаҳон, 1325.
20. Саййидмуҳаммади Нишот. Зеби сухан ё илми бадеъи порсӣ. –Теҳрон, 1342.
21. Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ. –Д.: Адиб, 2011.
22. Сируси Шамисо. Нигоҳе тоза ба бадеъ. –Теҳрон, 1347.
23. Тоиров Урватулло ва дигарон. Каломи манзум. – Д., 2005.
24. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо. Поэтикаи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. –Д., 2019.

25. Тоҷалҳаловӣ Алӣ ибни Муҳаммад. Дақоиқ-уш-шеър / Ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Саййидмуҳаммад Козимӣ. –Теҳрон, 1346.
26. Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор / Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп. Тоиров У. ва Ҳафизов А. –Д.: Ҳумо, 2006. – 232 с.
27. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам/ Муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. –Д., 1991.
28. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. – Д.: Маориф, 1991.
29. Шафеъии Кадканӣ Муҳаммад Ризо. Мусиқии шеър.Чопи панҷум. –Теҳрон, 1324.
30. Шафеъии Кадканӣ Муҳаммад Ризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Чопи сеюм. –Теҳрон, 1344.

ҲАМБАСТАГИИ ИЛМҲОИ ҚОФИЯ ВА БАДЕЪ

Донишмандони илми адаб таъкид кардаанд, ки каломи мавзун, яъне шеър ҳамон вақт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии хубу лафзи ширину вазни хушу қофияи зебою саноеъи бадеии дилкаш дошта бошад. Ҳамин хусусияти шеърро ба эътибор гирифта, шеършиносони гузаштаю муосир вобастагии илмҳои қофияро муайян карда, нигоҳ доштани таносуби онҳоро дар каломи бадеъ ҳатмӣ донистаанд.

Калидвожаҳо: каломи мавзун, шеър, санъатҳои бадеӣ, илми қофия, илми бадеъ, ҳунари шоирӣ, анвои адабӣ.

ВЗАИМОСВЯЗЬ НАУК О РИФМЕ И ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ФИГУРАХ

Знатоки науки о литературе подчеркивают, что поэтическая речь или стих оказывает влияние на сердца, если выражена добрым смыслом, сладким словом, приятным размером, красивой рифмой привлекательными художественными фигурами. Принимая во внимание эту специфику стиха, средневековые и современные литературоведы, устанавливая взаимосвязь наук о рифме, считают обязательным соблюдение их соотношения в художественной речи.

Ключевые слова: стихотворная речь, стих, художественные фигуры, наука о рифме, наука о художественных фигурах, поэтическое мастерство, литературные жанры.

THE RELATIONSHIP OF THE SCIENCES OF RHYME AND ARTISTIC FIGURES

Experts in the science of literature emphasize that poetic speech or verse has an impact on hearts if expressed with a kind meaning, a sweet word, a pleasant size, a beautiful rhyme, attractive artistic figures. Taking into account this specificity of verse, medieval and modern literary critics, establishing the relationship of the sciences of rhyme, consider it mandatory to observe their relationship in artistic speech.

Key words: poetic speech, verse, artistic figures, the science of rhyme, the science of artistic figures, poetic skill, literary genres.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоиров Урватулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Тоиров Урватулло*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17

Information about the author: ***Toirov Urvatullo*** - Tajik National University, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki, 17

ТДУ: 891.550 (03)

ТАҲҚИҚИ ЧЕҲРАҲОИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР НАСРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сироҷиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Солҳои 30-юми садаи XX дар назди адибону суханшиносони тоҷик масъалаи пуштибонӣ аз мероси доманфарохи адибони классикӣ меистод ва онҳо бо сардории устод Айнӣ истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик»-ро пешниҳод карда, таъкид мекарданд, ки тоҷикон то асри XV бо дигар халқҳои форсизабон дорои мероси адабии муштарак мебошанд. Бинобар ин, метавонанд чун меросбари Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ барин классикони ин адабиёти оламшумул низ дониста шаванд.

Душвории кор дар он буд, ки ба роҳандозии истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик» ҳатто дар аввал Е.Э. Бертелс ва А.Н. Болдирев барин шарқшиносони машҳур ва Ҳизби коммунисти Тоҷикистон низ мухолифат доштанд. Вале даъвоҳои аз лиҳози илмӣ муътамади устод Айнӣ ва шогирдони ӯ оқибат натиҷаи дилхоҳ доданд. Муаллифони мақолаи «Оид ба мақом ва аҳаммияти тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар таърихи қарни XX-и тоҷик» М. Имомов ва М. Абдуллоев таъкид кардаанд, ки «устод Айнӣ тавонист, ки манфиатҳои халқи худро чи аз дасти нигилистон ва чи баъзе шарқшиносони шуравӣ, ки ҳудудҳои мероси адабии тоҷиконро бо хосту хоҳиши худ ҳал карданӣ мешуданд, қотеъона дифоъ бикунад ва ба ин васила халқи тоҷикро, ҷавонону адибони «насли комсомол»-ро дар руҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ бо «далелҳои таърихиву илмӣ» тарбия намояд».

Дар таърихи адабу фарҳанги тоҷики асри XX нахустин адибе, ки дар инъикоси бадеии таърихи халқи тоҷик, масоили миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва бурду бохти миллати хеш саҳми бориз дорад, устод Айнӣ мебошад. Ҳамон тавре ки адабиётшинос А. Маҳмадаминов қайд кардааст, «ҳадафи асосии Садриддин Айнӣ алорағми ақоиди зиддихалқиву бебунёди пантуркистон бо далоили раднопазир собит намудани заковати фитрии тоҷикон ва нишон додани хидматҳои бузурги фарзандони барӯманди он дар равнақи фарҳангу тамаддуни башарист» [3, с. 177].

Агар Садриддин Айнӣ бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳаққи тоҷиконро дар Осиёи Миёна ба мавҷудияти миллӣ исбот карда бошад, пас Сотим Улуғзода бо таълифоти адабиётшиносӣ дар нашри «Намунаҳои адабиёти тоҷик» доираи ҳаққи тоҷиконро ба мероси фарҳангии гузашта боз ҳам васеътар намудааст.

Соли 1940 бо таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, И. Брагинский китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба табъ расид. Ҷолиб он аст, ки мақолаҳои оид ба ҳаёт ва фаъолияти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абумансур Муҳаммади Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Аҳмад-махдуми Дониш ва намунаи осори онҳо ба қалами Сотим Улуғзода тааллуқ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки «Сотим Улуғзода дар радифи фарзандони бузурги суханвари миллати тоҷик ҷою мақоми хосса дорад... Навиштаҳои адиб, ки дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» гирд омадаанд, дар замонҳои пур аз мубориза барои исботи ҳастии миллат ва адабиёту фарҳанги он аҳаммияти беназир доштанд» [8, с. 359].

Баъдҳо дар баробари ин, С. Улуғзода ба таърихи фарҳанги миллати худ ҷиддан назар андохта, тавассути асарҳои илмию бадеӣ ба маърифату шинохти ҷомеа кӯшиш намуд. Аз солҳои 30-юми асри XX сар карда, С. Улуғзода ба таҳқиқу баррасӣ ва тасвири бадеии рӯзгору осор, мактаби илмию адабӣ, муҳит ва замони зиндагии мутафаккирони бузурги тоҷику форс – Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдӣ ва Аҳмади Дониш камар баста, дар тазкираи дастҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), монографияи «Аҳмади Дониш» (1946), повести «Субҳи ҷавонии мо» (1954 нашри русӣ, 1956 нашри тоҷикӣ), драмаи «Рӯдакӣ» (1958), маҷмуаи очерку мақолаҳои «Единение» (1963), киносенарияи «Қисмати шоир» (1960), романи «Восеъ» (1967), драмаи «Темурмалик» (1968), повести «Ривояти суғдӣ» (1975), киносенарияи «Ҷавонии Ибни Сино» (1980), драмаи

«Восеъ» (1984), романи «Фирдавсӣ» (1985), драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» (1971) ва рисолаи «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) барин асарҳои илмӣ ва насриву намоишномаҳояш таърихи пурфоҷиаи халқи азизашро мавриди таҳлил ва таҳқиқи бадеӣ қарор дод, то ҳамзамононашро ба маърифати ҳақиқати таърихӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ ҳидоят намояд.

Яке аз самтҳои фарқкунандаи фаъолияти адабиётшиносии Сотим Улуғзода аз дигар ҳамнаслонаш дар он аст, ки рӯзгору осор, мактаби илмию адабӣ, муҳит ва замони зиндагии чеҳраҳои фарҳангии адабиёти халқҳои дигар низ аз мадди назари таҳқиқгаронааш дур намондааст. Масалан, дар шумораи 5-уми маҳаллаи «Шарқи сурх» (1948) ба муносибати 500-солагии асосгузори адабиёти классикии халқи ӯзбек Алишер Навоӣ мақолаи С. Улуғзода бо номи «Навои-шоири бузурги миллии халқи ӯзбек» чунин дарҷ шудааст: «Дар ин рӯзҳо халқи бародари ӯзбек панҷсадсолагии таваллуди шоири бузурги миллии худ Алишер Навоиро ид мекунад. Бо ҳамроҳии халқи ӯзбек ин юбелеи бошарафро тамоми халқҳои Иттифоқи Советӣ қайд мекунад. Бузургии Навоӣ дар ин аст, ки ҳеҷ гоҳ халқи худро ба халқҳои дигар, забони модарии худро, маданияти миллии худро ба забон ва маданияти халқҳои эронӣ муқобил намегузошт» [10, с.2-7]. Сотим Улуғзода вақте ки мақоларо дар маҷмуаи мақола ва очеркҳояш – «Единение» ҷой доданӣ мешавад, онро аз сарлавҳааш сар карда сар то по таҳрир менамояд. Ин мақола дар маҷмӯа «Дар бораи Навоӣ» ном гирифта, боз ҳам муъҷазу рехта ва аз лиҳози илмӣ амиқу дақиқ мегардад. Дар маҷалла мақола ба чор қисмат ҷудо мешавад. Вале дар китоб мақола яклухт оварда мешавад. Мақола дар маҷалла бо сухани арбоби сиёсии давр В. М. Молотов ифтитоҳ меёбад. Дар махмеа суханҳои В. М. Молотов ихтисор гардидааст. Муаллиф ҳангоми таҳрири мақола як қатор порчаҳои шеъриро низ хат зада, дар баробари ин барои баррасии боз ҳам амиқтари масъалаҳои илмӣ мақоларо бо гуфтаҳои муосирони шоир пуркувват менамояд:

«Перлы его поэзии, - пишет о Навои его современик, известный историк Хондамир, - украшали листки книги судеб, драгоценные камни его поэм наполняли раковины вселенной жемчужинами красоты. Его благородные стихи были начертаны и вырезаны на скрижалях мысли и страницах разума всех слоев людей – и избранных и простых[1]» [9, с. 137-148].

Дигар аз чеҳраҳои адабие, ки таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро ба худ ҷалб намудааст, нависандаи шинохтаи рус Лев Николаевич Толстой мебошад. Аз «Дар бораи Л. Н. Толстой» ном мақолаи С. Улуғзода, ки соли 1963 дар маҷмуаи очерку мақолаҳои «Единение» ҷой дода шудааст маълум мегардад, ки фаъолияти нависандагии Л.Н. Толстой Сотим Улуғзодаро ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ ба худ ҷалб намудааст. Махсусан, фаъолияти асарофаринӣ ва ҳунари нависандагии Л.Н. Толстой ба С. Улуғзода бештар таъсир расонидааст: «С юных лет я зачитывался рассказами Л. Н. Толстого, позже я прочел его повести и романы «Хаджи Мурат» и «Воскресенье» потрясли меня силой изображения, живописания словом. Толстой казался мне сверхчеловеком, художником-титаном, который одним взмахом кисти воспроизводит мир, природу. Но когда в музее Толстого в Москве я увидел рукописные фрагменты «Воскресенья», где некоторые страницы были переписаны до шестнадцати раз, я понял, какой ценой достигал писатель изумительной пластики, стройности, совершенства форм своих труда»** [9, с. 169-171].

Ҳамин тариқ, дар радифи таълифоти адабиётшиносии С. Улуғзода маҷмуаи очерку мақолаҳои «Единение» (1963), монографияи «Аҳмади Дониш» (1946), рисолаи «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) ва силсилаи мақолаҳои таҳқиқотии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) миёни муҳаққиқону фарҳангиён хуб пазируфта шудаанд: «Аз силсилаи пажуҳишҳо ва мақолоте, ки Сотим Улуғзода дар мавриди адабиёти гузашта ва классикии форсии тоҷикӣ таълиф кардааст, пеш аз ҳама, силсилаи мақолаҳояшро дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) ёдовар шудан лозим аст. Бояд қайд кард, ки маҷмуаи мазкур дар илму адаби муосири тоҷик, пас аз асари устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) дувумин кӯшише дар амри назар овардан ва тасаввур кардани сурати куллии таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии даҳ асри охир (асрҳои 1Х-ибтидои асри ХХ) дар Мовароуннаҳр ва дигар манотиқи форсизабонон ба шумор меомад» [5, с. 222].

Рӯ овардан ба таърих Сотим Улуғзодаро водор мекунад, ки асарҳои худро ҳамвора

**Мақолаҳо оид ба Алишер Навоӣ ва Л.Н. Толстой бо забони русианд, ба хотири он ки иқтибосҳо ҳарчи возеҳтар ба назар расад, тарҷума намудани ин порчаҳоро зарур нашуморидем.

таҳриру такмил намояд ва зиёда аз ин як мавзуъро дар шаклҳои гуногуни жанрӣ ба хонанда пешниҳод намояд. С. Улуғзода оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аввал мақола навишта, онро дар асари дастҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) ворид намуд. Нависанда дар хусуси мақому манзалати Рӯдакӣ, шуҳрати шоирӣ ва оламгир шудани шеъри шоир чунин ибрози андеша намудааст: «Рӯдакӣ шоири даврааи Сомониён аст. Дар дарбори амир Наср бинни Аҳмади Сомонӣ дар Бухоро маликушшуаро (раиси шоирон) будааст. Рӯдакӣ аввалин касест, ки бо забони тоҷикӣ қасида, ғазал, қитъа ва рӯбоӣ гуфта ва инҳоро ба дараҷаи девон расонидааст. Аз ин сабаб номи вай ба сардафтари адабиёти тоҷик гузаронида мешавад» [6, с. 1].

Шинохти устод Рӯдакӣ минбаъд мавриди баҳрабардории муфассали Сотим Улуғзода қарор гирифтааст.

Баъд аз оне, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба поён расид, марҳилаи наве бо номи марҳилаи барқароркуниву ободкориҳо, бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ оғоз гардид. Роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ ба ҳамин мақсад тасмим мегирад, ки 1100-солагии устод Рӯдакиро ҷашн бигиранд. Ин мароми ба тасвиб расидаи ҳукумат аз ҳама бештар писанди Сотим Улуғзода гардид. Нависанда дар «Единение» (1963) ном маҷмуаи очерку мақолаҳояш ин нуктаро чунин таъкид мекунад: «Зиндагӣ ва эҷодиёти Рӯдакӣ таваҷҷуҳи маро ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба худ ҷалб намуда, дер боз орзу доштам, ки дар бораи осори ӯ чизе навишта, образи ӯро ба тасвир биёрам. Ҳангоме ки соли 1956 дар хусуси Рӯдакӣ навиштани киносенария супориш баромад, ман бо хушнудӣ барои ин филм сенария навиштам» [9, с. 120-124].

Сотим Улуғзода соли 1957 ба пешвози ҷашни 1100-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои синамо намоишномаи «Қисмати шоир»-ро навишт. Ин филм, ки дар таҳияи коргардон Б. Кимёгаров рӯйи кор омада буд, соли 1960 дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё ва Африқо ба мукофоти олӣ – «Уқоби тиллоӣ» сазовор дониста шуд. Табиист, ки драмаи «Рӯдакӣ» баъди филми «Қисмати шоир» ба вуҷуд омада, барҷастатарин дастоварди адиб дар соҳаи драматургияи тоҷик эътироф гардид. Нависанда дар офаридани симои Рӯдакӣ чун асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик, аввалтар аз ҳама, ба ҳамон қисмати ниҳоят ками ашъори боқимондаи шоири оламшумул муроҷиат мекунад, ки басо омӯзанда мебошад: «Дуруст аст, ки аз мероси азими шоир… ба мо порчаҳои кам расидааанду бас, - қайд кардааст С. Улуғзода. – Инҳо қатрае аз дарё мебошанд. Лекин дар ин қатра мо ҳамаи хосиятҳои дарёро пайдо мекунем. Ин қатра ба ман бисёр – бисёр ҳикоятҳо кард» [4, с. 177].

Рӯйи саҳнаи театри тоҷик омадани драмаи «Рӯдакӣ» ба С. Улуғзода ба осонӣ муяссар нагардидааст. Аз як тараф, набудани сарчашмаҳои илмӣ, аз сӯйи дигар, тадқиқоти ками илмӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ нависандаи масъулиятшиносро ба ҷустуҷӯҳои пуршиддат водор менамуд. Ва пас аз омӯхтани мероси адабии шоир ва заҳматҳои зиёди фикрӣ, образи Рӯдакӣ дар драмае бо номи «Рӯдакӣ» соли 1958 офарида шуд. Драма аз 4 парда ва 13 намоиш мураттаб гардида, «нависанда ӯро (Рӯдакиро – С. Э.) аз ҷавонӣ, ҳини ба дарбори Сомониён омаданаш то даврааи пирӣ, аз дарбор ронда шуданаш, нишон медиҳад» [4, с. 177].

Дар маркази драма образи Рӯдакӣ ва ақидаҳои адолатпарварии ӯ ҳам дар гуфтор ва ҳам дар кирдори шоири тавоно ба қалам омадааст. Намоишнома аз тарафи намояндагони халқҳои Шарқи хориҷӣ, ки ба ҷашнвораи 1100-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омада буданд, хеле писанд меояд. «Драмаи Шумо - қайд мекунад олим ва шоири афғон Гулпоччои Улфат, - роҷеъ ба Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаромӯш намешавад. Таъсири маҳорати ҳунарӣ ва адабии Шумо ба ҳайси як хотираи хуб назди мо боқист» [2, с. 91].

Мақсади асосии С. Улуғзода дар драмаи «Рӯдакӣ» тасвир намудани шахсияти Рӯдакӣ ба сифати шоири тавоно мебошад, ки нависанда бо тамом дар офариниши он ба комёбӣ ноил гардидааст.

Таҳқиқу пажуҳиши ҳаёт, шахсият ва фаъолияти эҷодии Фирдавсӣ, чи дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва чи дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар арафаи ҷашни ҳазораи зодрӯзи шоир соли 1934 оғоз ёфтааст. Таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро низ ин чехраи адабию фарҳангӣ ва таърихӣ хеле барвақт, ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ба худ ҷалб намуда будааст.

Соли 1934 дар рӯзҳои баргузории Анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон ба муносибати ҳазорумин солгарди Абулқосим Фирдавсӣ – шабнишинии иштирокчиёни

анҷуман барпо гардид. Сотим Улуғзода баъдҳо таассуроти хешро аз ин шабнишинӣ чунин баён кардааст: «Дар он маросими суханронии Лоҳутӣ, Фитрат, Айнӣ, қироати ҷозибаноки Лоҳутӣ аз «Шоҳнома» ва қироати Раҳим Ҳошим ҳаҷви султон Маҳмудро ба ман таъсире карданд, ки аз он пеш ҳеҷ як хониши шеъру достонҳо ва суханрониҳо дар бораи шоирон он гуна муассир набуданд. Баъдан як нусхаи «Шоҳнома»-ро ба даст оварда ба мутолиа шуруъ кардам» [4, с. 192].

Шоҳномахонӣ С. Улуғзодаро водор сохт, ки чанде аз достонҳои онро ба наср баргардонад ва асари ҷовидонӣ будани онро барои ҷавонони имрӯзу фардо исбот намояд. Дар баробари ин, Сотим Улуғзода мехост Фирдавсиро ҷустуҷӯ намояд ва бештар ӯро шиносад. Аз ин рӯ, устод Улуғзода ба офаридани образи Фирдавсӣ низ яку якбора напардохта, сараввал адиб оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Фирдавсӣ, зери унвони «Фирдавсӣ», достони «Заҳҳок» (достони Заҳҳок ва падараш Мардос), достони «Кова ва Заҳҳок» ва «Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд» дар тазкираи дастҷамъонаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» соли 1940 мақолаи илмӣ ба табъ расонида, дар мавриди шахсияти Фирдавсӣ ва таълифи «Шоҳнома»-и ӯ чунин ибрози андеша намудааст: «Шоир – достоннависи гениалии форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ дар байни солҳои 932 – 934 дар деҳаи Бож тобеи вилояти Тӯс (Эрон) дар оилаи деҳқоне, ки аз авлоди озодагон, яъне аристократҳои эронии камбағал шуда мондагӣ буд, зоида шудааст. Ба назм овардани «Шоҳнома»-ро тақрибан дар панҷоҳсолагиаш сар карда, бештар аз 30 сол ба он кор карда, дар 80-85 солагӣ тамом намудааст» [6, с. 13].

Масъалаи дигаре, ки бештар С. Улуғзодаро ба ташвиш оварда буд ва сари он ҳамеша андеша мекард, сарнавишти худи Фирдавсӣ буд. Чаро бузургмарде, ки сию панҷ сол ранҷ кашида, таърихи Аҷамро зинда кардааст, худ ба гӯшаи фаромӯшӣ дучор омадааст. «Ин фоҷиаест, ки бузургони миллат ба он гирифтор омадаанд ва С. Улуғзода, ки синну солаш ба ҷое расида буду рӯзгори ноҳинҷоре дошт, сарнавишти Фирдавсӣ барояш бетафовут наемонад, балки мехоҳад, ки Фирдавсиро дар сеҳри қаламаш ба Рустам табдил намояд» [1, с. 23].

Сипас С. Улуғзода достонҳои «Шоҳнома»-ро мухтасаран ба наср баргардонида, солҳои 1976-1977 дар ду китоб пешкаши хонанда кардааст. Ин ҳама пайвандгариҳо ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Фирдавсӣ барои ташаккулу инкишофи образи шоири ҳамосасаро беасар набудааст.

Соли 1986 романи «Фирдавсӣ» ба миён омад, ки он чун як навъ ҷамъбасти тамоми асарҳои адабии то он давра ба майдон омадаи нависанда буда, дар айни замон барои офариниши образи Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ «Шоҳнома» саҳифаҳои нав илова кард.

Ба андешаи мо, бузургтарин хидмати С. Улуғзода таълифи романи «Фирдавсӣ» маҳсуб меёбад. Насри тоҷик асареро ба ин гуна бузургиву гаронсангӣ ёд надорад. Аз ҷониби дигар, шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ андак нест. Гузашта аз ин, адибе, ки ба худ ҷуръати тасвири симои чунин бузургмардеро медиҳад, бояд фарогири донишу мутолиоти густарда, бохабар аз раванди рушду камоли фарҳанги ҳазорсола бошад. С. Улуғзода, бидуни шак, ҳамаи ин мазияту омодагиҳои лозимаро барои эҷоди чунин асаре дар ихтиёр дошт ва ошноии ӯ бо рӯзгору осори устод Фирдавсӣ аз замони хурдсолӣ шуруъ шуда буд.

Романи «Фирдавсӣ» тавассути заҳмату меҳнати пурмашаққати эҷодӣ ва донишандӯзии чандинсолаи С.Улуғзода ба табъ расидааст. «Навиштани романи «Фирдавсӣ», – қайд намудааст Сотим Улуғзода, – бароям кори осон набуд. Ва ман имрӯз ҳам, ки онро анҷом додаам, ба он сабук наменигарам. Он ҷустуҷӯю мутолиаи зиёде тақозо дошт. Дар сипардани ин марҳила мушкилоте беандоза раҳгирам карданд» [7, с. 3].

Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Фирдавсиро, ки ба давраи заволи салтанати Сомониён рост меояд, муфассал ва амиқу равшан ба тасвир гирифта, мавқеи таърихии ин шахсияти бузурги фарҳангиро дар либоси бадеӣ тачассум намудааст.

Устод Улуғзода агар тавассути осори илмию бадеии ба Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосим Фирдавсӣ бахшида маърифати бадеии ҷомеаро дар аҳди Сомониён мавриди баррасӣ қарор дода бошад, пас, ба осори ба Абуали ибни Сино бахшида хонандаро ба таърихи илму фалсафаи халқи тоҷик ва эътибору шуҳрати ҷаҳонии он ошкор месозад.

Соли 1952 ба муносибати ҳазорсолагии мутафаккир мақолаи «Абуалӣ ибни Сино», ки дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ворид гардида буд, бо таҳриру такмил дастраси хонандаи умумииттифоқ мегардад ва дар ҳамин солҳо бо ҳамкаламии В. Виткович киноповести «Ибни Сино» рӯйи кор оварда мешавад, ки бо сабабҳои гуногун баъди чанд сол дар киностудияи «Ӯзбекфилм» (1956) таҷассуми саҳнавӣ меёбад ва ин асар соли 1958 дар Маскав ба табъ мерасад.

Тибқи қарори иҷлосияи XX-уми ЮНЕСКО соли 1980 ҳазорумин солгарди донишманди машҳур ва файласуфи ҷаҳоншумул Абуалӣ ибни Сино дар тамоми дунё ҷашн гирифта шуд ва С. Улуғзода аз ин фурсати муносиб истифода карда, боз барои пурҷилотару комилтар ба вуҷуд овардани бузургтарин чеҳраи илми ҷаҳонӣ камари ҳиммат мебандад ва дар як муддати кӯтоҳ ба офаридани ду асари мондагор – яке драмаи «Ҷавонии Ибни Сино» (ҳамроҳи В. Виткович, 1980) ва дигаре асари таҳқиқотии «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) муваффақ мегардад.

Намоишномаи «Ҷавонии Ибни Сино» поёни зиндагии Ҳусайни ҷавонро дар Бухоро фаро мегирад. Драматург як давраи кӯтоҳи мутафаккири ояндаро тасвир карда, нишон медиҳад, ки асоси эътирофу эътибори шахсиятҳои барҷастаи ҷаҳонӣ илму дониш аст ва илму дониш бошад, дар ҷавонӣ андӯхта мешавад.

Намоишномаи «Ҷавонии Ибни Сино» бо ҳама гунҷоиш имконияти маҳдуд дошт ва ҳаёту фаъолият ва мавқеи ҷаҳонии ин мутафаккирро ботамом фаро гирифта наметавонист. Бинобар ин, С. Улуғзода ба таълифи рисолаи илмӣ мепардозад. Таълифи рисолаи илмӣ оид ба Абуалӣ ибни Сино барин шахсияти оламшумули фарҳангӣ барои адиб кори душвор буд.

С. Улуғзода, ки дар навиштани мақолаҳои илмӣ таҷрибаи зиёд андӯхта, оид ба замони зиндагӣ, ҳаёт ва фаъолияти Абуалӣ ибни Сино маводи зиёде гирд оварда буд, бо азми қатъӣ ва хоҳиши тамом ба таълифи рисолаи «Пири ҳакимони Машриқзамин» машғул шуд ва онро дар рӯзҳои ҷашни мутафаккир бо теъдоди 25 ҳазор нусха ба табъ расонд. Китоб ба бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ нигаронида шудааст, бинобар ин, забонаш содаву марғуб ва услуби баёнаш ҷолиб мебошад, ба дараҷае, ки аз худи ҷумлаи аввал таваҷҷуҳи хонандаро афзуда, толиби ҳарчи тезтар ворид гардидан ба муҳтавои асар мешавад: «Тоҷикписаре замоне дар деҳи Афшанаи вилояти Бухоро ба дунё омадаро номи ҷовидонӣ ва шуҳрати ҷаҳонӣ насиб гардид. Дар ҳамаи мамлакатҳои мутамаддини олам ҳазорумин соли валодати ӯро бо тантана қайд мекунанд» [11, с. 5].

Рисолаи «Пири ҳакимони Машриқзамин» сар то по дар руҳи ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ таълиф ёфтааст. С. Улуғзода баҳои бузургтарин олимони Шарқу Ғарбро ба Шайхурраис баррасӣ намуда, дар охир аз ҷузъ ба кулл мегузарад ва мулоҳизаҳои мутафаккирони хориҷиро оид ба халқи тоҷик, халқе, ки Ибни Сино барин алломаро ба тамаддуни ҷаҳонӣ додааст, баён мекунад.

Муҳити тоқатфарсо, тираву тори сохти пӯсидаистодаи феодалии Бухорои охири асри XIX низ аз мадди назари таҳқиқии С. Улуғзода дур намонд. С. Улуғзода ин бор аз таърихи замони пешазинқилобии халқи тоҷикро, ки дар он истибдоди амири ҷоҳилу муллоёни мутаассиб ҳукмрони мутлақ буданд, ба воситаи шахси маорифпарвар Аҳмади Дониш дар рисолаи «Аҳмади Дониш» ва ба воситаи образи Алломаи Адҳам дар драмаи «Алломаи Адҳам» ифода мекунад.

С. Улуғзода образи Аҳмади Донишро ба сифати олими ҷомеашинос, маорифпарвари маъруф ва тарғибгари таълимоти пешқадами замони худ муаррифӣ намуда, соли 1940 дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» мақолае бо номи «Аҳмад Махдуми Дониш» ва соли 1946 зери назари академик Бобоҷон Ғафуров дар рисолаи «Аҳмади Дониш» зиндагинома ва фаъолияти ӯро ба таҳқиқ гирифтааст.

Аз мероси илмию адабӣ, таърихию фалсафӣ ва дараҷаи омӯзиши Аҳмад Махдуми Дониш маълум мегардад [12, с. 292], ки саҳми ӯ дар тарғибу ташвиқи ғояҳои маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX хеле калон аст. Ҳамин самти фаъолияти Аҳмади Дониш дар рисолаи ба ӯ бахшидаи С. Улуғзода хеле мӯшикофона ифода гардидааст.

Сотим Улуғзода ҷустуҷӯро оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси илмию адабӣ, афкори сиёсию иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Аҳмади Дониш идома дода, соли 1971 драмаи «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро эҷод кард, ки аз се парда ва нуҳ намоиш иборат мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки то ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухоро муллоҳои ҷоҳилу мансабпараст хеле бисёр буданд. Ва қувваи асосии сиёсати аморатро низ онҳо ташкил

мекарданд. Ба замми ин, бурди асосии ин тоифаи мардум дар он буд, ки ҳама мансабдорону амалдорони хурду бузург аз ин табақаи ҷомеа буданд. Мавзуи асосии драмаи С. Улуғзода «Алломаи Адҳам ва дигарон»-ро ҳамин муҳити тоқатфарсою тираву тор ва сохти феодалии пӯсидаи Бухорои охири асри Х1Х ташкил мекунад.

Бо ин метавон хулоса кард, ки Сотим Улуғзода баъд аз устод Айнӣ дуюмин шахсияти бузурги фарҳангиест, ки ба воситаи фаъолияти адабиётшиносии хеш дар инкишофи адабиёти асри ХХ-и тоҷик хидмати беназир анҷом додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода / Х. Асозода. – Душанбе: Адиб, 2000. – 80 с.
2. Исоматов, М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода / М. Исоматов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 146 с.
3. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
4. Мусулмонқулов, Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р. Мусулмонқулов // Эъҷози ҳунар. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 140 – 290.
5. Набавӣ, А. Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода // Ду чеҳраи дурахшони адабиёти муосир (Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода) / А. Набавӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 213-244.
6. Намунаҳои адабиёти тоҷик (Мураттибон: С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Х. Мирзозода). - Сталинобод: Нашрдавтоҷик.,1940.– 637 с.
7. Раҳмонов, Н. Гуҳар бе ҳунар нописанд асту хор / Н. Раҳмонов // Газетаи муаллимон. – 1987. – 29 сентябр. – С. 3 – 4.
8. Э. Раҳмон, Сотим Улуғзода. Мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ // Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 359-361.
9. Улуг-заде, С. Единение / С. Улуг-заде. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. -250 с.
10. Улуғзода С. Навоӣ шоири бузурги миллии халқи ӯезбек / С.Улуғзода. // Садои Шарқ, 1948, -№5. – С. 2-7.
11. Улуғзода, С. Пири ҳакимони Машриқзамин / С. Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1980. –195 с.
12. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш (Тарҷимаи ҳол ва мероси адабию илмӣ) / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 292 с.

ТАҲҚИҚИ ЧЕҲРАҲОИ АДАБИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР НАСРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар насри Сотим Улуғзода мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.Солҳои 30-юми садаи ХХ дар назди адибону суханшиносони тоҷик масъалаи пуштибонӣ аз мероси доманфарохи адибони классикӣ меистод ва онҳо бо сардории устод Айнӣ истилоҳи «адабиёти форсӣ-тоҷик»-ро пешниҳод карда, таъкид мекарданд, ки тоҷикон то асри XV бо дигар халқҳои форсизабон дорои мероси адабии муштарак мебошанд. Бинобар ин, метавонанд чун меросбари Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ барин классикони ин адабиёти оламшумул низ дониста шаванд. Дар таърихи адабу фарҳанги тоҷики асри ХХ нахустин адибе, ки дар инъикоси бадеии таърихи халқи тоҷик, масоили миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва бурду бохти миллати хеш саҳми бориз дорад, устод Айнӣ мебошад. Агар Садриддин Айнӣ бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳаққи тоҷиконро дар Осиёи Миёна ба мавҷудияти миллӣ исбот карда бошад, пас Сотим Улуғзода бо таълифоти адабиётшиносӣ дар нашри «Намунаҳои адабиёти тоҷик» доираи ҳаққи тоҷиконро ба мероси фарҳангии гузашта боз ҳам васеътар намудааст. Баъдҳо дар баробари ин, С. Улуғзода ба таърихи фарҳанги миллати худ ҷиддан назар андохта, тавассути асарҳои илмию бадеӣ ба маърифату шинохти ҷомеа кӯшиш намуд. Яке аз самтҳои фарқкунандаи фаъолияти адабиётшиносии Сотим Улуғзода аз дигар ҳамнаслонаш дар он аст, ки рӯзгору осор, мактаби илмию адабӣ, муҳит ва замони зиндагии чеҳраҳои фарҳангии адабиёти халқҳои дигар низ аз мадди назари таҳқиқгаронааш дур намондааст. Сотим Улуғзода баъд аз устод Айнӣ дуюмин шахсияти бузурги фарҳангиест, ки ба воситаи фаъолияти адабиётшиносии хеш дар инкишофи адабиёти асри ХХ-и тоҷик хидмати беназир анҷом додааст

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, таҳқиқи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ масъалаҳои илмӣ, муосирони шоир, мероси фарҳангии гузашта, таърихи фарҳанги миллат.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ЛИТЕРАТУРЫ И КУЛЬТУРЫ В ПРОЗЕ СОТИМА УЛУГЗАДЕ

В данной статье рассматривается исследование представителей литературы и культур в прозе Сотима Улугзаде. В 30-е годы 20 века перед таджикскими писателями и литераторами встал вопрос поддержки богатого наследия писателей-классиков, и они, во главе с Садриддином Айни ввели термин «персидско-таджикская литература» и подчеркнули, что таджики имеют общее литературное наследие с другими персоязычными народами до 15 века. Поэтому их можно считать наследниками АбулКасыма Фирдоуси, Низами Гянджеви, Саади Ширази, Хафиза Ширази, Убайда Зокони и классиков этой универсальной литературы. В истории таджикской литературы и культуры ХХ века первый писатель, внесший значительный вклад в художественное отражение истории таджикского народа, национальных вопросов, самопознания, побед и поражений своего народа был Садриддин Айни. Если Садриддин Айни своими «Образцами таджикской литературы» доказал право таджиков на национальное существование в Средней Азии, то Сотим Улугзаде своими литературными произведениями расширил рамки права таджиков на культурное наследие прошлого с изданием «Образцов таджикской литературы». Позже, С. Улугзаде серьезно занимавшись изучением истории и культуры своего народа и постарался просвещать общество

посредством своих научных и художественных работ. Одним из направлений литературной деятельности Сотима Улугзаде, отличающим его от других современников, является то, что жизнь и творчество, научная и литературная школа, среда и время жизни культурных деятелей литературы других народов не остались в стороне от его исследований. Сотим Улугзаде – второй крупный деятель культуры после Садриддина Айни, который своей литературной деятельностью внес уникальный вклад в развитие таджикской литературы XX века.

Ключевые слова: Сотим Улугзаде, исследование литературно-культурные аспекты научных проблем, современники поэта, культурное наследие прошлого, история культуры народа.

RESEARCH OF REPRESENTATIVES OF LITERATURE AND CULTURE IN PROSE SOTIMA ULUGZADE

This article examines the study of representatives of literature and cultures in the prose of Sotim Ulugzade. In the 30s of the 20th century, Tajik writers and writers faced the issue of supporting the rich heritage of classical writers, and they, led by Sadriddin Aini, introduced the term “Persian-Tajik literature” and emphasized that Tajiks have a common literary heritage with other Persian-speaking peoples until the 15th century. Therefore, they can be considered the heirs of Abul Kasym Ferdowsi, Nizami Ganjavi, Saadi Shirazi, Hafiz Shirazi, Ubaid Zokoni and the classics of this universal literature. In the history of Tajik literature and culture of the 20th century, the first writer who made a significant contribution to the artistic reflection of the history of the Tajik people, national issues, self-knowledge, victories and defeats of his people was Sadriddin Aini. If Sadriddin Aini, with his “Samples of Tajik Literature,” proved the right of Tajiks to national existence in Central Asia, then Sotim Ulugzade, with his literary works, expanded the scope of the Tajiks’ right to the cultural heritage of the past with the publication of “Samples of Tajik Literature.” Later, S. Ulugzade seriously studied the history and culture of his people and tried to educate society through his scientific and artistic works. One of the areas of Sotim Ulugzade’s literary activity, which distinguishes him from other contemporaries, is that the life and creativity, scientific and literary school, environment and time of life of cultural figures of literature of other nations did not remain aloof from his research. Sotim Ulugzade is the second major cultural figure after Sadriddin Aini, who with his literary activities made a unique contribution to the development of Tajik literature of the twentieth century.

Key words: Sotim Ulugzade, study of literary and cultural aspects of scientific problems, contemporaries of the poet, cultural heritage of the past, cultural history of the people.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сироҷиддини Эмомалӣ*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, факултети филология. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра теории и современной таджикско-персидской литературы, факультет филология. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Sirojiddini Emomali*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of Theory and Modern Tajik-Persian Literature, Faculty of Philology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17

ТДУ: 891.71.09

ТАҲҚИҚИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ МАВЛОНО ДАР РУСИЯ

Сайфуллоева З.А.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Аз охири садаи нуздаҳ то ба имрӯз аҳвол ва осори Ҷалолиддини Балхӣ, ки бо исми Ҷалолиддини Румӣ ва унвони тавсифии Мавлоно низ машҳур мебошад, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ховаршиносони рус қарор доштааст. Донишмандон ва мутарҷимони рус ҳамзамон бо таҳқиқи аҳвол ва осори ин бузургвор мероси ӯро ба забони русӣ баргардон кардаанд. Дар ин замина маҳаки эътибори муҳаққиқон ва мутарҷимон дар шинохти чеҳраи инсониву ҳунарӣ ва тарҷумаи мероси Мавлоно, пеш аз ҳама, "завқ"-у "ҳуш"-и ӯ будааст, ки ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ "дар ботини муридон аз каломи" шоир "сар мезанад" [7, с. 463]. Чунин диди воқеӣ дар омӯзишу баррасии ҳаёту эҷодиёт ва тарҷумаи осори шоир барои ховаршиносони рус меъёри асосӣ будааст.

Агар В. Жуковский дар ин роҳ қадами аввалро гузошта бошад, А. Кримскийро мо метавонем аз аввалин муҳаққиқи ҳаёту эҷодиёт ва тарҷумони осори Мавлоно шиносем. А. Кримский дар рисолаи "Таърихи Туркия" ("Истории Турции") дар фасли "Давлати то усмонии Туркия дар Осиёи Хурд" ("Предосманское Турецкое государство в Малой Азии") нахустин бор Мавлавиро "ҳамчун ситораи дараҷаи аввал барои шеъри мистикӣ-пантеистии форс" ("как первостепенное светило для всей персидской мистически-пантеистической поэзии") муаррифӣ карда, мавқеияти ӯро ҳамчун шоир ва суфӣ дар муҳити маънавии "туркони салҷуқӣ" мушаххас намудааст.

А. Кримский чӯстуҷӯҳояшро дар ин замина идома дода, дар фасли "Тасаввуф" ("Суфизм")-и рисолаҳои "Таърихи форс. Адабиёт ва ваҳдонияти дарвешӣ" ("История персии. Её литература и дервишская теософия") ва "Адабиёти форсӣ дар аҳди муғул ва лаҳзаҳои муҳимми инкишофи он дар садаи XVI" ("Персидская литература при монголах и заключительные моменты ее процветания в XVI ст.") ҳаёт ва осори Мавлоноро бо тамоми ҷузъиёташ аз назар гузаронда, намунаҳое аз шеъри ӯро низ ба русӣ тарҷума кардааст. Ӯ аввалин тарҷумонест, ки шоиронагии сухани Мавлоноро дарк карда, се чизи муҳим-сӯз, сӯхта, сӯхтагон, васлу ҳиҷрон ё ҳиҷрону васл ва олами маънавиро, ки аз назари Мавлоно бо мавқеи инсон дар ҳастӣ ва мақсади вуҷуд пайванд меёбанд, дарк ва тафсиру тарҷума кардааст.

Дар ин равиш А. Кримский чанд ғазали суфиёнаи Мавлоноро тарҷума кардааст, ки бо фарогирии "ҳақоиқи суфиёна" ("суфийские постулаты") ва инъикоси "образҳои рамзӣ"-и шеъри Мавлоно диққатангез мебошад. Аз ҷумла, вай дар тарҷумаи ғазали "Диле мардона" ("Человеческое сердце") тасвирҳои хосси суфиёнаро ба василаи тарҷумаи амонатнигаҳдоронаи образи суннатии "дил ҳамчун махзани ишқи суфӣ ба Худо" ("сердца как вместилище любви суфия ко Всевышнему") ҳифз намудааст, ки намунааш пораи зайл аст:

Сердце! Если ты ищешь милого
Это мужественно откажись от самого себя.
Мотылек должен пожертвовать своим телом и душой
Свечи, которая его приманивает.
Если хочешь вечности-уничтожь себя, отрекись от себя
И таким образом станешь Богом [5, с. 234].

А. Кримский дар бисёре аз тарҷумаҳояш фикраҳои суфиёнаи барномавии шеъри Мавлоноро, ки дар онҳо моҳияти таълимоти тасаввуф ва розу ниёзи аҳли он ифода ёфтааст, бо камоли диққат ва амонатнигаҳдорӣ баргардон намудааст. Пораи зайл аз як ғазали Мавлоно аз ҷумлаи ҳамин гуна тарҷумаҳои ин донишманд аст, ки иқтибос мекунем:

Вы, те что ревностно ищете бога,
То вы самые!
Не нужно его искать;
Вы самые Он, вы самые Он!
Вы самые-йоты закона, вы - ҳадисов хранители основ веры
Вы-Коран!

Воқеан ҳам, А. Кримский дарёфтааст, ки аҳли ирфон ҳам дар кутуби назарию ҳам дар шеъри суфиёна ишқи ҳақиқиро ҳамон ишқи илоҳӣ, ишқи Ҳақ таоло донистаанд ва ишқи маҷозиро ишқи омма, ишқи мардум, ишқи ҳар ду ҷинс шуморидаанд. Ишқи ҳақиқӣ ҳамон ишқи Ҳақ таолост, ки ӯ дар оламу одам сабаби ҷунбишу зиндагист ва боқӣ ҳама ишққо бекору беҳудаанд. Мавлонои Рум дар осораш, аз ҷумла ғазали тарҷумакардаи А. Кримский ҳамин ишқи илоҳӣ ва идеалиро сурудааст ва онро ҳамчун манбаи маънавиёт ва ҳастии инсон маънидод кардааст, ки мутарҷим тавонистааст дар тарҷума хостаи шоирро нигаҳ дорад [5, с. 25]. Дар пораи зайл низ ӯ тавонистааст “образи дил-оина”-ро, ки Ҳақро таҷаллӣ медиҳад, бо амонатнигаҳдорӣ баргардон намояд:

Если Вы хотите стать
С предметом Вашего устремления щека к щеке,
То сотрите лишь ржавчину с гладенько отшлифованного
Зеркала вашего сердца.
Чтобы подобно вашему Мавляна Руми
в экстатической стадии ҳақиқату
самих себя самим себе показать в зеркале
И увидеть, что Бог-это вы сами!

Чунонки ба мушоҳида расид, А. Кримский ҳангоми тарҷумаи шеъри Мавлоно рамзу тамсилоти нусхаи аслро ҳифз ва ифода карда, ба ин васила таълимоти тасаввуфии шоирро дар тарҷума низ ҳифз ва барои хонандаи русзабон дастрас намудааст.

Пас аз А. Кримский донишманди фақид Е.Э. Бертелс дар фасли “Хатти асосии инкишофи достонҳои андарзӣ дар Эрон”-и рисолаи “Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ” хусусиятҳои андарзии “Маснавии маънавӣ”, аз ҷумла масъалаи инсони комил ва ахлоқи пок дар тасаввуфро баррасӣ карда, тозакориҳои Мавлавиро дар ин замина мушаххас намудааст. Е.Э. Бертелс “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддин Балхиро зинаи баъдии таҳаввули достонҳои андарзии тасаввуфӣ унвон карда, дар ин замина алоқамандии Мавлоно бо гузаштагонаш, аз ҷумла “таъсири Аттор ва Саноӣ”-ро ба шоири бузург бо мисолҳо собит сохтааст. Ин муҳаққиқ дар арзёбии пайванди маънавӣ ва ҳунарии Мавлоно бо гузаштагон, аз ҷумла Саноиву Аттор нахуст ба шеъри худи ӯ такя кардааст, сипас бо таҳлили мушаххаси намунаи осори онҳо робитаи эҷодӣ ва маънавии онҳоро мушаххас намуда, барои таъйиди назараш байти зайли Мавлавиро бо тарҷумааш иқтибос кардааст:

Аттор руҳ буду Санойӣ ду чашми ӯ,
Мо аз паси Санойиву Аттор омадем [2, с. 80].

Е.Э. Бертелс таъсири Аттор ба Мавлоноро “дар ду самт” мушаххас намудааст, ки яке дар “оҳанги шуълавари ҷунуномези қисматҳои лирикии ин осори бузург” [2, с. 80], дигаре дар корбурди пуртасвири ҳикоёт дар Маснавӣ зоҳир мешавад. Ин донишманд пайванди Румӣ ва Саноиро “на чандон равшан” дониста, дар заминаи таҳқиқи “адабиётшиносони асримиёнагии Шарқ” ва андешаҳои худи Мавлоно онро мушаххас месозад. Муҳаққиқ бо назардошти андешаҳои муҳаррири “Ҳадиқа...”-и Саноӣ монандиҳо ва тафовути “Маснавӣ”-ро аз он асар муайян карда, ба хулоса меояд, ки “...қисматҳои ҷудогонаи асари Саноӣ комилан мустақил буда, ба ҳам алоқа надоранд, “Маснавӣ” бошад асари ҷомеи ихчам аст ва дар он ҳеҷ чизро наметавон тағйир дод” [2, с.81]. Е.Э. Бертелс бар ин назар аст, ки “Румӣ аз таҷрибаи гузаштагони худ истифода кардааст, вале дар ин ҳол шакли наве низ сохт, ки бо ҳама эҳтимолият эҷодиёти мардум ба он таъсиргузор буд” [4, с.82].

Е.Э. Бертелс дар мақолаи дигараш “Достони андарзии Дарвеши Ҷалолӣ “Тарошнома” саҳви Г. Флюгелро, ки ин асарро ба Мавлоно нисбат додааст, дар заминаи муқоисаи пораҳое аз ин асар бо “Маснавӣ” собит месозад, ки “муаллифи он наметавонад Ҷалолуддини Румӣ бошад” [3, с.442].

Муҳаққиқи дигаре, ки дар шинохт ва арзёбии аҳвол ва осори Мавлоно саҳми арзанда гузоштааст, И.С. Брагинский мебошад. Ин донишманд дар мақолаи “Ҳокимияти дил” (“Власть сердца”) дар мисоли шеъри Мавлоно таҳқиқоти ҷомеъеро дар боби шеъри тасаввуфӣ анҷом дода, дар ин замина хусусиятҳои хосси тасвиркориҳои шоирро ба хонанда ошкор намудааст, ки дар замонааш ва имрӯз низ ҳарфи тоза дар арзёбии шеъри Мавлоно мебошад.

Ин донишманд дар алоқамандӣ бо ҷараёни тасаввуф баъзе паҳлуҳои зиндагинома, ҷанбаҳои ҳунарӣ ва ғоявии осори шоирро шарҳ дода, баъзе намунаҳои тарҷумаи ғазалҳои

Мавлоноро, ки Е. Дунаевский ва И. Селвинский анҷом додаанд, нақд ва арзёбӣ намудааст. Аз ҷумла мушоҳидаҳои ӯ дар боби ҳадафи Мавлавӣ аз истифодаи “категорияҳои мавҳум (астрактные)” дар ашъораш, ки ба воситаи маҷозу истиораи “муҳим ва назаррабо” ифода шудааст, натиҷаи “дарки шоирона”-и маънии файласуфона ва инсонии шеъри шоирро кашф ва ба хонанда ошкор намудааст.

Муҳаққиқ сабаби дар осори тасаввуфии Мавлавӣ омезиш ёфтани таълимоти динҳои дигар, аз ҷумла дини христианиро дар он дидааст, ки “Дар Осиёи Хурд таркиби этникии аҳолӣ гуногун буд: туркҳо, византиҳо, юнониҳо, славянҳои ҷанубӣ, ҳиндуҳо, арабҳо, яҳудиён, эрониён ва ғайра. Ҷалолуддин бо намояндагони динҳои дигар-христианӣ, иудеӣ ва буддоӣ алоқамандӣ дошт” (“В Малой Азии было пестрое по своему этническому составу население: турки и византийцы, греки и южные славяне, индийцы и арабы, евреи и иранцы и т. д. Дажалолиддин общался с представителями разлияных релегий-христианской, иудейской, буддийской”) [4, с. 193].

Муҳаққиқ сабаби тахаллуси Шамси Табрезиро дар ашъораш пазируфтани Мавлоноро ба эътиқодмандии ӯ ба ин дарвеш вобаста дониста, дар ин замина хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии ашъори дар “Девони Шамс” гирдомадаро нишон медиҳад ва барои собит кардани андешааш “гуногунрангӣ, аз ҷумла мусиқивияти ин ашъорро” дар мисоли тарҷумаҳои Е. Дунаевский ва И. Селвинский мушаххас месозад. Вай нахуст матни аслии ғазали Мавлоноро, ки ба тариқи зайл аст, иқтибос карда, сипас тарҷумаи онро меоварад:

Суратгари наққошам, ҳар лаҳза буте созам,
В-он гаҳ ҳама бутҳоро дар пеши ту бигзорам.
Сад нақш барангезам, бо руҳ даромезам,
Чун нақши туро бинам, дар оташаш андозам.
Ту соқии хамморӣ, ё душмани ҳушёрӣ,
Ё он ки кунӣ вайрон ҳар хона, ки месозам.
Ҷон рехта шуд бар ту, омехта шуд бо ту,
Чун бӯйи ту дорад ҷон, ҷонро, ҳала, бинвозам.
Ҳар хун, ки зи ман рӯяд, бо хоки ту мегӯяд:
“Бо меҳри ту ҳамрангам, бо ишқи ту ҳанбозам” (ҳанбоз-анбора, шарик).
Дар хонаи обу гил бе туст хароб ин дил,
Ё хона даро, ҷоно, ё хона барандозам [1, с. 239-240].

Тарҷумаи русӣ:

Я-живописец. Образ твой творю я каждый миг!
Мне кажется, что я в него до глубини проник.
Я сотни обликов создал-и всем я душу дал,
Но всех бросаю я в огон, лишь твой увижу лик.
О, кто же ты, краса моя: хмельное ли вино?
Самум ли, против снов моих идущщий на прямик?
Душа тобой напоена, пропитана тобой,
Принизана, растворена и стала как двойник.
И капля кажадая в крови, гудящей о тебе,
Ревнует к параху, что легко к стонам твоим приник.
Вот тело бренное мое: лишь глина да вода...
Но ты со мной-и я звеню, как сказочный родник [4, с. 195].

Муҳаққиқ тарҷумаро бо матни аслӣ муқоиса карда, аз ҷониби мутарҷим ҳифз карда шудани оҳанги ғазали Мавлоно, тасвирҳо ва такрорҳои забониро аз афзалияти матни русӣ дониста, меафзояд, ки “оҳанги ғазал ба зинда кардани он вазъи ҳассос, ки бо як вожа ифода кардани он душвор аст, мусоидати комил кардааст” [4, с.195].

Бахши бештари мақолаи зикршудаи И.С. Брагинский ба таҳқиқи зиндагинома, мундариҷаи ғазалиёт ва “Маснавии маънавӣ”, ҳамчунин ҳунари шоирии Мавлоно бахшида шуда, нукоти муҳимро оид ба пайванди маънавии Мавлоно бо Шамси Табрезӣ, офаридгор ва офариниш, нубуват дар осори Мавлоно, нардбони руҳӣ, мақоми ишқ ва дуо дар бар мегирад. Муҳаққиқ дар заминаи осори Мавлавӣ, бахусус, “Маснавии маънавӣ” мақомоти сӯфия, аз ҷумла тавба, вараъ, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо, муроқаба, қурб, муҳаббат, хавф, шавқ, унс, итминон, зикр, мушоҳида ва яқинро шарҳ дода, ба ин васила консепсияи

инсони комил ва ахлоқи покро аз нигоҳи Мавлоно таҳлил ва арзёбӣ кардааст, ки дар шинохти чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии шоир арзишманд мебошад.

Муҳаққиқ аз пажуҳиши осори Мавлоно ба ин натиҷа расидааст, ки тасаввуф дар аслу моҳияти андешаву афкори шоир аз чаҳор рукн ё ҳуд пояи идеалӣ иборат буда, ҷавҳари онро зуҳд, ишқи илоҳӣ, маърифати ҳақ ва ваҳдати вуҷуд ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат ин арқом, ба мушоҳидаи И.С. Брагинский, дар таълимоти Мавлавӣ бо ҳам иртибот ва пайвастагии маҳкаме дошта, афкору ақоиди дигари ирфонӣ болои ҳамин пояҳои идеявӣ устувор ҳастанд.

Муҳаққиқ дар заминаи осори ин шоири бузург ба хулоса меояд, ки ҷараёни тасаввуф ҳамеша бо озодандешӣ, озодманишӣ, ошкоргӯӣ, адолатпарварӣ, бо тарғиби баробариву баробарии мардумони гуногунмазҳаб, бо ситоиши адлу инсоф ва танқиду мазаммати зулму ситам ва золимону ситамгарон ба табақаҳои гуногуни мардум, ба мардумони гуногунфикру гуногунандеша қарин буд. Ба андешаи ӯ, тасаввуф дар афкори Мавлоно пуртаъсиртарин василаи таҳкими ахлоқ ва маънавиёти инсониву исломӣ буда, ба ифодаи имрӯз як ҷараёни озодандешиву ояндабинӣ мебошад.

И.С. Брагинский дар ҳамин мақола ишорае ба саҳми адабиётшинос Н. Пригарина дар таҳқиқи пайванди маънавӣ ва ҳунарии Мавлоно бо шоирони замонҳои баъд, аз ҷумла Муҳаммад Иқбол карда, хидмати ӯро дар ин замина арзишманд меҳисобад. Воқеан ҳам, Н. Пригарина дар рисолаи "Поэзия Мухаммад Икбала" Иқболро шогирд ва Мавлоноро устод таъбир карда, Ҷалолуддини Балхиро "барои шоир фарёди дарунӣ, камертони ҳақиқат" меномад, ки "аз рӯйи он Иқбол торҳои сози худро ҷӯр мекунад" [6, с. 111].

Н. Пригарина барои таъйиди пайванди бунёдии андешаву орои Мавлоно ва Иқбол "Асрори худӣ"-и Иқболро бо "Маснавии маънавӣ" қиёс карда, ба ин натиҷа мерасад, ки Иқбол аз паси "консепсияи диниву фалсафии" Мавлоно рафта, худиро ба сифати "маркази дарҳаракати хоҳишҳо, ниру ва амал, ки бо замон муносибати душвору мураккаб дорад" [6, с.129], тасвир ва таъбир мекунад. Таҳқиқоти ин донишманд пайванди маънавии Мавлоноро бо Иқбол ва муҳити фарҳангии замони ӯ ба таври мушаххас нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар заминаи мулоҳизаҳои баёншуда метавон ба ин натиҷа расид, ки ховаршиносони рус асосан аҳвол ва осори Мавлоноро дар пайванд бо афкори тасаввуфии ӯ таҳқиқ карда, дар замина тамоюлҳои мусбатро дар тарҷумаву тафсири осори шоир мушаххас сохтанд, ки роҳро барои таҳқиқотҳои баъдина ҳамвор мекунад.

Муқарриз: ***Раҳмонов Б.Р.*** – д.и.ф., профессори ДСРТ

А Д А Б И Ё Т

1. Балхӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Гузидаи ғазалиёти Шамс / Балхӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. - Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1372. – 544 с.
2. Бертельс, Е.Э. Основные линии развития суфийской дидактической поэмы в Иране / Е.Э. Бертельс. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература. – Москва: Наука, 1965. – С. 63-83.
3. Бертельс, Е.Э. Тараш-номе, дидактическая поэма Дервишей Джалоли / Е.Э. Бертельс. Избраные труды. Суфизм и суфийская литература. – Москва: Наука, 1965. – С.441-444.
4. Брагинский, И.С. 12 минятуры / И.С. Брагинский. – Москва: Советский писатель, 1966. – 248 с.
5. Крымский, А. История Персии. Ее литература и дервишской теософии / А. Крымский. – Москва, 1906. – 548 с.
6. Пригарина, Н.И. Поэзия Мухаммада Икбола / Н.И. Пригарина. – Москва: Наука, 1972. – 195.
7. Ҷомӣ, А. Нафаҳот-ул-унс / А.Ҷомӣ. – Теҳрон: Интишороти "Иттилоот", 1375. – 564 с.
8. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1999. – 188 с.

ТАҲҚИҚИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ МАВЛОНО ДАР РУСИЯ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи аҳвол ва осори Мавлоно дар Русия бахшида шудааст. Аз охири садаи нуздаҳ то ба имрӯз аҳвол ва осори Ҷалолиддини Балхӣ, ки бо исми Ҷалолиддини Румӣ ва унвони тавсифии Мавлоно низ машҳур мебошад, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ховаршиносони рус қарор доштааст. Донишмандон ва мутарҷимони рус ҳамзамон бо таҳқиқи аҳвол ва осори ин бузургвор мероси ӯро ба забони русӣ баргардон кардаанд. Агар В. Жуковский дар ин роҳ қадами аввалро гузошта бошад, А. Кримскийро мо метавонем аз аввалин муҳаққиқи ҳаёту эҷодиёт ва тарҷумони осори Мавлоно шиносем. А. Кримский дар рисолаи "Таърихи Туркия" ("Истории Турции") дар фасли "Давлати то усмонии Туркия дар Осиёи Хурд" ("Предосманское Турецкое государство в Малой Азии") нахустин бор Мавлавиро "ҳамчун ситораи дараҷаи аввал барои шеъри мистикӣ- пантеистии форс" муаррифӣ карда, мавқеияти ӯро ҳамчун шоир ва суфӣ дар муҳити маънавии "туркони салҷуқӣ" мушаххас намудааст. дар заминаи мулоҳизаҳои баёншуда метавон ба ин натиҷа расид, ки ховаршиносони рус асосан аҳвол ва осори Мавлоноро дар пайванд бо афкори тасаввуфии ӯ таҳқиқ карда, дар замина тамоюлҳои мусбатро дар тарҷумаву тафсири осори шоир мушаххас сохтанд, ки роҳро барои таҳқиқотҳои баъдина ҳамвор мекунад.

Калидвожаҳо: аҳвол ва осори Мавлоно, таҳқиқи аҳвол ва осори Мавлоно дар Русия, Ҷалолиддини Балхӣ, донишмандон ва мутарҷимони рус.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПОЛОЖЕНИЯ И РАБОТЫ МАВЛАНО В РОССИИ

Данная статья посвящена изучению жизни и творчества Мауланы в России. С конца XIX века и по сегодняшний день жизнь и творчество Джалалуддина Балхи, известного также под именем Джалалуддина Руми и описательным титулом Маулана, всегда были предметом внимания российских историков. В то же время российские ученые и переводчики перевели его наследие на русский язык, изучая жизнь и творчество этого великого поэта. Если В. Жуковский сделал первый шаг на этом пути, А. Крымского мы можем признать первым исследователем жизни и творчества и переводчиком произведений Мауланы. А. Крымский в сочинении «История Турции» в разделе «Предосманское Турецкое государство в Малой Азии» впервые представил «Мавлави как звезду первого уровня мистико-пантеистической персидской поэзии» и обозначил его положение как поэта и суфия в духовной среде «тюрков-салджуков». На основании изложенных мнений можно сделать вывод, что российские историки главным образом изучали жизнь и творчество Мауланы в связи с его суфийскими мыслями на их фоне создавали положительные тенденции в переводе и интерпретации произведений поэта, которые открывают путь для последующих исследований.

Ключевые слова: жизнь и творчество Мауланы, исследование жизни и творчества Мауланы в России, Джалалуддин Балхи, российские учёные и переводчики.

RESEARCH OF THE POSITION AND WORK OF MAVLANO IN RUSSIA

This article is devoted to the study of the life and work of Maulana in Russia. From the end of the 19th century to the present day, the life and work of Jalaluddin Balkhi, also known by the name Jalaluddin Rumi and the descriptive title Maulana, have always been the subject of attention of Russian historians. At the same time, Russian scholars and translators translated his legacy into Russian, studying the life and work of this great poet. If V. Zhukovsky took the first step on this path, we can recognize A. Krymsky as the first researcher of life and creativity and translator of the works of Maulana. A. Krymsky in the essay “History of Turkey” in the section “The Pre-Ottoman Turkish State in Asia Minor” first introduced “Mavlawi as a star of the first level of mystical-pantheistic Persian poetry” and outlined his position as a poet and Sufi in the spiritual environment of the “Saljuk Turks”. Based on the above opinions, we can conclude that Russian historians mainly studied the life and work of Maulana in connection with his Sufi thoughts, against their background, they created positive trends in the translation and interpretation of the poet’s works, which pave the way for subsequent research.

Keywords: life and work of Maulana, study of the life and work of Maulana in Russia, Jalaluddin Balkhi, Russian scientists and translators.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайфуллоева Зулайхо Абдулҳамидовна*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ, факултети филологияи рус, журналистика ва медиотехнология. **Суроға:** 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. М.Турсунзода, 30

Сведения об авторе: ***Сайфуллоева Зулайхо Абдулхамидовна*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, доцент, заведующая кафедрой таджикского языка факультета русской филологии, журналистики и медиатехнологий. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. М. Турсунзаде, 30

Information about the author: ***Sayfulloeva Zulaiho Abdulkhamidovna*** – Russian-Tajik (Slavic) University, Associate Professor, Head of the Tajik Language Department, Faculty of Russian Philology, Journalism and Media Technologies. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Tursunzade, Str., 30

ТДУ: 891.550

МАСОИЛИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР МАНЗАРАҲОИ РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Иҳромов Т.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба табъ расидани романи «Восеъ» дар ҳаёти фарҳангию адабии мардуми тоҷик ҳодисаи фараҳбахш буд ва гӯё он фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзодаро дар давраи муайяни таърихӣ як навъ ҷамъбаст намуд. «Романи Сотим Улуғзода «Восеъ», қайд кардааст адабиётшинос М. Раҷабов, - чун як навъ ҷамъбасту такмили тамоми асарҳои илмию адабии пешина ба майдон омада, дар айни замон ба мавзуи «Шӯриши Восеъ» саҳифаҳои нав илова кард» [11, с.107].

Беҳуда нест, ки асар таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намуда, мавриди баррасии муфассалу дақиқи танқиди адабӣ қарор гирифт. Аввалин мунаққиде, ки оид ба романи «Восеъ» муфассал сухан рондааст, узви вобастаи АУ Тоҷикистон Х.Отахонова мебошад. Номбурда дар мақолаи «Роман дар бораи шӯриши Восеъ» оид ба образи марказии роман – Восеъ сухан ронда, маҳорати образофарии С. Улуғзода ва беш аз пеш тақвият ёфтани ҳунари нигорандагии нависандаро таъкид мекунад: «Дар образи Восеъ барҷастатарин хислатҳои деҳқононе таҷассум ёфтааст, ки дар шароити душвори кӯҳистони тоҷик аз ҳеҷ мушкилие рӯй натофта, ҳалол меҳнат мекарданд. Дар роман маҳз ана ҳамин вазъияти конкретии табиӣ ва таърихӣ, кору бор ва зисту зиндагии деҳқонон бо ҳаққонияти тамом тасвир шудааст» [10, с. 4].

Мунаққид баъзе норасоиҳои ҷузъии асарро низ қайд карда, онро волотарин дастоварди адабиёти тоҷик дар даврони шуравӣ меномад.

Агар Х. Отахонова таассуроти аввалини худро ба таври умумӣ иброз дошта бошад, пас Ш. Ҷумъаев дар мақолаи «Ташбеҳ рангину тасвир зебост» мавқеи санъатҳои бадеиро дар тасвир таъкид намудааст. Муаллифи мақола бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки ташбеҳ, истиора, тавсиф, пейзаж ва дигар воситаҳои тасвир, беш аз ҳама, дар офаридани характери Восеъ саҳм гирифтаанд ва боиси дилкашии забону услуби баёни асар гардидаанд: «Забони ширин, ташбеҳҳои содаву табиӣ, тасвирҳои дилчасп ва оҳангдор романи «Восеъ» - ро рангин ва зеботар кардаанд» [19, с. 3].

Романи «Восеъ» аз ҳама бештар таваҷҷуҳи академик М.Шакуриро ба худ ҷалб намудааст. Номбурда дар мақолаи «Достони ғазаб ва иқтидори халқ» (1966), асари «Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ» (1987) ва махсусан китоби «Насри солҳои 1945 - 1974» (1980) романи «Восеъ» - ро мавриди таҳлилу тадқиқи ҷиддӣ ва муфассал қарор додааст. Таҳлили образҳо, забону услуб ва пайванди таърихии асар мунаққидро ба чунин хулоса овардааст, ки: «Бунёди халқии ҳастии шахс (хусусан шахсияти таърихӣ), мазмуни амиқи халқии хислатҳо, фикру зикр ва ҳиссиёти қаҳрамон, алоқаи қаҳрамон бо халқ, бо орзую омоли оммаи меҳнаткаш дар адабиёти тоҷик ҳеҷ гоҳ ин тавр махсусан ва муфассалан, то ин дараҷа ҳартарафа тадқиқ нашуда буд. Масъалаи қаҳрамон ва халқ дар романи Улуғзода аз масъалаҳои асосист» [20, с.118].

М. Шакурӣ дар адабиёти муосири тоҷик оид ба тасвири вусъатноки эпикии «қиёмҳои стихиявии халқ» чун таҷрибаи аввал будани «Восеъ» ва бинобар дар асар ҷой доштани баъзе норасоиҳоро (аз ҷумла, як андоза хира баромадани образи Муллосафар) қайд карда, барои нависандагоне, ки оянда дар навиштани асарҳои ба шӯришҳои халқ марбут саҳм мегиранд, аҳаммияти калон доштани ин романро таъкид менамояд [21, с.310].

Оид ба романи «Восеъ», арзишҳои эстетикӣ ва маърифатии асар, ҷанбаҳои инсонгароиву халқӣ ва хусусиятҳои забониву услубии он, инчунин дигар олимони гуногунмартабаи зиёде чун Соҳиб Табаров, Лариса Демидчик, Худоӣ Шарифов, Юрий Бобоев, Бароталӣ Нозимов, Маъруф Раҷабов, Эргаш Шоев, Маҳмуд Қосимов, Сироҷиддини Эмомалӣ ё бевосита, ё зимни тадқиқи масъалаҳои алоҳидаи таърихи адабиёти саддаи XX-и тоҷик мулоҳиза рондаанд. Мунаққидон ва адабиётшиносон романи «Восеъ» - ро дар алоқамандӣ ба асарҳои дигар нависандагон таҳлил намуда, ба хулосаҳои ҷолиб ноил гардидаанд [14, с. 158-163].

Таҳлили муқоисавӣ ба Маъруф Раҷабов имкон додааст, ки дар тасвири романи «Восеъ» ва даъватҳои сиёсии Аҳмади Дониш як навъ монандие ба мушоҳида гирифта, бо ҳамин ҷанбаи мустаҳками воқеии тасвирро таъкид намояд: «Романи «Восеъ» хусусиятҳои психологияи иҷтимоии меҳнаткашони замони феодализмро хеле мукаммалу ҳамаҷониба, дар бисёр мавридҳо мукаммалтар аз он ки то солҳои шаст дар насри тоҷикӣ ба назар мерасад, дар худ акс додааст» [11, с.123].

Дар ҳақиқат, романи «Восеъ» хонандаи тоҷикро ба гузаштаи таърихи на чандон дури худ шинос ва ба худогоҳии миллӣ ҳидоят намуда, инчунин, руҳи ифтихори миллии ҳамватанони моро боз ҳам қавитар месозад.

Адабиётшинос Ҷӯрахон Бақозода дар «Равзанаи меҳр» ном мақолааш мактубҳои хонандагонро оид ба асарҳои С.Улуғзода таҳлил намуда, таассуроти Раҷаббеков Мастибек ном мухлиси асарҳои устодро баъди аз тариқи радио шунавонидани порчаҳои романи «Восеъ» ёдовар мешавад, ки ҷолиби диққат аст: «Ман медонистам, ки аз «Восеъ» беҳтар роман дар насри тоҷик нест. Вале санъати олии онро нав дарк кардам, офарин бод ба ту мегӯям, ёри доноям» [1, с.18].

Романи «Восеъ» махсусан дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки барои ҷомеаи он худшиносии миллӣ аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ пайдо кардааст, маъруфияти бештаре касб намуд. Сотим Улуғзода бо таълифи «Восеъ» дар қатори беҳтарин нависандагони муосири тоҷик мавқеъ пайдо намуд. Адабиётшинос Худоӣ Шарифов, аз таҳлили романи мазкур ба чунин хулоса омадааст, ки: «Сотим Улуғзода он кори муҳиммеро, ки дар адабиёти советии тоҷик устод Айнӣ шуруъ карда буд, идома дода истодааст» [20, с.126].

Бояд қайд намуд, ки халқи тоҷик тули мавҷудияти худ давраҳоеро аз сар гузаронидааст, ки дар онҳо фаъолияту талоши ин мардуми азияткашида баҳри шарафу номуси инсонӣ, нигоҳ доштани марзу буми кишвар равшан инъикос ёфтааст.

Таърихи халқи тоҷик пур аз муборизаву ҷонбозиҳост. Вале ҳамаи ин муборизаҳо нигоҳдошти манфиатҳои қавмӣ, шарафу номуси инсонӣ ва ҳимояи марзу буми ватан мебошад. Муборизаи фарзандони некноми халқамон, ки бо номҳои «Шӯриши Низом», «Шӯриши Қаландар», «Шӯриши Усмон» ва «Шуриши Восеъ» дар таърих барои ба даст овардани озодӣ ёд мешавад, аз ҷумлаи онҳо мебошад [5, с.4-10].

Шуриши деҳқонони кӯҳистони тоҷик, ки соли 1888 бо роҳбарии Восеъ барпо гардида буд, аз ҷумлаи ҳамин воқеаҳои муҳимми сиёсӣ мебошад, ки пояи зулму ситамро дар қаламрави аморати Бухоро ба ларза овард.

«Восеъ» ҳамчун романи таърихӣ ҳодисаву воқеаҳои охирҳои асри Х1Х-и дар Бухорои Шарқӣ ба вуқуъ пайвастаро дар бар мегирад.

Мубориза ва ҷонбозиҳои Восеъ баҳри озодӣ ва адолат дар хотироти мардуми меҳнаткаш нақши ҷовидон гузошт, ҷуръату мардонагӣ ва ҷасурию нотарсии Восеъ номи ӯро абадзинда гардонид. Дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров оид ба ҷунбишҳои халқии зиддифеодалӣ дар қисми Бухорои Шарқӣ омадааст: «Ҳаракати ҳақиқии халқӣ ин шӯриши деҳқононест, ки бо роҳбарии Восеи камбағал соли 1885 дар бекигарии Балҷувон ба амал омада буд» [4, с.215]. Ин аст, ки номи Восеъ ҳамчун сарвари ин шӯриши халқӣ баҳри адолат ва ҳимояи Ватан аз аҷнабиён, аз ибтидо то интиҳо дар суруду достон, хотираи мардум ва намояндагони алоҳидаи он абадӣ сабт гардид. Тавре адабиётшинос Ю. Бобоев қайд кардааст: «Восеъ дар таърихи задухӯрдҳои тоҷикон яке аз «гурдони сафшикан ва далерони шерафкан» аст, ки баҳри озодию бахту саодати халқи худ ҷон нисор кардааст. Кайҳост, ки ин қаҳрамони ҳаёт қаҳрамони адабиёт гардидааст» [2, с. 3].

Лозим ба ёдоварист, ки дар таърихи адабу фарҳанги садаи ХХ адибе, ки баъд аз устод Айнӣ дар инъикоси бадеии таърихи халқи тоҷик, масоили миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ғаму дард, шодию нишот ва бурду бохти миллат саҳми арзанда дорад, Сотим Улуғзода мебошад [20, с.143].

Торафт тезутундшавии зиддиятҳои феодалӣ ва боло гирифтани шуури камбағалони кӯҳистони тоҷик дар Бухорои Шарқӣ ва қаламрави аморат дар такмил ва тафсили персонажҳои асосии романи «Восеъ» хеле хуб ифода ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки Сотим Улуғзода дар асар диққати асосиро ба амалиёти образҳои асосии роман: Восеъ, Назир, Саидалӣ, Муллосафар, Мирзоакрамбой, Остонақул, амир Абдулаҳадхон, Лутфия, Марзия, Ҳоҷӣ Яъқуб равона кардааст, зеро маҳз хислату характер ва рафтори онҳо, инчунин, ҳисси баланди худшиносию хештаншиносии онҳо, зиддияти романро пурқувват намуда, моҳияти

мавзуъро мекушоянд. Нависанда дар роман он ҳама далерию нотарсӣ, шуҷоату матонат ва худшиносии Восеъ ва ёронашро равшану мушаххас тасвир кардааст. Хусусан, лаҳзаи дар Қаршӣ ба ҳоким Остонақул вохӯрдани Восеъ (Восеъ барои собит намудани бегуноҳии бародархондаш Назир ба Шаҳрисабз рафта буд) диққатҷалбкунанда аст:

- Тақсирон! – бо овози баланд ба онҳо муроҷиат кард Восеъ дар хамгашти кӯча. – Як даҳон гап дорам, шунавед! - ва барои он ки тақсирон аз шунидани гапи ӯ сар тофта натавонанд, Восеъ боз қасдан илова кард: - Ман дар Қаршӣ ҳокимро дидам, аз ҳоким ба Шумо гап дорам.

Баъди чунин арз, албатта, саворон ҷилави аспҳошонро кашида ба сар то пойи ин марди густох, ки аз афту андомаш, бешубҳа кӯҳистонӣ буд, зеҳн монданд [20, с.102].

Бо истифода аз номи ҳоким ба мақсади худ ноил гардидани Восеъ беш аз пеш такмил ёфтани характер ва ҷаҳонбинии иҷтимоии қаҳрамони марказиро таъкид менамояд. Академики АИ Тоҷикистон М. Шакурӣ ин фикрро тақвият дода, таъкид мекунад, ки: «Ҷасорати Восеъ хусусан дар Қаршӣ, ки Остонақулбии додхоҳро беибо дар кӯча нигоҳ дошта, арзашро ба ӯ гуфт, намоён шуд. Нависанда гуфтааст, ки Восеъ рост рафта сари роҳи ҳокимро гирифт» [21, с.315].

Дар воқеъ, чунин тасвири нависанда характер ва ҷасорату худшиносии Восеъро дар назди хонанда боз ҳам барҷастатар месозад.

Сотим Улуғзода Восеъро бо як меҳру муҳаббати беандоза дар асар ба қалам дода, муҳимтарин фазилатҳои ӯро аз бобҳои аввал сар карда ба хонанда маълум менамояд. Восеъ на танҳо марди тавоною пурдилест, инчунин, ошкоргӯю дилсоф аст. Ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бо ҳокиму бек, доруғаю закотчӣ бе ягон тарсу ҳарос ҳақиқатро гуфтааст. Барои мисол муколамаи Восеъ ва Мирзоакрамбойро ёдовар шудан кофист. Чунон ки хонанда медонад, ҳангоми рӯёндани хироҷи султонӣ байни Восеъ ва Ҷобири доруға дар хирмани Нозим занозанӣ ба вуқӯъ пайваст. Ва дар ин кор Восеъро гунаҳкор ҳисобида ба зиндони Ховалинг мебаранд. Рӯзи дигар ӯро банд карда назди бек ба Балҷувон мефиристанд. Дар Балҷувон он рӯз оқсақоли лақайҳо Оллоёр писарашро тӯйи хатна мекард. Бек ва ҳамроҳонаш аз тӯй баргашта, дар таги қалъа аспи нимёбоии ба бек бахшидаи Оллоёрро ром мекарданд. Дар ин вақт одамони амлокдори Ховалинг Восеъро банд карда оварда буданд. Бек дар ҳолати сархӯшӣ фармон бароварда, ки агар Восеъ аспро ром кунад, аз гуноҳаш мегузарад. Баъд аз ром кардани асп Восеъ ба бек рӯйрост беадолативу мардумфиребии доруғаро нақл менамояд.

- Гуноҳаш бисёр аст, тақсир. Агар дар хирман даҳ ман ғаллаи деҳқонро панҷ ман навишта, ба пӯлдорҳо арзон фурӯшонда, ушрро ба пул рӯёндан ва аз барои ғалларо бар накашида кам навиштану арзон фурӯшондан, аз харидор пора гирифтан гуноҳ бошад, амлокдор… [16, с. 300].

Сотим Улуғзода симои зоҳириву ботинии ёрони Восеъро тасвир карда, таъкид менамояд, ки ҳамаи онҳо ба сарвари худ монанд буда, мисли ӯ нотарс, паҳлавон, хайрхоҳ, дилсоф, ватандӯст ва баномус мебошанд. Вале дар асар ҳаёти бархе аз инҳо норавшан мондаанд. Дар ин хусус академик М. Шакурӣ чунин мегӯяд: «Дар тасвири образи халқ – наздикони Восеъ ва саркардагони исён нависанда кӯшиш намудааст, ки роҳи ҳаёти ҳар кадоми онҳоро, ки аз роҳи зиндагии дигаре фарқ дорад, нишон диҳад. Ҳар кадоми онҳо як саргузашти аҷибе доранд. Бо вуҷуди ин, мутаассифона, олами ботинии баъзеи онҳо норавшан мондааст» [21, с.313].

Фотима хоҳари Восеъ мебошад ва нависанда ӯро чун зани кӯҳистонӣ раҳмдилу далер, худшиносу хоксору инсондӯст тасвир кардааст. Лаҳзаи аз тарафи бародараш Восеъ ба орият гирифтани говаш ва дар ин кор розӣ нашудани шавҳараш Сангалӣ симои ботинии ин зани ҳалиму ғамхорро возеҳу равшан мекушояд:

Фотима бесаранҷом гашт, асабонӣ шуд.

- Чаро ту ӯро нигоҳ надоштӣ, мардаки дилозор? Охир дастархонам тайёр шуда буд! Илоҳӣ говат аз сарат монад, медодӣ чӣ мешуд?! Ду соли расо равғани акаамро хӯрда меоӣ, акнун ки ӯ аз дасти амлокдори золим бе гов монд, як бор барои ҷувозаш гови туро талабад, намедиҳӣ? Ба некӣ бадӣ мекунӣ, шарм намедорӣ? Вой бар ман, акаам аз ҳамин қадар роҳ пиёда омад, мани сиёҳпеча як пиёла чойи алафинаш ҳам надодам!.. [16, с. 33].

Ҳамин тариқ, нависанда Фотимаро боз дар чанд лаҳзаи дигар намудор кардааст. Лаҳзаи бо шӯришгарон ҳамроҳ нашудани шавҳараш Сангалӣ ва то ба қатл расонидани

бародараш Восеъ, ки ба ин восита Сотим Улуғзода образи ӯро пурра гардонида, ҳиммати баланду виҷдони пок доштани Фотимаро ошкор сохтааст. Чи хеле ки адабиётшинос Р.Мусулмониён қайд кардааст: «Нависанда ба тавассути Фотима меҳру садоқати беҳадду ҳисоби духтари тоҷикро дар ҳаққи бародараш табиӣ нишон додааст, ки бунёди хосси миллӣ дорад» [9, с.160].

Дигар аз образҳои қолиби роман ҳамсари Восеъ – Аноргул мебошад. Аноргул низ мисли шавҳараш нотарсу баномус ва ҳақгӯй аст. Дар баробари ин, Аноргул зани оқила, боҳаё, ростқавлу дилсӯз, меҳрубон ва содиқу вафодор аст. Бадкорону хиёнатпешагонро чашми дидан надорад. Ҷасорату вафодории ӯ, махсусан дар боби бисту якуми роман, вақте ки шӯриш ба ҳадди олӣ расида буду Восеъ барои видоъ бо оилааш ба Дараи Мухтор меояд, намудор мегардад. «Доғ кардӣ маро, Восеъ, диламро об кардӣ, - оҳ кашид Аноргул. – Илоҳӣ сиҳат – саломат, хушу хуррам гашта биёӣ. Хонаи манғит бисӯзад, ки ба сари мо ин аламу кулфат, ин зиндаҷудоиро овард. Аммо ту хаёл накун, ки ман аз ту гиламандам, Восеъ. Не, ман агар мард мебудам, дар қойи ту ман ҳам ба манғит теғ мекашидам» [16, с. 234].

Таҳлили образҳои роман аз он шаҳодат медиҳад, ки нависанда барои инкишофи характер ва заминаи воқеии ҳар як образ кӯшиши зиёде ба харҷ дода, аз худ маҳорати баланди нигорандагӣ зоҳир намудааст, ки он образҳо тавассути офариниши манзараҳо дар самти афзун намудани ҳисси худшиносию ватандӯстии хонанда саҳми назаррас мегузоранд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон С. Улуғзода маҳз ба хотири ҳарчи бештар қалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба макони воқеаҳо ва қойи амалиёти персонажҳои марказии романи «Восеъ» аз пейзаж моҳирона истифода намудааст. Манзараи дар аввали романи «Восеъ» тасвирнамудаи С. Улуғзода, аз як тараф, чӣ гуна оила будани хонадони қаҳрамони марказии асар - Восеъро муайян намояд, аз сӯйи дигар ҳаёти хушбахтона ба сар бурдану садоқатмандона меҳнат намудан, бо меҳнату заҳмати халол баҳри ба даст овардани кути лоямуте талош варзидани Восеъро нишон медиҳад. Дар баробари ин, С. Улуғзода бо тадқиқи бадеӣ шароити зиндагии Восеъ ва дигар дехқонони кӯҳистонро ягон - ягон нишон дода, тадриҷан моро бо шиддати муносибатҳои синфӣ ва иҷтимоӣ шинос намудааст. «Дар кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон водиҳои хурд - хурди Хингоб, Сурхоб, Шӯроб, Оби Мазор аҷаб қоҳои хушбоду ҳаво ва бештаринашон тагоб, яъне обшор на сердолу дарахтанд. Бару домани кӯҳҳои қабат ба қабат ва талу кӯталҳои ҷафс аз аввали баҳор то васати тирамоҳ сабзу хуррам, чашмасорони бешумор оби зулоли худро ба сойҳо, кишту боғу мевазорҳо қорӣ медоранд. Меваҳои ин сарзаминро намегӯед! Себ, анор, тут, олу, гелос, зардолу ва шафтолуи сершарбату хушмазаи Балҷувон, Ховалинг, Сари Хосорро кӣ намедонад!

Кӯҳистон фақат аз замин камбағал аст. Қитъаҳои калони замини корам аҳён - аҳён вомехӯранд. Пора - пора киштзорони сабзгун монанди дарбеҳҳои қомаи камбағали кӯҳистонӣ дар адирҳо паҳну парешонанд. Гандум, ҷав, арзан, ҷуворио аксари деҳқонон дар тоқиҳо баркашида мекоранд. Фалонӣ имсол даҳ тоқӣ ғалла коштааст, бисмадонӣ понздаҳ тоқӣ...

Қо- қо обраҳае, селхонае, сое, ки кӯҳистониён сангобаш меноманд, дили кӯҳу талу кӯталҳоро чок карда ба водӣ рахна мекушоянд. Ҳар кадоми ин рахнаҳо дараи танге мебошад.

Яке аз калонтарини ин дараҳои танг дар самти шарқии водии Оби Мазор дараи Мухтор аст. Аз даҳани дара дар масофаи як километр ба дарунтари он деҳае ҳамноми дара афтодааст, ки дар канори чапи сангоби хушк қой гирифта, қад - қади он ёзида меравад. Вай ба намуд аз деҳаҳои дигари кӯҳистон фарқе надорад - онро талу кӯталҳои питов, яъне росту баланд аз се қониб фушурда дар миёна нигоҳ медоранд. Ба миёнаҷои деҳа қушачиноре ҳамчун ду бурҷи дидбонӣ соянданоз мебошад.

Ин қӯшачинор аз ҳавлии беруни Восеъ қад кашидааст. Дарвозаи фарсудаи роғ -роғи ҳавлӣ ба тангкӯчаи пушти масҷид боз мешавад.

Дар ҳавличаи дарун ба ду хонаи пешайвону долондор оилаи Восеъ зиндагӣ мекунад. Дар ҳавлии берун меҳмонхона, ҷувозхона, оғилу каҳдон қой гирифтаанд. Аз пушти ҳавлӣ кӯчаи калони деҳа мегузарад; дар он бари кӯча аз баландие, ки бар фарозаш як қисми хонаҳо ва богчаҳои бошандагони деҳа қой гирифтааст, чашмаи сардобе сар мезанад; оби чашма бо як новаи борик ба ҳавлии беруни Восеъ меояд ва аз ҳавлӣ ба ҳаёт - рӯйдаричае, ки мардуми маҳаллӣ онро ҳота мегӯянд, қорӣ мешавад. Ҳота, иборат аз боғча ва андак замини юнучқаву сабзаворкорӣ, дар мобайни ҳавлӣ ва сангоб воқеъ шудааст.

Баҳор, баҳори хурраму хандон, сабзпӯш ва гулбасар дар айни ҷавлону худнамоӣ. Шуълаи офтоб намесӯзонад, намегудозад, балки фақат ҳамчун меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд гарм - гарм навозиш мекунад. Гунҷишкҳо, парастуҳо (фароштурукҳо) чаҳ - чаҳкунон дар осмони шаффофи лоҷувардӣ парафшон ва дар ташвишу тараддуди ошёнсозӣ...» [16, с. 10-11].

Манзараҳои дилнишини табиати кӯҳистони Балҷувону Ховалинг ва Сари Хосор бозгӯи мақсадҳои бадеии нависанда мебошад, ки хеле диққатҷалбкунанда сурат гирифта, барои ифодаи боз ҳам пурратари мазмун ва барҷастатар баромадани тасвирҳо боис гардидаанд [13, с.14].

Ба гуфти мунаққиди рус В. Г. Белинский «Даҳои адиб чӣ қадар ки баланд бошад, ӯ табиатро ҳамон қадар мукаммалу возеҳ тасвир мекунад ва алоқаи мустаҳками вайро бо ҳаёт, бо муваффақияти тамом нишон медиҳад» [3, с. 49].

Бе муболиға С. Улуғзода мусаввири забардасти манзараҳои табиат ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ мебошад. Нависанда манзараҳои табиатро бо ҳолати руҳии персонажҳои романи «Восеъ» мувофиқ тасвир намудааст. Аксари қаҳрамонҳои офаридаи асарҳои С. Улуғзода, аз ҷумла Восеъ, ба тариқи фоҷиавӣ халок мешаванд. Адиб дар ин маврид низ аз пейзаж тарзе истифода намудааст, ки манзараи табиат қувваю қудрат, қаҳрамонию ватандӯстӣ ва худшиносии онҳоро баръало намоиш медиҳад [13, с. 23].

«Ҷаллодон ҳалқадаваки ресмони дорро ба гардани Восеъ андохтанд. Вай охирин бор ба шаҳр, ба мардумон, ба дарахтон ва баъд ба осмон нигарист. Дар осмон шоҳинеро дид, ки баланд, хеле баланд парвоз менамуд. Шоҳин зуд дар бахри лоҷувардии фазо ғӯтида аз назар ғоиб гардид.

Ҷаллодон ресмони дорро кашиданд... Чашмони Восеъро торикӣ пахш кард...» [16, с. 363].

Устод Сотим Улуғзода, ки то солҳои 60-ум дар офаридани асарҳои таърихӣ таҷрибаи зиёде андӯхта буд, ба офариниши симои муборизи Восеъ иқдом намуд ва бо ҳамин костагии насри таърихии тоҷикро як андоза бартараф намуд.

Мутолиа кардан, омӯхтан ва ба тадқиқ гирифтани нақши Восеи диловар, ки баҳри озодию истиқлолияти халқу Ватанаш ҷонбозиҳо кардааст, дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол ниҳоят зарур аст ва он дорои аҳаммияти калони эстетикӣ ва маърифатию тарбиявӣ, хусусан, ватандӯстиву худшиносӣ мебошад [13, с. 23].

Махсусан зиндагӣ, муносибату муомила ва корномаи Восеи диловар барои ҷавонон, хонандагони синни калони мактабию донишҷӯён намунаи барҷастаи ибрат ва омӯзиш мебошад. Дар замони Истиқлолияти Тоҷикистон, вақте ки ба ҷавонон дар хусуси таърихи бою қадима ва фарҳанги волои худ ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур мешавад, корномаи Восеъ намунаи барҷастаи сарбаландӣ, сарфарозӣ ва озодихоҳию адолатписандӣ мебошад.

Ба назари мо, асрори эҷодӣ ва сабаби иштиҳори Сотим Улуғзода дар таълифи романи «Восеъ», пеш аз ҳама, дар истеъдоди волои адиб, донишу маҳорат ва малакаи эҷодии адиб, таҷрибаи андӯхтаи ӯ то оғози солҳои 60 – уми асри гузашта буд.

Аз тарафи дигар, донистани фарҳанги миллӣ, таърихи халқ, адабиёти пурғановату куҳанбунёд, дар ҳамин поя иттилооти комил аз сарчашмаҳои адабии асримиёнагӣ, осори фаровони таърихнигорон низ мебошад. Ин омилҳо комилан имкон додаанд, ки Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода на танҳо дар қаламрави диёри хешу ҳаммиллатон, балки дар хориҷ аз он низ иштиҳори беҳудуд пайдо намояд. Аз ин рӯ, романи ӯ дар пояи баланди таълифи адабӣ – бадеӣ, мавзуи таърихӣ ва санъату ҳунари эҷодӣ қарор дошта, дар манзараҳои асарҳояш, аз ҷумла «Восеъ» [13, с.23] ва «Навобод» [8, с.224] худшиносии миллию ватандӯстӣ дар ҷойи аввал меистад.

Муқарриз: ***С.Эмомалӣ*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бақозода, Ҷ. Андеша ва чеҳраҳои адабӣ / Ҷ.Бақозода. - Душанбе: Адиб, 2005. -180 с.
2. Бобоев, Ю. Қаҳрамони халқ/ Ю.Бобоев // Газетаи муаллимон, 1988. – 3 сентябр. – С. 3-5
3. Белинский, В.Г. Избр. фил. соч., Госиздат. полит. лит. / В.Г. Белинский. М., 1948. -867 с.
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Ҷ. 2. / Б. Ғафуров. – Душанбе: - Ирфон, 1985. - 441
5. Ёқубов, Л. Нақли бобои Давлат/ Л. Ёқубов // Тоҷикистон, 19. - -№7. -С. 10-15.

6. Имомов, М.С. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ/ М.С.Имомов. –Душанбе: Матбуот, 2001. – 120 с.
7. Имомов, М. Сюжет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ / М.Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 370 с.
8. Қосимӣ, Н.И. Тасвири суннатҳои хонаводагии тоҷикон дар романи «Навобод»-и С.Улуғзода / Н.И.Қосимӣ // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ). Қисми 3. -Душанбе: Сино, 2020. –С. 224-229.
9. Мусулмониён, Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р.Мусулмониён // Эъҷози ҳунар. - Душанбе: Адиб, 1992. - С. 141 – 290.
10. Отаханова, Х. Роман дар бораи шӯриши Восеъ / Х.Отаханова // Маориф ва маданият, 1969, 19 декабр.
11. Раҷабов, М. Образи Восеъ дар насри муосири тоҷик / М.Раҷабов // Из истории народных движений в Средней Азии. – Душанбе: Дониш. -1988.134 с.
12. Сироҷиддини Эмомалӣ. Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри ХХ). – Душанбе, - 2020. – 240 с.
13. 13.Сироҷиддини Эмомалӣ. Андеша ва маҳорати адабӣ / Э.Сироҷиддини. – Душанбе: Сино, -2012. -100 с.
14. Сироҷиддини Эмомалӣ. Ҷанбаҳои таърихии романи «Восеъ»-и С.Улуғзода / Э.Сироҷиддини // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ). Қисми 4/9 (185). -Душанбе: Сино, 2015. –С. 158-163.
15. Улуғзода, С. Восеъ / С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. -360 с.
16. Улуғзода, С. Восеъ / С.Улуғзода. –Душанбе: Ирфон, 1979. -367 с.
17. 17.Улуғзода, С. Худшиносии миллӣ донистани миллат аст. / С.Улуғзода // Газетаи муаллимон. -1988. – 1 январ. –С.3.
18. Фароҳонӣ, А.Б. Хонавода ҳамчун муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ/ А.Б.Фароҳонӣ // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ). Қисми 2.3/8 (101). -Душанбе: Сино, 2012. –С. 77-80.
19. Ҷумаев, Ш. Ташбеҳ рангину тасвир зебост / Ш.Ҷумаев // Маориф ва маданият, 1969. 29 апрел.
20. Шарифов, Х. Таҳаввули мазмун ва ифода дар эҷодиёти Сотим Улуғзода / Х.Шарифов, // Услуб ва камолоти сухан. - Душанбе: Ирфон, 1985. - С.126 – 143.
21. Шукуров, М. Насри солҳои 1945-1974 / М.Шукуров, // Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. Х. IV. – С. 309-325.

МАСОИЛИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР МАНЗАРАҲОИ РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Имрӯз, ки омӯзиши таъриху фарҳанги миллӣ ба хотири таҳкими Истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот муҳим ва зарур мебошад, дар мақолаи мавриди назар таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар густариши худшиносиву худогоҳӣ асарҳои мондагори адибони шинохтаи тоҷик нақши муассир дорад. Ба табъ расидани романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода дар ҳаёти фарҳангию адабии мардуми тоҷик ҳодисаи фараҳбахш мебошад. Зеро романи «Восеъ» махсусан дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки барои ҷомеаи он худшиносии миллӣ аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ пайдо кардааст, маъруфияти бештаре касб намуд. Дар таърихи адабу фарҳанги садаи ХХ адибе, ки баъд аз устод Айнӣ дар инъикоси бадеии таърихи халқи тоҷик, масоили миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ғаму дард, шодию нишот ва бурду бохти миллат саҳми арзанда дорад, Сотим Улуғзода мебошад. Ин масъалаҳо дар образи қаҳрамонҳои романи «Восеъ» ва воқеаҳои таърихии он тавассути эҷоди манзараҳои ҷаззоб хуб дарҷ гардидааст. Ба андешаи муаллиф, мутолиа кардан, омӯхтан ва ба тадқиқ гирифтани нақши Восеи диловар, ки баҳри озодию истиқлолияти халқу Ватанаш ҷонбозиҳо кардааст, дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол ниҳоят зарур аст ва он дорои аҳаммияти калони эстетикӣ ва маърифатию тарбиявӣ, хусусан, ватандӯстиву худшиносӣ мебошад. Махсусан зиндагӣ, муносибату муомила ва корномаи Восеи диловар барои ҷавонон, хонандагони синни калони мактабию донишҷӯён намунаи барҷастаи ибрат ва омӯзиш мебошад. Ҳамчунин дар дар замони Истиқлоли Тоҷикистон, вақте ки ба ҷавонон дар хусуси таърихи бою қадима ва фарҳанги волои худ ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур мешавад, корномаи Восеъ намунаи барҷастаи сарбаландӣ, сарфарозӣ ва озодихоҳию адолатписандӣ мебошад.

Калидвожаҳо: худшиносӣ, ватандӯстӣ, манзара, истиқлол, роман, Восеъ, адолатпарвар, муассир, адабиёт, маърифат, тарбия.

ТЕМА ПАТРИОТИЗМА И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В ПЕЙЗАЖАХ РОМАНА «ВОСЕ» СОТИМА УЛУГЗОДА

Сегодня знание истории и культуры важно и необходимо для укрепления государственной независимости, национального единства, мира и стабильности. Великие произведения известных таджикских писателей играют большую роль в развитии патриотизма и национального самопознания. Одним из таких произведений является роман «Восе» Сотима Улугзода. Роман «Восе» стал более популярным, особенно в эпоху независимого Таджикистана, для которого патриотизм и национальное самосознание приобрело большое социальное значение. Исследование показывает, что Сотим Улугзгода внес значительный вклад в историю литературы и культуры XX века после Садриддина Айни. В своем романе писатель описывает историю таджикского народа, национальные проблемы, национальное самосознание, различные стороны жизни народа, победу и поражение нации и т.д. Необходимо изучать роль храброго Восе, боровшегося за свободу и независимость своего народа и Родины в период независимого Таджикистана. Особенно жизнь, отношение и достижения храброго Восе являются выдающимся примером для молодежи. В период обретения Таджикистаном независимости, когда молодежи необходимо уделять больше внимания своей богатой древней истории и высокой культуре. Достижения Восе - выдающийся пример гордости, чести, свободы и справедливости.

Ключевые слова: самопознание, патриотизм, пейзаж, независимость, роман, Восе, литература, сторонник справедливости, действенный, просвещение, воспитание.

THE TOPICS OF PATRIOTISM AND NATIONAL IDENTITY IN THE SCENES OF THE NOVEL “VOSE” BY SOTIM ULUGZODA

Today, knowledge of history and culture is important and necessary for strengthening state independence, national unity, peace and stability. Great works of famous Tajik writers play an important role in the development of patriotism and national self-knowledge. One of such works is the novel "Vose" by Sotim Ulugzoda. The novel "Vose" became more popular, especially during the independence of Tajikistan, for which national identity and patriotism acquired great social significance. The study shows that Sotim Ulugzoda made a significant contribution to the history of literature and culture of the twentieth century after Sadriddin Aini. In his novel, the writer tells the story of the Tajik people, national problems, national identity, various aspects of the life of the people, the victory and defeat of the nation and etc. It is necessary to study the role of the brave Vose, who fought for the freedom and independence of his people and Motherland during the period of independence of Tajikistan. Especially the life, attitude and achievements of the brave Vose are an outstanding example for young people. During the period of Tajikistan's independence, when young people need to pay more attention to their rich ancient history and high culture. Vose's achievements are an outstanding example of pride, honor, freedom and justice.

Keywords: self-knowledge, patriotism, novel, scene, independence, literature, Vose, supporter of justice, effective, enlightenment, education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ихромов Талабшо Тешаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи назарияи адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ilok_87@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-41-67-72**

Сведение об авторе: ***Ихромов Талабшо Тешаевич*** – Таджикиский национальный университет, соискатель, кафедра теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ilok_87@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-41-67-72**

Information about the author: ***Ihromov Talabsho Teshaevich*** – Tajik National University, applicant of the Department of Theory of New Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ilok_87@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-41-67-72**

ТДУ: 891.550

ВАТАНХОҲӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Шаҳноз Баротиён
Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакент

Тараннум, васф ва нигориши моҳияти ватан, ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва ифтихори миллӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ ба шаклҳои гуногун сурат мегирад. Ва бештар забони аҳли каломи бадеъ дар ба қалам кашидани чунин алфоз шаҳдрез мегардад. Бархе аз қаламбадастон дар ин қазия дилашон шодоб ва равонашон хуш мегардад. Адибони тоҷик низ ватанро муқаддас медонанд ва онро ба модар баробар меҳисобанд.

Яке аз чунин шоири ватанхоҳу ватанпарвар Мирзо Турсунзода ба шумор меравад. Эҷодиёти ин шоири ширинсухан пур аз меҳру муҳаббат ба ватан, ба модар аст, ки аз қироати ашъори шоир ин маънӣ ба пуррагӣ эҳсос мегардад. Бо мақсади рӯшанӣ андохтан ба паҳлуҳои мухталифи ақидаҳои меҳанпарастонаи шоир, хоссатан бо назардошти тасвири рӯзгори ноҷӯру нооромии ақвоми олам мақолаеро манзури дӯстдорони эҷодиёти Мирзо Турсунзода менамоем.

Бояд зикр кард, ки дар ҷаҳони имрӯза миллату қавмҳои алоҳида дар раванди таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ беш аз пеш фаъолона иштирок намуда, мухолифати онҳо ба раванди ҷаҳонишавӣ пурзӯр шуда, дар ин замина раванди худшиносии миллӣ рӯз аз рӯз афзунтар мегардад. Дар ин ҷода масъалаи баррасиии ҳувияти миллӣ дар адабиёт ва махсусан дар мавриди шинохти фарҳанги миллӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дорад, аҳаммияти хосса дорад. Ин раванд бо майлу хоҳиши табиии инсон ба дарки хештаншиносӣ ва такомули пояи дониши инфиродии худ дар заминаи риояи анъана, расму оин ва фарҳанги миллӣ алоқаманд аст, ки ин ҳама дар маҷмуъ ҳувияти инсонӣ, фарҳангӣ ва миллиро ҳувайдо мекунад.

Аз ҷониби дигар, худшиносии миллӣ сатҳи нави маънавиётро фаро мегирад, ки инсонро дар доираи фарҳанги ҷаҳонӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарбият менамояд. Дар ин замина дар тафаккури фарҳангии инсонҳо падидаи тоза тавлид мешавад ва мубодилаи хосси адабиёту фарҳангҳои милливу умумибашарӣ ба вуҷуд меояд, ки ин мубодила хусусиятҳои муњимми фалсафӣ, эстетикӣ ва дигар аносири зиндагиро дар худ таҷассум мекунад. Ин омилҳо дар натиҷа чунин равандеро ба вуҷуд меоранд, ки ба ҳифзи хасоиси миллӣ дар контексти тамаддуни ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд.

Аз ҳамин нуқтаи назар агар ба ҷаҳони таълифоти М. Турсунзода ворид шавем, дарк менамоем, ки дар олами андешаҳои шоир эҳсосоти миллӣ, ватанхоҳиву ифтихори ватандорӣ миёни кишварҳои олам дар мадди боло меистад.

Лирикаи шоир дорои эҳсосоти баланд ва садои пуршӯру шари бани одамият аст. Қаҳрамони лирикии М. Турсунзода пайваста аз пайи ҷустуҷӯҳо ва ковишҳо буда, дар талошу кӯшиш ва ҳаяҷони комил мебошад. Саъй ба он менамояд, ки рӯзгори ояндаи хешро созгор бубинад ва дурнамои хешро, қабл аз ҳама, воқеъбинона муайян намояд. Аз ин лиҳоз, қаҳрамони лирикии шоир мунтазам дар ҳолати пешравии фикрӣ ва руҳӣ қарор дорад. Мушкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ бе ҳеҷ ваҷҳ дигар садди роҳи ӯ шуда наметавонад. Лирикаи мафтункунандаи М. Турсунзода хеле ҳадафрас ва ҷолиб арзёбӣ шуда, ба ҳама гуна аносири душманона ва барои ҷомеа мақбулнабуда зид мебарояд. Ба ҳамин маънӣ муҳаққиқ Ю. Бобоев фармудааст: «Лирикаи нозуки дилфиреби М. Турсунзода ба душманони сулҳу амният, сотсиализм ва демократия, боқимондаҳои урфу одатҳои куҳна ва ғайра чусту чолокона зарба мезанад. Шоир бо воситаи қувваи эстетикии назми худ бемислу монандии ҳақиқати ҳаёти моро тасдиқ менамояд» [3, с. 9].

Дар солҳои аввали эҷодиёти шоир миллатҳои хурду миёна низ барои ба даст даровардани истиқлолияти миллӣ ба муборизаи беамон сар карда буданд. Дар саросари ҷаҳон ҳаракатҳо, лапишҳо ва талотуми мавҷҳои озодихоҳонаву сулҳпарварона ба миён омада буданд. Неруи тавонои мардумӣ дар партави Инқилоби Октябр аз худ бештар дарак медод.

Таваҷҷуҳи М. Турсунзода ҳанӯз аз солҳои баъдиҷангӣ ба рӯзгори ошуфтаи мардуми машриқзамин равона шуда буд. Дар шеваи гуфтори шоир талқини шарқпарваронаи

Муҳаммад Иқбол басо равшан ба чашм мерасад. Агар Иқбол мардуми шарқро дар қиёс аз рӯзгори аврупоиён ва ё ба ибораи Иқбол «фарангиён» ба бедорӣ ва мубориза даъват кунад:

Донӣ аз Афрангу аз кори Фаранг,
То куҷо дар қайди зуннори Фаранг?
Захм аз ӯ, наштар аз ӯ, сӯзан аз ӯ,
Мову ҷуйи хуну уммеди руфӯ…
Ай зи кори асри ҳозир бехабар,
Чарбдастиҳои Юропро нигар.
Қолӣ аз абрешими ту сохтанд,
Боз онро пеши ту андохтанд.
Войи он дарё, ки мавҷаш кам тапад,
Гавҳари худро зи ғаввосон харад [5, с. 530]!,

Пас М. Турсунзода дар пайгирии ин масъала ба машриқиён ҳаёти осудаи мардуми шуравиро намунаи ибрат гузидааст. Намунаи барҷастаи онро мо дар шеъри «Бахти ҷовидон» дармеёбем:

Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Қавиазму зафарэҷод халқи қаҳрамон дорам.
Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам обҳои зарфишон дорам.
Дар оғӯши Ватан фазлу камоли нав ба нав ёбам,
Ҷаҳон донад, ки бе зулму асорат ман ҷаҳон дорам.
Замини тоҷикон гул кард, боғи тоҷикон гул кард,
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам.
Ба қонунномаи худ пешво бо хати зар бинвишт,
Ҳуқуқи халқҳоро бин, чӣ бахти ҷовидон дорам [12, с. 39]!

Албатта, ин шеър ҳанӯз соли 1947 ба рӯйи коғаз омада буд. Мавҷи сафарҳои бурунмарзӣ ҷаҳони андешаҳои шоири ширинсуханро ба куллӣ густариш бахшид. Ва шоир аз оромии кишвари хеш меболаду аз ҷабру зулм, парешонҳоливу дармондагии мардуми олам менолид:

Дидани ғораташуда Ҳиндустон-
Ҳолати тоқатшикани ҳиндуён,
Дидани як тӯдаи бедарду ғам-
Мардуми бегона зи лутфу карам,
Дидани бечора гадоёни роҳ-
Мурдани сад марду зани бепаноҳ,
Дидани бегонаи шайтонҳунар,
Аз паси шайтонии худ судвар,
Дидани майдони бародаркушӣ,
Сохтан аз хуни касон дилхушӣ,
Дидани як сӯ ҳама вайронаҳо,
Сӯи дигар серқабат хонаҳо,
Дар дили мо кӯҳсифат зам шуданд-
Кӯҳи бузурги аламу ғам шуданд… [12, с. 83].

Чунин ангораҳо дар ашъори шоир бешуморанд. Дарди дили шоири мубориз аз чакидаҳои хомааш бурун меоянд. Ва онро на танҳо тариқи иншои назм аз М. Турсунзода мо метавонем дарёфт, балки ин сӯзу гудозҳо ҳангоми суханрониҳои шоир дар маҳфилу мубоҳисаҳои сатҳи маҳалливу ҷаҳонӣ фаровон ба чашм мерасанд. Масалан, дар мавриди таваҷҷуҳи шоир ба дарди ҷонкоҳи Шарқ М. Турсунзода дар мақолаи «Дар бораи худам» овардааст: «Мавзуи Шарқ, хусусан, дар шароити ҳозира, дар рӯзҳое, ки халқҳои Осиё ва Африқо қадам ба роҳи озодӣ мегузоранд, ҳушу диққати маро фаро мегирад… Мавзуи озодии халқҳои Шарқро ман ҳеҷ гоҳ тарк нахоҳам кард. Ин мароми асосии на фақат эҷоди бадеии ман, балки тамоми фаъолияти ҷамъиятии ман аст» [12, с. 14].

Ва шояд ҳамин сабаб гашта бошад, ки шоир дар шеъри «Ман аз Шарқи озод» бо истифода аз саволу ҷавоб дарди дили хешро комилан возеҳ ифода намудааст. Ю. Бобоев дар ин замина менависад, ки «Саволҳои пай дар пай ба ранҷбари «ошуфтаи» хоричӣ, ки характери типӣ дорад, ҳеҷ гоҳ бо мақсади афзун кардани аламу озори ӯ нест, балки дорои

аҳаммияти ибратомӯзӣ ва дар бораи ҳодисаҳои ҷаҳонӣ маърифатнок кардани ӯ мебошад» [3, с. 162].

Чаро ин қадар, дӯст, ошуфтаӣ,
Чу ҳарфи зарурии ногуфтаӣ?..
Нигоҳи ту бар ман «ҳасад» мебарад,
Хаёлат чаро ин қадар мепарад?
Нигоҳи ту ё ин ки донистанист-
Миёни ману ту – ду кас фарқ чист?
Чаро ман зафарманду ман сарбаланд?
Чаро ту ҳақиру чаро мустаманд?
Чаро аз рухи ман саодат падид?
Чаро ту дар уммеди рӯзи саид [12, с. 92]?

Албатта, шоир мехоҳад ин манзараи ҳузнангези мардуми Шарқи мазлумро ба тавсиф расонад ва дар чунин тавсиф аз саволу таҳлили афкор устодона истифода намудааст. М. Турсунзода зикр менамояд, ки шарқиён дорои тамаддуни ҳазорсолаанд ва анъанаҳои хуби инсониро дар худ парвардаанд. Шоир мехоҳад ба саволи он ки чаро мардуми Шарқ ба чунин аҳвол афтодаанд, ҷавоб ҷӯяд ва орзуҳои неки хешро ба ин мардуми ҷабрдида баён намояд:

Ту ҳам насли Шарқӣ, зи Шарқи азим…
Аз авлоди халқи қадимӣ, қадим!
Ба мулки ту ҳам ҳар саҳар офтоб,
Барояд дурахшону олиҷаноб [12, с. 92].

Назари некбинонаи шоир ба он равона карда шудааст, ки, пеш аз ҳама, бояд ҷаҳони маънавиёти инсон густариш ёбад ва заминаи муҳимми тафаккури мардуми машриқзаминро ташаккул диҳад. Акнун замоне расида буд, қавму миллатҳои гуногун ҳам барои истиқлолияти худ ба мубориза бархоста буданд ва чунин равандро ҳамчун кӯшиши саҳмгузорӣ ба таъриху маданияти умумибашарӣ метавон баҳо дод.

Аз ин рӯ, омӯхтани ҷиҳатҳои миллии эҷодиёти адибони бузург, алоқаи ғоявию бадеии мероси онҳо бо таърихи халқи худ ва воқеияти ҷаҳони имрӯза яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб мешавад.

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода ҷанбаҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба таври занҷира сахт алоқаманд буда, ҷудо намудани вазни он яке аз ин аносирро коста мегардонад. Осори ин шоири мубориз ва ватанхоҳ ба хонанда дари меҳанпарастиро куллан во менамояд. Таълифоти ӯ инъикоскунандаи ҳақиқати бадеии имрӯзаи адабию фарҳангӣ, фалсафию сиёсии имрӯза буда, дар шинохти ҳувияти миллии тоҷикон мусоидат мекунад. Дар ин замина хизмати шоистаи ӯро яктарафа ва ҷудо аз доираи воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ омӯхта, тафсир ва арзёбӣ кардан мумкин нест. Мирзо Турсунзода сарфи назар аз сарбории кори сиёсию иҷтимоӣ тавонист дар давраи душвори таърихи тоҷикон вижагии инсониву маҳорати бадеии худро ҳимоя намояд.

Вай ҳамчун намояндаи миллати тоҷик бо эҷодиёти худ шавқу ҳавасро ба анъанаҳои арзишманд ва ҳақиқии назми ниёгон дубора бедор намуда, онҳоро ба таҳаввулот тобеъ гардонидааст. Шоир баҳри нигоҳ доштани тафаккури миллӣ ва татбиқи паҳлуҳои муҳимми он дар фаъолияти иҷтимоӣ, бахусус дар эҷодиёти худ, дар пайравӣ аз устод Айнӣ, кори бузургу бемонанд кардааст. Эътироф ва баррасии чунин бархӯрд ба консепсияи эҷодии шоир барои имрӯзу фардои адабиёти тоҷик хеле муҳим аст. Чунин хислат дилбастагии хеле қавӣ ва ишқи аз ҳад зиёд ба сарзамин ва мардуми он аст. М. Турсунзода бо ҳар қадамаш ҳамроҳ бо сангу мазори ватанаш суҳбат мекунад, ёд меоварад, муқоиса мекунад, сафо дар ҷисму ҷонаш медамад ва ифтихор аз меҳани орому осудааш мекунад:

Осиёро ман ба чашми хештан санҷидаам,
Чеҳраи хандони фарзандони онро дидаам.
Дидаам садҳо нишони мозии манҳусро,
Аз қафои панҷара нолидани манҳусро.
Аз намоишгоҳи Хинкоу гузарҳо кардаам,
Ёди деҳқонони Чинро дар дилам овардаам [17, с.5].

Бо тазаккури ҷаҳони тахайюлот М. Турсунзода якояк манзараҳои Осиёро бо буду нобудаш пеши назар меоварад:

Гӯш кардам Шарқро, ҳам Нилро, ҳам Гангро,
Нармдил хоки замину пуртаҳаммул сангро.
Гӯш кардам…
Варзиши рӯди равон омад ба ёд,
Деҳи ман, дар Ҳисори шодмон омад ба ёд [17, с. 11].

Осори Мирзо Турсунзода фарогири хислат, расму оин, тарзи зисту зиндагонӣ, забону анъана, таъриху фарҳанги миллат, аз ҳама гуна тасвиру нигоришҳои табиати дилрабои Тоҷикистони азиз мебошад. Ва ҳамаи ин хусусиятҳои хос ҷиҳатҳои миллии маҳорати адабиву шоирии ӯро нишон медиҳанд. Дар ҳар сатри ашъори шоир бӯйи Ватан, ситоиши Ватан ва сӯзу сози Ватан замзама мегардад.

Метавон гуфт, ки ҳалли масъалаи ҷанбаи миллии ашъори Мирзо Турсунзода дар заминаи тамоми мероси шоир, пеш аз ҳама, зарурати бархӯрди нав ба таҳқиқи адабиёти муосири тоҷик буда, ба ошкор шудани хусусиятҳои бадеии каломи шоир мусоидат мекунад. Ва хоссатан, хусусиятҳои ҷанбаи миллӣ ва интернатсионалии мероси адабии шоир шоистаи зикр аст. Ба ибораи дигар, дар баробари он ки ашъори Мирзо Турсунзода барои замони худ як олами хос ва тозаи адабист, омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои дарки раванди бадеии як давраи томи адабиёти тоҷик, аз ҷумла, раванди ташаккул ва таҳаввулу такомули назм хеле ҷолиб ва муфид мебошад. Дуруст аст, ки истеъдод, табъи баланд ва заковат шарти асосии нависандагию шоирист. Лекин ин хислатҳо худ аз худ маҳорат ва устодиро ба вуҷуд намеоваранд. Барои ин меҳнати пайвастае лозим аст, ки табъро парварида, нависандаро ба балоғат ва ба мартабаҳои олии санъаткорӣ мерасонад. «Барои М. Турсунзода эҷод кардани образҳои шоистаи замон низ заҳмати душвор аст, вале санъаткории наҷибу бузургест, ки маҳсули меҳнати мунтазаму шиддатноки адабиётдӯстӣ, хоксорӣ ва серталабии худи шоир мебошад» [3, с. 10].

Аз таҳқиқи ашъори М. Турсунзода бармеояд, ки он аз ибтидо хусусияти сирф миллӣ дошта, ифодаи орзуву ормонҳои мардуми тоҷикро ифодагар аст. Беҳтарин намунаҳои ашъори шоир, ки ҳувияти миллии миллати моро ифода мекунад, дар беҳтар намудани ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносӣ нақши муҳим бозидааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаи ҷанбаи миллӣ ва умумибашарии эҷодиёти шоир барои муайян намудани хусусиятҳои характерноки ғоявӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир аҳаммияти ҳалкунандаро мебозад.

Аз ин рӯ, мақоми М.Турсунзода миёни насли ҳамзамонаш хосса мебошад. Нашъунамои эҷодии М. Турсунзода аз нуқтаи назари адабӣ хеле муназзам ва муътадил инкишоф ёфтааст. Инъикоси манфиатҳои миллӣ ва умумибашарӣ, тафаккури миллӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ дар маркази таваҷҷуҳи Мирзо Турсунзода будааст. Ҳамин тавр, аз нахустин падидаҳои эҷодии ӯ сар карда, дар ашъори шоир ҷанбаҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҳам дар сатҳи мазмун ва ҳам дар сатҳи шакл ба таври намоён зуҳур ёфтаанд.

М.Турсунзода воқеан дӯстдори Ватан буд. Дилаш пур аз меҳру муҳаббати ватани озоду ободаш ҳамеша аз фараҳ лабрез буд. Дар шеъри «Ватан» - и шоир ин маъниро бо тамоми самимияташ баръало эҳсос менамоем. Шоир дар кадом гӯшаи олам набошад, ватанро мепарварид ва онро мояи ифтихор медонист. Садои ватанро аз он сӯйи уқёнус мешунид. М. Турсунзода дар ташбеҳи Ватан суханеро дареғ намедошт, дар ситоиши он аз тамоми воситаҳои тасвири бадеӣ истифода мебурд:

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту [12, с. 48].

Маҳз ба шарофати ватандӯстӣ ва ватанхоҳӣ ба шоир муяссар шуд, ки дар тули зиндагӣ дӯстону рафиқони зиёдеро ба даст оварад ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кунад. Шеъри ӯ шеъри оламгир шуд. Ба қавли нависандаи машҳури доғистонӣ Расул Ғамзатов «Мирзо муқаллид не, балки давомдиҳандаи назми ҳазорсолаи халқи худ мебошад… вақте ки миллионҳо одамон дар бораи ашъори вай «Ин шеъри мо» гуфта, муаллифро «Мирзои мо, Мирзои ҳалиму саховатманд ва дилрабои мо» меноманд, барои эҷодкор хушбахтии бузургест» [6, с. 57].

Сафарҳо ва гардишҳо ӯро бо шахсони ҷудогона, кишварҳои бегона ошно сохт. Ва ин дӯстон, ин кишварҳо бо накуиҳо, бадбахтиҳо, кашмакашҳо, гуруснагиву қашшоқиҳо дили шоири ватанпарварро нисбат ба кишвари азизаш гармтару наздиктар сохт.

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, пеш аз ҳама, манзараи сарнавишти таърихию фарҳангии тоҷикон мавқеи калонро ишғол мекунад. Дар осори шоир тоҷикон, созандагони замони нав ворисони хислатҳои миллӣ мебошанд. Мирзо Турсунзода дар ин замина ба тасвир ва ифшои хислату пиндорҳои як инсони меҳнаткаш ва зиёӣ, яъне инсони тарбиятгар ишора мекунад. Дар тасвири воқеияти зиндагии тоҷикони он давра мавқеи шоир дар сатҳи муҳаббати содиқона ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, шоир дар тасвир ва қушодани хислатҳои некбинонаи синфи меҳнаткаш ва зиёӣ хуб ба мақсад расидааст, зеро маҳз дар ҳамин қишри ҷомеа хислатҳои ҳақиқӣ ва мусбати характери миллидошта ифода ёфтаанд.

Дар ашъори шоир табақаи дигари ҷомеа, аз ҷумла, амлокдорҳо, ҳокимон, сарватмандон, муллоҳо ва ғайраҳо низ мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Баъзе аз муҳаққиқон онҳоро аз унсурҳои бегона ҳисоб карда, мубориза бо онҳоро аз мавқеи мухолифат ба миллатгароӣ медонистанд.

Омӯзиши ҳувияти миллии шакли бадеӣ дар назми тоҷик, бахусус, дар мавриди эҷодиёти Мирзо Турсунзода, аҳаммияти хосса дошта, як қатор мушкилиҳо ба миён меорад. Мутаассифона, ба ин масъала диққати даркорӣ дода нашудааст. Дар ҳоле ки шакли бадеӣ на танҳо инъикоскунандаи чеҳраи маҳорати фардии эҷодкор аст, балки бештар робитаи суннатӣ ва миллии онро бо адабиёти мушаххас муайян мекунад.

Дар ин хусус шакл на фақат «зоҳири чизе, предмет» -ро ифшогар аст, балки шакли бадеӣ ва эҷодкорӣ, пеш аз ҳама, инсони комилро ташаккул медиҳад ва ҷаҳонро танҳо ҳамчун олами башарӣ бо дархӯрди лаҳзаҳои арзишманди инсонӣ мунъакис мегардонад. Дар натиҷа, муносибати шакл ба мазмун дар ягонагии предмети эстетикӣ хусусияти хосси шахсӣ дошта, предмети эстетикӣ як навъ ҳодисаи амалишудаи ҳаракат ва таъсири мутақобилаи созанда ва мазмун мебошад» [2, с. 89].

Шоирону нависандагони ин давра, аз ҷумла, Мирзо Турсунзода ба масъалаи сарнавишти таърихии халқи тоҷик аз мавқеи синфӣ назар мекарданд. Бо вуҷуди ин, Мирзо Турсунзода аз ибтидои ташаккули эътиқод ва дидгоҳи бадеии худ ба хусусиятҳои хосси миллати тоҷик таваҷҷуҳ намуда, афкори бадеии ӯ дар заминаи устувори анъанаҳои миллӣ рушду такомул ёфта буд. Мавзуи Тоҷикистон, дӯстдории модар ва ватан сарнавишти таърихию фарҳангии миллат як ҷузъи муҳимми андеша ва эътиқоди ин шоири мубориз маҳсуб мешавад.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, А. Корвони сухан /А. Афсаҳзод. –Душанбе: Адиб, 1994. -160 с.
2. Бахтин, М. М. Проблема содержания, материала и формы в словесном художественном творчестве / М.М. Бахтин. Литературно критические статьи. -Москва: Художественная литература, 1986. -С. 26-89.
3. Бобоев, Ю. Сипаҳсолори назм / Ю. Бобоев. -Душанбе: Ирфон, 1971. -287с.
4. Бобоев Ю. Мирзо Турсунзода / Ю. Бобоев. - Сталинобод: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1961. -305 с.
5. Иқбол М. Қуллиёти форсӣ / Таҳияи А.Хуросонӣ ва Ш. Пулодова. -Душанбе: 2013. -672 с.
6. Ифтихори халқ ва қаҳрамони миллат. Мураттиб Султонмуроди Одина. -Душанбе: Ирфон, 2009. - 67 с.
7. Маҳорати эҷодии Мирзо Турсунзода. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ. -Душанбе. - 1981.
8. Муллоаҳмад, М. Шарқи хориҷӣ аз нигохи Мирзо Турсунзода / М. Муллоаҳмадов. Мирзо Турсунзода ва масоили назарии фарҳанги навини тоҷикон. -Душанбе, 2011. -С. 168-184.
9. Мусулмонқулов, Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар / Р. Мусулмонқулов. –Душанбе: Ирфон, 1984. -224 с.
10. Пулодова, Ш. Мирзо Турсунзода ва Файз Аҳмад и Файз / Ш. Пулодова. Турсунзода дар ёдҳо. -Душанбе: Адиб, 2011. -С. 368-373.
11. Турсунзода М. Ман аз Шарқи озод. Маҷмуаи шеърҳо, достонҳо ва либреттоҳо / М.Турсунзода. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1951. - 261с.
12. Турсунзода М. Шеърҳо ва достонҳо / М. Турсунзода. - Душанбе: Адиб, 1988. – 245 с.
13. . Турсунзода, Мирзо. Куллиёт. Ҷилди I. / М.Турсунзода. - Душанбе: Ирфон, 1971. -327с.
14. Турсунзода, Мирзо. Куллиёт. Ҷилди II. / М.Турсунзода - Душанбе: Ирфон, 1971. - 135
15. Турсунзода М. Куллиёт. Ҷилди III. / М. Турсунзода -Душанбе: Ирфон, 1979. -435 с.
16. Турсунзода, Мирзо. Куллиёт. Ҷилди IV. / М.Турсунзода. -Душанбе: Ирфон, 1985. -351 с.
17. Турсунзода М. Садои Осиё / М.Турсунзода. –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. -68 с.
18. Шакурии Бухороӣ, М. Аз пайи фаҳмиши нав / М. Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. -Душанбе, 2006. -С. 11-32.
19. Шарифов, Х. Бунёди гуманистии шеъри Мирзо Турсунзода / Х. Шарифов. Суннатҳои адабӣ. -Душанбе, 2007. -С. 108-124.

ВАТАНХОҲӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дар ин мақола муаллиф кӯшидааст, ки ба таври мухтасар ба ҷаҳони андешаҳои шоири муборизи тоҷик, Қаҳрамони миллат Мирзо Турсунзода таҳқиқи кӯчакеро ба анҷом расонад. Осори Мирзо Турсунзода фарогири хислат, расму оин, тарзи зисту зиндагонӣ, забону анъана, таъриху фарҳанги миллат, аз ҳама гуна тасвиру нигоришҳои табиати дилрабои Тоҷикистони азиз мебошад. Ва ҳамаи ин хусусиятҳои хос ҷиҳатҳои миллии маҳорати адабиву шоирии ӯро нишон медиҳанд. Муаллиф зикр намудааст, ки шоир дар ашъори хеш ба раванди таҳаввулотхези ҷомеа бо назари қиёс ва таҳлили ҳамаҷониба менигарад ва ифтихорманд аз он аст, ки ватанаш дар мақоми озодӣ ва сулҳпарварӣ пешрафтааст. Ва мегиярд аз он, ки ҷабру зулму истибдод мардуми мазлуми машриқзаминро фаро гирифтааст. Ҳамзамон Мирзо Турсунзода дар нишон додани роҳи озодӣ, ҳадафҳои сулҳпарваронаи мардуми олам назари худро комилан рӯшан ифода намудааст. Муаллифи мақола таъйид менамояд, ки дар замони зиндагии шоир худшиносии миллӣ сатҳи нави маънавиётро фаро мегирад, ки инсонро дар доираи фарҳанги ҷаҳонӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарбият менамояд. Дар ин замина, дар тафаккури фарҳангии инсонҳо падидаи тоза тавлид мешавад ва мубодилаи хосси адабиёту фарҳангҳои милливу умумибашарӣ ба вуҷуд меояд, ки ин мубодила хусусиятҳои муҳимми фалсафӣ, эстетикӣ ва дигар аносири зиндагиро дар худ таҷассум мекунад. Ин омилҳо дар натиҷа чунин равандеро ба вуҷуд меоранд, ки ба ҳифзи хасоиси миллӣ дар контексти тамаддуни ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд. Ҳамаи ин ҷанбаҳо фарогири доираи мавзуоти Мирзо Турсунзода мебошанд.

Калидвожаҳо: ватан, тараннуми ватан, худшиносӣ, дӯстӣ, муҳаббат, тараннуми ягонагӣ, озодӣ, Ҳинд, Ганга, Нил, ҷанбаи миллӣ, каломи шоир, Шарқ, ҳувияти миллӣ, тафаккури миллӣ, лирикаи шоир, Осиё, Африқо, нақши муҳим.

ПАТРИОТИЗМ И ЕГО СТАТУС В ПОЭЗИИ МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ

В данной статье автор попытался кратко исследовать мир мыслей таджикского поэта-борца, Героя Нации Мирзо Турсунзаде. В произведениях Мирзо Турсунзаде описаны характер, обычаи, быт, язык и традиции, история и культура народа, всевозможные образы и виды чарующей природы родного Таджикистана. И все эти характеристики свидетельствуют о национальном оттенке его литературно-поэтического мастерства. Автор отметил, что в своих стихах поэт смотрит на процесс развития общества с точки зрения сравнения и всестороннего анализа и гордится тем, что его страна находится на переднем крае свободы и мира. И это потому, что гнет и тирания охватили угнетенные народы Востока. В то же время Мирзо Турсунзаде ясно выразил свое мнение, указав путь свободы, миролюбивых целей народов мира. Автор статьи подтверждает, что при жизни поэта национальное самосознание охватывает новый уровень духовности, которая воспитывает человека в рамках мировой культуры и общечеловеческих ценностей. В этом контексте рождается новое явление в культурном мышлении людей, происходит особый обмен литературой, национальной и общечеловеческой культурой, в которой воплощаются важные философские, эстетические и другие элементы жизни. В результате, эти факторы создают процесс, способствующий защите национальных особенностей в контексте мировой цивилизации. Все эти аспекты входят в круг тем Мирзо Турсунзаде.

Ключевые слова: родина, гимн родины, самопознание, дружба, любовь, гимн единства, свобода, Индия, Ганга, Нил, национальный аспект, слова поэта, Восток, национальное самосознание, национальное мышление, лирика поэта, Азия, Африка, значительный аспект.

PATRIOTISM AND ITS STATUS IN THE POETRY OF MIRZO TURSUNZODA

In this article, the author tried to briefly, explore the world of thoughts of the Tajik peace fighter poet, Hero of the Nation Mirzo Tursunzoda. The works of Mirzo Tursunzoda describe the character, customs, life, language and traditions, history and culture of the people, all kinds of images and views of the enchanting nature of native Tajikistan. And all these characteristic indicate testify to the national tone of his literary and poetic skill. The author noted that in his poems the poet looks at the development of society from the point of view of comparison and comprehensive analysis and is proud that his country is at the forefront of freedom and peace. And this is because oppression and tyranny have gripped the oppressed peoples of the East. At the same time, Mirzo Tursunzoda clearly expressed his opinion, pointing out the path of freedom, peace-loving goals of the peoples of the world. The author of the article confirms that during the life of the poet, national self-consciousness covers a new level of spirituality, which educates a person within the framework of world culture and universal values. In this context, a new phenomenon is born in the cultural thinking of people, there is a special exchange of literature, national and universal culture, in which important philosophical, aesthetic and other elements of life are embodied. As a result, these factors create a process that contributes to the protection of national characteristics in the context of world civilization. All these aspects are included in the range of topics of Mirzo Tursunzoda.

Keywords: homeland, national anthem, self-consciousness, friendship, love, unity anthem, freedom, India, Ganga, Nile, national aspect, poet's words, East, national self-knowledge, national thinking, poet's lyrics, Asia, Africa, significant aspect.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Баротиён Шаҳноз*** – Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент, омӯзгори забони англисӣ. **Суроға:** 735500, ш.Панҷакент, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.С.Шерозӣ, 84. E-mail: **shahnozbarotiyon@mail.ru**.Тел.: **(+992) 93-400-99-79**

Сведения об авторе: ***Баротиён Шахноз*** – Педагогический колледж города Пенджикента, преподаватель английского языка. **Адрес:** 735500, г. Пенджикент, Республика Таджикистан, ул. С. Шерози, 84. E-mail: **shahnozbarotiyon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-400-99-79**

Information about the author: ***Barotiyon Shahnoz*** **-** Penjikent Pedagogical College, English Language Teacher. **Address:** 735500, Penjikent, Republic of Tajikistan, st. S. Sherozi, 84. E-mail: **shahnozbarotiyon@mail.ru.**
Phone: **(+992) 93-400-99-79**

ТДУ: 892.5:891.46

САҲМИ РАСУЛ ҲОДИЗОДА ДАР РУШДИ ИЛМИ АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

Исанов С.А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ

Баъд аз мутолиаи хотирот ва мақолаву рисолаҳои ба устод С.Айнӣ бахшидаи адабиётшинос ва мунаққиди барҷаста устод Р.Ҳодизода ба натиҷае расидем, ки эшон дар зиндагии худ аз устод Айнӣ раҳнамоии зиёд дидаанд ва баҳраҳо бардоштаанд.

Устод Р.Ҳодизода дорои истеъдоди камназири фитрӣ ва худодод буданд. Шояд ақлу фаросати салим ва баъзе хислатҳои неки инсонӣ ба эшон аз аҷдодонашон, ки шахсиятҳои фозилу хирадманд буданд, ба ирсият гузаштааст. Аз тарафи дигар, ба ҷуз заҳматписандии худи адиб раҳнамоии устод Айнӣ буд, ки барои нашъунамо ва сабзиши эҷодии эшон мусоидат кард. Раҳнамоии устод Айнӣ баъзе паҳлуҳои истеъдоди Ҳодизодаро такон дода, дар ташаккули шахсияташон ҳамчун олим нақш гузоштааст.

Акнун меоем ба масъалаи раҳнамоии устод Айнӣ ба профессор Расул Ҳодизода. Устод Ҳодизода дар китоби хотироти худ «Худоё, худро бишиносам» навиштаанд:

«Дар зиндагӣ саодати онро доштам, ки аз овони наврасӣ дар илму адаб устоди раҳнамо Айнии бузургвор буд. Метавонам гӯям, ки дар як гӯшаи ҳаёти вай ҷое ҳам доштам. Зиёда аз ин дар хонаводаи Айнӣ мисли хешованд будам» [15, с. 303].

Баъд аз хатми омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд устод Ҳодизода ба Тошканд мераванд ва ба факултаи шарқшиносии САГУ (Среднеазиатский Государственный Университет), яъне Донишгоҳи Давлатии Осиёи Миёнагӣ дохил мешаванд. Ҳангоми таътил ва ё агар бо ягон муҳимме ба Самарқанд оянд, аввал ба зиёрати устод Айнӣ мерафтаанд.

Соли 1950 Ҳодизода Донишгоҳи Тошкандро ба итмом мерасонад ва ӯро ба аспирантураи донишгоҳ тавсия мекунанд. Аммо бо маслиҳати устод С.Айнӣ ба аспирантураи АИ Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1953 ба итмом мерасонанд. Ниҳоят 5-уми апрели соли 1954 Ҳодизода дар шурои илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР бо роҳбарии аъзо-корреспонденти АИ СССР И.С. Брагинский ва раҳнамоиву маслиҳатҳои устод С.Айнӣ дар мавзуи «Маъхазҳои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Худи ҳамон сол ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд.

Баъд аз дифои рисола ӯро ба идораи Иттифоқи нависандагони СССР даъват намуда мегӯянд, ки бо тавсияи М. Турсунзода аз шумо хоҳиш менамоем, ки дар комиссияи адабиёти халқҳои СССР вазифаи мушовири адабиёти тоҷикро ба уҳда гиред. Ҳодизода аз ин пешниҳод хурсанд мешавад, зеро орзу дошт, ки ду-се сол дар Москва истода, ба кори илмию тадқиқотӣ машғул шавад. Вале пеш аз он ки розигӣ диҳад, ӯ ба устод Айнӣ нома навишта иҷозат мепурсад. Устод С.Айнӣ ба ин пешниҳод розӣ нашуда, мондани Р.Ҳодизодаро дар Сталинобод ва кор дар Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ таъкид мекунанд.

Расул Ҳодизода дар китоби хотироти худ дар бораи нақши роҳнамоиҳои устод Айнӣ ба зиндагию фаъолияти илмиву эҷодии ӯ сухан ронда, хизматҳои ӯро чунин арзёбӣ намудааст:

«Ман на ба худситоӣ, балки бо ифтихори самимона мегӯям, ки неъмати бузурге будааст, ки аз сояи хиради бузурги Айнӣ дар зиндагиву корҳои худ баҳрабардор будаам. Инро дар синни ҳафтоду ҳашт мегӯям, ки синни мубораки Айнӣ мебошад. Кас ба қадри неъмат мерасад, лекин қувваи бузурги неъматро сол ба сол зиёдтар мефаҳмад ва ба фаҳму ақли комилтар таваҷҷуҳ менамояд. Айнӣ дар бистсолагиаш «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро хонда буд, баъд аз панҷоҳ сол дар айёми камолоти маънавӣ он чи аз муҳтавиёти ин асар ҳосил карда буд, инқилоби фикрӣ номид» [15, с.306].

Баъд аз раҳнамоиҳои устод С.Айнӣ баъди ҳимоя кардани рисолаи номзадӣ ва ҳидоятҳои Абдулғанӣ Мирзоев роҳи таҳқиқу пажуҳиш барои Р.Ҳодизодаи донишомӯз боз мешавад. Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар таҳқиқи адабӣ омӯхтан ва ба вуҷуд овардани таърихи адабиёти тоҷик ё адабиёти форсӣ-тоҷикии Мовароуннаҳр аз қарни XV ба баъд, то азбайравии ҳукумати давлатҳои кӯчаки Осиёи Миёна, аз ҷумла хонадони Манғитияи Бухоро, яъне то ибтидои асри XX–ро барои таҳқиқи густурда ва доманадор ният

дошт.Аммо худ ин корро анҷом дода натавонист, ҳарчанд ба намояндагони алоҳидаи адабиёт асарҳо навишта, қисман адабиёти тоҷикро ғанӣ гардонида буд. Ҳидоятгари Р.Ҳодизода барои ба вуҷуд овардани ин давраи таърихӣ А.Мирзоев буда, номбурда сараввал аз соли 1954 то соли 1960 ходими калони илмии АИ ҶШС Тоҷикистон будааст. Баъд ӯро мудири шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ССР Тоҷикистон таъйин намуда, пас аз он мудири Шуъбаи адабиёти классикии Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ сазовор донистанд.

Аввалин мақолаҳои илмии Р.Ҳодизода аз ибтидои солҳои 50-уми асри XX дар матбуоти даврӣ чоп шудаанд. Оид ба масъалаҳои муҳимми адабиёти гузаштаву имрӯзаи тоҷик мақолаҳои зиёде навиштааст, ки дар нашрияҳои бонуфузи ҷумҳурӣ ва берун аз он бо забонҳои гуногун ба табъ расидаанд.

Ҳанӯз аз солҳои 50-уми асри гузашта таваҷҷуҳи Р.Ҳодизодаро таҳлил ва омӯзиши осори Аҳмади Дониш ба худ ҷалб намуда буд, ки номбурда дар ин замина мақолаҳои зиёди худро дар маҷаллаи Шарқи Сурх (ҳоло Садои Шарқ) ба чоп расонида буд. Иншои мақолаҳои «Баъзе масъалаҳои омӯхтани таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XIX» (Шарқи Сурх, №4, 1954), «Равияи пешқадам дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX» (Шарқи Сурх, №8, 1955), «Чанд саҳифаи нав дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш» (Шарқи Сурх, №2, 1957), «Мутафаккири бузурги тоҷик» (Шарқи Сурх, №5, 1960), «Асари нав дар бораи Аҳмади Дониш» (Шарқи Сурх, №10, 1961), «Насри бадеии Аҳмади Дониш» (Садои Шарқ, №6, 1969) натиҷаи заҳматҳои чандинсолаи адиб мебошанд.

Пас аз ҳимояи рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Маъхазҳои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» дар Институти шарқшиносии АИ ИҶШС (1954) Расул Ҳодизода барои рисолаи докториаш мавзуи ҳанӯз омӯхтанашуда ва муҳим барои илми адабиётшиносӣ, яъне «Аҳмади Дониш ва адабиёти маорифпарварии тоҷик»-ро интихоб намуданд ва онро соли 1967 дар Шурои илмии Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон дифоъ мекунад. Адиб дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт қариб ба ҳама мавзуъҳои адабиёт дахл намуда бошад ҳам, бештар таҳқиқотҳои эшон дар пажуҳиши таърихи ҷараёни маорифпарварии охири асри XIX ва аввали асри XX дар аморати Бухоро барои илм муҳим ва бунёбӣ буданд.

Натиҷаи ҳамин ҷустуҷӯҳои пайваста ва серпаҳлу буд, ки Р. Ҳодизода дар аввали соли 1972 бо иштироки донишмандони Шуъбаи таърихи адабиёт ба таълифи силсилаи таърихи адабиёт шуруъ намуданд. Профессор Шарифзода Худоӣ дар мақолаи ба Абдулғанӣ Мирзоев ва асари ӯ –"Биноӣ" бахшидааш қайд намудааст, ки «аслан масъалаи ба вуҷуд овардани таърихи адабиёти давраи зикршударо академик А.Мирзоев нияти ба охир расонидан дошт, ки ӯ ин корро ба охир расонида натавонист ва дар вазъи онвақта таҳқиқи мавзуъро ба анҷом ҳам расонида наметавонист»[16, с.209]. Хушбахтона, шогирдон ва пайравони академик Абдулғанӣ Мирзоев таълиф ва таҳрири силсилаи "Очеркҳои таърихи адабиёт" (дар 11 китоб), "Таърихи адабиёти форс–тоҷик" (мусаввада дар 6 ҷилд)-ро баъдтар бо роҳбарии устод Р. Ҳодизода ба анҷом расониданд. Ин кори саҳл набуд. Аввал ин ки шахсоне буданд, ки ба амалӣ шудани ин кор бовар надоштанд ва аз ин рӯ, монеаҳо низ мегузоштанд. Аммо Р. Ҳодизода ва шогирдонаш дар ин кор сахт камар баста буданд. Натиҷаи заҳамоти чандинсола буд, ки 11 китоб дар таърихи давраҳои адабиёти тоҷик аз садаи XIV то ибтидои садаи XX таълиф гардид. Сабаби навишта шудани силсилаасарҳои таърихи адабиёт дар он аст, ки то солҳои 40-уми асри XX дар пайравии андешаи шарқшиноси Олмон Ҳ.Эте адабиёти қарнҳои XVI-XIX такрору тақлиди хушку холии адабиёти давраҳои пешини форс-тоҷик шуморида шуда, то ҳатто зарурати таҳқиқи он рад карда мешуд. Устоди равоншод Абдулғанӣ Мирзоев ва Расул Ҳодизодаву пайравонаш дар заминаи омӯзишу таҳқиқи сарчашмаҳои муътамади гуногун ва осори худи намояндагони адабиёти давраи мазкур якчанд таҳқиқоти пуразришу бунёдӣ таълиф намуда, ҷанбаҳои адабиву ҳаёти мадании он рӯзгор ва риояи анъанаву дарёфтҳои эҷодии бузургтарин шоирони тоҷики давраи мазкурро муайян намуданд.

Ҳамчунин, Р. Ҳодизода дар тарбияи олимони ҷавон, тайёр намудани мутахассисони адабиёти классикӣ, рушди илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабии тоҷик хидматҳои шоистае анҷом додааст. Дар ин маврид зарур медонем, ки дар бораи интихоб ва раҳнамоии устод Р.Ҳодизода ба олимони самти адабиётшиносӣ, ки минбаъд ҳар яке аз онҳо соҳиби мақоми хоссаи худ дар адабиёт гаштаанд, чанд сухан гӯем. Аз ҷумла, дар давоми чанд сол

Усмон Каримов бо маслиҳати Расул Ҳодизода ба омӯхтани адабиёти асрҳои XVIII-XIX машғул шуда, соли 1969 зери роҳбарии устод диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи "Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Содиқи Муншӣ (Аз таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX)" ҷамъбаст намуд, ки он соли 1972 ба сифати рисолаи алоҳида таҳти унвони "Мирзо Содиқи Муншӣ" нашр шуд [7]. Усмон Каримов замоне ба таҳқиқи мавзуи зикргардида шурӯъ намуд, ки адабиёти нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX яке аз даврaҳои ҳоло омӯхтанашудаи таърихи адабиёт ба ҳисоб мерафт. Адабиётшинос Усмон Каримов дар рисолаи навиштаи худ саъй намудааст, ки тавассути омӯхтани ҳаёту фаъолияти адабии як намояндаи барҷастаи адабиёти нимаи дуввуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX – Мирзо Содиқи Муншӣ хусусиятҳои равияи пешқадами адабиёти давраи мазкурро то андозае ошкор созад.

Усмон Каримов дар муқаддимаи рисолааш хизмати А.Мирзоев, Н.Маъсумӣ ва Р.Ҳодизодаро дар тадқиқи адабиёти асрҳои XVIII-XIX назаррас арзёбӣ намуда, қайд кардааст, ки онҳо дар як қатор асарҳои худ масъалаҳои гуногуни адабиёти давраи мазкурро тадқиқ ва таҳқиқ намудаанд. Аз ин рӯ, манбаи асосии У.Каримов барои омӯзиши Мирзо Содиқи Муншӣ асарҳои Р.Ҳодизода буда, дар ин бора чунин навиштааст: «Баъди Е.Э. Бертелс роҷеъ ба ин шоир (яъне, Мирзо Содиқи Муншӣ – И.С.) аз адабиётшиносони тоҷик то солҳои 50-ум касе чизе нагуфт. Танҳо соли 1956 маълумоти мухтасаре дар бахши мулҳақоти рисолаи Р.Ҳодизода "Маъхазҳои адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX" нашр шуд, ки он ба маълумоти "Намунаи адабиёти тоҷик", тазкираҳои Возеҳ, Ҳашмат, феҳристи захираи дастнависҳои шарқии АФ РСС Ӯзбекистон асос ёфтааст.

Илова бар ин, Р.Ҳодизода номгӯи чанд маъхазро оид ба Мирзо Сироҷ дар поёни маълумоти худ дарҷ намудааст, ки ин барои тадқиқи минбаъдаи эҷодиёти шоир як навъ роҳхате буд» [7, с.4]. Усмон Каримов миннатдории худро ба муҳаррири масъули рисола профессор Р.Ҳодизода баён намуда, афзудааст, ки «ба корҳои илмии ман аз қадамҳои аввалин роҳбарӣ намудаанд ва таҳрири ин китобро низ лутфан ба уҳда гирифтаанд» [7, с.8].

Омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи аҳвол ва ашъори шоирони ҳавзаҳои адабӣ на танҳо таърихи адабиёти халқи моро пурра мекунанд, балки барои омӯхтану шинохти шоирони он маҳалҳо таъсири назаррас низ расонида метавонанд. Адабиётшиносон Амирбек Абибов ва Искандар Икромов, ки аслан дастпарвари мактаби адабии Р.Ҳодизода буданд, бо дарки масъулият баъзе масъалаҳои муҳимми адабӣ ва аҳволу осори адибони асрҳои XIX ва ибтидои асри XX-ро, ки аз доираи таҳқиқ дар канор монда буданд, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, дар ин ҷода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Амирбек Абибов ҳанӯз соли 1969 роҷеъ ба шоирони Бадахшони асри XIX китоби «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон»-ро навишта, баробари ҳамин осори боқимондаи бисёр шоирони ин даврaро, ки девони мукаммале аз онҳо ба мо нарасидааст, таҳти раҳнамоӣ ва маслиҳатҳои муфиди Р.Ҳодизода ҷамъ карда буд [2].

Кӯшиши нахустин дар бораи зиндагии яке аз адибони соҳибдевони ҳавзаи адабии Бадахшон Абдуллоҳи Мисраъ ва чанд шоири ҳамзамони ӯ дар адабиётшиносии шуравии солҳои 70-уми асри гузашта аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Амирбек Абибов дар китоби «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон» сурат гирифтааст [2, с.94].

Дар мулҳақоти ин китоб А.Абибов бо такя ба маълумоти маҷмуаи «Афғонистон» ва тазкираи адабиётшиноси афғонистонӣ Холмуҳаммади Хаста «Ёде аз рафтагон» дар бораи шоироне, ки аз Бадахшон ба Бухоро омада, дар мадрасаҳо таҳсил намудаанд, маълумот дода, иброз медорад, ки қисме аз онҳо баъд аз таҳсил, ба ватанашон – Бадахшон баргаштаанд.

Адабиётшинос А.Абибов кори илмии худро идома дода, соли 1984 маҷмуаи «Ганҷи парешон»-ро тартиб дод, ки доир ба эҷодиёти 63 нафар шоирони гумноми Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб, ки дар охири асри XVIII, асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ кардаанд, маълумот дода, аз ашъорашон намунаҳо овардааст. Дар муқаддимаи китоб мураттиб аз заҳматҳои Р.Ҳодизода барои нашри силсилаи таърихи адабиёт ёдовар шуда, хизмати ӯро назаррас арзёбӣ намуда, навиштааст:

«Вале эътироф бояд кард, ки то солҳои охир шароити омӯхтани адабиёти ин маҳфилҳои адабӣ фароҳам набуд. Зеро, аз як тараф, мутахассисони ин соҳа камӣ мекарданд ва аз тарафи дигар, материалҳо ва мероси адабии ин шоирон ҷамъ ва тадқиқ нашуда буд. Вале Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон ва хусусан сектори таърихи адабиёти

он, ки бо роҳбарии доктор Расул Ҳодизода кор мекард, дар солҳои охир ба омӯхтани аҳволу ашъори шоирони кӯҳистон аҳаммияти басо калон доданд. Р.Ҳодизода ғайр аз иштироки бевосита ва фаъолонаи худ дар анҷоми баъзе қисмҳои ин масъала боз ходимони зиёди сектори адабиётро ба ин кор ҷалб намуд. Вале нависандаи ин сатрҳоро аз соли 1958 инҷониб ба омӯхтани аҳвол ва ашъори шоирони қисми кӯҳистони тоҷик ё ки ба ифодаи дигар, шоирони қисми Бухорои Шарқӣ, вазифадор карда буданд. Маҷмуаи "Ганҷи Бадахшон", "Мероси адабии шоирони Ҳисор" ва ин маҷмуа асосан натиҷаи иҷрои ҳамин вазифа мебошад» [5, с.6-7].

Маълумотҳои овардаи А.Абибов мухтасар буда, аз камбудиҳо орӣ набуданд. Маълум аст, ки пас аз дастрас шудани бойгонии яке аз шоирони ҳавзаи адабии Роғи Бухорои Шарқӣ Мирзо Қадам адабиётшиносе, ки бевосита ба ҳаёту эҷодиёти ӯ то андозае диққат додааст, Искандар Икромов мебошад. Дуруст аст, ки то вай адабиётшиноси дигари тоҷик А. Абибов дар китоби худ «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ» [3, с.52-84] вобаста ба доираи адабии Кӯлоб аз Мирзо Қадам ду дафъа ҳамчун суханвари ин доираи адабӣ ном бурдааст, аммо зиёда аз ин чизе нагуфтааст. Пас аз тавсиаи Р.Ҳодизода ба шогирдонаш барои омӯзиши шоирони Бадахшон ин мавзуъ минбаъд таваҷҷуҳи олимони соҳаи адабиётро ба худ ҷалб намуд. Дар солҳои наздик дар бораи ду намояндаи доираи адабии Роғи Бадахшон: Абдуллоҳи Мисраъ ва Мирзо Қадам рисолаи ромзадӣ навишта шуд.

Яке аз очеркҳои таърихи адабиёти тоҷик, ки ба силсилаи асари 11-ҷилда дохил мешавад, бо номи «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII» унвон дошта, зери таҳрири Расул Ҳодизода ва муаллифии Аҳмад Абдуллоев ва Садрӣ Саъдиев соли 1986 таълиф шудааст [1]. Муҳиммияти очерки номбурда дар он аст, ки он бо роҳбарии Р.Ҳодизода омода карда шуда, дар ин кор аз таърихи инкишофи адабиёти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII сухан рафтааст. Муаллифон ҳаёти маданию адабии даврараро ба таври нав таҳқиқ намуда, дигаргунию тағйироти калони мундариҷа ва услуби назми давраи мазкурро нисбат ба назми нимаи аввали аср нишон додаанд. Ҳаёт ва эҷодиёти чор шоири номвар – Масъуди Саъди Салмон, Абулфарачи Рунӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Мухтории Ғазнавӣ аввалин бор ба таври васеъ ва монографӣ маҳз дар ҳамин қисмати очерки адабиёт омӯхта шудаанд.

Дар ин тадқиқот муаллифон кӯшиш кардаанд, ки ташаккул ва ривоҷу равнақи адабиётро дар доираҳои адабии Ғазнин ва Лоҳур дар ҳаҷм ва доираи очерк санҷида, ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони барҷастаи онро дар фаслҳои ҷудогона ба тариқи монографӣ тадқиқ намоянд. Азбаски адабиёти даризабони Ҳиндустон ҳанӯз дар солҳои чилуми аср бо номи шоир Нукатӣ вобаста гардида, аз ӯ ибтидо гирифтааст, ҳангоми омӯзиши доираи адабии Лоҳур аз ин шоир сухан оғоз карданро бамаврид донистаанд.

Қисматҳое, ки дар фасли характеристикаи ҳаёти адабӣ ба ин шоир ва Атои Яъқуб ва фаслҳои махсусе, ки ба Абулфарачи Рунӣ ва Масъуди Саъди Салмон бахшида шудаанд, ба қалами Аҳмад Абдуллоев мансуб буда, қисмати Абуҳанифаи Искофӣ ва фаслҳои Мухтории Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ аз тарафи Садрӣ Саъдиев навишта шудаанд. Чеҳраҳои нави адабие чун Усмон Мухтории Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ҳамчун кашфиёти илмии муаллиф Расул Ҳодизода эътироф шудааст.

Муаллифон ҳангоми таълифи рисола, хусусан дар бобҳое, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти адибон бахшида шудаанд, девони ашъори шоиронро васеъ ва ҳаматарафа истифода кардаанд.

Дар ҳамин давра шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёт барои навиштани таърихи илмии адабиёти форсӣ – тоҷикӣ омодагӣ доштанд. С. Саъдиев, аллакай, 4 фасли ин китобро навишта буд, чунончи таърихи адабиёт дар Мовароуннаҳри асри XII, маркази адабии Ғазнӣ ва Лоҳур. Ва дар ҳамин риштаи таърихи илмии академии адабиёт дар шумори яке аз муаллифони асосӣ ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, ин кор то ба охир анҷом дода намешавад. Он дастнависҳоро С.Саъдиев ба устод Р. Ҳодизода супорида, барои кор ба Афғонистон меравад.

Адабиётшинос С.Саъдиев соли 1988 ҳамроҳи Расул Ҳодизода ва Усмон Каримов китоби дарсии «Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX»)-ро таълиф намуданд, ки ҳоло ҳам дорои арзиши баланди илмӣ аст [14]. Дар ин китоб, ки онро барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ таҳия намудаанд, ҳаёти адабӣ ва ҷараёни инкишофи адабиёт дар давраҳои таърих бо назари танқидӣ тасвир ёфта, хонанда бори аввал бо як қатор

сарчашмаҳои асосии адабиёти ин давр ва хусусиятҳои онҳо муфассал шинос мегардад. Дар китоби мазкур таҳлили ҳаматарафаи даврае оварда шудааст, ки дар он намояндагони адабиёти асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX-и тоҷику форс асарҳои бузургтарини худро офаридаанд. Дар асоси маводҳои фаровони сарчашмаҳои овардашуда хонанда дар бораи марказҳои адабии Ҳирот, Бухоро ва Самарқанд, хусусиятҳои хосси ҳар яке аз онҳо маълумоти боэътимод пайдо мекунад. Аз ин рӯ, асари мазкурро як навъ ҷамъбасти ҷустуҷӯ ва тадқиқоти илмӣ оид ба адабиёти давраҳои мазкур ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамин гуна ҷустуҷӯҳои пайваста ва ҳамкорӣ бо мутахассиси самти адабиёт Р.Ҳодизода ба Садрӣ Саъдизода имкон дода буд, ки доир ба ҳавзаи адабии Мовароуннаҳри асри XII соли 1971 дар мавзуи "Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Сӯзании Самарқанди" (ҳачвнависи асри XII)[11] рисолаи номзадӣ ва соли 1990 дар мавзуи "Равияҳои асосии тараққиёти адабии тоҷик дар асри XVII" зери роҳбарии устод Р.Ҳодизода рисолаи докторӣ дифоъ намуд [13]. Ҳамин тариқ, ба туфайли таҳқиқотҳои Садрӣ Саъдизода адабиёти асри XVII давраи нисбатан пурра омӯхташуда ва дар бораи он тадқиқоти ҷамъбастӣ ба майдон овардаи адабиётшиноси мумтози тоҷик ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, баъд аз гузашти солҳо ҳам ин тадқиқоти ӯ бо сабабҳои номаълум то ҳол рӯи чопро надидааст.

Р.Ҳодизода ҳанӯз дар аввалин лаҳзаҳои ба майдони адабиёт қадам ниҳодани С.Саъдиев ба ӯ диққати ҷиддӣ дода буданд. Баъд аз солҳо профессор Садрӣ Саъдиев дар мусоҳибаи худ «Дар илм на бисёр навиштан, балки амиқ рафтан мароми асосӣ бояд бошад» бо Дилшоди Фарҳодзод (ш.Самарқанд, соли 2017) ба саволи "Бо чӣ орзую умед ба ҷодаи илм қадам гузоштаед?" чунин ҷавоб дода буданд: «Орзуям ин буд, ки кош мисли олимоне, ки дар риштаи омӯзиши таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ фаъолият доштанд, бузург шавам. Бахусус, ки дар он замон таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ эътибори бағоят калон дошт ва дар ин ришта Абдулғанӣ Мирзоев машҳур буданд, бо ҳавас ба ин олим ва бо умеди шогирди ӯ гаштан ба Душанбешаҳр рафтам, ки ҳамчун маркази илмии муътабаре аҳаммият пайдо карда буд. Имкон дошт, ки дар он маскан дар риштаи омӯзиши таърихи адабиёти мумтози тоҷик ба кори таҳқиқу тадқиқ пардозам. Аммо муттакое надоштам, ки нақшаҳоямро ба роҳ гузорам. Иттифоқо бо устод Р. Ғаффоров вохӯрдам, ки дар он вақт дар байни уламову удабо эътибору нуфузи зиёд доштанд ва маро ба Институти шарқшиносии Академияи улуми Тоҷикистон назди олимони намоёни соҳа Камол Айнӣ ва Расул Ҳодизода бурда, муаррифӣ карданду гуфтанд, ки «шогирди ман аст ва мехоҳад мутахассиси адабиёти классики тоҷик шавад». Бузургон маро хуш қабул карда, худи ҳамон рӯз ба кор гирифтанд, чунки ба суханони Р. Ғаффоров дар ҳаққи ман эътимод доштанд»[10, с.143-144].

Дар аввал Абдулғанӣ Мирзоев ба адабиётшинос шудани Садрӣ Саъдиев бовар надоштаанд ва дар вақти қабули С.Саъдиев як навъ норозигӣ ҳам баён кардаанд: «Аслан масъалаи кадрҳоро роҳбари идора ҳал мекунад. Муносибати Абдулғанӣ Мирзоев бо самарқандиҳо «дигархелтар» будааст. Хайр, акнун бо Расулхон Ҳодизодаву Камол Айнӣ, аз афт, аз ноилоҷӣ кор мекарданд. Аслан гирем, онҳоро назарашон ҳам намегирифт. Охир он кас академик буданд, адабиётшиноси номии Тоҷикистон. Эҳтимол онҳоро хуб ҷанг ҳам карда бошанд, ки чаро шумо ин самарқандиатонро ба кор гирифтед, гуфта. Вай аз ду сар ин корро уҳда карда наметавонад, гашта ба Самарқандаш меравад. Боз савдогарии худашро мекунад… Баъзеҳо дар он ҷо самарқандиҳоро ҳамин хел мешинохтанд.

…Институт боғ дошт. Баъди чанд вақт рӯзе директори институт моро ҷеғ заданд. Ҳамроҳи ҷӯраи фарғонагиам Усмон Каримов. Ба мо буридану гӯр кардани токро фармуданд. Токҳои воишӣ. Мабодо мо хато накунем, ба сари мо истода, ба ман нигоҳ карда гуфтанд:

–Ба ман маълум шуд, ки шумо ҳамин хел корҳоро нағз медонед. Вақташ меояд, ки аз корҳои китобхонӣ дилатон монда, гашта рафта, боз корҳои нағз медонистагиатонро мекунед. Маънои ин гапашон ҳамин буд, ки аз шумо олим намебарояд. Шумо самарқандиҳо мардуми илму маърифат шуда наметавонед. Ҳол он ки аксарияти аҳли маърифати солҳои панҷоҳу шасти Душанбе аз Самарқанд буданд. Расулхон Ҳодизода ин хел гапҳоро шунида, ба ман гуфтанд:

–Акнун нодуруст будани ҳамин гапро ту исбот мекунӣ. Ҳамин қадар ба таҳқиқот машғул мешавӣ, ҳамин қадар мехонӣ, ки донишманд шавӣ!

Ман ҳам ин гапро маҳкам доштам. Китобҳои доир ба таърихи адабиёте, ки дар Эрону Афғонистон баромадаанд, дар Россия ё ягон ҷойи дигар дар соҳаи адабиётшиносӣ чоп

шудаанд, назария ё дар бобати эстетика бошанд, инчунин, девонҳои шоирони мумтозро хонда, ба конспект кардан даромадам. Се сол ман ба ин гуна кор машғул шудам. Конспектҳои ман дар дафтарҳои умумии 96-варақа буд. Аз ҳамон хел дафтарҳо 100-то не, вале 95 ё 96 адад шуданд. Боз конспектҳои ман одӣ набуданд**,** ман дар паҳлӯи матн, ҳошияи он дафтарҳо, фикри худ ё эродҳои худро навишта мемондам. Ё дар ҷойи алоҳидаи дафтар муносибати худро доир ба ҳамин масъала қайд мекардам. Вале дар ин давр ман ягон мақола чоп накарда будам» [Мусоҳибаи Бахтиёри Ҷумъа бо С.Саъдиев: Аз пайи орзуҳои дастнорас, “Фарҳанг” 01/10/2022; сайти электронӣ].

Маҳз зери назар ва ғамхориҳои Р.Ҳодизода С.Саъдиев ба таҳқиқ ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни адабиёт рӯ овард. Ҳидоятгари С.Саъдиев ба роҳи омӯзиш Р.Ҳодизода ба ҳисоб меравад: «Ман мутахассиси адабиёти дарбор ҳастам, адабиёте, ки мафкураи синфии шуравӣ қабул надошт ва дар он давра ин қисмати таърихи адабиёти тоҷик омӯхта намешуд. Шодравон устодам Р. Ҳодизода оғози онро гузошта буданд, маро низ ба ин кор роҳнамун шуданд ва даъват карданд, ки адабиёти дарбор хеле пурмуҳтавост ва сазовори тадқиқи илмист. Ман умри худро ба омӯзиши адабиёти дарбор, яъне адабиёти қасидасароӣ бахшидам»[10, с.145-146].

Ҳангоме ки омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Сӯзаниро устод Р.Ҳодизода ба С.Саъдиев пешниҳод намуданд, ӯ аллакай бо ҳаёти адабии асрҳои X – XII, шоирони ин давра ва девонҳояшон ошноӣ доштааст, минҷумла ба андозае бо Сӯзанӣ. Чунки то ин вақт ӯ вазифаи лаборанти калони бахши адабиёти форсу тоҷики шуъбаи шарқшиносии Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёт, дастхатҳо ва шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистонро (1962-1971) ба уҳда дошт. Аммо дар рафти тадқиқоти махсус ва амиқи илмӣ дар бобати эҷодиёти ин шоир маълум шудааст, ки шоир Сӯзанӣ бо адабиёти дарбор алоқамандӣ надорад, танҳо шоирест, ки дар ҷараёни кӯчиши адабиёти дарбор ба муҳити шаҳр, ҳамчун вакили адабиёти шаҳр ном баровардааст. Дар рисолаи номзадӣ адабиётшинос раванди ба зиндагии мардум наздик шудани адабиёт дар доираҳои шаҳр, мувофиқи талабот ва завқи онҳо ба вуҷуд омадани равияҳои гуногуни эҷодӣ, мавзуъ ва мазмунҳои тоза, таҷдиди жанрҳои шеърӣ, ривоҷи беандозаи ҳаҷв, мутоибот ва ғайраро ошкор кардааст.

Садрӣ Саъдиев дар ҳаёт аз бисёр донишмандон асрори илму адаб омӯхта бошад ҳам, аз назари ӯ устодаш Расул Ҳодизода олими хеле тавоно будаанд. Ба тариқи машварат сирру асрори тадқиқоти илмиро омӯхтаанд. Тадқиқоти илмии Р.Ҳодизода дар ин соҳа барои С.Саъдиев эътибори калон дошт. Аз ин рӯ, аз паси эшон рафтааст. Номбурда ҳастии худро фақат дар роҳи илм тасаввур мекунад. Характери ӯ мувофиқи табиати олим аст – хомӯшу фақиру оҷиз.

Дар соҳаи илм ҳатман инсонро пуштибоне лозим аст. Адабиётшинос Садрӣ Саъдиев ифтихорманди он будааст, ки бо адабиётшиносони номӣ ҳамкорӣ дошта, кор дар ҳамнафасию ҳамроҳии онҳоро барои худ муфид арзёбӣ намудааст: «Мудири шуъбаи мо дар Институти забон ва адабиёт устод Р. Ҳодизода, ки баробари адабиётшиноси номӣ буданашон бо навиштани осори бадеӣ ҳам шуғл меварзиданд, бисёр одами закӣ буданд. Мо бо он кас дар навиштани баъзе китобҳо ҳамкориҳо доштем, аз ҷумла китоби дарсии таърихи адабиётро тартиб додем. Як бобашро ман ва ду боби дигарро устод ва Усмон Каримов – рафиқи наздикам навиштаанд. Бо Аҳмад Абуллоев – олими тезқадам ва сермаҳсул дар нашри оммавии осори классикӣ, дар навиштани рисолаҳо доир ба таърихи адабиёт ҳаммуаллиф будем» [10, с.148].

Беҳуда нест, ки Муҳаммадҷон Шукуров дар маҷлисе, ки дар он китоби дар ҳаммуаллифӣ навишташудаи Садрӣ Саъдиев ва Аҳмад Абдуллоев (Зери таҳририи Р.Ҳодизода) – «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII” муҳокима мешуд, гуфта будаанд, ки «Саъдиев роҳи нави тадқиқоти илмиро дар адабиёти классикӣ ба вуҷуд овард».

Солҳои 70-уми асри гузашта, вақте ки С.Саъдиев зери роҳбарии Р.Ҳодизода дар мавзуи “Ҳаёт ва эҷодиёти шоири маъруфи ҳаҷвнависи асри XII Сӯзании Самарқандӣ” дар шуъбаи илмҳои ҷамъиятии Академияи илмҳои Тоҷикистон рисолаи номзадӣ дифоъ намуд, таконеро дар адабиётшиносӣ ба вуҷуд оварда буд. Зеро омӯзиши муҳити адабии Самарқанд аз ҷониби ӯ ба тарзи табиӣ баррасӣ шуда, тадқиқи Сӯзанӣ дар ҷараёни омӯзиши адабиёти дарборӣ сурат гирифтааст. Дар ҳамин ҷараён С.Саъдиев тавонист нақши муҳити адабии Самарқандро дар таърихи адабиёти тоҷик муайян намояд. Таваҷҷуҳ намоед ба гуфтаҳои

С.Саъдиев: «Азбаски рисолаи ман доир ба Сӯзанӣ дар омӯзиши адабиёти мумтоз кашфиёти калон ҳисоб мешуд, дар Москва аз тарафи шарқшиносони намоён, аз ҷониби адабиётшиносон ва таърихшиносони тоҷикистонӣ, чунончи Е. Н. Давидович – ҳамсари Б. А. Литвинский, эътироф шуд. Зеро дар тадқиқи мавзуи пешгузошта дастовардҳои илмии ононро ба кор андохта будам, – бо истифода аз методи дедуксияи илмӣ. Ғояе, ки дар рисолаи илмиам пеш гузошта будам, ин нуқта буд, ки адабиёт аз доираи дарбор ба муҳити васеи шаҳр (Самарқанд) баромад ва дар натиҷаи ин дар риштаҳои гуногуни адабиёт дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Ин кашфиёти калон буд дар соҳаи адабиётшиносӣ.

Минбаъд Шукуров изҳор доштанд, ки бо каме коркарду илова метавонам онро ба зудӣ барои рисолаи докторӣ омода кунам. Ман, ки фикр мекардам барои рисолаи докторӣ ҳатман мавзӯи дигаре бояд тадқиқ шавад, бо таъхири зиёд ба ҳимояи рисолаи докторӣ ноил шуда вагарна метавонистам бо маслиҳати Шукуров дар муддати ду сол ба унвони докторӣ мушарраф шавам» [10, с.149-150].

Баъдан С.Саъдиев дар таҳқиқи рисолаи докториаш ба омӯзиши адабиёти асри XVII, таъини ҷараёнҳои адабӣ, таҳлилу баррасии амиқ ва ҳамаҷонибаи осори адабии ин давр камари ҳиммат баст. Ӯ ба ақидаи олимоне, ки гӯё адабиёти форсу тоҷик бо Абдурраҳмони Ҷомӣ хатм шуда бошаду шоирони асрҳои баъдӣ ягон асари комил ё тозае наофарида бошад зид баромада, исбот намуд, ки ҷанбаҳои ғоявию бадеӣ дар адабиёти асри XVII назар ба даврaҳои пешин пуркуввату вусъатноктар аст. Вай баробари идомаи ҷустуҷӯ ва тадқиқоти академик Абдулғанӣ Мирзоев оид ба адабиёти ин давр ва намояндагони онҳоро хеле такмил дода, бисёр хато ва иштибоҳоташонро ислоҳ кард. Мавсуф фикру андешаҳои пурқимати худро дар асари монографии мукаммали худ «Адабиёти тоҷик дар асри XVII» [12] соли 1985 пешкаши аҳли илму адаб гардонд. Китоби мазкур ҷилди IV силсилаи очеркҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷикро ташкил дода, дар ин монография адабиёти асри XVII, ки аз даврaҳои хеле муҳимми таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравад, мавриди тадқиқи васеъ ва муфассал қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаи асосӣ ва пуразиши адабиёти ин давр – тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ манзараи васеи ҷунбиши адабӣ ва ҷараёни онро равшан намудааст. Зиндагӣ ва эҷодиёти бузургтарин шоири ин давр Сайидои Насафӣ бо диди тоза ва аз рӯйи талаботи адабиётшиносии муосир мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Асари номбурда минбаъд асоси рисолаи доктории муҳаққиқ қарор гирифт. Дар рисолаи докториаш С.Саъдиев асосан ба осори илмию адабии Малеҳо ва Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳаму Кисрои Бухорӣ бештар ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қудрати шеърофарӣ ва симои аслии эҷодии онҳоро амиқназарона кашф намудааст.

Ҳарчанд С.Саъдиев рисолаи докториашро моҳи декабри соли 1990 зери роҳбарии Р.Ҳодизода дар мавзуи «Равияҳои асосии тараққиёти адабиёти тоҷик дар асри XVII” дар ИЗА ба номи Рӯдакӣ бо муваффақиятҳои калон ҳимоя карда бошад ҳам, дастоварди арзишманд дар илми адабиётшиносиро кори номзадиаш дар мавзуи “Ҳаёт ва эҷодиёти шоири маъруфи ҳаҷвнависи асри XII Сӯзании Самарқандӣ” (с.1971) мабҳус медонад. Он пеши рисолаи номзадиаш ҳеҷ аст. Рисолаи доир ба Сӯзанӣ таълифнамудаи ӯ дар ҳақиқат кашфиёти илмӣ буд.

Шогирдони профессор Расул Ҳодизода то ба зинаҳои узви академия рафта расидаанд. Яке аз шогирдони дигари устод Расул Ҳодизода узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзо Муллоаҳмадов маҳсуб меёбад, ки номбурда ҳанӯз соли 1975 дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон рисолаи номзадиашро зери роҳбарӣ ва маслиҳатҳои Р.Ҳодизода дар мавзӯи «Эҷодиёти Фаррухӣ» бомуваффақият ҳимоя намуда буд [9].

Устод Р.Ҳодизода аз зумраи муҳаққиқони асилу пуркор ва пухтакори адабиёти бештар аз ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ буданд. Яке аз шогирдони беҳтарини устод Анзурати Маликзод ба ҳисоб меравад, ки ҳоло ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад. Номбурда соли 2002 бо роҳбарӣ ва ҳидояти Р.Ҳодизода дар мавзуи “Ҳаёт ва эҷодиёти Абӯмансури Дақиқӣ” рисолаи номзадии худро дифоъ намудааст [8]. Анзурати Маликзод дар вақти хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо роҳхати донишгоҳ ва тавсияи раиси имтиҳоноти давлатӣ профессор Расул Ҳодизода ва ҳам устоди давраи толибилмиаш профессор Садрӣ Саъдизода барои идомаи таҳсил ба ш.Душанбе омада, солҳои 1998-2001 дар аспирантураи Институти забон ва адабиёти ба

номи А.Рӯдакӣ таҳсил ва дар вақти муайяншуда зери роҳбарии Р.Ҳодизода рисолаашро ҳимоя намуд. Ӯ дар яке аз хотираҳои худ бо номи “Ёдворае аз устоди зиндаёд Расул Ҳодизода” дар бораи ғамхорӣ ва раҳнамоии ӯ барои ҷавонони донишандӯз чунин навиштааст: «Мавсуф (яъне, Р.Ҳодизода – И.С.) шахси масъулиятшинос ва хеле ҷиддӣ буданд ва аз дигарон низ чунин буданро талаб мекарданд. Ҳамкорону шогирдонро баъзан ба анҷоми таҳқиқоте талқин менамуданд, ки дар назар хеле душвору имконнопазир ва роҳи тайношуданӣ менамуд. Вале бо ҳидояту раҳнамоиҳои эшон кор тавре пеш мерафт, ки на танҳо мушкилӣ эҳсос намешуд, балки он ба зудӣ ва бо сифати хуб поён меёфт. Муаллим гӯё ба кас нерӯю тавони таҳқиқӣ мебахшиданд» [4, с.192-193]. Хизматҳои устод Р.Ҳодизода дар соҳаи илми адабиётшиносии тоҷик хеле бузург аст. Муҳаққиқи соҳибравишу соҳибмактаб, инсони шарифу некухисол устоди муҳаққиқони нуктасанҷу номдоре ба монанди профессорон Садрӣ Саъдиев, Усмон Каримов, Зулфия Ҳасанова, Мирзо Муллоаҳмад, Замира Ғаффорова, Низомиддин Зоҳидӣ, Искандар Икромов, Пайванди Гулмурод, Музаффари Муҳаммадӣ, Шодӣ Шокирзода ва бисёр дигарон, ки ҳар яке дар илми адабиётшиносии тоҷик имрӯз мавқеъ ва ҷойгоҳи хоссе доранд, буданд.

Расул Ҳодизода дар муддати зиндагонии худ оид ба таърихи адабиёт, масъалаҳои назарӣ, поэтикаи он 10 китоби монографӣ (1973-1983) ва бештар аз 300 мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф намудааст. Инчунин устод Р.Ҳодизода дар доираи таҳқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷик ба яке аз ҷанбаҳои муҳимми он–тасаввуф муроҷиат карда, солҳои 1992–1993 монографияи “Тасаввуф дар адабиёти форсӣ”-ро (с.1998) ба итмом расонид. Дар ин китоб адиб бештар ба суфизм рӯ оварда, онро таҳқиқ кардааст. Дар замоне адиб ба омӯзиши тасаввуф рӯ овард, ки сухан гуфтан дар бораи эътиқоди динӣ ниҳоят мушкил буд. Мисол, китоби дигари устод Р.Ҳодизода “Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ” ба мавзуи тасаввуф тааллуқ дошта, дар замони Шуравӣ чоп шуд, ки ба ин далел шуда метавонад. Зеро он солҳо чунин асарҳоро навиштаву чоп кардан бисёр душвор ва ғайриимкон буд.

Зимни ҳамкориҳои судманд, маслиҳатҳою ҳамнишиниҳо чандин муаллифони таърихи адабиёт бо роҳбарии профессор Р. Ҳодизода рисолаҳои номзадиву докторӣ ҳимоя намуданд: Исматулло Ҳидоятов, Садрӣ Саъдӣ, Мирзо Муллоаҳмадов, Усмон Каримов, Аҳмад Абдуллоев, Амирбек Абибов, Зулфия Ҳасанова, Низомиддин Зоҳидов, Музаффари Муҳаммадӣ, Замир Саъдулло, Абдурашид Самадов, Искандар Икромов, Замира Ғаффорова, Шодӣ Шокирзода, Анзурати Маликзод ва дигарон. Дар умум, устод Р.Ҳодизода барои адабиёт ва рушди он **х**идматҳои зиёде кардаанд. Асарҳои илмӣ ва адабияшон ба хазинаи тиллоии фарҳанги тоҷик дохил шудааст.

Дар маҷмуъ, зиёда аз 17 номзад ва 8 доктор рисолаҳои худро бо роҳбарии профессор Р. Ҳодизода дифоъ намудаанд. Ҳамаи ин донишмандон аз сахтгирӣ ва меҳрубонии устоди худ ба некӣ ёдовар шудаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши аҳволу осори ин донишманди бузург, нишон додани хусусиятҳои осори илмии ӯ, махсусан шинохт ва таҳқиқи осори Аҳмади Дониш аз тарафи ӯ, саҳми вай дар таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик барои пешрафти адабиётшиносии тоҷик низ судманд хоҳад буд. Адиб муассиси «Анҷумани Иқбол» (ш.Душанбе, соли 1995) буда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои зиёде ноил гардидааст. Аз ҷумла, соли 1997 ба муносибати 120-солагии зодрӯзи Иқбол конфронси бузурге бо ташаббуси бевоситаи Р.Ҳодизода баргузор гардид ва таҳти назари ӯ дар Покистон “Куллиёти форсии Иқбол” ба табъ расид. Хизматҳои Р.Ҳодизодаро ба инобат гирифта, соли 1990 ӯро бо унвони «Арбоби шоистаи Тоҷикистон» қадрдонӣ карданд. Инчунин номбурда бо чанд нишону ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.

Муқарриз: ***Муҳаммадиев Ш.*** – н.и.ф., ИЗА ба номи А.Рӯдакӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII /А. Абдуллоев, С. Саъдиев//Дар зери таҳрири Расул Ҳодизода – Душанбе: Дониш, 1986. – 262 с.
2. Абибов, А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон (*Асри XIX ва аввали асри XX*) /А. Абибов//Муҳаррири масъул Аълохон Афзаҳзод. Душанбе: Дониш, 1971. – 195 с.
3. Абибов, А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX) /А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.

4. Анзурати Маликзод. Ёдворае аз устоди зиндаёд Расул Ҳодизода (Саҳ, 188-193). Дар китоби: Ёдномаи Расул Ҳодизода (ба ифтихори 90-солагӣ)./ Таҳти назари Қаландариён Ҳоким Сафар, мураттиб ва муҳаррир Анзурати Маликзод. –Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. – 332 с.
5. Ганҷи парешон/ Муаллифи сарсухан ва омодакунанда Амирбек Абибов. Душанбе: Ирфон, 1984. – 304 с.
6. Зиндагиномаи Расул Ҳодизода (С.188-189). Дар тазкираи: Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Сипеҳри орзу (Намунаи адабиёти тоҷики Самарқанд дар асри 20 ва ибтидои асри 21)/Неъмат Ҳаёт//Муҳаррир: Анзурати Маликзод – Душанбе, 2019-395 с.
7. Каримов, У. Мирзо Содиқи Муншӣ (Аҳвол ва осори шоир); Зери таҳрири Р.Ҳодизода / У.Каримов. - Душанбе: Дониш, 1972.- 160 с.
8. Маликова А. С. Ҳаёт ва эҷодиёти Абӯмансури Дақиқӣ (рисолаи номзадӣ) / А. С.Маликова // Роҳбари илмӣ Р.Ҳодизода – Душанбе, 2002. – 171 с. (бо ҳуқуқи дастнавис).
9. Муллоаҳмадов Мирзо. Эҷодиёти Фаррухӣ / М. Муллоаҳмадов. Рисола барои гирифтани унвони илмии номзади фанҳои филологӣ. Роҳбари илмӣ:доктори илмҳои филологӣ Расул Ҳодизода. – Душанбе, 1975. – 203 с. /Академияи илмҳои Тоҷикистон. Институти шарқшиносӣ.
10. Мусоҳибаи Дилшоди Фарҳодзод бо Садрӣ Саъдиев: “Дар илм на бисёр навиштан, балки амиқ рафтан маромаи асосӣ бояд бошад” (Саҳ, 143-164). Дар китоби: Озодамарди хирадгустар (Ба ифтихори 85-солагии профессор Садрӣ Саъдизодаи Самарқандӣ) // Мураттибон Анзурати Маликзод, Дилшодаи Фарҳодзод ва Меҳрангези Саъдӣ; Зери назари А.Сатторазода; муҳаррир М.Шамсиддин. –Душанбе: ГРАФИКА ПРИНТ, 2021. – 195 с.
11. Саъдиев Садрӣ. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII (рисолаи номзадӣ)//Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ Р.Ҳодизода – Душанбе, 1971. – 342 с.
12. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII / Садрӣ Саъдиев//Дар зери таҳрири Расул Ҳодизода – Душанбе: Дониш, 1985. – 268 с.
13. Саъдиев С. Равияҳои асосии тараққиёти адабиёти тоҷик дар асри XVII / С. Саъдиев // Зери роҳбарии Р.Ҳодизода.– Душанбе, 1990. (бо ҳуқуқи дастнавис).
14. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI–XIX ва ибтидои асри XX): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев.–Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
15. Ҳодизода, Расул. Худоё, худро бишиносам. Ёддоштҳо / Р.Ҳодизода. –Душанбе: Деваштич, 2006. – 372 с.
16. Шарифзода, Х. Абдулғанӣ Мирзоев ва китоби “Биноӣ”-и ӯ (С.198-211). Дар китоби: Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев / Х.Шарифзода. //Таҳиягарон Амрияздон Алимардонов, Рӯзии Аҳмад. –Душанбе: Дониш, 2008. – 421 с.

САҲМИ РАСУЛ ҲОДИЗОДА ДАР РУШДИ ИЛМИ АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

Дар мақола аввалин маротиба дар бораи саҳми Р.Ҳодизода барои рушди илми адабиётшиносии тоҷик, тарбияи олимони соҳаи адабиётшиносӣ, омӯзиш ва ба чоп омода намудани осори классикони форс-тоҷик сухан меравад. Шогирдон ва пайравони академик Абдулғанӣ Мирзоев, аз ҷумла Р.Ҳодизода таълиф ва таҳрири силсилаи “Очеркҳои таърихи адабиёт” (дар 11 китоб), “Таърихи адабиёти форс–тоҷик” (мусаввада дар 6 ҷилд)-ро, ки орзуи ҳамешагии ӯ буд ба анҷом расониданд. Бо вуҷуди ҳама мушкилоту сахтиҳои ҷойдошта Р. Ҳодизода ва шогирдонаш дар ин кор камари ҳиммат сахт баста буданд. Натиҷаи заҳамоти чандинсола буд, ки 11 китоб дар таърихи даврaҳои адабиёти тоҷик аз садаи XIV то ибтидои садаи XX таълиф гардид. Бо роҳбарии ӯ 17 нафар олимони ҷавони тоҷик рисолаҳои номзадӣ ва 8 нафар рисолаҳои докторӣ дифоъ намудаанд.Фаъолияти илмии Р.Ҳодизода ҷанбаи байналмилалӣ дорад. Ӯ иштирокчии конфронсу симпозимҳои байналмилалӣ дар Россия, ИМА, Эрон, Покистон, Ӯзбекистон, Арманистон ва Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, омӯзиши аҳволу осори бисёрпаҳлуи Р.Ҳодизода, нишон додани хусусиятҳои осори илмию бадеии ӯ, махсусан шинохт ва таҳқиқи осори Аҳмади Дониш аз тарафи ӯ, саҳми вай дар таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик барои пешрафти адабиётшиносии тоҷик низ судманд хоҳад буд. Муаллиф иброз менамояд, ки мавзуъҳои таҳлилнамудаи Р.Ҳодизода имрӯз низ арзиши баланди илмиро доро буда, ҳамчун раҳнамои муҳим барои пажуҳандагони самти суханварии тоҷик хизмат карда истодааст. Хизматҳои устодро ба инобат гирифта, соли 1990 ӯро бо унвони «Арбоби шоистаи Тоҷикистон» қадрдонӣ карданд. Инчунин номбурда бо чанд нишону ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.

Калидвожаҳо: пуразриш, шинохт, таносуб, шакл, мундариҷа, назар, масъала, шеър, муносибат, қасида, лафз, маънӣ, осор.

ВКЛАД РАСУЛА ХОДИЗОДА В РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЯ

В статье впервые говорится о вкладе Р.Ходизода в развитие таджикского литературоведения и подготовку ученых в области литературоведения. Ученики и последователи академика Абдулгани Мирзоева, в том числе Р.Хадизода, являются авторами и редакторами серии «Очерки истории литературы» (в 11 книгах), «История персидско-таджикской литературы» (в 6-ти томах), которые были мечтой всей его жизни. Несмотря на все проблемы и лишения, Р. Ходизода и его ученики были полны решимости в этой работе. В результате многолетних усилий написано 11 книг по истории таджикской литературы - с XIV века до начала XX века. Под его руководством 17 молодых таджикских ученых защитили кандидатские и 8 из них докторские диссертации. Р. Ходизода принимал участие в международных конференциях и симпозиумах в России, США, Иране, Пакистане, Узбекистане, Армении и Таджикистане. Изучение многогранного творчества Р.Ходизода включает особенности его научных и художественных произведений, его произведения и исследования творчества Ахмада Дониша, его вклад в изучение истории таджикской литературы также будет полезным для

развития таджикской литературы. Его научная деятельность и сегодня имеет высокую научную ценность и служит важным ориентиром для исследователей таджикской риторики. За заслуги Расулау Хадзода в 1990 году было присвоено звание «Почетный деятель Таджикистана». Он также был награжден несколькими наградами.

Ключевые слова: ценный, знакомство, соотношение, форма, содержание, точка зрения, вопрос, стихотворение, отношение, сочинение, слова, пропорция, артефакт.

RASUL HADIZODA'S CONTRIBUTION TO THE DEVELOPMENT OF TAJIK LITERARY STUDIES

In the article says about the role of R.Hodizoda in developing the science of Tajik literature, bringing up the scientists in a sphere of literature, learning and typing vre work of Persian and Tajik classics for the first time. Students and followers of Academician Abdulghani Mirzoev, including R. Hadizoda, authored and edited the series "Essays on the history of literature" (in 11 books), "History of Persian-Tajik literature" (edited in 6 volumes), which was his lifelong dream. completed. Despite all the problems and hardships, R. Hadizoda and his students were determined in this work. As a result of many years of efforts, 11 books on the history of Tajik literature from the XIV th century to the beginning of the XX th century were written. Under his leadership 17 young Tajik scientists defend candidate decoration and 8 person defend doctor decertation. He took part in a conferences and symposiums in Russia, USA, Iron, Pakistan, Uzbekistan, Armenia and Tajikistan. That's why learning the work of Hodizoda shows his scientific peculiarities, especially to know learn the work of A.Donish by him, his role in learning the history of Tajik literature for science progress will be very important. His analyzed themes is highly appreciated and used as an important glide for researchers of Tajik speakers. Taking into account Rasul Hadizoda's services, in 1990 he was honored with the title of "Honorable figure of Tajikistan". He was also awarded with several awards.

Keywords: valuable**,** recognition, ratio, form, content, view, issue, poem, relation, essay, word, meaning, artifact.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исанов Субҳиддин Аҳрорович*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, унвончӯй, шуъбаи таърихи адабиёт. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 21. Тел: **(+992) 93-600-14-90**

Сведения об авторе: ***Исанов Субхиддин Ахрорович*** – Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ, соискатель, отдел истории литературы. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 21. Тел: **(+992) 93-600-14-90**

Information about the author: ***Isanov Subhiddin Ahrorovich*** – Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, applicant Department of history and Literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 21. Phone: **(+992) 93-600-14-90**

ТДУ: 891.550

ТАСВИРИ ШАХСИЯТИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР РИВОЁТ ВА АСОТИР

Беронов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Мусаллам аст, ки шахсиятҳои таърихӣ ва нобиғагони адабиёти классикии форсу тоҷик бо бузургию нотакрории худ дар олами инсоният ном баровардаанд ва барои башарияти рӯйи олам намунаи ибрат мебошанд. Дар бораи чунин шахсиятҳои камшумори таърих ва тамаддуни башарӣ дар баробари маълумотҳои илмию таҳқиқотии дақиқ, нақлу ривоят ва андешаҳои фолклории зиёде мавҷуданд. Аз ин қабил намояндагон Абуалӣ ибн Сино, Луқмони Ҳаким, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва дигарон ба шумор мераванд.

Ҳаким Носири Хусрав аз он саромадони сухан аст, ки дар бораи ӯ дар баробари таҳқиқоти илмӣ ва андешаҳои воқеӣ назарияҳои фолклорӣ низ вуҷуд доранд. Ин андешаҳои фолклорӣ ва асотирӣ ҳанӯз дар сарчашмаҳо ва тазкираҳои пешин ибтидо гузошта, дар даврaҳои минбаъда идома ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, дар бораи зиндагиномаи шоир асарҳое чун, «Сафарнома»-и худи шоир, девони ашъор ва дигар осори насрӣ маълумотҳои кофие дастрас шудааст. Дар баробари ин, оид ба Ҳаким Носири Хусрав асарҳои ривоятӣ низ мавҷуданд, ки бештари онҳо аз забони шифоҳии мардум ва тазкираҳо гирифта шудаанд. Ин қабил асарҳо чун: «Сафарномаи ҷаълӣ», «Баҳр-ул-ахбор» «Силки Гуҳаррез» мебошанд, ки холӣ аз ҳақиқат буда, бештар ҷанбаи фолклориро фаро мегиранд.

Ҳамаи қиссаву ривоятҳое, ки имрӯз дар шакли хаттӣ вуҷуд доранд, асосан дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷамъоварӣ шуда мураттаб гардидаанд. Вале сарчашмаҳо ва тазкираҳое, ки дар бораи ин ҷанбаи ҳаёти шоир нақл мекунанд, ҳанӯз баъд аз як қарни аз ҳаёт даргузаштани Носири Хусрав навишта шудаанд, ки сарчашмаи онҳо бештар аз нақлу ривоятҳои мардумӣ маншаъ мегирад.

Пеш аз ҳама бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин ривоятҳо, ки аз ҷониби фолклоршиносон ва мардумшиносон ҷамъоварӣ шуда, дар шакли мақмуаҳо ва китобҳои алоҳида мураттаб шудаанд, аз тарафи олимони шуравӣ чун, Семёнов А.А. Бартольд, П.М. Майский, А. Абибов, Т.Пӯлодӣ, Р.Амонов, Н. Шакармамадов, Р.Аҳмад ва дигарон ҷамъоварӣ шуда, ҳамчун маъхази фолклорӣ мураттаб гардидааст. Аз ҷумла П.М. Майский дар мақолаи хеш: «Следы древних верований в памирском исмаилизме» ривоятҳои зиёде марбут ба Носири Хусравро овардааст: «Исмоилиёни Помир нисбати Носири Хусрав муҳаббати беандоза дошта, дар бораи ӯ саргузаштҳои гуногуни асроромезеро эҷод кардаанд: «Дар саргузаштномаи ӯ, ки эшон Юсуфалишо пешниҳод кардааст омадааст, ки Носири Хусрав илми тасхирот ва тилисмотро пурра омӯхтааст. Сокинони Рӯшон бо муҳаббат қайд намуданд, ки Носири Хусрав дар Рӯшон чунин гуфтааст:

Равшандилони Рӯшон ойинаи сафоанд,
Занг аз дили ғарибон сайқал зада рубоянд [11, с.52].

Дар баробари ин, ишора мекунанд, ки тамоми қишлоқҳои ҳудуди Рӯшонро Носири Хусрав гузаштааст» [11, с.52].

Майский П. инчунин дар мақолааш меоварад, ки: «Тибқи нақли мардуми таҳҷоӣ Носири Хусрав ҳамеша бо асое, ки дар нӯгаш оҳани белчамонанд дошт, муъҷизаҳои зиёдеро нишон медодааст. Чунончи, дар қишлоқи Тавдеми ноҳияи Роштқалъа ҷӯйборе бо номи «Ҷӯйбори бардара» машҳур аст, ки онро гӯё Носири Хусрав маъҷиз кардааст» [9, с.53].

Ҳамчунин ривоятҳои зиёде аз ҷониби донишмандони тоҷик ба монанди Д.Обидов «Ҳаким Носири Хусрав дар ривоёти мардум», Шакармамадов Н. дар асараш бо номи «Лаъли кӯҳсор», мақолаҳои Абибов А. «Чашмаи Носир», Шакармамадов Н. «Чу лаъл дар кӯҳсор аст», «Носири Хусрав ва фарҳанги мардумӣ», Қ. Элчибеков «Маншаи ривоёт дар бораи Носири Хусрав» ва боз чандин тадқиқоти дигар марбут ба нақлу ривоятҳо мавҷуданд, ки бештари онҳо аз забони мардуми таҳҷоии Помир гирифта шудаанд.

Н.Шакармамадов фолклоршиноси тоҷик дар асари мураттабкардааш қариб 36 ҳикояҳои ривоятиеро дохил карда, аз рӯи баромадашон онҳоро ба се қисмат ҷудо намудааст. Қисмати аввали он бо унвони «Нақл, ривоят ва асотир» гирдоварӣ шудаанд, ки

дар ин қисмат тамоми нақлу ривоятҳоеро, ки аз забони мардум нақл шудаанд, ки гирдоварӣ намуда, муаллиф дар муқаддимаи асар менависад, ки: «Ривояту афсонаҳое фароҳам оварда шудаанд, як қисми онҳоро мураттибон дар солҳои гуногун аз байни аҳолии навоҳии Кӯҳистони Бадахшон ҷамъоварӣ кардаанд» [6, с.18].

Қисматҳои дувум ва савуми асари мазкур аз ҳикояҳои китоби «Афсонаҳои таърихии Носири Хусрав», ки аз ҷониби донишманди Афғон Саидмуҳаммади Иброҳими Бомиёнӣ мураттаб шудааст ва барои мардуми тоҷик дастрас нест, гирдоварӣ шудаанд. Аз рӯйи иттилои муаллиф ин афсонаҳо бештар дар маҳаллаҳои Мунҷон ва Юмгон маълум ва машҳур ҳастанд.

Аз рӯйи иттилои муаллифи асари мазкур ҳамаи ин ривоятҳо ва ҳикояҳои дар китоб овардашуда на танҳо аз забони мардум нақл шудаанд, балки ба осори пешин мисли тазкираҳо ва асарҳои дар Бадахшон маҳфузмондаи мансуб ба Носири Хусрав ба мисли «Гуҳаррез», «Баҳр-ул-ахбор», «Саргузаштномаи Носири Хусрав» ва Ҳафт боб» мутааллиқ ҳастанд. Яке аз ривоятҳои ин қисмати китоб, ки айнан дар «Сафарномаи шахсӣ» ва «Сафарномаи шарқӣ» омадааст, давраи таҳсилоти шоир буда: «Ривоят мекунанд, ки Пир Шоҳносири Хусрав дар синни сию ду солагӣ забони ҳар се китоби осмонӣ, яъне «Таврот»-и Мусо, «Инҷил»-и Айсо ва «Забур»-и Довудро ёд гирифта, ҳар яки онҳоро бо донишмандони он мазҳабҳо мутолиа намудааст. Баъди мутолиаи ин китобҳо ва хатми «Қуръон»-и Муҳаммад пайғамбар (с) Шоносир ба хулосае омадааст, ки ҳар он ҳикмате, ки дар он китобҳои муқаддас баррасӣ шудааст, дар китоби Пири мавлоно Шоҳнизор, ки ба чанд забонҳо, бахусус форсӣ, ҳиндӣ ва туркӣ тарҷума шудааст, ҷой дорад» [7, с.23].

Аз ин хотир, Пир Шоҳносир барои дастрас гардонидани ҳамаи он ҳикмату андарзҳоро, ки он китобҳоро фаро гирифтаанд, барои мардуми Кӯҳистони Бадахшон бо забонҳои фаҳмо ба риштаи назм дароварда, ба он номи «ашъор» мегузорад. «Ашъор» ба зудӣ дар байни аҳли фаҳму дониши ин сарзамин нуфуз пайдо мекунад ва маҳз аз ин ҷо нусхаҳои он ба кишварҳои дигар паҳн мешаванд» [5, с.42].

Қисмати савуми асари мазкур ба ривоётҳо аз китоби «Билол –ул- ахбор»-и Қазвинӣ оварда шудаанд. Ин ривоятҳо: «Ҳаким Носири Хусрав дар ғор, Дар дӯкони пинадӯз, Барои Ҳаким Носири Хусрав бӯе аз ғизо басанда буд, Васиятномаи Ҳаким Носири Хусрав ба Саид- бародараш» ва «Санг дар ғор» шомил мебошанд. Тибқи ишораи муаллиф, ин панҷ ривояте, ки оварда шудаанд, аслан бо ҳамин мазмун дар нусхаи «Сафарнома»-е ки дар китоби «Баҳр-ул-ахбор»-и Саидҷалоли Бадахшӣ нақл шудаанд, дохил аст [3, с.64].

Қобили зикр аст, ки ҳамаи ривоятҳо, ки то кунун маълум ва машҳур ҳастанд, ба давраи савуми ҳаёти шоир, яъне пас аз сафар ба зодгоҳаш баргаштан, давраи оворагардӣ ва маскуншавии ӯ дар Юмгон бахшида шудаанд. Фолклоршиноси машҳури тоҷик, профессор Н. Шакармамадов дар рисолааш қайд мекунад, ки: «Ҳамаи ин рӯзгори пурҳаводису пурмуаммо боиси ба вуҷуд омадани нақлу ривоёту афсонаҳои мухталифмаъно доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав гаштаанд. Теъдоди ин ривоятҳо баъде ки Ҳаким Носири Хусрав дар Юмгон ном деҳкадаи кӯчаку аз назарҳо дури Бадахшон муқимӣ ҷойгузин мешавад ва он дар як муддати кӯтоҳ ба як маркази тавлидоти илмӣ ва маърифатӣ табдил меёбад, фузунтар мегардад» [5, с.6].

Тибқи маълумоти ин донишманд як қисмати ин ривоятҳо, ки хусусияти афсонавӣ ва асотирӣ доранд, бори нахуст дар асари тазкиравии Муҳаммади Қазвинӣ «Осор -ул- булдон ва ахбор-ал-билод» оварда шудаанд ва дар асарҳои баъдӣ аз ин тазкира такроран нақлу қавл шудаанд.

Аз маълумоти муҳаққиқон равшан мегардад, ки ҳамаи ин ривоятҳо бештар бофта буда, ҳатто дар замони зинда будани худи шоир офарида шудаанд. Бесабаб нест, ки худи шоир дар ашъораш оид ба ин афсонаҳо ишора мекунад:

Афсонаҳо ба ман бар чун бандӣ,
Гӯӣ, ки ман ба Чину Мочинам?
Бар ман гузар яке, ки ба Юмгон-дар
Машҳуртар аз Озари Барзинам.
Шаҳду табар задам зи раҳи маънӣ
Гарчи ба ном теғу табарзинам [1, с.547].

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки ин ривоятҳои бофтаи нависандагони пешин, ки дар сарчашмаҳо дида мешаванд, бештар ҷанбаи хурофотӣ ва интиқодӣ дошта, бештари нависандагон ин ривоятҳоро аз сабаби бехабар будан аз ҳаёт ва осори Носири Хусрав ва нигоҳи манфӣ доштан ба эътиқоди шоир менавиштанд ва ба забони мардум такя мекарданд. Қисмати дигари ин ривоятҳо муҳаббат ва ихлосу эътиқоди мардуми авомро нисбати Носири Хусрав нишон медиҳанд. Бино ба андешаи муҳаққиқ ва фолклоршинос Шакармамадов Н.: «Бархе аз ин ривоятҳо ва афсонаҳо агар ихлосу эътиқоди зиёди мардумиро нисбати ин алломаи бузург ифода карда бошанд, иддаи дигари онҳо бунёди воқеӣ надошта, хусусияти вижагии асотирӣ ва афсонаҳои серомезро бештар касб кардаанд» [7, с.342].

Оид ба эътиқод ва таваҷҷуҳи зиёд доштани мардуми кӯҳистонро нисбати Носири Хусрав ҳанӯз дар асри XV муаллифи «Тазкират-уш- шуаро» -и Давлатшоҳи Самарқандӣ ишора кардааст: «Мардуми кӯҳистонро ба Ҳаким Носири Хусрав эътиқоди балеғ аст. Баъзе ӯро «Султон» менависанд, баъзе «шоҳ», баъзе «амир», баъзе гӯянд «Сайид» буда ва он чи мегӯянд чанд гоҳе дар тоқи кӯҳ нишаста ва ба бӯйи таом зинда монда, сухани авом аст ва эътибор надорад» [4, с.34].

Аз маълумоти Шакармамадов Н. аён мегардад, ки ин ривояту афсонаҳо бо тобишҳои маъноии худ дар таълифоти дигар муҳаққиқон ва сарчашмашиносон ҷой дошта, бештари онҳо дар «Осор –ул- булдон»-и Муҳаммади Қазвинӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Хулоса-ул-ашъор»-и Тақии Кошӣ ва «Ҳафт иқлим»-и Аҳмади Розӣ (1616) бо тасниф ва таълифоти гуногун ҷамъоварӣ шудаанд. Чунонки дар «Ҳафт иқлим»-и Аҳмади Розӣ мушоҳида менамоем: «…Чанд вақт ба мулозимат ва хиҷолат рӯзгор гузаронидам, бародарам Саъид гуфт: «чӣ шавад, ки аз улуми тасхирот ва тилисмот илтиҷо ба руҳониён барӣ ва аз ин улум, ки ҳосил дорӣ, баҳра гирӣ, баъд аз он дар ин фикр будам, то бирафтам ба назди ҳоким ва гуфтам: ё амир умри ман ба охир расида ва мансаб нахоҳам, ки заъфи пирӣ маро дарёфта, агар маро аз ин банд халосӣ диҳӣ ва бародарамро ивази ман дар банд кунӣ, ҳар ойина муъҷиби дуогӯӣ гардад, ҳокимро тараҳҳум омада, банд аз ман баргирифт…» [11, с.36].

Аз таҳқиқотҳо ва ишораи фолклоршиносон равшан мегардад, ки дар ин китобу маъхазҳои хаттӣ ривоятҳо ва афсонаҳое дарҷ ёфтанд, ки қисмати муҳимми онҳо бофтаи аҳли авом буда, баъзе аз онҳо заминаи воқеӣ низ доранд. Чунонки дар ҳикояи фавқ мушоҳида менамоем, воқеаи дар Нишопур ба сари шоир (лаҳзаи кафшдӯзии ӯ - Б.Ҷ.) омада, ки дар ин ҷо пурра онро наовардем, замони таъқиботи Носири Хусрав ба ёд меояд ва шояд заминаи ин ҳикоят лаҳзаҳое аз таъқиботи шоир дар ин сарзаминҳо бошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қисмате аз ин ривоятҳо заминаи таърихӣ низ дошта, аз саргузаштҳои воқеӣ ба вуҷуд омадаанд. Аммо онҳо бо гузашти айём аз забон ба забон гузашта, «тибқи ақида ва муносибатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоии одамон дар нисбати шоир ва ҳакими бузург, мубаллиғи тавонои яке аз тамоюлоти мазҳабӣ дар ислом мазмун ва маънии нав пайдо намудаанд» [11, с.9].

Қисмати дигари ин ривоятҳо дар осори хаттии дар Бадахшон маҳфузмонда ба монанди «Гуҳаррез», «Ҳафтбоб», «Баҳр-ул-ахбор» ва «Сафарномаи шахсӣ» мавриди назар қарор ёфта буданд. Зеро дар ин дастхатҳо низ аз саргузашти афсонамонанди Ҳаким Носири Хусрав сухан меравад. Аз ҷумла дар «баёни омадани Носири Хусрав дар Бадахшон ва сокин шудани ӯ дар ғор» дар «Баҳр-ул-ахбор» омадааст:

Гӯё ба замин ситора омад,
Юсуф ба Канъон дубора омад…
Гар васфи варо кунад «Гуҳаррез»
Ин нуқта (хато) набошад ҳаргиз» [8, с.45].

Яке аз сабабҳои пайдо шудан ва аз забон ба забон боқӣ мондани ин афсонаҳо ва ривоятҳоро фолклоршиносон аз назари интиқодӣ донистаанд. Донишманди тоҷик Шакармамадов Н. дар ин бора менависад, ки: «Мардуми кӯҳистони Бадахшон чун аксари муътақидони мазҳаби исмоилия нисбати Носири Хусрав ихлос ва эътиқоди хосса доранд» [11, с.13]. Маълум аст, ки бештари ҳикояҳои марбут ба зиндагиномаи шоир хусусияти маҷозӣ дошта, ӯро дар баробари Пайғамбар ва Худо тасаввур менамоянд ва ба ӯ қувваи фавқулодаро сазовор медонанд, ки ин эътиқоди мардум нисбати дину ойин нишон дода,

чун Носири Хусрав яке аз мубаллиғони мазҳабӣ буд ва бо лақаби «Ҳуҷҷат», яъне намояндаи хосси Имоми исмоилиён ба шумор мерафт, ба ӯ чунин сифатҳоро нисбат медоданд. Чунонки дар ривояти «Носири Хусрав аждаҳоро ба санг мубаддал мегардонад ва гӯё кӯҳе ба ӯ саҷда мекунад» [7, с.151] аз қабили ин ҳикояҳо шуморидан ба маврид аст. Дар чунин ривоятҳо ӯ чун авлиё намудор гардидааст ва ҳатто байтҳову рубоиҳои алоҳидае дар васфи ӯ навишта шудаанд:

Эй ҷӯраи ҷон, сар та боло кунӣ чӣ?
Қуфли дили ма гиреҳ шудаӣ, во кунӣ чӣ?
Ма додари хуби нозанин металабум,
Шоносири авлиёра пайдо кунӣ чӣ [9, с.151].

Ё ки:

Шоҳ Носири Хусравӣ шаҳи банданавоз,
Искандараму саги туям аз Дарвоз,
Ҳар кас ки ба даргаҳи ту ояд ба ниёз,
Навмед зи даргаҳи ту кай гардад боз?! [9, с.151].

Ин эътиқоди баланди мардуми Бадахшон нисбати Носири Хусрав инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки бузургтарин суннати мазҳабии ин сарзамин бо номи «Даъвати Носири Хусрав» номгузорӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳамаи ривоятҳое, ки дар байни мардум паҳн гардидаанд, бо ду самт дар байни мардум арзи вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама ривоятҳое, ки аз забон ба забон гузаштаанд, бофта ва тахайюли бадеии мардум маҳсуб меёбанд, ки меҳру муҳаббати беандоза доштан ба дину ойини аҷдодӣ ва худи Носири Хусравро инъикос менамоянд. Ривоятҳои дигар ба воситаи китобҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ дар байни мардум паҳн гардида, дар натиҷа ба ин ривоятҳо низ иловаҳо дохил гардидааст. Мисли ривояти «Барои Ҳаким Носир бӯе аз ғизо басанда буд». Дар ин ривоят омадааст, ки: «Носири Хусрав доман аз суҳбати халқ фаро чид. Дар ғори авлангези Юмгон бист сол ба танҳоӣ ба сар бурд. Худойро ба ягонагӣ ибодат кард, риёзати бисёр кашид, то кор ба ҷое расид, ки дар ҳафта як рӯз ифтор мекард ва охир дар бисту панҷ рӯз эҳтиёҷ ба ғизо мешуд. Бӯе аз таом барои ӯ басанда буд, дар ҳоле ки рӯзгорро дар неъмату ишрат гузаронида буд, нӯши олам чашида ва билаохира пойи қаноат дар гилеми фақр кашид» [11, с.63]. Ин ривоят дар маъхазҳои илмии таърихӣ мисли тазкираҳо айнан омадааст. Чунонки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Амин Аҳмади Розӣ эҳсос мегардад: «… ва он ки мегӯянд чанд гоҳ дар тоқи кӯҳ нишаста ва ба бӯйи таом зинда монд» [4, с.73]. Ва ҳамчунин тазкираҳои адабие, ки аз Носири Хусрав ёдоварӣ мешаванд, агар ба тадриҷ варақгардон намоем, бархе аз ин ривоятҳо аз ин сарчашмаҳо маншаъ гирифта, бо иловаҳои мардум ба ривоятҳои алоҳида табдил ёфтаанд.

Муқарриз: ***Абдулназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи М.Назаршоев

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулғани Барзинмеҳр. Носири Хусрав дар лобалои тазкираҳо. – Кобул: Ҷавоҳир, 1383. - 211 с.
2. Абибов, А. Чашмаи Носир (Ривоятҳои халқӣ дар бораи Носири Хусрав) / А.Абибов // Илм ва ҳаёт. - 1990. - № 11. - С.23-36.
3. Афсонаҳои таърихии Носири Хусрав дар Бадахшон, тасниф ва таълифи Саид Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ. - Пешовар: Мизон, 1377 шамсӣ. - 112 с.
4. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. - Теҳрон: интишороти Ховар, 1338. - 232 с.
5. Носири Хусрав. Сафарнома, бо ҳавошӣ ва таълиқот Муҳаммад Дабири Саёқӣ. - Теҳрон: интишороти Ховар, 1354. - 464 с.
6. Носири Хусрав. Сафарнома. Мураттиб ва муқаддима аз Суннатулло Ҷонбобоев. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 284 с.
7. Носири Хусрав. Девони ашъор. Ҷ.1 ва 2. - Душанбе, 2009. - 639 с.
8. Саибҷалоли Бадахшӣ. Баҳр-ул-ахбор. Таҳияи Р. Раҳмонқулов. - Хоруғ: Помир, 1992. - 70 с.
9. Фозилов, Д.Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Д.Ф. Фозилов. – Душанбе: Адиб, 2013. – 168 с.
10. Хансбергер, Э.К. Носири Хусрав. Лаъли Бадахшон / Э.К. Хансбергер. - М.: Ладомир, 2005. - 290 с.
11. Шакармамадов, Н. Лаъли Бадахшон / Н.Шакармамадов. – Хоруғ: Маърифат, 2003. - 66 с.
12. Шохуморов, А. Рӯзгори Носири Хусрав дар Бадахшон / А.Шохуморов // Вопросы памирский филологии (Масъалаҳои филологии Помир). - Душанбе: Дониш, 1985. - 128 с.
13. Шоҳ Абдуллоҳи Бадахшӣ. Армуғони Бадахшон. – Кобул: Ховар, 1387 шамсӣ. - 231 с.

ТАСВИРИ ШАХСИЯТИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР РИВОЁТ ВА АСОТИР

Дар мақолаи мазкур дар бораи нақлу ривоятҳои мардумӣ марбут ба Носири Хусрав сухан рафта, муаллиф бо истифода аз маводҳои гуногуни ривоятӣ ва фолклорӣ дар бораи шоир ва мутафаккири асри XI Носири Хусрав заминаҳои асосии нақлу ривоятҳоро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Маълум аст, ки нисбати шахсиятҳои зиёде чунин нақлу ривоятҳо ва афсонаҳои хусусияти гуногундошта мавҷуд ҳастанд. Ҳар яки ин нақлу ривоятҳо бештар ба самтҳои гуногуни фаъолияти шоир равона карда шудаанд. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки чунин ривоятҳо ва ҳикоятҳои ҷанбаи фолклоридошта, дар заминаи андешаҳои таърихнигорон ва тазкиранависон ба вуҷуд омада, дар байни мардум паҳн мешаванд. Зеро бе заминаи хаттӣ дар тафаккури мардум пайдо шудани чунин ривоятҳо низ ғайри имкон буда, ҳатман манбаи хаттӣ доранд. Аз ин рӯ, аз андешаҳои муаллифи мақола равшан аст, ки ҳамаи нақлу ривоятҳое, ки дар бораи Носири Хусрав ҳикоят мекунанд, аз осори хаттӣ мисли сарчашма гирифтаанд. Бо шиносоӣ пайдо намудан ба сарчашмаҳои таърихӣ мисли тазкираҳо аъён мегардад, ки ин ҳикояҳо дар асоси ин осори хаттӣ ба вуҷуд омадаанд. Аввалан, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ, мисли тазкираҳои «Байён-ул-адёнӣ»-и Ассаолабӣ, «Тазкират-у-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Ҳафт иқлим»-и Аҳмади Розӣ, ки бештар дар заминаи нақлу ривоятҳо навишта шудаанд, сарчашма мегиранд. Хусусияти дигари ин ҳикояҳои афсонамонанд дар мавриди Носири Хусрав таваҷҷуҳи махсуси мардумро нисбати чунин шахсиятҳои таърихӣ нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, Шоҳ Носири Хусрав, нақлу ривоят, фолклор, Бадахшон, тазкираҳо, сарчашмаҳо.

ИЗОБРАЖЕНИЕ ЛИЧНОСТИ НОСИРА ХУСРАВА В ПОВЕСТВОВАНИИ И МИФЕ

Статья посвящена народным преданиям и легендам о Насире Хусраве. Автор статьи, используя различные легенды и фольклорные материалы о поэте и мыслителе XI века Насире Хусраве, анализирует основные истоки этих легенд и преданий. Как и многие известные предания и легенды, относящиеся к Насиру Хусраву, посвящены разным сферам деятельности поэта. Автор отмечает, что подобные народные предания и легенды основаны на материалах историков и летописцев и имеют широкое распространение. Так как подобные повествования не могут появиться в сознании людей без письменной основы, то они должны иметь письменный источник. Таким образом, автор на базе конкретных фактов доказывает, что все рассказы и легенды о Насире Хусраве основаны на письменных произведениях. Во-первых, они появились на основе исторических и научных источников, таких как антологии «Байён ул адён»-а Ассаолаби, «Тазкират-у-шуаро» Давлатшаха Самарканди, «Ҳафт иқлим»-а Ахмада Рози, которые в свою очередь были написаны на основе повествований и легенд. Еще одна особенность этих сказочных преданий о Насире Хусраве состоит в том, что они отражают особый интерес народа к подобным историческим личностям.

Ключевые слова: Насири Хусрав, Шах Насир Хусрав, предание, легенда, фольклор, Бадахшан, антология, источники.

THE INVENTION OF THE IDENTITY OF NASIR KHUSRAW IN THE STORY AND MYTH

The article is devoted to folk legends and legends about Nasir Khusraw. The author of the article uses various legends and folklore materials about the poet and thinker of the 11th century Nasir Khusraw, analyzes the main sources of these legends and traditions. Like many famous legends and stories related to Nasir Khusraw, they are devoted to different spheres of the poet's activity. The author notes that such folk tales and legends are based on materials of historians and chroniclers and are widespread. Since such stories cannot appear in the minds of people without a written basis, then they must have a written source. Thus, the author proves on the basis of specific facts that all the stories and legends about Nasir Khusraw are based on written works. Firstly, they appeared on the basis of historical and scientific sources, such as the anthologies "Bayon ul aden" by Assaolabi, "Tazkirat-u-shuaro" by Davlatshah Samarkandi, "Haft iqlim" by Ahmad Rozi, which in turn were written based on narratives and legends. Another feature of these fabulous legends about Nasir Khusraw is that they reflect the special interest of the people in such historical figures.

Key words: Nasir Khusraw, Shah Nasir Khusraw, story, legend, folklore, Badakhshan, anthology, sources.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беронов Ҷумъа*** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, н.и.ф., декани факултети педагогӣ. **Суроға:** 736000, ш.Хоруғ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Ленин, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Сведения об авторе: ***Беронов Джумъа*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, к.ф. н., декан педагогического факультета. **Адрес:** 736000, г. Хорог, Республика Таджикистан, ул.Ленина, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Information about the author: ***Beronov Jum'a*** - Khorog State University. M. Nazarshoeva, candidate of philological sciences, Dean of the Faculty of Education. **Address:** 736000, Khorog, Republic of Tajikistan, Lenin Str., 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-97-27-74**

УДК: 891.550:894.375. 09

ПРОБЛЕМА ВОССОЗДАНИЯ ПОЭТИЧЕСКОЙ ОБРАЗНОСТИ ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА В ПЕРЕВОДАХ НА УЗБЕКСКИЙ ЯЗЫК

Расулова З.Х.
Денауский институт предпринимательства и педагогики Республики Узбекистан

Произведения великих таджикских и персоязычных поэтов и писателей всегда вызывали интерес во многих странах: в Европе прекрасно знают и любят Руми и Фирдоуси, французы познакомились с Центральной Азией через высокую поэзию Хафиза и Саади, японцы обожают и очень тонко понимают Омара Хайяма. Буквально весь мир узнал и полюбил «Смерть ростовщика» С. Айни, и все это - благодаря труду переводчиков. Поистине, для прекрасного нет непреодолимых преград, хотя всем известно, что барьеры, стоящие на пути обмена информацией, были всегда многочисленны и значительны. Все эти барьеры, именуемые проблемами перевода, на протяжении многих лет привлекают пристальное внимание исследователей - лингвистов и литературоведов [1, с.45].

Каждый переводчик художественного произведения по-своему решает основной вопрос языкового перевода: точность или красота (fidelity or beauty). Но что понимать под точностью? Следование букве или духу оригинала? При этом одни переводчики считают важным соответствие перевода духу родного языка и привычкам отечественного читателя, другие настаивают, что важнее приучить читателя воспринимать иное мышление, иную культуру и для этого идти даже на насилие над родным языком. Выполнение первого требования ведёт к вольному переводу, выполнение второго - к переводу дословному, буквальному. В истории культуры эти два типа переводов сменяют друг друга.

В данном разделе рассматриваются проблемы художественного перевода как особого вида рода искусства на примере перевода нескольких стихов известного таджикского поэта, лауреата государственной премии Абуабдулло Рудаки, Бозора Собира на узбекский язык. Наш выбор произведений этого удивительного по манере письма поэта продиктован тем, что его стихи отличаются глубокими мыслями, богатой палитрой образов, наталкивающих читателей к размышлениям, что их перевод позволяет проследить два различных подхода к воссозданию поэтической образности поэзии поэта [6, с.20].

Среди узбекских переводов современной таджикской поэзии наиболее значительными являются переводы, осуществленные Абдулло Ориповым, Эркином Вахидовым, Нормуродом Нарзуллоевым, Гулчехрой Ибрахимовой, Ульмасом Джамолом, Амонбоем Джумановым и другими. Они заложили определенные традиции перевода творений выдающихся таджикских поэтов, которые продолжают развивать более молодые таджикские поэты-переводчики.

Благодаря переводу произведения таджикских поэтов заняли особое место в сокровищнице узбекской литературы. Они сыграли важную роль в обогащении узбекской поэзии новыми формами, свежими образами, новыми ритмико-интонационными особенностями.

Размышляя над переводами произведений Бозора Собира на узбекский язык, можно утверждать, что главная причина обращения узбекских переводчиков к его творениям заключается в том, что его стихотворения, оригинальны, неповторимы наполненностью чувством свободы, овеяны великим гуманизмом, привлекательны своей задушевностью и искренностью. Особенно близки сердцам людей его стихотворения, в которых воспевается чисто человеческая, бескорыстная любовь, стихи, наполненные емкой поэтической мыслью, метафорическим богатством языка.

Бозор Собир не стремится к сотворению витиеватых и напыщенных слов и словосочетаний. Его образный мир вырастает из самой действительности, из, казалось бы, простых и обычных слов, которые нанизываются им таким образом, что возникает многокрасочная картина, в которой вереница слов и словосочетаний начинают дышать и наполняться глубокими мыслями и чувствами. Слова и словосочетания, вращаясь в жернове размышлений, чувств и фантазии поэта, набирают неповторимые краски, оттенки и широту значения, поэтому при переводе его творений на другие языки, переводчику необходимо стремиться к такому восприятию, чтобы донести красоту, мысли чувств поэта до своих читателей [8, с.100].

Можно с уверенностью сказать, что узбекских читателей, познавших поэзию Бозора Собира через переводы знатоков языка, всегда волновало и продолжает волновать его творчество. Прежде всего, внимание исследователей творчества этого поэта обращается к сохранению национальных, индивидуально-авторских особенностей оригинала: авторского стиля, глубины и своеобразия художественной мысли. В статьях, посвященных анализу поэтических переводов поэта на узбекский язык, часто отмечаются случаи ослабления национального своеобразия подлинников, искажения авторского стиля. Поэтому возникает необходимость научного исследования проблемы сохранения национального и индивидуально-авторского своеобразия поэзии Бозора Собира в переводах на узбекский язык, выявление слабых переводов, ненужных, часто искажающих ценность оригинала, которые допускают некоторые его переводчики [7, с.58].

Исходя из всего вышесказанного, мы задались целью проанализировать два замечательных произведения Бозора Собира, под названиями «Лачуга моей матери» - «Кулбаи модарам». В оригинале текст стихотворения выглядит следующим образом:

Оригинал:

Кулбаи модарам

«Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чака халтаи маҳтоб,
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот.
Шаб аз лаби боми кулбаи модар,
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи ҷурғот
Ҳамчун зарин об мечакад зардоб...
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам.
Як мушт ятими хуфтаро модар
Дар тахтаи дил гирифта мехобад,
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар,
Сар монда ба пахтаи дили модар,
Бо чак-чаки ака мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам.
Дар ҷогоҳимо, ки тут мерезад
Чун ҷола, ки моҳи ҳут мерезад,
Хамёза, ки мекашӣ ба нохост
Шаб дар даҳони ту тут меафтоад.
Вақте, ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте,сапеда ки гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар...
Дар хоби шабам ҳанӯз беохир
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷоли туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам,
Додар ба бағал гирифта додарро,
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро.
Вақте, ки аз миёна бархезам,
На мушти ятими хуфта мебинам,
На дасти бағалгирифта мебинам,
На навдаи тути пухта мебинам

На! На! На ба мушт донае туте,
Танҳо ману мушти сахти калтуте.
Ман аз тани кӯдакии ман ҳар бор
Чун мурғи пагоҳӣ мешавам бедор,
Чун мурғи пагоҳӣ сина мекӯбам,
Чун мурғи пагоҳӣ мезанам фарёд,
Чун мурғи пагоҳӣ мекунам ку-ку:
Ку хоҳаракони хонарӯбам, ку?!
(Сад соли дароз хона наруфта),
Ку додаракони хонабонам, ку?
(Сад соли дароз хона бесоҳиб),
Ку модараки сеғарабонам, ку?!
(Сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш бо рег ношуста).
На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо,
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб” [8, с. 70-73].

Следует отметить, что в данном стихотворении писатель раскрывает пронизывающую до глубины души боль разлуки с родными, ностальгию о безвозвратно ушедшем детстве, материнской любви и ласке в родном родительском доме, о родных братьях и сестрах, которых нет. Остается лишь спрашивать, как кукушка: *ку? ку?* – (буквально- где? где?). От этого стихотворения веет такой глубокой тоской, что каждое слово как эхо возвращает читателя к воспоминаниям детства, пропущенных через сердце поэта. Поэтому у нас большие претензии к, казалось бы, хорошему переводу данного стихотворения на узбекский язык, выполненному двуязычным переводчиком Сайфулло Куллаевым.

Прежде чем провести сопоставительный анализ узбекского перевода с оригиналом, считаем необходимым представить подстрочный перевод стихотворения, которое звучит следующим образом:

Подстрочный перевод:

Лачуга матери моей

На ветке тутовника моей матери висит,
Словно мешочек с густым кислым молоком, мешочек луны,
на суку тутовника матери висит,
Подобно мешку луны, мешок с простоквашей.
Ночью с крыши лачуги моей матери,
Подобно золотой струе воды, капает луна,
С мешочка луны и мешочка простокваши,
Подобно золоту воды, капает сыворотка...
Окунувшись в тело (воспоминания) детства,
Вижу себя под спелыми ягодами тутовника,
Вижу себя комочком спящей сироты
Под градом осыпающихся ягод тутовых.
Мама спит, прижав к груди
Спящий комочек сироты,
Спит, прижав к своей груди,
Спит, погрузив в вату сердца своего.
Положив голову на грудь матери,
Окунувшись с головой в её мягкое, как вата, сердце,
Я засыпаю под капель стекающей сыворотки,
Засыпаю мягким сном, как сливочное масло.
На постель нашу сыпется тут,
Как град в конец зимы,

И когда непроизвольно зеваешь,
Ночью в рот твой падают тута ягоды.
Когда лучи рассвета небесный котел,
Подобно моей матери, будто она моет песком,
Когда рассвет небесную корову,
Словно мать, доит ручём,
от звуков струящегося молока я просыпаюсь,
Просыпаюсь под звон молока, струящегося в бидон...
Я еще сплю, погруженный ночью в бесконечный сон,
Утопая в теле воображения своего детства,
Видя себя под созревшими ягодами тутовника,
Под градом тутовника и его дождя,
Комочком сироты вижу себя я,
Вижу, как спит брат, обняв брата,
Вижу, как сестра спит, обняв сестру.
Когда же, проснувшись среди них, встаю,
Не вижу ни комочка спящей сироты,
Ни рук, обнимающих друг друга братьев,
Ни ветвей созревшего тутовника
Нет! Нет! Ни ягодки тута в кулаке,
Вижу только себя и сучок срезанного тутовника.
Когда всякий раз просыпаюсь из своего детства,
Подобно утренней птице, вестнице зари,
Подобно утренней птице, бью себя в грудь,
Подобно утренней птице, издаю крик души,
Как птица кукушка взываю: где- где вы?
Где сестрицы мои, подметающие двор?!
(Сто лет, как двор не видел метлы),
Где братья мои, охраняющие дом?
(Сто лет, как дом стоит под замком),
Где мать моя, ласкающая сирот?!
(Сто лет уже не мыт котел,
Песком не мыты посуда её и котел).
Не слышно капель с мешоков, навевающих сон,
Ни звука молока, струящегося в бидон,
Лишь глиняный забор и светотени,
На ветке чинары мешочек луны,
Сыворотка (гной) вытекает из мешочка души [14, с.45].

Подытоживая свои наблюдения, невозможно не заметить превосходную фантазию поэта, его способность передать тончайшие чувства ностальгирующей души, свидетельствующие о мастерстве поэта, его поэтическом видении, умении простыми словами, красочными оборотами речи создавать зримые образы, рождающиеся из самой действительности. Чтобы передать все великолепие творения таджикского поэта на другом языке, от переводчика требуется умение перевоплотиться в автора оригинала, находить соответствующие эквиваленты в сокровищнице своего родного языка [11, с.30].

Мы располагаем переводом этого стихотворения на узбекский язык выполненным Сайфулло Кулаевым:

Онам кулбаси

«Тутнинг новдасида турар осилиб,
Қатиқ халтасидек моҳтоб халтаси.
Тутнинг кундасида турар осилиб,
Ойнинг халатасидек чакоб халтаси.
Онам кулбасиннинг қамиш томидан,
Зар томчилар каби томичлар моҳтоб.

Ой билан чакобининг зар халтасидан,
Зар сочиб бу замон томичлар зардоб.
Болалик ичига қайтадан шӯнғиб,
Тутлар ичра юзимғбетимни кӯрдим.
Тутлар тӯқилиб ётган ул жойда,
Ухлаб ётган муштдек етимни кӯрдим.
Онам ӯшалбир мушт, бир мушт етимни,
Дилнинг тахтасида олиб ухлайди.
Дилнинг пахтасига олиб ухлайди.
Дилнинг тахтасига бошимни қӯйиб,
Дилнинг пахтасига бошимни қӯйиб,
Чакоб чак-чаки –ла ухлаб қоламан,
Чакка маскаси-ла ухлаб қоламан.
Тӯшакнинг устига тӯқилади тут,
Жала тӯқилгандай келганида ҳут.
Эснаб оғиз осанг билмасдан ногоҳ,
Кеалар оғзинга тӯқилади тут.
Онам каби ҳартонг, ҳар субҳи содиқ,
Гардун қозонини рег билан ювар.
Онам каби ҳартонг, ҳар субҳи содиқ,
Оқ тонглар гардунининг сиғирин соғар.
Уйғониб кетаман сут оқиши– ла,
Онамнинг шир-ширлаб сут соғиши-ла.
Тунги уйқу тушда гоҳибеохир,
Болалик ичига қайтадан шӯнғиб,
Тут остида юзим -- бетимни кӯрдим.
Жала каби ёққан тутнинг остида,
Ухлаб қоған бир мушт етимни кӯрдим.
Ука укасининг олган қӯйинга,
Сингил силнгилисини олган қӯйинига.
Ӯрнимдан туриб мен, қарайман секин,
Ухлаган ул етим, етим укам йӯқ.
Кӯрмасман оғ ушлаб олган қӯлларни,
Пишган тутнинг новдаси ҳам йӯқ.
Йӯқ! Йӯқ! Ҳовуҷдаги тутларим уди,
Калтутнинг мушти бор, калутнинг мушти.
Қани? Дейман қушдек, Қани? Ку–кулаб:
Уйни супургуви сингилчам қани?!
(Уйлаб тӯзғиб ётар юз йилдан бунён),
Уйни боқиб турган ул укам қани?!
(Уйим безгадир юз йилдан буён),
Етим боққувчи ул, ул онам қани?!
Юз йил ӯтди чиркин қозондек билан,
Идиш ювилмаган қуму рег билан.
Чакка халтасининг ул томиш йӯқ,
Энамнинг шир-ширлаб сут соғиши йӯқ.
Бу гил девор билан сояравшанлар,
Бу дил девор билан сояравшанлар.
Чинорнинг шохида моҳтобхалтаси
Кӯксимда томчилар зардоб халтаси” [10, с.10-12].

Буквальное следование ритмометрической форме, особенностям рифмы, чрезмерная дословность в ущерб содержательному компоненту анализируемого нами стихотворения привели к двусмысленностям, логико-смысловым противоречиям, разрозненности и неестественности поэтического синтаксиса, нарушению узуса узбекской номинационной системы и в итоге - к ослаблению художественно-эстетического впечатления в целом.

Сравнение перевода стихотворения с подстрочником даёт нам право утверждать, что Сайфулло Кулаев только в некоторых случаях сохранил дух оригинала, образные выражения и деревенский колорит подлинника.

Конечно, в защиту переводчика можно сказать, что ему в целом удалось сохранить общий смысл данного стихотворения, но можно заметить, что, к сожалению, перевод Сайфулло Кулаева примерно на 30% похож на подстрочник.

По мнению многих исследователей, лучшие переводы могут содержать условные изменения в сравнении с оригиналом, и эти изменения совершенно необходимы, если целью является создание аналогичного оригиналу единства формы и содержания на материале другого языка, однако от объема этих изменений зависит точность перевода. Именно минимум таких изменений предполагает адекватный перевод. В переводе же Сайфулло Куллаева слишком много переводческих трансформаций, и поэтому его перевод выглядит, как некое переложение, как будто сочиненное самим переводчиком.

Если рассуждать логически, зачем писателю создавать свои произведения, если в будущем другие будут понимать это совершенно по-другому? Но литература – это не математика, которая с помощью формул передает предмет своего изучения.

Литература – это голос времени; может быть, более остальных видов искусства она способна передать историю человечества, благодаря синонимам, метафорам или другим похожим по смыслу словам переводчик может безошибочно передать идею автора, его чувства, даже если перевод слово в слово не соответствует подлиннику [11, с.28].

Возникает вопрос: возможно ли совершенно точно и полно передать на одном языке мысли, выраженные средствами другого языка? По этому вопросу в научной среде традиционно сложились две противоположные точки зрения. Согласно первой точке зрения, которая носит название «теории непереводимости», полноценный перевод с одного языка на другой вообще невозможен вследствие значительного расхождения выразительных средств разных языков; перевод является лишь слабым и несовершенным отражением оригинала, дающим о нем весьма отдаленное представление. Вторая точка зрения, которой придерживается большинство исследователей, заключается в том, что любой развитый национальный язык является вполне достаточным средством для полноценной передачи мыслей, выраженных на другом языке. Это тем более справедливо в отношении русского языка - одного из самых развитых и богатых языков мира. Практика переводчиков доказывает, что любое произведение может быть полноценно (адекватно) переведено на русский язык с сохранением всех стилистических и иных особенностей, присущих тексту данного автора [13, с.55].

Поэтому можно с уверенностью сказать, что в переводе С. Куллаева воссоздаются особенности оригинального произведения: художественные образы, идиомы, игра слов, стилевые черты и поэтика стихов, то есть индивидуальный подход и организация идейно-художественной системы автора.

Рецензент: ***Рахманов Б.Р.*** – д.ф.н., РТСУ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алтайбаева, Д.Ю. Мир перевода / Д.Ю. Алтайбаева. -Лотос-Астана, 2008. – 127 с.
2. Аминов, Ф. Интеграция - благородный характер и уникальная традиция / Ф. Аминов // К вершинам знания. - № 6 (1432). – от 17.03.2018. - С.16.
3. Брагинский, И.С. Литература на персидском языке в Средней Азии / И.С. Брагинский // Избранные труды. История литературы и культуры Ирана. - М.: Наука, 1988. - 524 с.
4. Брагинский, И.С. Проблемы востоковедения / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1974. - 493 с.
5. Расулова З.Х. Литературно-культурные связи между Узбекистаном и Таджикистаном / З.Х. Расулова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. - Душанбе, 2020. - №2. - С. 274-280.
6. Рахмонзода А. Литературно-культурные связи таджикских и узбекских народов / А. Рахмонзода. – Душанбе: Свободный Восток, 2018. - 40 с.
7. Самадов Абдусалом. Пайвандњои дўстї ва адабї. Равобити адабии халќњои тољику ўзбек дар оинаи таърих. Тошкант. Нашриёти “Муњаррир”. - 2012. - 199 с.
8. Самадов, А. Узбек-тожик адабиети: узаро алокалар, узаро тасир / А.Самадов. - Тошкент: Узбекистон, 1990. - 243 с.
9. Самиев, Х.Д. Направления и перспективы дипломатических отношений между Таджикистаном и Узбекистаном / Х.Д. Самиев // К вершинам знания. - № 6 (1432). -17.03.
10. Собир Бозор. “Аз гули хор” то “Симхор” / Б. Собир. “Интрансдорнаука”. - М., 2003. - 256 с.
11. Собир Бозор. Кўзгу олдида. Шеърлар / Б. Собир. – Душанбе, 2016. - 40 с.
12. Сравнительное и сопоставительное литературоведение. Хрестоматия. - Казань, 2001. – 389 с.
13. Шодиев, Э. Узбекско-таджикские литературные связи / Э.Шодиев. - Душанбе, 1973. - На узб. яз. -168 с.

14. Мухаммадюсуф Имомзода. Песень Единства / М.Имомзода, Зайниддинов, А. Рахмонзода. -Душанбе: Эр-граф, 2018. -100 с.
15. Обидов Ф.С. Таджики и узбеки полны любви / Ф.С.Обидов // К вершинам познания. - № 7 (1433). 31.03.2018. – С.10.

МАСОИЛИ ТАҶДИДИ ОБРАЗНОКИИ МАНЗУМИИ АШЪОРИ БОЗОР СОБИР ДАР ТАРҶУМАҲОИ ОН БА ЗАБОНИ ЎЗБЕКӢ

Дар мақола тарҷумаҳои осори Бозор Собир ба забони ӯзбекӣ баррасӣ шудааст. Сабаби асосии ба асарҳои ӯ рӯ овардани мутарҷимони ӯзбек дар он аст, ки ашъораш асил, нотакрор, пур аз ҳисси озодихоҳӣ, аз инсондӯстии бузург илҳом гирифта, бо самимияту дилкаш аст. Махсусан ашъори ӯ, ки ишқи поки инсонӣ, фидокориро васф мекунад, ашъори пур аз афкори пурҷӯшу хурӯши шоирона ва боигарии маҷозии забон аст, ба дили мардум наздик аст. Зарурати пажуҳишҳои илмӣ оид ба ҳифзи асолати миллӣ ва инфиродии ашъори Бозор Собир дар тарҷумаҳо ба забони ӯзбекӣ баррасӣ шуда, муайян кардани тарҷумаҳои заиф ва нолозим, ки аксар вақт арзиши аслро таҳриф мекунанд, ки баъзе аз тарҷумонҳои асарҳои ӯ ба ин роҳ медиҳанд. Таҳлили қиёсии тарҷумаи ӯзбекӣ бо нусхаи аслии асари аҷиби Бозор Собир таҳти унвони“Кулбаи модарам”–“Қулбаи модарам”аз ҷониби тарҷумони ду забон СайфуллоҚуллаев сурат гирифт.

Калидвожаҳо: таҳлили муқоисавӣ, тарҷума, аслӣ, байнисатрӣ, шеърият, эҷодкорӣ, асолат, образнокӣ, анъанаҳо, услуби муаллиф.

ПРОБЛЕМА ВОССОЗДАНИЯ ПОЭТИЧЕСКОЙ ОБРАЗНОСТИ ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА В ПЕРЕВОДАХ НА УЗБЕКСКИЙ ЯЗЫК

В статье рассматриваются переводы произведений Бозора Собира на узбекский язык. Главная причина обращения узбекских переводчиков к его творениям заключается в том, что его стихотворения, оригинальны, неповторимы наполненностью чувством свободы, овеяны великим гуманизмом, привлекательны своей задушевностью и искренностью. Особенно близки сердцам людей его стихотворения, в которых воспевается чисто человеческая, бескорыстная любовь, стихи, наполненные ёмкой поэтической мыслью, метафорическим богатством языка. Говорится о необходимости научного исследования проблемы сохранения национального и индивидуально-авторского своеобразия поэзии Бозора Собира в переводах на узбекский язык, выявление слабых переводов, ненужных, часто искажающих ценность оригинала, которые допускают некоторые его переводчики. Проведен сопоставительный анализ узбекского перевода с оригиналом замечательного произведения Бозора Собира, под названием «Лачуга моей матери» - «Кулбаи модарам», выполненный двуязычным переводчиком Сайфулло Куллаевым.

Ключевые слова: сопоставительный анализ, перевод, оригинал, подстрочник, поэзия, творчество, своеобразие, образность, традиции, авторский стиль.

THE PROBLEM OF RECONSTRUCTION OF POETIC IMAGERY OF BOZOR SOBIR'S POETRY IN TRANSLATIONS INTO UZBEK LANGUAGE

The article discusses translations of Bozor Sobir's works into Uzbek. The main reason for the appeal of Uzbek translators to his works is that his poems are original, unique, filled with a sense of freedom, covered in great humanism, attractive in their sincerity and sincerity. Especially close to the hearts of people are his poems, which glorify purely human, selfless love, poems filled with capacious poetic thought and the metaphorical richness of language. The need for scientific research into the problem of preserving the national and individual author’s originality of Bozor Sobir’s poetry in translations into the Uzbek language is discussed, identifying weak, unnecessary translations that often distort the value of the original, which are allowed by some of its translators. A comparative analysis of the Uzbek translation with the original of the wonderful work of Bozor Sobir, entitled “My Mother’s Shack” - “Kulbai Modaram”, performed by the bilingual translator Saifullo Kullaev, was carried out.

Keywords: comparative analysis, translation, original, interlinear, poetry, creativity, originality, imagery, traditions, author's style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулова Зулфия Холмуродовна*** **-** Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Дейнави Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муаллими калон, кафедраи забон ва адабиёти рус. **Суроға:** 190507, шаҳри Дейнав, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, кӯч. Ш. Рашидов, 360. E-mail:**shakhnoza.rasulova.02@mail.ru.** Тел.: **(+998) 99-711-71-00**

Сведения об авторе: ***Расулова Зулфия Холмуротовна*** **-** Денауский институт предпринимательства и педагогики Республики Узбекистан, старший преподаватель, кафедра русского языка и литературы. ***Адрес***: 190507, город Денау, Республика *Узбекистан*, ул.Ш.Рашидова, 360. E-mail:**shakhnoza.rasulova.02@mail.ru.** Тел.: **(+998) 99-711-71-00**

Information about the author: ***Rasulova Zulfiya Kholmurotovna*** - Denau Institute of Entrepreneurship and Pedagogy of the Republic of Uzbekistan, Senior Lecturer, Department of Russian Language and Literature. **Address:** 190507, Denau, Republic of Uzbekistan, Sh. Rashidov Str., 360. E-mail:**shakhnoza.rasulova.02@mail.ru.** Phone: **(+998) 99-711-71-00**

УДК: 891.550

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД И ЕГО ТРЕБОВАНИЯ

Наврузов А.Х.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Переводом называют передачу определенного текста с языка на язык разных народов мира, посредством языковых средств той или иной национальности. Перевод делится на много стилей, жанров и типов. Мы рассмотрим художественный стиль, так как, на наш взгляд, он является самым сложным среди всех остальных.

Специфика художественного стиля заключается в том, что, в отличие от других, к примеру, официально-делового или научного стилей, он выражает действительность в образе, не имея точного предмета логического выражения. Данный критерий, непосредственно является основным в процессе деления стилей.

Художественный стиль воздействует на духовное состояние читающего: в рамках данного стиля допускаются мифический, комический и другие выражающие конкретную эмоцию оттенки.

В истории перевода существовали следующие методы перевода: буквальный (дословный), вольный (свободный), эквивалентный или адекватный.

Буквальным переводом переводились преимущественно религиозные тексты. При буквальной или дословной передаче исходного текста в переводе снижается его художественная ценность и, как пишет известный ученый Г.Гачечиладзе: «Везде, где мы имеем дело с дословным переводом, где игнорируется творческое начало, превращая этим переводчика в раба слова подлинника, снижается и уменьшается не только художественная ценность перевода, но и искажается представление о подлиннике, утрачивается его существенная сторона - художественно-эмоциональная сила» [1, с.157].

При вольном переводе переводчики передают смысл целого, причем с огромными ничем не оправданными отклонениями, ошибками, добавлениями.

А. В. Федоров считает, что «полноценность перевода означает исчерпывающую передачу смыслового содержания подлинника и полноценное функционально-стилистическое соответствие ему» [2, с.173].

Переводчик – в первую очередь творец, а не просто специалист, обладающий двумя языками. Он писатель, поэт – его отношение к тексту отличается тем, что на своем языке он должен воплотить чужую мысль, вникнуть в суть и прочувствовать весь замысел автора.

Вот почему переводчик, прежде, чем приступить к процессу перевода, изначально знакомится с ценностями, традициями и менталитетом того народа, на языке которого написан подлинник. Возможно, потому переводчиков считают самыми образованными людьми.

Художественный перевод помогает возродить школу переводчиков, которой не существует сейчас, на постсоветском пространстве. Перевод – это искусство, требующее исторических знаний, понимание особенностей национального мышления и национальной эстетики кудьтуры языка, с которого переводится текст. Только благодаря состоявшемуся диалогу между автором оригинала и переводчиком, в переводе достигается художественное своеобразие автора. Работа переводчика является весьма ответственной еще и потому, что она непосредственно связана с текстом, а текст, как уже известно, может содержать трудные сочетания слов, крылатые выражения, подтекст, скрытые смыслы и различные зигзаги событий.

Процесс работы над текстом требует от переводчика внимательность и бдительность, ибо можно допустить такую ошибку, которая исказит весь истинный смысл оригинала.

Еще одна важная особенность в работе с художественным текстом – это яркая образность оригинала, так как многие неопытные переводчики признаются в своем бессилии перед жаргонными диалектными, исконно национальными и фольклорными словами, они предпочитают не переводить их или оставляют в виде реалий.

Характерной чертой художественного стиля считается допущение ругательств, просторечных слов, сарказма, иронических сравнений, метафор, аллегорий и много всего другого, чего не встретишь в нехудожественном стиле. Препятствием для переводчика служат

также устойчивые выражения, так как при их наличии, переводчик должен найти эквивалентную замену в языке, на который переводится текст, в данном случае, также калькирование крылатых выражений - это грубейшая ошибка переводчика. А поиск соответствий не всегда может быть удачным.

Переводчик должен уметь чувствовать золотую середину - это проявляется в том, что художественный перевод не может выполняться полностью дословно, в то же время, не считается качественным вольный прием перевода. В данном деле требуется чистое знание меры, чувство границ и самостоятельное распоряжение теми или иными способами в переводе.

В таком выражении нашли свое отражение и пришли к общему консенсусу литература и переводоведение. Так как в большинстве случаев эти два принципа мешают существованию друг друга. В угоду, к примеру, литературного, текст теряет структурную особенность, лингвистические приемы отходят на второй план, а внимание акцентируется, в основном, на моральном плане текста, на его художественности, выразительности и т.д. Однако, если же покорно следовать лингвистическому плану, текст превратится в скудное сборище слов, не выражающих смысл, что недопустимо в художественном стиле.

Все же, как не нарушить права обоих сторон, не исключить их функционирование в тексте, и в то же время не исказить смысловую его часть? Ответ таков: когда синтаксическая составляющая текста имеет возможность быть передана на другой язык тем же путем, то, в данном случае, буквальный перевод вполне может оказаться приемлемым. Но, к сожалению, совместное, согласованное содействие вышеназванных двух способов встречается в практике крайне редко. В итоге такого неплодотворного результата мы получаем не лучшего качества работы некоторых специалистов, где, например, переводчик детально передал мысль, но в ущерб литературного языка. Чтение подобных работ практически режет слух читателя.

Ученые называют язык материалом художественного произведения, и подобно ему оценивают также и оригинальный текст, следовательно, оба отдают должное закономерностям.

В целях определения ценности художественного стиля перевода не употребляется только лишь общий критерий, ведь подлинник лингвистического соответствия имеет художественные соответствия. Полноценность может выражаться не только посредством близкого соответствия с исходным текстом, нельзя игнорировать эстетику в переводе, зациклившись на словарном запасе.

Ученые любят сомневаться, их мнения всегда расходятся - это явление не обошло стороной и переводоведческий аспект. Одни придерживаются мнения о том, что необходимо отталкиваться от лингвистических воззрений, другие же, имеют противоположное мнение, говоря о том, что переводчик – это в то же время творец слова.

Если согласиться с данным понятием, то переводоведение – это не только знание двух языков или более, здесь всегда взаимодействуют идейность, логика и подача переводчик, именно в таком сочетании, мы сможем получить адекватный перевод.

Как бы хорошо не был специализирован переводчик, имея за спиной богатый рабочий опыт, все же, доселе неизбежны опущения, то есть не воплощение какой-либо мысли из одного языка в другой; способ замены посредством эквивалентного совмещения слов; дополнения смысла самим переводчиком, естественно в согласовании с автором.

Как мы видим, адекватный перевод воплощается в тексте, когда содержание текста передано без искажений, а достичь эстетики получается только, следуя смысловому контексту, даже в случае замены слов, главным остается сохранение смысла.

Все мысли, которые автор изъясняет в тексте, красочность, эмоции, скрытые смыслы, должны быть переданы переводчиком без опущений и добавлений субъективной точки зрения. Это не единственное требование к переводчикам, также большое значение имеет словарный состав специалиста, его умение описывать, к примеру, пейзаж, образ героев, или в целом, ситуацию.

Следующими критериями являются сжатость текста, отказ от излишних вводных слов, потому что, если не говорить по сути, работа может потерять свою значимость; отказ от чрезмерного употребления сложных оборотов, затрудняющих читателя в понимании, - переводчик должен стремиться излагать мысль простым языком.

К примеру, в лингвистике нередко появляется острая необходимость изменить структуру исходного языка, посредством норм языка, на который производится перевод. Этот способ перевода называется переложением или перестановкой слов, или конкретных выражений.

Именно вопрос о необходимости литературного характера в переводимом тексте создал большие разногласия и расхождения во мнениях ученых.

Не все теоретики были сторонниками того, что литературность имеет какое-либо отношение к лингвистике, исходя из этого, данный аспект рассматривался неуверенно. Что стало причиной возникновения этих споров? Как показал анализ теоретического материала о художественном переводе, некоторые исследователи, считали «переводоведение» причастным к литературе, из-за чего и создалось некое понятие якобы их несоответствия.

Только спустя время, вследствие развития и обширного изучения лингвистических наук, все же, было выявлено и подтверждено безусловное взаимодействие двух этих терминов.

Известно, что переводчик не может гарантировать непременное стопроцентное сохранение текста, без опущений или добавлений, так как каждый язык имеет свои особенности, которые не всегда способствуют конкретной тождественности текстов.

Несмотря на такие затруднения, встречающиеся переводчикам, перевод-не значит идеально детальное совпадение. Однако и в то же время отсутствие тождества подразумевает невозможность выполнения качественного перевода.

В результате этого выявили три вида перевода:

1) Перевод, имеющий полное соответствие с оригиналом и большую степень смыслового тождества;

2) Перевод, составляющий частичное тождество с оригиналом;

3) Перевод, который абсолютно не содержит сходств с оригиналом, также отсутствует сочетание смыслов.

Первый тип – полное соответствие текстов разных языков, это крайне редкое явление, встречается оно только в случае, когда исходный язык и язык, на который переводится текст – родственные, так как возможность сходства морфологического, лексического и синтаксического характеров выше иных. Также высокоуровневый перевод ожидается, когда идет передача: однокоренных слов, географического местоположения, названия океанов, городов, стран и т.д., терминология, названия тех или иных наук, имена собственные, клички, прозвища, или слова, близкие по семантике. Но состав данной группы слов относительно небольшой.

Что касается второго типа – частичного тождества текстов, то оно распространено обширнее первого, исходя из уменьшения степени сложности работы переводчика, здесь в помощь приходят слова, имеющие два и более значений, они служат в виде эквивалента. В присутствии выбора значения, специалисту удается точнее передать текст. В словаре любого языка мира многозначные слова кардинально перевешивают количество однозначных.

Итак, последний вид, указанный нами – полнейшее отсутствие схожести текстов. В случае подобных работ, прослеживается безэквивалентная лексика, которая подвергается способу транслитерации, транскрипции, калькирования, описательного, приближенного и трансформационного характеров перевода. Так как данная лексика не может самостоятельно функционировать, ибо не подвергается переводу.

В современной теории художественного перевода выделяются три основные тенденции:

1) основная ориентация переносится с оригинала на текст перевода;

2) оценочный подход заменяется дескриптивным;

3) от текста как единицы языка теория идет к функции перевода как части культуры языка перевода [3, с. 28].

«При формальной непередаваемости отдельного языкового элемента подлинника может быть воспроизведена его эстетическая функция в системе целого и на основе этого целого, и что передача функции при переводе постоянно требует изменения в формальном характере элемента, являющегося ее носителем» [4, с. 334]. В состав теоретических принципов художественного перевода включается: требование «рассматривать каждое предложение как часть целого, передавать не только то, что в нем говорится, но и работать над созданием художественного образа, общего настроения, характеристики атмосферы, персонажей и т. п. Здесь важен и выбор отдельного слова, и синтаксической структуры, и других элементов» [5, с. 60].

Специфическая особенность художественных текстов обосновывается тем, что тип данного стиля полностью противоположен официальному, политическому, публицистическому, газетному, справочному стилям. Исходя из таких рассуждений, художественный стиль перевода, при желании, можно отнести к абсолютно отдельному направлению науки, не имеющего отношения к остальным типам.

Текст с художественным характером Ю.П. Солодуб в учебном пособии «Теория и практика художественного перевода» обозначает следующим образом: «сверхфразовое единство, характеризуемое общностью идейно-тематического содержания и эстетического воздействия на читателя - своей основной функцией» [6, с.160]. А функция, в свою очередь «реализуется на основе эстетизации автором текста изображаемой им действительности с помощью художественных приемов, которые наиболее адекватно подходят для создания желаемого эмоционального эффекта» [7, с.21]. Несмотря на это, полноценной функции художественный перевод не выполняет, так как он имеет взаимосвязь с когнитивно-коммуникативной функцией.

По мнению В.В. Сдобникова и О.В. Петрова, художественные тексты отличаются от нехудожественных тем, что в них производится эстетическое влияние на читателя посредством передачи содержания; образностью текстов, богатым описательным характером, красочностью событий и т.д.; также отмечается «свойство, которое проявляется в способности писателя сказать больше, чем говорит прямой смысл слов в их совокупности, заставить работать и мысли, и чувства, и воображение читателя» [8, 38].

Неотъемлемым отличием служит так называемое содействие самого читателя с автором, когда читатель, самостоятельно фантазируя, додумывает последовательность действий героев; наличие авторского облика; зигзагообразной сменой композиций; большим акцентом на национальные и культурологические ценности; и последняя дифференциация, найденная учеными – это самоуверенность художественного текста, поскольку он непосредственно связан с искусством.

Трудновыполнимым для переводчиков является сохранение и невредимая передача смысла, который вложил в текст автор, его индивидуальная манера и отличительные особенности. В деле перевода необходимо «не просто глубоко вникнуть в авторскую эстетику, в его образ мыслей и способ их выражения, он должен вжиться в них, сделать их на время своими. Для полноценного перевода требуется глубокое знание всего творчества автора и всех обстоятельств создания переводимого произведения» [9, с. 410].

Для правильного и адекватного перевода художественного текста важно знание ценностей, традиций и менталитета того народа, на языке которого написан подлинник.

Еще одна трудность, с которой сталкивается переводчик в процессе работы – это яркая образность оригинала, где важную роль играют жаргоны, диалектная лексика, исконно национальные и фольклорные слова, многие из которых неопытные переводчики предпочитают не переводить или оставляют в виде реалий.

Препятствием для переводчика служат также устойчивые выражения, так как при их наличии, переводчик должен найти эквивалентную замену в языке, на который переводится текст, в данном случае, также калькирование крылатых выражений – это грубейшая ошибка переводчика. А поиск соответствий не всегда может быть удачным.

Рецензент: ***Мурувватиён Дж.Дж.*** - к.ф.н., профессор, ИЯЛ им А.Рудаки

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гачечиладзе, Г.Р. Введение в теорию художественного перевода / Г.Р. Гачечиладзе. - Тбилиси, 1970. - С. 157.
2. Федоров, А.В. Основы общей теории перевода: учебник для вузов. Изд. 5-е, перер. и дополн / А.В. Федоров. -М.: Изд. Дом «Филология три», СПб: Филологич. ф-т СПбГУ, 2002. - С. 173.
3. Комиссаров, В.Н. Общая теория перевода. Проблемы переводоведении в освещении зарубежных ученых. Учебное пособие / В.Н. Комиссаров. – М.: ЧеРо, 1999. – 134 с.
4. Топер, П. Перевод и литература: творческая личность переводчика / П.Топер // Вопросы литературы. 1998. № 6. - С.190.
5. Комиссаров, В.Н. Общая теория перевода. Проблемы переводоведении в освещении зарубежных ученых. Учебное пособие / В.Н. Комиссаров. – М.: ЧеРо, 1999. – 60 с.
6. Солодуб, Ю.П. Теория и практика художественного перевода: учеб. пособие для студ. Лингв. фак. высш. учеб. заведений / Ю.П. Солодуб. – М.: Издательский центр «Академия», 2005. -160 с.

7. Солодуб, Ю.П. Теория и практика художественного перевода: учеб. пособие для студ. лингв. фак. высш. учеб. заведений / Ю.П. Солодуб. – М.: Издательский центр «Академия», 2005. -21.
8. Сдобников, В.В. Теория перевода: (учебник для студентов лингвистических вузов и факультетов иностранных языков) / В.В Сдобников, О. В Петрова. – М.: АСТ: Восток – Запад, 2007. – 38 с.
9. Левый, И. Искусство перевода [Текст] / И. Левый. Пер. с чеш. и предисл. Вл. Россельса. – М.: Прогресс, 1974. - 410 с.
10. Швейцер, А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. Отв. ред. В.Н. Ярцева; Академия Наук СССР, Ин-т языкознания. - М.: Наука, 1988. - С. 93.
11. Цветкова, М.В. Проблема национальной идентичности как переводческая проблема / М.В. Цветкова // Проблема национальной идентичности в культуре и образовании России и Запада. – Воронеж, 2000, Т. 2. – С. 87 – 93.
12. Топер, П. Перевод и литература: творческая личность переводчика / П. Топер // Вопросы литературы. 1998. -№ 6. - С. 190.
13. Текст и перевод / В.Н. Комиссаров, Л.Я. Черняховская, Л.К. Латышев и др. Отв. ред. А.Д. Швейцер; АН СССР, Ин-т языкознания. М.: Наука, 1988. - С. 44.
14. Мурувватиён, Дж.Дж. Из истории художественного перевода на таджикский язык (о переводе Сотимом Улугзода романа «Овод» Л.Войнич / Дж.Дж. Мурувватиён // Вестник Таджикского национального университета. - 2019. - № 8. - С. 256-263.
15. Муллоджанова, З. О литературных «парах», партнерстве и «улучшенных» версиях / З.Муллоджанова. - Памир, 1983. -№ 11. -С. 60-65.

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ВА ТАЛАБОТИ ОН

Дар ин мақола муҳимтарин муқаррароти тарҷумашиносӣ омӯхта шуда, имкон медиҳад, ки асосҳои назариявӣ ва методологии меъери адекватнокӣ дар тарҷума ошкор карда шаванд; таснифи маводи воқеӣ мувофиқи тарзи интиқоли онҳо дар тарҷумаи бадеӣ гузаронида шудааст, намудҳои тағйирёбии лексикии дар тарҷума истифодашуда муайян карда шудаанд, хусусияти интиқоли услуби муаллиф аз ҷониби тарҷумон муайян карда шудааст, хусусиятҳои истифодаи воситаҳои забони тарҷумашаванда барои интиқоли роҳҳои муаллиф дар асар муайян карда шудаанд, имкониятҳои эҷоди тарҷумаи муносиби матни бадеӣ бо воситаҳои забоне, ки аз рӯйи система ва сохтор аз забони русӣ фарқ мекунад. Дар ҷараёни мавзуи баррасишаванда, усулҳои интиқол дар тарҷумаи хусусиятҳои услубии матни бадеӣ нишон дод, ки мушкилоти асосии тарҷумаи бадеӣ сифати тарҷума аст, ки на танҳо интиқоли дақиқи ғояҳои муаллиф, балки нигоҳ доштани услуби инфиродии муаллифии ӯро дар назар дорад. Бо мақсади муайян кардани арзиши услуби бадеии тарҷума танҳо меъёри умумӣ истифода намешавад, зеро аслии мувофиқати лингвистикӣ мувофиқати бадеӣ дорад. Пуррагӣ метавонад на танҳо тавассути мувофиқати наздик бо матни ибтидоӣ ифода карда шавад, балки эстетикаи тарҷумаро сарфи назар карда, ба захираи луғавӣ диққат додан мумкин нест.

Калидвожаҳо: тарҷума, услуб, мувофиқат, муаллиф, матн, тарҷума, мушаххасот, сохтор, калима.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД И ЕГО ТРЕБОВАНИЯ

В настоящей статье изучены наиболее важные положения переводоведения, позволяющие выявить теоретические и методологические основы критерия адекватности в переводе; проведена классификация фактического материала в соответствии со способом их передачи в художественном переводе, определены типы лексических трансформаций, использованных в переводе, выявлена специфика передачи авторского стиля переводчиком, определены особенности использования средств переводимого языка для передачи авторских тропов в произведении, охарактеризованы возможности создания адекватного перевода художественного текста средствами языка, отличающегося по системе и структуре от русского языка. В ходе рассматриваемой темы способы передачи в переводе стилистических особенностей художественного текста показал, что главная проблема художественного перевода - это качество перевода, которое означает не только высокую точную передачу идей автора, но и сохранение его индивидуального авторского стиля. В целях определения ценности художественного стиля перевода не употребляется только лишь общий критерий, ведь подлинник лингвистического соответствия имеет художественное соответствие. Полноценность может выражаться не только посредством близкого соответствия с исходным текстом, нельзя игнорировать эстетику в переводе, зациклившись на словарном запасе.

Ключевые слова: перевод, стиль, адекватность, автор, текст, переводоведение, специфика, структура, слово.

LITERARY TRANSLATION AND ITS REQUIREMENTS

In this article, the most important provisions of translation studies are studied, allowing to identify the theoretical and methodological foundations of the criterion of adequacy in translation; the classification of factual material in accordance with the method of their transmission in literary translation is carried out, the types of lexical transformations used in translation are determined, the specifics of the transfer of the author's style by the translator are revealed, the features of the use of the means of the translated language for the transmission of author's tropes are determined in the work, the possibilities of creating an adequate translation of a literary text by means of a language that differs in system and structure from the Russian language are characterized. In the course of the topic under consideration, the methods of transferring stylistic features of a literary text in translation showed that the main problem of literary translation is the quality of translation, which means not only a high accurate transfer of the author's ideas, but also the preservation of his individual author's style. In order to determine the value of the artistic style of translation, only a general criterion is not used, because the original linguistic correspondence has an artistic correspondence. Usefulness can be expressed not only through close correspondence with the source text, one cannot ignore aesthetics in translation, fixating on vocabulary.

Keywords: translation, style, adequacy, author, text, translation studies, specificity, structure, word.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наврузов Аброрҷон Ҳасаналиевич*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни, н.и.ф., муаллими калон, кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон. **Суроға:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: **navruzov310592@mail.ru.** Тел.: **(+992) 550-70-00-20**

Сведения об авторе: ***Наврузов Аброржон Хасаналиевич*** **–** Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, к.ф.н., старший преподаватель, кафедра русской и мировой литературы. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 121. E-mail: **navruzov310592@mail.ru.** Тел.: **(+992) 550-70-00-20**

Information about the author: ***Navruzov Abrorjon Khasanalievich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Senior preparatory students of the Department of Russian and World Literature. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121. E-mail: **navruzov310592@mail.ru.** Тел.: **(+992) 550-70-00-20**

ЖУРНАЛИСТИКА

ТДУ: 070.34

НАЗАРЕ БА МАВҚЕИ СИЁСИВУ ИҚТИСОДИИ ШАС ДАР МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

Муқимов М., Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) (المملكة العربية السعودية) калонтарин давлат дар нимҷазираи Арабистон буда, дар шимол бо Урдун, Ироқ ва Кувайт, дар шарқ бо Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб, дар ҷанубу шарқ бо Уммон ва дар ҷануб бо Яман ҳамсарҳад аст. Дар шимолу шарқи кишвар халиҷи Форс ва дар ғарб Баҳри Сурх ҷойгир аст. Айни ҳол Арабистони Саудӣ яке аз се кишвари ҷаҳон (Ҳошимиён дар Урдун ва Лихштейн дар Аврупо) мебошад, ки бо шарофати сулолаи хонадони ҳокимон номгузорӣ шудааст [8, с. 24].

Арабистони Саудӣ, ки дорои захираҳои бузурги нефт аст, давлати асосии Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт (ОПЕК) мебошад. Мувофиқи маълумоти пажуҳишгарон аз рӯйи истихроҷ ва содироти нефт дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад (соли 2017 - аз рӯйи истихроҷ пас аз Россия қарор дошт). Бояд зикр кард, ки 95 % -и содирот ва 75 %-и даромади кишварро содироти нефт ташкил медиҳад. Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ-833,5 млрд $ (2021) ва нишондиҳандаи сари аҳолӣ - 23 585,89 $ (2021)-ро ташкил медиҳад [2.1].

ШАС ҳамчун бузургтарин давлат дар Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва содиркунандаи асосии нефт дар минтақа нақши ҳалкунанда дорад. Ҳукумати Арабистони Саудӣ бо назардошти принсипи ҳамбастагии исломӣ дар сиёсати хориҷии худ дар ҳалли ихтилофоти минтақавӣ ва ҳолатҳои буҳронӣ дар кишварҳои минтақаи Ховари Миёна дар канор наменомонад [11, с. 55]. Бояд зикр кард, ки қариб ягон мушкилоти ҷиддии Шарқи Наздик бидуни иштироки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ намешавад. ШАС бузургтарин, сарватмандтарин ва бонуфузтарин узви эътилофи монархияҳои арабии халиҷи Форс ба шумор меравад [1, с. 296].

Дар баробари ин, Арабистони Саудӣ барои амалӣ кардани сиёсати сиёсии худ ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар ҳоли рушд мунтазам чораҳо меандешад. Қудрати назарраси иқтисодии Шоҳигарӣ, ки бо захираҳои калонтарини нефт алоқаманд аст, имкон дод, ки иштирокчии пешбари ташкилотҳои тиҷоратию иқтисодии ҷаҳонӣ гардад [9, с. 151]. Ҷойгир будани ибодатгоҳҳои асосии мусулмонон (шаҳрҳои Макка ва Мадина), Арабистони Саудиро ба маркази ислом табдил дод, ки ин нақши муҳим ва баъзан ҳалкунандаи сиёсии онро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, нуфуз, эътибор ва таъсири Арабистони Саудӣ дар ҷаҳони мусулмон ба қудрати молиявие, ки барои дастгирии мусулмонони тамоми ҷаҳон истифода мешавад, асос ёфтааст. Дар доираи тартиботи кунунии ҷаҳон, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ мустақиман ба мустақилияти ин кишвар ҳамчун як воҳиди сиёсии исломӣ, ки ҷаҳони араб ва мусалмонро фаро мегирад, алоқаманд аст [10, с.38; 8, с.53].

Бояд тазаккур дод, ки бо ташаббус ва назардошти ғояҳои сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ манфиатҳои кишварҳои арабро Лигаи Давлатҳои Араб (ЛДА), ки бо иштироки бевоситаи Саудӣ таъсис ёфтааст ва инчунин Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ), ки бо ташаббус ва кумаки молиявии Риёз ба вуҷуд омадааст, ифода мекунанд. 28 июни соли 2011, бо қарори ҷаласаи 38-уми Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, ки дар Остона баргузор гардид, СКИ (Созмони Конфронси Исломӣ) ба СҲИ (Созмони Ҳамкории Исломӣ) табдили ном кард. СҲИ имрӯз 57 давлати мусалмониро дар бар мегирад, ки шумораи умумии онҳо тақрибан 1 млрд. 250 миллион нафарро ташкил медиҳад (21% шумораи аҳолии кураи Замин), ки маҷмуи маҳсулоти дохилии онҳо 4,4 триллион долларро ташкил медиҳад, дар муҳокимаи мушкилоти марбут ба кишварҳои исломӣ нақши калидӣ мебозад. Қароргоҳи СҲИ дар Арабистони Саудӣ дар Ҷидда ҷойгир аст. Забонҳои кории ташкилот арабӣ, англисӣ ва форонсавӣ мебошанд. Созмони Ҳамкории Исломӣ дар СММ мақоми нозирро дорад ва дар шаҳрҳои Ню-Йорк ва Женева ҳайати (миссия) доимӣ фаъолият дорад. Мақоми олии СҲИ вохӯриҳои сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо мебошад, ки ҳар се сол даъват карда мешаванд. Ҳамчунин ҳар сол конфронсҳои вазирони корҳои хориҷӣ даъват карда

мешаванд, ки аз аҳаммият холӣ нест [5, с.160; 7, с.75]. Ҳамчунин Арабистони Саудӣ дар дохили минтақаи арабии халиҷи Форс фаъолияти сиёсии хориҷии худро тавассути созмони байнидавлатии бисёрсамтаи минтақавӣ - Шурои ҳамкории кишварҳои араби халиҷи Форс (ШҲКАХФ), ки соли 1981 бо мақсади ноил шудан ба ҳамгироӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва таъмини амнияти минтақа таъсис ёфтааст, амалӣ мекунад [8, с. 112]. Арабистони Саудӣ дар ташкилотҳои мазкур кӯшиш мекунад, ки нақши роҳбарикунандаро иҷро кунад. Мутаассифона, ҳаводиси солҳои охири кишварҳои араб нишон дод, ки ташкилотҳои дар боло зикршуда дар ҳалли масоили мубрами давлатҳои мусулмоннишин таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Дар воқеъ, солҳои охир самтҳои асосии сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ ин, пеш аз ҳама, муносибатҳо бо ИМА, муноқишаи Фаластину Исроил, вазъи Яману Ироқ, муқовимати сиёсӣ бо Эрон, нархгузории нефт ва истифодаи сарвати нефт барои афзоиши нуфузи ислом мебошанд. Ҳамзамон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Саудӣ муносибатҳо бо давлатҳои Аврупо ва махсусан бо ИМА мебошад. Гарчанде Арабистони Саудӣ узви «Ҳаракати ба блокҳо ҳамроҳнашанда» бошад ҳам, аммо коршиносон ин кишварро ҳамчун роҳбари ғарбгарои кишварҳои исломӣ ва ҳампаймони асосии ИМА дар минтақа муаррифӣ мекунанд [3, с. 112].

Таҷовузи низомии Ироқ ба Кувайт дар моҳи августи соли 1990 барои Арабистони Саудӣ оқибатҳои ҷиддии низомӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба бор овард. Пас аз ишғоли Кувайт, сарбозони Ироқ неруҳои худро дар марз бо Арабистони Саудӣ муттаҳид кардан гирифтанд. Барои муқобилият бо таҳдиди низомии Ироқ, Арабистони Саудӣ ба ИМА барои кумаки низомӣ муроҷиат кард. Ҳукумати Фаҳд ба ҷой додани (истиқрор) муваққатии ҳазорон неруҳои низомии Амрико ва муттаҳидонаш дар қаламрави Арабистони Саудӣ иҷозат дод. Ҳамзамон, кишвар аз Кувайт тақрибан 400 ҳазор гурезаро қабул кард. Дар ин давра, барои ҷуброни талафоти интиқоли нефт аз Ироқ ва Кувайт, Арабистони Саудӣ истеҳсоли нефти худро афзоиш дод. Дар давоми ҷанг Арабистони Саудӣ дар ташкили эътилофи васеи байналмилалӣ фаъолона ширкат варзид. Шоҳ Фаҳд шахсан нақши бузурге бозида, бо таъсири худ бисёр давлатҳои арабро водор кард, ки ба эътилофи зидди Ироқ бипайванданд [15, с. 7]. Дар натиҷа, Арабистони Саудӣ шарики калидии минтақавии Вашингтон дар соли 1991 шуд ва ИМА-ро бо пойгоҳҳои низомӣ таъмин кард ва як қисми хароҷоти низомиро низ ба зимма гирифт. Ҳукумати Арабистони Саудӣ неруҳои эътилофро бо об, ғизо ва сӯзишворӣ таъмин мекард. Дар маҷмуъ, хароҷоти кишвар дар давраи ҷанг 55 миллиард долларро ташкил дод [2.2]. Арабистони Саудӣ ва ИМА чун анъана ҳампаймон ва шарики наздики стратегӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, равобити байни ҳар ду кишвар давоми чанд соли охири раёсати Ҷон Байден шадид гашт ва давраи таназзули ҷиддиро аз сар мегузаронад.

Яке аз сабабҳои хеле бад шудани муносибатҳо байни Иёлоти Муттаҳида ва Арабистони Саудӣ дар он аст, ки амрикоиҳо бар он назаранд (муътамиданд), ки низоми худкомаи Саудӣ манбаи терроризми байналмилалӣ мебошад. Ин ақида ба он асос ёфтааст, ки аз 19 рабояндаи ҳавопаймоҳои ҳамлаҳои террористии рӯзи 9/11/2001 дар ИМА 15 нафарашон аз Арабистони Саудӣ омадаанд. Ҳамаи иттиҳомоти ҷониби Амрикоро мақомоти Арабистони Саудӣ рад карданд. Ҳатто бо нишони эътироз алайҳи таъқибот, баъзе сармоягузорони Саудӣ таҳдид карданд, ки дороиҳои пулии худро аз ИМА бозпас мегиранд. Дар моҳи ноябри соли 2002, Идораи марказии иктишофии ИМА дар байни бонкирҳои ҷаҳон рӯйхати 12 соҳибкори саудиро паҳн кард, ки Вашингтон онҳоро дар маблағгузории шабакаи байналмилалии террористии «Ал-Қоида» гумонбар донистааст. Дар ҳамин ҳол, чунин ба назар мерасад, ки худи маъмурияти ИМА хостори фишор ба Арабистони Саудӣ нест. Ҳанӯз собиқ Котиби давлатии ИМА Колин Пауэл зимни суханронӣ дар Мехико таъкид кард, ки Иёлоти Муттаҳида бояд эҳтиёт кунад, ки ба "канда шудани муносибатҳо бо кишваре, ки солҳои зиёд ва то ҳол шарики хуби Иёлоти Муттаҳида буд, роҳ надиҳад" [2. 3]. Ҳатто пас аз рӯйдодҳои 11-уми сентябри 2001 саудиён, гарчанде ки ҳамлаи террористиро расман маҳкум карданд, аммо сиёсати амниятии Шоҳигариро тағйир надоданд, яъне маблағгузории гурӯҳҳои экстремистӣ ва дастгирии ҳаракатҳои радикалӣ аз фондҳои Арабистони Саудиро маҳдуд накардааст.

Сабаби дигари бад шудани муносибат бо Амрико ба масъалаи нефти Ироқ рабт дорад. Мақомоти Арабистони Саудӣ метарсанд, ки Иёлоти Муттаҳида ният дорад бо кумаки ироқиҳо ОПЕК-ро нобуд кунад. Зеро бо дарназардошти он ки Ироқ аз ҷиҳати захираҳои

нефтӣ дар ҷаҳон мақоми дувумро (11%) ишғол мекунад ва қодир аст, ки баробари миқдори нефти Арабистони Саудӣ истихроҷ кунад. Аз ин рӯ, чунин имконоти ироқиҳо Саудиро хеле нигарон кардааст. Ироқи нав метавонад аз маҳдудиятҳои истихроҷи нефт даст кашида, ОПЕК-ро тарк кунад. Чунин рӯйдод нақши ин созмонро (ОПЕК) дар танзими нархи нефти ҷаҳонӣ метавонад бесамар созад ва мақоми бартаридоштаи Арабистони Саудиро дар халиҷи Форс суст гардонад.

Бояд гуфт, ки ҷанги соли 2003 дар Ироқ боиси ихтилофоти зиёд дар ҷаҳони араб шуд. Дар ибтидо мавқеи Арабистони Саудӣ нисбати нақшаҳои ИМА барои сарнагун кардани низоми Саддом Ҳусейн оштинопазир буд. Мақомоти Арабистони Саудӣ хуб дарк мекарданд, ки дар сурати дастгирии Риёз аз амалиёти низомии Амрико алайҳи Ироқ таҳдиди паҳн шудани эҳсосоти зиддиамрикоӣ барои суботи дохилии кишвар дар муқоиса бо баъзе ихтилофҳо бо Вашингтон хатарноктар аст. Ғайр аз он, ба гумон аст, ки ИМА ҳадди ақалл то пайдо кардани манбаъҳои алтернативии таъминоти нефт муносибаташро бо Риёз муташанниҷ созад. Ёдовар бояд шуд, ки 20 %-и воридоти нефти Амрико аз Арабистони Саудӣ вобаста аст. Ҳамчунин барқарор кардани бахши нефти Ироқ маблағи калон ва вақти зиёдро талаб мекунад [11, с. 57].

Соли 2013 равобити Амрикову Саудӣ дар робита ба беҳбуди муносибатҳои Амрико бо Эрон – рақиби ашаддии Шоҳигарӣ дар халиҷи Форс то андозае сард шуд [2.4]. Дар авохири моҳи марти соли 2014 дар авҷи буҳрони сиёсии Украина маъмурияти Амрико бо роҳбарии Барак Обама ба раҳбарияти Арабистони Саудӣ ва шариконаш дар Иттиҳоди кишварҳои арабии халиҷи Форс (Қатар, Кувайт) барои саҳм гузоштан дар лоиҳаи "ёрии таъҷилии иқтисодӣ" ба Киев ба миқдори 15 миллиард доллар муроҷиат кард, аммо ҷавоби рад гирифт [2.5].

Аввали моҳи январи соли 2016 ба ҳукми қатл маҳкум кардани воизи машҳури шиъамазҳаб Нимр ал-Нимр (نمر النمر) дар Арабистони Саудӣ сабаби муноқиша байни ШАС ва Эрон гашт. Мақомоти Арабистони Саудӣ ӯро дар иртибот бо террористон гумонбар медонистанд. Пас аз ин воқеа тазоҳурот ва ҳамла ба сафорати Арабистони Саудӣ дар пойтахти Эрон сурат гирифт. Дар натиҷа Риёз муносибатҳои дипломатӣ ва дуҷонибаи тиҷоратиро бо Теҳрон қатъ кард. Илова бар ин, мақомоти Арабистони Саудӣ парвозҳоро ба Эрон манъ карданд. Эрон бошад, воридоти ҳама гуна молро аз Арабистони Саудӣ манъ кард. Ҳамчунин бо нишони эътироз ба ҳамла ба намояндагиҳои дипломатӣ дигар кишварҳои арабӣ, аз қабили Қатар, Кувайт, Баҳрайн ва Судон низ равобити дипломатиро бо Эрон қатъ карданд [2.6]. Моҳи октябри соли 2018 муносибатҳои байни кишварҳо ба далели марги рӯзноманигори саудинажоди рӯзномаи «Вашингтон-Пост»-Ҷамол Хошуқҷӣ дар консулгарии Арабистони Саудӣ дар Истанбул печида шуданд [2.7]..

Пас аз пирӯзии Доналд Трамп дар интихоботи президентӣ ва боздидаш аз Арабистони Саудӣ равобити ду кишвар дубора ба беҳбудӣ шуруъ кард. Бояд ёдовар шуд, ки аввалин сафари расмии собиқ президенти Амрико-Доналд Трамп маҳз ба Арабистони Саудӣ, дар нишасти таърихии «Араб-Амрико-Ислом» сурат гирифтааст, ки дар он Президенти Тоҷикистон низ иштирок ва суханронӣ дошт [2.8]. Дар натиҷаи форум шартномаҳои низомии ИМА ва Саудӣ ба маблағи 110 миллиард доллар баста шуд, ки ин рекорди мутлақи ҷаҳонист [2.9]. Саудиён дар минтақа на танҳо барои мубориза бо террористон ба чунин аслиҳаи навтарин ниёз доранд, балки масъалаи муқовимат бо Эрон дар мадди аввал меистад. ШАС ҳеҷ душмане ғайри Эрон надорад, ки бар зидди онҳо чунин силоҳҳои замонавии низомӣ татбиқ карда шаванд.

Сиёсат ва кӯшишҳои маъмурияти Ҷо Байден низ нисбати Ховари Миёна умуман аз Трамп чандон фарқ надоранд. Амрико мехоҳад худро аз минтақаи ноором дур кунад. Бо вуҷуди ин, президенти Амрико наметавонад мавҷи хушунатҳоро нодида бигирад ва аз ин рӯ, бояд муноқишаро, ки даҳсолаҳо идома дорад, ҳал кунад. Новобаста аз ин, дар айни замон Арабистони Саудӣ яке аз муҳимтарин муттаҳидони Иёлоти Муттаҳида боқӣ мемонад, зеро мавқеи стратегӣ, нақши муассир доштан дар ҷаҳони арабу ислом ва соҳиби бузургтарин захираи нефти ҷаҳон будан Арабистони Саудиро барои Иёлоти Муттаҳида хеле муҳим гардонидааст. Ҳамчунин ҳарду кишвар манфиатҳои муштарак доранд ва дар масъалаҳои амнияти минтақавӣ, содирот ва воридоти нефт, рушди устувори иқтисодӣ ва раванди сулҳи Ховари Миёна машварати доимӣ мекунанд. Арабистони Саудӣ шарики

қавии ИМА дар мубориза бо терроризм, ҳамчунин дар соҳаҳои низомӣ, дипломатӣ ва молӣ ба шумор меравад. Мақомоти Арабистони Саудӣ барои манофеи амнияти миллӣ бо ниҳодҳои интизомии Амрико ҳамеша ҳамкории зич доранд. ИМА бузургтарин шарики тиҷоратии Арабистони Саудӣ аст ва ин кишвар яке аз бозорҳои муҳимми содиротии Амрико дар Ховари Миёна ба шумор меравад. Ҳар ду кишвар созишномаи тиҷоратии сармоягузорӣ имзо карданд. Мавҷудияти доимии манбаъҳои боэътимоди нефт, махсусан аз Арабистони Саудӣ, барои пешрафти ИМА, инчунин Аврупо ва Ҷопон хеле муҳим аст. Арабистони Саудӣ яке аз манбаъҳои асосии таъмини нефти Иёлоти Муттаҳида буда, дар як рӯз ба бозори Амрико беш аз як миллион бушка нефт медиҳад. Арабистони Саудӣ инчунин як қарздиҳандаи бузурги ИМА мебошад. Вазорати молияи ИМА бори нахуст соли 2016 ҳаҷми қарзи давлатии Амрикоро аз Арабистони Саудӣ то моҳи март 116,8 миллиард доллар мушаххас кард ва соли 2018 ба 171,3 миллиард доллар расид [2.10].

ШАС дар баробари ҳамкорӣ бо ИМА, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, инчунин ба Чин ва Ҳиндустон низ таваҷҷуҳ дорад. Айни замон Чин яке аз шарикони муҳимми Арабистони Саудӣ ба шумор меравад, ки муносибатҳои байни онҳо вақтҳои охир фаъолона рушд карда истодаанд [2.11].

Қобили тазаккур аст, ки дар ҳоли ҳозир ШАС яке аз бузургтарин воридкунандагони силоҳҳои ултра-муосир ва гаронбаҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Тақрибан 10 %-и тамоми содироти аслиҳаи ИМА ба ин кишвар рост меояд. Саудиён на танҳо системаҳои дифои зидди ҳавоии Patriot, балки системаҳои зиддимушакӣ ва зиддитанкии навтарини амрикоиро доранд. Солҳои охир Риёз барои маҷмааи саноатии низомии худ маблағи ҷиддӣ харҷ кардааст. Мувофиқи маълумоти Пажуҳишгоҳи тадқиқоти сулҳи Стокголм (SIPRI), соли 2018 саудиён ба маблағи беш аз 67 миллиард доллар таҷҳизоти низомӣ харидаанд, ки нисбат ба дигар кишварҳои Шарқи Наздик бештар аст. Хароҷоти мудофиа на камтар аз 13 % ММД -и кишварро ташкил медиҳад [2.12]. Тавре ки ВАО хабар доданд, Вашингтон мустақиман Эронро дар ҳамла ба иншооти нефти Саудӣ айбдор карда, онро амали террористӣ номид. Президенти ҳамонвақта Доналд Трамп гуфт, ки ИМА бо Ҷумҳурии Исломӣ "ҳамеша ба ҷанг омода аст". Дар ҳамин ҳол, Майк Помпео, собиқ вазири умури хориҷӣ таъкид кард, ки ИМА "рафтори таҳдидомези" Эронро таҳаммул нахоҳад кард. "Ман бо шоҳзодаи валиаҳди Арабистони Саудӣ Муҳаммад бин Салмон мулоқот кардам, то ҳамлаҳои бесобиқа ба зерсохтори нефтро баррасӣ кунам. ИМА аз Арабистони Саудӣ ҳимоят мекунад ва онро дастгирӣ мекунад. Рафтори таҳдидомези низоми Эрон қобили қабул нест"-гуфт сарвари собиқ дипломатияи Амрико [4, с. 129]. Бояд зикр кард, ки давлатҳои арабии халиҷ низ бо мавқеи Арабистони Саудӣ ҳамраъй ҳастанд ва ҳамлаҳоро ба коркарди нефт бо Теҳрон мепайванданд.

Шомил шудани Арабистони Саудӣ ба низомҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ мавқеъ ва мақоми хосси ин кишварро дар ҳалли масоили мубрами ҷаҳон нишон медиҳад. ШАС узви сохторҳои бонкию молиявии байналмилалӣ ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мебошад, ки моҳи ноябри соли 2005 ба он ҳамроҳ шуд. Арабистони Саудӣ захираҳои калони молиявиро барои кумак ба рушди кишварҳои мусалмонӣ сарф мекунад. Ташкилотҳои башардӯстонаи давлатӣ ва ҷамъиятии Арабистони Саудӣ ҳар сол ҳазорҳо тон маводи башардӯстона ба минтақаҳои офатҳои табиӣ ва низоъ мефиристанд, илова бар ин, саудиён мунтазам барои мардуми гуруснаи Осиё ва Африқо дар иди мусулмонони-Иди Қурбон хайрияҳо тақдим мекунанд. Шоҳигарӣ ба давлатҳои ҷавони ҷаҳони рӯ ба тараққӣ бурсияҳои бебозгашти молиявӣ, қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Инчунин лоиҳаҳои муҳимтарини рушди иқтисодиро барои эҷоди инфрасохтори муосир дар ин кишварҳо мустақиман маблағгузорӣ мекунад. Аз ҳисоби Шоҳигарӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ неругоҳҳои хурди обӣ, иншооти кишоварзӣ, чоҳҳо ва лӯлаҳои об ва мактабҳои касбӣ-техникӣ сохта шуданд. Ҳамзамон Арабистони Саудӣ як ҳиссаи буҷети худро барои кумак ба кишварҳои сусттараққикарда ва камбизоат низ ҷудо мекунад. Бояд қайд кард, ки мувофиқи суханони мақомоти давлатӣ кумаки Саудӣ тавассути созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бидуни шартҳои сиёсӣ ва танҳо ба мақсадҳои осоишта расонида мешавад [2.13]. Мувофиқи маълумоти нахустин Форуми байналмилалии башардӯстонаи Шоҳигарӣ, ки рӯзи 26.02.2018 дар Риёз баргузор гашт, Шоҳ Салмон бин Абдулазиз дар маросими ифтитоҳи он изҳор кард, ки Арабистони Саудӣ дар 10 соли охир (2007-2017) ба

маблағи тақрибан 33 миллиард доллар кумаки ҷаҳонӣ хайрия кардааст. Лоиҳаҳои кумак дар саросари панҷ қитъа амалӣ шудааст, аз ҷумла кишварҳои Осиё 21 млрд $ (66,33 %), Африқо 9,76 млрд $ (30,76 %), Аврупо 379,0 млн. $ (1,19 %), Амрикои Шимолӣ 376,3 млн. $ (1,19 %) ва Осиёи Марказӣ 170,3 млн. $ (0,54 %) дарсади ҳаҷми умумии кумакро дарёфт кардаанд. Дар маҷмуъ, тибқи суханони Салмон бин Абдулазиз Арабистони Саудӣ аз соли 2007 то феврали 2017 ба 999 лоиҳа дар 78 кишвари ҷаҳон 32,65 млрд. $. пардохт кардааст [2.14].

Хулоса аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки гуногунсамтии (арабӣ-мусулмонӣ, аврупоӣ, амрикоӣ ва инчунин самтҳои навбунёди "осиёӣ") сиёсати хориҷии ШАС бо ҳам мухолифат намекунанд. Баръакс, муносибатҳои кунунии робитаҳои сиёсати хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мукаммал мешаванд ва барои ШАС ҷиҳати ҳалли мушкилоти субот ва амният дар минтақаи Халиҷи Форс, Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва дар маҷмуъ ҷаҳони арабу мусулмон мусоидат мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Александров, И.А. Монархии Персидского залива: этап модернизации / И.А. Александров. - М: Дело и сервис, 2000. - 544 с.
2. Васильев, А.М. История Саудовской Аравии (1745–1973) / А.М. Васильев. - Москва: Наука, 1982. -612 с.
3. Зайчиков, В.И. Отношения между королевством Саудовская Аравия и США в контексте региональных и международных процессов: 1980-е гг.-2006 г / В.И. Зайчиков. - Москва, 2006. -167 с.
4. Диансаи, Б. Иран и Саудовская Аравия на Ближнем Востоке: лидерство и межрелигиозная конфликтность (2011-2017) / Б. Диансаи // Вестник РУДН, серия Международный отношения, 2018, Т. 18, -№ 1. -С. 124-134.
5. Косач, Г.Г. Организация Исламская конференция: региональное объединение в современном мире / Г.Г. Косач // Региональные организации: современые тенденции развития. сб. ст. / Моск. гос. ун-т, Ин-т стран Азии и Африки. Отв. ред. Е.С. Мелкумян. – М., 2003. – С. 156-183.
6. Косач, Г.Г. Внешняя политика Саудовской Аравии: приоритеты, направления, процесс принятия решений / Г.Г. Косач, Е.С. Мелкумян. - Москва: ИИИиБВ, 2003. - 236 с.
7. Куйсинова, Ф.О. Организация исламского сотрудничества как фактор политического сотрудничества мусульманских стран / Ф.О. Куйсинова // Актуальные вопросы современного образования: материалы междунар. науч.-практ. конф., Санкт-Петербург, 12 нояб. 2020 г. Отв. ред. А.А. Зарайский. – Саратов, 2020. – С. 73-77.
8. Мелкумян, Е.С. Совет сотрудничества арабских государств Залива: история, ключевые достижения и перспективы развития / Е.С. Мелкумян // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 25, Междунар. отношения и мировая политика. – 2019. – № 1. – С.108-137.
9. Науменко, Т.В. Саудовская Аравия и её конкурентоспособность среди стран ближневосточного региона / Т.В. Науменко, К.В. Тимахов // Вестник МГИМО-Университета. - 2019. № 1(64). -С. 147-167.
10. Нейматов, А.Я. Основные приоритеты внешней политики и дипломатии Саудовской Аравии на современном этапе / А.Я. Нейматов. - Москва, 2012. - 220 с.
11. Салум Хоссам Е. Политика Саудовской Аравии после войны в Ираке / Е. Салум Хоссам // Вестник РУДН, серия Международный отношения. - 2009. - № 1. - С.53-61.
12. Сулейманов, А.В. Саудовская Аравия, Иран, Турция и Пакистан: проблемы взаимоотношений в рамках ОИК / А.В. Сулейманов // Вестник РУДН, серия Международный отношения, 2010. - № 4. - С.29-34.
13. Уолд Эллен Р. Saudi Inc. История о том, как Саудовская Аравия стала одним из самых влиятельных государств на геополитической карте мира. - Издательство: Альпина Паблишер, 2019. – 272 с.
14. Чикризова, О.С. Саудовская модель развития для «мира ислама»: особенности и ограничения / О.С. Чикризова // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. - 2019. - Т.19. - № 4. - С.545-565.
15. Юрченко, В.П. Военная политика и военное строительство в странах Арабского Востока (конец XX – начало XXI века). В 2-х частях / В.П. Юрченко. - М.: ИБВ, 2007. - 492 с.; - М.: ИБВ, 2007. - 472 с.
16. Яковлев, А.И. Страны Востока в начале XXI века: от догоняющей модернизации к модернизации развития / А.И.Яковлев // «Восток» (Oriens). - М.: Российская академия наук (РАН), 2015. - №4. - С.153-160.

Сарчашмаҳо

2.1.https://www.worldbank.org/en;https://ru.wikipedia.org/wiki/ Экономика_Саудовской_Аравии. (Санаи мурочиат 21.11.2022(.
2.2. www.krugosvet.ru/articles. 29.01.2008. (Санаи мурочиат 24.01.2023).
2.3. www.agentura.ru/dossier/saudi. 29.12.2008. (Санаи мурочиат 14.02.2023).
2.4. https://lenta.ru/news/2013/10/22/bandar/ Глава саудовской разведки заявил о «существенном пересмотре» отношений с США. Санаи мурочиат 19.11.2022.
2.5. Крашенинникова В. Разговор об идеалах. https://vz.ru/opinions/2014/3/28/679397.html. (Санаи мурочиат 17.01.2023).
2.6. Кузнецов А. Катар отозвал своего посла из Ирана Саудовско-иранский кризис, 06.01.2016, 21:29. https://www.rbc.ru/politics/06/01/2016/568d599d9a794703b2e45422 (Санаи мурочиат 22.11.2022).
2.7. https://www.bbc.com/russian/news-45923284 Саудовская Аравия признала смерть Хашогги, задержаны 18 человек. 20.10.2018. (Санаи мурочиат 2.01.2023).

2.8. Президент
2.9. https://www.interfax.ru/world/563153 Саудовская Аравия заключила с США военные контракты на $110 млрд. 20.05. 2017.
2.10. https://www.interfax.ru/business/508614 США опубликовали размер долга перед Саудовской Аравией; https://www.rbc.ru/finances/16/05/20 США впервые рассекретили сумму своего долга перед Саудовской Аравией; https://lenta.ru/news/2016/05/16/ussaudidebt/ США впервые за 40 лет назвали сумму долга перед Саудовской Аравией; https://ru.wikipedia.org/wiki/Государственный_долг_США.
2.11. https://thediplomat.com/2017/08/closer-ties-china-and-saudi-arabia-sign-70-billion-in-new-deals/Closer Ties: China And Saudi Arabia Sign $70 Billion in New Deals (Робитаҳои наздик: Чин ва Арабистони Саудӣ 70 миллиард доллар созишномаҳои нав ба имзо мерасонанд); *www.jewishvirtuallibrary.org* Public Opinion in Saudi Arabia .
2.12. https://nangs.org/news/world/vrazhda-irana-i-saudovskoy-aravii-region-dvizhetsya-k-bolyshoy-islamskoy-voyne Асатрян Георгий. Вражда Ирана и Саудовской Аравии: регион движется к большой исламской войне? 23.09.2019. (Санаи мурочиат 14.01.2023).
2.13. https://rus.azattyk.org/a/kyrgyzstan-school-saudi-arabia-fund/29497673.html (Санаи мурочиат 7.09.2021).
2.14. https://reliefweb.int/report/world/saudi-arabia-s-aid-world-reaches-nearly-33-billion-10-years Saudi Arabia's Aid to the World Reaches Nearly $33 Billion in 10 years. (Кӯмаки Арабистони Саудӣ ба ҷаҳон дар 10 соли наздик ба 33 миллиард долларро ташкил медиҳад) 28.02.2018. (Санаи мурочиат 07.09.2021).

НАЗАРЕ БА МАВҚЕИ СИЁСИВУ ИҚТИСОДИИ ШАС ДАР МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

Дар мақола мақом ва нақши бузургтарин, сарватмандтарин ва бонуфузтарин давлат дар нимҷазираи Арабистон-Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) дар раванди сиёсати ҷаҳони муосир мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Таҳқиқ бозгӯи он аст, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҳамчун бузургтарин давлат аз нигоҳи чуғрофию иқтисодӣ дар Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва содиркунандаи асосии нефт дар минтақа нақши ҳалкунанда дорад. Дар мақола муаллифон дар заминаи пажуҳиши ҳодисаҳое, ки ҳоло дар ҷаҳони ислом мушоҳида мешаванд, таъкид мекунанд, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар дохили минтақаи арабии халиҷи Форс фаъолияти сиёсии хориҷии худро тавассути Лигаи Давлатҳои Араб (ЛДА) ва Шурои ҳамкории кишварҳои араби халиҷи Форс (ШҲКАХФ) амалӣ мекунад. ШАС дар ташкилотҳои мазкур кӯшиш мекунад, ки нақши роҳбарикунандаро ичро кунад ва ба он низ муваффақ мешавад. Муаллифон қайд мекунанд, ки, мутаассифона, ҳаводиси солҳои охири кишварҳои араб нишон дод, ки ташкилотҳои дар боло зикршуда дар ҳалли масоили мубрами давлатҳои мусулмоннишин таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Инчунин дар мақола дар асоси матолиби расонаҳо ва дигар адабиёти зарурӣ самтҳои асосии сиёсати хориҷии ШАС, ин, пеш аз ҳама, муносибатҳо бо ИМА, муноқишаи Фаластину Исроил, вазъи Яману Ироқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, ШАС дар баробари ҳамкорӣ бо ИМА, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, инчунин ба Чин ва Ҳиндустон низ таваҷҷуҳ дорад. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки айни замон Чин яке аз шарикони муҳимми иқтисодии Арабистони Саудӣ ба шумор меравад, ки муносибатҳои байни онҳо вақтҳои охир фаъолона рушд карда истодаанд. Инчунин дар мақола зикр мешавад, ки ШАС захираҳои калони молиявиро барои кумак ба рушди кишварҳои мусалмонӣ сарф мекунад. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки кумакҳои башардӯстонаи Саудӣ тавассути созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бидуни шартҳои сиёсӣ ва танҳо ба мақсадҳои осоишта расонида мешаванд. Дар хулоса муаллифон чунин меҳисобад, ки гуногунсамтии (арабӣ-мусулмонӣ, аврупоӣ, амрикоӣ ва инчунин самтҳои навбунёди "осиёӣ") сиёсати хориҷии ШАС бо ҳам мухолифат намекунанд. Баръакс, муносибатҳои кунунии робитаҳои сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ мукаммал мешаванд ва барои ШАС ҷиҳати ҳалли мушкилоти субот ва амният дар минтақаи халиҷи Форс, Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва дар маҷмуъ ҷаҳони арабу мусулмон мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, сиёсат, муносибат, нақш, минтақа, расонаҳо, Шарқи Наздик, ИМА, Чин, нефт, рақобат, манфиат, мавқеъ.

ВЗГЛЯД НА ПОЛИТИЧЕСКОЕ И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ КСА В РЕГИОНЕ И МИРЕ

В статье исследованы и проанализированы статус и роль крупнейшего, богатейшего и влиятельнейшего государства Аравийского полуострова - Королевства Саудовской Аравии (КСА) в процессе современной мировой политики. Исследование показывает, что решающую роль играет Королевство Саудовская Аравия как крупнейшая по географии и экономике страна Ближнего Востока и главный экспортер нефти в регионе. В статье автор в контексте исследования событий, наблюдаемых в настоящее время в исламском мире, подчеркивает, что Королевство Саудовской Аравии в пределах арабского региона Персидского залива осуществляет свою внешнеполитическую деятельность через Лигу арабских государств (ЛАГ) и Совет сотрудничества арабских государств Персидского залива (ССАГПЗ). КСА пытается играть руководящую роль в этих организациях, и ему это удается. Автор отмечает, что, к сожалению, события последних лет в арабских странах показали, что вышеупомянутые организации не могут оказать серьезного влияния на решение насущных вопросов мусульманских стран. Также на основе сообщений СМИ и другой необходимой литературы в статье рассмотрены основные направления внешней политики КСА, в первую очередь, отношения с США, палестино-израильский конфликт, ситуация в Йемене и Ираке. По мнению автора, КСА заинтересована в сотрудничестве с США, странами Евросоюза, Японией, а также с Китаем и Индией. Автор статьи отмечает, что в настоящее время Китай является одним из важнейших экономических партнеров Саудовской Аравии, и отношения между ними в последнее время активно развиваются. В статье также упоминается, что КСА тратит большие финансовые средства на помощь развитию мусульманских стран. При этом подчеркивается, что саудовская гуманитарная помощь оказывается через государственные и общественные организации без политических условий и только в мирных целях. В заключение автор считает,

что разнонаправленность (арабско-мусульманское, европейское, американское, а также вновь созданные «азиатские» направления) внешней политики КСА не противоречат друг другу. Наоборот, нынешние отношения внешнеполитических отношений Саудовской Аравии будут улучшаться и для КСА это поможет решить проблемы стабильности и безопасности в регионе Персидского залива, Ближнего Востока и в целом арабо-мусульманского мира.

Ключевые слова: Королевство Саудовской Аравии, политика, отношения, роль, регион, СМИ, Ближний Восток, США, Китай, нефть, конкуренция, интерес, позиция...

A VIEW ON THE POLITICAL AND ECONOMIC SITUATION OF KSA IN THE REGION AND THE WORLD

A look at the political and economic situation of KSA in the region and the world The article explores and analyzes the status and role of the largest, richest and most influential state of the Arabian Peninsula - the Kingdom of Saudi Arabia (KSA) in the process of modern world politics. The study shows that the Kingdom of Saudi Arabia plays a decisive role as the largest country in the Middle East in terms of geography and economy and the main oil exporter in the region. In the article, the author, in the context of studying the events currently observed in the Islamic world, emphasizes that the Kingdom of Saudi Arabia within the Arab region of the Persian Gulf carries out its foreign policy through the League of Arab States (LAS) and the Cooperation Council for the Arab States of the Gulf (GCC). The KSA is trying to play a leadership role in these organizations, and it is succeeding. The author notes that, unfortunately, the events of recent years in the Arab countries have shown that the above-mentioned organizations cannot have a serious impact on the solution of pressing issues of Muslim countries. Also, based on media reports and other relevant literature, the article discusses the main directions of the foreign policy of the Saudi Arabia, primarily relations with the United States, the Palestinian-Israeli conflict, the situation in Yemen and Iraq. As the author states, KSA is interested in cooperation with the USA, EU countries, Japan, as well as with China and India. The author of the article notes that at present China is considered to be one of the most important economic partners of Saudi Arabia, and relations between there countries have been actively developing recently. The article also mentions that the KSA spends a lot of money to help the development of Muslim countries. At the same time, it is emphasized that Saudi humanitarian assistance is provided through state and public organizations without political terms and only for peaceful purposes. In conclusion, the author believes that the different directions (Arab-Muslim, European, American, as well as the newly created "Asian" directions) of the KSA foreign policy do not contradict each other. On the contrary, the current relations of Saudi Arabia's foreign policy relations will improve and for the KSA this will help solve the problems of stability and security in the Persian Gulf region, the Middle East and the Arab-Muslim world as a whole.

Keywords: Kingdom of Saudi Arabia, politics, relations, role, region, media, Middle East, USA, China, oil, competition, interest, position...

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Қаландаров Сарабек Давлатёрович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Сведения об авторах: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Каландаров Сарабек Давлатёрович - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the authors: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Kalandarov Sarabek Davlatyorovich - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-505-44-60**

ТДУ: 008:007 (575.3)

ИНЪИКОСИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ЗАМОНИ ШУРАВӢ ДАР САФАРНОМАҲО

Бозорзода Н.Ш., Абдуллозода М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон

Табиист, ки публитсистону адибон ҳангоми сафар ба масъалаву муаммоҳои гуногун, шахсиятҳои алоҳида, мавзею маконҳои ҷолиб, ҷойҳои таърихию фарҳангӣ, урфу одати мардуми мухталиф ошно гардида, таассуроти сафарашонро дар шакли қайдҳои сафар ё таассуроти сафар рӯйи сафҳа меоранд. Дар ин нигошта сафарномаҳои адибону публитсистони тоҷик, чун С. Улуғзода “Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии С. Айнӣ” [18], Ф Муҳаммадиев “Нориниёнем мо” [15], Ҷ. Икромӣ “Аз Сталинобод то ба Киев” [11], И. Файзуллоев “Ба Доғистон – ба оғӯши дӯстон” [19], М. Шукуров ва А. Сайфуллоев “Рӯзномаи ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина” [23], Ю. Акобиров “Шод бош, Озарбойҷон!” [1], А. Баҳорӣ “Хотираҳои саёҳати бистрӯза” [3], “Ватани Манас” [4], А. Деҳотӣ “Меҳри Москва” [8], Ғ. Мирзо “Сафари диёри дӯстон” [13], М. Миршакар “Хотираи чанд рӯз” [14], А. Рабиев “Дар дили Сибир” [16], У. Раҷабов “Шонздаҳ рӯз дар хонаи дӯстон” [17], М. Хоҷаев “Мавҷе аз Балтика” [21] ва ғайраро аз ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва адибони хориҷиро, чун Имант Зиёдонис ва Виталий Каротич «Чумчаи урфӣ» [10], Парвиз Нотили Хонларӣ «Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ» [20], адибаи Полша Янина Дзярновская “Хеле дур аз Варшава” [9], рӯзноманигорони Ҷумҳурии халқии Полша, зану шавҳар Гражина ва Анҷей Милошҳо «Салом, Душанбе » [12], адиби турк Нозим Ҳикмат «Қайдҳои хурд дар бораи сафари бузург» [22], адиб ва омӯзгори Ҳиндустон Зореъ Ансорӣ «Равобити мо хеле қадимист» [2] ба риштаи таҳқиқ мекашем.

Сафар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ сафар ба дохили мамлакат ҳисоб мешуд. Ин гуна сафарҳо бештар дар шакли даҳаю ҳафтаю рӯзҳои адабиёт ва санъати як ҷумҳурӣ ба ҷумҳурии дигар, сафарҳои илмӣ, конфронсҳо, анҷуманҳо, сайру сафарҳои истироҳативу кории ашхоси касбу кори гуногун – рӯзноманигорон, адибон, кормандони соҳаи фарҳанг ва ғайра сурат мегирифт. Табиист, ки аз ин сафарҳо аксари маводро дар шакли сафарнома бештар аҳли қалам омода, чоп ва ба хонанда пешниҳод мекарданд.

Аз 20 то 27-уми ноябри соли 1959 Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардидааст. Аз ин чорабинии фарҳангӣ яке аз аъзои ҳайати адибон – Ғаффор Мирзо бо номи «Сафари диёри дӯстон» сафарнома менависад, ки дар ду шумораи маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп шудааст. Ҳайат аз шаш нафар, ду насрнавис – Сотим Улуғзода (раис), Толис Пӯлодов ва чаҳор шоир – Боқӣ Раҳимзода, Аширмат Назаров, Файзулло Ансорӣ ва Ғаффор Мирзо иборат будааст. Адибони тоҷик аввал ба Ленинобод (Суғди имрӯза) мераванд. Дар Хуҷанд онҳоро нависандаи маҳбуби халқ Раҳим Ҷалил меҳмондорӣ намуда, баъдан, баъзе ҷойҳои Хуҷанди бостонӣ ва соҳили дарёи Сирро тамошо медиҳад [13, с. 41].

Муаллиф дар сафарнома лаҳзаҳои ҷолиби дидаашро тасвир месозад, онҳоро шарҳ медиҳад, андеша меронад. Ин нукта хусусан нисбат ба дӯстӣ, қарибӣ, қаринӣ ва пайванди хешутабории халқҳои тоҷику ӯзбек баръало ба чашм мерасад. Адибони моро дар Тошканд, ки аз вилояти Суғд ҳамагӣ 35 дақиқа роҳ будааст, хеле хуш пешвоз мегиранд. Боздидҳои адибони тоҷик аз комбинати бофандагии шаҳри Тошканд, заводи мошинаҳои хоҷагии қишлоқ, истгоҳи барқи обии Фарҳод, аз Мирзочӯли тоҷикону ӯзбекон, шаҳрҳои Янгиеру Самарқанд таассуроти хуш ва фаромӯшношуданӣ мегузорад. Дар сафарнома ҳамчунин дар бораи адабиёти тоҷику ӯзбек ва робитаи қадимаи он низ сухан меравад.

Ғаффор Мирзо ҳамчунин дар чанд ҷойи мавод таассуроти худро бо шеър баён кардааст, ки ин сафарномаро рангин сохтааст. Баргузории чунин ҳафтаҳои адабиёту санъат дӯстию равобити фарҳангии халқҳову адабиётҳоро пойдор месозанд. Баъди ин сафар риштаи дӯстии адабиёту санъати халқҳои тоҷику ӯзбек боз ҳам мустаҳкамтар гардида, муносибатҳо ривоҷу равнақ ёфтаанд.

Сафарномаи Сотим Улуғзода «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии С. Айнӣ» хеле ҷолиб аст. Дар ин сафар онҳо се нафаранд.

– Мо ба Бухоро саёҳат мекунем, – мегӯянд Айнӣ, – нигоштааст Улуғзода, – Икромӣ ҳам меравад, шумо ҳам равон шавед» [18, с. 11]. Гарчанде Сотим Улуғзода узр пеш меорад, ки «Даҳрӯзаи адабиёт наздик аст, китобамро навишта тамом карданам лозим буд…». Айнӣ ба ӯ посух медиҳад, ки «Ана, аз барои ҳамин ман шуморо бо ҳамроҳии ман равед гуфта истодаам. Шумо дар вагон чизи навиштагиатонро ба ман мехонед, ман мехоҳам, ки бо китоби шумо ошно шавам» [18, с. 2].

Дар ҳақиқат ҳам, устод Айнӣ ба серкорӣ нигоҳ накарда, таъкид менамояд: – Дар сафар ҳам бошад кор мекунем, ман дар ҳама ҷо, доим кор мекунам…

– Аз сафари Бухоро як мақсади Айнӣ зиёрат кардани деҳае буд, ки Абӯ Алӣ Сино дар он ҷо зоида шудааст. Баъдан, дар натиҷаи пурсуҷӯйҳои зиёд қабри Мушфиқиро низ аниқ карда, ба дафтари котиби кумитаи ҳизбии вилоят оид ба кори пропаганда Қӯчқоров қайдҳо дохил мекунонанд. Сипас, қабри шоири асри XV Хоҷа Исмати Бухороиро низ ба ӯ нишон медиҳанд, то ки лозим ояд, таъмир кунанд.

Чуноне С. Улуғзода зикр мекунад, устод Айнӣ ҳофизаи хеле қавӣ дошта, ба рафиқон дар бораи Бухорову даврaҳои бачагии худ нақлҳои аҷоиб мекунад. Баробари ин, аз Улуғзода талаб мекардааст, ки аз дастнависи асараш бихонад ва ба ҳамроҳон доир ба тарзи навиштани асарҳо маслиҳатҳо низ медодааст.

Сотим Улуғзода баъди муддате навиштаи худро хонда, онро чунин ҷамъбаст мекунад: «Баъди дах моҳи саёҳати Бухоро ин «қайдҳои сафарии» худро хонда, ман мебинам, ки на он қадар дар бораи саёҳат, балки бештар дар бораи роҳбари саёҳатамон Садриддин Айнӣ навиштаам. Дар назари аввал ин мумкин аст камтар аҷиб ҳам намояд, аммо дар ҳақиқати ҳол ҳеҷ аҷоибот надорад: ҳамчун нависанда, ҳамчун олим, ҳамчун инсон Айнӣ шахси аҷоиб, симои барҷастаест, ки гарчанде шумо аз ин пеш бо ӯ чандин бор мулоқот карда ва ҳамсуҳбат шуда бошед ҳам, боз дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳол вай диққати шуморо ба худ ҷалб мекунад... Ин асар сазоворона мукофоти Сталинӣ гирифт» [18, с. 11].

Дар сафарнома, чуноне худи муаллиф ҳам қайд кардааст, Айнӣ ва амалиётҳои ӯ тасвир ёфта бошанд ҳам, хонанда аз нақли Улуғзода ҳам дар бораи устод Айнӣ, ҳам дар бораи ҷойҳои таърихии Бухорову одамони наҷиби он маълумотҳои хеле ҷолиб мегирад. Хусусан, фидокорию ғамхории устод нисбат ба бузургони миллат, чун Ибни Сино, Мушфиқӣ, Хоҷа Исмат, ки зодагони Бухороянд ва мақсади сафар ҳам равшан намудани зодгоҳу марқади онҳо буд, дарси ибрат аст.

Зикр кардан мехоҳем, ки як қисм сафарномаҳо натиҷаи сафари адибони тоҷик ба Федератсияи Русия мебошад. Маводе, ки аз сафари Маскав таълиф гардидааст, «Хотираи чанд рӯз» ном дорад. Сафари Мирсаид Миршакар дар арафаи 50-солагии СССР ба вуқуъ пайваста, аз 27-уми сентябр то 3-юми октябри соли 1972 давом ёфтааст. Муаллиф дар оғози маводи ҳар рӯзи сафар санаҳои онро гузошта, сипас, каме аз рафти сафар ва диду боздидҳои хеш дар Маскав нақл карда, баъдан, хаёлан ба Тоҷикистон баргашта, аз гузаштаву муосир ва тараққиёти илму маданияти он дар шакли муқоиса ҳарф задааст [14, с. 114-125]. Ин сафарномаро аз нигоҳи жанрӣ ба навъи қайдҳои сафар шомил намудан мумкин аст.

Сафарномаи «Дар дили Собир»-и Абдурофеъ Рабиев аз бунёдгарони шоҳроҳи Байкалу Амур (БАМ) ҳикоят мекунад. Дар сохтмони БАМ ҷавонони тоҷик ҳам кор карда, шаҳракеро бо номи Солони бунёд намуда, дар сохтмони он усулҳои шарқии меъморио истифода бурдаанд, ки хеле ҷолиб будааст. Муаллиф ба Сибир сафар карда, зисту зиндагонӣ ва корнамоиҳои тоҷикистониёнро моҳирона тасвир намудааст [16, с. 11].

Бархе аз ин сафарномаҳо рӯзҳову ҳафтаву даҳаи адабиёту санъати тоҷикро дар Федератсияи Русия инъикос кардаанд.

Сафарномаи нисбатан комиле, ки хонандаро бо рафти Даҳаи адабиёти тоҷик дар кишвари Русия ошно месозад, «Шонздах рӯз дар хонаи дӯстон»-и Убайд Раҷабов мебошад. Он ҳаҷман васеъ буда, ба гуфтаи муаллиф, танҳо қайдҳояш оварда шудааст. Ин нигошта аз ҷиҳати шаклу мазмун ва тарзи нигориш сафарномаи пурра аст. Он оғозу анҷом дошта, таърихи рӯзҳои сафар, рафти ҳодисоту воқеот ва ҷойи он дақиқ нишон дода шудааст, ки аз хусусиятҳои хосси сафарнома ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар оғоз ба хонанда мурочиат мекунад: «Қиссаи ин сафар дуру дароз аст, ки нақли ҳар як соати он китоби тамом хоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки даставвал аз хонандагони қадрдон узр мехоҳам. Тафсил ва тасвири пурраи сафарро ба дафъаи дигари мувофиқтаре вомегузорам, ки дар айни ҳол ичро ва анҷоми он имкон намепазирад. Инак, ба диққати шумо мухтасари хотироти он рӯзҳоро

ҳавола мекунам, ки ба тариқи қайдҳои як рӯзноманигор мебошад» [17, с. 11]. Баъди ин тасвири сафар оғоз меёбад: «Дувоздаҳ нафарем, – омадааст дар қисми аввал, – нуҳ шоир, як носир, як мунаққид ва як нафар аз аҳли ҳунар. Икромиву Ниёзӣ, ки дар Москваанд, худи ҳамин рӯз ба Махачқалъа меоянд. Чаҳор нафар аз ходимони радиову телевизион ва матбуот низ ҳамроҳи мо мераванд» [17, с. 11].

Даҳаи адабиёт аз сарзамини доғистониён шуруъ шудааст. Ба пешвози иштирокчиёни даҳаи адабиёт шоири шаҳири Доғистон Расул Ғамзатов низ мебарояд. Ӯ иштирокчиёнро ба диёри ҳамешабаҳори худ, ба сарзамини Сулаймон Сталский ва Ғамзат Садаса хайра мақдам гуфтааст. Адибони моро бо сарварии Мирзо Турсунзода, ҳар куҷое, ки рафта бошанд, хоҳ дар Доғистон, хоҳ дар Астрахан, хоҳ дар Волгоград ва хоҳ дар Ленинграду Маскав бо як самимияти хосса, бо ихлоси баланд пешвоз гирифтаанд. Дар ҳама ҷо шеъру суруд танин меандохту риштаи дӯстиву муҳаббат робитаи адабиётҳоро қавитар месохт.

Сафарнома баробари он ки хонандаро аз рафти сафар воқиф месозад, факту рақамҳои зиёди аҳаммиятнокро низ дарбар гирифтааст. Хонанда ҳангоми мутолиаи сафарнома бо мавзеъҳои таърихӣ, ашхоси барӯманд, дастовардҳои бемисли бошандагони кишвари паҳновари рус ошно мегардад.

Муаллиф Убайд Раҷаб дар сафарнома нақши фаъол дошта, хатти сафар ҳам возеҳу равшан аст. Аз ин ҷиҳат, сафарнома хотирмон мебошад. Интиҳои сафарнома бо санаҳои анҷоми сафар акс карда шудааст: «Сафари адибони тоҷик дар кишвари меҳмоннавози рус поён ёфт. Мо 2 июл дар Москваи қашангу зебо сайру гашт карда, савуми июл ба кишвари азиз, ба оғӯши дӯстони муштоқи худ бо дили бекарор ва саршори муҳаббат баргаштем» [17, с. 36].

Навиштаи дигаре, ки аз ҳафтаи адабиёти тоҷик нақл мекунад, «Рӯзномаи ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина»-и М. Шукуров, А. Сайфуллоев [23] мебошад. Он сафари адибони тоҷикро ба Украина инъикос намудааст. Азбаски адибони тоҷик барои гузаронидани ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина ташриф оварда буданд, тантанаҳо дар ҳама ҷо баргузор мегардиданд. Ҳайати вакилон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ба тамошои шаҳрҳои Украина баромадаанд. Адибони мо 22 майи соли 1962 аз Душанбе ба Маскав ва 25 май ба Украина парвоз мекунанд. Рӯзномаи сафарро ду нафар – М. Шукуров ва А. Сайфуллоев навиштаанд (дар охири мавод номи ҳар ду омадааст). Азбаски адибон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, ба сайру саёҳат ва вохӯриҳо мебароянд, натоиҷи онро низ ду нафар акс кардаанд. Ин чиз аз сафарнома ҳам аён аст, оғози сафарнома муштаракона тасвир ёфта (25-26 май), баъди тақсими иштирокдорони ҳафта, мавод пайи ҳам оварда шудааст. Яъне, аз 27 то 30 май алоҳида-алоҳида ва баъди он, ки гурӯҳҳо боз бо ҳам мепайванданд, интиҳои сафарнома пайваста рақам мегардад.

Рӯзномаи сафар оғозу анҷом дорад, ки пуррагии асарро ифода мекунад, вале дар рӯзнома муаллифон нақши фаъол надоранд. Ин ҳам аз хусусиятҳои хосси як навъи сафарнома – рӯзномаи сафар мебошад, ки рафт ва тасвири ҳодисаю воқеаро дарбар мегирад.

Сафарномаи «Шод бош, Озарбойҷон»-и Ю. Акобиров [1, с. 35-42] ҳам аз даҳаи адабиёт ва санъат ҳикоят мекунад. Он сафари адибони тоҷикро ба Озарбойҷон тасвир намудааст. Азбаски мавзуи сафарнома, чун маводи боло, инъикоси даҳаи адабиёт аст, ин навиштаҳо ба ҳам монанданд, вале маводи дувум танҳо рӯзнома набуда, ҳодисаву воқеаҳои марбути сафарро низ инъикос намудааст. Аз ин сабаб, он ба навъи қайдҳои сафар наздикӣ дорад. Аз он хотир, ки дар сафарнома санаҳои ҳодисаву воқеаҳо рӯзмарра, пайиҳам инъикос гардидааст, мавод рӯзномаи сафар аст.

Маводе, ки рубрикаи «Сафарнома» дорад, «Мавҷе аз Балтика»–и Муҳиддин Хоҷаев [21] мебошад. Нависанда вақте ки соли 1976 дар анҷумани VI нависандагони Латвия иштирок карда, дар ҳайати як гурӯҳ нависандагон ба тамошои колхози «Бривайс вилнис» («Мавҷи озод»), хоҷагии моҳидории Лимбажи мераванд, ваъда медиҳад, ки боз гашта меояд. Ва мувофиқи ваъдааш дубора ба ин хоҷагӣ сафар мекунад, то бо он аз наздик ошно шавад. Сафарнома бештар аз ҳаёти моҳидорон нақл кардааст. Он аз 12 қисм иборат буда, онҳо ҳамдигарро пурра месозанд. Ин сафар ба муаллиф таассуроти калон мебахшад. Сафарнома хонандаро бо тарзи зисту зиндагӣ, кору пайкори мардуми латиш, хусусан, хоҷагии моҳидории «Бривайс вилнис» ошно месозад.

Бояд қайд кард, ки робитаи фарҳангии тоҷикон бо халқҳои дигар, аз ҷумла хориҷиён ҳам ба роҳ монда шуда буд. Инро мо дар сафарномаҳои Имант Зиёдонис ва Виталий Каротич, П.Н. Хонларӣ, Я. Дзярновская, Г. ва А. Милошҳо, Н. Ҳикмат, З. Ансорӣ ва дигарон баръало мушоҳида мекунем. Азбаски дар бораи сафарномаҳои хеле хубу хонданбоби Имант Зиёдонис ва Виталий Каротич «Чумчаи урфӣ», Парвиз Нотили Хонларӣ «Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ», адибаи Полша Янина Дзярновская “Хеле дур аз Варшава”, рӯзноманигорони Ҷумҳурии халқии Полша зану шавҳар Гражина ва Анҷей Милошҳо « Салом, Душанбе», Нозим Ҳикмат «Қайдҳои хурд дар бораи сафари бузург», адиб ва омӯзгори Ҳиндустон Зореъ Ансорӣ «Равобити мо хеле қадимист» дар як навиштаамон сухан ронда будем, ба таҳлили дубораи он барнамегардем [7]. Вале таъкид кардан мехоҳем, ки ин сафарномаҳо низ дар даврони шуравӣ таълиф ёфта, барои барқарор ва мустаҳкам гардидани робитаҳои фарҳангии халқи тоҷик бо кишварҳои гуногуни дунё нақши бузург бозидаанд.

Сафарномаҳое, ки аз ҳудуди собиқ Иттиҳоди шуравӣ ҳикоят намудаанд, пеш аз ҳама, дӯстию рафоқат, инкишофи адабиёту санъат ва маданияту маънавиятро инъикос кардаанд. Ҳамин гуна хусусиятҳоро сафарномаҳои А. Баҳорӣ, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, И. Файзуллоев ва дигарон низ доранд.

Омӯзиши маводи матбуоти даврӣ, хоссатан маҷаллаи “Садои Шарқ” ва рӯзномаҳои кишвар, моро ба чунин хулоса овард, ки сафарномаҳое, ки таассуроти сафари адибони тоҷикро аз кишвари паҳновари шуравӣ ва муаллифони хориҷиро аз кишвари мо инъикос намудаанд, дар таҳкими робитаҳои фарҳангии халқҳо саҳмдор буда, аз чанд ҷиҳат ҷолиб, хонданӣ ва хотирмонанд:

1. Сафарномаҳое, ки муаллифони худӣ, яъне ҳамватанони мо, аз сафари ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ таълиф намудаанд, бо як ҳисси баланд, бо диди нав ва ҷӯяндаву омӯзанда ба риштаи тасвир кашида шудаанд.

2. Чунин таассуроти сафари сайёҳ, ки дидаҳояшро бо тамоми ҳастияш дарк намуда, баъд ба рӯйи коғаз овардааст, ба хонанда доир ба робитаи фарҳангии кишварҳо ва ё мавзеъҳои гуногун маълумотҳои тоза медиҳад.

3. Дар бисёр сафарномаҳо усули муқоиса истифода гардидааст.

4. Чанде аз сафарномаҳо инъикосгари ҳафтаву даҳаҳои адабиёту санъати тоҷик дар мамолики бародарӣ мебошанд. Азбаски мақсади чунин вохӯриву боздидҳо тарғиби адабиёту санъат аст, баробари ин, омӯзиш ҳам ҳаст. Баъдан, баргузории ҳафтаву даҳаҳо хусусияти пайвандгари дӯстии адабиётҳову халқҳоро низ доро мебошанд.

5. Таассуроти адибони хориҷӣ аз ҷумҳурии мо, аз як ҷониб, пайвандгари адабиёту фарҳангу анъанаҳои неки халқҳо бошад, аз тарафи дигар, кишвари моро дар хориҷа муаррифӣ мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акобиров, Ю. Шод бош, Озарбойҷон! / Ю.Акобиров // Садои Шарқ. – 1965. – №12. – С. 35-42.
2. Ансорӣ, З. Равобити мо хеле қадимист / З.Ансорӣ // Садои Шарқ. – 1971. – №1. – С. 102-112.
3. Баҳорӣ, А. Хотираҳои саёҳати бистрӯза / А. Баҳорӣ // Шарқи сурх. – 1955. – №10. – С. 31-40.
4. Баҳорӣ, А. Ватани Манас. Хотираҳои сафари Қирғизистон / А.Баҳорӣ. – Душанбе, 1963. – 53 с.
5. Бозорзода, Н.Ш. Бозтоби ҳаёти хориҷӣ дар сафарнома / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 5. – С. 279-285.
6. Бозорзода, Н.Ш. Заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома дар замони истиқлолият / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 8. -С. 286-292.
7. Бозорзода, Н.Ш. Нигоҳи хориҷиён ба воқеияти Тоҷикистон (дар мисоли сафарномаҳо) / Н.Ш. Бозорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2020. – № 3 (86). – С. 143-150.
8. Деҳотӣ, А. Меҳри Москва / А. Деҳотӣ // Шарқи сурх. – 1950 – №6. – С. 89-103.
9. Дзярновская, Я. Хеле дур аз Варшава / Я.Дзярновская // Садои Шарқ. – 1971. – №6. – С. 107-110.
10. Зиёдонис, И. Чумчаи урфӣ / И.Зиёдонис, В.Каротич // Садои Шарқ. – 1973. – №4. – С. 49-72.
11. Икромӣ, Ҷ. Аз Сталинобод то ба Киев / Ҷ.Икромӣ // Шарқи сурх. – 1959. – №5. – С. 34-44; – №6. – С. 10-20; – №7. – С. 24-50.
12. Милош, Г.А. Салом, Душанбе / Г.А. Милош // Садои Шарқ. – 1974. – №10. – С. 105-111.
13. Мирзо, Ғ. Сафари диёри дӯстон / Ғ.Мирзо // Шарқи сурх. – 1960. – №5. – С. 34-57; – №6. – С. 17-35.
14. Миршакар, М. Хотираи чанд рӯз / М.Миршакар // Садои Шарқ. – 1979. – №12. – С. 114-125).

15. Муҳаммадиев, Ф. Нориниёнем мо / Ф.Муҳаммадиев // Садои Шарқ. – 1977. – №4; – С. 11-35. – №5. – С. 3-29.
16. Рабиев, А. Дар дили Сибир / А.Рабиев // Садои Шарқ. – 1983. – № 6. – 45-51.
17. Раҷабов, У. Шанздаҳ рӯз дар хонаи дӯстон / У.Раҷабов // Садои Шарқ. – 1965. – №8. – С. 11-36.
18. Улуғзода, С. Саёҳти Бухоро бо ҳамроҳии С. Айнӣ / С. Улуғзода // Шарқи сурх. – 1950. – №3. – С. 2-11.
19. Файзуллоев, И. Ба Доғистон – ба оғӯши дӯстон / И.Файзуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1982. – 6 июн.
20. Хонларӣ, П. Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ / П.Хонларӣ // Садои Шарқ. – 1971. – №11. – С. 121-127.
21. Хоҷаев, М. Мавҷе аз Балтика / М.Хоҷаев // Садои Шарқ. – 1978. – №11. – С. 56-89.
22. Ҳикмат, Н. Қайдҳои хурд дар бораи сафари бузург / Н.Ҳикмат // Шарқи сурх. – 1959. – №2. – С. 121-126.
23. Шукуров, М. Рӯзномаи ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Украина / М.Шукуров, А.Сайфуллоев // Шарқи сурх. – 1962. – №7. – С. 42-56.

ИНЪИКОСИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ЗАМОНИ ШУРАВӢ ДАР САФАРНОМАҲО

Табиист, ки публитсистону адибон ҳангоми сафар ба масъалаву муаммоҳои гуногун, шахсиятҳои алоҳида, мавзею маконҳои ҷолиб, ҷойҳои таърихию фарҳангӣ, урфу одати мардуми мухталиф ошно гардида, таассуроти сафарашонро дар шакли қайдҳои сафар ё таассуроти сафар рӯйи сафҳа меоранд. Дар мақола сафарномаҳое, ки аз ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ – Ӯзбекистон, Русия, Латвия, Украина ва ғайра аз ҷониби адибону публитсистони тоҷик С. Улуғзода, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, М. Миршакар, У. Раҷабов, Ю. Акобиров, А. Рабиев, М. Хоҷаев, Ғ. Мирзо ва дигарон эҷод гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин росто, ба сафарномаҳои адибони хориҷӣ, чун Имант Зиёдонис ва Виталий Каротич «Чумчаи урфӣ» [10], Парвиз Нотили Хонларӣ «Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ» [20], адибаи Полша Янина Дзярновская “Хеле дур аз Варшава” [9], рӯзноманигорони Ҷумҳурии халқии Полша, зану шавҳар Гражина ва Анҷей Милошҳо «Салом, Душанбе» [12], адиби турк Нозим Ҳикмат «Қайдҳои хурд дар бораи сафари бузург» [22], адиб ва омӯзгори Ҳиндустон Зореъ Ансорӣ «Равобити мо хеле қадимист» иҷмолан таваҷҷуҳ зоҳир гардида, нақши онҳо дар густариши робитаҳои фарҳангии халқҳо таъкид шудааст. Сафар ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ сафар ба дохили мамлакат ҳисоб мешуд. Ин гуна сафарҳо бештар дар шакли рӯзҳо, ҳафтаҳо ва даҳаҳои адабиёт ва санъати як ҷумҳурӣ ба ҷумҳурии дигар, сафарҳои илмӣ, конфронсҳо, анҷуманҳо, сайру сафарҳои истироҳативу корӣ ашхоси касбу кори гуногун – рӯзноманигорон, адибон, кормандони соҳаи фарҳанг ва ғайра сурат мегирифтанд ва дар таҳкими робитаҳои фарҳангии халқҳо нақши бузург мебозиданд. Муаллифон ба хулосае мерасанд, ки сафарномаҳои аз кишвари паҳновари шуравӣ эҷодгашта ва таълифнамудаи муаллифони хориҷӣ бо як ҳиссиёти баланд, бо диди нав ба риштаи тасвир кашида шудаанд ва ба хонанда доир ба мавзеъҳои ноошно ва ҷолиби сафар маълумотҳои тоза медиҳанд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, сафарнома, таассуроти сафар, рӯзҳо, ҳафта, даҳаи адабиёт ва санъат, робитаҳои фарҳангӣ, адибони хориҷӣ.

ОСВЕЩЕНИЕ СОВЕТСКИХ КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ В ПУТЕШЕСТВИЯХ

Во время поездки публицисты и писатели знакомятся лично с различными вопросами и проблемами, а также с интересными историческими и культурными местами, обычаями и традициями разных людей и записывают свои впечатления в виде путевых заметок. В статье исследуются рассказы о путешествиях таджикских и зарубежных писателей и публицистов бывшего Советского Союза – Узбекистана, России, Латвии, Украины и др. (Улугзода, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, М. Миршакар, У. Раджабов, Ю. Акобиров, А. Рабиев, М. Ходжаев, Г. Мирзо и зарубежом – И. Зиёдонис и В. Каротич, П.Н. Хонлари, Я. Дзярновская, Г. и А. Милошовим, Н. Хикмат, Зореъ Ансори и другие). Поездки в союзные республики считались налаживанием культурных связей народов, а также поездки внутри страны играли важную роль. Такие поездки часто принимали форму дней, недель и декад литературы и искусства одной страны в другой, научные поездки, конференции, съезды, деловые поездки журналистов, писателей, деятелей культуры и т. д. Авторы приходят к выводу, что рассказы о путешествиях по огромной советской стране написаны с тонким юмором, дают читателю новое видение и свежую информацию о незнакомых местах.

Ключевые слова: союзные республики, путевые заметки, впечатления от путешествий, дни, недели и декады культуры и литературы, культурные взаимосвязи, зарубежные писатели.

SOVIET CULTURAL RELATIONS LIGHTING TIME TO TRAVEL

Naturally, during the trip, publicists and writers get acquainted personally with various issues and problems, as well as get acquainted with interesting historical and cultural places, customs and traditions of different people, and write down their impressions in the form of travel notes. The article examines stories about the travels of Tajik writers and publicists from the territory of the former Soviet Union – Uzbekistan, Russia, Latvia, Ukraine, etc. Ulugzoda, M. Shukurov, A. Sayfulloev, M. Mirshakar, U. Radzhabov, Y. Akobirov, A. Rabiev, M. Khodzhaev, G. Mirzo and others. A trip to the union republics was considered the cultural ties of the peoples, and also a trip within the country played an important role. Such trips often took the form of days, weeks and decades of literature and art from one country to another, scientific trips, conferences, conventions, business trips of various professions – journalists, writers, cultural workers, etc. The author comes to the conclusion that the stories about travels from the vast Soviet country are written with a subtle meaning, with a new vision and give the reader fresh information about unfamiliar places.

Keyword: Union republics, travel notes, travel impressions, days, weeks and decades of culture and literature, cultural relations.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Бозорзода Нуриддин Шодипур*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**
Абдуллозода Масрур Аҳмад – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. М.Турсунзода, 30. Тел.: **(+992) 988-06-86-01**

Сведения об авторах: ***Бозорзода Нуриддин Шодипур*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**
Абдуллозода Масрур Ахмад – Российско-Таджикский (Славянский) университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. М. Турсунзаде, 30.
Тел.: **(+992) 988-06-86-01**

Information about the authors: ***Bozorzoda Nuriddin Shodipur*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Phone: **(+992) 909-15-15-16**
Abdullozoda Masrur Ahmad – Russian-Tajik Slavonic University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Tursunzade Str., 30. Phone: **(+992) 988-06-86-01**

ТДУ: 070.13 (575.3)

ИНЪИКОСИ МАВЗЕЪҲОИ САЙЁҲИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

(дар мисоли маҷаллаи “Сафо”)

Расулов К.Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Соҳаи сайёҳӣ таҷассумгари таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Тоҷикистони биҳиштосо - сарзамини миллати куҳанбунёди дорои фарҳанги ғаниву маърифати воло соҳиби иқлими хушу мусоид, манзараҳои нотакрори табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряхҳои азим, обҳои шифобахш, ҳайвоноту набототи нодир, урфу анъанаҳои мардумӣ ва макони беҳтарини сайру саёҳат дар олам мебошад.

Тавре ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон қайд намуданд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва даромадноки иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, бо суръати баланд рушд намуда истодааст.

Дар Тоҷикистон зиёда аз 3000 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки имконоти пеш бурдани ин соҳаи муҳимми бо рушди хоҷагии халқ вобастаро фароҳам меорад.

Маҳз эълон гардидани “Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар соли 2018, идомаи он дар солҳои 2019-2021 аз таваҷҷуҳи ҳукумату давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ташаббус ва дастгириҳои рушди сайёҳӣ дар кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ доир ба масъалаи дурнамои сайёҳӣ таваҷҷуҳи хосса дода шудааст:

Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифатӣ хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва куҳнавардӣ густариш бахшад [7].

Дар воқеъ, дар солҳои 2018-2022 ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар сайёҳон ворид гардида, 600 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта шудаанд. Натиҷаҳои фаъолияти соҳа бо созмон додани ҷойҳои нави тамошобобу сайёҳӣ, ҷалб шудани аҳолӣ ба хизматрасонӣ, сохта шудани нуқтаҳои савдо, меҳмонхонаву тарабхонаҳо, истеҳсол ва фурӯши маҳсули ҳунарҳои мардумӣ муайян мегардад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, таҳия ва тасдиқи “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва бори нахуст муқаррар намудани нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”, “Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои солҳои 2019-2022”, қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018 “Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ аз андоз, аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд”, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ”, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» вобаста ба ҷорӣ намудани хироҷи сайёҳӣ.

Муҳаққиқон А. Мирзоалиев ва А. Сафаров доир ба ҷанбаи назариявии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир қайд мекунанд, ки: “Вобаста ба масоили рушди сайёҳӣ, аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии он корҳои зиёд ва арзишманди илмию амалӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Ба назари мо, дар шароити имрӯза сайёҳӣ на танҳо амалеро мемонад, ки бо фароғат маҳдуд мешавад, балки фаъолиятеро бозгӯ менамояд, ки ба рушди васеи дигар соҳаҳо асос гузошта, батадриҷ сайёҳии истеҳсолиро ба вуҷуд меорад.

То асри XIX ибораи туризм ба сифати категорияи мушаххаси илми иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Ибораи «tour» дар забони маъмулии одӣ ҳаракати

муваққатиеро ифода менамояд, ки шахс ва ё нафаре бо мақсади муайян ба ҷое сафар менамояд. Ин мафҳум бо гузашти вақт такмил ёфта, дар забони шохаи васеи илмию оммавӣ ибораи «tourism» - ро ба худ касб намудааст” [8].

Муҳаққиқ М. Абдуллоева, ки инъикоси мавзуи сайёҳиро дар нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Ҷавонони Тоҷикистон” баррасӣ намудааст, ба бозтоби ҷойҳои таърихию сайёҳии Хатлон низ таваҷҷуҳ карда, дар мисоли нигоштаи адиб Маҷид Салим чунин воқеаро таҳлил намудааст: «Дар тобистон бо як сайёҳи амрикоӣ, ки аз Сари Хосор бармегашт, вохӯрдам. Ман ба чеҳраи офтобхӯрдаи меҳмони хориҷӣ нигоҳ кардаму ба шигифт омадам. Охир, вай дучархасавор ин қадар роҳро тай намудааст. Дар дасташ зарфи об дошт ва маънидорона нигоҳе карда гуфт: - Оби шаршараи Сари Хосор. Нӯшед, дар гармӣ роҳати ҷон аст. Боз ҳайратам афзуд. Беҳуда намегӯянд, ки «ҷаҳондида бошу ҷаҳонхӯрда не». Ӯ бо забони тоҷикӣ ҳарф мезаду шукри обу хоки Тоҷикистон менамуд» [1, с.258].

Тавре ки муҳаққиқони мавзуи сайёҳӣ ва инъикоси он дар матбуоти тоҷик қайд мекунанд: “ВАО дар шароити бозори иттилоотӣ бо соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, аз ҷумла туризми индустриалӣ робитаи зич доранд. Тавассути ВАО ва махсусан, матбуоти даврӣ ташаккул додани фарҳанги меҳмоннавозӣ, баланд бардоштани маърифати муошират бо сайёҳон ва васеъ гардонидани доираи ҷаҳонбинии одамон роҷеъ ба маконҳои истироҳатӣ ва амсоли ин равона гардидаанд” [1, с.260].

Мо инъикоси мавзуи сайёҳиро дар маҷаллаи “Сафо” таҳлил намуда, бастаи солҳои 2018-2021-ро мавриди омӯзиш қарор додем. Маҷаллаи “Сафо” нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон буда, дар муаррифии воқеияти зиндагии сокинони вилоят саҳми арзанда мегузорад.

Маҷаллаи вилоятӣ ба татбиқи сиёсати имрӯзаи давлат, тарғиби дастовардҳои Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ, дӯстию бародарии миллатҳо, ҳаёти занону духтарон, фаъолияти мақомоту идораҳои вилоятӣ, соҳаи кишоварзӣ ва маориф, тандурустӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, мушкилоти ҷомеа диққат медиҳад.

Пайгирӣ кардани мавзуи амалӣ шудани барномаҳои рушди сайёҳӣ дар вилоят, ҷалби таваҷҷуҳи хонандагони маҷалла ба тамошои ҷойҳои зебову табиӣ ва таърихию мадании Хатлон яке аз мавзуъҳои асосӣ буда, маводи ҷолибу хонданӣ ва аксҳои рангаву ҷаззоб ба табъ мерасонад. Барои ин мавзуъ рубрикаи “Рушди деҳот: сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ташкил шудааст. Ба ғайр аз интишори мавод дар бораи ҷойҳои сайёҳии ҷанубу ғарбии вилоят –минтақаи Бохтар силсилаи мавод ба ҷойҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоб низ бахшида шудааст. Мо тарғиби табиату ҷойҳои сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро дар маҷаллаи “Сафо” мавриди таҳлили журналистиву илмӣ қарор додем.

Дар шумораи №1, 2018 дар сармақолаи муҳаррир “Меҳвари Паём – зиндагии шоистаи мардум” муҳтавои эълон шудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ шарҳ ёфта, хулосаи муаллиф чунин омадааст: “Мутмаинем, ки дар баробари азнавсозию ободонии мавзеъҳои саёҳатбоби кишвар, таъмини ҳазорҳо ҷойҳои корӣ ва ба маротиб афзудани теъдоди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар ва умуман рушди соҳаи туризм мо санъату ҳунарҳои қадимии ниёгонро дубора эҳё менамоем” [9].

Дар шумораи мазкур маводи Абдулқосим Раҳимов, саромӯзгори кафедари филологияи тоҷики коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ “Ҳунарҳои мардумии Кӯлоб” дар бораи вижагиҳои ҳунари гулдӯзӣ иттилоъ медиҳад: “Аз қадим то имрӯз фарҳангшиносону мардумшиносон зиёда аз 700 навъи нақши гулдӯзиро қайд карданд, ки маъруфтарини он аноргул, бодом, барги бед, гулгулак, ислимӣ, кучак, лола, маҷнунбед, райҳон, себарга, тоҷи хурӯс, булбул, думи товус, парпар, пайи гунҷишк, ҳашттарак, моҳ, ситора, морпечон, гулбаст мебошад. Ҳунармандони кӯҳистон то имрӯз сару либос, хилъат, камзӯлчаҳои занонаю кӯдакона, рӯймоли миёна, токӣ, чойникпӯш ва монанди инҳоро гулдӯзӣ менамоянд, ки аз санъату ҳунари баланд доштани мардуми мо гувоҳӣ медиҳад. Чунин гулдӯзиҳои зеборо дар хонадони ҳар як сокини ноҳияи Балҷувону Ховалинг, Ш. Шоҳину Темурмалик ва шаҳри Кӯлоб вохӯрдан мумкин аст” [10]. Муаллифи мавод аз маҳорати гулдӯзӣ маълумоти васеъ дошта, тавонистааст, ки нотакрору хосса будани ин ҳунари занони минтақаи Кӯлобро бо пешниҳоди силсилаи аксҳо намо диҳад.

Лавҳаи Б. Шамс низ ба мавзуи чакани Кӯлоб бахшида шуда, қаҳрамони мавод Ё. Собирова аст. Муаллиф на танҳо ба муаррифии ҳунари як нафар зан иктифо мекунад,

балки аз беҳбудии рӯзгори ӯ, ташкили тиҷорат ва соҳибкории ӯ намуна меорад. Журналист менависад:" Ёдгорбӣ Собирова, сокини деҳоти Доғистони ноҳияи Шамсиддини Шоҳин солиёни зиёд аст, ки бо коргоҳи "Чакан"-и Кӯлоб ҳамкорӣ дорад. Ӯ гулбастҳои гуногунрангу зебои худро дар шароити хонааш тайёр карда, ба коргоҳи мазкур месупорад. Тавре Басбӣ Валиева, сарвари ҶДММ "Чакан"-и шаҳри Кӯлоб иброз дошт, коргоҳи мазкур соли 2005 таъсис ёфта, дар он зиёда аз 200 нафар ҳунармандон кор мекунанд. Хушбахтона, бо шарофати эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ пӯшидани сару либоси миллӣ ва омода намудани ҷиҳози арӯсии дорои нишону арзишҳои миллӣ дубора мӯд гардида, бад-ин васила мо анъанаҳои миллии худро дубора зинда мегардонем, - иброз медоранд ҳунармандони ҶДММ "Чакан"-и шаҳри Кӯлоб" [11]. Дар мавод эҳё шудани ҳунари қадимаи тоҷикон – гулбаст инъикос гардида, ба ғайр аз тарбияи меҳнатдӯстӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои ниёгони худ, ватандӯстӣ низ тарғиб мешавад.

"Навоҳии минтақаи Кӯлоб бо табиати рангорангу хазинаҳои пурасрори худ дар миқёси кишвар ва хориҷ аз он шуҳрат дорад. Бахусус намаккӯҳҳои ҳайратовари ин сарзамин садсолаҳо боз таваҷҷуҳи донишмандони риштаи бостоншиносиро ба худ ҷалб намудааст", - менигорад мухбири минтақавии маҷалла Б. Шамс. Ин мавод аз таърихи Хоҷамуъмин маълумоти муфассал дода, на танҳо дар бораи худи кони намак, балки дар бораи табиати ин мавзеъ, ҷойҳои тамошобоби он нақл мекунад. Дар мавод фактҳои ҷолиби илмӣ оварда шудаанд: "Ҳоҷамуъмин дар бистучорумин километри самти ҷанубу ғарбии шаҳри Кӯлоб, дар соҳили чапи дарёи Яхсу доман паҳхн кардааст. Танҳо мавзеи кӯҳи намак ба 6000 га мерасад. Хоҷамуъмин асосан аз намаксанг, ки дар илми минерология бо номи галит (намаки ошӣ) машҳур аст, иборат аст. Паҳнои бари намак 200-240 метр ва жарфнои он то кунун муайян карда нашудааст. Тибқи иттилои мутахассисон, захираи намаки Хоҷамуъмин тақрибан ба 40-50 миллиард тонна баробар аст.

Аз доманаю нишебиҳои кӯҳи Хоҷамуъмин 163 чашмаю наҳрчаҳои шӯр ҷорӣ мешаванд. Тозагии таркиби намаки ошии Хоҷамуъмин 97%-ро ташкил мекунад, ки ин нишондиҳандаи баландтарин тозагии намак аст" [12].

Дар бораи Хоҷамуъмин маводи М. Амонҷон низ дар шумораи №7 соли 2021 чоп шудааст, ки иттилооти пештараро дар бораи ин кони намак пурратар мекунад. Маводро фактҳои нав ҷолибтар кардаанд: "Намаки Хоҷамуъмин дар миқёси ҷаҳон аз лиҳози сифатнокӣ мақоми аввалро ишғол менамояд - менависад журналист. Ин баҳои мусбиро солҳои 80-уми асри гузашта дар озмуни махсуси байналмилалии Фаронса сазовор гаштааст.

Муаллиф иттилоъ медиҳад, ки аз 163 чашма, ки аз қаъри кӯҳ берун мешавад, 29-тои он доимоҷоришаванда буда, боқимонда мавсимӣ мебошад. Дар ин кӯҳ чашмаҳое низ мавҷуданд, ки аз он оби ширин фаввора мезанад.

Олимону муҳаққиқон ва донишмандону мутахассисон пешниҳод менамоянд, ки мавзеи мазкур ба мамнуъгоҳи давлатӣ табдил дода шуда, дар назди он истироҳатгоҳу табобатхонаҳо бунёд ёбанд, то сокинону сайёҳони дохиливу хориҷӣ аз ин неъмати бебаҳои Тоҷикистон баҳравар гарданд" [14].

Дар шумораи №4, 2019 маҷалла Шералӣ Саид диққати хонандаро ба Муъминобод ҷалб карда, оид ба мавзеи машҳури Чилдухтарон иттилоъ медиҳад. Манзури муаллиф рушди инфрасохтори сайёҳии ин мавзеъ мебошад". Ин диёри биҳиштосо макони сайру сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ буда, бо мавзеъҳои таърихию тамошобоб, бахусус, Чилдухтарон диққати ҳар як сайёҳро ба худ ҷалб менамояд. Мардуми ноҳия аксаран дар деҳот зиндагӣ доранд. Онҳо низ мехоҳанд ин гӯшаи зебои диёрро боз ҳам ободу зеботар намоянд. Аз ин нигоҳ, дар соли гузашта 18 иншооти таъиноти гуногун дар ноҳия мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт" [13].

Дар шумораи 8-уми соли 2021 ду мавод доир ба рушди сайёҳии мавзеи Балҷувон ҷой дода шудааст. С. Ҳалимиён дар радифи комёбиҳои ноҳия дар солҳои Истиқлол ба масъалаи сайёҳӣ низ таваҷҷуҳ мекунад. Аз ҷумла навиштааст, ки "дар ноҳия 5 меҳмонхонаи замонавӣ ва 2 тарабхона фаъолият доранд. Шумораи умумии иншооти сайёҳӣ 41 ададро ташкил дода, тибқи мушоҳидаҳо ташрифи сайёҳон ба мавзеъҳои гуногуни ин ноҳияи саёҳатбоб афзуда истодааст" [15].

Сайёҳии дохилӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" яке аз шаклҳои сайёҳие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди мамлакат анҷом медиҳанд ва дар раванди он хизматрасонии муносиб ташкил карда мешавад [2]. Ҷалби

сайёҳони дохилӣ, яъне сокинони шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон яке аз вазифаҳои асосии раёсату ташкилотҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Ин ба шиносоӣ, мустаҳкам шудани рафоқат ва ҳамбастагии мардуми Тоҷикистон мусоидат мекунад. Маҷаллаи "Сафо" маҳз ҳамин рисолати муаррифӣ ва тарғиботии худро дар байни хонандагонаш амалӣ менамояд.

Муҳаққиқи соҳаи журналистикаи тоҷик Иброҳим Усмонов дар китоби «Журналистика» дар бораи вазифаи таблиғотии маҷалла бамаврид қайд намудааст: «Дар системаи таблиғоти сиёсӣ маҷалла нақши муҳимми назариявӣ дорад. Зеро маҷалла мавзуи назариявии муҳимро ба даелелу бурҳонҳои зиёд шарҳ дода метавонад. Аслан вазифаи маҷалла ба ин васила афкори иҷтимоиро савқ додан аст. Имконияти техникӣ ва иҷтимоии он барои ин шароит фароҳам месозад» [8, с.105].

Доир ба истифодаи жанрҳои журналистӣ барои инъикоси мавзуи туристӣ олимони журналистика О.А. Митчук, В.Ф. Олешко, Ш. Муллоев, М. Абдуллоева андешаҳои худро иброз доштаанд. Муҳаққиқ О.А. Митчук дар бораи шакл ва усулҳои инъикоси мавзуи сайёҳӣ дар нашрияҳои махсуси Украина қайд мекунад, ки жанрҳои очерки сафарӣ, репортаж бештар истифода мешаванд. Ӯ менависад: "Дар матнҳои ВАО тавассути воситаҳои муосири воситаҳои ахбори сайёҳӣ ба вуҷуд овардани симои ҷолиби кишвар дар назди журналист вазифаи ташаккул додани имиҷи мусбати давлат меистад. Ин яке аз манбаъҳои асосии воқеияти иҷтимоӣ ва муайян намудани технологияҳои иртиботии ҷойгоҳи давлат мебошад" [3].

Таҳлили маводи маҷалла нишон медиҳад, ки дар мавзуи мавриди назар бештар жанрҳои хабари васеъ, лавҳа, очеркҳои сафарӣ истифода мешаванд. Аксҳои бо мавод ё дар муқоваи маҷалла ҷойдодашуда бомаҳорат ва босифатанд.

Тоҷикистон чун кишвари сайёҳӣ дар ВАО-и байналмилалӣ низ инъикос мешавад. Нашрияи бонуфузи байналмилалии «Financial Times» Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба рӯйхати ҳашт кишваре ворид намуд, ки ба хонандагони сершумори худ барои боздид аз Тоҷикистон тавсия медиҳад.

Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон, воқеан, бо табиати зебо ва мероси бойи қадимаи таърихию фарҳангӣ ва мардуми некухисолу меҳмоннавозаш таваҷҷуҳи сайёҳони ҷаҳонро ба худ ҷалб ва мафтун намудааст.

Тибқи назарсанҷии сомонаи интернетии сайёҳии Destination Recomended.com Тоҷикистон ба даҳгонаи беҳтарин хатсайрҳо дар минтақаи Осиё дониста шудааст. Тоҷикистон ба рӯйхати кишварҳои амнтарини сайёра шомил шуд. Раддабандиро маҷаллаи байналмилалии молиявии англисзабон «Global Finance» таҳия намудааст.

Барои тарғиби ҷойҳои сайёҳии вилояти Хатлон ВАО-и музофотиро лозим аст, ки дар сомона ва шабакаҳои иҷтимоии худ тавассути чандрасонаӣ - фотослайд, маводи журналистии ба забонҳои хориҷӣ таҳияшуда видеороликҳои ин мавзуъро васеътар баррасӣ намоянд. Ҳоло матолиби сомонаи www.safo-khatlon.tj вобаста ба мавзуъ ба ҳафт блоки асосӣ – "Мақомот", "Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", "Саноат ва кишоварзӣ", "Сохтмон ва меъморӣ", "Маърифат ва тандурустӣ", "Аксҳои гӯё", "Ҳуқуқ ва амният" тақсимбандӣ карда шуда, дар алоҳидагӣ ҷой дода шудаанд. Агар фарогирии иттилоот доманадор бошад, иттилоот бештар ва рушди соҳа ҳам назаррастар мегардад.

Дар қиёс бо маводи ба ин мавзуъ бахшидашуда дар бораи минтақаи Бохтар иттилоот дар бораи ҷойҳои тамошобу сайёҳии минтақаи Кӯлоб камтар ба назар расид. Ҳол он ки ин хел мавзеъҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар Кӯлоб зиёданд. Инфрасохтори сайёҳӣ аз маҷмуи ёдгориҳои таърихию табиӣ:

- Комплекси осорхонаҳои таърихӣ- кишваршиносии шаҳри Кӯлоб;
- Оромгоҳҳои ноҳияи Данғара, Қалъаи Сангтӯда;
- Димнаи (Қасри ҳокимони) Ҳулбук;
- Маҷмааи меъмории Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;
- Оромгоҳи Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ;
- Шаҳраки Саксонохур;
- Шаҳраки Сайёд;
- Оромгоҳи Ҳазрати Султон;
- Оромгоҳи Шоҳ Неъматуллои Зарробӣ;

- Сари Хосор;
- Даштиҷум;
- Чилдухтарон (кӯҳ) иборат мебошад.

Ҷойи баҳс нест, ки матбуоти даврии маҳаллӣ ҳамчун василаи пахши иттилоот ва таболи афкор дар музофот барои тавсияи фарҳанги бумӣ, ки ҷузъи фарҳанги миллӣ аст, нақши босазо ва таъсиргузор доранд, навиштааст профессор М.Муродӣ. Ҳамчунин нақши ин матбуот дар тарғиби ғояҳои иҷтимоӣ, ҳукуматӣ ва давлатӣ кам нест. Аз тарафи дигар, сутуни асосӣ ва пояи матбуоти даврии умумиҷумҳуриявӣ матбуоти маҳаллии қавӣ ва қудратманд аст [6, с.7].

Маҷаллаи “Сафо” ба масъалаи инъикосу баррасии таъриху ҷойҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои қадимаи таърихӣ, маконҳои истироҳат, рушди туризми маҳаллӣ диққат дода, роҳу усулҳои нави пешниҳоди иттилоотро ҷустуҷӯ мекунад. Дар фазои иттилоотии вилоят маҷаллаи “Сафо” мавқеи хуб дошта, барои таъмини сокинони вилоят бо иттилооти муҳимми иҷтимоӣ ва ташаккулии афкори мардум ҳиссагузор аст.

Муқарриз: ***Усмонова Н.К.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, М. Масъалаҳои рушди туризм дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” / М.Абдуллоева. - 2020. - №3. - С.299-305.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ. - Душанбе, 7 августи соли 2020. - № 1717.
3. Мактаби сиёсии Пешвои миллат. (Маҷмуи мақолаҳои илмӣ №2020-1). - Бохтар. - 339 с.
4. Митчук, О.А. Формы и методы освещения туристической тематики в специализированных изданиях Украины / О.А. Митчук // Вестник Московского университета. Серия Журналистика. - 2014. - №5. – С.67-75.
5. Муродов, М. Нақши матбуоти даврӣ дар тарғиби тадбирҳои ҳукуматӣ доир ба рушди сайёҳӣ / М.Муродов, М.Абдуллоева // Паёми ДМТ. - 2020. – №1. - С.256-262.
6. Муродов, Б.М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / Б.М. Муродов. - Душанбе, 2017. - С. 224.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2022.
8. Усмонов, И. К. Журналистика. Қисми 4 / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2011. – 473 с.

МАНБАЪҲО

9. Меҳвари паём - зиндагии шоистаи мардум // Сафо, 2018. - №01.
10. Раҳимов, А. Ҳунарҳои мардумии Кӯлоб / А. Раҳимов // Сафо, 2018. - №01.
11. Б. Шамс. “Чакан”-и Кӯлоб муаррифгари ҳунарҳои миллӣ / Шамс, Б. // Сафо, 2018. - №03.
12. Б. Шамс. Хоҷамуъмин-макони сайёҳӣ / Шамс, Б. // Сафо, 2018. - №04.
13. Ш. Саид. Муъминобод-мулки обод / Саид Ш. // Сафо, 2019. - №04.
14. А. Маҳкамов. Кӯҳи намак / Маҳкамов, А.// Сафо, 2021. - №07.
15. С. Ҳалимиён. Ноҳияи Балҷувон – зодаи истиқлол / Ҳалимиён С. // Сафо, 2021. - № 08.

ИНЪИКОСИ МАВЗЕЪҲОИ САЙЁҲИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

(дар мисоли маҷаллаи “Сафо”)

Дар мақолаи мазкур масъалаи инъикоси мавзеъҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар маҷаллаи вилоятии “Сафо” мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он маводи маҷалла аз рӯйи муҳиммият ва жанри журналистӣ, воқеияти факт ва аҳаммияти тарбияи экологию кишваршиносӣ таҳлил ёфтааст. Муаллиф барои беҳтар кардани тарғибу бозтоби мавзуи сайёҳӣ истифодаи имконияти технологияи муосир-чандрасонаӣ дар сомонаи нашрия ва ба забонҳои хориҷӣ омода кардани маводро тавсия медиҳад. Ҳамчунин таъкид менамояд, ки дар солҳои 2018-2022 ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар сайёҳон ворид гардида, 600 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта шудаанд. Натиҷаҳои фаъолияти соҳа ба созмон додани ҷойҳои нави тамошобобу сайёҳӣ, ҷалб шудани аҳолӣ ба хизматрасонӣ, сохта шудани нуқтаҳои савдо, меҳмонхонаву тарабхонаҳо, истеҳсол ва фурӯши маҳсули ҳунарҳои мардумӣ муайян мегардад.

Калидвожаҳо: маҷалла, “Сафо”, Хатлон, Кӯлоб, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, рушд, инъикос.

ОПИСАНИЕ ТУРИСТИЧЕСКИХ ОБЪЕКТОВ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА В МЕСТНОЙ ПРЕССЕ

(на примере журнала «Сафо»)

В данной статье рассматривается вопрос освещения туристических объектов и народных промыслов Кулябского региона Хатлонской области в областном журнале «Сафо». В ней материалы журнала анализируются с точки зрения их значимости и публицистического жанра, реальности фактов и важности эколого-краеведческого значения. В целях улучшения продвижения темы туризма автор рекомендует использование современных мультимедийных технологий на сайте издания и подготовку материалов на иностранных языках. Он также подчеркивает, что в 2018-2022 годах в нашу страну въехало более 3,9 млн туристов, построено 600 объектов туристической инфраструктуры. Результаты деятельности отрасли определяются организацией новых достопримечательностей и туризма, вовлечением населения в сферу

обслуживания, строительством торговых точек, гостиниц и ресторанов, производством и реализацией изделий кустарного промысла.

Ключевые слова: журнал "Сафо", Хатлон, Куляб, туризм, народные промыслы, развитие, освещение.

DESCRIPTION OF TOURIST OBJECTS OF THE KULYAB REGION IN THE LOCAL PRESS

(on the example of the magazine "Safo")

This article discusses the issue of coverage of tourist sites and folk crafts of the Kulyab region of the Khatlon region in the regional magazine "Safo". In it, the materials of the journal are analyzed from the point of view of its significance and journalistic genre, the reality of the facts and the importance of ecological and local history significance. In order to improve the promotion of the topic of tourism, the author recommends the use of modern multimedia technologies on the website of the publication and the preparation of materials in foreign languages. He also emphasizes that in 2018-2022 more than 3.9 million tourists entered our country, 600 tourist infrastructure facilities were built. The results of the industry are determined by the organization of new attractions and tourism, the involvement of the population in the service sector, the construction of retail outlets, hotels and restaurants, the production and sale of handicrafts.

Keywords: "Safo" magazine, Khatlon, Kulyab, tourism, handicrafts, development, illumination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулов Комрон Бахтиёрович*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, омӯзгор, кафедраи рӯзноманигорӣ. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Айнӣ, 67. E-mail: **komronjon.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-703-23-23**

Сведения об авторе: ***Расулов Комрон Бахтиёрович*** - Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, преподаватель, кафедра журналистики. **Адрес:** 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, ул.Айни 67. E-mail: **komronjon.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-703-23-23**

Information about the autor: ***Rasulov Komron Bakhtiyorovich*** - Boktar State University named after N. Khusrav, lecturer at the Department of Journalism. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini Str., 67. E-mail: **komronjon.tj@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-703-23-23**

ТДУ: 659 (575, 3)

МАВҚЕИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР БАРНОМАИ ИТТИЛООТИ ТЕЛЕВИЗИОН

Мулоева Н.С.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Дар тамоми телевизионҳои давлатӣ жанрҳо дар қолаби худ истифода бурда мешаванд. Яке аз ин гурӯҳи жанрҳо жанрҳои иттилоотӣ мебошанд, ки дар барномаҳои хабарӣ истифода мешаванд. “Телевизион дастгоҳи пурқудрати иттилоотӣ аст. Кормандону масъулини он дар тарғибу ташвиқ ва таҳлилу баррасии ҳар як муаммову мушкилот заҳмат мекашанд ва ба мафкураи ҷомеа таъсир расонида, онҳоро ба сӯйи маърифати воло ва ҷомеаи бонизому мутамаддин роҳнамоӣ мекунанд” [10, с.4]. Албатта, вазифаи ҳама васоити ахбори омма алалхусус телевизион ин аудиторияро бо иттилоот таъмин намудан аст. Кормандони телевизион ҳамеша дар такопу мебошанд, ки то тавонанд бинандаи худро бо барномаҳои ҷолибу диданӣ ошно созанд.

“Телевизион имрӯз чун воситаи муҳимми электронии ахбори умум, инъикоскунандаи масъалаи мубрами ҳаёт, ҷанбаи демократисозии ҷомеа, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ эътироф гардида, маҳбубияти зиёдеро касб кардааст” [1, с.7]. Дар ҳақиқат, телевизион инъикоскунандаи ҳаёти ҷомеа буда, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

Яке аз жанрҳои асосии барномаҳои телевизион ин жанри репортажи телевизионӣ мебошад, ки дар телевизион бо иштироки журналист мустақим пахш мегардад, ки дар ҷой воқеа қарор дорад. Ин жанри мустақим имрӯз кам ба назар мерасад. Дар телевизионҳои тоҷик аз журналист маҳорати хуби эҷодиро талаб мекунад, ки то тавонад аудиторияро бо хабарҳои муҳимми рӯз ошно карда тавонад, чун барнома мустақим пешкаш карда мешавад. Дар ин жанр хато кардан номумкин аст. Дар китоби “Телевизионная журналистика” дар бораи жанри репортаж чунин омадааст: «… репортаж жанри журналистика мебошад, ки тавассути он таъҷилан, ба воситаи матбуот, радио ва телевизион дар бораи ягон рӯйдод ба воситаи журналист, ки шоҳид ва ё иштирокчии ин рӯйдод аст, хабар дода мешавад” [9, с.191]. Репортаж ин жанри мустақим буда, бо иштироки журналист саривақт хабар дода мешавад. Репортаж аз калимаи франсузии “reportage” ва калимаи англисии “report”, ки маъноияш иттилоот додан, хабар расонидан ва ё огоҳонидан мебошад, сарчашма мегирад.

Талаботи асосӣ ҳангоми пеш бурдани репортаж вайрон накардани факту рақам ва номҳо мебошад. Иштироки журналист дар репортаж бояд дар он зоҳир шавад, ки вай рафти воқеаҳои асосиро иттилоъ диҳад, муносибати худро нисбат ба вай баён намояд. Пас мухбир дар репортаж ҳамчун шоҳиди воқеа ё иштирокчии вай баромад мекунад ва ин нақши мухбир зарур аст. Зеро вай ба репортаж руҳияи аёнӣ мебахшад, воқеаро эътимоднок менамояд” [11, с.338].

Дар телевизиони “Тоҷикистон” маҳорати журналист дар репортажи телевизионӣ дар малакаи корӣ, тайёрии пешакӣ, дараҷаи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ ва забони васеву нутқи буррои вай зоҳир мегардад. Азбаски иштироки журналист дар ҷараёни воқеа барои репортаж ҷиҳати муҳимтарини шакли жанрии он мебошад, доираи саводу малакаи вай метавонад ҳодисаи на чандон муҳимро низ ба як рӯйдоди муҳим ва бо иттилоърасониаш ба як намоиши шавқовар мубаддал намояд.

Забони репортаж самимият, возеҳӣ, содабаёниро талаб мекунад, суханпардозӣ, ибораю образҳои куҳнашуда ва такрор ба муваффақияти кор халал мерасонад. Бинобар ин, барои нақшаи сенарияи репортаж дарёфтани чизҳои зерин муҳим аст: таърихи ҳодисаи тасвиршаванда, сабаби зарурат ва натиҷаҳои он, таъсири он дар ҳаёти минбаъдаи ҷомеа, далелу рақамҳои аслӣ ва расмӣ, донистани одамони масъул ва иҷрокунандагони асосии кор бо маълумоти ҷолиб дар бораи шахсияти онҳо лозим мебошад.

Мушоҳидакорӣ сифати муҳимми репортёр буда, баъзан аз ҳама далелу рақамҳо дарёфтани ҷузъиёти моҳиятноки ҷараёни воқеа бо шарҳу баёни ғайримуқаррарӣ асоси комёбии намоиш ва хусусияти эмотсионолию аввалиндараҷа мешавад. Хусусияти репортажи рӯзмарраро фаро гирифтани воқеаҳои навтарин ташкил медиҳад. Дар репортажи проблемавӣ шарҳи проблема ва талаби ҳалли он мақоми хосса дорад. Репортажи лирикӣ доир ба ҳодисаҳои руҳияи тантанавидошта эҷод гардида, дар он

ҳиссиёту ҳаяҷон ва каломи пардозшуда бартарӣ пайдо мекунад. Чунин репортажҳо аз идҳо, ҷашнҳои ҳунармандон, таҷлили анъанаҳои миллӣ, базмҳои шеъру суруд ва дигар маросимҳои тантанавӣ навишта мешаванд.

Журналист дар жанри репортаж дар оғоз аз стенд-ап, ки хосси ин жанр аст, истифода бурда, минбаъд аз ҷузъҳои жанри мусоҳиба ва хабари кӯтоҳ низ истифода мекунад. Ин ба талаботи жанри репортаж пурра ҷавобгӯй буда, барои бинанда масъалаи ба миён гузошташуда бо иштироки журналист фаҳмо мегардад, дар байни бинандагон афкори умум ба миён меорад, барои ҳар гуна мушкилиҳо шахсони масъул ва сабабгорро ба «ҷунбиш» меорад. Ба ҳамин васила мушкилие ҳалли худро меёбад.

Дар репортажи телевизионӣ аз имкониятҳои дигар жанрҳо, мисли мусоҳиба, хабар, табсира истифода бурдан мумкин аст: “Дар жанри репортаж саволу ҷавоб, муколама монологҳо мавҷуд буда метавонанд” [12, с.39]. Ин усулҳо барои муассир ва комил гаштани сохтори он мусоидат мекунад. Дар шароити телевизиони имрӯза чунин ба назар мерасад, ки репортаж гуфта баъзан хабарҳоеро низ дар назар доранд, ки журналист дар ҷойи ҳодиса ҳузур дошта бошад. Масалан, ташрифи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба боғи ботаникии шаҳри Душанберо, ки наттоқ гузориш унвон мекунад, бо иттилои мукаммали пасикадрӣ ба талаботи хабари васеъ ҷавобгӯст.

Бояд зикр кард, ки тавсиф ва тасвири ҳодисаву воқеот дар жанри репортаж то андозае ба диди журналист вобастагӣ дорад, бинобар ин тақозо карда мешавад, ки мухбирони касбӣ ба кори репортёрӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамчунин зимни таҳияи репортаж масъулияти наворбардору коргардон, умуман, ҳайати корӣ зиёд гардида, аз ҷониби кормандони техникӣ низ ташаббуси эҷодӣ нишон додан зарур аст.

Аз омӯзишҳо бармеояд, ки дар телевизионҳои “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” жанри репортаж дар мавридҳои хос – инъикоси мушкилот, таҷлили чорабиниҳои умумимиллӣ, ифтитоҳи иншоот ва комплексҳои сохтмони бузург ва монанди ин истифода менамоянд. “Телевизион чун воситаи муҳимтарини ахбори умум босуръат пеш меравад. Вай чун воситаи таъсирбахши муташаккил ва тарбияи инсон, эҷоди афкори ҷамъиятӣ вазифадор аст воқеаю ҳодисотро ҳамаҷониба таҳлил намояд, проблемаҳои ҷиддиро ба миён гузорад, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд” [1, с.47]. Дар телевизионҳои мавриди таҳқиқи мо стендап аҳёнан истифода бурда мешавад, ки сабаби он ба сатҳи фаъолмандӣ ва маҳорати суханварии хабарнигорон вобаста аст.

Ин имконияте, ки дар телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои ахбори омма дорад, дигар воситаҳои ахбор: матбуот ва радио надоранд. Яъне вақте, ки мо ин хабарро аз матбуот мехонем (дар матбуот имкони сурати китоб, муаллиф ва қаҳрамони китобро додан ҳаст вале ин имконият қариб, ки истифода бурда намешавад) ва махсусан аз радио мешунавем, хоҳ нохоҳ дар тахайюли худ намуди китоб, симои муаллиф ва қаҳрамони китобро тасаввур кардан мешавем. Дар телевизион ин тасаввур бо навор осонакак пешниҳоди бинанда мегардад ва маҳз ҳамин навор дар хотири бинанда нақш мебандад.

Яке аз барномаҳои калонҳаҷми телевизиони “Тоҷикистон” ин барномаи иттилоотии “Ахбор” ва аз телевизиони “Ҷаҳоннамо” ин барномаи иттилооти “Хабар” мебошад, ки дар як шабонарӯз якчанд маротиба бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, узбекӣ ва рӯзҳои шанбе бо забони арабӣ ба эфир дода мешаванд, ки дар онҳо ҳама жанрҳои иттилоотӣ истифода мешаванд. Телевизионро бе барномаҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро рӯйдодҳои муҳимро тавассути ин барномаҳо инъикос менамоянд. “Дар телевизион ду тарзи пешниҳоди маводи телевизионӣ истифода мегардад. Якум намоиши пурра сабт карда шуда, дуюм намоиши мустақим пешниҳодшаванда. Дар байни воситаҳои ахбори омма шакли пешниҳоди мустақими барнома бештар ба телевизион хос мебошад. Табиати телевизион, ки навори табииро бештар меписандад, диққати бинандаро намоиши мустақим дарҳол ба худ ҷалб мекунад” [5, с.128]. Воқеан, ба рушду такомули васоитҳои коммуникатсионӣ ва васеъ гардидани муносиботи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ иттилоот ба воситаи муқтадири тарғибу ташвиқ ва амалӣ намудани ҳадафҳои гуногун табдил ёфт. Агар дар даврони Шӯравӣ ҳамагӣ як телевизиони умумиҷумҳуриявӣ фаъолият менамуд ва аудитория ҳамчун қабулкунандаи иттилоот маҳсуб меёфт, имрӯз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ функсияҳои ВАО васеъ гардида, мавқеи аудитория ва журналист дар ёфтани мавзуъ ва пахши барномаи иттилоотӣ мувозӣ шудааст.

Истифодаи жанри репортаж имрӯзҳо дар шабакаҳои телевизионии кишвар ангуштшумор аст. Гарчанде дар шабакаҳои хориҷ жанри репортаж яке аз жанрҳои ҷудонашаванда мебошад, ки пайваста дар барномаҳои хабарӣ истифода мешавад. Мо ба ин суоле, ки чаро имрӯз репортаж дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон истифода намешавад чунин посух гирифтем: “Имконятҳои техникӣ барои мо дастрас нест”. Албата дар тамоми жанрҳои телевизион техникаи муосир талаботи аввалиндараҷа мебошад. Аммо агар журналист донандаи касби худ бошад ва маҳорати баланди таҳиягарӣ дошта бошад метавонад бе сабти мустақим ба мардум репортажро таҳия кунаду саривақт пешниҳод созад. Ба андешаи мо дуюм чизе, ки репортажро имрӯз кам мебинем дар телевизионҳо ин набудани мутахассисони касбӣ мебошад. Дар телевизиони кишвар баъзан матлабҳое пахш мешаванд, ки ба жанри репортаж наздикӣ доранд ва он ҳам бошад чорабиниҳои махсуси ҳукуматӣ, ки ҷанбаҳои сиёсӣ доранд ва ба таври мустақим таҳия мешаванд. Барои ин маросимҳои ифтитоҳи ҷашнҳои Истиқлолияту Ваҳдатро мисол оварда метавонем, ки аз оғоз то анҷомашон ровӣ гарчанде дар навор фаъол нест, вале иштирок мекунад ва рафти чорабиниро баён месозад. Инчунин ҷашнҳои Наврӯз, Садаву Меҳргон ва дигар ҷашнҳое, ки аҳамияти калон доранду маросими ифтитоҳу ҷараёнашон тариқи телевизионҳо мустақиман пахш мегардад. Мо дилпурона онро жанри репортаж наменомем, вале то андозае ба репортаж аз хотири ҷанбаҳои оҷилияту фаврӣ буданро дорад ташбеҳ медиҳем. Боқӣ ҳар матлабе, ки дар телевизион онро репортаж меноманд ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ нест хатои маҳз мешуморем. Зеро оҷилият дар он риоя намегардад, ки онҳо аз ҳисоботе беш нестанд. Вале кишварамон рӯз то рӯз рушду нуму дорад. Умед ҳаст ки ҷаҳонишавӣ телевизионҳои кишварро низ такон медиҳаду нуқсу камбудӣ ва имкониятҳои мавҷуд набудаи техникӣ роҳи ҳалли худро пайдо сохта, дар пайдоиш ва шаклгирии репотажҳои воқеии кишвар замина мегардад.

Дар репортаж баранда танҳо рафти воқеаро бевосита аз ҷойи рӯйдоди он намоиш медиҳад ва имконият надорад, ки воқеаро пеш аз ба анҷом расиданаш хулосабарорӣ кунад, зеро натиҷаи воқеаро вақт муайян мекунад. “Репортажи махсус чист? Агар барои репортажи оддӣ ва сюжети иттилоотӣ рӯйдод асос бошад, барои таҳияи репортажи махсус асос мушкилии рӯз мегардад. Мушкилӣ, мавзуи доғи рӯз метавонад нашъамандӣ, сӯхтор, таваллуд дар шаҳр, озодшавии маҳбусон, фоҳишагӣ, таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ, гази табиӣ, оби тоза, оби гарм ва ғайра бошад. Муаллифи репортажҳои махсус Михаил Дегтяр репортажи махсусро филми кӯтоҳ меҳисобад, ки аз он бинандагон иттилои зиёд нисбати як мушкилӣ (проблема) бояд гиранд. Репортажи махсус ин нишони хоси ҳар як канали телевизионаст, ки барои обрӯй ва баланд бардоштани мавқеи ин телевизион роли муҳим мебозад” [4, с.59]. Репортажҳо метавонанд аз ҷойи рӯйдодҳои муҳим, гузаштани идҳо, ҷашнвораҳо, фалокатҳои табиӣ мустақиман пахш гарданд. Агарчӣ репортажро дар айни замон бевостиа аз ҷойи воқеа нишон диҳанд, ин репортажи классикӣ ба шумор меравад, вале агар репортаж аҳамияти калони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дошта бошад дар он сурат онро сабт карда, такроран нишон медиҳанд. Дар ин ҷо ислоҳ кардани баъзе камбудиҳои репортаж аз тариқи танзим имконпазир аст. “Вобаста ба пайдо шудани графикаи компютерӣ, аниматсияи телевизионӣ шакли нави репортаж-репортажи тасвирӣ ҳам пайдо шудааст” [15, с.212]. Репортажҳое ҳастанд, ки воқеаҳои он ғайричашмдошт, ногаҳонӣ рух медиҳанд ва дар ин ҷо саривақт ба ҷойи воқеа расидани репортиёр ва бурдани репортаж зарур аст. Муҳаққиқи рус М.Н. Ким менависад, ки “репортаж ба ниҳонхонаи факт тарзе равшанӣ меандозад, ки жанри дигаре чунин қобилиятро надорад” [3, с.274]. Аммо пажуҳишгар Баранович Ю.Д. ақида дорад, ки ҳангоми таҳияи репортаж “Микрофон ва журналист бояд ҳатман дар ҷои ҳодиса бошанд. Дар ин ҳол хабарнигор ва микрофони ӯ бояд дар ин рӯйдод иштироки фаъол намоянд” [2, с.55]. Ба ин васила дар ҳолати телевизион муайян кардани чизи дидашаванда низ аз заруриятҳои фаннист.

Боз репортажҳое ҳастанд, ки рафти воқеиёти он пешакӣ маълум аст. Масалан, бозиҳои варзишӣ, конфренсияҳои илмӣ, идҳо, ҷашнвораҳо ва ғайра. Ба чунин репортаж аллакай баранда ё репортёр бо тайёрии хубтар ба ҷойи воқеа меравад. Чунин ҳолат кори репортёрро хеле осон мегардонад ва ӯ аз рафти воқеа қаблан огоҳӣ дорад. Барандаи репортажро репортёр меноманд. Ин журналисте аст, ки тезкор ва зирак аст, инчунин воқеаҳои рӯйдодаистодаро шарҳу тавзеҳ дода метавонад ва вақтро аз даст надода саривақт рафти воқеаро ба тамошобин пешкаш мекунад. Барои бештар маълумот гирифтан дар бораи

воқеа аз шоҳидон сабабҳои рӯй додани воқеаро мепурсад. Мушкилоти асосии репортёр интихоб аст. Интихоби мавзуъ, идея, ғоя, сюжет ва қаҳрамон. Маҳз ин репортажи хабариро мушаххас мекунад. Албатта дар телевизион сурат (навор) ва матн ё ба ифодаи дигар хати намоиш ва овоз василаҳои ифодаи мақсаданд. Онҳо ҳамдигарро пур мекунанд. Аммо шарти муҳим он пахш аст, ки онҳо якдигарро такрор накунанд. "Истифодаи онҳо дар мавод ҳамчун қисми таркибии сужа шинохтаву пазируфта шудаанд, ки бо шарҳи муаллиф пурра мегарданд" [13, с.24]. Репортёр метавонад дар бораи ҳисорот ва аҳамияти воқеа сухан ронда, омилҳои рӯйдодаистодаро ба тамошобин нишон диҳад. Дар репортаж, репортёр ҳақ надорад, ки рафти воқеаро баҳогузорӣ карда, хулосаи воқеаро ҷамбаст кунад.

Махсусияти баёни ақида дар телевизион ба он вобаста аст, ки ин василаи ВАО ҳам диданӣ ва ҳам шуниданӣ аст. "Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият бештар аз ҳама дар жанри репортаж ба мушоҳида мерасад" [8, с.58].

Дар телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо" ду навъ репортаж истифода мешавад: репортажи мустақим ва таҳриршуда. Репортажи мустақим дар вақти рух додани ҳодиса бо истифода аз студияи сайёрӣ телевизионӣ пахш мегардад. Аммо набудани имконияти пахши репортаж дар вақти рӯй додани ҳодиса маҷбур мекунад, ки он ба таври ғайримустақим нишон дода шавад.

Дар телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо" репортаж жанри аз ҳама камистеъмолтарин ба шумор меравад. Рӯйдоду воқеаҳои рӯз дар ин ду шабака, махсусан телевизиони "Ҷаҳоннамо", ки иттилоотӣ аст, қабл аз ҳама дар қолаби ин жанр инъикос карда мешаванд. Аммо истифодаи ҷузъиёти жанр дар репортажҳои ду шабака махсусият ва фарқияти худро дорад. Дар ҳар ду шабака навъи дуюми репортаж яъне таҳриршуда бештар ба назар мерасад, мухбирони он ба ҷойи ҳодиса рафта, ҷараёни онро ба навор мегиранд ва ба студия омада, репортаж омода месозанд.

Ҳисобот ҳам чун репортаж дар бораи воқеаҳо навишта мешавад ва бисёр вақт ҳисоботро чун репортаж муаррифӣ кардан мехоҳанд. "Репортаж дар бораи воқеае навишта мешавад, ки дар амал, дар ҳаракат зоҳир мешаванд. Аммо воқеаҳои ҳисобот дар сухан ифода меёбанд" [12, с.34]. Бисёре аз репортажҳо ҷараёни як воқеаро дар муддати маҳдуде нишон медиҳанд, ки чӣ ҳодиса ва чӣ гуна рӯй дод ва ин тасвир ба нақли шоҳидон ва мулоҳизаҳои репортёр пурра карда мешавад, ки дар ин "репортаж" умуман дида намешуд ва оне, ки наттоқ онро гузориш эълон кард хатои маҳз аст.

Бояд гуфт, ки дар репортажи ҳаводисӣ ҳамаи воқеа асос аст ва ба рафти он ва тағйири ҳодиса муаллиф халал ё дигаргун карда наметавонад. Журналист воқеаро ташкил намекунад, лекин аз паси он меравад. Воқеа дастнорас аст, онро дигаргун сохтан дар назди тамошобин номумкин аст. Новобаста аз он ки навор пахши мустақим мешавад ё дар лентаи магнити сабт мегардад, наворбардор дар назди камера, режиссёр ба пулт, танзимгар дар назди компютер истода чизҳои нолозимро мебаранд, то тамошобин асоси воқеаро сарфаҳм равад. "Шарти муҳими репортажнависӣ сабаб доштан аст" [9, с.224]. Сабаб доштан маънои нав будани воқеаро мефаҳмонад, яъне репортаж на дар хусуси воқеаи ҳаррӯза навишта мешавад, балки дар хусуси воқеаи нав навишта мешавад. Воқеаи нав ду хел мешавад: коре, ки аввалин бор ба амал омадааст, дигаргуние, ки дар амали кӯҳна пайдо шудааст.

"Репортажи телевизион бояд тавре омода, наворбардорӣ ва пешниҳод гардад, ки баъди як маротиба пахш шуданаш кулли маъно ва ҳадафҳои сужа фаҳмо бошад. Ҳамчун репортёр шумо танҳо як маротиба имконият доред, ки ба бинандаи худ муроҷиат кунед. Одатан бинанда имконият надорад, ки сужаи шуморо бори дигар тамошо кунад. Маҳз ба ин хотир, ҷолибияти мавзуъ, пайдарҳамӣ ва танзими хуб талаботи асосӣ ба ҳисоб мераванд" [7, с.8].

Бояд гуфт, дар телевизиони "Ҷаҳоннамо" ҳам репортаж бештар дар инъикоси масоили дохили кишвар ба кор бурда мешавад. Мухбирони шабака имконияти таҳияи репортажро танҳо дар дохили ҷумҳурӣ доранд ва асоси гузоришҳои онҳоро воқеаву навигарии кишварамон ташкил медиҳад. Барои инъикоси ҳаводиси кишвар репортажҳои шабакаҳои хориҷӣ тарҷума карда мешаванд, аммо на ба пуррагӣ. Онҳо бо истифода аз чанд репортаж барои шабакаи худ хабар ё нигориш омода месозанд ва наметавон маводи хориҷии дар телевизиони "Ҷаҳоннамо" пахшшударо репортаж гуфт. Ҳолатҳое низ ба мушоҳида расид,

ки мухбирони шабака пас аз сафар кардан ба ин ё он кишвар аз мамлакатҳои хориҷ репортаж таҳия мекунанд, аммо хеле кам.

Симои воқеа ҳар он чизе аст, ки дар навор мебинем. Яъне мо дар як нуқта қонеъ намемонем, балки ҳамин воқеаро аз аввал то ба охир нишон медиҳем. Ҳамаи ин дар асл як факт, як воқеа аст. Аз он ки як факт асос аст, репортаж бо хабар наздикӣ дорад, аз он ки чи гунагии як факт ба ҷузъиёт шарҳ дода мешавад, гӯё ба мухбирнома наздик аст. Аммо ҳадафҳо ҳамоно гуногун мемонанд: мухбирнома бо таҳлил, бо хулоса ба натиҷае мерасад. "Дар репортаж таҳлил нест" [14, с.15], тасвири ҷараёни воқеа дида мешавад, ки бо андешаҳои муаллиф ва иштирокчиён пурра карда мешавад.

Репортаж дар бораи як воқеаи том аст. Репортёр дар бораи чизе менависад, ки дидааст. Албатта, ҳеҷ кас тавсия дода наметавонад, ки кадом воқеа бояд чи хел тасвир карда шавад, репортаж чи хел оғоз ёбад.

"Мутаассифона, таҷрибаи телевизионӣ дигар гузоришҳои сохтаро медонад, ки гузоришдиҳанда ба ин ё он сабаб дар вақти воқеа ҳузур надорад, лекин кӯшиш мекунад, ки бо роҳи сохта онро ҷо ба ҷо намояд" [15, с.239].

Мо ба хулосае омадем, ки имрӯз дар телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо" мавқеи жанри репортаж камназир ба назар мерасад зеро гузоришро репортаж меноманд, ки ин ғалат аст. Бояд репортаж аз ҷой воқеа бо иштироки журналист таҳия гардад. Ҳама он маводи иттилоотии тариқи барномаҳои хабарӣ пешниҳодшавандаи ин ду шабакаи телевизионӣ, ки бо эълони барандаи он гузориш номида мешаванд, аслан дар қолаби жанри ҳисобот таҳия шудаанд ва онро репортаж гуфтан ғалати маҳз мебошад. Зеро яке аз махсусияти хосси репортаж иттилорасонии журналист аз ҷойи рӯйдоди муҳим ба тариқи стендап мебошад, ки ин ҳолатро мо дида наметавонем.

Жанри репортажи барномаҳои хабарӣ дар телевизион бештар дар мавзуъҳои сиёсат, экология, иҷтимоиёту мушкилот мебошад, ки дар он ҳамаи намудҳои техникаи муосир, аз баландгӯяк то алоқаи маҳворавӣ истифода мешаванд. Нахуст ҷузъиётеро, ки тибқи талаботи байналмилалӣ ба репортажи телевизионӣ хос медонанд, зикр менамоем: лаҳзаҳои асосӣ (интершум); матни паси навор (журналист); синхрон; стенд-ап:

Муҳаққиқи соҳаи телевизион Пол Стейнли дар китоби худ чунин мегӯяд: "Ба хотири боварии тамошобинонро ба даст овардан ва тавоҷ- ҷӯҳи онҳоро ба худ ҷалб кардан кулли сужаҳои шумо бояд дақиқу асоснок бошанд. Ана он гаҳ шумо ба авҷи аълои фаъолияти ҳирфаӣ хоҳед расид" [7, с.37].

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки аз шартҳои муҳими репортёрӣ, таҷрибанокӣ, эҳтиром ба касби худ, донистани объекти репортаж, мақсади интихоби ҳамин воқеаро зикр карда, онро ҳамчун василаи расидан ва бинандаро қонеъ кардан шинохтаанд. Аз ин рӯ, дар журналистикаи имрӯза ҳамкорӣ, ҳаммуаллифӣ, таҷрибаомӯзӣ ба анъана медарояд. Ҳамчун таҷрибаи соҳибкасбон ба ин чизҳо бештар эътибор дода мешавад.

Омӯзиш ва таҳқиқ нишон дод, ки таҳаввулоти жанрӣ дар телевизиони тоҷик бо таъсири омилҳои беруна ба тағйир ёфтани технологияи инъикос, бо назардошти завқи насли имрӯза ба амал омада, дар мавриди хабарсозӣ он ду ҷиҳат дорад: технологияи нав имконият фароҳам меорад, ки навигариҳои кишвар ва хориҷ саривақт инъикос карда шаванд. Ба вуҷуд омадани сатри равон имконияти истифодаи бештари навигариҳоро медиҳад.

Дар хулоса зикр кардан лозим аст, ки телевизионҳои "Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо" барои ба завқи тамошобинон мувофиқ кардани намоишҳо, барои ҳамаҷониба инъикос намудани воқеаҳои ҳаёти дохиливу хориҷӣ талош карда, аз силсилаи жанрҳое истифода мекунанд, ки воқеаҳоро муассиртар баён карда тавонанд. Дар ин бобат таваҷҷуҳ ба жанри репортаж метавонад мавқеи ин жанри муҳимми телевизиониро мустаҳкам намояд. Зеро тавассути ин жанр се вазифаи муҳим баён карда мешавад: навигариро хабардор, ҷиҳатҳои муҳими навигариро нишон ва андешаи одамонро дар бораи ин навигарӣ изҳор медорад.

Муқарриз: ***Муъминҷонов З.*** – д.и.ф., профессори ДДФСТ
ба номи М.Турсунзода

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаломова, Р. Телевизион ойнаи зиндагист / Р.Абдусаломова. - Душанбе, 2002.

2. Бараневич, Ю.Д. Жанры радиовещания (проблемы становления, формирования, развития) / Ю.Д. Бараневич. – Киев, 1978.
3. Ким, М.Н. Новостная журналистика / М.Н. Ким. - СПБ, 2005.
4. Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011.
5. Муъминҷонов, З. Жанрҳои журналистикаи телевизион / З.Муъминҷонов. - Душанбе, 2017.
6. Пол Стейнли. Телевизионный репортаж. Практическое пособие для профессионалов. Internews network. - Душанбе, 2000.
7. Пол Стейнли. Телевизионный репортаж. Практическое пособие для профессионалов. Internews network. - Душанбе, 2007.
8. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М.Шоев. – Душанбе, 2010.
9. Телевизионная журналистика. – МГУ: “Высшая школа”, 2002.
10. Умарова, Г. Телевизион ва воқеати он / Г.Умарова. - Душанбе, 2008.
11. Усмонов, И.К. Журналистика. Қ.1 / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005.
12. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика / И.Усмонов. – Душанбе, 2009.
13. Ҳайдаров, С. Ҳунари инъикос дар телевизион. Журналистика ва замони муосир. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ / С.Ҳайдаров. – Душанбе, 2013.
14. Ҷумъа Қуддус. Жанрҳои журналистикаи телевизион / Қуддус, Ҷумъа. - Душанбе, 2003.
15. Цвик, В.А. ТВ-Журналистика / В.А. Цвик. - М., 2004.

МАВҚЕИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР БАРНОМАИ ИТТИЛООТИ ТЕЛЕВИЗИОН

Мақолаи мазкур доир ба мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион маълумот медиҳад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки махсусиятҳои хоси ин жанро такя ба асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ баррасӣ намуда дар мисоли барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” пажуҳиш намояд. Имрӯз ба мушоҳида мерасад, ки жанрҳо дар барномаҳои телевизион омехта мегарданд, ки оқилияти барномаро инкор мекунад ва бинандаи худро кам мегардонад. Ба назар мерасад дар бисёр мавридҳо жанри ҳисоботро репортаж меноманд, ки ғалат мебошад. Ин ду жанри иттилоотӣ буда, бо хусусиятҳои хосси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муаллифи мақола баъди омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи баррасишаванда ба хулосае омадааст, ки айни замон мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо” камназир дорад. Ҳол он ки истифодаи он, махсусан репортажи мустақим аз ҷойи воқеаи муҳим барномаҳои иттилоотиро рангоранг, диданӣ ва сербинанда мегардонад. Аз ин рӯ, журналистони шабакаҳои телевизиониро зарур аст, ки дар барномаҳои иттилоотии хеш жанрҳои иттилоотиро мувофиқ ба талаботи жанрӣ истифода бурда, аз якрангиву шаблонӣ даст кашанд, Дар ин роҳ истифодаи жанри репортаж махсусан тариқи мустақим ба манфиати кор хоҳад шуд.

Калидвожаҳо: жанр, репортаж, барнома, иттилоотӣ, телевизион, мустақим, бинанда, навигарӣ, мавқеъ, талабот, таҳқиқ.

ПОЛОЖЕНИЕ ЖАНРА РЕПОРТАЖА В ТЕЛЕВИЗИОННОЙ НОВОСТНОЙ ПРОГРАММЕ

В данной статье представлена информация о месте жанра репортажа в новостных телевизионных программах. Автор предпринял попытку рассмотреть особенности этого жанра на основе научных трудов отечественных и зарубежных ученых и исследований на примере информационных программ телеканалов «Таджикистан» и «Джахонна- мо». Сегодня можно наблюдать, что в телевизионных программах происходит смешение жанров, что нивелирует актуальность программы и снижает ее зрительскую аудиторию. Кажется, во многих случаях жанр отчёта называют репортажем, что неверно. Это два жанра информации, и они отличаются друг от друга своими особенностями. Автор статьи после всестороннего изучения рассматриваемой темы пришел к выводу, что в настоящее время положение жанра репортажа в информационных программах телеканалов «Таджикистан» и «Джахоннамо» является редким. Однако его использование, особенно прямой репортаж с места важного события, делает информационные программы красочными, заметными и популярными. Поэтому журна- лисстам телеканалов необходимо использовать информационные жанры в своих информационных программах в соответствии с жанровыми тре- бованиями и избегать однообразия и шаблонности.

Ключевые слова: жанр, репортаж, программа, информативный, телевидение, прямой эфир, зритель, новость, позиция, спрос, исследо- вание.

REPORTING GENRE POSITION ON TV NEWS PROGRAM

This article provides information about the place of the reporting genre in television news programs. The author made an attempt to consider the features of this genre on the basis of scientific works of domestic and foreign scientists and research using the example of information programs of the “Tajikistan” and “Jahonnamo” TV channels. Today one can observe that in television programs there is a mixture of genres, which neutralizes the relevance of the program and reduces its viewership. It seems that in many cases the reporting genre is called reportage, which is incorrect. These are two genres of information, and they differ from each other in their features. The author of the article, after a comprehensive study of the topic under consideration, came to the conclusion that currently the position of the reporting genre in the information programs of the Tajikistan and Jahonnamo TV channels is rare. However, its use, especially live reporting from the scene of an important event, makes news programs colorful, visible and popular. Therefore, journalists from TV channels need to use information genres in their information programs in accordance with genre requirements and avoid monotony and stereotypes.

Key words: genre, reportage, program, informative, television, live broadcast, viewer, news, position, demand, research.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мулоева Нишона Сангмадовна*** - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, докторанти Ph.D-и кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавони факултети журналистикаи телевизион ва радио. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Борбад, 73 а. E-mail: **m.nishona1996@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-787-66-40**

Сведения об авторе: ***Мулоева Нишона Сангмадовна*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств им.М.Турсунзаде, докторанти Ph.D, кафедры журналистики телевидения и радиовещание факультета журналистики телевидения и радио. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Борбада, 73а. E-mail: **m.nishona1996@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-787-66-40**

Information about the author: ***Muloeva Nishona Sangmadovna*** **–** Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, doctoral Ph.D, Department of Television and Radio Broadcasting Journalism, Faculty of Television and Radio Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 73a. E-mail: **m.nishona1996@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-787-66-40**

УДК: 070.3

РОЛЬ ВЫРАБОТКИ ЭТИЧЕСКИХ НОРМ В ОБЪЕДИНЕНИИ ЖУРНАЛИСТОВ РЕСПУБЛИКИ

Афсахзод Аббоси Аълохон
Российско –Таджикский славянский университет

В контексте осознания ответственности журналистской деятельности, и тем более исследования журналистской деятельности, практически невозможно не обратить должного внимания вопросу наличия или отсутствия каких-либо морально-этических норм или кодексов, а также институтов, на которые соответственно должны опираться и ориентироваться летописцы истории текущего момента, ибо «бесспорно, повышение уровня этической ответственности, создание контролирующих органов и правил, регулирующих медийные системы, расставили бы соответствующие точки над i» [4, с.5].

Безусловно, гражданское противостояние в республике сыграло свою негативную роль в этом направлении. Фактически до подписания мирных соглашений между противоборствующими сторонами о создании свода правил морально-этического регулирования журналистской деятельности не приходилось и думать. Однако уже сразу после этого, с учетом анализа деятельности журналистов в указанный период, востребованность такого документа стала очевидной. В декабре 1999 года Союзом журналистов Таджикистана была проведена первая попытка представления соответствующего свода правил поведения отечественных журналистов, который привел к серьезному резонансу не только профессиональной среды, но и общественности в целом. В результате предметных дискуссий в профессиональной среде и публикации ряда соответствующих критических материалов, документ был отозван и вопрос принятия остался открытым.

В последующие годы, вплоть до середины 2009 года, свои проекты представляли Национальная ассоциация независимых СМИ Таджикистана (2007 г.) и Департамент информации МИД РТ (2008г.) [1, с.176], которые также были проигнорированы профессиональным сообществом. В 2009 г. Совет по СМИ представил свою версию кодексов, которая стала основой окончательного варианта.

Удивительным было то, что настоящую версию обсудили практически во всех в то время зарегистрированных СМИ, как печатного, так и электронного формата, информагентствах, издательствах и практически всех первичных организациях Союза журналистов Таджикистана, т.е. вузов, госучреждений и общественных организаций, которых оказалось в результате более 600. Так, лишь напомним, что согласно Перечню Министерства культуры Таджикистана, на начало 2010 г. только газет было зарегистрировано более 260 (264) наименований, более 130 журналов (136), 28 телевизионных каналов, 16 радиостанций и 8 информагентств [9]. После шести месяцев обсуждений, в октябре 2009 года, приняли «Этические нормы журналистской деятельности в Таджикистане», которую в конечном итоге в качестве регулирующего документа поведения журналистов своих редакций признали всего 64 СМИ, что говорит само за себя [7].

Принятие этических норм, без преувеличения, одно из важных и значимых событий в современной истории отечественной журналистики. Но сам факт недопонимания ее важности, которое выразилось, как видно из сказанного, в непринятии ее установок абсолютным большинством структур системы СМИ республики, также свидетельствует об отношении руководителей этих структур к своим аудиториям, элементарным нормам поведения и исторически сложившимся национальным ценностям морально-этического и культурного характера. Непризнание развязывает руки и дает возможность без зазрения совести переходить все грани морали, свободно вести и развивать «бизнес».

«Комментарии», составленные известными специалистами страны И.Усмоновым [3], Н.Каршибоевым и И.Иноятовым [1], еще более усилили этот страх принятия норм в качестве основы для деятельности. Так, например, рассматривая 5 статью кодекса, где оговаривается вопрос сохранения национальной самобытности и уважения своей и чужой культуры, в комментарии соавторов достаточно дипломатично говорится, что «…настоящая норма рекомендует средствам массовой информации и журналистам при опубликовании сообщения,

статьи и репортажа воздержаться от пропаганды безнравственности, разврата, аморальности, поскольку такие действия и поступки могут нанести ущерб национальной культуре и последствия могут негативно повлиять на культурную воспитанность населения страны» [1, с.16], И.К. Усмонов в этой связи ужесточает важность вопроса: «Журналистика должна содействовать развитию национальной культуры. Наша национальная культура-та культура, которая на настоящей родине наших предков – Средней Азии зародилась и развивалась. Все культуры, которые встречаются вне этой культуры, являются чуждыми, принятыми или силой насаженными. А наша духовная культура, т.е. Ислам, которая за более чем 1300 лет была единственной религией нашего народа, должна быть в особом почете, уважении и ни при каких случаях не должна быть опорочена и запятнана. Однако это не должно ставить преграды развитию современной жизни таджикского народа. При отражении этой проблемы средство информации должно соблюдать эту реальность. Средства массовой информации не должны заниматься вопросами распространения разврата и распутства, которые способствуют разложению национального целомудрия. То есть наркомания, хулиганство, человеконенавистничество, распутство, неуважительность, непочтительность – это те категории, против которых должны стоять средства массовой информации. С целью получения прибыли, поднимать шум (сенсацию) вокруг этих тем средствами массовой информации не соответствуют журналистской этике» [4, с.27].

В целом же кодекс «Этические нормы журналистской деятельности в Таджикистане», состоящий из 17 статей, достаточно демократичен и в нем, в принципе, нет жестких требований и лишь ставится цель «укрепить саморегулирование СМИ и повышение качества отечественной журналистики» [1, с.7] в контексте современных преобразований и их требований, путем констатации общеизвестных обобщенных рекомендаций. Так, например, статья 1. – «Миссия СМИ и журналиста. Правдивость, объективность, справедливость, плюрализм и уважение прав человека являются основными принципами деятельности СМИ и журналиста Таджикистана. СМИ и журналисты, руководствуясь указанными принципами, защищают имидж и авторитет прессы.»; статья 2. – «Точность информации. СМИ и журналисты должны публиковать различные мнения и точки зрения беспристрастно и без всякого искажения» и т. д., которые по сути являются аксиомой, по крайней мере для данной профессии.

Принципы, изложенные в статьях 3-защита источника информации, 4- мнение, Факт и домысел, 5 - национальная нравственность, 6 - уважение частной жизни, 7 - Защита чести и достоинства, 8 - презумпция невиновности, 9 – дискриминация, 10 – побуждающие к действию, 11- способы сбора данных и 14 – плагиат, наряду с выдвижением морально-этических норм, также тесно переплетаются и с законодательными актами страны, имеющими и судебное преследование гражданского, административного и уголовного характера, для применения которых, как бы ни хотелось редакциям и авторам материалов, неважно – признают они кодек или нет.

Интересно то, что в кодексе предусматривается и статья 16-ая, направленная на консолидацию журналистов, где конкретно подчеркивается, что при преследовании коллег по перу в связи с их исполнением профессиональной деятельности, обязываются встать на их защиту: «Если журналист будет подвергаться преследованию из-за его профессиональной деятельности, коллеги встают на его защиту». В этой связи следует особо отметить, что самим активным объединением в этом плане была и остается Национальная ассоциация независимых средств массовой информации Таджикистана под руководством одного из его учредителей (1999г.) и неизменного руководителя с 2002 года, Нуриддина Каршибоева, который всегда был инициатором и главным трибуном защиты, как журналиста, так и журналистов в целом. Так, в сайте Ассоциации можно проследить под одноименным разделом помесячный мониторинг нарушений свободы слова в Таджикистане с 2003 года включительно.

Каждый Мониторинг состоит из трех разделов, разбитых на подразделы: I. Особенности политического, социального, административного и правового климата в стране, определяющие фактическое положение СМИ: 1) публичные выступления, заявления и речи высших должностных лиц, определяющие фактическое положение средств массовой информации; 2) оценки фактического положения СМИ и свободы слова; 3)действия журналистов по защите своих гражданских и профессиональных прав; II. Нарушения прав СМИ и журналистов: 1)

воспрепятствование законной профессиональной деятельности журналистов; 2) отказ в предоставлении общественно значимой информации; 3) необоснованные ограничения в предоставлении общественно значимой информации; 4) нарушение принципа гласности судебного процесса; 5) незаконный вызов в правоохранительные органы; III. Конфликты, нарушения, инкриминируемые СМИ и журналистам: 1) требования о защите чести и достоинства, вытекающие из фактов публикации определенных сведений; 2) требования о защите чести и достоинства, заявленные СМИ и журналистами, где в каждом разделе, согласно выявленному нарушению, представляется компетентный комментарий, типа: *«Споры по делам о защите чести и достоинства рассматриваются судом в соответствии со ст.172, 174 Гражданского кодекса РТ. Средство массовой информации обязано доказать достоверность опубликованных сведений, а доказывать факт нарушения своих личных неимущественных прав, таких как честь, достоинство и деловая репутация, обязан истец. СМИ будет нести ответственность только в том случае, если публикация содержит именно сведения, а не мнения и убеждения, за которые действующее законодательство ответственности не устанавливает. Кроме того, они должны быть недостоверными и порочащими честь, достоинство и деловую репутацию истца. В противном случае ответственность не наступает»* или *«Гражданско-правовая ответственность в порядке ст. 172, 174 ГК РТ наступает за распространение недостоверных порочащих сведений. Средство массовой информации или его должностное лицо, как и любой иной правосубъект, вправе обратиться в суд за защитой своих нарушенных прав» [6] и т.д.*

Вопросы соблюдения этических норм со стороны журналистов – это предмет деятельности Совета по СМИ, образованного практически сразу после принятия “Этических норм”, в октябре 2009 года, учредителями которого стали Союз журналистов Таджикистана, Национальная ассоциация независимых средств массовой информации Таджикистана, ООО «Оила», ООО «Чархи гардун», Ассоциация независимых электронных СМИ, Фонд защиты и памяти журналистов, ТВ «СМТ», газета «Азия-Плюс» и журнал «Бонувони Тоҷикистон».

Совет является независимым общественно-консультативным саморегулирующим органом, который имеет официальное право толкования “Этических норм”. Он, согласно своему Положению, “объединяет в свои ряды все организации СМИ, … признающие “Этические нормы”, и “призван обеспечивать реализацию этих норм, рассматривать все споры, “касающиеся профессиональной этики” [3, 18], хотя жалобы может принимать от любого физического и юридического лица [3, 27]. Собирается Совет не реже 1 раза в 2 месяца, и ежегодно отчитывается перед своими учредителями. По свидетельству К. Шарифзода, являвшимся Председателем Совета в 12-13гг. и практически с момента его образования, его членом, ежегодно на рассмотрение поступают от 25 до 30 обращений [7].

Согласно отчету Совета за указанный период СМИ, как печатных изданий, так и сайтов ведущих изданий, чаще всего не соблюдались требования статьи 1- Миссия СМИ и журналиста, статьи 2-Точность информации, статьи 3-Защита источника информации, статьи 5-Национальная нравственность и уважение чужой культуры, статьи 6-Уважение частной жизни, статьи 7 -Защита чести и достоинства личности, статьи 10-Побуждающие материалы и защита несовершеннолетних, статьи 12 – Несовместимость творчества с коммерцией и рекламой и статьи 16 -Профессиональная солидарность [8], что вполне объяснимо и о чем нами было заявлено выше. В этой связи Совет, в канун Международного дня солидарности журналистов (16 сентября), в своем обращении к журналистскому содружеству республики подчеркнуто отмечает: «В современных условиях глобализации, на фоне угроз нежелательных явлений для уязвимых обществ, в условиях, когда информационное пространство становится все более беспрепятственным, необходимость выполнения задач по содействию стабильности общества, развитию и совершенствованию государственности, устойчивости национальной культуры и ценностей одновременно с защитой и использованием права на свободу слова и печати требует более широкого профессионального сотрудничества со стороны журналистского сообщества. Однако при этом наблюдаются нежелательные явления, такие как игнорирование (досл. - закрытие глаз) реалий дня, неоправданное восхваление, унижение человеческого достоинства, несоблюдение принципа «презумпции невиновности» в статьях периодической печати, программах радио и телевидения, Интернет-сайтах, которые не следует игнорировать, так как все

это, вопреки профессиональным принципам, происходит ради меркантильных административно-партийных, групповых и частных интересов» [8].

Во второй четверти 2020 года Совет по СМИ, принимая во внимание новые обстоятельства и изменения не только в обществе, но и деятельности журналистского сообщества, инициировала редакцию новой версии «Этических норм», которая, хотя и существенно сократилась не только постатейно и ввела несколько новых превентивных мер воздействия усиления имиджа журналистов, все-же, по нашему мнению, по сути осталась прежней, т.е. сохранила прежнюю направленность, характер, хотя есть и достойные вставки и , в первую очередь – переход от обобщённости к конкретизации.

Попробуем проанализировать некоторые положительные моменты новой версии «Этических норм». Так, вместо 17 статей, стало 10, которые расширены за счет объединения и «косметической» редакции и существовавших в действующем варианте положений. Существенным изменением следует считать то, что каждая статья в новой редакции имеет конкретную мотивацию направления, выраженную в выносе декларируемого принципа на заглавие статьи. Например, «Профессиональный долг и основные принципы деятельности СМИ и журналиста», «Независимость редакционной политики», «Уважение прав детей, несовершеннолетних лиц и людей с ограниченными возможностями», «Честность, объективность и непредвзятость при освещении выборов и референдумов» и т.д.

Положительным моментом редакции «Преамбула» является добавление конкретизирующего определения «Мы, представители СМИ и …» к размытому и аморфному «Журналистское сообщество Таджикистана», благодаря которому круг ответственных лиц не только конкретизируется, но и сужается до уровня осознания границ этого представительства. Кроме того, положительным добавлением следует считать разделение «прав общества» и «обязанностей СМИ», а также замены слова «считая» на «принимая» в определении «основы деятельности», которое подчеркивает важность принятия решения. Замена первой статьи «Миссии СМИ и журналиста» на «Профессиональный долг и основные принципы деятельности СМИ и журналиста» также качественно меняет задачи как редакции, так и журналиста, которые находят свое продолжение и конкретику в следуемой за ней статье «Независимость редакционной политики», благодаря которому у сторон появляется шанс выбора. В статье 3, которая, в принципе, объединила предыдущие статьи 2, 3, 10, 14 и 15, добавление подпунктов 3.4. «уважение прав интервьюируемого как соавтора текста», 3.5. «не злоупотреблять доверием людей, не имеющих опыта общения со СМИ и журналистами», 3.6. «уважать труд коллег, работающих в пресс-центрах и пресс-службах» и 3.11. «журналисты-фрилансеры, копирайтеры, рерайтеры, блогеры, гражданские журналисты … должны уважать этические стандарты журналистики и редакционную политику СМИ» новы и необходимы, так как практика показывает, что даже журналисты не осознают всю ответственность игнорирования этих принципов и положений. Таковыми же положительными дополнениями являются конкретизация положений изначальной версии 6 статьи об «уважении частной жизни», каждого параметра и добавления подпунктов 4.3., 4.4. и 4.6., полностью обновленная статья о защите несовершеннолетних (бывшая 10 ст.) и по форме, и по содержанию «Уважение прав детей, несовершеннолетних лиц и людей с ограниченными возможностями», подпункты 7.2. и 7.3. статьи о «презумпции невиновности», усиление статьи о профессиональной солидарности глаголом «обязан», вместо ранее используемого «должен» и т.д.

В данном случае прав профессор Прохоров Е.П., подчеркивающий, что “Определение долга журналиста как слуги общества в целях “информационного обеспечения демократии” и “информационного порядка” является принципиальной основой для разработки представлений о правах, обязанностях, запретах, дозволениях и прочих сторонах, и секторах деонтологического поля журналистики. Но именно только принципиальной. Конкретное развертывание деонтологических представлений и затем норм поведения в журналистике невозможно без сознания долга и ответственности в связи с закономерностями этой сферы деятельности” [2, с.254], которое должно стать началом всех начал деятельности отечественных журналистов.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Более подробная информация о ходе дискуссий в исследовании Рахимджонова Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике. - Душанбе, 2017. – 176 с.
2. Иноятов, И. Комментарии к Этическим нормам журналистской деятельности в Таджикистане / И.Иноятов, Н.Каршибоев. - Душанбе, 2011. – 36 с.
3. Прохоров, Е.П. Журналистика и демократия / Е.П.Прохоров. –М.: Изд-во РИП-холдинг, 2001. -268с.
4. Санадҳои танзимкунандаи фаъолияти Шурои ВАО. - Душанбе, 2010. - 30 с.
5. Усмонов, И.К. Шарҳи «Меъёрҳои ахлокии фаъолияти журналисти дар Тоҷикистон» / И.К.Усмонов. - Душанбе, 2011. – 64 с.
6. Этика СМИ. -М.: ИТД КноРус, 2003.
